Г. ЗОКИРОВ, Н. САИДОВ, Т. ЗИЁЕВ, И. МИРЗОЕВ

# ИНСОН ВА ҶОМЕЪА



10

Г. ЗОКИРОВ, Н. САИДОВ, Т. ЗИЁЕВ, И.МИРЗОЕВ

# ИНСОН ВА ҶОМЕА

## (Ҷомеашиносӣ)

*Китоби дарсӣ барои синфҳои 10 ва 11*

**Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия кардааст**

**Нашри дуюми такмилёфта**

Кыргыз Республикасы
Лейлек райондук
билим бер... бөлүмү
«.....»..................19..... ж.г.
№ 5926

ДУШАНБЕ
«МАОРИФ ВА ФАРҲАНГ»
2004

ББК 65.4+67.3+67.99 (2) 01
И-53

Китоби дарсиро муаллифони зерин таълиф намудаанд: доктори илмҳои сиёсӣ, профессор ***Зокиров Г.Н.*** (пешгуфтор, фаслҳои I, IV), номзади илмҳои фалсафа, дотсент ***Саидов Н.*** (фасли II), номзади илмҳои иқтисод, дотсент ***Мирзоев И.*** (фасли III), номзади илмҳои таърих, дотсент ***Зиёев Т.Н.*** (фасли V).

*Зокиров Г.Н. ва диг.* **Инсон ва ҷомеа** (Ҷомеашиносӣ). Китоби дарсӣ барои синфҳои 10 ва 11. — Душанбе: «Маориф ва фарҳанг», 2004. 312 саҳ.

Муҳаррири масъул ***Гулмаҳмад Зокиров***

И $\frac{4306020100-14}{504(12)-2004}$ - 12 – 2004

JSBN 5-5-670-00340-3

© Зокиров Г.Н., Саидов Н.,
Зиёев Т.Н., Мирзоев И., 2004.

## ПЕШГУФТОР

Хонандаи гиромӣ!

Китобе, ки Шумо дар даст доред дар бораи олами муосири мураккаб, зиддиятнок ва пурҷараён нақл карда, равандҳо ва ҳодисаҳои гуногунро фаро мегирад. Ҳамаи ҳодисаҳои олам дар равобити мутақобила қарор доранд, ба ҳам таъсир мерасонанд ва самти инкишофи якдигарро тағйир мебахшанд. Ҳар як давраи инкишофи таърихӣ ба мазмуну хусусиятҳои ҳаёт тобиши нав медиҳад. Ҳодисаҳое пайдо мешаванд, ки боиси ба куллӣ дигаргун гаштани муносибатҳои байни одамон мешаванд. Аз ин хотир, зарурати дарки ҳамаҷонибаи онҳо пеш меояд. Олами муосир ба тамоми мураккабӣ ва ихтилофоташ мавриди омӯзиши соҳаҳои гуногуни илм қарор гирифтааст. Ҷомеаро соҳаҳои мухталифи илм, аз ҷумла таърих, ҳуқуқшиносӣ, илмҳои иқтисодӣ, демография, психология, география, сотсиология, этика (ахлоқ), адабиёт ва ғайра меомӯзанд. Соҳаҳои алоҳидаи илм вобаста ба доираи мавзӯъашон масъалаҳои гуногунро меомӯзанд. Дар қатори соҳаҳои гуногуни илм ба омӯзиши масъалаҳои мухталифи ҷомеаи инсонӣ соҳаи муайяни донишҳо — ҷомеашиносӣ низ машғул аст.

Дар байни ҷомеашиносӣ ва соҳаҳои дигари илм ҳам умумият ва ҳам тафовутҳо мавҷуданд. Робитаи онҳо дар мавриди тадқиқу таҳлили масъалаҳои ҳаёти ҷомеа ба вуҷуд меоянд. Аз ин ҷиҳат онҳо вазифаи умумиро иҷро менамоянд. Ба маънои васеъ, ҳар он чи ки масъалаҳои ҳаёти инсон ва ҷомеаро фаро мегирад дар мафҳуми умумии «ҷомеашиносӣ» ифода меёбанд. Аз тарафи дигар, соҳаи мухталифи илм, ки ба ҳодисаҳои ҷомеа аз рӯи мавзӯъот ва предмети хосаи тадқиқашон муносибат менамоянд, имконияти фарогирии ҳамаҷонибаи ҳаёти ҷомеаро надоранд. Масъалаҳои хосияти асосӣ ва умумидоштаро курси таълимии ҷомеашиносӣ «Инсон ва ҷомеа» мавриди омӯзиш қарор медиҳад.

Ҷомеашиносӣ фанни умумии таълимиест, ки хулосаҳои асосии илмро дар бораи ҷомеа ва қонунҳои инкишофи он дарбар мегирад.

Ҳангоми таълими ҷомеашиносӣ аз бар кардани донишҳо дар бораи фикру ақида, андешаҳои ниёгон ва мутафаккирони дигари олам дар масъалаҳои гуногуни ҷомеа, муносибатҳои байни одамон ва ғайраҳо аз аҳамият холӣ нахоҳанд буд. Ба ҷавонон имконияти хубтар фаҳмидани инкишофи таърихии ҳаёти ҷомеа, муносибати унсурҳои гуногуни он ва оламдарккунӣ фароҳам мегардад. Инкишофи ҳаёти инсон ва ҷомеа, ки назария ва таълимоти мухталиф инъикоси онҳост, маънидод мегардад. Кас дар муқоиса тарафҳои мусбату манфии ҳодисаро дарк менамояд, хулосаҳо мебарорад. Ҷиҳати муҳими омӯзиши таълимоти мутафаккирони замони куҳан ва гузаштаи начандон дур он аст, ки дар ҳаёти имрӯза, дар ҳалли масъалаҳои муосири ҷомеа ёрӣ мерасонанд. Натанҳо марҳалаҳои калони таърихӣ ба масъаладарккунӣ ва оламшиносӣ таъсир мерасониданд, ки ҳар яки онҳо хусусиятҳои худро пайдо менамоянд, балки дар муддати амали ҳар як марҳалаи инкишоф дар бораи масъалаҳои ҳаёти инсон ва ҷомеа, роҳу воситаҳои ҳалли онҳо андешаҳо ва таълимоти гуногун ташаккул ёфтаанд. Ҷомеашиносии муосир низ вазифадор аст, ки ин ҷиҳатро ба назар бигирад ва ҳангоми баҳогузорӣ ба масъалаҳо назари холисона дошта бошад. Меъёри асосии муносибат ба ҳодисаҳо, равандҳо ва муносибатҳои байниҳамдигарии аъзоёни ҷомеа ва ҳамаи унсурҳои дигари онро бояд принсипҳои «бартарии арзишҳои умумиинсонӣ нисбат ба арзишҳои махсус (синфӣ, миллӣ)» ва «гуногунии ақидаҳо» ташкил диҳанд.

Ҷомеашиносӣ масъалаҳои муҳими соҳаҳои асосии ҳаёти ҷомеа — иқтисодӣ, иҷтимоӣ, маданӣ ва сиёсиро фаро мегирад ва ба сифати инъикоси назариявии онҳо амал менамояд. Яке аз қисмҳои асосии ҷомеашиносиро донишҳои фалсафӣ дар бораи оламу одам: — пайдоиш ва инкишоф, моҳият ва хусусиятҳои он ташкил медиҳад. Инсон ҳамчун падидаи муҳимтарин, муносибати он бо ҳодисаҳои дигар, равандҳои мухталифи ҷомеа ва аҳамияти онҳо дар худдарккунӣ ва худшиносӣ мавриди омӯзиш қарор хоҳанд гирифт.

Хонандаи мўхтарам дар бораи материя, диалектика, амалия, шуури ҷамъиятӣ, муносибати байниҳамдигарии табиат ва ҷомеа, раванди маърифати олам ва масъалаҳои дигар маълумоти зарурӣ пайдо хоҳад намуд.

Мақом ва нақши маданияти маънавӣ дар ҷомеа ва таъсири он ба ҷабҳаҳои дигари ҳаёт дар таркиби ҷомеашиносӣ амиқ аст.

Моликият ва шаклҳои он, муносибатҳои бозоргонӣ, истеҳсолоти молӣ, мақом ва нақши молия, қарз ва муомилоти пулӣ дар тараққиёти иқтисодӣ омӯхта мешаванд. Ба муносибатҳои иқтисодии байниҳамдигарии давлатҳо ва хоҷагиҳою иттиҳодияҳои гуногун диққати зарурӣ дода мешавад.

Ҳаёти иҷтимоӣ, таркиб ва хусусиятҳои он яке аз воситаҳои танзимгар ва самараноки он — сиёсати иҷтимоӣ тадқиқу таҳлил меёбанд.

Ҷомеашиносӣ масъалаҳои гуногуни ҳаёти сиёсиро низ меомӯзад. Ба муҳимтарин падидаҳои ҳаёти сиёсӣ — ҳокимият; системаи сиёсӣ ва унсурҳои асосии он; демократия ба сифати шакли ҳокимияти ҷамъиятӣ; давлат, ташаккули давлати ҳуқуқӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ, режими сиёсӣ, ҳуқуқу озодиҳои шахс, муносибати байниҳамдигарии қувваҳои сиёсӣ, муносибати байни давлатҳо ва халқҳо диққати хоса дода мешавад.

Дар замони муосир нақши соҳаҳои мухталифи илм дар инкишофи ҷомеа афзун гаштааст. Бе маҷмӯи донишҳои зарурӣ кас соҳиби касбу ҳунари дилхоҳ намегардад, дар рушди моддию маънавӣ саҳм гирифта наметавонад. Инкишофи қувваҳои истеҳсолкунанда мураккаб гашта, раванди истеҳсоли неъматҳои моддӣ аз одамон донишҳои амиқ ва сатҳи баланди ахборот ва маълумотро талаб менамояд.

Донишҳои муосир хеле васеъанд ва ҳеҷ кас новобаста аз хоҳишаш онҳоро пурра аз бар карда наметавонад. Аммо донишҳо дар бораи ҷомеа хосияти махсус доранд. Онҳо барои амиқ намудани мақом ва нақши шахс дар системаи арзишҳо ва муносибатҳои ҷомеа, сарфаҳм рафтан ба равандҳои инкишофи ҷомеа ва мутобиқ шудан ба онҳо, ба вазъи дохилӣ ва байналхалқӣ ёрӣ мерасонанд.

Силсилаи донишҳо дар бораи масъалаҳои мураккаб ва муҳими ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсию маданӣ дар фаъ-

олияти харрӯзаи одамон истифода мегарданд. Онҳо имконият медиҳанд, ки асосҳои ҳаёти моддӣ, принсипҳои ташкилӣ ва иштироки шахс дар он фаҳмида шаванд. Моҳияти унсурҳои асосии ҷомеа, институтҳои он, муносибатҳо, меъёрҳои ахлоқию ҳуқуқӣ дарк карда мешавад ва дар амалия истифода мегарданд. Одамон ба ҳуқуқу вазифаҳо ва ӯҳдадорию масъулияти хеш ошно гашта, онҳоро дар воқеият истифода менамоянд.

Донишҳо дар бораи ҷомеа ба одамон имкон медиҳанд, ки муносибатро ба худ, ба атрофиён, ба равандҳо ва ҳодисаҳои ҷомеа муайян намуда, дар ҳаёт мақом ва нақши сазовори худро дошта бошанд.

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО

1. Аҳамияти омӯзиши масъалаҳои ҷомеа дар чист? 2. Фанни инсон ва ҷомеа (ҷомеашиносӣ) аз фанҳои дигар чӣ фарқ дорад? 3. Таркиби инсон ва ҷомеа (ҷомеашиносӣ) чи гуна мураттаб ёфтааст? 4. Ба андешаи Шумо фанни инсон ва ҷомеа (ҷомеашиносӣ) бояд боз кадом масъалаҳоро омӯзад?

# ФАСЛИ 1
# АЗ ТАЪРИХИ АФКОРИ ҶОМЕАШИНОСӢ

## § 1. МУТАФАККИРОНИ ДУНЁИ ҚАДИМ ДАР БОРАИ ҶОМЕА

**Пайдоиш ва инкишофи афкори ҷомеашиносӣ** ба ташаккули аввалин давлатҳои ғуломдорӣ алоқаманд аст. Дар давлатҳои ғуломдории Шарқи кадим — Миср,Бобулистон, Ҳиндустон, Хитой ва Эрон дар қатори тараққиёти ҳаёти моддӣ тамаддуни маънавии одамон низ ривоҷ меёфт. Одамон андешаҳо, орзую умедҳои худро бо роҳҳо ва шаклҳои гуногун зоҳир менамуданд. Афкори ҷамъиятӣ, ки яке аз шаклҳои ин зоҳиршавӣ буд, ҳаёти ҷомеаро дар шакли махсус инъикос менамуд. Ҷомеа ба ду қисм тақсим гардида буд. Ҳокимон ба ҳар воситае манфиатҳои худро ҳимоя карданӣ мешуданд. Ин бештар дар шакли таъсиррасонии сиёсӣ ва идеологӣ ба вуқӯъ меомад. Идеологияи сиёсии ҳукмрон ба одамон сабру тоқат ва ба тақдир тан доданро талқин менамуд. Ҳар гуна муқобилат ба ҳокимиятро маҳкум намуда, одамонро ба азоби заминию ондунёӣ метарсониданд. Оммаи заҳматкаш низ, тадриҷан ба моҳияту мазмуни ҳодисаҳо ба таври худ сарфаҳм рафта, манфиатҳои хешро ҳимоя карданӣ мешуданд. Афкори ҷамъиятӣ, ки дар шакли изҳори андешаҳо дар бораи ҷомеаи адолатнок ва башардӯст пайдо шуда, инкишоф меёфт, як навъ инъикоси ҳаёти воқеӣ буд.

**Андешаҳо дар бораи ҷомеа дар Миср ва Ҳиндустони Қадим.** Силсилаи донишҳо дар бораи ҷомеа дар ибтидо дар Шарқи қадим ташаккул ёфтаанд. Дар Мисри қадим идеологияи сиёсӣ барои абадӣ гардонидани абадияти ҳокимияти фиръавнҳо хизмат менамуд. Дар Бобулистон бошад ғояҳои иҷтимоию сиёсӣ бештар

дар конунҳои шоҳ Ҳаммурапӣ (асри XVIII то э.мо) инъикос ёфтаанд, ки илоҳӣ будани ҳокимиятро тасдик менамоянд. Дар Ҳиндустони қадим афкори ҷомеашиносӣ бештар дар идеологияи динию сиёсии браҳманизм ва буддизм таҷассум ёфтааст.

**Афкори ҷомеашиносӣ дар Хитои қадим.** Дар Хитои қадим низ афкори ҷомеашиносӣ дар пояи баланд қарор дошт. Таълимоти даосизм ин андешаро тасдиқ менамояд. Даосизм ҳокимият ва зулму истибдодро на аз худо, балки аз «Даои инсонӣ» (қонунҳои инсонӣ) вобаста медонад. Ғояи асосии онро баробарии ҳамаи одамон ва фанои зулм ташкил медод.

Дар афкори ҷомеашиносии Хитойи қадим нақши Конфутсий (551-479 то э. мо) низ барҷаста аст. Ӯ низ дар бораи оламу одам ақидаҳои анъанавии диниро тарафдорӣ намуда, ҳаёти одамонро ба тақдир вобаста донista, бойигарӣ ва шӯҳратро аз осмон, рафтор ва мақоми ҷамъиятии одамонро аз ҷирмҳои осмонӣ вобаста медонист. Дар воқеияти ҷамъиятӣ зидди шӯру ошӯбҳо ва мубориза барои ҳокимият баромада, зидди шӯру ошӯбҳо ва мубориза барои ҳокимият баромада, ҳаёти табиии одамон ва инчунин сулҳи шаҳрвандиро қадр мекард.

**Ташаккулу инкишофи ҷомеашиносии мардуми форсигӯ.**

Дар байни халқҳои форсизабон низ андешаи ҷомеашиносӣ дар Аҳди қадим инкишоф ёфта буданд. Таълимоти ҷомеашиносӣ дар аввал қариб дар байни ҳамаи халқҳо ва бахусус, дар байни ниёгонамон дар шакли ормони иҷтимоӣ сурат гирифтаанд. Мақсад аз он изҳори андеша ва ҷустуҷӯи роҳу воситаҳои тағйири ҳолату ҳодиса ва равандҳои ҷомеа мебошад. Аввалин падидаҳои афкори ҷомеашиносӣ дар осорҳои қадимаи маданияти маънавии халқҳои форсу тоҷик, пеш аз ҳама дар китоби муқаддаси «Авасто» вомехӯранд. Ин китоби пайравони зардуштия масъалаҳои мухталифи эътиқод, фалсафа, ахлоқ, ҳуқуқ ва сиёсатро фаро мегирад. Хосияти асосии зардуштия аз ду оғоз — некию бадӣ иборат аст. Некиро Ҳурмуз ва бадиро Аҳриман таҷассум менамоянд. Дар масъалаҳои ахлоқи идеалӣ зардуштия «пиндори нек, гуфтори нек ва кирдори нек»-ро ба роҳбарӣ мегирад. Мазмуни иҷтимоии зардуштияи қадим аз тарғиби ҳокимияти пурзӯр, ки одамони муқимиро аз тохтутози қабилаҳои кӯчманчӣ эмин медорад, дарак медиҳад.

Дар афкори ҷамъиятии мардуми форсизабон **монавия** низ нақши барҷаста дорад. Асосгузори он форс — **Монӣ** (217-276) буда, андешаҳои динию фалсафиро дар бораи оламу одам ривоҷ додааст. Монавия бештар ба **зардуштия** наздикӣ дорад, яъне ғояи онро низ муборизаи нуру зулмот ва хайру шарр ташкил медиҳад.

Монӣ кӯшиш менамуд, ки дар асосҳои маздакия ва буддоия дини навро ба вуҷуд орад. Он як навъ эътирози оммаи заҳматкаш бар зидди муносибатҳои навташаккулёфтаистодаи феодалӣ буд. Аммо аз даъвати одамон ба муборизаи фаъол худдорӣ менамуд. Монӣ таълим медод, ки барӯи ғалабаи нерӯи некӣ бар бадӣ лозим аст, ки тарзи ҳаёти зоҳидона пеша карда шавад.

Маздакия низ яке аз ҳаракатҳои иҷтимоӣ буда, дар ташаккулу инкишофи афкори иҷтимоӣ нақши муҳим гузоштааст. Ҳаракати мазкур бо роҳбарии Маздак Бомдод дар Эрон, Озарбойҷон ва Осиёи Марказӣ доман афрӯхта, бар зидди сулолаи Сомониён ба миён омад. Ғояи асосии онро низ муборизаи хайру шарр ташкил медиҳад. Маздакия ба сифати таълимоти динию фалсафӣ пайдо шуда, оҳиста-оҳиста ба ҳаракати иҷтимоии заҳматкашон бар зидди аъёну ашроф табдил ёфт. Таълимоти иҷтимоии маздакия бар он буд, ки ҳама одамон баробар офарида шудаанд. Аз ин рӯ, нобаробарии давлату сарват, бойигарию камбағалӣ беадолатӣ мебошад. Моликияти боёнро кашида гирифта, дар байни бебизоатон аз рӯи инсоф тақсим карданро тантанаи баробарию адолат медонист. Ин даъватҳои Маздакро оммаи мардум писандида, ба муборизаи зидди аъёну ашроф бархост.

Ғояҳои маздакия ба афкори ҷамъиятию сиёсии баъдина таъсир расонидаанд. Ҳаракати хуррамия, шӯришҳои халқӣ бо роҳбарии Муқаннаъ, Бобак ва ғайраҳо аз ғояҳои маздакия маншаъ гирифтаанд.

**Пайдоиш ва инкишофи Буддоия**. Буддоия дар асрҳои XI-V то эраи мо пайдо гашта, дар афкори ҷамъиятӣ мавқеи муайянро соҳиб шудааст. Дар аввал онро табақаҳои болоии ҷомеа қабул надоштанд, аммо баъдтар ба моҳияти он, ки тарғибу ташвиқи гапдароию итоаткор будани одамонро талаб мекард, сарфаҳм рафта, онро ба сифати ҳимоятгари манфиатҳои хеш шинохтанд. Буддоия ҳолатҳои асосии зеринро пеш мегузорад: ҳаёт аз азоб кашидан таркиб ёфтааст, сабабҳои пайдоиши азобу кулфат мав-

чуланд; имконияти нест шудани азобу кулфат вучуд дорад; пайдоиши одам аллакай азобу кулфатро низ меорад ва ғайраҳо. Буддоия мақсади маърифатро дар озодии инсон ва азобу кулфатҳо мебинад. Асоси ахлоқии онро озодии одамон дар ҳаёти индунёвӣ ташкил медиҳад. Аммо буддоия мақсади аз байн бурдани сабабҳои азобу кулфатро дар ҳаёти воқеӣ намегузорад.

**Афкори ҷамъиятии Ғарби қадим**. Дар ғарб афкори ҷамъиятӣ бештар дар Юнону Рими қадим ташаккул ва инкишоф ёфта буд. Мутафаккирони Юнон ва Рими қадим қариб ҳамаи масъалаҳои ҷомеаро мавриди омӯзиш қарор додаанд.

**Афлотун** (427-347 то э. мо) дар ҳаёти ҷомеа нақши асосиро ба давлат мансуб медонад. Давлатро воситаи ба сатҳи баландтарини инкишоф расидани инсону ҷомеа меҳисобид. Ӯ шакли ҷумҳуриявии давлатро тарафдорӣ намуда, онро аз чунин унсурон иборат медонист: 1. Ҳокимон — файласуфон, ки ҷомеаро идора менамоянд; 2. Ҷанговарон; 3. Ҳунармандон. Афлотун дар аввал моликияти хусусӣ ва оиларо сабабгори ҳамаи зиддиятҳои ҷомеа медонист. Аз ин хотир, нақшаи барпо кардани истиқоматгоҳҳои умумӣ, умумӣ гардонидани занҳо, умумияти тарбияи давлатии кӯдакон ва аз байн бурдани моликияти хусусиро мекашад.

Баъдтар, вақте ки нодурустии хулосаҳои худро дарк намуд, принсипи нобаробарии ҷамъиятӣ ва таркиботи онро тасдиқ менамояд. Ба заминдорӣ ғуломон машғул мегарданд, ҳунармандону савдогаронро аз таркиби гурӯҳҳои озоди ҷомеа берун месозад. Ба одамони оддӣ имконияти дар шаҳрҳо зиндагӣ карданро намедиҳад. Ба андешаи ӯ одамони озод бояд боигарии барзиёди ғуншударо ба давлат супоранд. Чун пештара ҷомеаро файласуфҳо идора мекарданд. Сарвари давлат дар фаъолияти худ фақат қонунҳоро ба роҳбарӣ хоҳад гирифт. Афлотун ҳимоягари сохти иҷтимоию сиёсии замони худ буд.

**Арасту** (384-322 то э. мо) низ дар бораи ҷомеа ва идораи он андешаҳои зиёде баён намудааст. Ӯ ҷомеашиноси барҷаста буд. Сиёсатро дар сатҳи олӣ идораи ҳамаи қисматҳои ҷомеа мешинохт. Онро бо масъалаи адолатнокӣ, ки хайрияти умум аст, мепайвандад. Сохтори сиёсии ҷомеаро аз 3 қисм — қонунбарор, маъмурӣ ва судӣ иборат медонист. Арасту пайдоиши табиӣ ва таърихии давлатро тарафдорӣ менамояд. Ҳокимияти давлатӣ

ба навъҳои пешқадам ва иртиҷоӣ тақсим мешавад. Монархия ва политияро ба навъҳои пешқадам дохил менамояд. Истибдод, олигархия ва демократияро ба навъҳои иртиҷоии ҳокимияти давлатӣ мансуб медонад.

Заминдоронро синфи аз ҳама сермаҳсул ва пурсамар меҳисобад. Онҳо вобаста ба тарзи ҳаёташон ба масъалаҳои давлатдорӣ ва роҳбарии ҷомеа фаъолона дахл карда наметавонанд.

Дар Рими қадим низ афкори ҷомеашиносӣ раванди инкишофи хешро дарёфта буд. Яке аз мутафаккирони барҷаста **М.Т. Ситсерон** (106-43 то э.м) буд. Ӯ манфиатҳои аъёну ашроф ва заминдорони калонро ҳимоя менамуд. Ҳимояи моликиятро сабаби асосии пайдоиши давлат медонист. Шаклҳои демократӣ, аристократӣ ва монархистии давлатро нишон медиҳад. Худ хайрхоҳи шакли омехтаи давлат аст, ки унсурҳои демократӣ, аристократӣ ва монархистиро таҷассум менамояд.

**Августин** (534-430 то э. мо) низ дар таърихи афкори ҷомеашиносӣ нақши маълуме гузоштааст. Ӯ сохти ғуломдориро ҳимоя намуда, онро хости худо медонад. Нобаробарии молумулкӣ дар ҷомеа, тафовут ва зиддиятҳои гурӯҳҳои иҷтимоиро ба худо вобаста медонад.

**Ташаккул ва инкишофи насрония**. Дар асри I дар Фаластин дини насрония ташаккул ёфт, ки тарафҳои гуногуни ҳаёти ҷомеаро инъикос менамуд. Насрония ҳамчун дини заҳматкашоне, ки аз ҳолати бади ҳаёт роҳҳои халосӣ ёфтанро меҷустанд, ташаккул ёфт. Насрония одамони ҷафокаш ва азияткашидаро озодию хуррамӣ ваъда менамуд. Оҳиста-оҳиста он ба мақсадҳои табақаҳои болоии ҷомеа наздик гардид ва ба дини давлатию расмӣ табдил ёфт. Сабаби дар тамоми олам паҳн гаштани насрония чунин хосиятҳо, ба монанди космополитизм, фаъолияти миссионерӣ ва абстрактӣ будани принсипҳои ҷамъиятию сиёсӣ, ахлоқӣ ва баробарсозии тафовутҳои миллӣ, синфӣ ва ғайраҳо буданд.

Насрония таркиботи хеле гуногун дорад ва равияҳои мухталифро дарбар мегирад. Ба гурӯҳҳои гуногун ҷудо шудани пайравони дини насронӣ, агар аз як тараф, натиҷаҳои мухолифатҳои мазҳабӣ, ғоявӣ ва назариявию таълимотӣ бошад, аз тарафи дигар, мавқеи гуногунро оид ба масъалаҳои дунёвӣ низ ишғол намудани онҳо ба ҳисоб меравад.

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО.

1. Кадом хусусиятҳои пайдоиши ғояҳо ва андешаҳо дар бораи ҷомеаро дар минтақаҳои гуногуни олам медонед? 2. Чаро пайдоиши андешаҳо дар бораи ҷомеаро ба ташаккули аввалин давлатҳои ғуломдорӣ алоқаманд менамоянд? 3. Шумо дар бораи шакли зуҳури андешаҳои ҷомеашиносии Даврាи қадим ва мазмуни онҳо чи гуфта метавонед? 4. Айният ва тафовути ҳаракатҳои зардуштия, монавия ва маздакия дар чӣ зоҳир мегарданд? 5. Нақши динҳои буддоия ва насрония дар инкишофи афкори ҷомеашиносӣ чӣ гуна аст?. 6. Ба андешаи Шумо чаро Афлотунро мутафаккири бузурги Аҳди қадим меҳисобанд? Боз кадом мутафаккирони бузургро медонед?

## § 2. ҶОМЕАШИНОСӢ ДАР АСРҲОИ МИЁНА ВА ДАВРАИ ЭҲЁ

**Заминаҳои инкишофи андешаҳо дар бораи ҷомеа**. Ибтидои асрҳои миёна, ки аз заволи империяи Ғарбии Рим (с. 476) сар мешавад, ба ташаккул ва инкишофи ҷомеаи феодалӣ рост меояд. Ҷомеа ба ду қисм — феодалон ва деҳқонону табақаҳои дигари заҳматкаш ҷудо гашта буд.

Табақаҳои поёнии ҷомеа аз тарафи феодалони маҳаллӣ ва золимони аҷнабӣ азобу уқубат мекашиданд.

Аврупо ба давлатҳои хурди феодалӣ ва князигариҳои алоҳида тақсим гашта буд. Ҳокимияти пурраи дворянҳо бар деҳқонони крепостной бебаҳс буд. Қисми зиёди Осиёи Марказӣ ва Қафқоз дар зери тасарруфи Эрон қарор дошт. Забткориҳои арабҳо, ҳуҷуми муғулҳо ва ҳукмронии онҳо беасар намонд. Онҳо ҳокимияти худро ба мардум бор намуда, онро аз ҳар ҷиҳат истисмор менамуданд.

Дар Ғарб дини насронӣ: калисои католикӣ ва калисои православӣ ва дар Хилофати Араб, аз ҷумла дар Осиёи Марказӣ дини ислом мақоми махсус доштанд. Афкори ҷомеашиносӣ бошад, дар асрҳои миёна асосан дар зери таъсири таълимот ва идеологияи динӣ ба вуқӯъ меомад.

**Андешаҳои мутафаккирони асримиёнагии форсу тоҷик.** Муносибатҳо, масъалаҳо ва зиддиятҳои ҷомеаи асримиёнагии форсу тоҷикро мутафаккирон мавриди баҳсу андешаҳо қарор медоданд. Яке аз мутафаккирони намоёне, ки масъалаҳои мухта-

лифи ҷомеаро мавриди омӯзиш қарор додааст, **Абӯнасри Форобӣ** (870-950) мебошад. Ӯ масъалаҳои ташаккули иттиходияҳои одамон, давлат, хосиятҳои тарзи ҳаёти шаҳрӣ, мақом ва нақши инсон дар ҷомеа ва ғайраҳоро баррасӣ намудааст. Ба воситаҳои моддӣ эҳтиёҷ доштани одамон боиси ташаккулу инкиофи ҷомеаи инсонӣ гардидаанд. Ӯ бо номи «мадинаи фозила», ки ба он ҳоким ва файласуф роҳбарӣ менамояд ва дар як вақт пешвои динӣ низ мебошад, таълимоте офаридааст.

**Абӯалӣ Ибни Сино** (980-1037) низ дар асарҳояш ҷомеаро тарҳрезӣ намудааст. Он дорои тартиботи қатъӣ буда, ба қонунгузориҳои махсус асос меёбад. Ғуломдорӣ низ истисно намегардад. Давлат бояд тартиботро таъмин намуда, масъалаҳои зиддиятноки инкишофи ҷомеаро ҳал кунад. Беморон ва корношоямҳоро ёрӣ ва дастгирӣ намояд. Ҷомеа аз ҳокимон, заҳматкашон ва ҷанговарон таркиб ёфтааст. Ҷанговарон низ дар таъмини давлатанд ва ҳамаи онҳо аз ҳисоби хазина, ки дар асоси андоз ва хайрияти одамон бунёд ёфтааст, таъмин мегарданд. Ҳокимро бошад интихоб менамоянд.

Афкори ҷомеашиносӣ дар эҷодиёти **Унсурулмаолии Кайковус** (1020-1099) мақоми хоса дорад. Ӯ бештар дар «Насиҳатнома» ба масъалаҳои ҷомеа дахл намуда, тарики идораи давлат ва сарварӣ андешаҳо меронад. Сиёсатмадору давлатдорро ба Офтоб шабоҳат медиҳад, ки ба ҳама як хел таъсир мерасонад. Покизагии ахлоқро беҳтарин ва зарууртарин хосияти давлатдорӣ меҳисобад. Дар шахсияти шоҳ амали бисёр хислатҳо, аз ҷумла, боҳирадӣ, боинсофӣ, одилӣ, авф карда тавонистани зердастон, раҳмдилӣ ва ғайраҳоро зарур мешуморад. Дар акси ҳол ҳар гуна давлати пурзӯр ва шоҳи абарқудрат таназзул меёбад.

Дар таърихи афкори ҷомеашиносӣ, махсусан дар соҳаи сиёсат ва давлатдорӣ ба мисли **«Сиёсатнома»-и Низомулмулк** (1018-1092) асареро дарёфт намудан кори осон нест. Ин рисолаи махсусест, ки баҳри идораи давлат ва ҷомеа таълиф гаштааст. Тартиб, қоида ва қонунҳои асосии давлатдорӣ ва муносибатҳои байни одамон ғояи марказии асарро ташкил медиҳанд. Низомулмулк давлатро офаридаи худо меҳисобад ва халқро асоси давлат мешуморад. Ҳар чӣ қадаре, ки аҳволи халқ беҳ бошад, давлат ҳам ҳамон қадар пурзӯр мегардад. Ба арзи одамон гӯш додан, манфиатҳои онҳоро

ба инобат гирифтан аз ҷумлаи вазифаҳои муқаддаси давлатдор мебошанд. Ба вазири давлат эътибори махсус дода. чигунагии подшоҳу мамлакатро ба вай вобаста медонад. Талаб менамояд, ки ҳамаи коркунони давлатӣ бояд аз ҳар ҷиҳат таъмин бошанд. Дар чунин ҳолат ҳоҷат ба ришвахӯрию хиёнати амалдорон намемонад. Ҷомеа бояд ба воситаи қонунҳо идора шавад. Аммо наметавон то зарурат пеш наояд, қонуне иншо шавад. Вагарна он иҷрои худро намеёбад. Низомулмулк дар ду вазифаи муҳим ва масъул доштани як нафарро намеписандад. Иштироки занро дар корҳои давлатдорӣ гарчанде рад нанамояд ҳам, қадр намекунад. Ҷомеаро аз табақаҳои поёнӣ ва болоӣ иборат медонад. Ба табақаҳои болоӣ подшоҳ, вазирон, дабирон, қозию хатибон, заминдорон ва ғайраҳоро дохил менамояд. Ба табақаҳои поёнӣ бошад, дарбонону посбонон, деҳқонону зердастон ва ғуломон дохиланд.

Ба вазифаи расулӣ (сафирӣ) муносибати махсусро талаб менамояд. Зеро вай муносибатҳои байни давлатҳоро ба тартиб меандозад. Дар бораи лашкар сухан ронда, аз ҷиҳати этникию ҳудудӣ гуногун будани онро зарур мешуморад. Зеро гуногунии тартиби лашкар хавфи исёнро ба муқобили подшоҳ кам менамояд.

Мамлакат бояд ду хазина дошта бошад. Яке барои ҳаёти муқаррарии давлатдорию кишвардорӣ ва дигаре барои ҳолатҳои махсус. Ин қисми хазинаю боигариро дар ҳолатҳои ҷанг, офатҳои табиӣ, гуруснагӣ ва касалию қашшоқиҳои оммавӣ истифода кардан лозим меояд.

Назари Низомулмулк ба муносибати байниҳамдигарии сиёсат ва дин ҷолиби диққат аст. Динро бо сиёсат мепайвандад ва онро дар хизмати сиёсат мегузорад.

Масъалаҳои инкишофи ҷомеа дар эҷодиёти **Муҳаммад Ғаззолӣ** (1058-1111) низ таҷассум ёфтаанд. Ғаззолӣ дар тамаддуни исломӣ нақши махсус бозидааст. Исломро аз ҳама гуна омилҳо ва ҷараёнҳо ҳимоя карда, ба ҳамаи ҳодисаҳои олам аз назари ислом муносибат намудааст. Худоро сабабгори ҳамаи ҳодисаҳои олам доништа, ин ғояро аз ибтидо то интиҳо ҳифз менамояд.

Имом Ғаззолӣ хосияти илоҳӣ доштани давлатдориро махсус таъкид менамояд, подшоҳиро атои худо медонад. Адолат ва накӯкориро беҳтарин хислатҳои инсонӣ меҳисобад. Адлро пояи

устувории давлат ва меъёри онро ғамхорӣ нисбати халқ мешуморад.

**Насриддини Тӯсӣ** (1201-1273) ҳодисаю равандҳои ҷомеаро омӯхта диққати бештарро ба мақом ва нақши истеҳсолот, ҳунармандӣ ва савдо медиҳад. Дар бораи «шаҳри озод — шаҳри халқӣ» андеша меронад. Ҳамаи одамон баробарҳуқуқанд ва озодона зиндагӣ мекунанд. Аҳолӣ, ки аз одамони озод таркиб ёфтааст, аз ҳокимон боло меистад. Ҳокимон бо хости аҳолӣ амал менамоянд. Муҳофизони халқ ва кишвар ба ҷумлаи беҳтаринҳо дохиланд. Дар «шаҳри озод»-и Насриддини Тӯсӣ байни аҳолии таҳҷоӣ ва омад фарқе вуҷуд надорад. Аз ин ҷост, ки одамон аз кишварҳои гуногун рӯ ба ин давлати озоду хуррам меоранд.

Дар афкори ҷомеашиносӣ **Ҳусайн Воизи Кошифӣ** (соли ваф. 1505) низ нақши муайяне дорад. Ӯ ба масъалаҳои гуногуни ҷомеа рӯ меорад. Ҷавонмардӣ, ахлоқи пок, рафтору кирдори нек барин масъалаҳо диққати ӯро ҷалб намудаанд. Ба масъалаҳои ҳаёти сиёсӣ низ мароқ зоҳир намудааст. Сиёсатро воситаи зарурии батартибандозии ҳаёти ҷомеа меҳисобид.

Воизи Кошифӣ ду навъи сиёсат — сиёсати нафс ва сиёсати ғайрро нишон медиҳад. Сиёсати нафс, ки ба ахлоқи одамӣ асос меёбад, рафтору кирдор ва гуфторро ба низом медарорад. Сиёсати ғайр барои дарбориён ва оммаи мардум аст. Он одамонро дар тарсу ҳарос нигоҳ медорад ва намегузорад, ки каҷгуфтору каҷрафтор, бадтинату бехалаф бошанд. Сиёсат ба одамони бегуноҳу пок ҳамчун паногоҳу умед зарур аст.

Аз сиёсат низом ёбад мулк,
Бе сиёсат халалпазир бувад.
Насақи корҳои оламро
Аз сиёсат ногузир бувад...

Дар Ғарби асримиёнагӣ таълимоти комили сиёсӣ дар андешаҳои **Фомаи Аквинӣ** (1225-1274) таҷассум ёфтааст. Таълимоти ӯ бештар хосияти динию сиёсӣ дошта, ҳама ҳодисаҳои ҳаёти ҷомеаро ба худои муқтадир вобаста медонист. Ҳокимияти давлатиро аз худо дониста, шаклҳои идоракуниро ба вазъият ва воқеият пайваст намудааст. Фома ба он мекӯшад, ки ҳокимияти дунявиро тобеи

ҳокимияти калисо гардонад. Ҳокимияти калисоро дахлнопазир дониста, ҳатто дахолати шоҳро ба он нораво медонад. Тамоми ҳаёти инсонро давраи тайёрӣ ба ҳаёти маънавӣ медонист. Дарки мақсадҳои ахлоқӣ дар заминаи таълимоти католикӣ асоси андешаҳои мутафаккир буданд. Ақидаҳои Фома баъдтар номи томизмро гирифтанд.

Афкори ҷамъиятиро ҳаракатҳои мулҳидӣ низ ғанӣ гардониданд. Ҳаракатҳои мулҳидӣ як навъ инъикоси зиддиятҳои табақавию синфии ҷомеаи феодалӣ буданд. Ҳаракатҳои мулҳидӣ ҷараёнҳои диние буданд, ки аз таълимоти расмии калисо оид ба масъалаҳои ғоявӣ, парастиш, ташкилот ва ғайраҳо ҷудо гашта, мустақилона фаъолият мегузарониданд. Моҳиятан ин ҳаракатҳо бар зидди сохти мавҷудаи ҷамъиятӣ ва калисо, ки ҳимоятгари ин сохтор буданд, баромад мекарданд. Яке аз хосиятҳои асосии мулҳидиро озодандешӣ ташкил медиҳад. Ҳатто қисми пешқадами онҳо азалӣ ва абадӣ будани материяро эътироф менамуд. Ҳаракатҳои мулҳидӣ аз тарафи калисо ва давлат таъқиб карда мешуданд. Авҷи баланди мубориза бар зидди ҳаракатҳои мулҳидӣ дар мисоли инквизитсия маълум аст. Ҳаракатҳои мулҳидӣ фақат хоси насрония набуда, қариб дар ҳамаи динҳо мушоҳида мегардид. Дар натиҷа назари расмии дин ва муносибат ба ҳодисаҳои ҷомеа ба куллӣ тағйир ёфтанд.

Асри XVI дар Аврупои Ғарбӣ давраи сармоядории инкишоф оғоз гардид. Тараққиёти ҳунармандию савдо, кашфиёти бузурги ҷуғрофӣ ба ташаккули ҷомеаи сармоядорӣ мадад намуданд. Буржуазия тавлид гашт. Пролетариат ташаккул ёфт. Заволи феодализм, андӯхти аввалини сармоядорӣ зиддиятҳои синфиро тезутунд намуданд. Муносибатҳои байниҳамдигарии одамон, байни одамон ва давлату ҷомеа такмил ёфта, тезутунд мегаштанд.

Тамаддуни маънавӣ дар инкишоф буд. Ҳаракатҳои зиддифеодалии оммавӣ дар таҳти шиорҳои даъват намудан ба ислоҳоти калисо, эҳёи насронияи қадим барҳақ ба миён омаданд.

**Давраи Эҳё.** Маданияти давраи Эҳё хоси ҳамаи мамлакатҳои Аврупои Ғарбӣ гашта буд. Замина ва асоси маданияти Эҳёро гуманизм (инсондӯстӣ) ташкил медод. Олимон, файласуфҳо, сиёсатмадорон дар маркази тадқиқоти худ инсонро қарор медоданд.

Онҳо ба таълимоти схоластикии динӣ таълимоти муқобил дунявиро мегузоштанд.

Яке аз мутафаккирони барҷастаи давраи Эҳё **Николло Макиавелли** (1469-1527) буд. Ӯ давлатро рӯҳи олии инсон мешуморид. Хизмат намудан ба давлатро мақсад ва хушбахтии ҳаёт ҳисоб мекард. Худоро офаридгори давлат намеҳисобид. Давлатро манфиатҳои умумии одамон ба вуҷуд овардаанд. Н. Макиавелли ҳамаи воситаҳоро барои ба мақсади сиёсӣ расидан раво медонад. Шоҳ ҳатто барои пурқувватгардонии давлат метавонад талабот ва принсипҳои ахлоқиро низ ба инобат нагирад. Ӯ бояд монанди шер мағрур ва монанди рӯбоҳ сипоҳ бошад. Таълимоти ӯ баъдтар номи «макиавеллизм»-ро гирифт.

**Ташаккули ормони иҷтимоӣ дар Ғарб.** Андешаҳои ҷомеашиносии **Томас Мор** (1478-1535) пурарзишанд. Ӯ дар асараш «Утопия» дар бораи сохти беҳтарини ҷамъиятӣ орзу менамояд. Т. Мор сабаби ҳамаи азобу кулфати оммаи заҳматкашро дар мавҷудияти моликияти хусусӣ медид. Хосияти асосии «Утопия»-и Т. Морро низ истиснои моликияти хусусӣ ташкил медиҳанд. Ҳамаи аъзоёни ҷомеа меҳнат намуданро вазифаи худ медонанд. Рӯзи корӣ фақат 6 соат давом менамояд, ки аллакай онро мануфактураҳои капиталистӣ нобуд намуда истода буданд. Давлат ҳамаи истеҳсоли неъматҳои моддиро назорат ва тақсим менамояд. Одамон бо табиат дар муносибати мӯътадил умр мегузаронанд.

**Томмазо Кампанелла** (1568-1639) масъалаҳои мухталифи ҷомеаро мавриди омӯзиш қарор додааст. Ӯ асари «Шаҳри Офтоб»-ро таълиф намуда, тарҳи нави инкишофи ҷомеаро кашидааст. Дар ин шаҳр низ моликияти хусусӣ вуҷуд надорад. Дар ҷомеа меҳнат намудан натанҳо вазифаи одамон, балки талаботи асосии ҳаёти онҳо ба ҳисоб меравад. Кампанелла ба ихтирооти техникӣ низ марок зоҳир менамояд. Одамон фақат 4 соат ба меҳнати ҷамъиятӣ машғуланд. Ҳамаи аъзоёни ҷомеа дар корҳои кишоварзӣ иштирок менамоянд. Ҳайати олимон ба шаҳр роҳбарӣ менамояд. Ҳокимі шаҳр ҳамаи донишҳоро азбар намудааст.

Дар таърихи афкори ҷамъиятӣ **Мартин Лютер** (1483-1546) низ мақоми муайянеро соҳиб буд. Ӯ сарварии Реформатсияи бюргериро дар Германия ба ӯҳда дошт. Ба муқобили индулгенсия (шаҳодатномаи авфи гуноҳ) баромад намуда, андешаҳои хешро

изҳор доштааст. М. Лютер мақоми калисо ва руҳониёнро ба сифати миёнарави байни худо ва инсон рад менамояд. Наҷоти инсонро ба покии эътиқод вобаста медонад.

Табақаҳои оппозитсионӣ ақидаҳои М.Лютерро ҳамчун даъват ба муборизаи зидди калисои католикӣ дастгирӣ намуданд.

Оммаи заҳматкаш низ идеологи худро ба миён овард. Ба ин сифат **Томас Мюнсер** (1490-1525) фаъолият кардааст. Ӯ аз Реформатсияи бюргерӣ ҷудо гашта, барномаи сиёсии радикалиро тартиб дод. Барнома талаб мекард, ки моликияти хусусӣ барҳам дода шавад, бойигарӣ умумӣ гардонида, тафовутҳои табақавӣ ва ҳокимияти давлатии ба мардум бегона нест карда шуда, баробарии умумӣ таъмин карда шавад. Агар синфҳои ҳукмрон муқобилат нишон диҳанд, онҳоро ба воситаи зӯрӣ нобуд кардан лозим меояд.

### САВОЛ ВА СУПОРИШҲО

1. Ба фикри Шумо, чаро таъсири дин ба афкори ҷамъиятии асримиёнагӣ зиёд буд? 2. Таълимоти иҷтимоии Сино дар зери таъсири таълимоти кадом мутафаккири Юнони қадим ташаккул ёфтааст? 3. Чаро Низомулмулкро дар қатори бузургтарин сиёсатшиносони замони гузашта медонанд? Таълимоти ӯ ба таълимоти кадоме аз мутафаккирони Ғарб монандӣ дорад? 4. Мақоми М. Ғазолиро дар афкори иҷтимоии форсу тоҷик ва кишварҳои араб чӣ тавр шарҳ дода метавонед? 5. Чаро Кошифӣ бештар масъалаҳои сиёсии ҷомеаро мавриди омӯзиш қарор додааст? 6. Хусусиятҳои инкишофи афкори ҷамъиятии асримиёнагии кишварҳои Ғарбро номбар намоед?. 7. Давраи Эҳё — гардиши сифатӣ дар таърихи афкори ҷомеашиносӣ. Ин нуктаро шарҳ диҳед. Хусусиятҳои ормони иҷтимоии замони ташаккули сармоядориро нишон диҳед.

## § 3. ҶОМЕАШИНОСӢ ДАР ДАВРАИ НАВ

**Заминаҳои инкишофи ҷомеашиносӣ**. Дар асрҳои XVI-XVII сармоядорӣ пай дар пай дар мамлакатҳои Аврупои Ғарбӣ инкишоф ёфтан гирифт. Буржуазия бо сохти феодалӣ муросо карда наметавонист ва озодию ҳимояи моликияти хусусиро талаб менамуд. Оқибат дар аксари мамлакатҳои Аврупои Ғарбӣ инқилобҳои буржуазӣ ба амал омаданд, ки асосҳои ҷомеаи феодалиро нобуд сохтанд. Ба ҷойи ҷаҳонбинии динии асримиёнагӣ ҷаҳон-

бинии дунявӣ ташаккул ёфт. Калисо мавқеи худро аз даст дод. Мақом ва нақши давлат ва унсурҳои дигари ҳаёти сиёсӣ баланд гардиданд. Муносибатҳои иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ ба пояи нави тараққиёт баромаданд. Асосҳои методологии ҷаҳонбинии замони навро ратсионализм, яъне аз мавқеи «ақли солим» баҳо додан ба ҳодисаҳо ташкил медод. Дар фаҳмиши масъалаҳои ҳаёти сиёсӣ гардиши нав ба амал омад. Аввалин маротиба дар таърихи инсоният тасаввурот дар бораи баробарии умумии одамон новобаста аз баромад ва ҳолати иҷтимоии онҳо ба миён омад. Минбаъд мутафаккирон дар таълимоти худ ин баробариро ҳамчун нахустасос ба инобат мегирифтанд.

Дар таърихи афкори ҷамъиятии Давраи нав **Гоббс Томас** (1588-1679) мақоми муайянеро соҳибӣ менамояд. Ӯ низ ғояи офаридагории худо, пеш аз ҳама офарида шудани давлатро рад менамояд. Таълимоташ дар бораи давлат бо номи «Шартномаи ҷамъиятӣ» машҳур аст. Одамон дар аввал пароканда зиндагӣ мекарданд ва ҳолати «ҷанги ҳама ба муқобили ҳама» ҳукмфармо буд. Барои аз чунин ҳолат халосӣ ёфтани одамон мақомот ва қувваҳои махсусе ташкил доданд, ки баъдтар дар якҷоягӣ онҳо дар сaромади бунёди давлат қарор гирифтанд. Мақсади асосии ин унсури асосии ҷомеаро таъмини сулҳи умум ва бехатарӣ ташкил медод. Гоббс Т. тарафдори монархия буд.

Таълимоти **Ҷон Локк** (1632-1704) низ дар таърихи ҷомеашиносӣ нақши хоса дорад. Ӯро асосгузори назарияи «ҳуқуқи табиӣ» мешуморанд. Ин назария, барои инсон пеш аз ҳама мавҷудияти озодии комилро талаб дорад. Моликият низ дар рушду камоли муносибатҳои байни одамон ва умуман, комил гардонидани ҳаёти инсон нақши муҳимро иҷро менамояд. Сабаби асосии пайдоиши давлат ихтиёран аз ҳуқуқи табиӣ даст кашидан ва онро ба ихтиёри ҷомеа вогузоштан мебошад. Ӯ вазифаҳои давлатро ба гурӯҳҳо ҷудо намуда, мақомоти давлатии масъулро муайян месозад. Мақомоти давлатӣ набояд ба фаъолияти якдигар халал расонанд ва вазифаи дигареро иҷро намоянд.

**Ҷараёни маорифпарварӣ**, ки сатҳи баландтарини инкишофаш дар таълимоти мутафаккирони асри XVIII Фаронса ба вуқӯъ омадааст, афкори ҷомеашиносиро бо ғояҳои баланду олӣ бой гардонид. Ташаккул ва инкишофи таълимоти маорифпарварӣ

шаҳодати он аст, ки минбаъд шиорҳои динӣ талаботи буржуазияи муқтадирро қонеъ гардонида наметавонад. Маорифпарварӣ манфиатҳои он қисми буржуазияро инъикос ва ҳимоя менамуд, ки бо ёрии паҳншавии донишҳо ва ислоҳоти тадриҷӣ навсозиҳои ҷомеаро воқеӣ гардониданӣ буданд.

Дар байни маорифпарварони асри XVIII Фаронса аҳамияти бештарро таълимоти **Волтер** (1694-1778), **Ш. Монтеске** (1689-1775), **Дидро** (1713-1784) ва **Ж.Ж. Руссо** (1712-1778) касб намудаанд.

Волтер дар ҷаҳонбинӣ ва эътиқод пайрави деизм буд. Худоро инкор намекард. Аммо ба ақидаи Волтер, худо набояд ба ҳаёти ҷомеа ва табиат дахл намояд. Ҳар чӣ қадаре, ки одамон босавод ва соҳибмаърифат гарданд, ҳамон қадар насронияро намеписанданд ва рӯ ба ҷониби дигар ва таълимоти мукаммалтаре меоранд, ки бештар асосҳои воқеиро соҳиб бошад.

Волтер ҷомеаи феодалиро аз мавқеи ратсионализм танқид менамуд. Моликияти хусусиро яке аз шартҳои зарурии инкишофи ҷомеа меҳисобид. Барномаи бекор кардани ҳуқуқи крепостноиро тартиб дода буд. Мувофиқи он дар аввал деҳқононе озод мегаштанд, ки ба калисо ва давлат тааллуқ доштанд. Деҳқонони помешикон бошанд, фақат бо розигии соҳибонашон ва тавассути харида гирифтани онҳо озод карда мешуданд. Ин як навъ муросо бо дворянҳо буд.

Волтер тақсими ҷомеаро ба гурӯҳҳо, синфҳо ва табақаҳои гуногун қонунӣ шуморида, баробарии иҷтимоӣ ва сиёсии тамоми аҳли ҷомеаро номумкин меҳисобад.

Волтер ҷонибдори сохти ҷумҳуриявӣ буд, лекин ба воқеигардии ғояи мазкур шубҳа дошт. Андешаҳои Волтер дар ташаккул ва инкишофи таълимоти маорифпарварони баъдина таъсири амиқ гузошт.

Ба масъалаҳои инкишофи ҷомеа **Ш. Монтескё** назари хос дошт. Ӯ таълимоти «ҳуқуқи табиӣ» ва «Шартномаи ҷамъиятӣ»-ро намеписандид. Сабаби асосии пайдоиши давлатро дар ҷангҳо медид. Ба назари мутафаккир ба ҳаёти одамон ду гурӯҳи омилҳо — омилҳои табиӣ ва ахлоқӣ таъсир мерасонанд ва ҳатто инкишофи ҳаёти инсон ва ҷомеа маҳз аз онҳо вобаста аст. Ӯ ба омилҳои табиӣ бештар диққат ҷалб менамояд. Махсусан, нақши муҳити ҷуғрофиро муболиға намуда, то ба сатҳи мутлақ мерасонад.

Дар таърихи афкори сиёсию ҷамъиятӣ Монтескё ҳамчун асосгузори принсипи машҳури «тақсими ҳокимият» маълум аст. Мувофиқи он давлат ва мақомоти асосии он ба 3 қисм: қонунбарор, иҷроия ва судӣ ҷудо мегарданд. Ҳар яки онҳо ваколатҳои махсус доранд ва якдигарро маҳдуд намуда, аз иҷрои фаъолияти нолозим ва ғайр бозмедоранд.

Мутафаккир инчунин дар дасти як нафар гирд овардани ҳокимияти васеъро амали нодуруст меҳисобад.

**Маорифпарвари машҳур Д. Дидро** раҳбарии нашри «Энсиклопедия»-ро ба ӯҳда дошт, ки дар тарғиби ғояҳои маорифпарварӣ ва тайёр намудани Инқилоби Кабири буржуазии Фаронса нақши муҳим бозидааст. Ӯ асосан, ба назарияи «ҳуқуқи табиӣ» такя менамуд. Аммо дар масъалаи пайдоиши давлат назарияи «шартномаи ҷамъиятиро» ҷонибдор буд. Халқро ба сифати манбаи ҳокимият медонист ва ғояҳои ҷумҳуриявии инкишофи давлатро меписандид. Аз ин сабаб, ба андешаи ӯ халқ метавонад ва ҳуқуқ дорад, ки ба ҳокими золим муқовимат намояд ва сохти сиёсии номатлубро барҳам занад. Нобаробарии ҳуқуқии одамонро ба моликияти хусусӣ вобаста менамояд. Дидро моликияти хусусии хурд ва миёнаро тарафдорӣ менамуд.

Д. Дидро барои барҳам задани муносибатҳо ва тартиботи феодалӣ фақат роҳи зӯрироо ихтиёр намекунад. Ислоҳоти қонунҳо ва тарбияи ахлоқию маънавӣ воситаи тағйири куллии ин муносибатҳо дониста мешаванд. Дидро дар барномаи сиёсиаш нобуд сохтани ҳуқуқи крепостнойи ва ба деҳқонон додани замин, нест намудани имтиёзҳои табақавӣ, ба воситаи депутатҳо дар идораи давлат иштирок кардани одамон, ҳимояи бехатарии шахсӣ, озодии сухану матбуот ва ғайраҳоро ҷой дода, баҳри амалӣ гаштанашон кӯшишҳо ба харҷ додааст. Аммо ӯ низ бо дворянҳо муросо намуда, заминдории помещикиро нигоҳ доштанӣ мешуд.

Ғояҳои маорифпарварӣ, махсусан тарбия ҳамчун воситаи гузариш ба ҷомеаи фозил дар таълимоти **К.А. Гелветсий** (1715-1771) ва **П. Голбах** (1723-1789) таҷассум ёфтаанд.

Таърихи афкори ҷомеашиносӣ бе андешаҳои Жан Жак Руссо нопурра мебуд. Ӯ ҳимоягари оммаи деҳқонон ва буржуазияи майда ба ҳисоб мерафт. Руссо бар хилофи ақидаҳои маорифпарварони дигар паҳншавии донишҳоро воситаи такмили ахлоқи ҷомеа наме-

ҳисобид. Аз ҷониби ӯ донишҳои барзиёд ҳамчун омили ба табақа ва гурӯҳҳо ҷудо гаштани аҳолӣ маънидод шудаанд.

**Ж. Руссо** пайдоиши давлатро омӯхта, онро аз ҳолати табиии одамон оғоз менамояд ва асоси онро пайдоишу инкшофи нобаробарии молӣ ва бойигарӣ ташкил медиҳад, сабабгори бавуҷудоии моликияти хусусӣ мебошанд. Дар натиҷа ҳолати табиии одамон ба ҷомеаи шаҳрвандӣ табдил ёфт. Вақте ки одамон соҳиби молу мулк гаштанд, барои ҳимояи онҳо ҳокимияти расмӣ зарур гардид. Ҳамин тариқ, давлат пайдо шуд.

Сатҳи олии нобаробарӣ дар ҳолате ба миён меояд, ки давлат ба истибдод табдил ёфта, золим ҳукмрон мегардад ва баробарии табиии одамонро аз нав эҳё менамояд. Зеро ҳамаи одамон аз рӯи беҳуқуқиашон ба ҳам баробаранд. Оммаи мардум метавонад ва ҳақ дорад ин золимро зӯран аз ҳокимият дур созад.

Ж. Руссо зидди моликияти хусусӣ андеша ронда, ҳам тартиботи феодалӣ ва ҳам сармоядории саноатиро танқид менамояд.

Ж. Руссо назарияи «шартномаи ҷамъиятӣ»-ро рад намекунад, аммо онро ба таври дигар баён менамояд. Одамон аз ҳуқуқҳо дар бораи ҳимояи бойигарӣ ва шахсият даст кашида, онро ба ихтиёри ҷомеа мегузоранд ва ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандиро соҳиб мешаванд. Дар натиҷаи «шартномаи ҷамъиятӣ» иттиҳодияҳои одамони озод ва баробар ё ҷумҳурӣ ба вуҷуд меояд. Дар «Шартномаи ҷамъиятӣ»-и Руссо ҳамаи одамон баробаранд.

Ж. Руссо истиқлолияти халқро ба сифати принсипи асосии сохти ҷумҳуриявӣ пешниҳод менамояд ва он воситаи ба амал баровардани ҳокимияти қонунбарор мебошад. Дар истиқлолияти халқӣ натанҳо намояндагон, балки ҳамаи калонсолон иштирок менамоянд ва он шарти асосии мавҷудияти озодии сиёсӣ ба ҳисоб меравад. Руссо принсипи «тақсимоти ҳокимият»-ро намеписандад. Ӯ тақсими одилонаи вазифаҳои давлатиро кифоя меҳисобад.

Андешаҳо дар бораи масъалаҳои мухталифи ҷомеа дар фаъолият ва афкори утопиявии **Ж. Меле** (1664-1729), **Морелли** (1715-), **Г. Мабли** (1709-1785) ҷойи асосиро ишғол менамоянд. Ин андешаҳо як навъ эътирозе буданд ба муқобили ҳирси зиёди сарватгундорӣ ва шаклҳои бераҳмонаи ғоратгарӣ, ба муқобили манфиатҳои оммаи меҳнаткашро поймол кардани буржуазия ва умуман асосҳои сохти сармоядорӣ.

Ж. Меле дар асараш «Васият» сохти ҷомеаи коммунистиро, ки ба моликияти коллективӣ асос ёфтааст, орзу менамуд. Заҳматкашонро ба муборизаи фаъол даъват мекард, то ба даст яроқ гирифта, зулму беадолатиро барҳам зананд.

Морелли бошад, дар асараш «Кодекси табиат» моликияти хусусиро сабабгори ҳамаи зулму золимӣ ва харисӣ мешуморад. Морелли принсипи зарурати аз рӯи қобилият меҳнат намуданро баён карда, ҳуқуқ ба меҳнатро асоснок намуд. Ӯ аз моликияти ҷамъиятӣ ҷонибдорӣ намуда, онро ҳамчун асоси ҷомеаи навин ба қалам медиҳад.

Мабли низ сохти сармоядориро танқид намуда, роҳҳо ва воситаҳои халосӣ аз онро меҷӯяд. Истибдоди сарватдорон ва нобаробарии молу мулкиро манфур ҳисобида, ҷамоаи коммунистиро тарғибу ташвиқ менамояд. Асоси таълимоти Маблиро ғояи баробарии табиии одамон ташкил медод, ки пайдоиши моликияти хусусӣ онро вайрон намудааст. Мабли қабули қонунҳои одилонаро воситаи баробар намудани муносибатҳои молу мулкии одамон меҳисобид.

Ҷомеашиносӣ дар ИМА низ таъриху анъанаҳои худро дорад. Махсусан замони истиқлолиятхоҳӣ афкори ҷомеашиносиро бой гардонид. Дар байни онҳо **Томас Ҷефферсон** (1743-1826) нақши намоёне дорад. Ҷефферсон дар омода сохтани ҳуҷҷати муҳимтарини таърихи сиёсии мамлакат — «Баённомаи истиқлолияти Иёлоти Муттаҳидаи Америка» саҳми калон дошт. Ҷефферсон бар зидди ғояи давлати монархистӣ баромад намуда, истиқлолияти халқиро тарафдорӣ менамуд. Назарияи шартномавии пайдоиши давлатро тасдиқ намуда, ҳокимияти королиро тобеи ҳокимияти халқ мегардонид. Ҳокимияти давлатӣ ба фаъолияти ҳамаи одамон назорат намояд. Оммаи мардум низ дар ҳолатҳои муайян агар ба фаъолияти ҳокимият норозӣ бошанд, онро тағйир диҳанд, иваз намоянд. Ҳатто халқ ҳуқуқ дорад, ки бар зидди шоҳи ҷоҳилу золим шӯриш бардорад ва ӯро аз ҳокимият дур намояд.

Ҷефферсон баробарӣ ва озодиро тараннум намуда, инқилобро воситаи муҳими пешрафти ҷомеа ваояндаи неки мардум медонист. Ӯ ғояи ҷумҳурии демократии фермерҳоро тарафдорӣ менамуд, ки онро халқ ба воситаи намояндагони худ идора менамояд.

Дар ҳамаи мақомоти хокимият шахсони масъул муддати маҳдуд интихоб мегарданд.

Аввалин тағйироте, ки соли 1791 ба Конститутсияи ИМА дар бораи ҳуқуқи озодии сухан, матбуот ва ғайраҳо дохил шудаанд, бо исрор ва талаби ӯ низ ба амал омадааст.

**Томас Пейн** (1737-1809) низ яке аз муаллифони «Баённомаи истиқлолияти ИМА» буда, ба ӯ ғояҳои сиёсии радикалӣ мансубанд. Барои аз зери асорати Англия халос шудан ҷанги инқилобиро воситаи асосӣ меҳисобид. Ғояи истиқлолияти халқиро ҳимоя намуда, халқро манбаи ҳокимият медонист. Ӯ низ монанди Ҷефферсон ҳуқуқи мардумро ба шӯриш ва ҳар гуна муқобилатнишондиҳӣ бар зидди ҳокими золим раво медонад. Ӯ низ ҷумҳурии демократиеро, ки ба интихоботи умумӣ асос ёфтааст, ҷонибдорӣ менамояд.

Андешаҳое, ки баҳри ҳимояи манфиатҳои буржуазияи калони савдою саноатӣ ва ғуломдорӣ равона гардидааст ҳимоя мекард, бештар дар афкори **А. Гамилтон** (1757-1804) инъикоси худро ёфтаанд. Вай тақсими ҷомеаро ба табақаҳои болоӣ ва поёнӣ зарур шуморида, зидди ҳокимияти халқ баромад мекард. Гамилтон дар омода сохтани Конститутсияи соли 1787 хизмати босазое кард. Бисёр ғояҳои сиёсии ӯ, аз ҷумла ғояи ҳокимияти пурзӯри иҷроияро баён намуд. Ба андешаи ӯ ҳокимият хосияти ақаллиятӣ дорад ва онро ақаллият бо салоҳдиди худ ва барои худ истифода хоҳад намуд.

Афкори ҷомеашиносиро бе таълимоти мутафаккирони немис **И. Кант** (1724-1804), **Гегел** (1770-1831), ва **Л. Фейербах** (1804-1872) тасаввур намудан номумкин аст.

**И. Кант** асосгузори фалсафаи классикии немис ба шумор меравад. Ӯ қобилияти мударрикаи инсонро таҳқиқ намуда, ҷиҳати асосии таълимоти худро масъалаи «чизҳо дар худ» қарор медиҳад. Ба таври объективӣ вуҷуд доштани чизҳо дар худро эътироф ва донисташавандагии онҳоро рад менамояд. Яъне Кант нақши илм ва ақлро дар раванди маърифат ба инобат намегирад. Дар аввал «чизҳо»-ро дар худ донисташаванда эълон дошт. Фақат ҳодисаю падидаҳоро даркшаванда меҳисобид. Олами берунаро манбаи асосии эҳсос ҳисобида, зинаҳои маърифати инсони (муроқибаи ҳиссӣ, идрок ва ақл)-ро нодуруст меҳисобид. Ба ақидаи ӯ эҳсос ҳеҷ

гуна алоқаи сабабӣ надорад. Зинаҳои дигари маърифат алоқаҳои сабабиро барқарор мекунад.

Аммо фалсафаи амалии Кант дигар буда, масъалаҳои рафтори инсонро фаро мегирад ва нақши асосиро ғояҳои априорӣ мебозанд.

Ба И. Кант чараёни маорифпарварӣ таъсир расонид. Аз ин ҷост, ки ӯ ғояи истиқлолияти халқиро инкишоф дод. Аммо ақидаҳои иҷтимоию сиёсиаш босубот набуданд.

Сулҳи байни одамони алоҳида ва давлатҳоро ҳолати идеалии ҷомеа медонист. Баробарии ҳамаи одамонро дар назди қонун зарур мешуморид. Зиддиятҳои замонаро шарти зарурии такмили авлоди одам меҳисобид.

Мақом ва нақши **Гегел** дар таърихи тамаддуни олам бузург аст. Ӯ бунёдгузори назарияи системанокии диалектика дар асосҳои идеализми объективӣ ба шумор меравад. Гегел диққати бештарро ба таърихи маданияти маънавӣ ҷалб менамояд. Инкишофи маънавии фард ҳамчун марҳалаи худшиносии «рӯҳи ҷаҳонӣ» дониста мешавад. «Рӯҳи ҷаҳонӣ»-ро Гегел идеяи мутлақ медонист. Мафҳуми «идея»-ро бо мафҳуми «худо» наздик мегардонад. Идея шуурро пайдо менамояд.

Ҷойи марказиро дар диалектикаи Гегел категорияи зиддиятҳо ишғол менамоянд ва ҳамчун ягонагии ҳамдигарро истиснокунанда ва ба якдигар таъсиррасонанда маънидод карда мешавад. Зиддият ҳамчун кувваи инкишофи рӯҳ дониста мешавад.

Таъсири таълимоти Гегел дар инкишофи афкори ҷамъиятӣ барҷаста аст. Махсусан, таъсири он дар сотсиология ва фалсафаи иҷтимоӣ бештар ҳис карда мешавад.

**Л. Фейербах** дар аввал ақидаҳои Гегелро тарафдорӣ менамуд. Баъдтар идеализми Гегелро танқид намуда, пайвастагии онро бо дин нишон дод.

Нуктаи асосии таълимоти Фейербахро вуҷуди биологӣ ва фардӣ, муҷаррад пиндоштани инсон ташкил медиҳад. Ӯ масъалаҳои асосии ҷомеаро идеалистона таъбир мекард. Мубориза бар зидди динро мақсади хеш қарор дода буд. Динро бегонашавии рӯҳи инсон ва манбаи асосии оҷизии инсон дар назди қувваҳои табиат ва ҷомеа медонист. Аммо таълимоти Фейербах аз доираи материализми метафизикӣ берун баромада натавонист.

Ақидаҳои Фейербах ба ташаккули ҷаҳонбинии бисёре аз мутафаккирон аз ҷумла **Маркс К.** ва **Энгельс Ф.** таъсир бахшидаанд.

Дар ин давра афкори ҷамъиятӣ дар Русия низ инкишоф ёфта, як зумра донишмандон ва ҷомеашиносонро ба майдон овард. Он натиҷаи инкишоф ва зиддиятҳо дар муносибатҳои ҷамъиятӣ ва тарзи ҳаёти одамон буд. Инкишофи савдо ва саноат дар ҳолати мавҷудияти тартиботи феодалию табақавии ҷомеа боиси авҷи баланди зиддиятҳои иҷтимоӣ мегашт. Дворянҳо ҳукмронӣ менамуданд. Деҳқонон аз ғуломон ҳеҷ фарқе надоштанд. Вазъи иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангии Русия дар таълимоти мутафаккирон ва фаъолони ҳаракату созмонҳои иҷтимоӣ таҷассум меёфтанд.

**А. Н. Радищев** (1749-1802) низ аз қабили онҳост. Ӯ зидди ҳуқуқи крепостнойӣ баромад менамуд. Мутлақиятро барои аҳволи бади заҳматкашон гунаҳкор меҳисобид. Андешаҳояш дар бораи инқилоби халқӣ ҷолибанд ва ин барои Русия ҳодисаи нав буд. Инқилобҳои халқӣ ҳамчун амали қонунӣ, аз рӯи зарурат ба амал меоянд. Вай сохти ҷумҳуриявиро, ки асоси онро интихоби сарвар ташкил менамояд, тарафдорӣ мекард. Моликияти хусусиро ҳақ баровардa, онро асоси инкишофи ҷомеа медонист. Аммо бар зидди заминдории феодалӣ буд. Аз ин хотир, принсипи «замин аз они касест, ки дар он кор мекунад»-ро ба миён гузоштааст.

Дар афкори ҷамъиятии Русия ҳаракати декабристҳо мақоми махсус дорад. Ин оғози ҳаракати озодихоҳӣ дар Русия буд. Декабристҳо аҳволи вазнини заҳматкашонро дарк намуда, кӯшиши озод намудани онҳоро намуданд. Лекин халқро бе иштироки худи он озод карданӣ буданд. Ин камбудии асосии барномаи фаъолияти онҳо буд. Табаддулоти инқилобие, ки фақат гурӯҳи маҳдуди одамонро дарбар мегирифт, наметавонист ба мардум озодӣ бахшад.

Декабристҳо асосан ба ду гурӯҳ ҷудо мегаштанд. Пешво ва идеологи **ҷараёни инкишофи мутаносиб Н.М. Муравёв** ва сарвари ҷараёни радикалии «Ҳақиқати Рус» П.И. Пестел буданд.

Дар солҳои 40-ум ва 60-уми асри XIX бошад дар ҳаракати ҷамъиятии Русия бештар ду равияи асосӣ — славянофилҳо ва ғарбпарастон амал мекарданд. Славянофилҳо роҳи махсуси инкишофи

Русияро қайд намуда, аз рӯварӣ ба мамлакатҳои Ғарб худдорӣ мекарданд. Онҳо роҳи тайкардаи Русияро муболиға менамуданд. Ягонагии табақавӣ, пайвастагӣ ва православияро асоси ахлоқи комили ҷомеа ва «бедавлатӣ» ба сифати хосияти қадимаи халқи рус нишон медоданд. Аз ин ҷост, ки славянофилҳо назарияи нормандии пайдоиши давлати Русро ҷонибдорӣ мекарданд. Давлатдориро масъалаи дуюминдараҷа ҳисобида, озодии сухан, матбуотро ба ҷумлаи ҳуқуқҳои асосии халқ мансуб медонистанд. Озод намудани деҳқонони крепостнойро талаб менамуданд ва дар як вақт заминдории помещикиро низ истисно намекарданд.

Дар муқобили ҷараёни славянофилҳо ғарбпарастон меистоданд. Онҳо рӯварӣ ба арзишҳои ғарбиро ҳамаҷониба асоснок менамуданд. Дар масъалаҳои ҳаёти сиёсӣ институтҳо ва муассисаҳои конститутсионализми мамлакатҳои ғарбиро идеалӣ меҳисобиданд. Фақат аз наздик шудан ба мамлакатҳои Ғарб метавонад инкишофи мутаносиби Русияро таъмин намояд.

Дар таърихи афкори ҷамъиятии олам сотсиализми хаёлӣ мақоми барҷаста дорад. Пайдоишу инкишофи он ба инкишофи ҷомеа, шиддати зиддиятҳои иҷтимоӣ ва мубориза и меҳнаткашон алоқаманд аст. Махсусан таълимоти сотсиалистони хаёлии танқидӣ **А. Сен-Симон** (1760-1825), **Шарл Фуре** (1772-1837) ва **Роберт Оуэн** (1771-1858) ба инкишофи афкори ҷамъиятӣ такони пурзӯр додаанд. Марҳалаи навро дар инкишофи сотсиализми хаёлӣ фаъолияти ҷамъиятию сиёсии **В. Г. Белинский** (1811-1848), **А.И. Гертсен** (1812-1870), **Н. Г. Чернишевский** (1828-1889) ва дигарон оғоз намудаанд.

Сотсиализми хаёлӣ дар шароити пайдоиши сармоядорӣ ташаккул ёфта, ба пояи баланди инкишоф расид. Сарфи назар аз ақидаҳои пешқадамашон таълимоти сотсиалистони хаёлӣ соддалавҳона буд. Камбудии асосиашонро нафаҳмидани қонуниятҳои тараққиёти ҷомеа ва идеяҳои сотсиализмро бо ҳаракати инқилобии омма пайваста натавонистани онҳо ташкил медиҳанд. Онҳо ба моҳияти синфи коргар — табақаҳои асосӣ ва заҳматкаштарини ҷомеа сарфаҳм нарафтанд.

Халқчиёни инқилобӣ низ дар инкишофи андешаҳои ҷомеашиносӣ саҳм гирифтаанд. Онҳо аз таълимоти демократизми инқилобӣ баҳравар гардида буданд. Назарияи халқчигӣ асосан дар

таълимоти **П. Л. Лавров** (1823-1900) ва **П. Н. Ткачев** (1844-1886) таҷассум ёфтаанд. **П. Л. Лавров** барномаи Интернатсионали 1-ро дастгирӣ менамуд. Аммо ғояи инқилоби деҳқонӣ ва ба «миёни халқ» рафтанро ихтиёр намуда буд. Чунки дар ин давра дар Русия синфи коргари муташаккил вуҷуд надошт ва халқчиёни инқилобӣ онро дониста ҳам наметавонистанд.

Ткачёв П. Н. ба ташвиқу тарғиби инқилобӣ боварӣ надошт ва умед ба истифодаи ҳокимияти давлатӣ мебаст. Ӯ диктатураи инқилобиро эътироф менамуд, ки қодир аст тартиботи навро зӯран ҷорӣ намояд.

Ҷараёни анархизм низ дар Русия реша давонда буд. Он ҷараёни ҷамъиятию сиёсии майдабуржуазӣ буда, мақсади озод намудани шахсиятро аз таъсири ҳамагуна ҳокимият, хоҳ ҳокимияти иқтисодӣ ва сиёсӣ ва ё хоҳ ҳокимияти маънавӣ бошанд. Анархизм ба ҳамаи шаклҳои ҳокимияти давлатӣ муносибати манфӣ дошта, моликияти хусусии майдаро тарафдорӣ менамуд. Анархистон ба нақши истеҳсолоти калон сарфаҳм намерафтанд, шаклҳои легалии муборизаи сиёсиро намеписандиданд ва ғайра. Идеологи ҳаракати анархистӣ дар Русия Бакунин М. А. ба шумор мерафт.

Таълимот, ҳаракатҳо ва ҷараёнҳое, ки оламро ба куллӣ тағйир дода тавонанд, ҳаёти миллионҳо одамон ва даҳҳо кишварҳоро тобиши нав медиҳанд дар афкори ҷамъиятии олам зиёд нестанд. Яке аз чунин ҷараёнҳое, ки дар тақдири инсоният нақши барҷаста бозидааст, бо номи **К. Маркс** (1818-1883) ва **Ф. Энгелс** (1820-1895) алоқаманд аст. Марксизм идеологияи синфи коргар буда, системаи томи ақидаҳои фалсафию иқтисодӣ, иҷтимоию сиёсӣ ва фарҳангиро дарбар мегирад.

Асосҳои иҷтимоии ташаккули марксизмро зиддиятҳои ҷомеаи сармоядорӣ ва пайдоишу пурқувват гаштани пролетариат ҳамчун қувваи мустақили сиёсӣ ташкил медод. Марксизм таърихи афкори ҷамъиятиро ба таври танқидӣ истифода намуда, аз музаффариятҳои вай васеъ баҳравар гардид. Аммо барои ташаккули он ҳамчун манбаи назариявӣ асосан, фалсафаи немис, иқтисоди сиёсии англис ва сотсиализми утопиявии франсуз истифода гардиданд. Асоси марксизмро материализми босубот, диалектика, назарияи муборизаи синфӣ ва нақши умумиҷаҳонию

таърихии инқилобии пролетариат ва назарияи бунёду такомули ҷомеаи коммунистӣ ташкил медиҳанд.

Марксизм аз 3 қисми таркибӣ иборат аст: а) фалсафа, ки қонуниятҳои умумии инкишофи табиат, ҷомеа ва тафаккурро меомӯзад; б) иқтисоди сиёсӣ, ки ба омӯзиши қонуниятҳои иқтисодӣ ва муносибатҳои истеҳсолии бунёди ҷомеаи нав ва такмили онҳо машғул мегардад; в) назарияи коммунизми илмӣ, ки тадқиқи муборизаи синфии пролетариат, қонуниятҳои иҷтимоию сиёсии ба вуҷуд омадан ва инкишоф ёфтани ҷомеаи коммунистиро ба ӯҳда дорад.

Марксизмро **В. И. Ленин** дар марҳалаи нави таърихӣ такмил дод. Онро аз ҳамлаи пайдарпаи душманонаш, аз ҷумла ревизионистҳо ва ислоҳотчиҳо, ки моҳият ва хусусиятҳои марксизмро таҳриф менамуданд, ҳимоя намуд. Материализми диалектикӣ ва таърихиро инкишоф дод. Дастовардҳои инқилоби табиатшиносии охири асри XIX ва аввали асри XX-ро ҷамъбаст ва истифода намуд. Назарияи маърифатро бой гардонид. Хосиятҳои нави муборизаи синфии пролетариатро ошкор намуд. Зидлиятҳоро таҳлил намуда, диалектикаи гузариши имконниятро ба воқеият ошкор гардонид. Аҳамияти омили субъективиро дар ҳаёти ҷомеа муайян намуд ва ғайра.

В. И. Ленин таълимоти К. Маркс ва Ф. Энгелсро дар бораи империализм ва хусусиятҳои он ғанӣ гардонид. Назарияи инқилоби сотсиалистиро инкишоф дод, таълимотро дар бораи ҳизби нав эҷод намуд, масъалаҳои мухталифи системаи сиёсии ҷомеа, диктатураи пролетариат, иттифоқчиёни синфи коргар ва ғайраро такмил дод.

Марксизмро баъд аз В. И. Ленин ҳамсафону ҳаммаслаконаш дар кишварҳои гуногуни олам инкишоф доданд ва қисме аз ғояҳои вай дар ҳаёт воқеӣ гардиданд.

Дар шароити аморати Бухоро низ таълимоти мутафаккирон ва ҷараёнҳое буданд, ки ҳаёти пурмоҷаро ва зиддиятноки кишварро инъикос менамуданд.

Дар таърихи афкори ҷамъиятию сиёсии олам **Аҳмади Дониш** (1827-1897) саҳми бузург дорад. Аҳмади Дониш ҳамчун олим ва мутафаккири барҷаста дар бораи масъалаҳои мухталифи фалсафию ахлоқ, ҷаҳонбинӣ ва сиёсату давлатдорӣ андеша ронда-

аст. Таълимоти иҷтимоию сиёсии ӯ бошад, бештар хосияти материалистию реалистӣ дошта, онҳо дар доираи воқеияти ҷамъиятӣ баён ёфтаанд. Дониш ба масъалаҳои пайдоиш ва идораи давлат диққат ҷалб намуда, идораи давлатро санъати муҳим мешуморад. Ба мисли ҷонибдорони назарияи «Шартномаи ҷамъиятӣ» сарвари давлатро дар хизмати халқ мегузорад. Дониш вазифа ва масъулияти шоҳ, муносибати халқ ба шоҳ, низоми тартиботи давлат, вазифаҳои сиёсати хориҷӣ ва дохилиро мавриди омӯзиш қарор медиҳад. Аҳмади Дониш ҳимоятгари манфиатҳои заҳматкашон аст. Ӯ сабабгори ҳамаи нокомиҳо, қашшоқӣ ва бенавоии мардумро дар ба ҳам мувофиқ наомадани манфиатҳои подшоҳу доираҳои ҳукмрон ва оммаи заҳматкаш мебинад. Табиати ғоратгаронаи ҳокимияти амирро сахт танқид менамояд. Мутафаккир роҳи асосии аз чунин ҳолати вазнин халос шуданро дар ислоҳоти иҷтимоию сиёсӣ мебинад. Давлатро зарур аст, ки ба дастовардҳои илм ва таҷрибаҳои азнавсозии мамлакатҳои Ғарб, аз ҷумла Русия таваҷҷӯҳ намояд ва онро истифода барад. А. Дониш ба масъалаҳои ҷамъшавии бойигарӣ ва ҳокимияти васеъ дар дасти шахсони алоҳида, ҳарисию мардумфиребӣ диққат дода, чунин амалҳоро ғайриқонунӣ ва ноодилона меҳисобад. Ба онҳо тобиши ахлоқӣ дода, натиҷаи зӯран аз худ кардани молу мулки одамони оддию заҳматкаш медонист. Тақсими одилонаю баробари бойигариро дар байни одамон зарур мешуморад. Ӯ ҳатто оммаи заҳматкашонро ба муборизаи фаъоли зидди золимон даъват менамояд.

Дар Бухорои охири асри XIX ва аввали асри XX бисёре аз ҳодисаҳои иҷтимоию сиёсӣ дар зери таъсири ҳаракати инқилобӣ дар Русия ба амал меомаданд. Яке аз ҳаракатҳои иҷтимоию сиёсие, ки ба Аморати Бухоро ва тамоми Осиёи Марказӣ таъсири калон расониданд бо номи ҷадидизм маълум аст. Ҳаракати мазкур аслан хосияти зиддифеодалӣ ва зиддимустамликавӣ дошт. Сабабҳои асосии ташаккулу инкишофи ҷадидияро гардишҳои иҷтимоию сиёсие, ки дар ҳаёти мардуми кишвар ба амал омада буданд, ташкил медоданд. Ҳаракати мазкур асосан аз ду равия — буржуазию демократӣ ва буржуазию миллатчигӣ таркиб ёфта буд. Ин ду равия роҳу воситаҳои гуногуни амалигардонии мақсадҳои хешро доштанд.

Пайдоиши равияи буржуазию миллатчигӣ ба ташаккули буржуазияи маҳаллӣ алоқаманд буд. Асоси идеологии онро мақсад ва нишондодҳои назариявии панисломизм ва пантуркизм ташкил медоданд.

Равияи буржуазию демократӣ бошад манфиатҳои табақаҳои майдабуржуазиро таҷассум менамуд. Нобуд сохтани ҳукмронии ҳам сармояи хориҷӣ ва ҳам сармояи маҳаллӣ ва ташкили ҷумҳурии демократиро мақсади худ медонистанд. Онҳо ба ғояҳои маорифпарварӣ такя менамуданд.

Инкишофи минбаъдаи ҷадидия дар зери таъсири воқеаҳои замона сурат мегирифт. Зиддиятҳо дар сафҳои ҷадидон меафзуданд. Қисме аз онҳо худро ҷавонбухориён номиданд. Тадриҷан ба гурӯҳҳо ҷудо гаштанд, ки ҳар яке мақсадҳои сиёсии худро доштанд. Яке аз гурӯҳҳои асосӣ ва калонтарин, ки қатъиян зидди ҳокимияти амир мубориза мебурд, ба коммунистон ҳамроҳ шуд. Қаноти рости **ҷавонбухориён**, ки ба озодиҳои буржуазӣ муваффақ гаштанӣ буданд, гурӯҳи озодихоҳро созмон дода, гурӯҳи сеюм мавқеи эсерҳои чапро пазируфта, ҳизби ҷавонбухориёни сотсиал-инқилобиро бунёд сохтанд.

Гурӯҳи чорум, ки худро ҷавонбухориёни инқилобӣ меномиданд, баҳри нобуд сохтани ҳокимияти амир ва бунёди ҷумҳурии буржуазию демократӣ мебориза мебурданд. Маҳз ин гурӯҳи ҷадидҳо дар байни омма таъсири бештар доштанд.

Инчунин гурӯхе аз ҷавонбухориёни инқилобӣ ба таъсиси Ҳизби Коммунисти Бухоро пардохт. Баъди шикасти шӯриши эсерҳо дар Русия эсерҳои чапи Бухоро ба коммунистон ҳамроҳ шуданд.

Болшевикон мувофиқи дастурҳои пешво ва роҳбари ҳизбӣ бо ҳамаи қувваҳои инқилобӣ ҳамкорӣ доштанд. Аз ҷумла ба воситаи Турккомиссия бо ҷавонбухориён алоқа доштанд. Турккомиссия дар арафаи инқилоби Бухоро нисбати ҷавонбухориён мавқеи нодурустро ишғол намуда, мекӯшид алоқаро бо ҷавонбухориён биканад. Аммо дахолати Комитети Марказии Ҳизби Коммунистӣ (болшевикон) ин амали нодурустро пешгирӣ намуд. Зеро бар зидди ҳокимияти амир ҳамкории қувваҳои мухолифин зарур буд.

Баъди ғалабаи инқилоби Бухоро ҷавонбухориён ба ҳизби коммунист ҳамроҳ гаштанд ва дар сохтмони ҷомеаи нав дар Осиёи Марказӣ хизмати зиёд намуданд.

**САВОЛ ВА СУПОРИШҲО.**

1. Вазъияти таърихии замони нав ва таъсири он ба афкори иҷтимоиро эзоҳ диҳед. 2. Назарияи «шартномаи ҷамъиятӣ» ва «ҳуқуқи табиӣ»-ро маънидод намоед. 3. Кадом хусусиятҳои ҷараёни маорифпарвариро медонед. Маорифпарварони барҷастаро номбар кунед. 4. Принсипи «тақсими ҳокимият»-и Монтескёро маънидод намоед. 5. Хосияти таълимоти Ж. Ж. Руссоро номбар намоед. 6. Айният ва зиддиятҳои афкори замони истиқлолиятхоҳии Америкаро шарҳ диҳед. 7. Таълимоти И. Кант, Гегел ва Фейербахро маънидод намоед. Таъсири таълимоти онҳо дар пайдоиши марксизм чӣ гуна аст? 8. Хусусиятҳои афкори ҷомеашиносии Русияи асри XVIII-XIX-ро баён намоед. 9. Чаро марксизм таълимоте гардид, ки ҳаёти ҷамъиятии қисми оламро ба куллӣ тағйир бидиҳад? 10. Дар бораи саҳми А. Дониш дар инкишофи афкори ҷомеашиносии Осиёи Марказӣ ибрози андеша намоед. 11. Ҷадидияро тавсиф намоед.

## § 4. ТАЪЛИМОТИ МУОСИРИ ҶОМЕАШИНОСӢ

Олами муосир пурҷараён ва мураккаб мебошад. Ҳодисаю равандҳои мухталифе пайдо мешаванд, ки ба самти инкишофи ҷомеа тағйироти куллӣ дохил менамоянд. Ҳаёти ҳазорон нафар одамон, гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ, миллату халқиятҳо, давлатҳо ва кишварҳои мухталифро дигар менамоянд.

Донишмандон кӯшишҳо баҳри донистани ҳодисаю равандҳои ҷомеа ба харҷ медиҳанд. Дар натиҷа таълимот, ғояҳо, назария ва мактабҳои зиёде ба вуҷуд меоянд, ки пешрафти инсониятро таҷассум менамоянд. Чигунагии таълимот ва равияҳои ҷомеашиносӣ ба хусусиятҳои кишварҳои алоҳида, муносибатҳои ҳукмрони байни одамон, тарзи зист ва фаъолияти аксари бошандагони он вобастаанд. Чунонки дар мавзӯи гузашта қайд намудем, яке аз ҷараёнҳои мураккаб ва маъмули ҷомеашиносӣ ба таълимоти марксизм-ленинизм вобастааст. Дар тамоми гӯшаю канори олам одамони зиёде пешрафти инсониятро бо он қиёс менамуданд, фаъолияти хешро бо он мувофиқ мегардонданд. Лекин ҳодисаҳои даҳсолаҳои охир оиди муносибат ба таълимот ва ҳаракати коммунистӣ мавқеи оламиёнро дигар намуд. Бисёр аз ҷонибдорон марксизми муосирро ғайривоқеӣ дониста аз он худро ба канор кашиданд. Марксизм натавонист ба саволҳои зиёду рӯзмарраи

одамон ҷавоб диҳад. Он низоми худмутобиқшавиро соҳиб нагардид ва ҷараёни иртиҷоӣ намудор шуд.

Таълимот ва назарияи мухталиф, ки дар ҷомеашиносӣ сазовори мақоми махсус гаштаанд, дар шаклҳои гуногун зуҳур меёбанд. Яке аз чунин таълимот, ки пайравони зиёдеро соҳиб гаштааст ва кӯшишест баҳри оламдарккунию идораи бо номи **назарияи конвергенсия** маълум мебошад. Мафҳуми «конвергенсия» аз забони лотинӣ гирифта шуда, маънои наздик шуданро дорад. Он дар солҳои 50-ум ва 60-уми асри XX дар Аврупо васеъ паҳн гашта буд. Мувофиқи он пешрафти ҷомеа ба наздикшавии сохти сармоядорӣ ва сохти сотсиалистӣ мерасанд ва ҳам омехта мегарданд. Ҷомеаи нав хосиятҳои беҳтарини ҳарду системаи иҷтимоиро ба худ мегирад. Пешрафти илмию техникӣ хосияти умумиҷаҳонӣ пайдо менамояд, пешрафт ва муносибатҳои мутақобилаи кишварҳоро муайян менамояд.

Назарияи **«ҷомеаи индустриалӣ»** низ аз қабили таълимоту ҷараёнҳои маъмул ва бонуфуз аст. Пайравони ин таълимот капитализмро давраи гузариш меҳисобанд ва онро ба охири асри XIX ва аввали асри XX мансуб медонанд. Истеҳсолоти индустриалӣ, ки хоси доимӣ дорад ва ба сифати шакли бартаридоштаи ташкилии иқтисодие амал мекунад, ки дар дасти одамони алоҳида аст. Ин гуна шахсон соҳиби моликият ва субъекти асосии идораи истеҳсолотанд. Аммо ин муваққатист ва хосияти даргузари сармоядорӣ аст. Вобаста ба афзоиши доираи саноат моликият ба сармоя тадриҷан кафолати назорат аз рӯи низоми ҳокимият ва эътиборро дар муассисаҳо аз даст медиҳад. Минбаъд истеҳсолотро менеҷерҳо — маъмурон назорат менамоянд.

Назарияи «ҷомеаи индустриалӣ» боиси ташаккул ва инкишофи таълимоти «ҷомеаи баъди индустриалӣ» низ гардидааст. Мафҳуми «ҷомеаи баъди индустриалӣ» дар кишварҳои Ғарб ба маънои ҷомеаи муосир фаҳмида мешавад. Назарияи «ҷомеаи баъди индустриалӣ» бештар дар ду шакл амал дорад: шакли либералӣ, ки ба ҷомеаи амрикоӣ мансуб аст ва шакли радикалӣ, ки ба ҷомеаи аврупоӣ тааллуқ дорад. Тарафдорони назарияи «ҷомеаи баъди индустриалӣ» таърихи инкишофи ҷомеаро ба 3 марҳалаи асосӣ тақсим менамоянд:

— ҷомеаи тоиндустриалӣ, ки бартарии зироатҳои хоҷагии кишлоқ баръало дида мешавад. Калисо ва қӯшун ба сифати унсури асосии сохтори сиёсии ҷомеа амал менамоянд;

— ҷомеаи индустриалӣ, ки асоси онро инкишофи босуръати саноат ва афзудани нақши корпоратсияҳою фирмаҳо ташкил менамуданд;

— ҷомеаи баъди индустриалӣ. Дар ин марҳалаи олии инкишофи ҷомеа нақши донишҳои назариявӣ оид ба истеҳсолот баланд мегарданд. Соҳаи хизматрасонӣ аҳамияти бештарро соҳиб мешавад. Таркиботи иҷтимоию синфии ҷомеа ба куллӣ тағйир меёбад. Гурӯҳҳо ва синфҳои нави иҷтимоӣ ба миён меоянд. Таркиби касбӣ мақоми асосӣ пайдо менамояд. Технологияи нави баҳисобгирию планкашӣ ва назорат ташаккул меёбад. Минбаъд на муносибат ба моликият, балки сатҳи маълумотнокӣ ва донишҳо ба сифати меъёри стратификатсияи иҷтимоӣ амал менамоянд.

Дар олами имрӯза нақши назарияи **технократӣ** низ кам нест. Мафҳуми «технократия» аз забони юнонӣ гирифта шуда, маънои ҳокимияти ҳунармандиро дорад. Ҳоло бошад, барои фаҳмидани ҳокимияти навъи муайян истифода мегардад. Назарияи технократӣ бештар дар аввали солҳои 80-ум паҳн гардид, ки ба он ривоҷи техникаи компютерӣ сабаб шуда буд. Асоси назарияи технократиро ҳокимияте ташкил медиҳад, ки ба донишҳо ва салоҳият асос ёфтааст ва қудрати иваз намудани қарорҳои сиёсиро бо карори самараноки техникӣ дорад. Мутахассисони техникӣ ба сари ҳокимият меоянд ва аз номи техникаю воситаҳои техникӣ ҳукмронӣ менамоянд.

Дар афкори ҷамъиятии олами муосир **ҳаракати сотсиал-демократӣ** таъсиру нуфузи зиёд дорад. Ҳаракати мазкур дар нимаи дуюми асри XIX ташаккул ёфта, то ба даврони мо фаъолият дорад. Дар рафти инкишофаш ҳаракати сотсиал-демократия борҳо тағйироти куллиро аз сар гузаронидааст. Дар солҳои 1923-1940 сотсиал-демократҳоро **Интернатсионали Сотсиалистии Коргарӣ** муттаҳид менамуд. Ҳоло бошад, маркази ҳаракати сотсиал-демократиро Интернатсионали Сотсиалистӣ ташкил медиҳад, ки аз соли 1951 инҷониб арзи ҳастӣ дорад. Он ҳизбҳо ва ташкилотҳои сиёсиеро муттаҳид менамояд, ки барои амалӣ гаштани принсипҳои демократӣ мубориза мебаранд.

Дар солҳои 1951-1986 ҳуҷҷати асосии Интернатсионали Сотсиалистиро Баённомаи «Мақсад ва вазифаҳои сотсиализми демократӣ» ташкил медод. Дар он сохти сармоядорӣ танқид гардида, ба мамлакатҳои сотсиалистӣ низ баҳои манфӣ медоданд. Сотсиализми воқеиро ҳамчун «ҷамъияти нави синфӣ» маънидод менамуданд.

Сотсиал-демократҳо ба капитализм ва коммунизм сотсиализми демократиро, ки асоси онро демократияи сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ташкил медиҳад муқобил мегузоштанд.

Сотсиал-демократҳо бетарафии ҷаҳонбиниро ихтиёр намуда, аз таълимот ва назарияи гуногун истифода намуданро раво медонистанд.

Соли 1989 сотсиал-демократҳо ҳуҷҷати нави барномавӣ: «Баённомаи принсипҳои Интернатсионали Сотсиалистӣ»-ро қабул намуданд, ки интернатсионалистон ба Баённомаи «Мақсад ва вазифаҳои сотсиализми демократӣ» содиқ буданашонро таъкид намуданд.

Дар олами муосир таълимоти дигари мухталиф хеле зиёд аст. Онҳо аз ин ё он ҷиҳат талаботу манфиатҳои гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолиро инъикос менамоянд. Мақсад аз ташаккул ёфта ба фаъолияти ҷамъиятӣ шурӯъ кардани созмонҳои гуногуни иҷтимоӣ, ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон, инкишофи фаъолияти онҳо, махсусан фаъолияти ахлоқӣ, дар идораи корҳои давлатӣ, ҷомеа ва омилҳои дигар иборатанд.

Созмонҳои иҷтимоӣ дар байни ҳамаи гурӯҳҳои аҳолӣ ташаккул ёфта метавонанд. Онҳо дар асоси принсипҳои муайян бунёд мегарданд. Муҳимтарин хосияти онҳоро ғайридавлатӣ буданашон ташкил медиҳад. Талаботу манфиатҳои одамон аз он ҷиҳат зери ҳимоя гирифта мешаванд, ки давлат имконияти қонеъ гардонидани онҳоро надорад ва ё бахри он кӯшише ба харҷ намедиҳад.

Созмонҳои иҷтимоӣ ба масъалаҳои ҳаёти ҷомеа аз рӯи манфиату талаботи хеш муносибат менамоянд. Кӯшишашон бахри он аст, ки муносибатҳои ҷамъиятӣ тавре инкишоф ёбанд, ки манфиатҳои онҳоро халалдор нанамоянд.

Масъалаҳои ҳаёти ҷомеа аз назари шаклҳои мухталифи ҷаҳонбинӣ, шуури ҷамъиятӣ, идеологӣ ва ғайра мавриди тадқиқу

таҳлил қарор мегиранд. Ба масъалаи мухталифи ҷомеа табиист, ки дин, махсусан динҳои ҷаҳонӣ - насрония, ислом ва буддоия мароқи бештар зоҳир менамоянд. Онҳо манфиатҳои дин ва пайравони худро ба ҳисоб мегиранд. Ҳам масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва ҳам сиёсию фарҳангӣ, мавриди омӯзиш ва истифода қарор мегиранд. Ба масъалаҳои дунявӣ рӯ овардани динҳо аз он сабаб аст, ки дин на танҳо ба сифати шакли шуури ҷамъиятӣ амал менамояд. Дин, пеш аз ҳама динҳои ҷаҳонӣ инчунин ба сифати тарзи ҳаёти одамон арзи ҳастӣ доранд. Онҳо на танҳо ба масъалаҳои парастишотӣ, тоату ибодат, балки ба амалӣ гардонидани талаботи рӯзмарраи одамон низ машғул мешаванд.

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО.

1. Кадом муваффакиятҳои афкори ҷомеашиносӣ ва амалияи ҷамъиятии кишварҳои хориҷӣ барои дар Тоҷикистон бунёд сохтани давлатдории навин истифода шуда метавонанд? 2. Ба фикри Шумо кадоме аз кисматҳои таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ дар Тоҷикистон амалӣ мешаванд? 3. Айният ва тафовутҳои таълимотҳои муосири инкишофи ҷомеаро маънидод намоед. 4. Шумоояндаи давлати Тоҷикистон ва инкишофи ҷомеаи тоҷикистониро чӣ тавр дидан мехоҳед?

# ФАСЛИ 2
# ДОНИШҲОИ ФАЛСАФӢ ДАР БОРАИ ОЛАМУ ОДАМ

## § 5. МАСЪАЛАИ АСОСИИ ФАЛСАФА ВА ДУ ҶИҲАТИ ОН

**Масъалаи асосии фалсафа**. Одамон дар ҳаёти ҷамъиятии худ ба ходисаҳо ва равандҳои мухталифи олами воқеӣ дучор мегарданд. Зимни робитаи куллӣ ва мулоҳиза муносибати хешро ба падидаҳои олам муайян намуда, онҳоро ба танзим медароранд. Ба саволи якумин будани ҳастӣ ва ё тафаккур ҷавоб меҷӯянд. Масъалаи муносибати тафаккур ба ҳастӣ масъалаи асосии фалсафа мебошад.

Чаро муносибати тафаккур ба ҳастӣ масъалаи асосии фалсафа гардидааст? Барои он ки ҳар як файласуф қатъи назар аз ҷавобаш ба саволи мазкур моҳияти оламу одам, офариниш ё азалияти олам, созандаи тақдири хеш будан ё набудани инсонро дарк мекунад, хоҳ нохоҳ мавқеи материалистӣ ё идеалистиро ишғол менамояд ва дар ҳамин асос системаи ақоиду ҷаҳонбинии хешро баён месозад.

Масъалаи асосии фалсафа ду ҷиҳат — онтологӣ ва гносеологӣ дорад. Ҷиҳати аввал ҳастии олам, моҳият, таркиб ва азалияти он, яъне эътироф кардани ду шакли воқеият — моддӣ ва ё идеалиро фаро мегирад. Ҷиҳати дуюм бошад, масъалаҳои донисташаванда будан ё набудани оламро дарбар гирифта, ба саволҳои 1) оё олам донисташаванда аст? 2) ё донисташаванда нест? 3) агар донисташаванда бошад, пас инсон онро чӣ тавр дониста мегирад? 4) ва агар донисташаванда нест, пас чаро? ҷавоб меҷӯяд.

Ҳалли ҷиҳати онтологӣ файласуфонро ба ду гурӯҳ — материалистон ва идеалистон ҷудо менамояд. Онҳое, ки модда ё худ материяро якумин ва тафаккур ё худ шуурро дуюмин меҳисобанд ба ҷараёни материалстӣ дохиланд. Онҳое, ки шуурро аз материя пеш гузошта, инкишофи оламро аз мабдаи рӯҳонӣ вобаста медонанд мансуби ҷараёни идеалистӣ мебошанд. Инчунин донишмандоне низ буданд, ки материя ва шуурро баробар донистa, дар идеализм ва материализм мекалавиданд, дуалист меномиданд.

Вобаста ба ҷиҳати гносеологӣ файласуфоне низ буданд, ки донисташавандагии оламро рад мекарданд. Ҳодиса ва равандҳои олами воқеиро ғайри қобили идрок мешумориданд. Ин гурӯҳи олимон бо номи агностикҳо маълуманд. Мафҳуми «агностик» решаи юнонӣ дошта, маънои инкори донисташавандагии оламро дорад. Намояндагони барҷастаи агностисизм файласуфи англис **Девид Юм** (1711-1776) ва асосгузори фалсафаи классикии немис **Иммануил Кант** (1724-1804) мебошанд. Вале олам донисташаванда аст. Инсон қодир аст бо ёрии узвҳои ахбории ҳиссӣ ва ақлии худ ходисахои олами воқеиро дониста гирад. Яъне дониши инсон аз муроқибаи зинда ба тафаккури абстрактӣ ва аз тафаккури асбтрактӣ ба сӯи амалия меравад. Чунин аст, раванди диалектикии инкишофи дониш.

Масъалаи асосии фалсафа мутобиқ ба ҳаёти ҷамъиятӣ таносуби шуури ҷамъиятӣ ва ҳастии ҷамъиятист. Яъне, на шуури ҷамъиятии одамон ҳастии онҳоро, баръакс ҳастии ҷамъиятии одамон шуури ҷамъиятии онҳоро муайян месозад.

Дарки нерӯҳои мутаҳаррики инкишофи ҷомеа дар навбати худ аз ҷавоби саволе, ки оё таърихро ягон қувваи фавқуттабиа меофарад, ба танзим медарорад, ё ин ки истеҳсолоти моддӣ ва кулли муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки маҳсули фаъолияти истеҳсолию ҷамъиятии одамонанд, асоси пешрафти ҷомеаро ташкил менамоянд. Фаҳмиши материалистии масъалаи мазкур содда аст. Ҳастии ҷамъиятӣ шуури ҷамъиятиро муайян месозад. Яъне дин, ахлоқ, фалсафа, сиёсат, ҳуқуқ, психология ва унсурони дигари ҳаёти маънавӣ аз таркиб ва муносибатҳои иқтисодии ҷомеа вобаста буда, маҳсули маҷмӯи муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошанд. Вале фаҳмиши идеалистии ин масъала ба куллӣ дигар аст. Ба андешаи идеалистон ҳастии ҷамъиятиро шуури ҷамъиятӣ муайян

менамояд. Аз ин ҷост, ки идеализм инкишофи ҷомеа, пешрафти оламу одамро ба рӯҳониёт, ба қувваҳои фавқуттабиа, ба рӯҳи объективии ҷаҳонӣ ё худ ақлу заковати шахсони ҷудогона вобаста дониста, фаъолияти одамонро дар доираи қонунҳои азалӣ маҳдуд мегардонад.

**Материализм ва шаклҳои таърихии он**. Равияи материалистӣ роҳи тӯлониро аз сар гузаронида, аз материализми стихиявӣ ба материализми механикӣ ва метафизикӣ ва аз он ба материализми диалектикӣ расидааст. Ҳанӯз аз давраи қадим дар фалсафа ғояҳои материалистӣ ва идеалистӣ вуҷуд доштанд. Вале материализм бори аввал дар таълимоти **Демокрит** (460-370 то э. мо) ва идеализм дар таълимоти **Афлотун** (солҳои 427-347 пеш аз мелод) ба сифати равияҳои мустақили ҷаҳонбинӣ арзи ҳастӣ намудаанд. Материализми атомистии Демокрит оламро воҳиди томи зарраҳои бешумору хурдтарини моддие иборат медонист, ки дар хало (фазо дар фаҳмиши муосираш — С. Н.) ба самтҳои мухталиф бетартибона ҳаракат мекунанд. Атомҳо моддию гуногуншакланд. Онҳо тақсимнашавандаанд ва дар раванди ҳаракати бетартибона дар хало ба якдигар бархӯрда, ҷисмҳоро ба вуҷуд меоранд. Ҳатто, ҷони инсон ва рӯҳи онро Демокрит аз маҷмӯи атомҳо иборат медонист.

Материализми механикӣ ва метафизикӣ шаклҳои дигари таърихии материализманд, ки вобаста ба ҳолати ҷанини илмҳои табиатшиносӣ, алалхусус кимиё ва биология ва кашфиёти бузурги илмҳои механика ва риёзӣ ба вуҷуд омадааст. Яъне ҳакимон пас аз падидоии кашфиётҳои бузург ба хулосае омаданд, ки калиди донисташавандагии асрори олам механика аст. Аз тарафи дигар, маҳдудияти механикии фалсафаи асрҳои XVII-XVIII ба онҳо имконият намедод, ки ба ходисаҳои олам муносибати диалектикӣ намоянд. Тарзи тафаккурашон бештар хосияти механикӣ ва метафизикӣ дошт. Аз ин ҷост, ки материализми мазкур бо номи материализми механикӣ ва метафизикӣ машҳур аст.

Шакли дигари материализмро материализми диалектикӣ ташкил медиҳад, ки дар оғози он К. Маркс ва Ф. Энгелс истодаанд.

Материализми диалектикӣ таълимоти томест, ки қонунҳои умумитарини инкишофи табиат, ҷомеа ва тафаккурро меомӯзад.

Материализми диалектикӣ аввалин будани материя ва дуюмин будани шуурро исбот менамояд. Материяро чун реалияти объективии пеш аз шуур вуҷуддошта, офариданашаванда, абадӣ ва беохир меҳисобад. Ҳаракат, фазо ва вақтро тарзу шаклҳои асосии мавҷудияти материя медонад. Ҳаракатро ба сифати тарзи универсалии мавҷудияти материя шуморида, мавҷудияти материяро бе ҳаракат номумкин меҳисобад.

Материализми диалектикӣ шуурро функсияи материяи олиташкил — майнаи сари инсон, инъикоси субъективии олами воқеӣ дониста асоснок мекунад, ки рӯҳониёт ҷавҳари махсус надорад, вале маҳсули фаъолияти майнаи сари инсон образи субъективии олами объективӣ аст.

**Идеализм ва шаклҳои он**. Дар баробари материализм идеализм низ дар инкишоф буд. Мувофиқи таълимоти Афлотун ягона ҳастии воқеӣ ҳастии олами идеяҳо аст. Ашёҳо ва олами мавҷудоти воқеӣ сояи олами идеяҳо ҳастанду бас. Афлотун таълим медод, ки кулл, яъне идеяҳо дар нисбати ҷузъ, яъне ашёҳо якуминанд. Зеро ҷузъиёт — ашёҳо абадӣ нестанд, зиёда аз ин шаклпазиранд. Кулл — идеяҳо бошанд абадӣ ва шаклнопазиранд. Аз ин хотир, онҳо аввалинанд. Ашёҳо бошанд, ғайр аз сояи идеяҳо чизи бештаре нестанд.

Идеализм олами идеяҳоро бо ёрии узвҳои ҳиссии инсон дарканашаванда тасвир менамояд. Онҳо мулки абадзиндаеро мемонанд, ки рӯҳи ҷовидони инсон то ба ҷисми ӯ иттифоқи муваққатӣ бастан ва таваллуд шуданаш дар он ҷо сукунат дорад. Рӯҳи инсон дар зинаи ибтидоӣ саршори дониш аст. Аммо ҳангоми таваллуд донишҳо фаромӯш мегарданд. Аз ин ҷост, ки идеализм маърифатро ба хотир овардани донишҳои фаромӯшшуда медонад.

Идеализм ду шакли таърихӣ дорад: идеализми объективӣ ва идеализми субъективӣ. Мувофиқи назари идеалистони объективӣ олами воқеӣ новобаста аз одамон вуҷуд дорад, асоси онро хиради олӣ ташкил медиҳад ва он офаридашуда мебошад. Идеализми объективӣ хирадро аз инсон ҷудо карда, мустақил гардонида, онро ба худи инсон муқобил мегузорад.

Аз назари идеализми субъективӣ олам новобаста аз инсон ва берун аз он вуҷуд надорад. Олами объективӣ дар эҳсосоти инсон дода шудааст ва инъикоси субъективии эҳсосу идроки инсон

аст. Мувофиқи назари идеалистони субъективӣ на чизҳо эҳсосоти инсонро ба худ ҷалб мекунанд, балки баръакс, эҳсосоти инсон чизҳоро меофаранд. Гӯё инъикоси олами объективӣ аз худи олами объективӣ асоситар бошад. Ҳол он ки ҳодисаю равандҳое ҳастанд, ки инсон онҳоро эҳсосу идрок карда наметавонад, вале онҳо новобаста аз инсон, пеш аз эҳсосу идрок ва ҳатто, пас аз идроку эҳсос объективона вуҷуд доранд.

### САВОЛ ВА СУПОРИШҲО.

1. Масъалаи асосии фалсафа ва ду ҷиҳати онро маънидод намоед? 2. Масъалаи асосии фалсафа мутобиқ ба ҷомеа чӣ гуна аст? 3. Шумо кадом шаклҳои материализмро медонед? 4. Шаклҳои асосии идеализмро муайян намуда, тафовути онҳоро нишон диҳед.

## § 6. ҲАСТӢ ВА ШАКЛҲОИ ОН.

Ҷаҳони имрӯза хеле мураккаб ва пурасрор аст. Масъалаҳои мухталифе мавҷуданд, ки моҳият ва хусусиятҳои онро муайян менамоянд. Масъалаи будан ё набудани тамаддун низ аз ҷумлаи онҳост. Аз ин лиҳоз саволҳои зиёде пеш меоянд. Ба монанди: Оё олам беохир аст, ё ибтидо ва интиҳо дорад? Мавҷудоти олам абадиянд, нестшавандаанд ё шаклпазиранд? Ба саволҳои зерин фақат дар сурати омӯзиши амиқи масъалаи ҳастӣ ва шаклҳои он ҷавоб ёфтан мумкин аст. Пас ҳастӣ чист?

**Мафҳуми ҳастӣ**. Ҳастӣ дар маънои васеъаш воқеияти ҳамаро фарогиранда, мафҳуми умдаест дар бораи кулли мавҷудоти олам. Ҳастӣ чизест, ки вуҷуд дорад. Мисол: тамоми чизҳо, равандҳо, хосияту робитаҳои моддӣ, инчунин унсурҳои маънавӣ аз тасвири хаёлӣ сар карда то ба хусусиятҳои оддитарини рӯҳонию сафсатагӯиҳои шахси рӯҳан носолим ва хаёлӣ, ба мазмуни ҳастӣ мувофиқат менамоянд. Ҳамин тариқ, ҳастӣ кулли чизҳои моддӣ ва ҳодисаҳои рӯҳонист.

Аз тарафи дигар, ҳастӣ дар маънои маҳдудаш ифодаи маҷмӯи хосиятҳои умумитарини тамоми мавҷудоти олам аст. Беҳуда набуд, ки дар афкори ҷамъиятӣ ҷараёнҳое буданд ва ҳастанд, ки мафҳуми ҳастиро вобаста ба хосияти мушаххаси ҳодисаҳои оламро ифода накарданаш рад мекарданд. Ё худ ҳангоми ифодаи хосияти

умумитарини ҳодисаҳои олам категорияи **«мавҷудият»** истифода мегардад. Дар чунин ҳолат истифодаи категорияи «ҳастӣ»-ро зарур намешуморанд. Чунин андешаҳо як навъ маҳдудияти фикрӣ аст. Категорияи «ҳастӣ» дар инкишофи худ роҳи дуру дарози таҳаввулро аз сар гузаронидааст. Ҳастӣ — аввалин бор аз тарафи файласуфи атиқа Парменид дар шакли муаллақ хотиррасон шудааст. Ба андешаи ӯ ҳастӣ ғилофи курашакли азимеро мемонад, ки дар худ тамоми мавҷудоти оламро мегунҷонад. Демокрит бошад, ба ҳастӣ мазмуни предметӣ бахшида, исбот карданӣ мешуд, ки ҳастӣ атомҳо мебошанд. Аммо Афлотун робитаҳои ҳодисаҳои оламро аз худи олам ҷудо карда, ҳастиро ба идеяҳои ҷовидона ташбеҳ медод. Абӯалӣ ибни Сино ҳастӣ (вуҷуд)-ро ба ду қисм — ба вуҷуди воҷиб (худо) ва вуҷуди имкон (аносири олами моддӣ) ҷудо кардааст.

Фаҳмиши моддии ҳастӣ дар фалсафаи муосир низ дида мешавад. Файласуфҳое ҳастанд, ки дар зери мафҳуми «ҳастӣ» махсусияти ашёҳо ё худ моддаҳоро мебинанд. Чунин муносибат нисбати категорияи «ҳастӣ» ба худ номи «натурализатсияи ҳастӣ»-ро гирифтааст. Маҳдудияти назариявии «натурализатсияи ҳастӣ» ин аст, ки доираи фарогирии мафҳуми ҳастиро маҳдуд сохта, мазмуну моҳияти онро коста мегардонад. Дар асл бошад, мафҳуми «ҳастӣ» дар фаҳмиши имрӯзааш ҳам ҳодисаҳои олами моддӣ ва ҳам ҳодисаҳои олами рӯҳиро фаро мегирад.

**Шаклҳои ҳастӣ**. Шаклҳои зерини ҳастиро ҷудо намуда, тафовут ва робитаи диалектикии онҳоро нишон додан мувофиқи мақсад аст:

1. Ҳастии чизҳо (ҷисмҳо), равандҳо ва унсурҳои табиӣ.
2. Ҳастии инсон.
3. Ҳастии рӯҳонӣ (идеалӣ).
4. Ҳастии иҷтимоӣ (ҷамъиятӣ).

Ҳастии чизҳо, равандҳо ва унсурҳои табиӣ, дар навбати худ, ба ду қисм тақсим мешаванд.

а) Ҳастии чизҳо, равандҳо, унсурҳои табиӣ ё умуман ҳастии табиат.

б) Ҳастии чизҳо ва унсурҳое, ки офаридаи инсонанд.

Ба ҳастии чизҳо, унсурҳо ва равандҳои табиӣ тамоми мавҷудоти табиат, алалхусус наботот, ҳайвонот, ҷирмҳои осмонӣ

умуман, ҷузъиёти олами суғро (микро олам), олами кубро (макро олам), олами акбар (мега олам) дохил мешаванд.

Хусусияти ҳастии чизҳо, равандҳо ва ҳодисаҳои табиӣ аз он иборат аст, ки унсурҳои он новобаста аз шуури одамон вуҷуд доранд. Дигар ин ки «ҳастии мутазаккир» дар макону замон беохир аст, дар шаклҳои мухталиф, дар ҳама ҷо ва ҳама вақт буд, ҳаст ва хоҳад монд. Ашёҳои ҳастии ҷисмҳо, равандҳо ва ҳодисаҳои табиӣ шаклпазиранд, яъне аз як шакли мавҷудият ба шакли дигар мегузаранд.

Ҳастии чизҳо ва унсурҳое, ки аз тарафи одамон офарида шудаанд, низ махсусиятро соҳибанд. Асоси моддии онро ҳодисаҳо, равандҳо ва унсурҳои табиӣ ташкил менамоянд.

Инчунин дар ҳастии аз тарафи инсон офаридашуда тамғаи фаъолияти меҳнатии рӯҳонӣ ва ҷисмонии инсон, ки хосияти моддӣ гирифтааст, дида мешавад.

Ҳастии инсон низ ба ду қисм тақсим мешавад:

а) Ҳастии инсон дар олами ашёҳо,

б) Ҳастии махсуси инсон ё ҳастии рӯҳонии инсон.

Ҳастии инсон дар олами ашёҳо қисми таркибии ҳастии ашёҳо, унсурҳо ва равандҳои табиӣ аст, зеро ки инсон қисми таркибӣ ва ҷудонашавандаи табиат мебошад.

Ҷисми инсон ҷисми табиист. Бинобар ин тамоми қонунҳое, ки ба ҳодисаҳои ҳастии табиӣ хос аст барои инсон бегона нестанд. Дар шакли ҷисмонӣ вуҷуд доштани инсон аз фанопазирии он дарак медиҳад.

Ҳамаи чизҳое, ки ҳастии ҷисмонӣ доранд абадӣ нестанд. Пайдо мешаванд, гул-гул мешукуфанд ва ногузир таназзул меёбанд. Аммо нобуд гаштани ҳастии ҷисмонӣ ҳеҷ гоҳ маънои нест шудани онҳоро надорад, балки аз як шакл ба шакли дигари мавҷудият гузаштани онҳост, зеро ҳастӣ абадист, вале шаклҳои ҳастӣ абадӣ нестанд.

Пас хастии инсон дар олами ашёҳо гуногун буда, ба ҳастии ҷисмонӣ ҳеҷ гоҳ маънои нест шудани онҳоро надорад, балки аз як шакл ба шакли дигари мавҷудият гузаштани онҳост, зеро ҳастӣ абадист, вале шаклҳои ҳастӣ абадӣ нестанд.

Пас ҳастии инсон дар олами ашёҳо гуногун буда, ба ҳастии табиӣ алоқаманд аст. Зеро дар миёни ҳастии табиӣ ва ҳастии инсонӣ хосиятҳои умумӣ ва такроршаванда дида мешаванд.

Инсон низ дар шакли муайян абадӣ буда наметавонад.

Инсон ҳаёту фаъолияти хешро бевосита дар зери таъсиру вобастагии ӯ ба қонунҳои мавҷудият ва инкишофи ҷисмҳо ба сомон мерасонад. Лекин ҳастии инсон хусусияти худро дорад, ки мустақилияти нисбии онро нисбати қонунҳои мавҷудият ва инкишофи ҷисмҳо таъмин менамояд. Инсон дар олами ашёҳо ягона мавҷудотест, ки тамоми хислатҳои худро танзим менамояд. Масалан, инсон қобил аст талаботи биологии хешро бошуурона ва дар доираи имкониятҳои мавҷудаи ҷомеа қонеъ намояд, ба ҳиссиёти худ хосияти иҷтимоӣ бахшад. Ҳастии махсуси инсон ҳастии иҷтимоию таърихии ӯст. Чунки инсон мавҷудоти ҳам биологӣ ва ҳам иҷтимоӣ аст. Дар инсон хосиятҳои биологӣ ва иҷтимоӣ мутаносибан мавҷуданд. Тамоми ҳиссиёт, рафтору кирдор, амалу ҳолат, ғаму андӯҳ, шодию сурури инсон таҷассуми ҳаёти иҷтимоии он аст.

Шакли дигари ҳастӣ, ҳастии рӯҳонӣ (идеалӣ) аст. Дар зери мафҳуми **«рӯҳониёт»** равандҳои бошуурона ва бешуурона, умуман маърифати инсон, принсипҳои муоширати одамон, эҷодиёти фантастикӣ ва ғайраҳо дохиланд.

Ҳастии рӯҳонӣ ду шакл дорад:

а) Ҳастии инфиродии рӯҳонӣ.

б) Ҳастии ғайриинфиродии рӯҳонӣ.

Ба ҳастии инфиродии рӯҳонӣ пеш аз ҳама шуури фардӣ дохил мешавад. Шуури фардӣ томияти фикру хаёл, эҳсосу идрок, тасаввурот, ғояҳо, умуман маънавиёти фарди ҷудогона аст. Маҳз бо тавассути шуур фард метавонад муҳити табиӣ, мақом ва нақши худро дар ҷомеа сарфаҳм равад, манфиати худро дониста гирад ва ҳимоя намояд.

Чизи дигаре, ки ба ҳастии инфиродӣ — рӯҳонӣ дохил мешавад, худшиносӣ аст. Инсон бо ёрии шуур тамоми амалиёти хешро дониста мегирад, худро чун шахс дарк мекунад. Тамоми фаъолияташро назорат менамояд, онро танзим мекунад. Аввал андеша мекунад, сипас ба гуфтору рафтор даст мезанад. Ҳамин тариқ, худшиносӣ, дарк кардан, ба сатҳи дониши хеш баҳо дода тавонистан, симои ахлоқӣ, манфиатҳо ва идеалҳо буда, ба кас имконият медиҳад, ки мақом ва нақшашро дар ҷомеа муайян созад.

Ба ҳастии инфиродии рӯҳонии инсон фаъолияти бешууронаи одамон низ дохиланд. Бешуурии фардӣ дар ҳолатҳои беихтиёр ба амал омадани фаъолияти инсон рух медиҳад. Масалан, рафтору кирдори ҷавонон, ки боиси ҷиноятҳои гуногун мегарданд, натиҷаи фаъолияти бешууронаи худи ҷавонон аст.

Шакли дигари ҳастии рӯҳонӣ ҳастии ғайри инфиродии рӯҳонӣ аст. Ҳастии ғайри инфиродии рӯҳонӣ ҳамаи равандҳои кулл ва маънавиро, ки инсоният дар ҷараёни ташаккули тамаддун офаридааст, фаро мегирад. Ба ҳастии ғайри инфиродии рӯҳонӣ забонҳои табиӣ ва сунъӣ, аломатӣ (рамзӣ) дохил мешаванд. Ҳарф, овоз, калима, ҷумла, матн, таркибот, қоида ва шаклҳои гуногуни ин ё он забон ва ҳоказо амсоли онанд. Ҳодисаҳои номбурда аз доираи шуури як шахс берун буда, наслҳои гуногунро фаро мегиранд. Онҳоро одамон ба хотир гирифта, аз як насл ба насли дигар дода метавонанд. Ҳастии ғайри инфиродии рӯҳонӣ ба ҳастии ҷамъиятӣ пайваста аст. Ҳастии ҷамъиятӣ маҷмӯи муносибатҳои моддӣ, равандҳои воқеии фаъолияти ҳаётии одамон, маҷмӯи шароити моддии мавҷудияти онҳоро фаро мегирад.

Ҳастии ҷамъиятӣ дар шаклҳои гуногун — фалсафа, ҳуқуқ, ахлоқ, сиёсат, зебоӣ, дин, озодандешӣ ва ҳатто равонӣ ва идеология ифода меёбад, ки дар маҷмӯъ «шуури ҷамъиятӣ» номида мешавад.

Ҳамин тариқ, тамоми шаклҳои ҳастӣ ба якдигар дар робитаи мутақобила қарор дошта, ҷавҳари моддӣ доранд. Дар ягонагӣ шоху пайванди дарахти азимеро мемонад, ки пойдору ҷовидон, вале шаклпазир аст. Чунин аст муаммои ҳастӣ.

### САВОЛ ВА СУПОРИШҲО.

1. Оё Шумо таърифи ҳастиро медонед? 2. «Натурализатсияи» ҳастӣ чист? 3. Шаклҳои ҳастиро ҷудо намуда, тафовути онҳоро нишон диҳед? 4. Ҳастии махсуси инсон ва ҳастии инсон дар олами ашёҳо гуфта чиро мегӯянд? 5. Ҳастии ҷамъиятӣ чист?

## § 7. МАТЕРИЯ ВА ТАРЗИ МАВҶУДИЯТИ ОН.

**Мафҳуми материя**. Инсон дар табиат вуҷуд дошта, дар пайвастагӣ бо он ҳаёт мегузаронад. Табиат бошад, аз унсурҳои

рангоранг ва ҳодисаҳои ҳайратангез иборат аст. Ҳамаи унсурҳо ва ҳодисаҳои табиат дорои хосиятҳои миқдорӣ ва сифатӣ мебошанд, ки тавассути онҳо аз якдигар тафовут доранд ва дар як вақт ба ҳам монанданд. Гурӯҳи хосияту унсурҳои табиат, ки такроршавандаанд, умумияти ҳодисаҳои табиатро ташкил медиҳанд. Хосиятҳое низ ҳастанд, ки такрорнашавандаанд ва фарқияти байни объектҳоро ташкил медиҳанд.

Чунин хосияти такроршаванда ва устувору умумии ҳодисаҳо ва ҷузъиёти олами воқеӣ новобаста аз шуури инсон, объективона вуҷуд доштани онҳост. Ҳамаи хосияти умумии ҷузъиёти олами воқеиро мафҳуми «материя» ифода мекунад. Пас материя ифодагари ҷавҳар (субстансия), асоси тамоми чизҳо ва ҳодисаҳои олами воқеӣ мебошад.

Мафҳуми «материя» аз забони лотинӣ (*materia*) гирифта шуда маъноям модда аст. Фаҳмиши материя чун нахустмодда ва шакли муайяни моддиёт аз замонҳои қадим то инқилоби физикии охири асри XIX ва ибтидои асри XX давом кардааст. Ҳанӯз мутафаккирони дунёи қадим кӯшиш ба харҷ додаанд, то ки асоси моддии чизҳо нахустасоси тамоми унсурҳои оламро муайян намоянд. Масалан, пайравони мактаби чор унсури Ҳиндустони қадим асоси моддӣ ё худ ҷавҳари оламро аз чор унсур — замин, об, оташ ва ҳаво иборат медонистанд. Абӯалӣ Ибни Сино низ дар пайравии мактаби мазкур асоси моддии оламро замину об ва ҳавою оташ донистааст. Пайравони таълимоти материалистии мактаби Милети Юнони қадим бошанд, ҷавҳари моддии оламро аз чизҳои моддии ҷудогона иборат мешумориданд. Фалес асоси оламро аз об, Аниксимен аз ҳаво, Анаксимандр аз апейрон, Ҳераклит аз оташ, Левкипп ва Демокрит аз атом иборат медонистанд. Дар таълимоти материалистони метафизикӣ — механикии Замони Нав дар зери мафҳуми материя маҷмӯи хосиятҳои асосӣ, аввалиндараҷа ва тағйирпазиру умумии ҳамаи чизҳои олами моддӣ фаҳмида мешуд.

Аз ибтидои асри XVIII сар карда омилҳои назариявии фаҳмиши илмии мафҳуми «материя» ташаккул ёфтаанд. Дар ин кор саҳми материалистони асри XVIII фаронсавӣ К.А. Гелветсий, Д. Дидро, Ж.О. Ламетри, П.А. Голбах, Ш.Л. Монтеске ва дигарон калон аст. Онҳо ҳар он чӣ, ки ба эҳсосот таъсир мерасонад, материя

меҳисобанд. Дар ташаккули мафҳуми материя саҳми Л.Фейербах низ назаррас аст. Ба ақидаи ӯ материя берун аз шуури инсон, объективона, худ ба худ вуҷуд дорад. Асосгузорони материализми диалектикӣ К. Маркс ва Ф. Энгелс мероси назариявии афкори фалсафии то замони худро дар бораи материя ҷамъбаст намудаанд. Ба андешаи онҳо материя категорияи фалсафиест, ки ягонагии олам, умумияти тамоми объектҳоро ифода мекунад. Материя абадӣ буда, дорои шаклҳои гуногун аст.

В. И. Ленин дастовардҳои инқилоби физикии охири асри XIX ва ибтидои асри XX-ро ҷамъбаст намуда, таълимотро дар бораи материя инкишоф дод. Ӯ таърифи материяро ба таври зайл медиҳад: **«Материя категорияи фалсафие барои ифодаи реалияти объективист, ки инсон ба воситаи эҳсосҳои худ онро дарк мекунад, реалияти объективиест, ки новобаста ба эҳсосҳои мо вуҷуд дошта нусхаи он, сурати он, ва акси он дар узвҳои ҳисси мо инъикос меёбад».**

Кашфиётҳои охири асри XX дониши моро дар бораи зоҳиршавии материя ва хосиятҳои он, бозҳам васеъ ва амиқтар намуданд, ки он аз қаъри микро олам то қаъри мега оламро фаро мегирад. Дар олам се соҳаи бузурги сохтори материя — Макроолам (олами кубро) — олами атрофи мо; Микроолам (олами суғро) — олами зарраҳои ниҳоят хурд; Мегаолам (олами акбар) — олами бузург вуҷуд дорад. Ҳар кадоми онҳо дар худ сатҳи муайяни сохтор ва зоҳиршавии материяро таҷассум менамояд.

**Зоҳиршавии материя дар микроолам**. Зоҳиршавӣ ва хусусиятҳои материяро дар микроолам дида мебароем. Таркиби материя дар соҳаи микроолам аз зарраҳои элементарии ядро — атом — молекула иборат аст. Молекула аз атомҳо, атом аз ядро ва қабатҳои электронӣ, ядро бошад аз протон ва нейтронҳо ташкил ёфтааст. Электрон, протон ва нейтрон ба гурӯҳи зарраҳои элементарӣ дохил мешаванд. Ёдовар мешавем, ки миқдори умумии зарраҳои элементарӣ маълум нест. Алҳол олимон теъдоди беш аз 200-тои онҳоро кашф кардаанд. Заррахои элементарӣ дар навбати худ дорои таркиби муайян мебошанд, ки илми муосир элементҳои онҳоро ошкор карда истодааст.

Кашфиёти илмии солҳои охир нишон медиҳанд, ки материя, низоми материя дар микроолам аз ду чиз — модда ва майдони

физикӣ, ки дорои навъҳои мухталиф мебошанд, иборат аст. Дар байни майдони физикӣ ва модда робитаи диалектикӣ ҳукмрон аст. Яъне майдони физикиро модда ба вуҷуд меорад, вале заррахои элементарӣ берун аз майдони физикӣ ба заррахои модда ва заррахои майдони физикӣ табдил меёбанд. Мисол: фотонҳо дар натиҷаи ба ҳамдигар бархӯрдани электрон ва позитрон ба вуҷуд меоянд, вале фотонхо фақат дар шароити муайян электрону позитронро ба вуҷуд меоранд.

Хулоса, ягон ҷузъи материя ба ҳеҷ мубаддал намешавад ва аз ҳеҷ падид намеояд. Материя абадӣ ва нестнашаванда, доимо тағйирёбанда ва шаклпазир аст. Бепоёнӣ, абадият, шаклпазирӣ ва тағйирёбандагии материя хосиятҳои муҳимтарини он мебошанд.

**Ҳаракат тарзи мавҷудияти материя**. Яке аз хосиятҳои асосӣ ё худ тарзи мавҷудияти материя ҳаракати он аст. Ҳаракат раванди тағйироту таҳаввулоти ходисаҳои табиат, ҷомеа ва тафаккурро ифода менамояд. Ҳаракат дар маънии васеи мафҳум тарзи мавҷудияти материя, унсури дохилии он буда, тамоми тағйироту инкишофи ҳодисаҳои оламро, аз ҷойивазкуни оддии ҳодисаҳои механикӣ дар фазо сар карда то ташаккулу таҳаввули равандҳои табиату ҷомеа ва тафаккурро дарбар мегирад. Дар олам аз ҳама чиз, — аз заррахои хурдтарин сар карда, то галактикаҳои кайҳонӣ дар ҳаракатанд. Унсурҳои беҳисоби олами воқеӣ, ки моро иҳота кардаанд, фақат ба назари мо ором менамоянд, дар асл ҳамаи онҳо дар шаклу суръати мухталиф нисбати якдигар дар ҳаракатанд. Аммо ин маънои онро надорад, ки оромӣ вуҷуд надошта бошад. Оромӣ вуҷуд дорад, лекин он нисбӣ аст. Нисбӣ будани оромиро бо се далел исбот кардан мумкин аст.

**Якум**, як ҷисм метавонад нисбати ҷисми дуюм, ки дар ҳаракат аст, дар ҳолати оромӣ бошад. Аммо бо ҳамроҳии ҷисми ҳаракаткунанда дар ҳолати ҳаракат аст. Мисол: шахсе, ки дар қатораи поезд аз як самт ба самти дигар сафар мекунад, нисбати қатораи поезд ором аст, аммо бо қатораи поезд дар ҳаракат аст. Дар ҳолати дигар шахс ҳеҷ гоҳ аз як ҷо ба ҷои дигар рафта намерасад.

**Дуюм**, оромӣ муваққатӣ, лаҳзаи инкишоф ва тағйирёбии материя аст. Мисол: санги ба боло ҳаво додашуда ногузир ба замин меафтад. Оромӣ лаҳзаи авҷи аълои ба боло расидан ва ба замин афтидани санг аст.

**Сеюм**, оромӣ на ба ҳамаи материя, балки ба объектҳои алоҳидаи он хос аст.

**Шаклҳои ҳаракати материя**. Дар илм панҷ шакли ҳаракати материя маълум аст.

**Якум**, шакли механикии ҳаракати материя, ки аз раванди ҷойивазкунии ҷисмҳо дар фазо иборат аст. Ҳаракати механикӣ тамоми ҳолатҳои таркибии материяро фаро гирифта, шакли оддӣ ва умумитарини ҳаракати материя мебошад.

**Дуюм**, ҳаракати физикии материя, ки тамоми ҳодисаҳои физикиро, аз қабили барқ, гармӣ, ҳолатҳои дохилии атомӣ, робитаи куллии зарраҳои майдони физикӣ ва зарраҳои моддаро фаро мегирад.

**Сеюм**, ҳаракати кимиёвии материя, ки реаксияҳои кимиёвиро дар бар мегирад. Ҳаракати кимиёвӣ ҳаракатест, ки бо тавассути он мураккабтарин таркиби материя — молекулаҳо ҳосил мешаванд.

**Чорум**, ҳаракати биологии материя, ки дар натиҷаи он организмҳои зинда ташаккул меёбанд. Яъне шакли мазкури ҳаракат равандҳои эволютсионии ташаккули организмҳои зиндаро фаро мегирад ва таҳаввулоти навъҳоро таъмин менамояд.

**Панҷум**, шакли иҷтимоии ҳаракати материя, ки дар хусуси он баъдтар маълумоти муфассалтар хоҳем дод.

**Макон ва замон**. Дар байни шаклҳои ҳаракати материя робитаи диалектикӣ ҳукмрон аст. Музаффариятҳои табиатшиносии муосир ҳолати мазкурро исбот менамоянд. Муҳим он аст, ки: материя дар куҷо ва аз рӯи чӣ ҳаракат мекунад? Ҷавоби ин савол аниқ аст. Материя дар макон (фазо) аз рӯи замон (вақт) ҳаракат мекунад. Пас материя фақат дар макону замон дар ҳаракат аст. Берун аз материя на макон асту на замон. Макону замон шаклҳои асосӣ ва умумии мавҷудияти материя мебошанд.

Макон (фазо) шакли ҳастии материя буда, ба он дарозӣ, таркиб, ҳамвуҷудӣ ва таъсири мутақобила хос аст. Макон тартиби ҷойгиршавии ҳодисаҳои олами моддӣ дар замон аст. Замон (вақт) ҳам шакли ҳастии материя буда, ба он дарозӣ, пайдарҳамӣ, тағйири ҳолат барин хосиятҳои тағйирот ва инкишоф хос аст. Замон раванди пай дар пай ивазшавии ҳодисаҳо аст. Ивазшавии фаслҳои сол ва рӯзҳои ҳафта далели шакли ивазшавии ҳодисаҳо

будани замон аст. Макону замон хосияти объективӣ доранд. Аз иродаву хоҳиши одамон вобаста нестанд. Яъне олам на дар макон ҳудуд дораду на дар замон ибтидову интиҳо.

Бепоёнии сохту хосиятҳои материя ваҳдати моддии оламро собит месозад. Дар ҳаллу фасли масъалаи ваҳдати олам ду ақида вуҷуд дорад. Равияи материалистӣ — ваҳдати оламро умумияти моддӣ ва куллии ҳамаи ҷузъиёти он мешуморад. Ҷараёни идеалистӣ бошад, ваҳдати оламро аз асоси умумии идеалии он медонад. Ҳар дуи ин ақидаҳо монизм ном доранд. Ақидаи якум монизми материалистӣ ва дуюм монизми идеалистӣ аст.

**САВОЛ ВА СУПОРИШҲО.**

1. Материя чист? 2. Таърифи материяро аз ёд кунед. 3. Зохиршавии материяро дар микроолам шарҳ диҳед. 4. Оё материя ҳаракат мекунад? 5. Шаклҳои ҳаракати материяро муайян намуда, тафовути онҳоро нишон диҳед. 6. Оромӣ чист? 7. Макон ва замон гуфта чиро мефаҳмед?

## § 8. ТАЪЛИМОТИ ДИАЛЕКТИКИИ ИШКИШОФ

**Мафҳуми диалектика**. Диалектика дар афкори фалсафӣ яке аз ҷолибтарин падида аст. Муносибат ба он дар таърихи афкор якранг набуд. Он дар сатҳи мухталиф баррасӣ мегардид. Диалектика калимаи юнонӣ буда, маънояш санъати сухан, маданияти баҳсу андеша аст. Мафҳуми диалектикаро бори аввал Суқрот (469-399 то мел) ҳамчун усули собит сохтани мунозира истифода бурдааст. Аммо ба диалектика ҳамчун методи фалсафӣ Ҳераклит (540-480 пеш аз мел.) асос гузоштааст. Диалектикаи ӯ бо номи диалектикаи соддалавҳ ё худ диалектикаи стихиявӣ маълум аст. Дар фалсафаи асримиёнагии Шарқи Наздик ва Миёна диалектикаро ҳамчун усули ошкор сохтани ҳақиқат, воситаи аниқ намудани таззод дар фикру нутқи мусоҳиб истифода кардаанд. Баъдтар Гегель диалектикаро ба сифати усули инкишофи фикру идеяҳо маънидод намуд. Ӯ тавонист дар заминаи идеалистӣ қонунҳою категорияҳои диалектикаро муқаррар намояд.

Дар фалсафаи материалистии муосир мафҳуми «диалектика» назария ва усули дониста гирифтани олами воқеиро ифода мекунад. Аз ин рӯ, диалектикаи мазкур бо номи диалектикаи мате-

риалистӣ муаррифӣ шудааст. Асосгузорони он К. Маркс ва Ф. Энгелс мебошанд.

Диалектикаи материалистӣ илмест, ки робитаҳои куллӣ ва мутақобилаи ҳодисоти олами воқеӣ, яъне қонунҳои умумитарини инкишофи табиат, ҷомеа ва тафаккурро меомӯзад. Диалектикаи материалистӣ оламро қадим, ҳамеша дар ҳаракату инкишоф мебинад. Инкишофро ҳамчун натиҷаи муборизаи ба ҳам зидҳо маънидод намуда, онро сарчашмаи пайдоиш, шаклпазирӣ ва фанопазирӣ будани ҳодисаву предметҳои олами объективӣ медонад.

**Мафҳуми метафизика**. Усуле, ки муқобили усули диалектика меистад «Метафизика» ном дорад. «Метафизика» аз забони юнонӣ гирифта шуда, маънояш он чи ки пас аз физика меояд, мебошад. Мафҳуми метафизикаро аввалин бор файласуфи Юнони Қадим Андроник Родосский (асри I пеш аз мелод) истифода намудааст, вале Афлотун онро ҳамчун усули фалсафӣ оид ба табиат ба кор бурда буд. Дар таърихи минбаъдаи фалсафа метафизика ба маънои фалсафа истифода гардидааст. Дар фалсафаи материалистии муосир ин мафҳум маънои зиддидиалектикаро дорад.

Шахсе, ки ҷаҳонбинии метафизикӣ дорад робитаи ҳодисаҳоро инкор карда, объектҳоро дар алоҳидагӣ маънидод мекунад. Хосияти объективии ҳодисаро ба назар намегирад. Аз тарафи дигар, ба тафаккури метафизикӣ беҳаракатию карахтӣ, аз будаш каму зиёд нишон додани ин ё он ҷиҳати объект, устуворӣ, такроршавӣ, мустақилияти нисбии объект ва ғайра хос аст. Тафаккури метафизикӣ ба тафаккури шахшуда айният дорад.

Диалектика бо як қатор хосиятҳояш аз метафизика фарқ мекунад. Яке аз чунин хосиятҳои диалектика таълимот дар бораи робитаҳои куллии ҳодисот аст. Ҳамаи ҳодисаю равандҳо дар робитаи мутақобила қарор доранд. Шаклҳои гуногуни ҳаракати материя, табиати зинда бо ғайризинда, ҷомеа бо табиат, ҳаёти фардӣ бо ҳаёти ҷамъиятӣ робита доранд.

**Мафҳуми қонун**. Робитаи ҳодисаҳо ва предметҳо шаклҳои мухталиф дорад. Робитаҳои куллӣ ва фардӣ, устувор ва ноустувор, зарурӣ ва тасодуфӣ, ботинӣ ва зоҳирӣ, муҳим ва ғайримуҳим, умда ва ғайриумда аз қабили чунин робитаҳоянд. Хусусияти хоси робитаҳои диалектикӣ аз он иборат аст, ки дар шакли қонун ифода меёбанд. Қонун яке аз навъҳои робитаи байни ҳодисот ва

предметҳои воқеияти олам мебошад. Қонун навъи робитаҳои объективонаест, ки хосиятҳои умумӣ, зарурӣ ва асоси ходисаю предметҳоро фаро мегирад. Инчунин он маҷмӯи робитаҳое мебошад, ки устуворӣ ва такроршавии хосиятҳои моҳиятан муҳими ходисаҳои олами воқеиро ифода менамояд.

Қонунҳо хоҳ дар табиат бошанд хоҳ дар ҷомеа хосияти объективӣ доранд. Онҳо новобаста аз шуур, ирода ва хоҳиши одамон вуҷуд доранд. Инсон қодир нест, ки садди роҳи қонунҳои объективӣ гардад. Аммо ӯ қудрати дониста гирифтани қонунҳоро дорад, фаъолияташро ба онҳо мувофиқ мегардонад ва онҳоро самаранок истифода мебарад.

Қонунҳо аз рӯи ҳаҷму амалашон гуногун буда, ба се гурӯҳ — махсус, умумӣ ва умумитарин тақсим мешаванд.

Қонунҳое, ки робитаҳои муҳиму муайяни соҳаи маҳдуди воқеиятро инъикос мекунанд, қонунҳои махсус ном доранд. Мисол: қонунҳои биологӣ, ки онҳо фақат ба организмҳои зинда хос мебошанд ва таҳаввулоти аз олами ғайризинда пайдо шудани олами зиндаро ифода мекунанд.

Қонунҳое, ки амалу ҳолати онҳо гурӯҳи калони ходисаҳоро фаро мегиранд, қонунҳои умумӣ номида мешаванд. Мисол: қонуни бақо ва табдили энергия, нақши ҳалкунанда ё муайянкунанда доштани тарзи истеҳсолоти неъматҳои моддӣ дар ҳаёти ҷомеа қонунҳои умумӣ мебошанд.

Қонунҳои умумитарин гуфта, қонунҳоеро мегӯянд, ки амалу ҳолати онҳо тамоми ҳодисоти табиат, ҷомеа ва тафаккурро фаро мегирад. Қонунҳои диалектика аз қабили қонунҳои умумитаринанд.

**Қонуни гузаштани тағйироти миқдорӣ ба тағйироти сифатӣ ва баръакс**. Қонуни мазкур исбот менамояд, ки ҳодисаҳои олам аз хосиятҳои миқдорӣ ва сифатӣ иборат буда, дар як шакл абадӣ нестанд. Дар рафти инкишоф, ҳодисаҳои олам тағйир меёбанд, шакли худро дигар мекунанд. Инкишофи ҳодисаҳо бо роҳи гузариши тағйироти миқдорӣ ба сифатӣ ва баръакс ба вуҷуд меояд.

Азбаски қонунҳои диалектика бо ёрии категорияҳои он баррасӣ мешаванд, зарур аст, ки ба категорияҳои «хосият», «сифат», «миқдор», «андоза», «ҷаҳиш» шинос шавем, то ки ба равиши

қонуни гузариши тағйироти миқдорӣ ба тағйироти сифатӣ ва баръакс сарфаҳм равем.

«Хосият» ҷиҳати фарккунандаи ходисаҳои олами объективӣ мебошад. Хосият дар асоси ба ҳам таъсиррасонии объектҳо, дар аснои таъсири мутақобилаи объект ва субъект ва дар натиҷаи муқоисаи субъективии объектҳо дарк карда мешавад. Хосияти ходисаҳо метавонанд бо ёрии узвҳои ҳис ва ё берун аз он эҳсос шаванд. Масалан, хосияти ҷисмҳои моддӣ бо ёрии узвҳои ҳиссии инсон дарк карда мешаванд. Аммо хосияти воқеияти иҷтимоию маънавӣ бо ёрии тафаккури абстрактӣ муайян карда мешаванд.

Ҳамин тариқ, «хосият» тарзи зуҳурот, ҷиҳати муайяни як объект нисбат ба объекти дигар мебошад.

«Сифат» муайянии дохилии предмету ҳодисаҳо ва маҷмӯи нишонаҳои онҳо мебошад. Тавассути хосиятҳои сифатӣ ҳодисаҳо аз якдигар фарқ мекунанд. Масалан, дастгоҳ як олоти истеҳсолӣ аст. Он ҳамчун аносир рангу шакли муайян дошта, аз оҳан ё худ чӯян сохта шудааст. Дастгоҳ дорои хосиятҳои зиёди сифатӣ мебошад. Аммо сифати асосии дастгоҳ подоши қобили корӣ будани он аст.

Ҳар як ҳодиса ва предмет ғайр аз сифат дорои хосиятҳои миқдорӣ низ мебошад. «Миқдор» чунин муайянии предметест, ки адади хосиятҳои ба он хос, адади қисмҳо, ҷузъи таркибӣ, ҳаҷм, сатҳи афзоиш ва ҷиҳатҳои дигарро ифода мекунад. Ҳар як предмет ё ҳодисаи олами воқеӣ хурд ё калон, дароз ё кӯтоҳ, бисёр ё кам, тезҳаракат ё сустҳаракат, вазнин ё сабук мешаванд, ки тамоми хосиятҳои мазкур дар мафҳуми миқдор ифода меёбанд. Муайянии миқдор дар адад ифода мегардад, яъне адад дар шаклҳои мухталиф зоҳир гардида, муайянии миқдории предмет ва ҳодисаро ифода менамояд. Масалан, организми зинда аз миқдори муайяни ҳуҷайра, ҳар як унсури кимиёвӣ аз вазни атомӣ, ҳар як молекула аз миқдори муайяни атомҳо иборатанд. Дар истеҳсолот агар муносибатҳои истеҳсолӣ хосияти сифатии тарзи истеҳсолот бошад, пас қувваҳои истеҳсолкунанда хосияти миқдории онанд.

Миқдор ва сифат ба ҳам пайвастанд. Сифат дар миқдори муайян вуҷуд дорад, вале миқдор сифатро муайян менамояд.

Робитаи ботинии байни миқдор ва сифат андоза аст. Андоза мафҳумест, ки ягонагии сифату миқдорро нигоҳ медорад. Андоза

сарҳади дар як миқори муайян вуҷуд доштани сифат аст. Масалан, андозаи моеии об дар шароити фишори мӯътадили ҳаво аз 0°С то 100°С аст. Агар ҳарорат аз 0° паст шавад, об ях мекунад ва агар аз 100°С баланд шавад, об ба буғ мубаддал мегардад. Ях ва буғ об нестанд. Ҳам ях ва ҳам буғ дорои хосиятҳои сифатӣ ва миқдории хеш мебошанд.

Пас гузариши тағйироти миқдорӣ ба сифатӣ чист? Тағйироти миқдорӣ ногузир ба тағйироти сифатӣ бурда мерасонад. Ин чунин маъно дорад, ки ходисаҳо аввал аз ҷиҳати миқдор тағйир меёбанд, вале дар рафти тағйироти миқдорӣ лаҳзае ба амал меояд, ки ногузир ба тағйироти сифатӣ бурда мерасонад. Раванди тағйироти миқдорӣ ва сифатӣ барои он ба вуҷуд меояд, ки миқдор ва сифат бо ҳам дар ягонагӣ буда, дар робитаи диалектикианд. Яъне сифатро миқдор муайян мекунад. Ё худ сифат дар миқдори муайян сифат аст. Дар ҳолате, ки миқдор тағйир меёбад, ногузир ба сифат таъсир мерасонад ва боиси тағйироти он мегардад. Масалан, дар ҳаёти иқтисодии ҷомеа қувваҳои истеҳсолкунанда миқдор ва муносибатҳои истеҳсолӣ сифати онанд. Муносибатҳои истеҳсолӣ аз қувваҳои истеҳсолкунанда вобастаанд. Барои он ки як тарзи истеҳсолот ба тарзи нисбатан пешқадами истеҳсолот иваз карда шавад, ногузир аввал тағйироти қувваҳои истеҳсолкунанда — (миқдор), сипас тағйири муносибатҳои истеҳсолӣ — (сифат) ба вуҷуд меояд.

Тағйироти сифатӣ аз рӯи вақт ба амал меояд, ки бо ёрии мафҳуми ҷаҳиш ифода карда мешавад. Ҷаҳиш — раванди аз як ҳолати сифатӣ ба ҳолати дигари сифатӣ гузаштани ходисаҳои оламро ифода менамояд. Масалан, тағйироти миқдорӣ, ки боиси аз ҳолати моеъ ба ях ё худ ба буғ мубаддал гардидани об мегардад худ исботи ҳамин далел аст.

Ҷаҳишҳо вобаста ба шароит, давомнокӣ ва суръатнокиашон ба ҷаҳишҳои кӯтоҳмуддат (таркишмонанд) ва дарозмуддат (тадриҷӣ) тақсим мешаванд. Ҷаҳишҳое, ки бо суръати ниҳоят тез ба амал меоянд, «ҷаҳишҳои таркишмонанд» номида мешаванд. Инқилоби иҷтимоӣ аз қабили чунин як ҷаҳиш дар ҳаёти ҷомеа аст. Ҷаҳишҳое, ки тадриҷан ба амал меоянд, «ҷаҳишҳои дарозмуддат» номида мешаванд. Ислоҳот дар инкишофи ҷомеа мисоли чунин як ҷаҳиши дарозмуддат (тадриҷӣ) аст.

**Қонуни ягонагӣ ва муборизаи ба ҳам зидҳо**. Сабаби асосии гузариши тағйироти миқдорӣ ба сифатӣ қонуни ягонагӣ ва муборизаи ба ҳам зидҳо мебошад. Қонуни мазкур имконият медиҳад, ки манбаъ, сарчашмаи худҳаракаткунӣ, навъҳои инкишофи тамоми мавҷудоти олами воқеӣ ошкор карда шаванд. Қонуни ягонагӣ ва муборизаи ба ҳам зидҳо зиддиятҳоро хоси ҳамаи ҳодисаҳои олами объективӣ медонад. Инкишофи тамоми ҳодисаҳои олам аз мавҷудият ва ҳалли зиддиятҳо вобаста аст. Масалан, асоси инкишофи ҷомеаро зиддиятҳои қувваҳои истеҳсолкунанда ва муносибатҳои истеҳсолӣ ташкил медиҳанд.

Барои он ки ба мазмуни қонуни ягонагӣ ва муборизаи ба ҳам зидҳо дуруст сарфаҳм равем, мо бояд мафҳумҳои «айният», «фарқият», «баҳамзидҳо» ва «зиддиятро» донем. Зеро қонуни ягонагӣ ва муборизаи ба ҳам зидҳо бо ёрии ин категорияҳо ифода меёбад.

Пас «айният» чист? Тамоми предметҳои олам, ҳодисаҳои ҷомеа ва равандҳои тафаккур аз ягон ҷиҳат ба ҳамдигар монанд мешаванд. Яъне ҳодисаҳои олам, хоҳ дар табиат бошанд ва хоҳ дар ҷомеа, такроршавандаанд. Маҳз такроршавандагӣ, айнияти онҳоро ифода мекунад. Масалан, баландшавии ҳарорат ҳаҷми ҳамаи газҳоро васеъ мекунад, ки айнияти онҳоро нишон медиҳад. Пас айният мафҳуми фалсафиест, ки айнан ба худ баробар ва як хел будани ягон ҳодиса, предмет ё монандии якчанд ҳодиса, предметҳоро дар олами объективӣ ифода мекунад.

Айният ҳама вақт нисбӣ аст. Зеро дар байни ҳодисаҳои олами воқеъӣ аз ягон ҷиҳат фарқият ҳукмрон аст. Фарқият маҷмӯи хосиятҳои ҳодиса ва предметҳое мебошанд, ки онҳо устувор ва такрорнашаванда буда, маҳз ба предмету ҳодисаҳои ҷудогона мансубанд. Маҳз устуворӣ ва такроршавандагии хосиятҳои муайян тафовути як ҳодисаро аз ҳодисаи дигар, як предметро аз предмети дигар ташкил медиҳад. Масалан, ҳамаи одамон, ки дорои хосиятҳои сифатии одамианд ба ҳамдигар айният доранд. Лекин аз ягон ҷиҳат-қад, синну сол, рангу рӯй, ақлу заковат ва ғайраҳо аз якдигар фарқ мекунанд. Ҳамин тариқ, фарқият категорияи фалсафиест, ки хосияҳои устувор ва такрорнашавандаи ҳодисаҳо ва предметҳоро ифода менамояд.

Тафовути ходисаҳо ва предметҳо оҳиста-оҳиста ғун шуда, ба таззод ё худ ба тарафҳои ба ҳам зид мубаддал мегарданд. Баҳамзидҳо тарафҳои мухталифи предмету ходисаҳо ё ҷиҳатҳои зиддиякдигарии предмету ходисаҳои ҷудогона буда, якдигарро истисно мекунанд. Мисол, хайр ва шарр, торикӣ ва рӯшноӣ, гармӣ ва хунукӣ, манфӣ ва мусбат, қутби шимолӣ ва қутби ҷанубӣ, калон ва хурд ва ғайраҳо.

Тарафҳои ба ҳам зидди ҳодисаву предметҳо ба ҳамдигар таъсир мерасонанд ва бе якдигар вуҷуд дошта наметавонанд. Маҳз робитаи диалектикии ҳодисаҳои олами объективӣ зиддияти онҳоро ба вуҷуд меорад. Пас зиддият навъи муайяни таъсири мутақобилаи тараф, хосият, тамоюлҳои мухталифу таззоди таркиби ин ё он система, ё байни системаҳо, раванди задухӯрди кӯшишу нерӯҳои муқобил мебошад. Масалан, қутби шимолии оҳанраборо аз қутби ҷанубии он ҷудо кардан мумкин нест. Ҳар кадоми қутби оҳанрабо бо тавассути якдигар вуҷуд дорад. Аммо қутби шимолии оҳанрабо бо қутби ҷанубии он дар зиддият аст.

Муносибати тарафҳои ба ҳам зид тадриҷан тезу тунд мешаванд ва нисбати якдигар тоқатнопазир мегарданд. Дар натиҷа зарурати ҳалли зиддиятҳо пеш меояд, ки вобаста ба он ҳарду ҷиҳатҳои ба ҳам зид барҳам мехӯранд. Ҳодисаи кӯҳна аз байн рафта дар асоси он ҳодисаи нав ташаккул меёбад. Ҳамин тариқ раванди мазкур беохир такрор шуда, инкишофи оламро таъмин менамояд.

Зиддиятҳо аз рӯи мақом ва моҳияти худ аз якдигар фарқ мекунанд. Зиддиятҳо ба зиддиятҳои ботинӣ ва зоҳирӣ, асосӣ ва ғайриасосӣ, оштинопазир ва мусолиҳатомез ва ғайра тақсим мешаванд.

Робитаи мутақобилаи тарафҳои зидди ҳамдигарии дохилии предмету ҳодисаҳои ҷудогона зиддияти ботинии предмету ҳодисаҳои мазкур буда, табъи ҳодиса ё предметро чун ҳодисаи муайян ифода менамояд. Мисол, зиддиятҳои иқтисодӣ, иҷтимоию сиёсии дохилии ин ва ё он давлат.

Таъсири мутақобилаи тарафҳои ба ҳам зидди байни системаҳои муайян зиддияти зоҳирии системаҳо буда, вазъи онҳоро нисбати якдигар ифода менамояд. Мисол, зиддияти байни ҷомеа ва табиат, организм ва муҳит.

Раванди инкишофро зиддиятҳои ботинӣ муайян мекунанд. Аммо зиддиятҳои зоҳирӣ мустақилияти нисбӣ доранд. Онҳо метавонанд ё суръати инкишофро тезонанд, ё садди роҳи он шаванд.

Дар баробари зиддиятҳои ботинӣ ва зоҳирӣ дар раванди инкишоф мақоми зиддиятҳои асосӣ ва ғайриасосӣ калон аст. Зиддиятҳое, ки дар раванди инкишоф, ё худ ҳангоми аз байн рафтани унсури кӯҳна ба вуҷуд омадани чизи нав мақоми ҷалбкунанда доранд, зиддиятҳои асосӣ мебошанд. Масалан, бартараф кардани хавфи ҷанги термоядроӣ, ё ки зиддиятҳои экологӣ. Ин навъи зиддиятҳо дар тақдири инсоният ва инкишофи минбаъдаи олам аҳамияти калон дорад.

Зиддиятҳои ғайриасосӣ зиддиятҳое мебошанд, ки дар раванди инкишоф, ё худ ҳангоми дар чизи кӯҳна ташаккул ёфтани чизи нав нақши ҳалкунанда надоранд. Масалан, зиддияти байни наслҳо дар ҷомеа аз қабили зиддиятҳои ғайриасосӣ мебошанд.

Дар таркиботи гуногуни иҷтимоӣ зиддиятҳои асосӣ метавонанд дар шакли оштинопазир, ё баръакс, мусолиҳатомез зоҳир шаванд. Зиддияти байни муносибатҳои истеҳсолӣ ва қувваҳои истеҳсолкунанда ба сифати зиддияти оштинопазир амал менамоянд.

Зиддиятҳои мусолиҳатомез таъсири мутақобилаи байни гурӯҳҳои иҷтимоӣ, қувваҳо ва тамоюлҳои инкишофи ҷомеа мебошанд, ки онҳо ғайр аз тафовутҳо манфиатҳои ҳаётан муҳим доранд. Хусусияти хоси зиддиятҳои мусолиҳатомез аз он иборатанд, ки онҳо инкишоф ёфта, ногузир ба рақобату низоъи оштинопазир табдил меёбанд.

**Қонуни инкори инкор**. Қонуни дигари диалектика қонуни инкори инкор мебошад. Қонуни мазкур тамоюли асосӣ, шакли пайвастагӣ ва идомотро дар инкишоф муайян мекунад. Дар тамоми ҳодисаҳо муборизаи баҳамзидҳо амал мекунад, ки он боиси инкори чизи кӯҳна ва пайдоиши чизи нав мегардад. Чизи нави пайдошуда, дар навбати худ, дорои тарафҳои ба ҳам зид аст. Зиддияти тарафҳои ба ҳам зид боиси пайдоиши чизи нав мегардад. Ҳамин тариқ, раванди мазкур беохир давом карда, инкишофи диалектикии оламро таъмин менамояд.

Инкор маънои нест шудани чизро надорад. Он раванди аз байн рафтани чизи кӯҳна ва дар асоси он ба вуҷуд омадани

чизи навро таҷассум менамояд. Масалан, ҷавонӣ айёми бачагиро инкор мекунад, камолот инкори айёми ҷавонист, вале камолот дар навбати худ аз тарафи пирӣ инкор мешавад. Чунин инкор инкори диалектикӣ аст, яъне ҳар як ҳодиса аз боқимондаи ҳодисаи кӯҳна, асоси муосир ва нишони ҳодисаи оянда иборат аст. Чунин инкор, хосияти пешқадами инкишофро ифода менамояд.

Инкор тафсири метафизикӣ низ дорад. Метафизикҳо инкор гуфта бо таъсири сабабҳои зоҳирӣ фано шудани чизро мефаҳманд. Дар инкори метафизикӣ раванди худинкишофёбӣ ва худҳаракатнамоии чизҳо вуҷуд надорад. Инкори метафизикӣ нобуд шудани чиз аст. Предмету ҳодисаҳои нав аз рӯи инкори метафизикӣ ба таври хушку холӣ ба вуҷуд меоянд. Ҳамин тариқ, қонунҳои диалектика дорои аҳамияти калони назариявӣ ва амалиянд. Онҳо асоси дарки дурусти пешрафти табиату ҷомеа мебошанд. Қонунҳои диалектика одамонро ҳушдор месозанд, ки ҳодисаҳои ҷомеаро бо тарзу усули мушаххасу таърихӣ дар алоқамандӣ бо тамоми ҳодисаҳои дигар омӯхта, онҳоро дар фаъолияти амалии хеш истифода баранд.

**Категорияҳои диалектика**. Қонунҳои диалектика бо ёрии категорияҳо баррасӣ мешаванд. Категорияҳои диалектика ба се гурӯҳ тақсим мешаванд. Категория ин шакли инъикос дар маърифати қонунҳои универсалии олами объективӣ мебошанд. Категорияҳои диалектикӣ ба се гурӯҳ тақсим мешаванд. Ба гурӯҳи якум, категорияҳое дохиланд, ки ба масъалаи асосии фалсафа ва ду ҷиҳати он иртибот доранд. Ин категорияҳо материя, шуур, ҳастӣ, тафаккур, ҳаракат, фазо, вақт ва ғайра мебошанд.

Ба гурӯҳи дуюм категорияҳое дохил мешаванд, ки бо ёрии онҳо қонунҳои диалектика ифода меёбанд. Аз ҷумла, сифат, миқдор, хосият, андоза, ҷаҳиш, айният, фарқият, баҳамзидҳо, зиддиятҳо, инкор ва ғайра.

Гурӯҳи сеюмро категорияҳои ҷуфт ташкил медиҳанд: ҷузъ ва кулл, сабаб ва натиҷа, зарурат ва тасодуф, имконият ва воқеият, мазмун ва шакл, моҳият ва зуҳурот.

**Ҷузъ ва кулл**. Ҳар як ҳодиса хусусиятҳое дорад, ки танҳо ба худаш хос аст. Ду предмети якхеларо ёфтан мумкин нест. Ҳатто монандтарин ҳодисаҳо аз ягон ҷиҳат аз якдигар фарқ мекунанд.

Хусусиятҳои нотакрор ва устувори ходисаҳову предметҳо бо ёрии категорияи ҷузъ ифода карда мешаванд.

Аз тарафи дигар, предмет ё ҳодисае нест, ки бо предмету ҳодисаҳои дигар хусусиятҳои умумӣ надошта бошад. Маҷмӯи хусусиятҳои умумӣ ва такроршавандагии ҳодисаҳо ва предметҳо умумияти куллии онҳоро нишон медиҳад. Масалан, одамон дар баробари нодир ва нотакрории ҷисмонию рӯҳонии худ ҷиҳатҳои умумие доранд, ки ба ҳама хос буда, мафҳуми умумии «одам»-ро ифода мекунад. Пас, кулл такрор шудани ҷузъ аст.

Категорияҳои ҷузъ ва кулл байни худ робитаи диалектикӣ доранд. Ҷузъ танҳо дар кулл ва ба воситаи кулл ифода меёбад. Масалан, мафҳуми «одам» ҳамон умумиятест, ки ҳамаи одамонро сарфи назар аз хусусиятҳои инфиродиашон ба ҳам мепайвандад. Аммо одами мафҳум ё худ умумӣ вуҷуд надорад. Дар асл одамон мушаххас ҳастанд, ки дар худ ягонагии ҳам ҷузъ ва ҳам куллро таҷассум менамоянд.

**Сабаб ва натиҷа**. Дар байни ҳодиса ва предметҳои олам робитаҳои куллие ҳастанд, ки нақши генетикии ҳодисаҳоро иҷро мекунанд. Яъне дар шароити мусоид боиси пайдоиши ҳодисаҳои дигар мегарданд. Чунин робитаҳо робитаҳои сабабӣ ном доранд. Пас, робитаҳои куллие, ки дар шароити мусоид боиси пайдоиши робитаҳои нав мегарданд, робитаҳои сабабӣ номида мешаванд. Аммо робитаҳое, ки бо таъсири робитаҳои сабабӣ ба вуҷуд меоянд, робитаҳои натиҷавианд.

Мисол, робитаҳои куллии зиддияти қувваҳо ва гурӯҳҳои мухталифи иҷтимоӣ дар ҷомеа боиси пайдоиш ва инкишофи давлат гардид. Дар ин мисол, робитаи куллии байни қавмҳо ва гурӯҳҳои мухталифи иҷтимоӣ сабаб аст, зеро вай пайдоиш ва инкишофи давлатро ба вуҷуд меоварад. Аз тарафи дигар, пайдоиш ва инкишофи давлат натиҷаи робитаи куллии қавмҳо ва гурӯҳҳои мухталифи иҷтимоӣ аст.

Донистани сабаб ва натиҷа барои фаҳмиши амиқи ҳодисаҳои ҷомеа, дарки қонунҳои инкишоф ва пешбинии ҳодисаҳо имконият медиҳад. Масалан, ҳар як сабаб дар ҳаёти ҷомеа боиси ба амал омадани натиҷаҳои гуногун шуда метавонад. Аз дигар тараф, ҳар як ҳодиса метавонад сабабҳои мухталиф дошта бошад. Яъне ҳар

як сабаб натиҷа дорад ва ҳар як ҳодиса аз сабабҳо иборат аст. Пас сабаб ва натиҷа дар ягонагианд.

Барои он ки сабаб бо натиҷа анҷом ёбад, баҳона шарт ва зарур аст. Баҳона чунин ҳодисаест, ки пеш аз натиҷа ба вуҷуд меояд, вале натиҷаро ба вуҷуд намеорад, балки омили пайдоиши натиҷа мегардад. Баҳона ва сабаб робита доранд, вале он робитаи асосӣ нест. Масалан, барои аз байн рафтани собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ балвои августӣ (с. 1991) баҳона буд, ки дар натиҷа Иттиҳоди Шӯравӣ аз байн рафт. Сабабҳои аз байн рафтани он дар зиддиятҳои дохилии собиқ Давлати Шӯравӣ буд.

**Зарурат ва тасодуф**. Зарурат ва тасодуф низ таҷассумгари робитаҳои объективии ҳодисоти олам мебошанд. Зарурат навъи қонунии робитаи ҳодисот аст, ки аз асоси устувори ботинӣ ва маҷмӯи шартҳои пайдоиш, мавҷудият ва инкишофашон муайян мешаванд. Азбаски зарурат навъи қонунии робитаи ҳодисот ва қонун ҷиҳати умумию муҳими ҳодисаҳоро ифода менамояд, зарурат робитаи муҳим аст. Пас тасодуф чист? Тасодуф чунин навъи робита аст, ки ба сабабҳои дуюминдараҷаи зоҳирӣ вобаста аст. Аслан, робитаҳои тасодуфӣ ноустуворанд. Тасодуф робитаи ғайриҷашмдошту туфайлии ҳамон чизест, ки дар ҳар ҳолат рух додан ё надоданаш мумкин аст.

Зарурат ва тасодуф робитаи диалектикӣ доранд. Дар шароити мӯътадил зарурат ба тасодуф ва тасодуф ба зарурат мубаддал мегардад. Масалан, дар тарзи истеҳсолоти общинаи ибтидоӣ хоҷагии натуралӣ ҳукмрон буд. Ҳар як хоҷагӣ худро аз воситаҳои асосии зиндагӣ таъмин мекард, яъне ҳар чӣ, ки дар дохили хоҷагӣ тавлид меёфт, аз тарафи община истеъмол карда мешуд. Дар чунин шароит пайдоиши муомилоти молӣ ҳодисаи тасодуфӣ буд. Аммо вобаста ба тақвияти воситаҳои истеҳсолот, афзудани ҳосилнокии меҳнат ва тавлиди маҳсулоти изофа ва дар ҳамин асос вобаста ба пайдоиши моликияти хусусӣ муомилоти молӣ ва пулӣ зарурати ҳаёт шуда монд. Чунин аст диалектикаи табдили зарурат ва тасодуф.

**Имконият ва воқеият**. Ҳодисаҳо ва предметҳои олами объективӣ абадӣ нестанд. Онҳо доимо дар инкишоф буда, яке ҷои дигарро ишғол менамоянд ва дар навбати худ ҷои хешро ба ҳодисаи нав медиҳанд. Пас, ҳар он чӣ ки мавҷуд аст, сазовори марг

аст. Марг ҳукми аз як ҳолати сифатӣ ба ҳолати дигари сифатӣ гузаштани ҳодисот аст.

Ҳар як ҳодиса вақте ташаккул меёбад, ки барои пайдоиши он шароити мусоид вуҷуд дошта бошад. Маҷмӯи ин шароитҳо имконияти пайдоиши ҳодиса мебошанд. Пас, имконият ин тамоюл ё аниқтараш тамоюли ҳоло ниҳони воқеияти нақд аст. Имконият ҳодисаест, ки дар айни ҳол мавҷуд нест, барои пайдо шудани он шароити муайян муҳайёст. Масалан, дар шароити муносибатҳои хоҷагии нақшавии сотсиалистӣ пайдоиши моликияти хусусӣ аз имкон берун буд, зеро барои пайдоиши моликияти хусусӣ заминаи ҳуқуқӣ мавҷуд набуд. Имконияти пайдоиши моликияти хусусӣ тавассути тараққиёти иқтисоди бозаргонӣ ба миён омад.

Воқеияти ҷараёни офариниши чизи нав, ҳастии он, яъне ҷамъбасти эҷодии амали қувваҳои реалии олам мебошад. Табиат, ҷомеа, биосфера, маданият, тамаддун, ташкилотҳои сиёсӣ, илмӣ, фарҳангӣ ва ғайра мисоли воқеиятанд.

Имконият ва воқеият бо якдигар робитаи диалектикӣ доранд. Аз ҳамин сабаб онҳоро аз якдигар ҷудо кардан мумкин нест. Чунки ҳар як имконият воқеиятро ба вуҷуд меорад. Дар навбати худ, имконият ва воқеиятро омехтан мумкин нест, Чунки ҳар як имконият воқеиятро ба вуҷуд меорад. Дар навбати худ, имконият ва воқеиятро омехтан мумкин нест, чунки на ҳар имконият ба воқеият мубаддал мешавад. Ҳамон имконияте ба воқеият мубаддал мегардад, ки он эҳтимолияти воқеӣ дошта бошад. Пас эҳтимолият чист? Эҳтимолият меъёри имконияти объективӣ, сатҳи амалӣ шудани ҳодисаи муайян аст.

**Мазмун ва шакл**. Ҳар як ҳодиса ва предмет аз маҷмӯи хосияту робитаҳои ботинӣ ва зоҳирӣ иборат аст, ки тавассути онҳо айният ва тафовут доранд. Мазмун — маҷмӯи чунин хислатҳо, хосияту робитаҳое мебошад, ки ба предмет ё ҳодисаи ҷудогона хос аст. Пас мазмун бо худи том айният доштани ҳамаи унсуру ҷиҳатҳои том аст: ин таркиби муайяни сифатӣ, ҳам тавсиф, фаъолияти ҳамаи унсурони объект, ваҳдати хосиятҳои он, равандҳо, робита, зиддиятҳо ва тамоюлоти инкишофи он аст. Масалан, тарзи истеҳсолотро робитаи унсурҳои қувваҳои истеҳсолкунанда ва муносибатҳои истеҳсолӣ ташкил медиҳад. Ё худ мазмуни асари

санъатро реалияти объективие, ки ба воситаи образи бадеӣ ифода ёфтааст, ташкил медиҳад.

Шакли предметҳо ва ҳодисаҳоро робитаи мутақобилаи байни унсурҳои он ташкил медиҳад. Масалан, шакли асари санъатро композитсия, сюжет ва забони он ифода мекунад.

Мазмун ва шакл ба ҳам алоқаи ногусастанӣ доранд. Мазмун шаклро муайян мекунад. Аммо шакл мустақилияти нисбӣ дорад. Дар раванди инкишоф мазмун нақши халкунанда мебозад. Тағйир ёфтани мазмун тадриҷан боиси тағйир ёфтани шакл мегардад.

**Моҳият ва зуҳурот**. Ҳангоми шинос шудан бо ягон предмет, пеш аз ҳама нишонаҳои зоҳирии он: ранг, ҳаҷм, бӯй ва ғайра ба назар мерасанд. Сипас, ба туфайли омӯзиш хусусиятҳои амиқтарини предметҳоро фаҳмида, моҳият ва вазифаи онро дониста мегирем.

Ҳар як ҳодиса ё предмет ҳамчун зуҳурот,дар маҷмӯи нишонаҳои зоҳирӣ арзи вуҷуд мекунад ва дар як вақт дорои моҳият аст. Моҳият хосиятҳои асосии предметро муайян мекунад. Масалан, себ ҳамчун предмет аз нишонаҳои муайяни зоҳирӣ ва хусусиятҳои таъмӣ иборат аст.

Байни моҳият ва зуҳурот садде нест. Моҳият ҳамчун асоси дохилӣ ва нисбатан устувори предметҳо ва ҳодисаҳо ба воситаи зуҳурот ошкор мегардад. Зуҳурот бошад, ошкор гардидани моҳият аст.

Ҳамин тариқ, гуногунрангӣ ва алоқамандии ҳодисаҳои олами объективӣ аз одамон дониста гирифтани қонуну категорияҳои диалектикиро собитқадамона талаб мекунанд. Ин ҷиҳат барои он зарур аст, ки одамон бевосита дар робитаи диалектикӣ бо ҳодисаҳо ва предметҳои олам мебошанд ва барои онҳо аз аҳамият холӣ нест, ки дар олам кадом равандҳо рух медиҳанд. Донистани қонуну категорияҳои диалектикӣ барои он ногузиранд, ки одамон тавонанд дар як вақт худро бо табиат ва зиёда аз ин табиатро ба худ мувофиқ гардонанд, неъматҳои моддӣ истеҳсол намоянд, талаботи хешро қонеъ гардонанд, оламро дониста гиранд.

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО.

1. Диалектика ва метафизика гуфта чиро мефаҳмем? 2. Қонун чист? Мафҳуми қонунро маънидод намоед. 3. Хусусиятҳои қонунҳои диалектика

аз чӣ иборатанд? 4. Категорияҳои диалектикиро таснифот намуда, амалу ҳолати онҳоро дар табиат ва ҷомеа муайян намоед?. 5. Ҷаро қонуни ягонагӣ ва муборизаи ба ҳам зидҳо ҷавҳари диалектика аст?.

## § 9. ФАҲМИШИ ФАЛСАФИИ ИНСОН

**Мафҳуми инсон**. Инсон дорои хислат ва хосиятҳои бепоён аст. Он мавриди тадқиқи соҳаҳои гуногуни илм қарор гирифтааст. Ҳар як сохаи илм тарафҳои гуногуни ҳаёт ва фаъолияти инсонро меомӯзад. Масалан, антропология, физиология ва анатомия инсонро аз ҷиҳати муайяноти табиии он, ҳамчун таркиботи анатомию морфологӣ ва генетикӣ меомӯзанд. Равоншиносӣ бошад таҳаввули равандҳои равонии инсон, ягонагии хосиятҳои сифатии онро дар робита бо ҳодисаҳои физиологӣ тадқиқ менамояд.

Аз замонҳои қадим масъалаи инсон дар маркази диққати ҷомеашиносон қарор гирифтааст. Онҳо инсонро аз нигоҳи ягонагии табиӣ ва иҷтимоӣ меомӯзанд ва ба саволҳои мафҳуми инсон, ҳастии он дар даҳр, моҳият, мақсад ва таъиноти он ҷавоб меҷӯянд.

Мафҳуми инсон чист? Масъалаи мазкур дар ҳар давру замон бо роҳу усулҳои гуногун маънидод гардидааст. Дар фалсафаи дунёи қадим инсон чун микрокосмос, зарраи хурди кайҳонӣ маънидод шудааст. Дар тасаввуроти мутафаккирони атиқа инсон ва худо дорои хосиятҳои якхелаанд. Аз ин рӯ, ҳар он чӣ ки онҳо ба худоҳо мансуб донистаанд, инъикоси ҷаҳони ботинӣ ва зоҳирии инсон аст. Ба ибораи Пратагор «Инсон ченаки ҳамаи чизҳост».

Дар фалсафаи насронӣ одам мавҷудоте дониста мешавад, ки барандаи ду мабдаи таззоднок — рӯҳ ва ҷисм, ҳамчун сарвати олӣ ва асил аст. Яъне инсон дар маънои ваҳдати ҷисму рӯҳ, ба сифати мавҷудоти байни ҳайвоноту фариштагон маънидод шудааст.

Дар асрҳои миёна инсон фиристодаи олами дигар, олами осмонӣ ҳисобида мешавад. Инсон ба маънои ваҳдати тану (ҷисму) нафс (ҷон), яъне намунаи ҷаҳони офариниш ва пазирандаи олами ҳастист. Инсон ҳамчун олами сағир дар вуҷуди худ буду шуди олами кабирро дарёфта, ифодагари олами кабиру сағир аст.

Дар фалсафаи Замони нав инсон ба сифати мавҷудияти ҳиссӣ - ҷисмонӣ, ҳиссӣ - биологӣ шинохта шудааст. Ду ҷиҳат: 1) он чӣ

ки табиатан вуҷуд дорад; 2) он чӣ ки моҳиятан ташаккул меёбад, фарқ карда мешавад. Бори аввал фарзияи биологӣ ва иҷтимоии ташаккули инсонро ба оламиён муаррифӣ намудаанд.

Аз назари фалсафаи муосир «инсон зинаи олии организмҳои зинда дар рӯи Замин, субъекти фаъолияти ҷамъиятӣ, таърихӣ ва маданӣ мебошад». Инсон маҳсули маҷмӯи муносибатҳои ҷамъиятӣ ва танзимгари муносибатҳои табиату ҷомеа мебошад. Мафҳуми «инсон» ифодаи ибтидоии одам аст, ки тамоми хосиятҳои аз ҳайвон фарқкунандаи онро инъикос менамояд.

Мафҳуми «инсон» таҷассуми кулл ва умумии инсонро ҳамчун мавҷудоти башарӣ ва субъекти раванди таърихӣ меомӯзад. Омӯзиши масъалаи инсон дар фалсафа хусусиятҳои худро дорад, ки аз тарзҳои ҳаллу фасли масъала дар биология, психология, анатомия, педагогика ва дигар соҳаҳои илм ба куллӣ фарқ дорад.

**Моҳияти инсон.** Инсон пеш аз ҳама мавҷудоти иҷтимоӣ аст, зеро моҳияти инсон ниҳоят гуногунҷабҳа буда, ҳам хираду ирода, ҳам хислату эҳсосот, ҳам меҳнату маишат ва ғайраҳоро фаро мегирад, ки ҳамаи онҳо дар раванди ҳаёти ҷамъиятии одамон ташаккул меёбанд. Моҳияти инсон мавҳуми ба фарди ҷудогона хосе нест. Дар воқеият моҳияти вай маҷмӯи муносибатҳои ҷамъиятист. Ҳаёти ҷамъиятии одамон хосияти амалӣ дошта, дар чор шакл: амалию истеҳсолӣ, ҷамъиятию таърихӣ, илмию озмоишӣ ва техникию технологӣ ҷараён мегирад. Тамоми фарзияҳои пештара нисбати моҳияти инсон як камбудии ҷиддӣ доштаанд. Онҳо ба ҳодисаю падидаҳо муносибати ғайри таърихӣ доштанд. Ҷомеашиносии пешин фаҳмида натавонист, ки муҳити ҷамъиятӣ (шароити таърихӣ) маҳсули фаъолияти амалию ҷамъиятии одамон аст. Дар ниҳояти кор одамон худашон низ маҳсули инкишофи муҳити иҷтимоӣ мебошанд. Истеҳсолот аломати муайянкунандаи ҳаёти ҷамъиятист. Истеҳсоли неъматҳои моддӣ аз нутқ ва тафаккури одамон азалтар аст ва шоҳроҳи таҳаввули моҳияти инсонро муайян месозад.

Инсон аз бисёр ҷиҳатҳо ба ҳайвон шабоҳат дорад. Аммо тавассути меҳнат ва хусусиятҳои сифатии хеш аз қабили шуур ва забонаш аз ҳайвон фарқ мекунад. Агар ҳайвон фақат майли ба табиат мутобиқ шудан дошта бошад, инсон мавҷудотест, ки

дар як вакт ба табиат мутобиқ шуда ва ҳамоно табиатро ба худ мутобиқ месозад. Яъне аз як табиат табиати нав, табиати ба худ мусоид меофарад. Тафаккури хешро дар раванди фаъолияти ҷамъиятию меҳнатӣ тақвият мебахшад. Аз ин хотир, фалсафаи муосир дар ҳалли масъалаи инсон, ташаккулу инкишофи он нақши меҳнатро аз ҳама боло мегузорад, яъне меҳнат инсонро офаридааст. Тавассути меҳнат инсон олатҳои меҳнат офарида, онро ба органҳои хеш пайваста, нерӯҳои ҷисмонӣ ва рӯҳониро такмил дода, ба табиат таъсир расонида, неъматҳои моддӣ офарида, талаботашро қонеъ гардонид.

Дар натиҷаи меҳнат инсон бо қомати рост мегаштагӣ шуд, ки оқибат дастони ӯ озод ва вазифаҳояш дигаргун гаштаанд. Аз воситаи роҳ гаштан ба воситаи сохтани олатҳои меҳнат табдил ёфт, ки тадриҷан сабабгори одамшавии тамоми ҳиссиётҳои он гардид. Дар натиҷа дасти инсон на ин ки олати меҳнат, балки ба маҳсули меҳнат табдил ёфт. Меҳнат дар ибтидо хосияти инфиродӣ дошт. Аммо тадриҷан хосияти дастҷамъӣ гирифта, ба табиат муқовимат карданро омӯхт. Оҷизӣ дар назди табиат одамонро маҷбур сохт, ки муттаҳид шаванд, якҷоя зиндагӣ кунанд, ба меҳнаташон хосияти ҷамъиятӣ бахшанд.

Меҳнати дастҷамъӣ ва ҳаёти ҷамоавӣ боиси пайдоиши забону нутқ гардид, ки онҳо ба воситаи муошироти одамон табдил ёфтанд. Акнун одамон тавассути забон муносибати байни қабилаву авлодҳо, маҳаллаҳо, муносибати байни табиату ҷомеаро ба танзим меандохтанд. Аз таҷриба, дониш, малака ва маҳорати якдигар бохабар гашта, додугирифти молӣ ва пулиро ёд гирифтанд.

Аз тарафи дигар, забон воситаи ташаккули маданияту маънавӣ гардид. Ахлоқ ба вуҷуд омад. Ахлоқ ва меъёрҳои ахлоқӣ дар ташаккули минбаъдаи инсон нақши беҳамто гузоштанд.

Ҷомеа «одам»-ро аз олами ҳайвонот ҷудо карда, фарқияти инсонро аз ҳайвонот муқаррар намуд. Тавассути ахлоқ аз мавҷудоти иҷтимоӣ ба мавҷудоти иҷтимоию ахлоқӣ табдил ёфт.

Ахлоқ тадриҷан тарзи меҳнату ҳамзистии дастҷамъиро пурра таъмин намуд. Олотҳои меҳнат ба таври дастҷамъӣ сохта шуда, мавриди истифода қарор гирифтанд, ки боиси фаровонии неъматҳои моддӣ гардиданд. Дар натиҷа арзишҳое пайдо шуданд,

ки инсон барои ифодаи онҳо аз бисёр ҳолатҳои худпарастӣ маҷбуран бегона шуд. Дар ҳамин асос муносибатҳои ҷамъиятии одамон ташаккул ёфта, ҷаҳони маънавии онҳо такмил гардид. Аз ин рӯ, моҳияти инсон мушахассан таърихист, яъне мазмунан инъикоси тарзи иҷтимоии ҳаёти он аст. Шахсияти таърихӣ аз шароити иҷтимоию маданӣ ва маданию маишӣ вобаста буда, инъикоси субъективии давр аст.

Мо одамро аз ду ҷиҳат-ҷиҳати табиӣ (биологӣ) ва иҷтимоӣ (ҷамъиятӣ) дида мебароем. Инсон дар ниҳояти кор аз ягонагии табиӣ (биологӣ) ва иҷтимоӣ (ҷамъиятӣ) иборат аст. Ба ҷиҳати табиии (биологӣ) инсон мазмун, хосияти морфо — физиологӣ, генетикӣ, инчунин равандҳои дигари организми инсон дохиланд.

Одам дар навбати худ мавҷудоти иҷтимоӣ (ҷамъиятӣ) аст. Тамоми сифатҳои маънавии инсон, ки дар зери қонунҳои ҷомеа ташаккул меёбанд, ҷиҳати иҷтимоии онро ташкил медиҳанд.

Хосиятҳои ботинии инсон, ки моҳият ва мазмуни одамро ташкил медиҳанд, хосияти иҷтимоию таърихӣ доранд ва ҷиҳати иҷтимоии инсонро ташкил медиҳанд.

Хосиятҳои иҷтимоӣ ва биологии инсон дар ягонагӣ буда, ду тарафи як чизро мемонанд, ки тавассути якдигар вуҷуд доранд. Яъне ҷисм ва рӯҳ ду хосияти тақсимнопазири инсон аст. Одам ҳамчун организми зинда ба табиат алоқаманд буда, дар доираи қонунҳои он амал мекунад, вале хосияти рӯҳонии инсон аз ҳастии ҷамъиятӣ, аз падидаҳои ҷомеа вобаста аст. Вақте ки табиати иҷтимоии инсонро ташхис мекунем, пеш аз ҳама шахсият дар назар аст ва аз хосиятҳои биологии он муваққатан сарфи назар менамоем. Мутазаккирем, ки мафҳуми инсон ва шахс як чиз нестанд. Инсон ҳамчун шахс таваллуд намешавад. Шахсият дар рафти фаъолияти ҷамъиятию таърихӣ ташаккул меёбад. Мафҳуми шахс тавсифоти моҳиятӣ, иҷтимоию таърихии инсон буда, дар амалияи истеҳсолӣ, ҷамъиятию таърихӣ, илмию экспериментали — озмоишӣ ва фаъолияти техникию технологӣ ташаккул меёбад. Аз ин ҷиҳат шахс ифодаи моҳиятии инсон аст.

Мафҳуми шахс бо ёрии мафҳуми фард кушода мешавад. Фард ифодаи ба худ хос, аслӣ ва такрорнашаванда буда, махсусияти ҳар як шахс, қобилият, ҳиссиёт ва махсусиятҳои дигаре, ки инсон дар доираи он ташаккул ёфтааст, мебошад.

Ҳамин тариқ, одам ваҳдати хосиятҳои биологӣ ва иҷтимоӣ мебошад, ки онҳо аз ду унсур: аз унсури табиӣ ва иҷтимоӣ иборат аст. Ҳар кадоми ин унсурҳо дар танҳоӣ одамро ба маънии томаш ифода карда наметавонанд. Аз ин рӯ онҳо дар робитаи диалектикианд, якдигарро пурра месозанд.

### САВОЛ ВА СУПОРИШҲО.

1. Кадом илмҳо ба омӯзиши инсон машғуланд? 2. Фаҳмиши фалсафии инсон аз фаҳмиши илмҳои дигар чӣ фарқ дорад? 3. Мафҳуми инсонро шарҳ диҳед. 4. Моҳияти инсон чӣ тавр зуҳур меёбад? 5. Мақом ва мартабаи меҳнат, забон ва ахлоқро дар инкишофи моҳият ва хусусиятҳои инсон муайян намоед.

## § 10. АМАЛИЯ ВА ХОСИЯТҲОИ ОН.

**Мафҳуми амалия**. Инсон мавҷудоти фаъол аст. Таъсири ашёҳо ва ҳодисаҳои олами атрофро инъикос намуда, ба табиат таъсир расонида, ба он шаклу мазмуни ҷамъиятӣ мебахшад, талаботи моддию маънавии хешро аз ягон ҷиҳат қонеъ мегардонад. Фаъолияти ҳиссию предметӣ ва маънавию назариявии одамон, ки раванди бошуурона, мақсаднок ва эҷодкорона аст, фаъолияти амалии онҳоро ташкил медиҳад. **Пас, амалия — ин фаъолияти моддӣ, ҳиссию предметӣ, маънавию назариявии бошуурона, мақсаднок ва эҷодкоронаи одамон аст, ки мазмуни он аз бар кардан ва дигаргун сохтани объектҳои табиию иҷтимоӣ буда, он асос, мақсад, меъёр ва қувваи муҳаррики ҷомеа ва маърифати инсонӣ аст.** Фаъолияти амалии инсон равандест, ки дар рафти он инсон меҳудро ба табиат ва табиатро ба худ моил сохта, табиати нав меофарад, қобилияти ҷисмонию маънавии хешро ташаккул медиҳад, ба тараққиёти ҷомеа мувофиқ мегардонад. Аз ин рӯ, фаъолияти амалии инсон чӣ аз ҷиҳати мазмун ва чӣ аз ҷиҳати шакл хислати ҷамъиятӣ дорад. Сохтани аввалин олатҳои меҳнат, истифодаи оташ ва истеъмоли хӯроки гӯштӣ, ҳаёти муқимӣ, пайдоиши шикорчигӣ, чорводорӣ, кишоварзӣ, ҳунармандию косибӣ, пайдоиши забон, санъат, меъёрҳои муайяни ахлоқӣ, ҳуқуқӣ, сиёсӣ ва ғайра хосияти ҷамъиятии фаъолияти амалии инсон аст.

Фаъолияти амалии инсон хосиятҳои зеринро доро аст.

а) Дар раванди фаъолияти амалӣ инсон бо ёрии олатҳо ё воситаҳои сунъӣ, ки дар навбати худ маҳсули боз ҳамон фаъолияти амалии одамон аст, ба табиат таъсир расонида дар он дигаргунии ҷиддӣ ба вуҷуд меорад, ки онро робитаи субъект ва объект меноманд.

б) Дар рафти ба табиат таъсир расонидан ва ба он дохил намудани дигаргунии куллӣ, раванди муоширати байни одамон пайдо мешавад. Дар натиҷа одамон аз таҷриба, малака ва маҳорати якдигар нерӯи ақлиашонро ғанӣ мегардонанд, ки онро робитаи субъект бо субъект меноманд.

в) Дар натиҷаи робитаи субъект бо объект маҷмӯи меъёрҳо ва арзишҳо дар шакли образҳои шуур ба вуҷуд меоянд, ки ба фаъолияти амалии одамон хосияти мақсаднок ва эҷодкоронаро ҷамъ менамоянд.

Фаъолияти амалии одамон нисбати маърифати онҳо мақоми зайлро соҳиб аст. Якум, амалия асос ва қувваи такони дониш аст. Нахустин кӯшишҳои инсон баҳри дониста гирифтани ҳодисаҳо ва равандҳои олам дар рафти инкишофи қобилияти амалии он сурат мегирад. Таърихи илму фарҳанг исботи он аст, ки кашфиёт ва маърифати илмӣ дар асоси бемайлон тақвият ёфтани фаъолияти амалии инсон ба вуҷуд меоянд.

Дуюм, фаъолияти амалии инсон максади маърифати он аст. Дониш ба одамон барои он зарур аст, ки дар рафти фаъолияти амалиашон сармашқи амал қарор диҳанд. Яъне маърифати назариявии инсон ҳамон вақт воқеӣ мегардад, ки агар дар ҳаёт инъикос ёбанд. Одамон донишро на барои дониш, балки бо мақсади қонеъ гардонидани талаботи моддӣ ва маънавиашон меомӯзанд. Ин чунин маъно дорад, ки одамон донишро бо мақсади ба табиат таъсир расонидан, дигаргун сохтани он, истеҳсоли неъматои моддӣ ва тақвияти ҷаҳони ҷисмонию маънавии худ истифода бурдан аз бар мекунанд.

Сеюм, фаъолияти амалӣ меъёри ҳаққонияти дониши инсон аст. Ба саволи оё дониш ба воқеияти реалӣ мувофиқ аст, фақат амалия метавонад ҷавоб гӯяд. Аз ин рӯ, фақат ҳамон донише метавонад даъвои ҳақиқат ва арзи вуҷуд кунад, ки агар аз мизони амалия гузашта бошад. Пас амалия мизони маърифат, ҳадди ниҳоии материя ва шуур аст.

Фаъолияти назариявӣ ва амалии инсон бо ҳам алоқаи ногусастанӣ дошта, асосан дар ягонагианд. Бинобар ин фаъолияти амалии одамонро ба фаъолияти назариявии онҳо муқобил гузошта, нақши якеро баланд ва дигаравшро паст задан маънӣ надорад. Фаъолияти амалии инсон тавассути фаъолияти назариявии он амалӣ аст ва баръакс, фаъолияти назариявии инсон тавассути фаъолияти амалии он назариявӣ аст. Фаъолияти амалии инсон раванди мураккабест, ки ҳангоми он инсон бо нерӯи ҳиссию зеҳнии худ, олами воқеӣ бошад бо тамоми мураккабиву гуногунрангии хеш ширкат меварзанд. Аз ҳамин сабаб, таркиби амалия мураккаб буда, аз унсурҳои объекти амалия ва субъекти амалия иборат аст.

Субъекти фаъолияти амалии инсон худи одамон бо қобилияту фаъолияти мақсаднокашон мебошанд, ки асоси амалияро ташкил медиҳанд. Объекти амалия бошад, маводи ибтидоӣ ё худ ашёст, ки аз ашёи ибтидоӣ бо ёрии фаъолияти одамон гирифта мешавад. Худи мафҳуми объект — маънои чиз, предмет, муқобил гузоштан, яъне чизест, ки ба субъекти муқобил гузошта мешавад. Бояд иқрор шуд, ки вазифаи объекти амалияро на олами воқеӣ, балки худи инсон, ки қисми таркибии олами воқеист метавонад ичро намояд. Агар дар раванди фаъолияти амалии инсон табиат дигаргун сохта шавад ва муносибатҳои ҷамъиятӣ офарида шаванд, дар зери таъсири он инсон ҳамчун субъекти амалия рушду камол меёбад. Бинобар ин хосиятҳои объективӣ ва субъективии амалия моҳиятан ягона буда, аз назари диалектикӣ зич алоқамананданд.

**Шаклҳои фаъолияти амалии инсон**. Фаъолияти амалии инсон шаклҳои гуногун дорад. Яке аз чунин шакли умда ва заруриро фаъолияти истеҳсолӣ ташкил менамояд, ки асоси тақвияти ҷаҳони ботинию зоҳирии инсон аст.

Дар раванди фаъолияти истеҳсолӣ одамон бо ёрии олатҳои меҳнат, ки меъёри фаъолияти ҳиссию зеҳнии онҳо шинохта мешаванд, ба предметҳои меҳнат таъсири бевосита мерасонанд. Предметҳои меҳнатро такмил медиҳанд, ба онҳо симо ва хислати инсонӣ ва ҷамъиятӣ мебахшанд. Талаботи хешро аз ин ё он ҷиҳат қонеъ мегардонанд. Як зумра муносибатҳои ҷамъиятиро меофаранд, ки санги маҳаки тамоми ҷабҳаҳои дигари ҷомеа, аз ҷумла тақвиятдиҳандаи нерӯи ботинӣ ва зоҳирии одамон мебо-

шад. Фаъолияти истеҳсолии одамон боиси комил гаштани ҷомеаи инсонӣ гардид. Ҷомеаи инсониро аз ҳолати ғайр берун кашид.

Шакли дигари фаъолияти амалии инсонро фаъолияти ҷамъиятиюттаърихӣ ташкил медиҳад. Он раванди мақсаднок, бошууронa ва эҷодкоронаест, ки дар натиҷаи он одамон метавонанд ба муносибатҳои ҷамъиятӣ фаъолона таъсир расонанд. Фаъолияте, ки бо мақсади такмили муносибатҳои ҷамъиятию таърихӣ, аз қабили инқилоби иҷтимоӣ, мубориза ҳои озодихоҳии миллӣ, раъйпурсиҳои умумӣ ва интихобот, иштирок дар набардҳои ҳифзи истиқлоли ватан, дар бунёди ҷомеаи демократӣ равона карда шудааст, фаъолияти амалии иҷтимоию таърихии одамон мебошад.

Дар байни шаклҳои фаъолияти амалии инсон фаъолияти илмию озмоишӣ мақоми махсус дорад. Он барои дониста гирифтани воқеият воситаи муҳим аст. Инсон дар рафти фаъолияти илмию озмоишиаш ҳодисаҳоро пешбинӣ менамояд, равандҳои иҷтимоӣ ва истеҳсолиро суръат мебахшад. Шакли мазкури фаъолият то андозае инкишоф ёфтааст, ки қудрати пешбинии ҳодисаю падидаҳои даҳсолаҳои ояндаро дорад. Инсон акнун бо объектҳое робита дорад, ки аз Замин фарсаххо дуранд. Таҳлилу таркиби донишҳо дар бораи объектҳои мазкур тақозо менамоянд, ки озмоиши амалии донишҳо дар шароити лабораторӣ ба амал бароварда шавад. Дар хусуси ҳақ будани донишҳо ё бардурӯғӣ ё иштибоҳияти он хулоса намоянд.

Таҷриба нишон медиҳад, ки нақши фаъолияти амалию техникӣ дар инкишофи ҷомеа калон аст. Мафҳуми «техника» аз забони юнонӣ гирифта шуда, ба мафҳумҳои «санъат», «малака», «маҳорат» ҳаммаъно мебошад ва ба ду мазмун фаҳмида мешавад. Якум, техника ин маҷмӯи механизм, дастгоҳ, мошину воситаҳои нақлиётӣ, ки дар рафти фаъолияти бошууронаи ҷамъиятии одамон бо мақсади тараққиёти истеҳсолот ва қонеъ гардонидани талаботи моддӣ ва маънавии худ офарида шудааст, мебошад. Дуюм, техника ба мафҳумҳои малака, маҳорат, таҷриба, ки дар рафти фаъолияти ҷамъиятию таърихии одамон ҳосил гардидаанд, ҳаммаъно мебошад.

Фаъолияти техникӣ, дар шароити инқилоби илмию техникӣ зиддиятнок ва мураккаб аст. Инсонро ба робитаи куллӣ бо олами

воқей, бо объектҳои муайяни табиӣ мутобиқ месозад. Хосиятҳои физикӣ, психологии инсонро ба инобат гирифта, техникаро дар хизмати инсон мегузорад. Бисёр вазифаҳоеро, ки дар ибтидои фаъолияти техникӣ инсон худаш ичро мекард, акнун ба техника вомегузорад. Техника ва технология ба нерӯи ҷисмонӣ ва зеҳнии инсон, ба унсури асосии қувваҳои истеҳсолкунанда табдил ёфтааст. Инсон барои ба ҳаракат даровардани техника навъҳои гуногуни қувва — қувваи шамол, об, офтоб, нерӯи гармӣ, қувваи баркро истифода мебарад. Фаъолияти техникии инсон рӯз то рӯз васеъ шуда, дар таркиби фаъолияти амалии инсон мақоми хоссаро соҳиб мегардад.

### САВОЛ ВА СУПОРИШҲО.

1. Амалия чӣ маъно дорад? Оё Шумо фаъолияти амалии инсонро таъриф дода метавонед? 2. Мақом ва нақши фаъолияти амалии инсонро маънидод намоед? 3. Чаро амалия асос, мақсад ва меъёри маърифати инсон аст? 4. Шаклҳои фаъолияти амалии инсонро муайян намуда, мазмуну моҳияти онро шарҳ диҳед.

## § 11. ШУУР ВА ХОСИЯТҲОИ ОН

**Мафҳуми шуур**. Масъалаи шуур, пайдоиш ва моҳияти он масъалаи пурасрор аст. Асрҳост, ки дар атрофи он мутафаккирон баҳсу мунозира доранд. Материалистон бар он ақидаанд, ки шуур хосияти ибтидоии материя буда, дар зинаи таърихан муайяни инкишоф ба вуҷуд омадааст. Идеалистон бошанд, даъво мекунанд, ки шуур ҷавҳари маънавист, новобаста аз материя ва берун аз он вуҷуд дорад. Дуализм бошад исбот карданӣ мешавад, ки шуур ва материя баробар, новобаста аз якдигар вуҷуд дошта, асоси оламро ташкил медиҳанд. Қариб ҳамаи равияҳои фалсафӣ ба як маҳдудияти ҷиддӣ роҳ додаанд. Онҳо ду принсипи асосӣ: функсияи мағзи сар будани шуур ва инъикоси субъективии олами объективӣ будани онро ба инобат нагирифтаанд.

Фалсафаи муосир тамоми кашфиёти илмҳои табиатшиносӣ ва ҷомеашиносиро ҷамъбаст намуда, исбот мекунад, ки шуур фаъолияти олии ба одамон хос ва бо нутқ марбути вазифаи мағзи сар, инъикоси субъективии ҳодисаю равандҳои олами объективӣ

мебошад. Ин чунин маъно дорад, ки инсон аз як тараф ба унсурҳои олам таъсир мерасонад, аз тарафи дигар ба таъсири ҳодисаҳои олами моддӣ ҷавоб медиҳад. Ҳодиса ва унсурҳои оламро дар шакли ахбор, фикр, ғоя инъикос ва нусхабардорӣ мекунад. Аз ин хотир, шуур, сурат, нусха ва инъикоси олами моддӣ, вале моддӣ нест, балки идеалӣ ҳаст. Шуур танҳо образ, нусха ва сурати дар майна инъикосшудаи олами моддӣ дар шаклҳои эҳсос, идрок, тасаввурот, мафҳум, ҳукм ва хулосабарорӣ аст.

**Инъикос хосияти умумии материя**. Инъикос хосияти умумии материя буда, дар такрори аломату нишона ва муносибатҳои объекти инъикосшаванда зоҳир мегардад. Инъикос дар табиати ғайриорганикӣ, олами наботот, ҳайвонот ва ҷомеаи инсонӣ дар шаклҳои мухталиф вуҷуд дорад. Дар олами ғайризинда дар рафти ба ҳамтаъсиррасонии ҳодисаҳо онҳо нақши худро дар якдигар мегузоранд. Аммо таъсири ҳодисаи инъикосшаванда барои ҳодисаи инъикоскунанда роҳбаладии фаъолият шуда наметавонад. Мисол офтоб бо нурҳои худ ба санг таъсир мерасонад, онро гарм менамояд. Вале самти ҳаракати сангро муайян карда наметавонад. Зеро таъсири офтоб ба санг хосияти ахборӣ дорад.

**Шакли ибтидоии инъикоси олами зинда мутаассиршавӣ аст.** Мутаассиршавӣ ҳамчун хосияти соддатарини ҳаёт ба ҳамаи унсурҳои олами органикӣ хос аст. Мутаассиршавӣ чунин шакли инъикоси олами зинда аст, ки ба туфайли он организми зинда ба таъсири муҳити беруна ҷавоб мегардонад, яъне ангезиши организм ба вуҷуд меояд. Мисол, ба самти офтоб нигаридани гули офтобпараст, ё ба муҳит мутобиқ шудани ҳайвонот.

Шакли минбаъдаи инъикоси организмҳои зинда ҳиссиёт аст. Агар мутаассиршавӣ ба олами растаниҳо хос бошад, ҳиссиёт ба олами ҳайвонот ва инсон хос аст. Ҳиссиёт хосиятест, ки бо ёрии он организмҳо таъсири ҳодисотро дар шакли эҳсосот инъикос менамоянд. Масалан, баъзе аз паррандагону ҳайвоноти хонагӣ обхезӣ, тӯфон ва заминҷунбӣ барин ҳодисаҳои табиатро пешакӣ ҳис мекунанд, беқарор мешаванд, ки аз сатҳи баланди инъикоси ҳиссии онҳо дарак медиҳад.

Шуур хосияти материяи олиташкил — майнаи сари инсон аст. Инъикоси ҳиссӣ ба системаи марказии асаб вобаста аст. Системаи марказии асаб тамоми фаъолияти зиндаи организмро

аз як марказ, ки он мағзи сар аст, идора карда, танзим менамояд. Майнаи сар материяи олиташкил, органи олитарини инъикоси субъективии олами объективӣ аст.

Мағзи сари инсон системаи томи мураккаб ва пурасрор аст. Системаи мазкур тамоми фаъолияти органҳои инсонро, алалхусус рафтору кирдори онро ба танзим меандозад. Кашфиётҳои муосири илмҳои одамшиносӣ шаҳодат медиҳанд, ки асоси фаъолияти психикии инсонро рефлексҳои шартӣ ва ғайришартӣ ташкил медиҳанд. Агар ба органҳои ҳиссии инсон ягон объекти беруна таъсир расонад, бо ёрии системаи асаб ба майна бо сигналҳои биоэлектрикӣ хабар дода мешавад. Сигналҳои биоэлектрикӣ дар майнаи инсон як қатор табаддулотҳои мураккаби физикию кимиёвиро ба вуҷуд меоранд, ки дар натиҷаи он таъсири мутақобилаи организмҳо ба вуҷуд меояд. Яъне майнаи сари инсон пас аз бо ёрии системаи асаб расидани сигналҳои биоэлектрикӣ вобаста ба равандҳои ботинии организм бо объекти таъсиркунанда ҷавоби ба мақсад мувофиқ мегардонад. Мисол, агар ба ангушти инсон сӯзан занем, тез дасташро мекашад. Ин раванди рефлекси ғайришартӣ ё худ ғариза (инстинктӣ) ном дорад. Рефлекси ғайришартӣ чунин шакли муқаррарии ба муҳит алоқа кардани организм мебошад, ки дар рафти инкишофи томи организм ба вуҷуд омада, аз як насл ба насли дигар мегузарад.

Дар асоси рефлексҳои ғайришартӣ рефлексҳои шартӣ ба вуҷуд меоянд. Рефлекси шартӣ ифодаи робитаи организм ба муҳит аст. Мисол, аз хӯрдани олучаи турш даҳони одам об мекушояд, қиёфааш ҷиддӣ мегардад. Ҳангоме, ки мегӯем, тасаввур кунед, шумо олучаи турш хӯрда истодаед: даҳони шахси шунаванда ҳатман об мекушояд. Зеро ҳуҷайраҳои асаб, ки қабулкунандаи нутқ мебошад, ба марказн ғизоӣ сигнал медиҳад. Аз ин ба воситаи асабҳо сигнал ба ғадудҳои оби даҳон ва мушакҳои қиёфа меравад. Ин раванд, албатта дар одаме рух медиҳад, ки агар таъми олучаро дар хотир дошта бошад. Ин рефлекси шартӣ аст. Маълум аст, ки мағзи сари инсон аз ду нимкура — нимкураи чап ва рост иборат аст. Ҳар кадоми ин ду нимкураи мағзи сар вазифаи худро дорад. Нимкураи рости мағзи сар ахбороти ҳисси олами воқеӣ — эҳсоси садо, бӯй, лаззат, образҳоро ҷамъ намуда, дар шакли хотир нигоҳ медорад. Дар хотири нимкураи чап бошад, усулҳо ва меъёрҳои

фаъолияти инсон нигоҳ дошта мешаванд. Ин мисолҳо аз он дарак медиҳанд, ки шуур функсияи материяи олиташкили мағзи сари инсон аст.

Шуур табиати моддӣ ва маънавӣ дорад. Ба табиати моддии шуур равандҳои физиологӣ, биофизиологӣ, биоэлектрикӣ, биокимиёвии майна ва объектҳои моддие, ки берун аз инсон ва новобаста аз он вуҷуд дорад, вале дар майна инъикос мегардад дохил мешавад. Ҳатто оддитарин эҳсос, ҳиссу нияти инсон натиҷаи равандҳои асабию физиологӣ, таъсири объективии олами воқеӣ аст.

Ҷиҳати маънавии шуурро инъикоси воқеияти объективӣ ташкил медиҳад. Сурати воқеияти объективӣ, ки дар инсон инъикос мешавад, ғоявию идеалӣ буда, табиати маънавии шуурро ташкил медиҳад. Ҷиҳати маънавии шуур ба маънои физикию физиологии ибора вуҷуд надорад. Аммо фикру идеяҳо воқеиянд. Масалан, олами ботинии инсон шуури фардист, маданияти маънавии он ҳодисаҳои идеалианд, вале вуҷуд доранд.

Табиати моддӣ ва маънавӣ доштани шуур ҳеҷ гоҳ маънои дар майна омехта шудани ҳодиса ва осори онро надорад. Вақте, ки мо предметро мебинем, дар майнаи мо на предмет асту на осори ҷисмонии он, балки нусха ва сурати он дода мешавад, ки идеалист. Яъне табиати маънавии шуур ҳамон табиати моддии он аст, ки дар майнаи инсон инъикос шудааст.

Табиатшиносон ва файласуфони асри XIX немис Фохт, Бюхнер, Молешотт ҷиҳати моддӣ ва маънавии шуурро омехта карда, онҳоро айнан як чиз мешумориданд. Аз ин ҷост, ки онҳоро материалистони дағал (вулгарӣ) ном мебаранд. Ба фикри онҳо чӣ тавре, ки ҷигар аз худ талха ҷудо мекунад, айнан ҳамон тавр, майнаи сар низ аз худ фикр ҷудо мекунад. Дар ин ҷо материалистони вулгарӣ асоси моддӣ ва идеявии шуурро омехта карда, фарқияти куллии онҳоро ба назар намегирифтаанд. Онҳо пайхас карда натавонистанд, ки асоси моддии шуур воқеияти объективӣ, вале асоси маънавии он воқеъоти субъективист. Ин чунин маънӣ дорад, ки шуур ба инсон чун ба субъект тааллуқ дорад на ба олами объективӣ. Эҳсос, ҳисс, фикру идеяи бесоҳиб, умуман вуҷуд надорад. Ҳама гуна идея, эҳсосу ҳиссиёт хоси одами муайян аст. Бе мавҷудияти ҳодиса ва предмети муайян инъикоси субъективии

он низ вуҷуд надорад. Пас, тарафҳои моддӣ ва маънавии шуур дар ягонагӣ аст. Дар фалсафаи муосир ба ҳам муқобил гузоштани материя ва шуур аслан дастгирӣ намеёбад.

**Сохтори шуур.** Сохти шуур системаи томест, ки аз унсурҳои мухталиф иборат аст. Дар таркиби шуур унсурҳои дарк намудани воқеият ва таассурот нақши калон мебозанд. Дарки воқеият дар шаклҳои мухталиф зуҳур мегардад. Масалан: дарки муқаррарӣ, илмӣ, эстетикӣ, динӣ ва ғ. Ба замми он зинаҳои муайяни шуури ҳиссӣ ва зеҳнӣ — эҳсос, идрок, тасаввурот, мафҳум, ҳукм, хулосабарорӣ низ аз дарки воқеият вобаста аст.

Муносибати ташхис ва воқеияти инъикосро таассурот мегӯянд. Таассурот ҳамеша пас аз дарк кардани воқеият ҳосил мешавад.

Унсури дигари шуур диққат аст. Тавассути мутамарказонидани диққат воқеият дарк карда мешавад ва дар бораи он таассурот ҳосил мегардад. Таассуроти ҳосилшуда фақат аз ақида, идея ва ахборот дар бораи олам иборат нест, балки як олам эҳсосоти зиёдеро низ фаро мегирад. Масалан, дар бисёр ҳолатҳо таассуроти ҳосилшуда инсонро маҷбур месозад, ки битарсад, дӯст дорад, бигиряд, ханда кунад, адоват дошта бошад. Пас таассурот ваҳдати ду чиз — муносибат ба таъсири вазъияти беруна — лаззат, шодӣ, ғам ва авзоъ ё ҳолати рӯҳӣ — хурсандӣ, хашм, даҳшат, ноумедӣ ва ғайраҳо аст.

Шуурро воқеияти даркшаванда муайян кунад ҳам он нисбати воқеият фаъол аст. Яъне хосияти эҷодӣ дорад. Инсон таъсири олами воқеиро дарк намуда, дар робита ба олам ҳиссиётҳои худро ба танзим медарорад, назорат мекунад. Вай худро чун инсон дарк менамояд, меомӯзад ва мешиносад.

Вақте, ки инсон «Ман»-и худро аз хеш озод мекунад, яъне тамоми ҳиссиётҳои худро ба танзим медарорад ва дар ҳамин асос муносибати худро ба олами воқеӣ муайян месозад, тамоми фаъолияти он хислати бошуурона, мақсаднок ва эҷодкорона мегирад. Шахс мақсад мегузорад, дар бораи фаъолияташ андеша меронад, сипас амал мекунад. Ҳама гуна фаъолияти одамӣ мақсаднок буда, ба хотири воқеиятро ба худ мувофиқ гардонидан бахшида шудааст ва фаъолияти бошуурона аст.

Баръакс, дар зиндагӣ ҳолатҳое ҳам мешавад, ки одам беихтиёрона, бе дарки воқеият, яъне бешуурона рафтор мекунад. Масалан, ҳангоми эҷод кардани чизе, чунон ба фикр ғӯта мезанед, ки қалами дар даст бударо соатҳо ҷустуҷӯй мекунед. Ё калимаю ибораҳоеро истифода мебарад, ки худаш бехабар мемонад.

Фаъолияти бешууронаи инсон ду навъ мебошад: а) рафтору кирдоре, ки инсон дар робита ба воқеият ҳеҷ вақт дарк накардааст; б) рафтору кирдоре, ки пештар дарк шудааст ва бо сабаби аз ҳад зиёд такрор шуданаш хосияти механикӣ гирифтааст. Масалан, бисёр амалиёти одамон, ки ҳангоми ташаккулашон зери назорати шуур аст, вале азбаски бисёр такрор шуда, хосияти механикӣ гирифтааст, баъзан ба таври бешуурона содир шудан мегиранд.

**Мартабаи забон дар инкишофи шуур**. Дар рафти ҳаёти ҷамъиятии одамон вобаста ба пайдоишу инкишофи шуур забон ҳамчун воситаи муоширату баёни фикри одамон пайдо шуда, ташаккул ёфтааст. Бо ёрии забон дар байни одамон муомилоти фикрӣ ба вуҷуд омад, ки барои мафҳумгардонии хосияту ҷиҳатҳои фарқкунандаи воқеият ва ҳосил шудани образу идеяҳои он мусоидат мекунад.

Забон монанди шуур қадима буда, дар асоси пайдоиши талабот ба муошироти байни одамон ташаккул ёфтааст. Забон ва шуур дар ваҳдатанд. Моҳияти забон нисбат ба шуур дар ду вазифаи он зоҳир мегардад. Якум, забон воситаи муошират аст. Дуюм, забон олати тафаккур аст. Вақте, ки мегӯем, забон воситаи муошират аст, онро дар назар дорем, ки фаъолияти забони инсон раванди муошират, мубодилаи афкор, эҳсос, орзу, мақсаду ният ва ғайра аст, ки асоси робитаи одаму оламро ташкил медиҳад. Воситаи мубодилаи афкор будани забон аз ду раванди ба ҳам алоқаманд дарак медиҳад. Аввал, таассуроти худро ифода кардани шахси гӯянда ва дуюм, он таассуротро дарк кардану фаҳмидани шахси шунаванда. Фикру эҳсоси инсон шаклҳои гуногуни ифодакунӣ дорад. Масалан, фикру эҳсоси рассом дар нақшу рангҳо, фикру эҳсоси ҳайкалтарош дар шаклу мазмуни муҷассамаҳо.

Тафаккур бо забон алоқаи зич дорад. Барои ифодаи фикр, ё худ барои шарҳи ҳодисаи ҳисшуда инсон мафҳумро истифода мебарад. Агар барои ифодаи фикр мафҳумҳо нарасанд ё пайдо нашаванд, пас фикр низ норавшан аст. Бо мафҳумҳо ифода кардани

фикр боиси васеъшавии тафаккури инсон мегардад. Масалан, дар хонаи худ зиндагӣ карда истода, аз радио ва телевизион дар бораи ҳодисаҳои мухталифи олам маълумот мегирем. Агарчи дар раванди он ҳодисаҳо иштирок накунем ҳам, муносибати хешро ба он муайян месозем. Саволе ба миён меояд, ки ягонагии забон ва тафаккур аз чӣ иборат аст? Гап дар сари он аст, ки тафаккури абстрактӣ дар раванди фаъолияти меҳнатии муштараки одамон ба вуҷуд омадааст. Дар раванди алоқаи меҳнатӣ, одамон ба мубодила, таҷриба ва донишҳои ғункардаи якдигар эҳтиёҷ пайдо мекунанд. Дар натиҷа он нутқи саҳеҳ, яъне забон ба вуҷуд меояд, ки вай воситаи алоқа, воситаи бо суханҳо мустаҳкам кардани он донишҳоест, ки одамон дар бораи воқеияти атроф дар рафти фаъолияти ҷамъиятии хеш ҳосил мекунанд.

**Таснифоти шуур**. Дар ҷомеашиносии муосир шаклҳои мухталифи таснифи (классификатсия) шуур дида мешавад. Масалан: а) шуури инфиродӣ; б) шуури муқаррарӣ; в) шуури рӯзмарра; г) шуури оммавӣ; д) шуури синфӣ; е) шуури гурӯҳӣ; ё ) шуури ҷамъиятӣ. Шуури ҷамъиятӣ бошад дар навбати худ аз ду дараҷаи асосӣ — психологияи ҷамъиятӣ ва идеологияи ҷамъиятӣ иборат аст. Шуури ҷамъиятӣ инъикоси ҳастии ҷамъият буда, дар шаклҳои гуногун ифода меёбад. Шаклҳои зерини шуури ҷамъиятиро муайян намудан ба мақсад ниҳоят мувофиқ аст. Аз ҷумла: а) шуури таърихӣ; б) шуури сиёсӣ; в) шуури ҳуқуқӣ; г) шуури ахлоқӣ; д) шуури эстетикӣ; е) шуури динӣ; ё) шуури фалсафӣ ва ғайра.

Шуури ҷамъиятӣ инъикоси субъективии ҳастии ҷамъиятӣ аст. Ҳастии ҷамъиятӣ бошад, маҷмӯи муносибатҳои моддиест, ки тамоми фаъолияти ҳаётии одамон дар доираи он ба вуҷуд меояд. Шуури ҷамъиятӣ инъикоси ҳастиест, ки хосияти моддӣ дорад. Ҳастии ҷамъиятӣ бо ёрии тафаккури абстрактӣ ифода карда мешавад. Шуури ҷамъиятӣ, идея, ақида, нормаҳои рафтор, асарҳои маданиеанд, ки дар давоми таърихи инсоният офарида шудаанд. Ҳастии ҷамъиятӣ ва шуури ҷамъиятӣ таносуби ҷиддӣ доранд, на шуури ҷамъиятии одамон ҳастии онҳоро баръакс ҳастии одамон шуури онҳоро муайян месозад. Аз ҳастии ҷамъиятӣ вобаста будани шуури ҷамъиятӣ ҳеҷ гоҳ маънои ғайрифаъол будани шуури ҷамъиятиро надорад. Шуури ҷамъиятӣ нисбати ҳастии ҷамъиятӣ мустақилияти нисбӣ дорад.

Маънои мустақилияти нисбии шуури ҷамъиятӣ дар он аст, ки шуур аз сатҳи инкишофи ҳастии ҷамъиятӣ ақиб монда ё аз он пеш гузашта метавонад.

Ғояҳо, назария, тасаввуротҳо баъди тағйир ёфтани шароити моддии ҳаёти одамон ҳам якчанд вақт боқӣ монда метавонанд, агарчи онҳоро ҳамон шароити моддӣ ба вуҷуд меорад. Дар навбати худ шуури ҷамъиятӣ як навъ пеш гузашта, ояндаро пай бурда, ба пешрафти минбаъдаи ҷомеа роҳ мекушояд.

### САВОЛ ВА СУПОРИШҲО.

1. Шуур чист? Мафҳуми шуурро маънидод намоед. 2. Инъикос чист? Кадом шаклҳои инъикосро медонед? 3. Оё инсон ба воситаи майнаи сар фикр мекунад? Ғаризаҳои шартӣ ва ғайри шартиро фаҳмонед. 4. Сохтори шуур чӣ гуна аст? 5. Забон дар пайдоишу ташаккули шуур чӣ нақш бозидааст? 6. Шаклҳои шуури ҷамъиятиро муайян намоед.

## § 12. НАЗАРИЯИ МАЪРИФАТ.

**Олам маърифатпазир аст**. Маърифат таълимот дар бораи роҳҳо, сарчашмаҳо ва усулҳои инъикоси олам дар шуури инсон аст. Он ҷиҳати дуюми масъалаи асосии фалсафа буда, раванди донисташавандагии оламро дар бар мегирад. Мафҳуми «маърифат» аз забони арабӣ гирифта шуда, маънояш шинохтан, донистан, яъне ҷараёни дарки олам бо ҳиссу хуш (акл) аст. «Назарияи маърифат, табиати маърифати инсон, шаклу қонуниятҳои аз тасаввури сатҳи ашё (ақида) ба дарки мохияти он (дониши ҳақиқӣ) гузаштанро тадқиқ менамояд ва ба ҳамин роҳҳои расидан ба ҳақиқат ва меъёри онро нишон медиҳад».

Донишмандон масъалаи маърифатпазирии оламро дар ҳар давру замон, бо тавру равишҳои мухталиф маънидод намудаанд. Бархе аз онҳо «некбинона» қобилияти маърифатпазирии инсонро эътироф намуда, оламро донисташаванда медонистанд. Гурӯҳи дигар — Лоадрия (агностикҳо) донисташавандагии оламро рад намуда, бар он ақидаанд, ки инсон қодир нест оламро дониста гирад. Аммо гурӯҳи сеюм, ки «шаккокия» (скептитсизм) ном дорад, умуман маърифатпазирии оламро рад намекунад, вале ба саҳеҳияти дониш шубҳа дорад. Дар се самт андеша намудани

файласуфон моҳияти назарияи маърифатро тағйир намедиҳад, балки дар натиҷаи баҳсу талош онро пурра менамояд, зеро маърифат як чизи барҷомонда набуда, моҳиятан диалектикист. Раванди маърифат аз муроқибаи зинда сар мешавад, ба тафаккури абстрактӣ ва аз тафаккури абстрактӣ ба сӯи амалия меравад. Ҳамин аст, роҳи диалектикии инкишофи маърифат.

Аз нигоҳи фалсафаи муосир яке аз вазифаҳои асосии маърифат инъикоси олами объективӣ мебошад. Инъикос дар натиҷаи фаъолияти майнаи сари инсон ва вобаста ба таъсири олами беруна рух медиҳад. Дар натиҷаи эҳсос олами беруна инъикос мешавад, яъне ашёҳои олам дарк мешаванд, дар бораи онҳо маҷмӯи ақидаҳо, тасаввуротҳо ва мафҳумҳо пайдо мешаванд, ки маърифатро ташкил медиҳанд.

**Сохтори маърифат ва унсурҳои он**. Дар раванди инъикос дар мағзи сари инсон образи субъективии ашёҳо ва предмету ҳодисаҳои олами объективӣ ҳосил мешавад. Аз ин ҷо маърифат мазмунан объективӣ буда, шаклан субъективӣ мебошад. Маърифат объект ва субъекти худро дорад. Субъекти маърифат инсони комил бо томияти иҷтимоиаш мебошад. Дар офариниши маърифат ҳар як шахс бо тамоми табъу завқ, манфиати моддӣ ва маънавӣ, хусусияту хислат, феълу хӯ, рафтору кирдор, оқил ё гӯл, боистеъдоду бефарҳанг, бо анъана ва урфу одат иштирок мекунад.

Объекти маърифатро бошад, ҷузъи хастӣ, ки ба доираи эҳсосҳои субъекти маърифат афтодааст ва эҳсос карда мешаванд, ташкил менамояд. Объекти маърифат нисбати субъекти он объективона вуҷуд дошта, дар худ маҷмӯи хосиятҳо ва ғояҳоро пинҳон медорад ва ҳангоми робитаи диалектикӣ бо субъект гуногунрангӣ ва шаҳомати хешро фош месозад.

Объекти маърифат бо субъект ва баръакс субъекти маърифат бо объекти он дар ягонагии диалектикӣ мебошанд. Объекти маърифат тавассути объекти субъекти он объект аст ва баръакс, субъекти маърифат тавассути объекти маърифат субъект аст. Аввалин донистани объект нисбати субъект, ё худ якеро фаъол ва дигареро ғайри фаъол нишон додан аломати маҳдудии фикр аст. Зеро аз нуқтаи назари фаъолият маърифати субъект бидуни объект ва баръакс объект бидуни субъект вуҷуд надоранд.

Ғайр аз объекти маърифат, предмети маърифат низ вуҷуд дорад. Агарчи объекти маърифат бо предмети маърифат, дар аввал ҳаммаъно намоянд ҳам, дар воқеъ аз якдигар фарқ мекунанд. Масалан, объект фақат унсурҳои ҷудогонаи оламро дар бар мегирад, ки мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Предмети маърифат ҷиҳати мушаххаси объектро фаро гирифта диққати субъект бошуурона ва мақсаднок ба он нигаронида шудааст. Масалан, инсон метавонад предмети маърифат бошад, фақат ҳамон вақте ки аз назари илми ҷудогона хосияти мушаххаси вай тадқиқ карда шавад.

Одам субъекти маърифат аст, аммо ӯ метавонад ба сифати объект низ амал намояд. Агар объекти маърифат ин ё он ҳодисаҳои ҷомеа бошад, он аз тарафи субъект офарида ва ташаккул дода мешавад. Инсон дар маърифати иҷтимоӣ ба хеш чун ба мавҷудоти мураккабу фаъоли ҷамъиятӣ сару кор мегирад. Яъне объекти маърифат дар як вақт субъекти фаъолу эҷодкори объекти таърихӣ мебошад.

Маърифати иҷтимоӣ ҳодисаи мураккаб аст. Он бе иштироки одамон ва бидуни усулҳои оммавӣ, анкетагузаронӣ, мушоҳида ва қиёс сурат намегирад. Ё худ дар ҷомеа шояд шахсе ёфт нашавад, ки муносибати иҷтимоӣ ва манфиатҳои моддию маънавӣ надошта бошад. Аз муваффақиятҳои мансубиятии хеш шодком нашавад, аз нокомиҳои худ ғамгину андӯҳзада нагардад ва фаъолияти моддию маънавии худро тағйир надиҳад. Дар чунин ҳолат маърифати иҷтимоӣ мураккаб гашта, аз бисёр ҷиҳат ба садоқати субъекти маърифат ва идеалҳои ҳақиқат вобаста мегардад.

**Таркиби маърифат**. Таркиби маърифат якранг нест. Муроқибаи ҳиссӣ ва тафаккури абстрактӣ ду зинаи ба ҳам пайваста, вале сифатан фарққунандаи маърифатанд.

Масъалаи мақоми ақлу ҳисро дар ҷараёни маърифат мутафаккирон бо роҳу усулҳои гуногун ҳал намудаанд. Бархе аз онҳо дар сароғози маърифат донишҳои ҳиссиро медонанд. Гӯё донишҳои ҳиссӣ сарчашмаи боэътимоди маърифат бошанд. Ҷонибдорони ин равия ба худ номи сенсуалистонро гирифтаанд. Сенсуализм аз калимаи лотинии «sensus» гирифта шуда, маънояш ҳис, эҳсос аст.

Гурӯҳи дигари донишмандон дар назарияи маърифат нақши муайянкунандагиро ба донишҳои таҷрибавӣ медоданд. Равияи мазкур «эмпиризм» номида мешавад. Эмпиризм калимаи юнонӣ буда, он маънои таҷриба, амалияро дорад. Маҳдудияти эмпиризм дар он аст, ки нақши тафаккурро паст зада, таҷрибаро мутлақ мегардонад.

Дар назарияи маърифат таълимоти дигар ратсионализм аст. Ратсионализм — аз забони лотинии «Rationalis» — ақл, хирад, ҳуш гирифта шудааст. Ратсионализм баръаки сенсуализм ва эмпиризм асоси маърифати инсонро дар донишҳои ақлӣ мебинад. Ратсионализм ба ақли инсон, ба қувваи тафаккури мантиқӣ, назариявӣ дар дарки воқеияти объективӣ боварии калон дорад.

Фалсафаи муосир маҳдудияти сенсуализм ва ратсионализмро бартараф намуда, ягонагии донишҳои ҳиссӣ ва ақлиро тақозо менамояд. Донишҳои хиссӣ ва зеҳнӣ сатҳи гуногуни раванди ягонаи маърифатанд. Донишҳои ақлӣ ба маълумоти маърифати ҳиссӣ ва баръакс, маърифати ҳиссӣ ба хулосабарориҳои маърифати зеҳнӣ эҳтиёҷ доранд. Донишҳои ҳиссӣ ва зеҳнӣ якдигарро пурра менамоянд. Муқобилгузории онҳо дар раванди маърифат маҳдудияти фикрро нишон медиҳад.

Донишҳои ҳиссӣ сатҳи ибтидоии раванди маърифат буда, аз се зина иборатанд. Зинаи аввали маърифати ҳиссӣ эҳсос мебошад. Эҳсос ин инъикоси хосияту сифатҳои ҷудогонаи предметҳои олами объективист, ки ба узвҳои ҳис бевосита таъсир мекунанд. Амали оддитарину аз ҷиҳати психологӣ футурравандаи маърифатист. Вобаста ба гуногунии таъсиррасонии объекти маърифат эҳсос гуногун мешавад: зоиқа, босира, ломиса, шомма, сомеа ва ғайра. Дар эҳсос бештар сифати объектҳо инъикос мегарданд. Масалан, сурх, сабз, сафед, ширин, дурушт, мулоим, талх, баланд, паст ва ғайра.

Зинаи дуюми маърифати ҳиссӣ идрок аст. Идрок предметҳои ба узвҳои ҳис бевосита таъсиркунанда, хосияту муносибатҳои онҳоро инъикос менамояд. Идрок зинаи нисбатан баланди маърифати ҳиссӣ буда, аз эҳсос ба куллӣ фарқ дорад. Агар дар эҳсос сифатҳои умумии объектҳо инъикос шавад, дар идрок маҷмӯи хосиятҳои миқдорию сифатии ҳодисаҳо таҷассум мегарданд.

Тасаввурот зинаи болоии маърифати ҳиссӣ буда, маълумот дар бораи объектҳои даркшуда мебошад. Тасаввурот аз таассурот дар бораи объектҳои даркшуда иборат аст. Тасаввурот дар назарияи маърифат пайвасткунандаи маърифати ҳиссӣ ба маърифати зеҳнӣ аст.

Маърифати зеҳнӣ зинаи болоии дониш буда, дар се сатҳ — мафҳум, ҳукм, хулосабарорӣ зоҳир мегардад.

Мафҳум зинаи ибтидоии дониши зеҳнӣ аст, ки дар он хосият, робитаҳои муҳимтарину умдаи ҳодисаҳо, бо зиддияту инкишофашон инъикос меёбанд. Масалан, мафҳуми дарахт: хосияти асосии сифатии ҳамаи дарахтон сарсабзу хуррам будани ҳамаи онҳо аст. Аммо дарахтон бо қаду барг, мевадиҳанда будан ё набудан, худрӯй ё пайвандӣ буданашон аз якдигар фарқ мекунанд, ки мафҳуми «дарахт» ин хосиятҳои муҷаррадро ифода намекунад.

Мафҳум фақат дар ҳукм мазмуни мантиқӣ пайдо мекунад. Ҳукм шакли тафаккур буда, ба воситаи робита ва мафҳум чизеро собит ё инкор менамояд. Масалан, агар гӯем садбарг гул аст, ин муҳокимаест, ки дар бораи гул будани садбарг фикр баён мешавад. Яъне ҳукми садбарг гул аст ҳукми тасдиқӣ аст. Лекин агар гӯем, ки «садбарг гули бебӯй нест» ҳукми инкорӣ мешавад. Дар ҳар ду ҳолат ҳам мафҳумҳо бо ёрии ҳукм ошкор мегарданд. Пас ҳукм аз мафҳумҳо пайдо мешавад ва мафҳумҳо бошанд, бо воситаи ҳукмҳо муайян мегарданд.

Мафҳумҳо ва ҳукм бо ҳам алоқамананд. Ҳукмҳо низ ба якдигар пайвастаанд. Аз робитаи байни ҳукмҳо зинаи нави маърифати зеҳнӣ хулосабарорӣ ба вуҷуд меояд.

Хулосабарорӣ — зинаи маърифати зеҳнӣ аст, ки робита ва қонунҳои олами воқеиро ифода менамояд. Дар асоси он аз донишҳои мавҷуда донишҳои нав тавлид мегарданд. Пас, хулосабарорӣ ҳукмест, ки дар рафти он аз як ё якчанд ҳукм, ки қазия ном дорад, ҳукми нав баровarда мешавад.

Хулосабарорӣ асосан аз ду шакл иборат аст: шакли якуми онро хулосабарории индуктивӣ, вале шакли дуюми онро хулосабарории дедуктивӣ меноманд. Хулосабарории индуктивӣ аз факту далелҳои мӯътамад баровардани хулосаи умумӣ мебошад. Хулосабарории дедуктивӣ бошад, раванди муҷаррадгардонии

ҳодисаҳои олами воқеӣ мебошад. Хулосабарории индуктивӣ ва дедуктивӣ робитаи диалектикӣ доранд. Хулосабарории индуктивӣ бо далелҳои раднашавандааш зербинои хулосабарории дедуктивӣ аст. Дар навбати худ хулосабарории индуктивӣ ба далелҳои амиқу раднопазири хулосабарории дедуктивӣ эҳтиёҷ дорад. Хулосабарории индуктивӣ ва дедуктивӣ дар ягонагӣ буда, якдигарро пурра мегардонанд.

Ҳамин тариқ, маърифати инсон аз эҳсосу идрок ибтидо гирифта, дар шакли тасаввурот вуҷуд дошта, ба воситаи мафҳум, ҳукм ва хулосабарорӣ анҷом меёбад. Аз ҳамин сабаб маърифати ҳиссӣ ва зеҳнӣ як раванди мӯътамад буда, тавассути якдигар вуҷуд доранд.

**Ҳақиқат ва меъёри он**. Меъёри асосии маърифатро ҳақиқат ташкил медиҳад. Ҳақиқат сарват ва падидаи муҳимтарини ҷомеаи инсонӣ аст. Ҳар чӣ қадаре, ки инсоният аз ҳақиқат дур шавад, қимати он ҳамон қадар меафзояд. Дар бисёр ҳолатҳо ҳақиқатро ба асрори объект мувофиқ будани донишҳои субъект медонанд. Ҳақиқат маҷмӯи ақидаҳо, ахборот дар бораи объект аст, ки бо ёрии донишҳои ҳиссӣ ё маърифати зеҳнӣ ҳосил мешавад. Аз ин нигоҳ, ҳақиқат на хосиятҳои объекти воқеӣ, балки ҳамчун воқеияти субъективӣ мавҷуд аст. Маърифат ҳамон вақт арзиш дорад, ки агар ҳақиқӣ бошад. Пас ҳақиқат гуфта мувофиқати комили маърифати инсонро ба хосияту хусусиятҳои ҳаводиси олами воқеиро меноманд.

Принсипи асосии ҳақиқатро объективияти он ташкил менамояд. Албатта, одамон вобаста ба мақоми иҷтимоӣ, вобаста ба маҳдудияти манфиатҳои моддӣ, маънавӣ, табъу завқ, урфу одат ва ғайра ҳодисаҳои оламро дар шаклу мазмуни гуногун инъикос мекунанд. Лекин ин ҳолат ҳеҷ гоҳ маънои субъективӣ будани ҳақиқатро надорад. Хосиятҳои ҳодисаҳои олам гуногунанд. Аз он ки одамон хосиятҳоро чӣ гуна инъикос мекунанд, моҳияти ҳақиқати ҳодисаҳо тағйир намеёбад. Зеро хосиятҳои предметҳои олами воқеӣ объективона вуҷуд доранд.

Инсон оламро яку якбора дониста наметавонад. Раванди дониш аз поён ба боло, аз нодонӣ ба сӯи доноӣ меравад. Аз ин ҷиҳат донишҳо маҳдуд ва васеъ мешаванд. Ба ҳамин маъно ҳақиқат нисбӣ ва мутлақ мешавад.

Ҳақиқати нисбӣ маҷмӯи донишҳои нопурра, маҳдуд ва дақиқест дар бораи ҳодисаю равандҳои олами воқеӣ. Масалан, олимон ба хулосае омадаанд, ки ҳаёт дар рӯи замин воқеаи ягона нест. Ҳаёт бояд дар системаҳои офтобии дигар низ вуҷуд дошта бошад. Ин маълумот дар зинаи муосири инкишофи тафаккур нисбӣ аст, чунки инсоният ҳанӯз дар бораи мазмуну шакли ҳаёт дар системаҳои офтобии дигар маълумот надорад. Ҳақиқати мутлақ, оиди будан ё набудани ҳаёт дар системаҳои офтобии дигар дар оянда исбот хоҳад шуд.

Пас, ҳақиқати мутлақ чист? Ҳақиқати мутлақ маҷмӯи донишҳоест, ки онро инкишофи минбаъдаи маърифат рад намекунад, балки афзун мегардонад ва тадриҷан ҳаққонияти он исбот мешавад.

### САВОЛ ВА СУПОРИШҲО.

1. Оё олам маърифатпазир аст? 2. Маърифат аз кадом унсурҳо таркиб ёфтааст? 3. Маърифати ҳиссӣ ва зеҳниро маънидод кунед. 4. Ҳакикат чист?

## § 13. ТАБИАТ ВА ҶОМЕА

**Табиат ва ҷомеа**. Мо ҳангоми омӯзиши мавзӯи «Фаҳмиши фалсафии инсон» донистем, ки инсон дар як ҳолат мавҷудоти табиӣ (биологӣ) ва ҷамъиятӣ мебошад. Акнун робитаи табиат ва ҷомеаро омӯхта, мақом ва нақши инсонро дар он doниста мегирем.

Табиат ба ду маънӣ фаҳмида мешавад. Ба маънии васеъи сухан ба истилоҳи табиат ҳамаи он чизе, ки моро фаро гирифтааст, аз ҷумла ҷирмҳои кайҳон, замину об, ҷангалу дарёҳо, микробу зарраҳои хурди кимиёиву физикӣ, умуман материя бо чор шакли ҳаракаташ ҳаракати механикӣ, ҳаракати физикӣ, ҳаракати кимиёӣ ва ҳаракати биологӣ шомил мешавад.

Ба маънои маҳдуди сухан мафҳуми табиат объекти илмҳо, аниқтараш маҷмӯи объектҳои улуми табиатшиносӣ, ки объективона, новобаста аз одамон ва қабл аз онҳо вуҷуд дорад, вале объекти тадқиқи кулли илмҳои табиатшиносӣ қарор гирифтааст мебошад.

Дар илми муосир табиатро ба табиати зинда ва ғайризинда ҷудо мекунанд. Табиати зинда аз пайдоиши ҳаёт дар рӯи замин сар мешавад, ки он аз мавҷудияти биосфера вобаста аст. Мафҳуми биосфера аз забони юнонӣ гирифта шуда, маъноят «соҳаи ҳаёт» аст. Биосфера пардаи ғафсест, ки сар то сари заминро печонида гирифтааст ва барои пайдоиши табиати зинда шароити мӯътадил фароҳам меорад.

Ба табиати зинда ҳамаи он чизҳои қобили мубодила (мубодилаи моддаҳо шарти асосии пайдоиши ҳаёт дар рӯи замин аст), ангезиш, афзоиш, сабзиш, мутобиқшавӣ ба муҳит ва ғайра марбут аст, дохил мешавад.

Ба табиати ғайризинда бошад, ҳамаи он чи ки қобили мубодила, ангезиш, афзоиш, сабзиш, мутобиқшавӣ ба муҳит (ба маънои диалектикии сухан) нест, мансуб дониста мешавад.

Табиати зинда ва табиати ғайризинда бо якдигар робитаи диалектикӣ доранд. Табиати зинда аз табиати ғайризинда ба вуҷуд омадааст. Мувофиқи далелҳои навини илми табиатшиносӣ табиати зинда тахминан 3,8 миллиард сол пеш ба вуҷуд омадааст. Тахминан 2 миллиард сол муқаддам аввалин ҳуҷайра, ки қобили фотосинтез, яъне қобили истифодаи энергияи офтоб барои реаксияҳои кимиёӣ буд, ба вуҷуд омадааст. Дар натиҷаи реаксияи мазкур оксиген хосил шуда, сабаби пайдоиши биосфера гардидааст. Биосфера дар навбати худ боиси пайдоиши табиати зинда гардида, сарчашмаи ҳаёт мебошпд.

Ҷомеа дар зинаи таърихан муайяну мӯътадили инкишофи табиат, яъне дар сатҳи табиати зинда пайдо шудааст. Аз ин рӯ, табиат асоси мавҷудият ва инкишофи ҷомеа аст. Ҷомеа дар маънои васеи мафҳум қисми аз табиат ҷудошудаи олами моддиест, ки дар худ шакли таърихан ташаккулёфтаи ҳаёти ҷамъиятии одамонро гирифтааст. Дар маънои маҳдуд бошад, ҷомеа робитаҳо, муносибатҳои моддӣ ва маънавии одамонро фаро гирифтааст, ки дар онҳо рафти гаҷдиди ҳаёти ҷамъиятӣ зоҳир мегардад.

Ҷомеа дар як қисми хурди табиат, аниқтараш дар қишри тунуки болоии он, ки аз атмосфера, обу хок, пайвастагиҳои кимиёвию физикӣ ва набототу ҳайвонот иборат аст, ташаккул ёфтааст. Мавҷудияти ҷомеа ба мусоидати муҳити ҷуғрофӣ пайваста аст. Муҳити ҷуғрофӣ бошад, ҳамон ҷузъи табиат аст, ки шароити

зарурии раванди истеҳсолоти ҷамъиятиро таъмин менамояд. Муҳити ҷуғрофӣ анбори бетагеро мемонад, ки инсон аз он воситаҳои зиндагӣ — нафт, ангишт, навъҳои гуногуни металл, чӯбу тахта, умуман тамоми масолеҳи бинокорӣ ва воситаҳои зиндагиро мегирад. Муҳити ҷуғрофӣ асоси табиии ҳаёти ҷамъиятиро ташкил медиҳад. Вале инкишофу мавҷудияти ҷомеаро мутлақо аз муҳити ҷуғрофӣ вобаста донистан ғалати маҳз аст. Дар таърихи афкори ҷомеашиносӣ равияҳое ҳам буданд, ки инкишофи ҷомеаро ба куллӣ аз муҳити ҷуғрофӣ вобаста медонистанд. Нақши фаъоли ҷомеаро паст мезаданд. Ин гуна равия «детерминизми ҷуғрофӣ» ном гирифтааст.

**Робитаи диалектикии табиат ва ҷомеа.** Ҷомеа аз ибтидои пайдоиши худ ба табиат таъсир мерасонад, онро дигаргун месозад, аз як табиат табиати ба худ муносиб меофарад. Инсон қодир аст аз дастовардҳои илми муосир истифода бурда, муҳити ҷуғрофиро дигаргун созад. Хелҳои гуногуни набототу ҳайвонотро дар муҳити ҷуғрофии мухталиф интиқол диҳад. Навъҳои нав ба нави онҳоро пайдо кунад.

Масъалаи аз тарафи инсон истифода намудани муҳити ҷуғрофӣ баҳснок аст. Таърихи муносибати мутақобилаи инсон ва табиат аз он дарак медиҳад, ки дар бисёр ҳолатҳо муносибати инсон ба табиат бешуурона аст. Масалан, дар 500 соли охир бо дасти инсон аз се ду хиссаи ҷангалзорҳо, аз панҷ се ҳиссаи набототу ҳайвонот нест гардидаанд. Дар натиҷаи инқилоби саноатӣ ва истифодаи ғайриоқилонаи натиҷаҳои пешрафти илмию техникӣ аз ҳар сад воҳиди моддӣ, ки инсон аз қаъри замин мегирад се ё чортоашро ба мақсад мувофиқ истифода бурда, қариб наваду шаштои онро дар шакли партовҳои заҳролуд ба табиат мепартояд. Ё худ газҳое, ки дар натиҷаи истеҳсоли модаҳои кимиёвӣ ба вуҷуд меоянд, ба табиат сар дода мешавад. Дар натиҷа қабати атмосфера вайрон шуда, сӯрохиҳои озониро ба вуҷуд меорад, ки боиси пайдо шудани касалиҳои нав ба нави сирояткунанда мегардад. Дар натиҷаи таъсири бешууронаи одамон ба табиат, раванди тағйири сифатии биосфера суръат гирифта, масъалаи ноосфераро ба миён овардааст. Умуман баъди пайдоиши инсоният биосфера ба ҳолати сифатан нав — ба ноосфера гузаштааст. Ноосфера

аз калимаи юнонӣ гирифта шуда, ноос — ақл, хирад ва сфера — соҳа, яъне соҳаи хирад, оқилона истифода бурдани сарватҳои табиат аст. Ноосфера воқеияти муосирест, ки ҳамкории оқилонаи тамоми бошандагони заминро дар танзими муносибатҳои ҷомеа ва табиат тақозо менамояд.

Маскани иқомати инсон табиат аст. Муносибати инсонро бо табиат экология меомӯзад. Мафҳуми экология аз забони юнонӣ буда, маъноящ — маскан, ҷои иқомат аст. Экология илмест дар бораи қонунҳои таъсири мутақобилаи мавҷудоти зинда ва шароити берунаи сукунати он, бо мақсади таъмини мувозинати мавзуни табиату ҷомеа.

Самту равиши муносибати ҷомеа ва табиат аз фаъолияти инсон вобаста аст. Инсон дар раванди фаъолияти ҷамъиятии худ олотҳои меҳнат офарид, онро ба мақсади ҳар чи зиёдтар қонеъ гардонидани талаботи моддии худ ба органҳои хеш бипайваст ва доираи дахолати худро ба табиат васеъ кард, вале оқибати онро на ҳамеша пешбинӣ карда тавонист. Инсоният ба масъалаҳое рӯ ба рӯ шуд, ки аз ҳалли онҳо будан ё набудани худи ӯ вобаста аст. Халалдоршавии атмосфера, торафт кам шудани ҷангалзорҳо, заҳролудшавии обу замин бо моддаҳои кимиёвӣ ва масъалаҳои дигар аз қабили онҳост. Ҳамин тариқ, дар байни инсон ва ҷои иқомати ӯ зиддияти шадид пайдо шудааст.

Масъалаи экологӣ аз доираи кишварҳои алоҳида берун гашта, ба проблемаи умумиҷаҳонӣ табдил ёфтааст. Он аз инсон тарзи нави тафаккур — тафаккури экологӣ талаб мекунад, яъне инсоният бояд муносибати худро ба табиат қатъиян тағйир диҳад; сарватҳои табиат чӣ қадаре фаровон бошад ҳам, бояд сарфакорона ва бошуурона истифода шаванд, тамоми системаи саноатро бо технологияи бепартов мусаллаҳ намуда доимо, барои мӯътадил гардонидани муҳити ҷуғрофӣ сарвату қувваи хешро дареғ надорад. Аз ӯҳдаи иҷрои чунин як кори мураккаб ва масъулиятнок кишварҳо дар танҳоӣ баромада наметавонанд. Бинобар ин мебоист тамоми кишварҳои дунё барои ҳалли масъалаҳои экологӣ даст ба дасти якдигар бидиҳанд ва барномаи дақиқи умумибашарии халосӣ аз бӯҳрони экологиро воқеӣ гардонанд, ки манфиатҳои ҳамаи халқҳо ва кишварҳоро инъикос намояд.

### САВОЛ ВА СУПОРИШҲО

1. Пайвастагии табиат ва ҷомеаро шарҳ диҳед. 2. Табиати зинда ва ғайри зинда гуфта чиро мегӯянд? 3. Маънии этимологии биосфера ва ноосфераро баён кунед. 4. Робитаи ҷомеа ба табиат ба андешаи Шумо бояд чӣ гуна бошад? 5. Оё Шумо барои сабзу хуррам гардонидани муҳити табиии хеш саҳм гирифтаед?

## § 14. ҶОМЕА ҲАМЧУН НИЗОМИ ИНКИШОФЁБАНДА

Ҳангоми омӯзиши мавзӯи «Табиат ва ҷомеа» шумо донистед, ки табиат ва ҷомеа дар ягонагии диалектикӣ буда, аз рӯи шаклҳои ҳаракат ва инкишофашон моҳиятан фарқ мекунанд. Инкишофи табиат дар асоси зиддиятҳои дохилиаш худ ба худ ба вуҷуд меояд. Аммо дар ҷомеа ин хел нест. Дар ин ҷо одамон, ки дорои шуур ва ирода мебошанд, зиндагӣ мекунанд. Онҳо дорои манфиатҳои моддӣ ва маънавӣ буда, барои расидан ба ҳадафҳои хеш, бошуурона, мақсаднок ва эҷодкорона фаъолият меварзанд. Баъзеҳо гумон мекунанд, ки гӯё шуур, идеяҳо ё худ мақсадҳои муайяни одамон шоҳроҳи ҳаёти ҷомеаро муайян мекарда бошад. Дар асл ин хел нест. Одамон дар аввал талаботи моддӣ ба сарулибос, хӯрок, хонаю ҷой, сипас талаботи маънавии хешро, ки аз меъёрҳои ахлоқӣ, динӣ, ҳуқуқӣ, сиёсӣ ва ғайраҳо иборатанд, қонеъ мегардонанд. Зарурати зиндагӣ одамонро маҷбур месозад, ки аз як тараф, бо табиат ва аз тарафи дигар, байни унсурҳои ҷомеа робитаҳои мутақобила дошта бошанд. Моҳияти асосии ҳамаи ин робитаҳоро фаъолияти меҳнатии одамон ташкил медиҳад.

**Фаъолияти меҳнатии одамон**. Саволе ба миён меояд, ки меҳнат чист ва он дар доираи фаъолияти одамон чӣ тавр сурат мегирад? Меҳнат фаъолияти бошуурона, мақсаднок ва эҷодкоронаи одамон аст, ки одамон ҳангоми он олотҳои меҳнат меофаранд, онҳоро бо органҳои худ мепайванданд, ба табиат таъсир расонида, онро дигаргун месозанд, хосиятҳои ботинӣ ва зоҳириашонро тақвият бахшида, неъматҳои моддӣ ва маънавӣ меофаранд, талаботи хешро аз ин ё он ҷиҳат қонеъ мегардонанд.

Фаъолияти меҳнатӣ амали олиест, ки ба туфайли он инсон ташаккул ёфтааст. Албатта, навъҳои дигари биологӣ низ ба табиат

таъсир мерасонанд. Гӯё онро дигаргун месозад. Тухми дарахту гиёҳҳоро паҳну парешон мекунад. Вале онҳо неъматҳои моддӣ истеҳсол карда наметавонанд. Онҳо фақат аз маҳсулоти тайёри табиат истифода мебаранд. Таъсири ҷонзоди дигар ба табиат инстинктӣ буда, тамоми амалашон фақат аз мутобиқ шудан ба табиат иборат аст.

Одамон қонунҳои табиатро дониста мегиранд. Дар як вақт ба табиат мутобиқ гардида, табиатро низ ба худ мутобиқ мегардонанд. Дар ҷараёни фаъолияти меҳнатӣ ва истеҳсолӣ як зумра муносибатҳои ҷамъиятиеро падид меоранд, муносибати байни ҳамдигариашонро ба низом медароранд. Хулоса, натанҳо майнаи инсон, балки тамоми органҳои он маҳсули фаъолияти меҳнатии худи ӯст.

Дар ҷомеашиносии муосир таснифи гуногуни фаъолияти меҳнатии одамон вуҷуд дорад. Фаъолияти меҳнатии инсонро ба фаъолияти меҳнатии фикрӣ ва ҷисмонӣ, дастӣ ва механиконидашуда тақсим мекунанд. Зиёда аз ин, агар мо ба таърихи пайдоишу ташаккули инсоният назора намоем, мебинем, ки дар ҷараёни он тақсимоти бузурги меҳнат вуҷуд доштааст. Машғулияти асосии одамони ибтидоӣ шикорчигӣ буд. Бо мурури замон аз шикорчиён чорводорон ҷудо шуданд. Сипас, аз чорводорону шикорчиён заминдорон ҷудо гардиданд. Ниҳоят, косибон, хунармандон ва оқибат савдогарон ҷудо шуданд. Дар зинаҳои минбаъдаи таърихи инсоният махсусгардии бузурги фаъолияти меҳнатии одамон ба вуҷуд омад. Асарҳои безаволи рассомон, ҳайкалтарошон, меъморон, муҳандису оҳангсозон ва ғайраҳо махсули махсусгардии фаъолияти меҳнатии одамон мебошанд.

Таркиби фаъолияти меҳнатии инсон мураккаб аст. Он аз ду унсур иборат аст: а) объекти фаъолияти меҳнатӣ; б) субъекти фаъолияти меҳнатӣ. Ба объекти фаъолияти меҳнатии одамон олату предметҳои меҳнат дохил мешаванд. Олатҳои меҳнат ҳамаи он механизму дастгоҳҳое мебошанд, ки бо дасти инсон сохта шудаанд. Предметҳои меҳнат бошанд ҳамон қисми табиат дониста мешаванд, ки ба доираи фаъолияти одамон кашида шудаанд. Субъекти фаъолияти меҳнатӣ худи одамонанд. Фаъолияти ҳамон шахс метавонад феълан меҳнатӣ бошад, агар он бошуурона, мақсаднок ва эҷодкорона бошад.

Фаъолияти меҳнатии одамон дар доираи меъёрҳои ҷамъиятӣ хосияти ҷамъиятӣ пайдо менамоянд. Хосияти муҳимтарини истеҳсолотро мазмуни ҷамъиятӣ доштани вай ташкил медиҳад. Аз ин рӯ истеҳсолоти ҷамъиятӣ се шакли асосӣ дорад: а) истеҳсоли ҳаёти ҷамъиятии одамон (такрористеҳсолкунии наслҳо); б) истеҳсоли неъматҳои моддии ҷамъиятӣ; в) истеҳсоли маънавии ҷамъиятӣ. Истеҳсоли неъматҳои моддӣ нисбати истеҳсоли ҷамъиятии одамон ва истеҳсоли маънавии ҷамъиятӣ нақши муайянкунанда дорад.

Инкишоф ва пайвастагии унсурҳои ҳаёти моддии ҷомеаро дар нақшаи поён хубтар донистан мумкин мегардад.

**Тарзи истеҳсолоти моддӣ**. Одамон дар рафти ҳаёти ҷамъиятиашон вобаста ба талаботи моддию маънавии хеш аз боигариҳои табиӣ истифода бурда, неъматҳои моддӣ истеҳсол менамоянд. Аҳамияти хоссаро тарзи истеҳсолот касб менамояд. Хосияти асосии истеҳсоли неъматҳои моддиро мақсаду маром ва усулу тарзи истеҳсоли онҳо ташкил медиҳад. Тарзи истеҳсолот дар раванди истеҳсоли неъматҳои моддӣ мақому мартабаи ҳалкунанда дорад. Пас тарзи истеҳсолот чист? Тарзи истеҳсолот гуфта ягонагии диалектикии қувваҳои истеҳсолкунанда ва муносибатҳои истеҳсолиро дар раванди истеҳсоли неъматҳои моддӣ меноманд.

Дар ҷомеашиносии муосир таърифи мухталифи тарзи истеҳсолот вуҷуд дорад. Ба назари мо таърихи истеҳсоли неъматҳои моддиро, ки дар ҷараёни фаъолияти истеҳсолию таърихии одамон сурат гирифтааст ба тарзҳои истеҳсолоти ҷамоаи ибтидоӣ, ғуломдорӣ, феодалӣ, осиёгӣ, сармоядорӣ ва сотсиалистӣ ҷудо карда, хусусиятҳои хоси истеҳсоли неъматҳои моддии замони муосирро ба инобат гирифта, шакли тарзи истеҳсолоти бозоргониро илова намудан ба мақсад мувофиқ аст. Ба ҳар ҳол тарзи истеҳсолот дар кадом шакле бошад, роҳу равиши ҳаёти ҷомеаро муайян месозад.

**Қувваҳои истеҳсолкунанда ва муносибатҳои истеҳсолӣ**. Тарзи истеҳсолот аз қувваҳои истеҳсолкунанда ва муносибатҳои истеҳсолӣ таркиб ёфтааст. Қувваҳои истеҳсолкунанда қувваҳое мебошанд, ки инсон ба воситаи онҳо ба табиат таъсир расонида, неъматҳои моддӣ истеҳсол намуда, пешрафти илмию техникиро таъмин менамоянд.


ТАРЗИ ИСТЕҲСОЛОТ
Қувваҳои истеҳсолкунанда
Муносибатҳои истеҳсолӣ
Одамон бо неруи ҷисмонӣ ва рӯҳонии хеш истеҳсолкунандагони неъматҳои моддианд
Воситаҳои истеҳсолот, ки маҳсули фаъолияти таърихии одамонанд
Пешрафти илмӣ-техникӣ ё технологӣ
Муносибат ба воситаҳои истеҳсолот
Муносибатҳое, ки дар раванди истеҳсоли неъматҳои моддӣ ба вуҷуд меоянд
Олатҳои меҳнат (табар, трактор, дастгоҳи коргарӣ)
Предметҳои меҳнат (метал, пахта, ғалла)
Муносибатҳое, ки дар раванди тақсимот, мубодила ва истеъмоли неъматҳои моддӣ ба вуҷуд меоянд

Қувваҳои истеҳсолкунанда, ки ифодагари робитаи моддии байни инсон ва табиат аст, сатҳи аз худ кардани қонунҳои инкишофи табиатро ошкор месозад. Сатҳи тараққиёти қувваҳои истеҳсолкунанда аз рӯи андозаи қобили меҳнат будани олатҳои истеҳсолӣ муайян карда мешаванд. Аз ҷиҳати дигар сатҳи инкишофи қувваҳои истеҳсолкунанда аз истифодаи энергияи зарурӣ, бо машинаҳои ҳисоббарори замонавӣ мусаллаҳшавӣ ва истифодаи музаффариятҳои соҳаи кимиё ва ғайра вобаста аст.

Қувваҳои истеҳсолкунанда таркиби гуногун дорад. Унсури асосии қувваҳои истеҳсолкунанда одамон мебошанд. Одамон дар раванди истеҳсолот нерӯи ҷисмонию рӯҳонии хешро истифода мебаранд.

Фаъолияти истеҳсолии одамон таърихи дурудароз дошта, дар ташаккул ва инкишофи худ зинаҳои мухталифи таҳаввулро аз сар гузаронидааст. Аз оддитарин то ба мураккабтарин амалиёти истеҳсолӣ расидааст. Истеҳсолоти моддиро бе асбобу анҷом тасаввур кардан мумкин нест. Ҳатто, оддитарин амалиёти истеҳсолӣ бо ёрии олатҳои меҳнат сурат мегирад. Аз табару бели сангин сар карда, то дастгоҳу машинаҳои худгард ба олатҳои меҳнат дохил мешаванд. Хулоса, ҳамаи он чизҳое, ки бо ёрии онҳо ба предметҳои меҳнат таъсир мерасонанд, олатҳои меҳнат номида мешаванд.

Унсури дигари қувваҳои истеҳсолкунандаро предметҳои меҳнат ташкил медиҳанд. Ба предметҳои меҳнат замин, боигариҳои зеризаминӣ, ҷангалзорҳо, дарёҳо ва ғайра дохил мешаванд. Предметҳои меҳнат ҳамон қисми табиатанд, ки агар ба сатҳи фаъолияти истеҳсолии одамон кашида шуда бошанд ва дар раванди истеҳсоли неъматҳои моддӣ иштирок намоянд

Ғайр аз олотҳои меҳнат ва предмети меҳнат барои истеҳсоли неъматҳои моддӣ боз биноҳо, заводу фабрикаҳо, роҳҳо, нақлиёт ва манбаъҳои барқӣ, каналҳо ва ғайра заруранд. Ҳамаи он дар маҷмӯъ бо олоту предмети меҳнат воситаҳои истеҳсолотро ташкил медиҳанд.

Одамон дар рафти истеҳсоли неъматҳои моддӣ олатҳои меҳнатро меофаранд. Дар робита бо табиат онҳоро такмил медиҳанд. Аз таҷриба, малака ва маҳорати ҳамдигар бохабар гардида, дар фаъолияти минбаъдаи хеш истифода менамоянд (ба

диаграммаи истеҳсолот саҳ. 91 нигаред). Ҳамин тавр, ҷараёни пешрафти илмию техникӣ таъмин мегардад. Бесабаб нест, ки пешрафти илмию техникӣ яке аз унсурҳои асосии қувваҳои истеҳсолкунанда мебошад.

Воситаҳои истеҳсолот, таҷрибаи истеҳсолӣ,ҳатто маҳсули меҳнат натиҷаи фаъолияти одамонанд. Одамон дар рафти фаъолияти истеҳсолиашон ба муносибатҳое дучор мешаванд, ки объективона вуҷуд доранд. Онҳоро муносибатҳои истеҳсолӣ меноманд.

Унсури асосии муносибатҳои истеҳсолиро муносибат ба воситаҳои истеҳсолот ташкил менамоянд. Гап дар он аст, ки воситаҳои истеҳсолот моликияти кӣ мебошад? Аз тарафи дигар хосиятҳои истеҳсолот аз рӯи муносибат ба воситаҳои истеҳсолот муайян мегарданд. Соҳибони воситаҳои истеҳсолот нақши ташкили ҷамъиятии меҳнатро ба ӯҳда доранд. Онҳо дар тақсими маҳсули меҳнат нақши асосӣ мебозанд. Соҳибони воситаҳои истеҳсолот бо ёрии воситаҳои истеҳсолот меҳнати кирояро ба нафъи худ ва ҷомеа истифода менамоянд.

Гурӯҳи дуюми муносибатҳои истеҳсолӣ муносибатҳои тақсимотӣ ва мубодилавӣ аст. Ин муносибатҳо дар ҷараёни мубодилаи молию пулӣ ва тақсими ҳиссаи неъматҳои моддӣ дар байни умумиятҳои хурду калони иҷтимоӣ ва одамони ҷудогона вуҷуд доранд. Муносибатҳои мутазаккира дар системаи муносибатҳои ҷамъиятӣ мақоми арзанда доранд.

Қувваҳои истеҳсолкунанда ва муносибатҳои истеҳсолӣ дар ягонагии диалектикӣ буда, бе якдигар вуҷуд дошта наметавонанд. Қонуни мувофиқати муносибатҳои истеҳсолӣ ба характер ва зинаи инкишофи қувваҳои истеҳсолкунанда хосияти асосии робитаи диалектикии қувваҳои истеҳсолкунанда ва муносибатҳои истеҳсолиро ифода мекунад. Қувваҳои истеҳсолкунанда муносибатҳои истеҳсолиро меофаранд. Аз ҳамин сабаб онҳо ташхисгари муносибатҳои истеҳсолианд.

Аз қувваҳои истеҳсолкунанда вобаста будани муносибатҳои истеҳсолӣ маънои ғайри фаъол будани онро надорад. Муносибатҳои истеҳсолӣ нисбати қувваҳои истеҳсолкунанда мустақилияти нисбӣ доранд. Мустақилияти нисбии муносибатҳои истеҳсолӣ дар он зуҳур меёбад, ки унсурҳои он метавонанд аз сатҳи таърихан

муайяни инкишофи қувваҳои истеҳсолкунанда кафо монанд. Чунин қафомонӣ метавонад садди роҳи инкишофи минбаъдаи қувваҳои истеҳсолкунанда гардад. Азбаски барандаи қувваҳои истеҳсолкунанда ва муносибатҳои истеҳсолӣ одамонанд ва одамон дорои манфиатҳои моддию маънавианд ва муносибати ичтимоиашон низ тақозо менамояд, ки мувофиқат накардани муносибатҳои истеҳсолиро ба характер ва зинаи инкишофи қувваҳои истеҳсолкунанда ҳассос қабул мекунанд. Дар натиҷа давраи инқилоби иҷтимоӣ фаро мерасад. Он бахри ба ҳолати сифатан нав овардани ҳаёти ҷамъиятӣ ба амал омада, тарзи истеҳсолоти навро зуҳур мебахшанд. Падидаи мазкур қонуни асосии ивазшавии давраҳои таърихӣ аст.

**Қонунҳои табиат ва ҷомеа**. Қонунҳои инкишофи ҷомеа аз қонунҳои инкишофи табиат ба куллӣ фарқ мекунанд. Вале дар байни онҳо айният низ мавҷуд аст. Ҳам қонунҳои ҷомеа ва ҳам қонунҳои табиат хосияти объективӣ доранд. Ҳам қонунҳои табиат ва ҳам қонунҳои ҷомеа донисташавандаанд. Одамон қодиранд онҳоро маърифат намуда, дар раванди фаъолияти худ сармашқи амалиёт қарор диҳанд.

Дар байни қонунҳои табиат ва ҷомеа тафовут низ дида мешавад. Қонунҳои табиат худ ба худ вуҷуд доранд. Қонунҳои ҷомеа бошанд, худ ба худ вуҷуд дошта наметавонанд. Онҳо ба воситаи фаъолияти бошууронаи одамон зуҳур меёбанд. Қонунҳои ҷомеа бар хилофи қонунҳои табиат кӯтоҳмуддатанд, дар муддати ин ё он марҳалаи таърихӣ амал мекунанд ва ҷои худро ба қонунҳои нав медиҳанд.

### САВОЛ ВА СУПОРИШҲО.

1. Меҳнат чист? 2. Тарзи истеҳсолот чист? 3. Қувваҳои истеҳсолкунанда ва муносибатҳои истеҳсолиро шарҳ диҳед. 4. Қонун чист? 5. Айният ва тафовути қонунҳои табиат ва ҷомеаро нишон диҳед.

## § 15. ШАКЛҲОИ АСОСИИ ИНКИШОФИ ҶОМЕА

**Мафҳуми инқилоби иҷтимоӣ**. Ҳангоми омӯзиши қонунҳои диалектика шумо ба қонуни гузариши тағйироти миқдорӣ ба тағйироти сифатӣ ошно гардидед. Тағйироти куллии сифати муайян

дар ҳам шикастани сифати кӯҳна ва дар асоси он тавлиди сифати нав аст. Гузариши як сифат ба сифати дигар ҶАҲИШ ном дорад. Ҷаҳишҳо чӣ дар табиат ва чӣ дар ҷомеа ду шакл доранд. Ҷаҳишҳое, ки бо суръати ниҳоят тез ба амал меоянд, «ҷаҳишҳои таркишмонанд» номида мешаванд. Ҷаҳишҳое, ки оҳиста-оҳиста ба амал меоянд, ҷаҳишҳои «дарозмуддат» ё худ «тадриҷӣ» ном доранд. Дар ҳаёти ҷомеа ҷаҳишҳои инқилобӣ (револютсионӣ) вомехӯранд ва боиси инкишофу пешрафти ҷомеа мегарданд.

Ҳам дар табиат ва ҳам дар ҷомеа ҷаҳишҳои номбаршуда аз якдигар фарқ мекунанд. Дар табиат ҷаҳишҳои дарозмуддат бо пайдоиши хосиятҳои нави алоҳида ва мавҷудияти хосиятҳои кӯҳна, ҷаҳишҳои кӯтоҳмуддат бошанд, бо тағйири тамоми системаи хосиятҳо, аз ҷумла ба хосиятҳои сифатӣ алокаманд аст. Дар ҳаёти ҷамъиятӣ бошад, ҷаҳишҳои сифатии тадриҷӣ (ислоҳотӣ) бо пайдоиши муносибатҳои нави ҷомеа ва нигоҳ доштани муносибатҳои кӯҳнаи ҷомеа меанҷомад. Баръакс, ҷаҳишҳои инқилобӣ (таркишмонанд) бо тавлиди муносибатҳои нави ҷамъиятӣ ва инкори муносибатҳои кӯҳнаи ҷомеа анҷом меёбад.

Инкишофи ҷомеа раванди табиию таърихӣ буда, дар доираи қонунҳои объективӣ ба амал меояд. Давраҳои инкишоф муттасил пайдо шуда, оқибат ҷояшонро ба марҳалаи нави инкишофи таърихӣ медиҳанд.

Ба инкишофи ҳаёти ҷомеа ходисаю падидаҳои мухталиф таъсир мебахшанд. Махсусан, таъсири инқилоби иҷтимоӣ дар ҳаёти ҷомеа дигаргунии куллиро ба амал меорад.

Барои ташхиси моҳияти ҳар як инқилоби иҷтимоӣ равшан сохтани хосиятҳои он кифоя нест. Моҳияти инқилоби иҷтимоиро қувваҳои мутаҳаррики он низ муайян месозанд. Қувваҳои мутаҳаррики инқилоби иҷтимоӣ аз умумиятҳои иҷтимоие таркиб ёфтаанд, ки раванди инкишофи муттасили ҷомеаро ифода намуда, барандаи муносибатҳои нави ҷамъиятӣ буда, мақсаду моҳияти муборизаашон аз барҳам задани тарзи истеҳсолоту муносибатҳои истеҳсолии кӯҳна ва бунёди муносибатҳои нави ҷамъиятӣ иборат мебошад. Масъалаи асосии инқилоби иҷтимоиро ба даст овардани ҳокимияти давлатӣ ташкил медиҳад. Зеро ҳокимият воситаи зарурии нигоҳ доштани муносибатҳои истеҳсолии кӯҳна мебошад. Аз ин хотир, шикастани ҳокимияти кӯҳна ва бунёди ҳокимияти

нав вазифаи таърихии ҳар як инқилоби иҷтимоӣ мебошад. Ғасби ҳокимият мақсади ниҳоии инқилоби иҷтимоӣ набуда, он воситаи зарурии ба амал баровардани нуктаҳо ва арзишҳои таълимот ва барномаи ҳар як инқилоб мебошад.

Агар инқилоби иҷтимоӣ дастгоҳи ҳокимияти кӯҳнаро пурра нашиканад, эҳтимолияти пайдоиши дуҳокимиятӣ ва эҳёи тартиботи кӯҳна амри воқеӣ мегардад.

Масъалаи дигару асосии инқилоби иҷтимоӣ муҳофизати музаффариятҳои инқилоб аст. Инқилобе, ки музаффариятҳои хешро пуштибонӣ карда наметавонад оқибат ба шикаст дучор мегардад.

Инқилоби иҷтимоӣ навъҳою шаклҳои таърихии худро дорад, ки аз рӯи бартараф сохтани зиддиятҳои иқтисодӣ, иҷтимоию сиёсӣ ва барқарор намудани сохтори муайяни ҷомеа арзёбӣ мегардад. Алҳол шаклҳои зерини инқилоби иҷтимоӣ маълум аст:

а) инқилоби иҷтимоии ғуломдорӣ,
б) инқилоби иҷтимоии феодалӣ,
в) инқилоби иҷтимоии сармоядорӣ,
г) инқилоби иҷтимоии сотсиалистӣ.

Дар ҳаёти ҷомеа инқилобҳое низ ҳастанд, ки қисми ҷудогона, ҷабҳаҳои алоҳидаи ҳаёти иҷтимоиро фаро мегиранду халос. Чунин инқилобҳо шакли махсуси инқилоби иҷтимоӣ буда, пешрафти ҷомеаро таъмин менамоянд. Масалан, инқилоби илмию техникӣ, инқилоби маданӣ, инқилоби саноатӣ, инқилоби миллии озодихоҳӣ ва ғайра. Инқилобҳои мазкур микёсан маҳдуд буда, метавонанд дар дохили як тарзи истеҳсолоти ҳукмрон ба вуҷуд оянд, вале мавҷудияти тарзи истеҳсолоти номбурдаро халалдор насозанд.

**Тафовути инқилоби иҷтимоӣ аз ислоҳоти иҷтимоӣ**. Инқилоби иҷтимоӣ сифатан аз ислоҳот фарқ мекунад, агарчи ҳам инқилоби иҷтимоӣ ва ҳам ислоҳот инкишофи пешқадами ҷомеаро аз поён ба боло, аз содда ба мураккаб таъмин менамоянд. Инқилоби иҷтимоӣ тамоми ҷабҳаҳои ҳаёти ҷомеаро фаро мегирад. Ислоҳоти иҷтимоӣ бошад, микёсан маҳдуд буда, қисми муайяни ҷомеаро аз рӯи нақшаи пешакӣ фаро мегирад.

Инқилоби иҷтимоӣ аз поён сар шуда, ба боло меравад. Яъне онро аз ноилоҷӣ оммаи мардум сар карда, то ба пойдор

гардонидани муносибатҳои нави ҷамъиятӣ бурда мерасонад. Ислоҳоти иҷтимоӣ бошад, аз боло сар шуда, ба поён меравад. Ислоҳоти иҷтимоиро доираҳои ҳукмрон аз боло, бо мақсади бартараф сохтани зиддиятҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ ба амал мебароранд. Инқилоби иҷтимоӣ воситаи шикастани сохти кӯҳна буда, ислоҳоти иҷтимоӣ бошад, воситаи нигоҳ доштани тартиботи кӯҳна аст. Инқилоби иҷтимоӣ ду нерӯи асосӣ дорад: нерӯи вайронкорӣ ва нерӯи бунёдкорӣ.

Ислоҳоти иҷтимоӣ раванди табиист, ки фақат нерӯи бунёдкорӣ дошта, инкишофи ҷомеаро хосияти табиӣ мебахшад. Инқилоби иҷтимоӣ бошад, омили таърихиест, ки раванди инкишофи ҷомеаро бо суръати баланд метезонад.

Ҳар як инқилоби иҷтимоӣ заминаҳои пайдоиши худро дорад. Барои он ки инқилоби иҷтимоӣ ба амал ояд, вазъияти инқилобӣ зарур аст. Вазъияти инқилобӣ маҷмӯи тағйиротҳои объективие мебошад, ки бӯҳрони амиқи иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсию фарҳангии ҷомеаро ба вуҷуд овардааст. Вазъияти инқилобӣ ду ҷиҳати хосса дорад: шароитҳои объективӣ ва омилҳои субъективӣ.

Шароитҳои объективии вазъияти инқилобиро чунин ҷиҳатҳо ташкил медиҳанд:

1. Ба бӯҳрони амиқ дучор гаштани табақаҳои болоии ҷомеа, ки минбаъд ҳукмронии худашонро мисли пешина, идома дода наметавонанд. Инчунин табақаҳои поёнии ҷомеа низ мисли пешина зиндагӣ кардан намехоҳанд. Зарур аст, ки табақаҳои болоӣ ҳам ба тарзи кӯҳна зиндагӣ карда натавонанд.

2. Аз ҳад зиёд шудани қашшоқӣ, бенавоӣ ва мӯҳтоҷии оммаи мардум.

Омилҳои субъективии вазъияти инқилобӣ бошанд, муттаҳидият, шуурнокӣ ва ниҳоят авҷ гирифтани фаъолияти сиёсии оммаҳо, ба амалиёти инқилобии оммавӣ лаёқат доштани гурӯҳҳои инқилобӣ аст ва амалиёти он бояд пурзӯр бошад, то тавонад ҳукумати кӯҳнаро нобуд намояд. Ҷиҳати асосии омили субъективӣ мавҷудияти ташкилотҳои сиёсист, ки қодир аст оммаро аз ақиби худ бурда тавонад. Ба зафар ёфтани инқилоби иҷтимоӣ ваҳдати омилҳои объективӣ ва субъективӣ заруранд.

Ҳар як инқилоби иҷтимоӣ хосият ва нерӯҳои мутаҳаррики худро дорад. Чӣ хеле ки мо пештар ишора карда будем, асоси

иқтисодии ҳар як инқилоби иҷтимоӣ зиддияти байни қувваҳои истеҳсолкунанда ва муносибатҳои истеҳсолӣ мебошад. Вобаста ба ҳамин хосияти ҳар инқилоби иҷтимоӣ аз рӯи он, ки кадом вазифаҳоро ҳал менамояд, ба кадом тарзи истеҳсолот ва муносибатҳои истеҳсолӣ арзи вуҷуд мебахшад, муайян карда мешавад.

Инқилоби иҷтимоӣ ҷаҳиши сифатии босуръати иҷтимоиест, ки тамоми ҷабҳаҳои ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ, фарҳангӣ ва махсусан, сиёсии ҷомеаро фаро гирифта, тарзи истеҳсолоти кӯҳнаро аз байн бурда, ба ҷои он тарзи истеҳсолоти нисбатан наву пешқадамро ба миён меорад.

Инқилоби иҷтимоӣ воситаи инкишофи ҷомеа аст. Инқилоби иҷтимоӣ ҳукми таърихиест, ки решааш аз ҳолати муайяни ҳаёти иқтисодии ҷомеа ғизо мегирад. Таззоди байни қувваҳои истеҳсолкунанда ва муносибатҳои истеҳсолӣ сабаби асосии раванди ҳама гуна инқилоби иҷтимоӣ аст. Гап дар сари он аст, ки қувваҳои истеҳсолкунанда пайваста тараққӣ мекунанд, моҳияту вазифаҳои онҳо дигаргун мешаванд. Муносибатҳои истеҳсолӣ бошанд, қафо монда, ба моҳияту вазифаҳои қувваҳои истеҳсолӣ мувофиқат намекунанд. Қафомонии муносибатҳои истеҳсолӣ садди роҳи инкишофи минбаъдаи қувваҳои истеҳсолкунанда мегардад. Дар натиҷа оташи инқилоби иҷтимоӣ аланга мегирад. Ба ҷои тарзи истеҳсолоти ҳукмрон тарзи истеҳсолоти навро падид меорад, ки боиси дигаргуниҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ мегардад.

### САВОЛ ВА СУПОРИШҲО.

1. Инқилоби иҷтимоӣ чист? Оё Шумо мафҳуми инқилоби иҷтимоиро маънидод карда метавонед? 2. Вазъияти инқилобиро шарҳ диҳед. 3. Инқилоби иҷтимоӣ аз ислоҳоти иҷтимоӣ чӣ фарқ дорад? Ислоҳоти иҷтимоӣ чист? 4. Кадом шаклҳои инқилоби иҷтимоиро медонед?

## § 16. УМУМИЯТИ ТАЪРИХИИ ОДАМОН

Ташхисгари пешрафти ҷомеа инкишофи истеҳсолоти ҷамъиятӣ аст. Истеҳсолоти ҷамъиятӣ се шакл дорад: тавлиди одамон аз тарафи одамон, истеҳсолоти моддӣ ва истеҳсолоти

маънавӣ. Ҳар се шакли истеҳсолот дар пайдоишу ташаккули шаклҳои гуногуни умумияти таърихии одамон, нақши асосӣ ва муайянкунандаро мебозанд. Масалан, истеҳсолоти моддии ҷамъиятӣ равандест, ки одамонро гурӯҳ-гурӯҳ муттаҳид намуда, пайвастагии моддии онҳоро ба вуҷуд меорад ва комил мегардонад. Тавлиди одамон аз тарафи одамон бошад, умумияти оилавӣ, ваҳдати хешутаборӣ, ҳамхунӣ, ҷинсӣ, синусолӣ ва ғайраро зуҳур мебахшад. Истеҳсолоти маънавии ҷамъиятӣ, дар навбати худ, умумияти фитрии одамонро падид меорад. Умумиятҳои мазкур табиӣ буда, вобаста ба инкишофи ҷомеа хосияти иҷтимоӣ мегиранд, авлод, қабила, халқ ва миллат, аз ҷумлаи умумиятҳои таърихии одамонанд.

Таърих гувоҳ аст, ки одамони ибтидоӣ, аҷдоди гузаштаи мо дар ҷойҳои барои ҳаёт мувофиқ гурӯҳ-гурӯҳ шуда зиндагӣ мекарданд. Дар ибтидо одамон ҳаёти кӯчманчигӣ доштаанд. Аз маҳсулоти тайёри табиат истифода бурда, дар ҷойҳои нисбатан гарми сайёраи замин, — дар ғорҳо зиндагӣ мекардаанд.

Вақте, ки одамон истифодаи оташро ёд гирифтаанд, тарзи ҳаёти муқимӣ ба вуҷуд омад. Дар натиҷа одамон ба истеҳсоли олатҳои меҳнат ва тадриҷан ба истеҳсоли неъматҳои моддӣ шурӯъ намудаанд ва шакли ибтидоии умумияти таърихии одамон «авлод» ташаккул ёфт.

**Авлод**. Авлод умумияти таърихии одамон аст, ки аз сарнасли модарӣ ё падарӣ ибтидо гирифта, давоми зуриёти умумӣ буданашро эътироф менамояд ва барандаи исми умумии авлод мебошад.

Доир ба пайдоиши авлод фикру ақидаҳои гуногун вуҷуд доранд. Олимон тахмин менамоянд, ки авлод дар ҳадди палеолити поён ё боло падид омадааст. Умумияти авлодӣ ду давра — давраи модаршоҳӣ ва давраи падаршоҳиро аз сар гузаронидааст. Дар замони авлоди модаршоҳӣ муносибати хешутаборӣ ва муносибатҳои истеҳсолии одамон аз тарафи модар ба танзим андохта мешуд. Авлод дар замони модаршоҳӣ зинаи ибтидоии ҷомеа буд. Вале дар натиҷаи гузаштан ба умумияти авлоди падаршоҳӣ он ба оилаи патриархалӣ мубаддал гардид. Яъне мардон дар хоҷагӣ ва муносибатҳои иҷтимоӣ мавқеи асосӣ пайдо кардаанд.

Мувофиқи назари олимони дигар авлод дар пайдоиши худ зинаи истеҳсолӣ набуда, балки умумияти таърихии хешовандон мебошад. Масалан, дар замони авлоди модаршоҳӣ умумияти хешу таборӣ аз тарафи модар ба инобат гирифта мешуд. Чунки дар шароити модаршоҳӣ системаи муносибати ҷинсии галагӣ вуҷуд дошт ва падари фарзандро муайян кардан аз имкон берун буд, вале модари фарзанд маълум буд. Маҳз аз ҳамин сабаб муносибатҳои хешовандӣ аз тарафи модар ба танзим андохта мешуд. Вале бо мурури замон ба ҷои низомоти ҷинсии галагӣ низомоти оилавӣ - моногамӣ ба вуҷуд омад. Акнун нуфузи мардон дар авлод боло шуда, хешовандӣ аз ҳар ду тараф, ҳам аз тарафи модар ва ҳам аз тарафи падар ба ҳисоб гирифта мешуд. Ҳамин тариқ, дар шакли модаршоҳӣ ё падаршоҳӣ вуҷуд доштани авлод аз муносибати хешутаборӣ вобаста буд.

Ҳарду нуқтаи назари дар боло қайдшударо ҷамъбаст намуда, ба хулосае омадан мумкин аст, ки ба пайдоиши авлод омилҳои зерин сабаб шудааст. Омили якумро умумияти хешутабории одамон ташкил медиҳад. Воқеан ҳам дар марҳалаи ибтидоии таърихи инсоният, одамон пеш аз ҳама ба омили хешовандӣ, яъне ба воситаи аз як аҷдоди умумӣ пайдо шуданашон муттаҳид гардида буданд. Хешутаборӣ ё аз тарафи модар ва ё аз тарафи падар сурат мегирифт. Муносибати хешовандӣ одамонро водор месохт, ки гурӯҳ-гурӯҳ зиндагӣ кунанд.

Омили дуюм оҷизии одамони ибтидоӣ дар назди қувваҳои табиат буд. Онҳо танҳо ба танҳо бо олатҳои онвақтаи меҳнат, ки ниҳоят содда буданд, бар зидди қувваҳои табиат муқовимат намуда, бехатарии худро таъмин карда наметавонистанд. Аз ин хотир, зарурати иқтисодӣ, эҳтиёҷи хоҷагидорӣ, нарасидани малакаи меҳнат, тарбияи насли наврас, одамони ибтидоиро маҷбур сохт, ки муттаҳид шуда, умумияти авлодии хешро ба вуҷуд оранд.

Омили сеюмро фаъолияти меҳнатию истеҳсолии одамон ташкил медиҳад. Зеро авлод умумияти таърихии меҳнаткашон буд. Тамоми аъзоёни қобили меҳнати авлод истеҳсол мекарданд. Аъзоёни ғайри қобили меҳнат бошанд, ба фаъолияти ғайриистеҳсолӣ, ба тарбияи насли наврас машғул мешуданд. Самараи меҳнати аъзоёни қобили меҳнати авлод боигарии тамоми авлод шуд.

Замин, олати меҳнат, яроқу аслиҳаи шикорӣ, захираҳои хӯроквории моликияти ҷамъиятӣ буданд. Ба авлод шахсони ҷисман бақувват ва хирадманд роҳбарӣ мекарданд. Авлод дорои эътиқод, анъана ва урфу одати умумӣ буд, ки риояашон вазифаи муқаддаси ҳар як аъзои авлод буд.

Дар замони гузашта ҳамаи халқҳо сохти авлодиро аз сар гузаронидаанд. Дар байни баъзе халқҳо боқимондаи сохти авлодиро ҳоло мушоҳида кардан мумкин аст. Масалан, ҳиндуҳои америкоӣ.

**Қабила ва нишонаҳои он**. Якчанд авлод муттаҳид шуда, қабиларо ташкил дод. Қабила як навъ умумияти этникӣ ва ташкилоти иҷтимоии одамон аст, ки дорои аломатҳои муносибати авлодию хунӣ, умумияти марзӣ, тартиботи хоҷагидорӣ, забони муштарак, ваҳдати вуҷуди қабилавӣ, урфу одат, маданияти ягона ва исми муайян мебошад.

Ҳар як қабила дорои анъана, урфу одат, сифатҳои динӣ ва тасаввуротҳои асотирии такрорнашаванда мебошад. Қабилаҳо аз тарафи шӯрои махсус идора карда мешуданд. Шӯроҳои қабилавӣ интихобӣ буда, пешвоёни худро доштанд. Дар шӯрои қабила тамоми масъалаҳо ҳал карда мешуданд.

Доир ба пайдоиши қабила фикру ақидаи ягона вуҷуд надорад. Баъзе аз муҳаққиқон ақида доранд, ки қабила дар як вақт дар баробари авлод пайдо шудааст. Масалан, мардуми тагҷоии Австралия. Гурӯҳи дигари олимон бар онанд, ки қабила натиҷаи равобити никоҳӣ, хоҷагӣ ва мадании байни авлодҳо буда, пас аз пайдоиши авлод ба вуҷуд омадааст. Масалан, умумияти таърихии авлоди ҳиндуҳои америкоӣ дар пояи равобити никоҳӣ, тартиботи хоҷагидорӣ ва мадании чанд авлод ба вуҷуд омадааст.

Қабила навъи муайяни умумияти таърихии одамон буд. Вобаста ба инкишофи бемайлони тарзи истеҳсолот дар ҷомеа нобаробарии моддӣ ба вуҷуд омад, ҷои моликияти дастҷамъии ибтидоиро моликияти хусусӣ ишғол намуд. Дар натиҷаи тақсимоти минбаъдаи меҳнат пайдо шудани навъҳои гуногуни истеҳсолот, аз қабили ҳунармандӣ, косибӣ, зироатчигӣ, чорводорӣ, савдогарӣ ва ғайра ҳосилнокии меҳнат афзуд ва имконияти воқеии пайдоиши хоҷагидории хусусӣ ба вуҷуд омад. Он гоҳ гурӯҳҳои этникии як вақтҳо устувор пароканда шуд, ба ҷои умумияти

пештараи авлодӣ ва қабилавӣ умумияти таърихии феълан нав — халкият ба вуҷуд омад. Барои ҳамин ҳам таърихи ҳар як халқ аз он ибтидо мегирад, ки дар замонҳои гузашта, дар ин сарзамин кадом қабилаҳо зиндагӣ мекарданд. Ин далел аз он дарак медиҳад, ки халқият дар пояи умумияти таърихии авлодӣ ва қабилавӣ пайдо шуда, ташаккул ёфтааст.

**Пайдоиши халқият**. Халқият, гуфта умумияти таърихан ташаккулёфтаи забонӣ, марзӣ ва маданин одамонро мегӯянд, ки дар зинаи муайяни тараққиёти ҷомеа ба вуҷуд меояд. Пайдоишу ташаккули халқият аз давраи муттаҳидшавии қабилаҳо сар шуда, роҳи дуру дарози таҳаввулро аз сар мегузаронад. Масалан, раванди ташаккули халқияти тоҷик аз ибтидои ҳазораи якуми мелодӣ сар шуда, то асри IX-X мелодӣ, то давраи салтанати Сомониён давом кардааст. Маҳз дар замони ҳукмронии Сомониён раванди ташаккули халқияти тоҷик ба анҷом расидааст. Халқи тоҷик дар асоси муттаҳидшавии қабилаҳои гуногуни Осиёи Марказӣ — бохтариҳо дар ҳавзаи болооб ва миёнаи Ому, суғдиён дар ҳавзаи Зарафшон ва Қашқадарё, портҳо дар Хуросон, Марғиёниён дар Марв, хоразмиён дар поёноби Ому, парканҳо дар водии Фарғона ва қабилаҳои сакоию массагетии кӯҳҳои Помиру Тиёншон ва даштҳои соҳили баҳрҳои Аралу Каспий (Хазар) ба вуҷуд омадааст.

Дар рафти инкишофи халқият забони яке аз қабилаҳои нисбатан сернуфус, ки аз нигоҳи иқтисодӣ мустаҳкам аст, ба забони умумии халқият табдил меёбад, забонҳои қабилаҳои дигар мемиранд ва ё дар шакли лаҳҷа ва шева боқӣ мемонанд. Умумияти марзӣ, маданӣ ва хоҷагии халқият бошад, дар асоси ба ҳам наздикшавии қабилаҳои зиёд, дар пояи маданияту тартиби хоҷагидорӣ ва марзии онҳо ба вуҷуд меояд. Масалан, маданияти халқи тоҷик дар асоси маданияти суғдиён, бохтариён, хоразмиён, тахористониҳо ва қабилаҳои дигар ба вуҷуд омадааст. Ҳар як миллат забони худро дӯст медорад, муҳофизат менамояд ва бо он мефахрад. Миллат бе забон вуҷуд надорад.

**Миллат ва нишонаҳои он**. Миллатро бе марзи муайян тасаввур кардан мумкин нест. Он яке аз омилҳои муҳими табиию ҷуғрофии ба вуҷуд омадани умумияти этникии миллат мебошад.

Омилҳои иқтисодӣ, забонӣ ва марзӣ боиси ташаккули маънавии миллат, шууру психология, хосияту анъанаҳои миллӣ гардидаанд. Маданияти миллӣ, театри миллӣ, адабиёт ва мусиқии миллӣ, санъати рассомӣ, меъморӣ, урфу одати миллӣ танҳо дар асоси омилҳои иқтисодӣ, забонӣ ва марзӣ ба вуҷуд меоянд.

Инкишофи муносибатҳои миллӣ ду тамоюли ба ҳам зид дорад. Тамоюли якум бедории шуури миллӣ, худшиносии миллӣ аст. Ҳар миллат дар симои намояндагони пешқадами худ ба дарки манфиатҳои умумимиллӣ, маданият ва анъанаҳои миллии худ мерасад. Дар натиҷаи тақвияти худшиносӣ ҳаракатҳои озодихоҳии миллӣ авҷ мегирад, ки ногузир ба барпо шудани давлатҳои миллӣ бурда мерасонад. Тамоюли дуюм аз интернатсионализатсияи тарзи ҳаёти миллат иборат аст. Яъне ҳаматарафа ривоҷ ёфтани муносибатҳои байни миллатҳо, байналмилалӣ гардидани тамоми ҷабҳаҳои ҳаёти ҷомеа: алалхусус иқтисодиёт, маданият, илму фарҳанг боиси бо ҳам наздикшавии миллатҳо мегардад. Вале агар худшиносии миллӣ ва байналмилалӣ гардидани ҳаёти миллат дар асоси принсипи ҳамзистии осоишта, баробарӣ, хусни тафоҳум нисбати миллатҳои дигар ба миён гузошта нашаванд, ногузир ба миллатчигӣ бурда мерасонад. Яъне байналмилалӣ гардидани иқтисодиёт ва маданият дар шароити миллатчигӣ боиси ғоратгарӣ, зӯран ба худ омехта кардан, рӯҳан ё ҷисман қир кардан, поймол намудани ҳуқуқи як миллат аз тарафи миллати дигар мегардад. Таҷрибаи талхи муносибати байни миллатҳо дар ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ба ин мисол шуда метавонад.

Миллатчигии иртиҷоӣ идеологияест, ки манфиати як миллатро нисбат ба миллатҳои «дигар» боло мегузорад. Фашизм, панафриканизм, панисломизм, пантуркизм, «маоизм» шаклҳои таърихии миллатчигии иртиҷоӣ мебошад. Доираҳои ҳукмрони миллатгароён дар байни миллат ва халқҳои гуногун тавассути воситаҳои ахбори оммавӣ тухми кинаву адоват, низоъ ва нобоварӣ кошта, онҳоро ҳамчун омили мустаҳкамгардонии манфиатҳои геополитикии худ истифода мебаранд. Масалан, дар солҳои 20-30 асри XX дар Осиёи Миёна ҷараёни миллатчигии пантуркизм дар назди худ ҳамин хел мақсад гузошта буд.

Ба ғояи миллатчигии иртиҷоӣ интернатсионализм муқобил меистад. Интернатсионализм яке аз принсипҳои асосии сиёсию

идеологии фалсафаи муосир аст. Интернатсионализм чунин маъно надорад, ки ин ё он миллат нисбати тақдири худ бетараф бошад. Интернатсионализм муҳаббати ҳақиқӣ нисбат ба миллату ватан буда, ба арзишҳои умумибашарӣ — озодӣ, сулҳ, адолат, демократия, баробарӣ зич алоқаманд аст. Интернатсионализм ба шовинизм, миллатчигии гузаро, нажодпарастӣ ва космополитизм қатъиян зид аст.

### САВОЛ ВА СУПОРИШҲО

1. Умумияти таърихии одамон чист? 2.Авлод кай ба вуҷуд омадааст? 3. Нишонахои кабила ва халкиятро муайян созед. 4. Халкияти точик кай ва дар асоси кадом кабилаҳо ташаккул ёфтааст? 5. Миллатро таъриф дода нишонаҳои онро номбар кунед.

## § 17. ЗАРУРАТИ ТАЪРИХӢ ВА ФАЪОЛИЯТИ ОДАМОН

**Мафҳуми зарурати таърихӣ ва фаъолияти одамон.** Аз мавзӯъҳои гузашта маълум гардид, ки ҷомеа ҳам мисли табиат аз рӯи қонунҳои объективӣ инкишоф меёбад. Тафовути қонунҳои ҷомеа аз қонунҳои табиат дар он аст, ки қонунҳои ҷомеа ба воситаи фаъолияти одамон зуҳур меёбанд. Фаъолияти одамон бо ҳодисаи дигар ба зарурати таърихӣ алоқаи ногусастанӣ дорад. «Зарурати таърихӣ гуфта, вобаста ба тараққиёти ҳаёт дар ҷомеа пайдо шудани эҳтиёҷи нави моддӣ ва маънавиро мегӯянд, ки одамонро водор месозанд, ба роҳу равиши муайян амал намоянд». Мисол, муносибатҳои ҷамъиятии ҳукмрон ва равандҳои асосии инкишофи забон дар ҷомеаи шӯравӣ боиси маҳдуд гаштан ва ҳатто, аз муомилоти васеъ танг карда баровардани забонҳои миллӣ гардиданд. Аз ҷумла, забони тоҷикӣ низ ба забони гуфтугӯи хона табдил ёфта, аз иҷрои вазифаи хеш, ки воситаи муошират ва мубодилаи ҷомеа аст, маҳрум гардида буд. Ин гуна омилҳои манфӣ зарурати пайдоиш ва инкишофи равандҳои ҳифз намудани забони тоҷикиро ба миён оварданд. Дар натиҷа ҳаракати миллӣ барои ҳимояю такмили забони тоҷикӣ ташаккул ёфт, ки воситаи зарурӣ ва ягонагии инкишофи забон гардид. Мисоли мазкур шаҳо-

дати он аст, ки зарурати таърихӣ худ ба худ вуҷуд надорад, балки дар доираи фаъолияти одамон ба амал омада, ифода меёбад.

Дар равандҳои истеҳсоли ҳаёти ҷамъиятӣ одамон аз рӯи мақсаду манфиатҳои худ амал мекунанд. Лекин мақсаду вазифаҳои одамонро на худи онҳо, балки муносибатҳои ҳаёти ҷамъиятиашон муайян месозад. Одамон на аз пеши худ,балки дар зери таъсири шароит, яъне муҳити иҷтимоӣ амал мекунанд. Муҳити иҷтимоӣ ё худ шароити таърихӣ маҳсули фаъолияти ҷамъиятии одамон аст. Лекин одамон низ дар навбати худ, маҳсули шароити таърихӣ ё маҳсули иҷтимоианд.

Зарурати таърихӣ ҳамеша манфиати умумиятҳои иҷтимоиро ифода мекунад. Бинобар ин қувваи мутаҳаррики зарурати таърихӣ шахс ва умумиятҳои иҷтимоӣ мебошад. Онҳо эҳтиёҷи таърихиро дарк намуда, барои ҳалли он кӯшиш менамоянд. баъзан мешавад, ки қувваҳои эҳтиёҷи таърихиро ифодакунанда аз иҷрои вазифаҳои худ баромада наметавонанд. Он гоҳ нерӯҳои иҷтимоӣ тантана карда, садди роҳи инкишофи ҷомеа мегарданд. Зарурати таърихӣ ва дарки он аз фаъолияти шахс вобаста аст. Дар ҷомеашиносӣ ба воситаи мафҳуми шахс хислату хусусият, сифатҳои инсонию иҷтимоии одамонро ифода мекунанд. Сифатҳои иҷтимоии инсон дар ҷараёни зиндагӣ, фаъолияти бошууронаи моддӣ ва маънавӣ, таҳсилу кор, донистани арзишҳои маънавӣ, фарҳангӣ, ахлоқӣ, зебоӣ ва ғайраи ӯ ҳосил мешавад.Барои ҳамин мафҳуми шахс, мафҳуми иҷтимоию таърихист. Хислату хусусиятҳое, ки сифати шахсии инсонро муайян мекунанд, дар ниҳояти кор инъикоси муҳити иҷтимоист, инъикоси ҳамон муносибатҳои ҷамъиятест, ки шахсро иҳота кардааст.

**Робитаи диалектикии зарурати таърихӣ ва озодии одамон.** Муҳити иҷтимоӣ шароити моддию маънавии ҷомеа буда инсон дар доираи он ташаккул ва инкишоф меёбад. Ба муҳити иҷтимоӣ маҷмӯи ашёҳо ва ҳодисаҳои ҷомеа, ки қодиранд ба инсон таъсир расонанд, дар он ҳисси манфӣ ё мусбатро ба вуҷуд оранд, маърифату эътиқоди сиёсӣ, ахлоқӣ ва маданиии онро ташаккул диҳад, дохил мешавад. Муҳити иҷтимоӣ аз омилҳои гуногун таркиб ёфтааст. Оила, муҳити зист, таълим, тарбия, сохтори идораи ҷомеа, китобҳои мутолиашуда, дӯстон, воситаҳои ахбори оммавӣ ва ғайраҳо аз қабили ин омилҳоанд. Омилҳои номбурда хислату

хусусияти сифатии шахсро ташаккул медиҳанд, муайян месозанд. Аз ин рӯ, дарки зарурати таърихӣ аз бисёр ҷиҳат аз муҳити иҷтимоие, ки шахсро иҳота кардааст, вобаста аст. Ба назар чунин мерасад, ки гӯё зарурати таърихӣ ва озодии одамон ба ҳамдигар зид бошанд. Дар ҳақиқат ин хел нест. Озодии одамон ва зарурати таърихӣ ба якдигар робитаи диалектикӣ доранд. Озодии одамон аз дарки зарурати таърихӣ ва истифодаи он, яъне ҷадал кардан иборат аст. Аз ин рӯ, шахсе, ки зарурати таърихиро дарк намекунад, ҳеҷ гоҳ озод буда наметавонад. Инсон ҳама вақт дар назди худ мақсади муайян мегузорад, сипас амал мекунад. Лекин фаъолияти амалии инсон ҳамеша ба мақсади он мувофиқ аст. Ҳолатҳое ҳам мешаванд, ки фаъолияти амалии инсон натиҷаи ғайри чашмдошт медиҳад. Объективияти зарурати таърихӣ ва қонунҳои инкишофи ҷомеа ҳам дар ҳамин аст.

Дарки зарурати таърихӣ ба одамон имконияти озодона фаъолият кардан медиҳад. Дар ин ҷо фаъолияти озодонаи инсон на дар он аст, ки зарурати таърихиро зуҳур мебахшад. Аз ин рӯ, инкишофи ҷомеа аз ивазшавии давраҳои таърихӣ иборат аст. Вале ивазшавии давраҳои таърихӣ раванди тасодуфӣ набуда, раванди табиию таърихӣ аст ва аз фаъолияти одамон ва шахсони ҷудогонаи таърихӣ бармеояд. Пас офарандаи таърих одамонанд.

Агар офарандаи таърих оммаи халқ бошад, мақоми шахс дар таърих чӣ гуна аст? Албатта бунёдгари таърих одамонанд, лекин ин ҳеҷ гоҳ нақши шахсро дар таърих, таъсири онро дар воқеаҳои бузурги таърихӣ коста намесозад. Шахсиятҳои бузург - олимон, лашкаркашон, арбобони шоистаи ҷомеа, санъаткорон ва мутафаккирон дар саҳифаҳои таърих нақши амиқ гузоштаанд. Масалан, номҳои Спитаман, Шераку Исмоили Сомонӣ, Темурмалику Восеъро кӣ намедонад? Ҳар кадоми онҳо дар офариниши таърихи халқи тоҷик саҳми сазовор гузоштаанд. Вале иқтидори шахсиятҳои номбаршуда дар неруи ҷисмонӣ ва рӯҳонии халқи тоҷик буд. Зеро вақте, ки дар ҷомеа зарурати таърихӣ ба ин ё он шахси бузург ба вуҷуд омад, халқ аз миёни худ онро меёбад ва бо неруи хеш он шахсро бузург мегардонад. Аз ин хотир, иқтидори шахсони бузург дар заминаи иҷтимоии онҳост.

Инак, пайдоиши шахсони барҷаста аз талаботи таърихӣ вобаста аст. Шахсони бузург метавонанд раванди таърихиро суръат

бахшанд, ё худ садди роҳи ҷараёни таърих гарданд. Дар ҳарду ҳолат фаъолияти шахсони бузург аз манфиату иродаи он қувваҳое вобаста аст, ки онҳоро ба арсаи таърих мебарорад. Масалан: дар таърихи Русия Пётри I бо ислоҳотҳои худ тараққиёту таърихи Русияро суръат бахшид.

**Падидаи шахспарастӣ ва бегонашавӣ**. Эътирофи нақши шахс дар таърих набояд ба шахспарастӣ ва волюнтаризм бурда расонад. Волюнтаризм равияи фалсафиест, ки қонунҳои асосии инкишофи ҷомеаро ба инобат нагирифта, офариниши таърихро ба ирода, ақлу заковати шахсони ҷудогона марбут медонад. Эътирофи волюнтаризм ногузир ба шахспарастӣ бурда мерасонад. Шахспарастӣ падидаи ҷамъиятӣ буда, дар ташаккули худ роҳи дуру дарози таърихиро аз сар гузаронидааст. Ҳанӯз дар асрҳои миёна, ки идеологияи динӣ ҳукмрон буд, аввалин бор муносибат ба шахсони алоҳида ҳамчун ба воҳиди том ва мухтор ба вуҷуд омад. Сабаби асосии ин падида аз он иборат буд, ки шахсони генеалӣ ва соҳибмансаб масъалаҳои заминиро, ки феълан кулли мардум ҳодисаҳои кайҳонӣ мепиндоштанд, мустақилона ҳал карда метавонистанд ва одамон дар симои онҳо олати қувваҳои фавқулоддаи кайҳониро эҳсос мекарданд. Ба ин гуна шахсон ҳамчун ба мададгор, наҷотбахш муносибат карда, онҳоро ҳамчун бут парастиш мекарданд. Маҳз дар чунин пояи тафаккури қашшоқ ва ҷоҳилона парастиши шахс ба вуҷуд омадааст.

Зинаи баланду фоҷиавии парастиши шахс шахспарастии замони шӯравӣ буд, ки боиси қатли ҳазорҳо-ҳазор одамони озодандеш гардид.

Ҳама гуна шахспарастӣ оқибати фоҷиавӣ дорад. Пеш аз ҳама озодии инсонро маҳдуд месозад. Одамонро ба касалии фанатизм ва якрангии сиёсӣ гирифтор мекунад. Дар тафаккури одамон, шахсияти бузург ҳамчун мақсад ва ҳамаи дигарон воситаи расидан ба он мақсад нақш мебананд. Чунин психология ногузир боиси бегонашавӣ, оҷизӣ, номустақилӣ ва камфаъолиятии одамон мегардад.

Бегонашавӣ чӣ маъно дорад. Бегонашавӣ падидаи иҷтимоиест, ки дар асноии он натиҷаи фаъолияти инсон, нерӯи мустақили ба одамон хос, ба худ хислати мутақобиларо мегирад. Бегонашавӣ таърихан аз аввалин тақсими ҷамъиятии меҳнат, пай-

доиши моликияти хусусӣ ба воситаҳои истеҳсолот, пайдоиши муносибатҳои давлату давлатдорӣ сар шуда, дар ҳамаи давраҳои таърихӣ ҷой дорад. Бегонашавӣ оқибатҳои иқтисодӣ, ичтимоӣ ва сиёсӣ дорад. Дар соҳаи иқтисодиёт одамонро аз воситаи истеҳсолот ҷудо карда, зиддияти онҳоро ба олатҳои меҳнат тезутунд мегардонад, фаъолияти мустақилонаи одамонро маҳдуд месозад. Дар соҳаи ичтимоӣ муносибати байни одамонро дар атрофи принсипҳои адолати иҷтимоӣ тезутунд карда, боиси низоъ ва тазоҳуротҳои таърихӣ мегардад. Дар соҳаи сиёсӣ бошад, бегонашавӣ одамонро нисбати ҳодисаҳои ҷамъиятӣ, сохтори идораи ҷомеа ва ғайраҳо бетафовут месозад.

Дар ниҳояти кор мақсади асосии ҳар як ҷомеа аз байн бурдани бегонашавии мардум мебошад. Мақсади зерин ҳангоме амалӣ мешавад, ки агар робитаи мавзуни инсон ва ҷомеа хосияти доимӣ гирифта, дар ҷомеа принсипҳои адолати ичтимоӣ ва ғояҳои инсонпарварӣ татбиқ карда шаванд, инсон ченаки ҳамаи чизҳо бошад.

### САВОЛ ВА СУПОРИШҲО.

1. Фаъолияти одамон дар доираи қонунҳои ҷомеа чӣ тавр сурат мегирад? 2. Оё офарандаи таърих одамонанд? 3. Шахсони ҷудогона дар офариниши таърих чӣ мартаба доранд? 4. Шахспарастӣ чист?

## § 18. МАСЪАЛАҲОИ УМУМИҶАҲОНИИ МУОСИР

**Мафҳуми масъалаҳои умумиҷаҳонии муосир.** Масъалаҳои умумиҷаҳонии муосир ифодаи мушкилотест, ки хосияти умумиинсонӣ пайдо кардаанд. Онҳо манфиатҳои тамоми инсоният, ҳатто ҳар як фардро, ки дар ин ё он минтақаи сайёраи замин сукунат дорад, дар бар мегирад. Масъалаҳои умумиҷаҳонии муосир омили инкишофи объективии иқтисодӣ, ичтимоӣ, илмию фарҳангии умумиҷаҳонӣ буда, рушду камоли тамаддун аз ҳалли бошууронаи онҳо вобастаанд. Ҷомеашиносии муосир кулли мушкилоти ҷаҳони муосирро омӯхта онҳоро ба се гурӯҳи асосӣ тақсим менамояд.

Ба гурӯҳи аввали масъалаҳои умумиҷаҳонӣ мушкилоти иҷтимоии байналмилалӣ дохил мешаванд, ки бузургтаринашон инҳоянд:

— аз байн бурдани хавфи ҷанги ҷаҳонии термоядроӣ;

— муҳайё намудани шароити осоишта барои рушду нумӯъи иҷтимоию таърихии ҳамаи халқҳо;

— мусоидат кардан ба бартараф намудани қафомонии иқтисодию иҷтимоии ҳамаи кишварҳо;

— ташаккули тартиботи нави иқтисодии байналмилалӣ;

— мубориза алайҳи терроризми байналмилалӣ.

Гурӯҳи дуюмро мушкилотҳое ташкил медиҳанд, ки натиҷаи робитаи мутақобилаи табиат ва ҷомеаанд:

— аз байн бурдани бӯҳрони экологӣ;

— таъмини инсоният бо захираҳои зарурии табиӣ, ашёи хом, неруи барқ, хӯрока ва ғайра;

— аз худ намудани укёнус, фатҳи кайҳон ва ба хизмати инсоният сафарбар намудани онҳо;

Гурӯҳи сеюми масъалаҳо ба танзими робитаҳои инсон ва ҷомеа алоқамананданд:

— мушкилоти демографӣ;

— бартараф намудани оқибатҳои номатлуби инқилоби илмию техникӣ;

— таъмини сиҳатмандии аҳолӣ ва аз байн бурдану маҳв сохтани бесаводӣ ва ғайра.

**Аз байн бурдани хавфи ҷанги термоядроӣ**. Мушкилоти аз байн бурдани хавфи ҷанги термоядроӣ, натиҷаи муносибатҳои оштинопазири системаҳои ба ҳам зидди ҷомеаи ҷаҳонист. Пас аз инқилоби октябри соли 1917 ҷаҳон ба ду лагер — лагери сотсиалистӣ ва сармоядорӣ тақсим шуд. Акнун дар арсаи ҷаҳон пахлӯи ҳамдигар давлатҳое меистоданд, ки онҳо ба низомоти мухталифи ҷамъиятӣ тааллуқ доштанд. Тафовути иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии байни ин ду система, шакли дағали зуҳуроти оштинопазириро дар байни давлатҳо падид овард. Махсусан, муносибати байни давлатҳои ду система пас аз ҳодисаҳои Хиросима ва Нагасакии Япония тезу тунд гардид. 6 августи соли 1945 авиатсияи ШМА ба шаҳри Хиросима, сипас 9 августи ҳамон сол ба шаҳри Нагасакӣ бомбаҳои атомӣ партофт. Дар натиҷаи ин

амалиёти ҳарбӣ беш аз 200 ҳазор кас кушта ва садҳо ҳазор нафар ярадор шудаанд. Қариб 100 ҳазор нафар одамон аз таъсири шуои нурҳои радиоактивӣ вафот карданд. Пас аз ин ҳодисаи мудҳиш дар системаи муносибатҳои байналмилалӣ давраи сифатан нав фаро расид. Дар тӯли беш аз чиҳил сол пас аз ҷанги дуюми ҷаҳон муносибатҳои ду система то андозае тезу тунд буданд, ки онро давраи «ҷанги сард» ном ниҳодаанд. Аз тарафи дигар, ин давраи таърихиро барои он давраи «ҷанги сард» мегӯянд, ки давлатҳои тараққикардаи ҷаҳон ба хотири нисбати якдигар бартарии ҳарбӣ пайдо намудан дар зери шиори «кӣ киро» ба истеҳсоли оммавии яроқи термоядроӣ шурӯъ намуданд.

Аз чор як қисми одамон, аз ду як ҳиссаи даромади миллии давлатҳои тараққикарда ба истеҳсоли яроқи қатли ом сафарбар карда мешуд. Дар натиҷа он миқдор яроқи атомӣ истеҳсол ва захира карда шуд, ки бо теъдоди ками он метавон сайёраи заминро ба фалокати азим гирифтор намуд. Дар чунин ҳолат дар муносибатҳои байналмилалӣ масъала ин тавр меистод: ё амалӣ намудани меъёрҳои принсипи ҳамзистии осоишта байни халқу давлатҳои мухталиф, ё ногузир ба сӯи фалокати термоядроӣ, ки ба ҳастии инсоният хотима мегузорад. Роҳи сеюм вуҷуд надошт. Ана, ҳамин тавр, масъалаи аз байн бурдани хавфи ҷанги ҷаҳонии термоядроӣ масъалаи доғи рӯз гардид.

Дар назди инсоният ягона роҳи оқилона — ин ҳам бошад, роҳи аз байн бурдани хавфи ҷанги термоядроӣ ба миён омад. Барои расидан ба ин ҳадаф, аввал шартномаи байни давлатҳо дар бораи паҳн накардани яроқи ядроӣ, сипас шартнома дар бораи истифода набурдани яроқи қатли ом ҳангоми моҷароҳои ҳарбӣ ва ниҳоят шартнома дар бораи тадриҷан кам карда, то ба нестӣ расонидани яроқи термоядроӣ имзо карда шуд. Дар амалӣ сохтани ин шартномаҳо доираҳои ҳукмрони Русия, ШМА, Англия, Фаронса ва Хитой нақши асосӣ мебозанд.

Дар замони муосир вақто, ки принсипҳои ҳамзистии осоишта қадам ба қадам татбиқ мешаванд, сиёсатмадороне низ ҳастанд, ки мавҷудияти яроқи термоядроиро кафолати сулҳу оромии ҷаҳон мешуморанд. Набояд фаромӯш кард, ки нигоҳ доштани яроқи ядроӣ эҳтимолияти истифодаи онро низ дорад. Аз ин хотир, мавҷудияти яроқи термоядроӣ сулҳу оромии ҷаҳонро таҳдид мена-

мояд. Чунин даъвоҳо беасос буда, раванди нест кардани яроқи қатли омро дар ҷаҳон бохдошта наметавонад.

Новобаста аз ин ки сатҳи инкишоф ва манфиатҳои кишварҳо гуногунанд, онҳо метавонанд нуктаҳои асосии принсипи ҳамзистии осоиштаро воқеӣ гардонанд. Асоситарин ҷузъиётҳои сиёсати ҳамзистии осоишта инҳоянд:

— даст кашидан аз ҳама гуна ҷанг, чун воситаи ҳаллу фасли муносибатҳо;

— эътироф ва эҳтироми истиқлолияти ҳамаи кишварҳо қатъи назар аз сохт ва сатҳи инкишофашон;

— баробарии нуфузи ҳамаи кишварҳо дар назди ташкилотҳои байналмилалӣ;

— дахолат накардан ба корҳои дохилии кишварҳои дигар;

— инкишофи робитаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва илмию фарҳангии ҳамаи халқу кишварҳо;

— ёрии иқтисодӣ, техникию технологии беғаразона дар байни ҳамаи кишварҳои ҷаҳон;

— ҳиссагузории ҳамаи кишварҳо дар бартараф намудани хавфи ҷанги термоядроӣ ва ғайра.

Амалӣ сохтани масъалаҳои мазкур боиси аз байн бурдани қафомонии иқтисодӣ ва иҷтимоии давлатҳои тараққиёбанда, падид овардани тартиботи ягонаи иқтисоди байналмилалӣ, таъмини пурраи инсоният бо захираҳои зарурии ашёи хом, барқ, хӯрока, фатҳи кайҳон ва аз худ намудани укёнус, аз байн бурдан ва маҳв сохтани бесаводӣ ва ғайраҳо мегардад.

**Мушкилоти демографӣ**. Масъалаи дигари умумиҷаҳонии муосир бӯҳрони демографӣ мебошад. Мафҳуми «демография» аз забони юнонӣ гирифта шуда, маънои барӯйхатгирии аҳолӣ ё нуфуси аҳолиро дорад. Маълум аст, ки миқдори аҳолӣ дар кураи замин таи ҳазор соли охир даҳ маротиба афзуда, ҳоло беш аз шаш миллиард нафарро ташкил медиҳад. Агар барои як баробар афзудани аҳолӣ дар ибтидо 700 сол зарур шуда бошад, баъдтар барои ду баробар зиёд шудани аҳолии сайёраи замин 150 сол зарур шуда монд. Ҳоло бошад, барои як баробар афзудани аҳолӣ якчанд даҳсола басанда аст.

Афзудани бемайлони аҳолӣ сабабҳои худро дорад:

— сатҳи пасти таъминоти техникию моддии одамон;

— мавчудияти бесаводӣ, сатҳи пасти маърифати одамон;

— ба мақсад мувофиқ набудани қонунгузорӣ ва меъёрҳои ҳуқуқӣ дар чомеа;

— паст будани сифати ташвиқот ва хизматрасонии тиббӣ;

— ба мақсад номувофиқ будани мақому мартабаи зан дар чомеа;

— ба ҳукми анъана, урфу одати миллӣ даромадани тачдиди аҳолӣ;

Афзоиши барзиёди аҳолӣ, асосан аз ҳисоби кишварҳои рӯ ба инкишофи Осиё, Африқо ва Амрикои Лотинӣ ба вучуд омадааст. Нуфуси бемайлони аҳолӣ дар чаҳон мушкилоти зиёдеро, монанди нарасидани хӯрока, ашёи хом, мушкилоти хизматрасонии тиббӣ, маҳви бесаводӣ, нарасидани нақлиёт, барқ, оби нӯшока ва ғайраҳо ба вуқӯъ пайвастааст. Барои бартараф сохтани мушкилоти мутазаккира танзими бошууронаи нуфуси аҳолӣ зарур аст. Пеш аз ҳама хислати механиконӣ бахшидан ба меҳнат ва ба истеҳсолоти механиконидашуда пайвастани ҳаёти занон зарур аст, зеро ҳар чи қадаре, ки сатҳи дарачаи қувваҳои истеҳсолкунанда баланд бошад ва ҳар чӣ қадаре, ки зан ба истеҳсолоти механиконидашуда пайваста шавад, ҳамон қадар нуфуси аҳолӣ ба низом меояд. Баръакс ҳар чӣ қадаре, ки меҳнати дастӣ ҳукмрон бошад, талабот ба қувваи корӣ зиёд мегардад.

Роҳи дигари танзими аҳолӣ ба нақша даровардани оила мебошад. Қонунҳои чомеа метавонанд нуфуси аҳолиро ба танзим андозанд. Давлат бо роҳи андозситонӣ оилаҳоро ба танзими тачдиди наслҳо водор месозад.

Сол то сол доираи фаъолияти инсон васеъ гардида, чабҳаҳои гуногуни табиат ва чомеаро фаро мегирад. Робитаи диалектикии табиат ва чомеа устувортар мегардад. Инсон акнун ба ҳақиқати аз «қаъри гили сиёҳ то авчи зуҳал» бохабар аст. Ӯ асрори укёнусро дарк намуда, коинотро фатҳ менамояд. Ҳамаи ин хуб аст, агар муносибати инсон ба табиат бошуурона, мақсаднок ва эчодкорона бошад. Асрҳо боз ангишт ва нафт воситаи асосии гармӣ ва тавлиди барқ буд. Дар замони муосир инсон аз ангишт ва нафт зиёда аз 8 ҳазор маҳсулоти таъиноти гуногундошта истеҳсол менамояд. Ин мисолҳо аз он дарак медиҳанд, ки табиат низ дар навбати худ аз фаъолияти одамон вобаста аст.

Ҳамаи масъалаҳои умдатарини замони муосир байни якдигар робитаи диалектикӣ доранд. Масалан, аз байн бурдани гуруснагӣ, барҳам додани бесаводӣ, ҳифзи саломатии мардум аз ҳаллу бартараф кардани хавфи ҷанги термоядрой вобаста аст. Маблағҳое, ки барои истеҳсоли яроқи термоядрой сарф карда мешаванд, метавонанд барои ҳалли масоили мутазаккира сафарбар намоянд. Ё ин ки ба роҳ мондани технологияи бепартов метавонад масъалаҳои ашёи хом, озуқа ва ғайра таъмин намудани аҳолиро ҳал намояд. Компютеркунонӣ, электрикунонӣ, умуман механиконии истеҳсолот боиси ҳалли масъалаҳои бӯҳрони демографӣ гардид. Он рӯз дур нест, ки инсоният ба ҳадафҳои худ мерасад. Муносибати хешро ба табиат бошуурона, мақсаднок ва эҷодкорона ба роҳ мемонад. Чунин аст талаботи замон, ки аз робитаи табиат ва ҷомеа бармеояд.

### САВОЛ ВА СУПОРИШҲО.

1. Мушкилоти ичтимоии ҷаҳони муосирро арзёбӣ намоед? 2. Робитаи диалектикии табиат ва ҷомеа дар замони муосир чӣ гуна аст? 3. Робитаи инсон ва ҷомеаро дар замони муосир дар мисоли мушкилоти демографӣ баён намоед.

# ФАСЛИ 3
# МАСЪАЛАҲОИ ИҚТИСОДӢ ВА ИҶТИМОИИ РУШДИ ҶОМЕА

## § 19. ИҚТИСОДИЁТ ВА МАСЪАЛАҲОИ МУҲИМИ ОН

**Масъалаҳои асосии иқтисоди ҷомеа**. Иқтисодиёт соҳаи мустақили ҳаёти ҷомеа буда, қонун, раванду тамоюлҳои инкишоф ва зиддиятҳои худро дорад. Ин соҳаи ҳаёт барои ҳар як шахс кушода аст ва ҳар як инсон метавонад ба он ворид гардад ва ба фаъолият шурӯъ намояд. Муносибатҳои иқтисодӣ ҳамаро фаро мегиранд. Ҳар як шахс бояд донад, ки масъалаҳои асосии муносибатҳои иқтисодиро танзими фаъолияти иштироккунандагони истеҳсолот созмон медиҳад. Аз ин ҷиҳат, масъалаи истеҳсолотро механизми танзими самараи истеҳсолот ташкил медиҳад. Зеро оид ба технология ва шароити иҷтимоии истеҳсолот, яъне марбут ба масъалаи асосии иқтисодиёт ду ақидаи мухолиф вуҷуд дорад. Мувофиқи ақидаи аввал самаранокии максималии истеҳсолоти ҷамъиятӣ ба озодии беинтиҳои (мутлақи) иқтисодии иштироккунандагони истеҳсолот вобаста буда, ба худ номи «Назарияи классикӣ»-ро гирифтааст. Ақидаи дуюм бошад, дахолати давлатро ба иктисодиёт ҷонибдорӣ менамояд. Тахлили ин ду равия имконияти ҳалли масъалаҳои иқтисодиро дар худуди «системаи омехта» исбот кардаанд, ки нисбати озодии молистеҳсолкунанда ва нисбияти дахолати давлатро талаб мекунад. Ин чора имконият дод, ки тамаддуни инсонӣ роҳи тараққиёти иқтисодиёти бозории танзимшавандаро пеш гирад. Аз ин рӯ, муносибатҳои иқтисодӣ муносибатҳои одамон дар истеҳсолот мебошад, ки асоси моддии тараққиёти ҷомеаи

инсониро ташкил медиҳад. Бе истеҳсоли неъматҳои моддӣ ҷомеаи инсонӣ вуҷуд дошта наметавонад. Раванди истеҳсолот таъсири инсон ба предметҳои табиат ва истифодаи онҳо ба манфиати ҷомеа, захираҳо ва омилҳои истеҳсолоти ҷомеа мебошад. Сарчашмаи истеҳсолот захираҳое мебошанд, ки ҷомеа дар ихтиёри худ дорад. Захираҳои истеҳсолот маҷмӯи воситаҳои табиию иҷтимоӣ ва маънавианд ва онҳо барои истеҳсоли мол ва хизматҳо истифода мешаванд. Захираҳоро дар истеҳсолот ба се гурӯҳ тақсим менамоянд:

— захираҳои табиӣ, ки барои истеҳсоли мол ва хизматҳо истифода мешаванд. Масалан, канданиҳои фоиданоки табиӣ;

— захираҳои моддӣ ё маънавӣ, ки инсон барои истеҳсолот худаш офаридааст. Масалан, олоти меҳнат;

— захираҳои меҳнатӣ. Масалан, аҳолии қобили меҳнат, қувваи коргарӣ.

Аз тарафи дигар истеҳсолот ҳама вақт ягонагӣ ва алоқамандии се омил — замин, сармоя (воситаҳои меҳнат ва воситаҳои пулӣ) ва меҳнат (қувваи коргарӣ)-ро дарбар мегирад, ки ҳар яке даромади муайян меорад.

| ЗАХИРАҲО | ОМИЛҲО | ДАРОМАДҲО |
|---|---|---|
| табиӣ | замин | рента |
| моддию молиявӣ | сармоя | фоиз |
| меҳнатӣ | меҳнат | музди кор |

Омилҳои мазкур дар маҷмӯъ қувваҳои истеҳсолкунандаи ҷомеаро ташкил менамоянд. Сатҳи тараққиёти қувваҳои истеҳсолкунанда меъёри асосии пешрафти ҷомеа мебошад. Дар маҷмӯъ ду хосияти иқтисодии ҷомеа — қувваҳои истеҳсолкунанда ва муносибатҳои истеҳсолӣ дар якҷоягӣ боиси истеҳсоли неъматҳои моддии ҷомеа мегарданд. Унсурҳои муносибатҳои иқтисодии истеҳсолот тақсимоти мубодила ва истеҳсолот мебошанд. Ҷавҳари муносибатҳои иқтисодиро моликият ташкил мекунад.

**Моликият. Муносибатҳои иқтисодии ҷомеа**. Муносибатҳои моликиятдорӣ аҳамияти хоса дошта, тарзи истеҳсолоти ҷамъиятӣ ва мақоми инсонро дар ҷомеа муайян мекунад. Инчунин муносибатҳои моликиятдорӣ ба таркиби иҷтимоӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии ҷомеа тағйироти куллӣ ворид месозанд.

Ҳар як тарзи истеҳсолоти моддӣ тарзи азхудкунии унсурҳои табиат мебошад. Аз ин рӯ, моликият се хосият дорад:

1. Азхудкунии чиз ё ин ки воситае. Масалан, замин, ки моли шахси алоҳида аст, дар он муносибатҳои хоҷагидорӣ барқарор мешаванд ва ҳеҷ каси дигар ҳуқуқ надорад, ки ба он моликият талабгор бошад.

2. Муносибати истифодаи моликият. Соҳиби моликият на ҳама вақт бевосита фаъолияти иқтисодӣ мебарад. Вай имконият медиҳад, ки шахсони дигар моликиятро дар асоси шартҳои муайян истифода баранд. Дар натиҷа дар байни соҳиби моликият ва соҳибкор муносибати истифодабарии моликият ба вуҷуд меояд.

3. Соҳибкор расман ҳуқуқ пайдо мекунад, ки моликияти бегонаро истифода барад. Масалан, бо ҳаққи муайян ва мӯҳлати муайян барои истифодаи моликият шартнома мебандад ва ё онро ба иҷора мегирад.

Таърихи тараққиёти иқтисодӣ се шакли моликиятро медонад: умумӣ, хусусӣ ва омехта. Моликияти умумӣ азхудкунии воситаи истеҳсолот аз тарафи гурӯҳи одамон, коллектив ва давлат мебошад. Шакли дигари азхудкуниро моликияти хусусӣ ташкил мекунад. Асоси инкишофи моликиятро аз они шахсони алоҳида будани воситаи истеҳсолот ташкил мекунад. Шакли сеюми моликиятро моликияти омехта ташкил менамояд, ки он бештар ба моликияти умумӣ наздик буда, баъзан ба ҳамдигар якҷоя мешаванд. Ба ин намуди азхудкунӣ моликияти кооперативӣ, иҷоравӣ, саҳомӣ ва амсоли ин дохил мешаванд.

Гуногуншаклии моликият дар иқтисодиёти бозоргонӣ сабаби пайдоиши шаклҳои гуногуни корхонаҳо мегардад. Ба монанди корхонаҳои давлатӣ, саҳомӣ, иҷоравӣ, кооперативӣ, хусусӣ, муштарак ва ғайраҳо. Фаъолияти истеҳсолии корхонаҳо ба давлат даромади муайян меорад. Даромади корхонаҳои мамлакат дар муддати як сол маҳсулоти умумии миллиро ташкил медиҳад. Маҳсулоти умумимиллӣ арзиши бозории мол ва хизматҳои дар тӯли моҳ ва сол ба дастомада мебошад. Агар аз маҳсулоти умумимиллӣ хароҷотро барои барқарор кардани омилҳои истеҳсолот кам кунем, маҳсулоти софи миллӣ боқӣ мемонад. Ва агар аз маҳсулоти софи миллӣ андози бевоситаро кам кунем, даромади миллӣ боқӣ мемонад. Андози бавосита илова бар нархи мол ва

хизматҳо, саҳмияҳо, андоз аз арзиши иловашуда, боҷи гумрукӣ ва ғайра мебошад. Даромади миллӣ маҷмӯи даромадҳое мебошад, ки омилҳои истеҳсолот дар натиҷаи фаъолияташон ба даст меоранд: омили меҳнат (музди кор), омили сармоя (фоида ва фоиз), омили замин (рентаи замин). Даромади миллӣ барои тараққиёти истеҳсолот ва қонеъ гардонидани талаботи ҷомеа истифода мешавад ва нишондиҳандаи муҳими тараққиёти иқтисодии ҷомеа мебошад.

### САВОЛ ВА СУПОРИШҲО.

1. Масъалаи асосии иқтисодии ҷомеа гуфта Шумо чиро мефаҳмед? 2. Кадом захираҳо ва омилҳои истеҳсолоти ҷомеаро медонед? 3. Дар ноҳия ва маҳалли Шумо ин захираҳо ва омилҳои истеҳсолот чӣ гуна истифода бурда мешаванд? 4. Оё аз истифодаи онҳо Шумо баҳра мебаред? 5. Дар зери мафҳуми маҳсулоти умумимиллӣ чиро мефаҳмед ва он аз кадом қисмҳои асосӣ иборат мебошад?

## § 20. МУНОСИБАТҲОИ БОЗОРГОНӢ ВА ТАНЗИМИ ИҚТИСОДИЁТ

**Мафҳуми иқтисодиёти бозоргонӣ.** Масъалаи муҳими назария ва амалияи иқтисодро мувофиқ гардонидани амалиёти иштироккунандагони истеҳсолоти ҷамъиятӣ ташкил менамояд. Аз интихоби ин ё он тарзи истеҳсолот системаи иқтисодию иҷтимоии ҷомеа вобаста аст. Он иқтисодиёти планӣ ё бозорӣ мебошад. Меҳнати инсон, ки маҳсулот истеҳсол мекунад, хосияти духела дорад. Аз як тараф меҳнати хусусии ҳар як шахс мебошад. Аз тарафи дигар меҳнати хусусӣ бояд аз тарафи ҷомеа эътироф гардад. Хусусияти мазкури меҳнат танҳо бо воситаи мубодила дар бозор зоҳир мегардад. Аз ин ҷост, ки масъалаи муҳими назариявӣ ва амалии иқтисодиётро пайдо кардани механизме, ки талаботи ҷомеаро бо сифат ва самараи баланд қонеъ гардонида тавонад, ташкил менамояд. Вазифаи зеринро бо ду роҳ таъмин кардан мумкин аст.

1. Роҳи маъмурӣ, ки иқтисодиёт аз маркази муайян идора карда мешавад. Системаи мазкур талаб мекунад, ки талаботи ҷомеа пешбинӣ карда шавад. Фаъолияти меҳнатии коргарон аз

маркази иқтисодӣ идора карда шуда, ба нақша гирифта мешавад, ки чӣ қадар маҳсулот ва бо кадом нарх истеҳсол карда шавад.

2. Роҳи бозорӣ, ки ба системаи ҳавасмандии иқтисодӣ на аз тарафи мақомоти роҳбарикунанда, балки аз тарафи худи истеъмолкунанда ба миён меояд. Маҳз истеъмолкунанда моҳияти ҷамъиятии мол ва хизматҳоро муайян мекунад. Аз ин рӯ, воситаи танзими меҳнат муносибатҳои молию пулӣ ва рақобати истеҳсолкунандагон мебошанд.

Муносибатҳои бозорӣ, аз як тараф, молистеҳсолкунандагонро маҷбур месозанд, ки сифати мол ва хизматҳоро баланд ва хароҷотро кам намоянд. Аз тарафи дигар, муносибатҳои бозорӣ мустақилияти молистеҳсолкунандагон ва нархи озодро тақозо мекунад. Бозор алоқамандии истеҳсолот ва истеъмолотро таъмин намуда, талаботро ба мол ва хизматҳо қонеъ мегардонад. Имконияти фурӯшро фароҳам оварда, истеҳсолотро бо захираҳои моддию техникӣ ва қувваи корӣ таъмин менамояд.

Дар бозор қонеъгардонии талабот аз ҳисоби васеъ кардани истеҳсолот амалӣ мегардад. Бозор ба таври объективона ба натиҷаи фаъолияти корхона баҳо медиҳад. Корхонаҳое, ки самаранок кор намекунанд, ба рақобат тоб наоварда, барҳам мехӯранд.

Хуллас, мубодилаи бевоситаи маҳсули меҳнат бозор аст. Бозор маҷмӯи амалҳои хариду фурӯш мебошад. Ин хел амал ҳар рӯз ҳазорҳо ҳазор маротиба мушоҳида мешаванд.

Дар шароити ҳозира намудҳои гуногуни бозорро мушоҳида кардан мумкин аст:

1. Вобаста ба намуди маҳсулот: бозори молҳои истеъмолӣ ва истеҳсолӣ, ашё ва ғайра.

2. Аз рӯи аломатҳои марзию худудӣ: бозори миллӣ ва ҷаҳонӣ.

3. Аз рӯи сатҳи муташаккилӣ: бозори навташкилшуда ва тараққикарда.

4. Аз назари ҳуқуқӣ: бозори расмӣ ва ғайрирасмӣ.

5. Аз назари иқтисодӣ: бозори мол ва хизматҳо, сармоя, меҳнат ва коғазҳои қиматнок.

**Талабот ва таклифот дар бозор**. Мавқеи муҳимро барои фаҳмиши моҳияти бозор талабот ва таклифот ишғол менамоянд. Мушоҳидаҳои дуру дароз нисбати нарх нишон медиҳанд, ки ҳаракати он монанди дарё мебошад, яъне нарх гоҳ паст ва гоҳ

баланд мешавад. Аз ин хотир, ба хулосае омадан мумкин аст, ки танзими он хело мушкил аст. Лекин таҳлили амиқи ҷараёни конъюктураи бозорӣ ва назарияи иқтисодӣ имконият медиҳад, то қонуни махсусро, ки алоқамандии миқдорӣ байни нарх ва талабот, инчунин байни нарх ва таклифотро нишон медиҳад, баён намояд. Ин қонунро қонуни талабот ва таклифоти бозор меноманд. Саволи мантиқие ба миён меояд: худи талабот ва таклифот чӣ гуна падидаанд?

**ТАЛАБОТ** — зоҳиршавии эҳтиёҷот дар бозор, ки ба воситаҳои пулӣ таъмин мебошад. Масалан, Шумо ба ягон мол эҳтиёҷи калон доред, аммо барои харидани он пули кифоя надоред. Ин гуна эҳтиёҷотро талабот гуфтан мумкин нест. Талабот ин миқдори пулест, ки метавонад ба ивази моли даркорӣ сарф гардад. Табиатан агар нархи мол паст шавад, харанда бурд мекунад, чунки бо миқдори камтари пул метавонад миқдори моли зиёдтарро харида гирад. Чӣ қадаре ки нарх баланд бошад, ҳамон қадар талабот ба ин мол аз тарафи харидорон кам мегардад.

**ТАКЛИФОТ** — маҷмӯи молҳое мебошад, ки бо нархи муайян барои фурӯш дар бозор пешкаш карда шудааст. Ҳар қадаре ки нарх баланд бошад, ҳамон қадар таклифот зиёд буд, фурӯшанда бурд мекунад. Дар ин ҳолат вазъияти иқтисодии ҳам харидор ва ҳам фурӯшанда аз конюктураи бозор вобаста буда, вай бо таъсири омилҳои гуногун, монанди ҳаҷми истеҳсоли молҳо, ҳаҷми захираи онҳо, ҷараёни нарх ва даромадҳои пулӣ, ташкили савдо, ташвиқоти мол ва ғайраҳо тағйир меёбад. Мутаносибии талабот ва таклифот баробарии доимӣ ва қисман ва таркиби талабот ба молҳо ва ҳаҷму таркиби таклифотро тақозо мекунад. Агар таклифот нисбат ба талабот зиёд шавад, ҳаҷми мол ва истеҳсол зиёд мешавад. Лекин он ҳама вақт маънои истеҳсоли зиёдатии молро надорад. Баъзан сифати пасти молҳо, ки талаботро қонеъ намегардонанд ва сатҳи пасти даромаднокии аҳолӣ ва ғайраҳо низ сабаби аз таклифот қафо мондани талабот шуда метавонанд.

Хулоса, ба воситаи омилҳои мазкур бояд таносуби талабот ва таклифот дар бозор ба таври ҳамешагӣ нигоҳ дошта шавад. Яке аз ин гуна омилҳо рақобат мебошад.

**Танзими давлатии иқтисодиёти бозоргонӣ**. Агар давлат ҳамчун органи танзимкунанда ва таҷассуми қоидаҳои муайяни хат-

мии ҷомеа намешуд, равандҳои бозорӣ ва кӯшиши ҳар як шахс барои бойигарӣ ба анархия оварда мерасонид. Дар баробари тараққиёти қувваҳои истеҳсолкунанда дахолати давлат ба равандҳои иқтисодӣ меафзояд. Барои танзими иқтисодиёт давлат воситаҳои гуногунро истифода менамояд. Яке аз ин воситаҳо танзими ҳуқуқии равандҳои иқтисодӣ буда, аз коркарди қонунҳои иқтисодӣ ва таъмини меъёрҳои амалии таркиби бозор (биржаҳо, бонкҳо, ҷамъиятҳои саҳҳомӣ), соҳибкорӣ ва тиҷорат, таъмини баробарии субъектҳои бозор, миёнаравӣ дар байни соҳибкор ва кормандони кироя, мубориза бар зидди иқтисодиёти пинҳонӣ ва ғайраҳо иборат мебошад. Дар танзими ҳуқуқии иқтисодиёт мавқеи муҳимро инчунин қонунгузории зидди инҳисорӣ (монополия) мебозад. Чунки бе мубориза ба муқобили инҳисории иқтисодиёт ва мӯътадил намудани дараҷаи нарх ҳеҷ гуна тараққиёти иқтисодиро дар мамлакат тасаввур кардан номумкин аст.

Воситаи дигари таъсири давлат ба иқтисодиёт танзими молиявӣ мебошад. Иқтисодиёти бозоргониро бе гардиши пул дар муомилот тасаввур кардан мумкин нест. Ташкилотчии ин раванди иқтисодӣ давлат мебошад. Дар замони ҳозира воситаҳои муҳими танзими молиявии давлат: — андозҳо, инвеститсия, дотатсия, қарз, миқдори фоиз, имтиёзҳо барои соҳаҳое, ки маҳсулоти зарурии ҷамъиятӣ истеҳсол мекунанд, ба ёрии молиявии нақшаҳои илмию техникӣ ва соҳибкорӣ ба ҳисоб мераванд.

Дар байни воситаҳои таъсиррасонии давлат ба иқтисодиёт танзими иҷтимоӣ хело муҳим мебошад. Пеш аз ҳама ҳимояи гурӯҳҳои алоҳидаи иҷтимоӣ аҳамияти муҳимро касб менамояд. Аз ин рӯ, давлат бояд кафолати музди ақаллии корро дода тавонад. Вазифаи муҳими давлат дар шароити иқтисодиёти бозоргонӣ таъмини кифоягии шуғли аҳолӣ мебошад. Муҳайё намудани шароит барои амалӣ гардонидани қобилияти меҳнатии аъзоёни ҷомеа бо мақсади гирифтани даромади меҳнат ва соҳибкорӣ воситаи муҳимтарини танзими иҷтимоии равандҳои иқтисодӣ аз ҷониби давлат ба ҳисоб мераванд.

Хулоса, мавқеи давлат дар танзими иқтисодиёти бозоргонӣ хеле калон буда, дар баробари тараққиёти муносибатҳои бозорӣ меафзояд ва вазифаҳои он тағйир меёбанд.

**САВОЛ ВА СУПОРИШҲО.**

1. Иктисоди бозоргонӣ чист? 2. Шумо кадом намудҳои бозорро медонед? 3. Оё бозори колхозӣ аз бозори иктисодӣ фарк дорад? 4. Талабот ва таклифотро дар бозор чӣ хел фаҳмидед? 5. Ба фикри Шумо ба онҳо чӣ хел таъсир расонидан мумкин аст? Аз ҳаёти худатон дар ин бора мисол оварда фаҳмонед. 6. Ба фикри Шумо оё бе дахолату танзими давлат иктисодиёт пеш рафта метавонад?

# § 21. НАҚШИ НИЗОМИ МОЛИЯВИЮ ҚАРЗӢ ВА МУОМИЛОТИ ПУЛӢ ДАР ИНКИШОФИ ҶОМЕА

**Мафҳуми молия**. Молия унсури муҳими механизми хоҷагидорӣ мебошад, ки раванди такрористеҳсолкунии васеи ҷомеаро таъмин менамояд. Дар раванди фаъолияти истеҳсолӣ дар сатҳи гуногун аз корхона сар карда то хоҷагии халқ, хазинаи воситаҳои пулии мазкурро ташкил менамояд. Маҷмӯи таркиботи молиявӣ, ки иҷроиши вазифаҳои сиёсӣ ва иқтисодии давлатро таъмин менамояд, низоми молиявиро ташкил мекунад. Ин система дар замони ҳозира аз чор унсури муҳим иборат мебошад.: буҷаи давлатӣ, молиявии (мунитсипалӣ), маҳаллӣ, молиявӣ, корхонаҳои давлатӣ ва хазинаҳои махсуси ҳукуматӣ.

Унсури марказии низоми молиявӣ буҷаи давлатӣ мебошад, ки он хазинаи калонтарини ҳукумат ба ҳисоб меравад. Аз ҳисоби буҷаи давлатӣ мақомоти низомию қудратӣ, дастгоҳи давлатӣ, қисми бештари идораю муассисаҳои маориф ва тандурустӣ таъмин карда мешавад. Буҷаи давлатӣ аз қисми даромад ва харочот иборат аст. Қисми даромади буҷа нишон медиҳад, ки воситаҳои пулӣ аз кадом ҳисоб дохил мешаванд ва қисми харочоташ бошад, бо кадом мақсадҳо сарф карда мешавад. Сарчашмаи буҷа андозҳо мебошанд, ки 80-90%-ро ташкил менамоянд. Ҳар як ҳукумат кӯшиш мекунад, ки таносуби даромад ва харочоти буҷа баробар бошад. Дар амалияи ҷамъиятӣ бошад дар бисёр ҳолатҳо харочот нисбат ба даромад зиёд мешавад ва он камомади буҷа қафомонии истеҳсолот, харочоти зиёдатии гуногуни давлатӣ мебошанд.

**Мақоми андоз дар тараққиёти иқтисодии ҷомеа**. Андоз маблағи ҳатмист, ки аз даромади шахсони ҳуқуқӣ ва алоҳида, корхонаҳо, ташкилотҳо ва аҳолӣ ба давлат супорида мешавад.

Додани андоз барои ҳама ҳатмист ва маҷбурист. Ба воситаи андоз давлат метавонад фаъолияти муайяни иқтисодиро маҳдуд намояд ва ё ҳавасманд гардонад, соҳаи муайянро тараққӣ диҳад, ба фаъолияти иқтисодии соҳибкорон таъсир расонад, таносуби қобилияти харидор, талабот ва таклифотро нигоҳ дорад ва миқдори пули муомилотро танзим намояд. Андоз бевосита ва бавосита мешавад. Андози бевосита аз даромад гирифта мешавад. Андози бавосита ба нархи мол ва хизматҳо ҳамчун маблағи иловагӣ зам карда мешавад. Тарзи ситонидани андоз, мӯҳлат ва маблағи онро давлат муайян мекунад, то ки андоз сабук гардад ва тарзи ситониданаш ба манфиатҳои андозсупор мувофиқ бошад. Вобаста ба тарзи ситониданаш андоз ба се гурӯҳ тақсим мешавад: андози пешқадам, ки бо баробари афзоиши даромад ставкаи андоз меафзояд; андози иртиҷоӣ, ки дар баробари афзоиши даромад ставкаи андоз кам мешавад; андози мутаносиб, ки аз ҳамаи намуди даромад аз рӯи ставкаи якхела ситонида мешавад.

**Моҳият ва вазифаҳои пул (арз).** Унсури дигари муносибатҳои бозоргонӣ муносибатҳои молию пулӣ мебошанд. Пул воситаи ҷамъиятии муайян намудани арзиши мол ва хизматҳо мебошад. Дар шароити иқтисоди бозорӣ маҳсулот ҳамчун мол на барои истеъмол, балки барои фурӯш истеҳсол мешавад ва дар навбати худ бе иштироки пул амалиёти мазкур гузаронида намешавад. Аз ин ҷост, ки пул се вазифаи муҳимро иҷро мекунад.

Аввало, пул ҳамчун муайянкунандаи арзиши мол ва хизмат баромад мекунад. Дуюм пул, ки яке аз воситаҳои муомилот аст, ба сифати миёнарав байни харидор ва фурӯшандаи мол иштирок мекунад. Сеюм пул, ки воситаи ғункунӣ аст сатҳи баланди бозоргонӣ дорад. Хоҳ нақд бошад, хоҳ ғайри нақд вай пуле мебошад, ки бо осонӣ бо мол иваз шуда, бо мақсади дар оянда харидани мол ғун карда мешавад. Иҷрои вазифаҳои номбаршудаи пул ва қарз метавонад сабабгори тараққиёти иқтисодиёт ва самаранокии он гардад. Аз ин рӯ, дар ҷомеае, ки муносибатҳои молию пулӣ ҳукмрон аст, бояд таносуби миқдори мол ва хизматҳоро бо миқдори пули муомилот танзим намояд. Андоз бевосита ин ҳолатро тақозо менамояд. Агар ин таносуб риоя карда нашавад, он гоҳ беқурбшавии пул, яъне инфлятсия ба амал меояд, нархи молҳо ва хизматҳо меафзоянд, қобилияти харидории пул паст мешавад. Ин камбудиҳо сабабгори паст шудани некӯаҳволии мардум ва

камшавии истеҳсолот мегарданд. Пули муваққатии зиёдатӣ дар як мӯҳлати муайян қарз дода мешавад, ки муносибатҳои қарзиро ташкил медиҳад. Қарз дар мӯҳлати муайян, бо мақсади муайян ва бо фоизи муайяни муқарраршуда дода мешавад. Аз рӯи мӯҳлаташ қарз кӯтоҳмуддат ва дарозмуддат мешавад. Додани қарз асосан соҳаи фаъолияти бонкҳо мебошад. Бонкҳо аз рӯи фаъолияташон тиҷоратӣ, соҳавӣ ва умумӣ мебошанд. Дар системаи бонкии мамлакат мавқеи асосиро бонки миллӣ мебозад, маҳз он вазифаи пулбарориро иҷро намуда, аз болои бонкҳо назорат мебарад ва дар системаи пулию қарзии мамлакат иштирок мекунад.

### САВОЛ ВА СУПОРИШҲО.

1. Системаи молиявии ҷомеа аз кадом унсурҳо иборат аст? 2. Буҷаи давлатӣ чист? Дар бораи қисми даромад ва харочоти буҷаи давлатӣ маълумот диҳед. 3. Дар маҳал ва ноҳияи Шумо корхонаҳо, муассисаҳо ва аҳолӣ чӣ гуна андоз месупоранд? Дар ин бора маълумот диҳед. 4. Барои тараққиёти ҷомеа ба фикри Шумо чӣ кӯмак мерасонад ва аҳамияти бештар дорад? 5. Сабабҳои бекурбшавии пулро шарҳ диҳед.

## § 22. ТАШАККУЛ ВА ТАҚСИМОТИ ДАРОМАДҲО.

**Моҳияти даромадҳо дар иқтисодиёти ҷомеа**. Даромад мақсади охирини амалиёти фаъолонаи иштироккунандагони иқтисодиёти бозоргонӣ мебошад. Даромади зиёд натанҳо барои шахси алоҳида фоидабахш аст, балки барои ҷомеа низ муфид аст, чунки сарчашмаи қонеъ гардонидани талаботи умумӣ, васеъ намудани истеҳсолот, инчунин нигоҳ доштани камбағалон ва бекорон мебошад. Дар иқтисодиёт чунин намудҳои даромад мавҷуданд: музди кори коргарони кироя, маоши хизматчиёни сектори давлатӣ, фоидаи соҳибкорон ва ширкатҳо, даромади моликиятдорони майда ва ғайра. Новобаста аз сарчашмаи дохилшавии даромад вобаста ба табақаҳои гуногуни аҳолӣ тақсими даромад вуҷуд дорад. Тақсими даромад агар аз як тараф ба омилҳои истеҳсолӣ вобаста бошад, аз тарафи дигар он натиҷаи дахолати давлат дар тақсими даромад буда, азнавтақсимкунии даромадро мефаҳмонад, ки он як қатор умумиятҳо дорад, ба монанди: бекорон, аҳолии қобилияти меҳнатинадошта, ки дар азхудкунии даромад иштирок мекунанд ва ғайраҳо.

Даромади шахсони алоҳида ба 3 қисм тақсим мешавад: барои андоз, хароҷотҳои истеҳсолӣ ва пасандоз. Барои муайян намудани ҳаҷми даромад мо бояд даромади номиналиро аз даромади ҳақиқӣ фарқ намоем. Даромади номиналӣ маблағи пулие мебошад, ки дар ихтиёри шахс аст. Даромади ҳақиқӣ бошад, миқдори мол ва хизматҳо аст, ки бо воситаи даромади номиналӣ харида мешавад. Даромади номиналӣ метавонад доимӣ бошад, ё каму беш зиёд шавад. Ба ҳаҷми даромади ҳақиқӣ даромади номиналӣ, дараҷаи нарх ба мол ва хизматҳо таъсир мерасонад. Дар замони ҳозира қисми зиёди даромадро музди меҳнат ташкил мекунад.

**Музди меҳнат ва даромади оила**. Музди меҳнат подошест, ки корманди соҳаи истеҳсолӣ ба ивази миқдор ва сифати меҳнати сарфкардааш мегирад. Ду шакли музди меҳнат, вақтбайъ ва корбайъ мавҷуд аст. Шакли корбайъи музди меҳнат подошест, ки барои миқдори маҳсулоти истеҳсолшуда дода мешавад. Шакли вақтбаъйи музди меҳнат бошад, подошест, ки барои миқдори вақти сарфшуда дода мешавад. Новобаста аз шаклҳои музди меҳнат барои меҳнати якхела подош (мукофот)-и якхела муайян карда мешавад. Аз ин рӯ, корхона ва муассисаҳо низоми тарифиро истифода мебаранд. Низоми тарифӣ маълумотнома дар бораи қобилияти коргар, мураккабии кор, ихтисоснокии онро дарбар мегирад.

Натиҷаи охирини тақсимот ташкили даромади оила ва ҳар як шахс мебошад. Манбаъ ва сарчашмаҳои асосии даромади оилавӣ, пеш аз ҳама, даромад дар шакли музди меҳнат, даромад аз моликияти кооперативӣ, хоҷагиҳои назди хавлигӣ ва даромад аз фаъолияти меҳнатӣ ва соҳибкорӣ мебошад. Омилҳое, ки сабаби тағйироти даромади оилавӣ мешаванд, ба ду қисм тақсим мегарданд: омилҳое, ки сабаби афзоиши даромади оила мегарданд; омилҳое, ки сабаби камшавии даромади оила мегарданд. Чунончи, афзоиши шумораи кӯдакон ва нафақахӯрон, кам шудани коргарон, музди меҳнат ва ғайра. Дигаргуншавии таркиби даромади оила ба ҷараёни нархи чакана, сатҳи таъминоти муассисаҳои савдо ва хизматрасонии он низ вобаста мебошад. Чӣ қадаре ки музди меҳнат идеалӣ набошад ва алоқаи он ба натиҷаи охирин хуб набошад, бе нигоҳ доштани раванди муфлисшавӣ сатҳи даромади аҳолиро беҳтар кардан мумкин нест ва нархҳоро низ

паст гардонидан ғайриимкон аст. Дар мавриди муайян кардани музди меҳнат бояд ягон меъёре истифода шавад. Ин меъёрро миқдори зарурии маҳсулоти барои рӯзгузаронӣ зарур ташкил менамояд. Дар ҳолатҳои ҷудогона мувофиқи нархи амалии ҳамин миқдори маҳсулоти барои ҳаётгузаронӣ ногузиру зарур ҳадди ақаллии музди меҳнатро ташкил карда метавонад. Сатҳи ақаллии рӯзгузаронӣ аз миқдори муайяни воситаҳои пулие иборат аст, ки барои қонеъ гардонидани сатҳи нархи чакана равона гардидааст. Ҳаминро қайд кардан лозим аст, ки вобаста ба дараҷаи тараққиёти иқтисодиёти мамлакат ҳаҷми ақаллии рӯзгузаронӣ гуногун мебошад.

**САВОЛ ВА СУПОРИШҲО.**

1. Даромад гуфта чиро мефахмед? 2. Дар бораи шаклҳои гуногуни даромадҳо маълумот диҳед. 3. Кадом шаклҳои музди меҳнатро медонед? 4. Кадом сарчашмаҳои афзоиш ва камшавии даромади оила ба Шумо маълуманд? 5. Даромади оилаатонро таҳлил намоед ва омилҳои ба он таъсиркунандаро муайян кунед?

## § 23. МАСЪАЛАҲОИ ЭКОЛОГИИ ИҚТИСОДИЁТИ МУОСИР.

**Алоқамандии ҷомеа ва табиат**. Захираҳои табиӣ омили муҳими иқтисодиёти муосир мебошанд. Аз қобилияти табиии замин, ҳосилнокии хок, хосияти иқлимӣ, бойигариҳои зеризаминӣ сатҳи тараққиёти истеҳсолот вобаста аст. Муҳимаш он аст, ки захираҳои табиӣ барои тараққиёти истеҳсолот самаранок истифода бурда шаванд. Арзиши истифодаи захираҳои табиӣ дар натиҷаи зиёдшавии талабот ба онҳо оҳиста-охиста ба камшавӣ ва афзоиши партовҳои истеҳсолот дар муҳити зист мегардад. Аз ин рӯ дар назди ҷомеа ду масъалаи муҳим меистад. Аввало, самаранокии истифодаи захираҳои табиӣ дар асоси иваз намудани захираҳои камёфт ба захираҳое, ки имконияти дастрас намудани онҳо мавҷуд аст ва чандон мушкил нест. Тараққиёти истеҳсолоти бепартов ва коркарди ашёҳо низ аҳамияти махсус доранд. Аз ин рӯ, дуюм гузариш ба системаи такрористеҳсолкунии пӯшида, ки коркарди бепартови ашёҳоро таъмин карда метавонад.

Меҳнат шакли фаъолияти инсон аст, ки таъсири мутақобилаи он бо табиат мақоми хосае дошта, онро танзим ва назорат мекунад. Хосияти эҷодӣ ва оқилонаи меҳнат дар он сурат зоҳир мегардад, ки агар ба табиат зарар наорад. Вайрон шудани табиат бештар ба номукаммалии техникаю технология вобаста аст, ки дар натиҷа ба муҳити зист зиён расонида мешавад. Илми муосири иқтисодӣ раванди асосии истеҳсолотро дар алоқамандии инсон ва табиат мебинад. Фарқи асосии фаъолияти меҳнатии инсон аз рафтори ҳайвон дар он аст, ки инсон вақте ки меҳнат мекунад, пеш аз ҳама рафти меҳнат ва оқибатҳои онро андеша менамояд. Аз ин рӯ, инсон на танҳо захираҳои табииро эҳтиёткорона ва самаранок истифода мебарад, балки дар бораи онҳо ғамхорӣ менамояд, таносуби биологии онҳоро нигоҳ медорад.

Бойигарии табиӣ ба ду қисм тақсим мешавад: шароити табиӣ ва захираҳои табиӣ. Шароити табиӣ имконияти зуҳури фаъолияти инсонро ба вуҷуд меорад. Нури офтоб, гармии дохилии замин, мавқеи ҷуғрофии иқлим, релеф ва ғайраҳо шароити табииро ташкил менамоянд. Дар дараҷаи муайяни тараққиёти қувваҳои истеҳсолкунанда шароити табиӣ метавонад ба захираҳои табиӣ табдил ёбад. Масалан, нури офтоб ва гармии замин метавонанд ба сифати сарчашмаи қувваи барқ истифода шаванд. Захираҳои табиӣ боshанд, қувваи табииянд, ки дар равандҳои истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолӣ истифода мешаванд. Аз рӯи дараҷаи истифодаашон захираҳои табиӣ ба захираҳои ҳақиқӣ, ки дар истеҳсолот истифода мешаванд (замин, канданиҳо) ва иқтидори эҳтимолиёт, ки то имрӯз ба таври васеъ истифода бурда намешаванд (нури офтоб, шамол ва ғайра) тақсим мешаванд.

**Истифодаи захираҳои замин**. Захираи муҳимтарини табиӣ захираи замин мебошад. Вай асосан манбаи некӯаҳволии ҷомеа, фазои ҷойгиршавии қувваҳои истеҳсолкунанда ва аҳолӣ мебошад. Мавқеи муҳимро хусусияти ноҳиявӣ ва минтақавии захираҳои замин соҳибанд. Захираҳои замин, ки дар ноҳияҳои гуногун ҷойгир шудаанд, аз ҷиҳати ҳосилхезӣ, таркиби хок, иқлим ва захираҳои обӣ фарқ мекунанд. Ин фарқият асосан пайдоиши даромади иловагӣ (рентаи замин) мегарданд ва он дар заминҳое, ки ҳосилхезанд, мавқеи хуби ҷойгиршавӣ доранд, амиқтар зоҳир мегардад. Хусусияти дигари фарққунандаи захираҳои замин ва

воситаҳои дигари истеҳсолот дар он маълум мегардад, ки онҳо асосан маҳдуд буда, беохир зиёд гашта наметавонанд. Вазифаи муҳими истифодаи оқилонаи заминро баланд бардоштани маҳсулнокӣ ва ҳосилнокии он ташкил менамояд. Аммо масъалаи дигар низ мавҷуд аст. Он шаклҳои мухталифи маҳсулотнокӣ аст. Маҳсулнокӣ дар шаклҳои гуногун зоҳир мегардад: маҳсулнокии табиӣ, маҳсулнокии сунъии замин, маҳсулнокии иқтисодии замин ва ғайраҳо.

Табиат ва захираҳои он муҳит, объект, натиҷаи ҳаёт ва фаъолияти хоҷагидории одамон буда, оқилона ва самаранок истифода бурдани онҳо яке аз масъалаҳои рӯзмарра мебошад.

### САВОЛ ВА СУПОРИШҲО.

1. Масъалаи экологии иқтисодиёт гуфта чиро мефаҳмед? 2. Дар бораи алоқамандии ҷомеа ва табиат маълумот диҳед. 3. Кадом захираҳои табииро медонед ва вазъи экологии онҳо чи хел аст? 4. Дар маҳал ва ноҳияи Шумо захираҳои замин чӣ гуна истифода мешаванд?

## § 24. РУШДИ ИҚТИСОДӢ: НАМУДҲО, ОМИЛҲО ВА САРЧАШМАҲОИ ОН.

**Моҳияти рушди иқтисодии ҷомеа ва намудҳои он**. Ҳаёт худ ҳаракат аст. Шаклпазирӣ моҳияти асосии он аст. Ҳаёти иқтисодии ҷомеа ба монанди табиат доимо дар ҳаракат буда, ба дигаргуниҳои миқдорӣ ва сифатӣ дучор мегардад. Рушди иқтисодӣ ва ҳаракати бефосилаи иқтисодиёт тараққиёт ва пешравии ҳаёти иқтисодиро мефаҳмонад. Сабаби тараққиёти иқтисодӣ дар робитаи зиддиятноки иқтисодии ҷомеа ва истеъмолот ниҳон аст. Талаботи иқтисодии инсон худ истеҳсолотро ба вуҷуд меорад. Маҳсулоти нав пайдо мешавад ва ба он талабот бедор мегардад, истеҳсолот бошад, шароити қонеъ гардонидани ин талаботро ҷустуҷӯ мекунад. Дар навбати худ сатҳи қонеъ гардонидани талабот сабаби такрорёбии он ва мукаммалшавии истеҳсолот мегардад. Талаботи ҷомеа миқдоран ва сифатан меафзояд ва дигаргун мешавад. Миқдоран барои он меафзояд, ки аҳолӣ афзуда истодааст. Сифатан барои он меафзояд, ки инсони муосирро талабот ба хӯрок, пӯшок ва манзил қонеъ гардонида наметавонад. Афзоиши

талабот ба молҳои ҳозиразамон рушди иқтисодӣ ва афзоиши неъматҳои моддиро талаб мекунад. Ҳаётӣ будани низоми иқтисодӣ дар ҳалли масъалаи мазкур зоҳир мегардад.

Аммо тараққиёти иқтисодии ҷомеаро ҳама вақт ҳамчун тамсили болоравии иқтисодиёт тасаввур кардан ғайриимкон аст. Чунки тараққиёт дар мӯҳлати муайян суст мешавад ва ё баъзан пастравӣ мушоҳида мешавад. Дар мӯҳлати муайян доимо такрор шудани ин дигаргуниҳо ҳаракати даврагии тараққиётро мефаҳмонад. Сабаби даврагии хосияти иқтисодӣ дар мураккабии он ва зиддиятнокии хусусиятҳои қувваҳо ва омилҳое, ки ба иқтисодиёт таъсир мерасонад, зоҳир мегардад.

Ҳаракати даврагии тараққиёти иқтисодиёт се зинаро дарбар мегирад: бӯҳрон, таназзул ва болоравии рушди иқтисодӣ дар миқёси истеҳсолоти ҷомеа афзоиши ҳаҷми солонаи мол ва хизматҳо мебошад. Нишондиҳандае, ки бо воситаи он рушди иқтисодӣ чен карда мешавад, маҳсулоти умумимиллӣ (МУМ) мебошад. Барои муқоиса дар арсаи байналхалқӣ (МУМ) ба ҳар сари аҳолӣ истифода мешавад. Одатан нишондиҳандаи мазкур барои маълумоти сатҳи зиндагӣ ва некӯаҳволии аҳолии ин ё он мамлакат истифода мешавад. Ду намуди рушди иқтисодӣ мавҷуд аст: экстенсивӣ ва интенсивӣ.

Афзоиши экстенсивии мол ва хизматҳо аз ҳисоби ба таври иловагӣ ҷалб намудани омилҳои истеҳсолот, аз ҷумла, замин, меҳнат, сармоя, сифат ва техникаи онҳо тағйир меёбанд, ба амал меояд. Масалан, барои истеҳсоли зиёди маҳсулот ба ҷойи як сехи истеҳсолӣ ду сех сохтан лозим мешавад. Намуди интенсивии рушди иқтисодии афзоиши неъматҳои моддӣ бошад, аз ҳисоби афзоиши ҳосилнокии меҳнат, такмилёбии техникӣ ва самаранокии истифодаи омилҳои истеҳсолот ба даст оварда мешавад. Масалан, дар асоси сифатан мукаммал гаштани омилҳои истеҳсолот дар ҳамон як сех истеҳсолро ду баробар зиёд кардан мумкин аст. Ин ду мафҳум ба ҳамдигар робитаи ногусастанӣ доранд. Ва дар мӯҳлати муайяни тараққиёти иқтисодӣ ин рушди иқтисодӣ афзалият пайдо менамояд. Ҳоло сухан дар бораи афзалияти роҳи интенсивие меравад, ки имконияти роҳи инкишофи соҳаҳои ҳозиразамонро ба миён меорад.

**Омилҳо ва сарчашмаҳои рушди иқтисодии ҷомеа.** Дар замони ҳозира омили муҳими рушди иқтисодӣ пешрафти илмию техникӣ мебошад, ки он доимо мукаммал намудан ва истифодаи равандҳои техникӣ ва технологиро дар истеҳсолот нишон медиҳад. Дар пешрафти илмию техникӣ мақоми муҳимро инқилоби илмию техникӣ мебозад, ки ҷаҳиши сифатиест дар тараққиёти қувваҳои истеҳсолкунандаи ҷомеа ва тағйироти куллӣ дар техникаю технологияи истеҳсолот.

Оғози инқилоби илмию техникӣ ба солҳои 50-уми асри XX рост меояд. Равияҳои асосии он автоматиконии истеҳсолот, пайдоиши мошинаҳои электронии ҳисоббарор, истеҳсолоти компютерӣ, истифодаи навъҳои нави нерӯи атомӣ, термоядроӣ, истифодаи технологияи нави кимиёвӣ, биологӣ, лазерӣ ва ғайра мебошад. Инқилоби илмию-техникӣ табдилёбии илмро ба қувваи бевоситаи истеҳсолкунандаи ҷомеа нишон медиҳад.

Инқилоби илмию техникӣ дар қувваи коргарӣ низ тағйироти кулливо ба амал меорад, талаботи навро нисбати ихтисоснокӣ, муносибат ба меҳнат, хосияти эҷодии иҷроиши он пешниҳод мекунад. Аз ин ҷост, ки дар давраи иқтисоди бозоргонӣ омили муҳими рушди иқтисодиро фаъолияти соҳибкорӣ ташкил медиҳад.

Соҳибкорӣ як навъи қобилияти эҷодкоронаи инсон аст, ки бо хоҳиши худи ӯ мустақилона бо мақсади гирифтани фоида фаъолияти иқтисодӣ мебарад. Соҳибкорӣ дар асоси масъулияти муайян ва мавҷудияти як қатор нишонаҳои таваккали амалӣ мегардад, ки аз соҳибкор эҷодкорӣ, ташкилотчигӣ, навовариро талаб мекунад, ки аз ҳеҷ корҳои эҳтимолӣ ҳарос надорад. Соҳибкорӣ дар шакли фардӣ ва дастҷамъӣ амалӣ мегардад.

Сарчашмаи рушди иқтисодиро низ раванди таъмини шароити зарурӣ барои афзоиши ҳаҷм ва сифати мол ва хизматҳо ташкил медиҳад. Захираҳои иқтисодӣ, аз ҷумлаи ин гуна манбаъҳо ба ҳисоб мераванд. Мамлакат метавонад захираҳои иқтисодии бой дошта, вале тараққиёти иқтисодиаш суст бошад. Масъалаи асосиро сатҳи истифодаи онҳо ташкил медиҳад. Масалан, Ҷопун гарчанде, ки захираҳои табиии кофӣ надошта бошад ҳам, истифодаи оқилонаи захираҳои иқтисодии дигар, пеш аз ҳама, кадрҳо сабаби таъмини рушди иқтисодии кишвар гаштааст. Инчунин

маблаггузорӣ (инвеститсия), сиёсати иқтисодӣ ва ғайра низ сарчашмаи рушди иқтисодӣ ба ҳисоб меравbooнд.

·Хулоса, таъмини рушди иқтисодӣ дар асоси истифодаи оқилонаи ҳамаи шароит ва омилҳои номбаршуда шарти муҳими тараққиёти ҷомеаи муосир мебошад.

### САВОЛ ВА СУПОРИШҲО.

1. Рушди иқтисодӣ чист ва кадом намудҳояшонро медонед? 2. Оё тараққиёти ҷомеа болоравии доимӣ дорад? 3. Кадом роҳҳои бартараф кардани бӯҳрони иқтисодии ҷомеаро медонед? 4. Кадом омилҳо ва сарчашмаҳои рушди иқтисодиро медонед? 5. Дар бораи тараққиёти иқтисодии ноҳия ва ҷомеа маълумот диҳед?

## § 25. АСОСИ ИҶТИМОИИ ИСТЕҲСОЛОТ ВА ТАРКИБИ ИҶТИМОИИ ҶОМЕА

**Масъалаҳои иҷтимоии иқтисодиёти ҷомеа**. Баъди солҳои 80-уми асри XX норасогиҳои тараққиёти иқтисодии мамлакат, ки садди роҳи рушду инкишофи ҳаёти ҷамъиятӣ буданд, дар сатҳи олии давлатӣ ошкоро зоҳир гаштанд. Сабаби асосии аз маҷрои хеш берун гаштани инкишоф дар ба инобат нагирифтани принсипҳои сотсиалистӣ ва идораи маъмурӣ ниҳон аст. Яке аз ин гуна принсипҳо «Аз ҳар кас мувофиқи қобилияташ, ба ҳар кас мувофиқи меҳнаташ» мебошад. Вайрон кардани принсипи мазкур ба нест шудани ҳавасмандии заҳматкашон ба натиҷаи меҳнат гардид. Тақсимоти баробар сабаби паст шудани ҳосилнокии меҳнат ва бегонашавии меҳнат гардид. Мутлақ гардонидани моликияти ҷамъиятӣ ба воситаҳои истеҳсолот дар ду шакли он, яъне давлатӣ ва кооперативию колхозӣ ба дур шудани соҳибони воситаҳои истеҳсолот аз моликият гашт, ки дар натиҷа одамон аз моликият бегона шуданд. Дар асnои ин ҳодисаҳо зарурати пайдоиши шаклҳои гуногуни моликият ба миён омад. Маҳз шаклҳои гуногуни моликият такони бузурге буд дар низоми муносибатҳои истеҳсолӣ. Гуногуншаклии моликият имконият дод, ки ҳар як аъзои ҷомеа мувофиқи қобилияташ дар истеҳсолот иштирок карда, мувофиқи сифат ва миқдори меҳнаташ ҳиссаи худро гирад. Дар ҳақиқат гуногуншаклии моликият имконият медиҳад, ки ҳар як моликиятдор моликиятро нигоҳ дорад ва афзун гардонад. Ба

туфайли чунин фаъолият бегонагии меҳнат барҳам дода шуда, ҳавасмандӣ ба меҳнат меафзояд. Яъне меҳнат воситаи ягонаи зиндагӣ ва инкишофи мавзуни шахс мегардад. Иқтисодиёти бозоргонӣ имконияти амалии моликияти хусусиро ба воситаи истеҳсолот ба миён меорад. Яъне одамони алоҳида соҳиби воситаҳои истеҳсолот мегарданд. Афзоиши моликияти хусусӣ ба воситаи истеҳсолот боиси ҳавасмандӣ ба меҳнат ва натиҷаи болоравии истеҳсолот мегардад. Аммо моликияти хусусӣ ба воситаҳои истеҳсолот қувваи кории кирояро зиёд карда, тадриҷан дар ҷомеа нобаробарии иҷтимоӣ афзун мегардад.

Норасогиҳои ҳаёт дар маҷмӯъ зарурати азнавсозии иқтисодиро ба миён овард. Дар солҳои аввали бозсозӣ асоси азнавсозиро дар пешрафти илмию техникӣ, фаъолгардонии омили инсонӣ ва дар ислоҳоти низоми идора медиданд. Аммо баъди чанде ба хулосае омадем, ки асоси тағйироти сифатии ҷомеа ислоҳоти низоми муносибатҳои истеҳсолӣ, пеш аз ҳама дар шакли моликият мебошад. Танҳо ислоҳоти моликият баробарии иқтисодӣ ва адолати иҷтимоиро таъмин карда метавонад. Барои он ки ҳар як аъзои ҷомеа аз рӯи имконият пурра қобилияти меҳнатии худро истифода барад. Баъдан барои пурра кардани қобилияти коргар ба меҳнат шароити хуби ташкили меҳнат лозим мебошад.

Адолати иҷтимоӣ якчанд шартҳоро талаб мекунад. Пеш аз ҳама баробарии имкониятҳо барои ташкили истеҳсолот ва иштирок дар истеҳсолот барои ҳамаи одамон ва табақаҳои ҷамъиятӣ муҳайё карда шавад. Ташкили бозори иҷтимоии ягона, яъне дастрас будани молҳои мухталиф ба табақаҳои гуногуни аҳолӣ. Баробар гаштани қобилияти харидории пул новобаста аз он ки дар дасти кӣ мебошад. Барҳам додани даромади ғайримеҳнатӣ ва таъмин намудани дараҷаи одилонаи даромад.

**Таркиби иҷтимоии ҷомеа**. Муносибатҳои нави истеҳсолӣ, ташаккули шаклҳои гуногуни моликият сабаби тағйироти таркиби иҷтимоии ҷомеа мегардад. Дар гузаштаи начандон дур ҷомеа аз ду синфи ба ҳам дӯст — коргарон ва деҳқонон ва гурӯҳи зиёиён таркиб ёфта буд. Дар шароити ҳозира синфҳо ва гурӯҳҳои сершумори иҷтимоӣ, ки манфиатҳои гуногуни иқтисодӣ ва иҷтимоӣ доранд, мавҷуданд. Умумиятҳои иҷтимоӣ манфиатҳои мухталиф доранд ва баъзан онҳо муқобили якдигаранд. Аммо ин муқобилият пешрафти ҷомеаро боз намедорад. Баръакс, сабаби

пешрафти он мегардад. Дар баробари синфи коргар ва деҳқон синфҳои сармоядорон, соҳибкорон ва ғайраҳо пайдо мешаванд, ки таркиби синфию иҷтимоии ҷомеа хеле гуногун ва мураккаб мегардад. Дараҷаи даромад ва тарзи зиндагии умумиятҳои иҷтимоӣ вобаста ба шакли моликияте, ки доранд ва он ҳиссае, ки онҳо дар инкишофи ҷомеа мегузоранд, вобаста мебошад.

**Бекорӣ ва оқибатҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии он.** Ҷиҳати муҳими масъалаҳои иҷтимоию истеҳсолоти ҷомеа бекорӣ мебошад. Бекорӣ муваққатан шуғл надоштани аҳолии қобили меҳнатро мефаҳмонад. Сабабҳои бекорӣ хеле гуногунанд. Тағйироти таркибии иқтисодиёт, ки ҷорӣ намудани технологияи нав сабаби камшавии шумораи коргарон мегардад. Пастравии иқтисодӣ талаботро умуман ба захираҳои иқтисодӣ, инчунин захираҳои меҳнатӣ кам мегардонад. Сиёсати ҳукумат ва иттифоқҳои касаба оиди музди меҳнат ва муваққатӣ будани истеҳсолоти баъзе соҳаҳо, инчунин тағйирот дар таркиби демографии аҳолӣ, ки зиёдшавии аҳолии қобили меҳнат низ сабаби камшавии талабот ба қувваи корӣ мегардад. Аз ин рӯ, бекорӣ якчанд хел мешавад. Бекории муваққатӣ, ки ба рафтани коргарон аз як соҳа ба соҳаи дигар, аз як ҷой ба ҷойи дигар вобаста мебошад. Бекории таркибӣ, ки ба дигаргуншавии соҳаҳои истеҳсолот, пайдоиши соҳаи нав ва барҳам хӯрдани соҳаи кӯҳна вобастааст. Бекории ниҳонӣ ба соҳаҳое, ки дар мӯҳлати муайян фаъолият доранд, вобаста аст. Ин шакли бекорӣ бештар дар соҳаҳои кишоварзӣ вомехӯрад. Бекории давраги ба давраи истеҳсолот вобаста аст. Масалан, дар давраи бӯҳрони иқтисодӣ талабот ба қувваи коргарӣ кам мешавад ва дар натиҷа бекорӣ меафзояд, лекин дар давраи болоравии иқтисодӣ бошад, баръакс, бекорӣ кам мегардад.

Новобаста аз хосияти объективиаш бекорӣ талафоти калони иҷтимоию иқтисодии ҷомеа мебошад. Бекориро аз назари манфиатҳои одамон фалокат ва барои шахсоне, ки аз воситаи рӯзгузаронӣ маҳрум мегарданд, ҳатто фоҷиа пиндоштан мумкин аст. Аммо аз рӯи манфиатҳои тараққиёти иқтисодӣ зарурати объективӣ мебошад. Бекорӣ оқибатҳои манфӣ дорад. Аз ҷумла, кам ворид шудани андоз ба буҷа, паст шудани сатҳи зиндагии бекорон ва оилаи онҳо ва бад шудани рӯҳияю пайдоишу ташаккули ноумедиҳо ва ғайра. Давлат вазифадор аст, ки бекориро ба танзим дарорад. Масалан, дар ноҳияҳо маркази шуғли аҳолӣ ташкил

карда шудаанд, ки ба бекорон кӯмаки моддӣ мерасонанд, ба онҳо барои дарёфти ҷойи кор ёрӣ медиҳанд, ба бекорон ихтисосҳои нав меомӯзонанд. Давлат метавонад ба корхонаҳо низ таъсир расонад то ки шумораи бекорон кам шавад. Яке аз масъалаҳои муҳими тараққиёти иҷтимоӣ ва иқтисодии ҷомеа масъалаи инкишофи демографӣ мебошад. Масъалаи мазкур дар кишвари мо аҳамияти хоса дорад, чунки солҳои зиёде аст, ки афзоиши аҳолӣ дар сатҳи баланд қарор дорад. Раванди афзоиш аз кам гаштани аҳолӣ зиёд аст. Дар ҳар як оила миқдори кӯдакони то синни меҳнатӣ хеле зиёд аст. Аз ин сабаб ҳам даромад ба сари аҳолӣ торафт кам шуда истодааст. Мебоист дар шароити гузариш ба иқтисодиёти бозорӣ дахолати давлатӣ ба ҳалли масъалаи мазкур ҷоннок мегардид. Ҳалли масъалаҳои демографиро сиёсати демографӣ танзим менамояд.

### САВОЛ ВА СУПОРИШҲО.

1. Кадом масъалахои иҷтимоию иқтисодиёти ҷомеа ба Шумо шинос мебошанд? 2. Таркиби иҷтимоии ҷомеа аз кадом синфхо иборат аст? 3. Дар бораи сабабхо ва оқибатхои бекорӣ ба таври пурра маълумот диҳед. 4. Оё дар маҳал ё ноҳияи Шумо бекорон ҳастанд? Дар бораи онхо нақл кунед. 5. Камшавӣ ва ё зиёдшавии сафи бекорон ба чӣ вобаста аст?

## § 25. МУНОСИБАТҲОИ ИҚТИСОДИИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

**Моҳият ва таркиби хоҷагии умумиҷаҳонӣ**. Дар шароити ҳозира торафт алоқаи байни мамлакатҳо пурзӯр шуда истодааст. Зиёдшавии талабот ба робитаҳои байниҳамдигарӣ зарурати ҳалли як қатор масъалаҳои умумибашарӣ — хавфи ҷанги ядроӣ, масъалаҳои экологӣ, тандурустӣ, қашшоқӣ ва бекориро ба миён меорад. Аз ин рӯ, асоси пойдории замони хозира тараққиёти минбаъдаи алоқаҳои иқтисодии байни мамлакатҳо мебошад. Ягон кишвари дунё бе алоқаҳои иқтисодии байналхалқӣ наметавонад тараққиёти иқтисодии худро таъмин намояд.

Хоҷагии умумиҷаҳонӣ маҷмӯи бо ҳам алоқаманди хоҷагиҳои миллӣ дар муносибатҳои байналмилалӣ мебошад. Давлатҳо аз рӯи сатҳи инкишофашон ба мамлакатҳои мутараққӣ ва кишварҳои рӯ ба инкишоф тақсим мешаванд. Заминаҳои хоҷагии умумиҷаҳонӣ

тақсимоти байналмилалии меҳнат ва тараққиёти муносибатҳои молиию пулӣ, ташкил ва тараққиёти бозори ҷаҳонӣ мебошад. Ҳоло ба мамлакатҳои мутараққии ҷаҳон: ИМА, Ҷопун, Олмон, Фаронса, Британияи Кабир, Италия ва ғайраҳо дохил мешавад.

Алоқаҳои хоҷагии ҷаҳонӣ аз савдои хориҷӣ ибтидо мегирад, ки аз алоқаҳои фардӣ то ба ҳамкориҳои дуру дарози иқтисодӣ омада расидааст. Давраи ташаккули бозори ҷаҳонӣ ба тараққиёти истеҳсолоти мануфактурӣ (асри XVI) мансуб мебошад. Хусусияти муҳими тараққиёти бозори ҷаҳонӣ ба инқилоби саноатии асрҳои XVIII-XIX алоқаманд мебошад. Он бори дигар алоқамандии саноати миллиро аз мубодилаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад. Раванди ташаккули бозори ҷаҳонӣ боиси афзоиши ҳаҷми савдо, дигаргуншавии таркиби он мешавад, ки боз ҳам алоқаҳои байни кишварҳоро устувор мегардонад. Давраи ташаккули он ба охирҳои асри XIX ва аввали асри XX таалluқ дорад.

Мамлакатҳои хоҷагии ҷаҳонӣ вобаста ба мавқеи ҷойгиршавӣ вазъи инкишофи сиёсӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангиашон хело гуногун буда, дар зинаҳои мухталифи тараққиёти иқтисодӣ қарор доранд. Ба мақом ва сатҳи савдои хориҷии кишварҳо омилҳои гуногун таъсир мерасонанд. Аз ҷумла, иқтисодиёти омехта, истеҳсол ва тақсимоти маҳсулот дар асоси механизми ташаккулёфтаи иқтисоди бозорӣ, озодии иқтисодӣ ва сиёсии шахс, дараҷаи баланди даромад дар истеҳсолот хос мебошанд.

Бештари мамлакатҳои минтақаҳои гуногуни олам вобаста ба дараҷаи рушди иҷтимоию иқтисодиашон ба гурӯҳҳои мухталиф дохил мешаванд. Аз ҷумла, гурӯҳи калони мамлакатҳо: Тайланд, Сингапур, Куриёи Ҷанубӣ ва дигарон гурӯҳи мамлакатҳои нави индустриявиро ташкил медиҳанд. Ҳиндустон, Покистон, Индонезия ва баъзе кишварҳои дигар бошанд гурӯҳи мамлакатҳои аҳолиашон хеле зиёдеро ташкил медиҳанд. Гурӯҳи кишварҳои Араб, Эрон, Туркманистон ва ғайраҳо ба ҷумлаи гурӯҳи мамлакатҳои пешқадами истеҳсолкунандаи нафт дохил мешаванд. Қисме аз давлатҳои минтақаҳои Америкаи Лотинӣ, Африқо ва Осиё аз ҷиҳати рушди иҷтимоию иқтисодӣ суст тараққӣ кардаанд.

Қисме аз мамлакатҳои минтақаҳои гуногуни олам ҳоло дар давраи гузариш қарор доранд. Дар давраи гузариш ин зумра кишварҳо ташкили самараноки иқтисоди бозорӣ, таъмини устувории

афзоиши некӯаҳволии аҳолӣ ва ғайраро максади худ қарор додаанд. Ин мамлакатҳо асосан, бо ду роҳ давраи гузаришро аз сар мегузаронанд. Роҳи аввал ислоҳоти куллии иқтисодӣ дар заминаи шикасти системаи кӯҳнаи иқтисодӣ ва бунёди муносибатҳои нави иқтисодию истеҳсолӣ мебошад. Роҳи дигар бошад тавассути пай дар пай гузаштан ба низоми нави муносибатҳо ва сатҳи хоҷагидорӣ мебошад. Роҳи аввал хоси собиқ ҷумҳуриҳои Иттиҳоди Шӯравӣ мебошад. Роҳи дуюм бошад ба Чин мувофиқ аст.

**Ҳамкории иқтисодии мамлакатҳои хоҷагии ҷаҳонӣ**. Давраи нави интернатсионализатсиякунонии истеҳсолотро равандҳои интегратсионӣ ташкил медиҳанд, ки шакли ҳамкории иқтисодии мамлакатҳоро дарбар мегирад. Равандҳои интегратсионӣ хосияти ноҳиявӣ (минтақавӣ) дошта, муттаҳидшавии кишварҳоро барои амалӣ гардонидани мақсадҳои умумии иқтисодӣ фаро мегирад. Омили аввалини муттаҳидшавии кишварҳоро бартараф кардани монеаҳои гумрукӣ ва тараққии савдо байни кишварҳо, ташкили «минтақаҳои озод», «минтақаҳои озоди савдо», «иттифоқи гумрукӣ» ва ғайра мебошанд. Сатҳи баланди интегратсияи кишварҳо иттифоқи иқтисодӣ мебошад, ки равандҳои иҷтимоию иқисодии байни кишварҳоро танзим менамояд. Дар сатҳи баланди камолоти ҳамкории кишварҳо Ҳамкории Иқтисодии Аврупоӣ мисол шуда метавонад, ки ҳаракати озодонаи мол ва қувваи коргарӣ мушоҳида карда мешавад. Чунин сатҳи интегратсия маънои ташаккули муҳити ягонаи иқтисодиро дорад. Муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ шаклҳои гуногун дорад: савдои хориҷӣ ва хизматҳо, кооператсияи истеҳсолии байнидавлатӣ, мубодилаи илмию техникӣ, ҳаракати сармоя ва инвеститсияи хориҷӣ, ҳиҷрати қувваи коргарӣ, муносибатҳои арзию қарзии байналмилалӣ.

**Моҳияти арз дар муносибатҳои байналмилалӣ**. Дар муносибатҳои байналмилалӣ мақоми муҳимро муносибатҳои арзӣ ишғол мекунанд. Арз воситаи пулиест, ки вазифаи пардохтро дар байни кишварҳо иҷро менамояд. Аз ин рӯ, вазифаи пули ҷаҳониро дар шароити ҳозира арзи миллии як қатор мамлакатҳои мутараққӣ, ки қурби баланд доранд, иҷро мекунанд. Ба сифати чунин арз доллари Амрико, маркаи Олмон, иени Ҷопун, фунт-стерлинги Англия, франки Фаронса ва ғайраҳо дохиланд. Қурбнокии арзи миллӣ ба тараққиёти иқтисодиёти мамлакат, мавқеи он дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ, ҳиссаи кишвар дар экспорти мол ва хизматҳо

ва иштироки он дар фаъолияти ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ вобаста мебошад.

Мубодилаи арзҳо дар бозори арзӣ аз рӯи қурбашон гузаронида мешавад. Нархи воҳиди арзи хориҷӣ, ки бо миқдори арзи миллӣ муайян карда мешавад, қурби арз ном дорад. Қурби арз бо роҳи маъмурӣ аз рӯи талабот ва таклифоти бозор муайян карда мешавад. Агар нархи арзи хориҷӣ нисбати арзи миллӣ зиёд шавад, беқурбшавии арзи миллиро мефаҳмонад.

Муносибатҳои арзӣ низ ба монанди навъҳо ва шаклҳои дигари муносибатҳо аз тарафи кишварҳои алоҳида ва ташкилотҳои байналмилалӣ танзим карда мешавад. Дар танзими муносибатҳои арзӣ мавқеи ташкилотҳои байналмилалӣ, ба монанди Хазинаи Байналхалқии Асъор (МВФ) ва Банки байналмиллалии Тараққиёт ва Реконструкция (МБРР) калон мебошад. Вазифаи асосии ташкилотҳои мазкур кӯмаки иқтисодӣ расонидан ба кишварҳои ҷаҳонӣ, пеш аз ҳама ба мамлакатҳои аъзои ин ташкилотҳо мебошад.

### САВОЛ ВА СУПОРИШҲО.

1. Шумо дар зери мафҳуми хоҷагии умумиҷаҳонӣ чиро мефаҳмед? 2. Аз рӯи тараққиёти иқтисодӣ мамлакатҳоро ба чанд гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст? 3. Шумо кадом шаклҳои ҳамкории иқтисодии байни мамлакатҳоро медонед? 4. Дар бораи ҳамкории Тоҷикистон бо мамлакатҳои дигар ва ташкилотҳои байналхалқии иқтисодӣ ва молиявӣ нақл кунед. 5. Дар бораи мавқеи арз ва сатҳи қурбнокии он дар муносибатҳои хориҷӣ нақл кунед.

## § 27. РАВАНДҲОИ АСОСИИ ИСЛОҲОТИ ИҚТИСОДӢ ДАР ТОҶИКИСТОН.

**Моҳиятиислоҳоти иқтисодии ҷомеа**. Бӯҳрони шадиди иқтисодӣ, ки бисёр мамлакатҳоро дар аввалҳои солҳои 80-уми асри XX фаро гирифт ислоҳоти иқтисодӣ, гузариш ба муносибатҳои бозоргониро талаб менамоянд. Барои амали самараноки иқтисодиёти бозоргонӣ чунин шартҳо лозиманд: озодии иқтисодии субъектҳои иқтисодӣ (корхонаҳо, соҳибкорон), масъулияти иқтисодии ин субъектҳо, рақобати солими молистеҳсолкунандагон ва ғайраҳо. Чунин шартҳо дар натиҷаи дигаргунсозиҳои муносибатҳои моликият, иваз намудани механизми хоҷагидории планӣ бо бозоргонӣ амалӣ мегардад.

Ислоҳоти нархгузорӣ сабаби ҷорӣ намудани нархи озод дар қисми зиёди соҳаҳо гардид. Дар бозор нарх дар зери таъсири талаботу таклифот муайян мегардад. Механизми нархгузории озод молистеҳсолкунандаро водор месозад, ки чӣ қадар истеҳсол кунад ва дар кадом бозор фурӯшад. Дар натиҷа корхона аз талафот (зарар) халос шуда, камомади мол барҳам мехӯрад. Аз ин рӯ, сар додани нарх дар иқтисодиёти ҷомеа яку якбора ба баландшавии нарх сабаб гардид. Корхонаҳо ва аҳолӣ зиёдшавии касри буҷа ва эмиссияи пулиро ҳис карданд. Озодии нарх маънои онро надорад, ки он танзим нагардад. Нарх доимо дар зери назорат буда, бо фишангҳои гуногуни иқтисодӣ танзим меёбад.

Иқтисодиёти бозоргонӣ мавҷудияти системаи мукаммали молиявӣ ва муассисаҳои онро талаб мекунад. Дар ин замина хазинаҳои пулӣ барои фаъолияти иқтисодии корхонаҳо ташкил карда мешаванд. Ислоҳоти молиявӣ бахри гузаронидани сиёсати оқилонаи буҷа, андоз, миқдори пули зиёдатӣ, андози аз назари иқтисодӣ оқилона ва дастрас будани қарз ба корхонаҳо ва аҳолӣ равона гардидааст. Мавқеи муҳимро дар ислоҳоти молиявии ҷомеа бекурбшавӣ (инфлятсия) ишғол менамояд. Паст кардани инфлятсия то дараҷаи муқаррарӣ масъалаи муҳими иқтисоди бозоргонӣ ва давлатӣ мебошад. Барои оқилона ситонидани андози давраи гузариш ба иқтисодиёти бозоргонӣ чунин равандҳо ба монанди ҳатмӣ будани андоз, дастрас будани он, роҳ надодан ба андози дубора ва ғайраҳо хело муҳим аст. Чунин ставкаи андози бениҳоят баланд сабаби монеа дар тараққиёти иқтисодӣ ва суст шудани ҳавасмандии моддии корхонаҳо ва аҳолӣ мегардад.

Қисми асосии ислоҳоти иқтисодии ҷомеаро ислоҳоти соҳаи кишоварзӣ ташкил медиҳад. Кишоварзӣ соҳаи асосии хоҷагидории Тоҷикистон аст. Аз ислоҳоти комили иқтисодӣ дар соҳаи мазкур инкишофи минбаъдаи ҷомеа ва сатҳи гузариши он ба иқтисодиёти бозоргонӣ вобаста аст. Аз ин рӯ, муносибати моликият ба замин, хоҷагиҳои колхозӣ ва совхозӣ ислоҳоти ҷиддиро талаб менамоянд. Дар ҷомеаи мо мувофиқи конститутсия заминро ба моликияти хусусӣ табдил додан манъ аст. Лекин ташкили шаклҳои дигари хоҷагидорӣ, ба монанди иҷора, ҷамъияти саҳҳомӣ, хоҷагиҳои фермерӣ қобили қабул мебошанд. Корхонаҳое, ки зараровар мебошанд, барҳам дода шуда, ба ҷояшон шаклҳои номбаршудаи

хоҷагидориро, ки самаранокии худро дар солҳои охир исбот кардаанд, ташкил кардан лозим аст.

Дар тараққиёти иқтисоди бозоргонӣ ташкили мӯътадил ва самараноки алоқаҳои иқтисодии берунӣ ва кушодани бозори Тоҷикистон нақши фаъол дорад. Ислоҳоти ин муносибатҳо дар ду раванди интегратсионӣ, ба монанди савдои хориҷӣ ва интернатсионализатсияи истеҳсолот (дохилшавии сармояи хориҷӣ ба ҷомеаи мо ) гузаронида мешавад.

**Давраҳои амалӣ гардонидани ислоҳоти иқтисодии ҷомеа.** Масъалаи муҳими тараққиёти ҷумҳурии моро пурра гузаштан ба иқтисодиёти бозоргонӣ ташкил медиҳад. Танҳо бо ин роҳ мо метавонем бӯҳрони шадиди иқтисодиро барҳам диҳем ва рушди иқтисодиро таъмин кунем. Вобаста ба вазъи иҷтимоию иқтисодӣ гузариши иқтисодиёти Тоҷикистонро ба бозор ба ду давра тақсим кардан лозим аст:

**Вазифаҳои давраи аввал**: Фароҳам овардани шароит барои гузариш ба бозор. Барои он, пеш аз ҳама, бояд ҷумҳурӣ аз бӯҳрони шадиди иқтисодӣ раҳо ёбад, солим гардонидани молиёт ва муомилоти пул, ташаккул ва татбиқи унсурҳои аввалини бозор. Аз ин хотир, дар мадди аввал ташкили заминаҳои муҳими ҳуқуқӣ, яъне қонунгузориҳое, ки барои тараққиёти шаклҳои гуногуни моликият ва соҳибкорӣ мусоидат менамояд.

**Вазифаҳои давраи дуюм**: Давраи тараққиёти босуръати иқтисодиёти бозорӣ, яъне давраи ташкили идораи таркиботи бозор, гузариш ба нархҳои озод ва ба охир расидани ғайридавлатикунонӣ ва хусусигардонии моликият. Нақши муҳимро дар ин давра бозсозии таркиби истеҳсолот ва мутобиқ кардани он ба истеҳсолоти бозори ҷаҳонӣ мебозад.

Аз ин лиҳоз, гузариш ба иқтисоди бозорӣ мушкилоти басо вазнин буда, татбиқи амалии барномаҳои аз нигоҳи илми иқтисодӣ асосноку мушаххас ва бешубҳа мӯҳлати на як солу ду сол, балки тӯлониро талаб мекунад.

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО

1. Ба фикри Шумо заруратн гузаронидани ислоҳоти иқтисодӣ дар чист? 2. Дар бораи равандҳои асосии ислоҳоти иқтисодӣ ба таври пурра маълумот диҳед? 3. Дар бораи мавқеи ноҳия ва маҳаллатон дар амалӣ гардонидани ислоҳоти иқтисодӣ чиҳо медонед? 4. Дар бораи давраҳои гузаронидани ислоҳоти иқтисодӣ ба таври мухтасар маълумот диҳед?

# ФАСЛИ 4
# ҲАЁТИ СИЁСИИ ҶОМЕА

## § 28. СИЁСАТ ҲАМЧУН ҲОДИСАИ ҶАМЪИЯТӢ.

Сиёсат аз азал вуҷуд надошт. Он натиҷаи инкишофи тамаддун аст. Пайдоиш ва инкишофи он аз мураккаб гаштани ҳаёти иҷтимоӣ дарак медод. Сиёсат ҳамчун соҳаи мустақил дар ҷомеаи кишоварзӣ ташаккул ёфт. Такмили олоти меҳнат ва истифодаи ҳайвонот ба сифати қувваи корӣ боиси истеҳсоли зиёди неъматҳои моддӣ гаштанд, ки аз талаботи истеҳсолкунандагон барзиёд буд. Ин барзиёдистеҳсолкунӣ ва раванди ғункунӣ боиси пайдоиши моликият ва оқибат моликияти хусусӣ гаштанд. Моликияти хусусӣ боиси махсусияти фарди алоҳида гардида, ба он сифатҳои шахсияти мухторро ҳамроҳ намуд. Минбаъд рафтори он ба воситаи алоқаҳои хешу таборӣ, қоидаҳои динӣ ва анъанаҳо муайян карда мешавад ва зарурати ташаккул ва инкишофи институтҳои ҷамъиятие ба миён меояд, ки бояд ҳуқуқ, озодӣ ва мухтории шахсро таъмин карда тавонад. Ҳамин тавр, сиёсат дар ҳамон ҷо ва ҳамон вақт пайдо мешавад, ки ризоияти табиӣ амал намекунад, аммо талабот ба мувофиқномаи рафтор вуҷуд дорад.

Аз ҳамон айём ин ҷониб сиёсат ва муносибатҳои сиёсии одамон ҷузъи таркибии ҳаёти ҷамъиятӣ мебошанд. Сиёсат ҳамчун ҳодисаи ҷамъиятӣ доираи васеътарини одамонро фаро мегирад. Одамон дар муносибатҳои ҷамъиятиашон новобаста аз хоҳишу иродаашон рӯ ба сиёсат меоранд. Аслан, шахс ба ду сифат ба сиёсат пайваста мегардад. Аввало, шахс ҳамчун иштирокчии равандҳои сиёсии ҷомеа баромад менамояд. Баъдан, шахс офарандаи сиёсат аст. Барои фаҳмиши дурусти сиёсат ва ҳаёти сиёсии ҷомеа дарки амиқи мафҳуми «сиёсат» нақши муҳимро мебозад. Мафҳуми «сиё-

сат» ҳанӯз зиёда 2,5 ҳазор сол қабл аз ин мавриди истифода қарор гирифта буд. Вай аз мафҳуми юнонии «полис» баромадааст. Арасту онро ба сифати шакли мутамаддини умумият медонист, ки баҳри хайрияти умум ва ҳаёти хуррам хизмат менамуд. Аммо баъдтар мафҳуми мазкур дар маъноҳои гуногун истифода бурда мешуд. Асоси фаҳмиши сиёсат ба хосиятҳои назариявӣ ё амалии он вобаста буд. Аммо новобаста аз ин ҳолат сиёсат дорои аломатҳои барҷастае мебошад, ки онро аз ҳодисаҳои дигари ҷамъиятӣ фарқ мекунонад.

Сиёсат дар маъноҳои гуногун шарҳ дода мешавад. Дар аввал мафҳуми сиёсат дар маънии санъати идораи давлат истифода мегардид. Аммо тадриҷан фаҳмиши аслии сиёсат тағйир ёфтан гирифт. Дар ҳар давру замон ба сиёсат хосиятҳои нав ба нав зам мегардиданд ва ё ҷиҳате аз он кам мегашт. Гуногунии фаҳмиши мафҳуми «сиёсат» талаб менамояд, ки маънии истифодаи он амиқ карда шавад. Асосан, сиёсат дар ду маънӣ — илмӣ ва муқаррарӣ истифода бурда мешавад. Дар фаҳмиши муқаррарӣ сиёсат бо идораи раванде ҳаммаъно дониста мешавад. Масалан, вақте ки дар бораи сиёсати иҷтимоӣ ё сиёсати иқтисодӣ андеша меронанд, он ҷиҳат дар назар дошта мешавад, ки масъалаҳои соҳаи иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷомеа диққат ва назорати давлатро талаб доранд. Давлатро зарур аст, ки вазифаҳо ва воситаҳои ҳалли масъалаҳоро муайян намояд. Бо ҳамин маънӣ вобаста ба соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷомеа хелҳои сиёсат, аз ҷумла, сиёсати иҷтимоӣ, сиёсати маданӣ, сиёсати миллӣ, сиёсати ҳарбӣ, сиёсати демографӣ ва ғайра ҷудо карда мешаванд.

Маънии дигари сиёсат, ки дар ҳаёти ҳаррӯза истифода бурда мешавад, бо фаъолияти инсон вобаста аст. Инсоне, ки қобилияти гузориши мақсад ва муайян намудани воситаҳои амалигардонии онро дорад. Инсон метавонад харҷ ва натиҷаҳои фаъолиятро андозагирӣ намояд. Дар ин ҳолат сиёсат дар маънии мафҳуми «стратегия» фаҳмида мешавад.

Сиёсат дар фахмиши муқаррарӣ бештар ба маънии зӯрӣ омехта мегардад. Дар замони гузашта мутафаккирони зиёде хосиятҳои зӯрии онро махсус қайд намудаанд. Аз ҷумла, ин ҳолатро дар андешаҳои сиёсии мутафаккирони форсу тоҷик низ барьало мушоҳида намудан мумкин аст. Таълимоти М. Ғазолӣ, Низом-

улмулк, Ҳусайн Воизи Кошифӣ аз он шаҳодат медиҳад. Таърих низ гувоҳ аст, ки инкишофи оламро афзоиши зиёди моҷароҳои сиёсӣ ва ҷангҳо ҳамсафар буданд.

Масалан, дар асри XVI дар олам 106, дар асри XVII-703, дар асри XIX - 730 ва дар 40 соли аввали асри XX 882 муҳорибаҳои ҳарбӣ ба вуқӯъ омадаанд. Ё мисоли дигар. Аз соли 1945 то соли 1985 дар олам фақат 26 рӯз сулҳу осоиш ҳукмфармо буду халос.

Фаҳмиши муқаррарии сиёсат моҳият ва хосиятҳои асосии онро нишон дода наметавонад. Зеро он танҳо ба идораи корҳои ҷамъиятӣ машғул нест. Таркиботи гуногуни ғайридавлатӣ низ метавонад ба идораи корҳои давлатӣ таъсир расонад. Аз ин хотир, дарки илмии мафҳуми «сиёсат» аҳамияти муҳимро касб менамояд. Сиёсат ҳамчун институти муҳими иҷтимоӣ, ки вазифаҳои муайяну масъулро ба ӯҳда дорад, дониста мешавад. Ин ҷиҳатро дар нақша ба тарзи зайл нишон медиҳем.

Чунин аст моҳият ва хосиятҳои фаҳмиши илмии сиёсат ҳамчун ҳодисаи ҷамъиятӣ.



Самаранокии сиёсат нисбати батартибандозандагони дигар муносибатҳои ҷамъиятӣ (ахлоқ, дин, анъанаю одатҳо ва ғайра) ба воситаи унсури муҳими он — ҳокимият муайян карда мешавад. Ҳокимияти сиёсӣ муносибатҳои иродавиест, ки дар байни субъект ва объект ташаккул меёбад. Муносибатҳои тарафайни умумиятҳо дар асоси дарки сиёсии манфиатҳо ва талаботҳо ба амал меоянд. Амалишавии онҳо зарурати истифодаи ҳокимияти давлатиро тақозо менамоянд.

Сиёсат ду навъи асосӣ дорад: сиёсати дохилӣ ва сиёсати хориҷӣ, ки баҳри таҳкиму такмили муносибатҳои ҷамъиятӣ омодаанд. Ҳар ду навъи сиёсат бо ҳам дар робитаи мутақобила қарор доранд. Онҳо ба ҳамдигар таъсир мерасонанд ва ҳатто дар мавриди муайян метавонанд самти инкишофи онро тағйир диҳанд.

Ҷиҳати муҳим дар сатҳи истифодаи ҳокимият зоҳир мешавад. Дар сиёсати дохилӣ давлат метавонад нисбати ҳамаи субъектҳои дохилӣ ҳокимияти бемаҳдудро истифода намояд. Аммо дар сиёсати хориҷӣ давлат ва унсурҳои дигари системаи сиёсии ҷомеа чунин имконият ва қудрат надоранд. Ҳамаи онҳо дар муносибатҳои байниякдигарӣ баробарҳуқуқанд.

Сиёсат инчунин дорои шаклҳои гуногун аст. Аз ҷумла, сиёсати иқтисодӣ, сиёсати миллӣ, сиёсати демографӣ, сиёсати ҳарбӣ, сиёсати кадрҳо ва ғайраҳо. Маҳдудият ва ё беканорию гуногунии шаклҳои сиёсат аз масъалаҳои рӯзмарраи ҷомеа бармеоянд. Зарурати ҳалли масъалаҳо шаклҳои нав ба нави сиёсатро ба миён меорад.

Сиёсат бо ҳодисаҳои дигари ҷомеа муносибати мутақобила дорад. Аз як тараф, агар сиёсат самти инкишофи ҳодисаҳою равандҳои ҷомеаро муайян намояд ҳам, аз тарафи дигар, аз бисёр ҷиҳат сиёсат ба соҳаҳои дигар такя менамояд. Ба сиёсат таъсири иқтисодиёт бештар аст. Манфиатҳои иқтисодӣ ҳамчун сабаб баромад намуда, таҷассуми назариявии худро дар ғояҳои сиёсӣ дармеёбанд. Дар байни сиёсат ва иқтисодиёт доимо идеологияи муайян вуҷуд дорад. Агар идеология ба манфиату талаботи одамон мувофиқ наояд ва қолабӣ гардад, раванди идеологикунонии ҳаёти моддӣ пеш гирифта мешавад. Чунин муносибат намегузорад, ки қонунҳои объективии ҳаёти иқтисодии ҷомеа дуруст дарк карда шаванд.

Асосҳои иҷтимоӣ низ, ки аз манфиатҳои умумиятҳои иҷтимоӣ бармеоянд, дар ташаккулу инкишофи сиёсат нақши муҳим мегузоранд. Ба сиёсат рӯ овардани умумиятҳои иҷтимоӣ далели онанд, ки ҳимояи манфиатҳои ҳеш ба миён омадааст.

Арзишҳоиахлоқиюмаънавииҷомеанизбасиёсаттаъсириму-ҳим мерасонанд. Ҳамбастагии соҳаҳои ахлоқию маънавии ҷомеа ва ба ҳам таъсиррасонии онҳо дар ба инобат гирифтани меъёр ва принсипҳои ахлоқӣ ва хаёти маданӣ зоҳир мегардад. Инсоният ҳангоми ба мақсадҳои наҷиб майл намудан, орзую омолро дар хусуси адолати иҷтимоӣ инъикос намудан ва ҳеҷ гоҳ аз воситаҳои зӯрӣ ва ғаразнок истифода наменамояд. Ҳар як сиёсатмадор бояд дорои ахлоқи ҳамида ва маданияти баланди муносибат ба унсурҳои ҷомеа ва одамонро дошта бошад. Дар фаъолияти ӯ бояд омилҳои ахлоқию маънавӣ мақоми асосӣ дошта бошанд.

Дар мазмуни сиёсат ба объект ва субъекти он ҷойи хосае ҷудо гардидааст. «Объект» ва «субъект» дар муносибати мутақобила қарор дошта, набудани яке истисноии дигарест.

Мафҳуми («Obiectum») «объект» дар забони лотинӣ маънои предметро дорад. Онҳо берун аз иродаю хоҳиш ва новобаста ба оламдарккунии мо вуҷуд доранд. Инсон кӯшиши донистани предметро менамояд. Вобаста ба сатҳи донишаш предметро фаҳмида мегирад.

Мафҳуми («subiectum») «субъект» низ аз забони лотинӣ буда, дар маъноҳои гуногун истифода мегардад. Барои донишҳои сиёсӣ бошад, мафҳуми мазкур шинос ва ё умумияти иҷтимоиест, ки объектро дониста гирифта ва ба он таъсир мерасонад.

Муҳимтарин объекти сиёсат зиддиятҳо ва масъалаҳои мухталифу ҳалталаби ҷомеаанд. Зиддиятҳо дар баҳамтаъсиррасонии ҳамаи раванду ҳодисаҳои ҷомеа зоҳир мешаванд. Онҳо ба сифати манбаи худҳаракатнамоӣ ва инкишоф амал менамоянд. Сиёсат бошад,ба сифати воситаи ҳалли зиддиятҳои ҳаёти ҷомеа баромад менамояд.

Ҳокимият низ ба сифати объекти сиёсат ва предмети муносибатҳои тарафайни қувваҳои гуногуни сиёсат амал менамояд. Ҳокимият барои қувваҳои сиёсӣ ҳамчун воситаи муҳим ва зарурии воқеъигардонии мақсадҳои асосӣ ва ниҳоӣ хизмат менамояд.

Объектҳои сиёсат бешуморанд. Онҳо аз сатҳи инкишофи ҷомеа ва ҳолати муносибатҳои ҷамъиятӣ бармеоянд. Вазифаи дониста гирифтан ва истифодаи объектро субъекти сиёсат ба ӯҳда дорад. Субъектҳои сиёсат ба ду гурӯҳи асосӣ тақсим мешаванд:

1. Субъектҳои аввалини сиёсат, ки аз гурӯҳҳо ва умумиятҳои бузурги ҷамъиятӣ иборатанд. Онҳоро мақсад ва манфиатҳои умумӣ муттаҳид менамояд. Синфҳои ҷамъиятӣ, умумиятҳои миллию этникӣ, давлат ва ғайра ба ҷумлаи субъектҳои аввалини сиёсат дохиланд.

2. Субъектҳои дуюмини сиёсат, ки аз институтҳои ҷамъиятӣ, мақомоти давлатӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ва шаклҳои дигари иттиҳодияи ҷамъиятӣ таркиб ёфтаанд. Субъектҳои дуюмини сиёсат ба сифати ташкилотчӣ ва иҷрокунандаи амалиёти сиёсӣ фаъолият менамоянд.

Дар байни субъектҳои дуюмини сиёсат гурӯҳҳои роҳбарикунанда, баргузидагони (элитаи) сиёсӣ ва гурӯҳи манфиатҳо нақши асосӣ доранд.

Гурӯҳҳои марказҳои роҳбарикунанда мақсади фаъолият муайян менамоянд, қарорҳо қабул намуда, онро амалӣ мегардонанд. Аксар вақт дар дохили ин марказҳои роҳбарикунанда гурӯҳҳои хурди ғайрирасмие пайдо мешаванд, ки ҳангоми қабули қарор ва амалишавии он нақши асосӣ доранд ва чунин натиҷаҳои фаъолиятро бештар онҳо соҳибӣ менамоянд.

Баргузидагони сиёсӣ дар дохили умумиятҳои иҷтимоӣ ва мақомоти дигари ҷамъиятӣ ташаккул меёбанд. Ташаккули он, асосан, дар доираи шахсоне, ки мақоми фаъоли иҷтимоӣ ва боигарии зиёд доранд, сурат мегирад. Кадрҳои роҳбарикунанда, сиёсатмадорон, идеологҳо, аъзоёни оилаи шахсони бонуфуз таркиби элитаи сиёсиро бунёд менамоянд. Мақомоти давлатӣ аз рӯи зарурат барои элитаи сиёсӣ шароити мусоиди фаъолият фароҳам меорад. Дар навбати худ элитаи сиёсӣ муҳофиз ва тараққумгари сохт ва муносибатҳои сиёсии ҳукмрон мегарданд.

Гурӯҳи манфиатҳо нисбатан маҳдуд буда, доираи начандон калонро фаро мегирад ва он дар дохили ҳар гуна марказу гурӯҳҳои асосӣ ташаккул меёбад. Манфиатҳои умумии одамон онҳоро ба фаъолияти якҷоя меорад.

Дар низоми субъектҳои сиёсат симои марказӣ ва барҷаста шахс мебошад. Шахс дар сатҳи гуногун ба сиёсат ворид мегардад.

— шахсе, ки ба сиёсат сарукор надорад, фақат сиёсат ба вай таъсир мерасонад;

— шахсе, ки аъзои умумияти сиёсӣ буда, аммо дар фаъолияти сиёсӣ иштирок наменамояд.

— шахсе, ки ба таври мақсаднок ба фаъолияти сиёсӣ машғул аст.

— шахсе, ки ба сифати ходими сиёсӣ фаъолият дорад.

— шахсе, ки сиёсатмадориро ба сифати касбаш медонад.

— сарвари сиёсӣ.

Аҳамият ва нақши сиёсат ҳамчун институти иҷтимоӣ дар вазифаҳои он бештар таҷассум мегардад. Сиёсат вазифаҳои зиёдеро иҷро карда метавонад. Ҳар чӣ қадаре, ки вазифаҳои сиёсат зиёд бошанд, он шаҳодати сатҳи инкишофи ҷомеа ва махсусан соҳаи ҳаёти сиёсии он мебошад. Дар ин ҳолат соҳаи сиёсии ҳаёт метавонад соҳаҳои дигари ҳаёти ҷамъиятиро ба доми худ кашад ва ё тобеи хеш гардонад.



Дар олами муосир сиёсат як қатор вазифаҳоеро иҷро менамояд, ки бештар хосияти умумӣ доранд, яъне аксари кишварҳои мутамаддинро дар бар мегирад. Бе ин гуна вазифаҳои сиёсат низ ҷомеа инкишофи мутаносибро соҳиб гашта наметавонад.

### САВОЛ ВА СУПОРИШҲО.

1. Сиёсат чӣ тавр пайдо гардидааст? 2. Мафҳуми «сиёсат» чӣ маъниҳоро ифода менамояд? 3. Кадом навъҳо ва шаклҳои сиёсатро медонед? 4. Муносибатҳои байниҳамдигарии сиёсат ва унсурҳои дигари ҳаёти ҷамъиятиро маънидод намоед. 5. Объект ва субъектҳои сиёсат кадомҳоянд?. 6. Вазифаҳои "сиёсат"-ро шарҳу эзоҳ диҳед. 7. Дар бораи аҳамияти сиёсат дар олами муосир нақл намоед.

## § 29. ҲОКИМИЯТИ СИЁСӢ

Дар соҳаи ҳаёти сиёсӣ ҷолибтарин ва асоситарин ҳодиса ҳокимият ба ҳисоб меравад. Он объекти асосии баҳамтаъсиррасонии инфиродҳо, гурӯҳҳо, умумиятҳо ва иттиҳодияҳои мухталиф мегардад. Ҳокимият пурасрортарин ҳодисаи ҷомеа аст. Вай бештар хосияти мафҳумӣ пайдо намуда, аксар вақт рамз ва ё воқеият буданашро баръало зоҳир наменамояд. Ҳокимият диққати куллии одамонро ба худ мекашад. Чист ин ҳодисаи ҷомеа, ки ҳокимияташ ном ниҳодаанд?

**Муносибат ба ҳокимият**. Муносибати одамон ба ҳокимият вобаста ба замон ва макон ҳар хел зоҳир гаштааст. Дар замонҳои гуногун мутафаккирон ба масъалаи «ҳокимият» муносибати якхела надоштанд. Ҳар як нафари онҳо вобаста ба мақоми ҷамъиятӣ ва манфиатҳояш ба ҳокимият муносибат менамуд. Тамоми тарзи муносибати мутафаккирон ва олимонро оиди ҳокимият ба ду гурӯҳ ҷудо намудан лозим меояд:

1. Ҳокимият ҳамчун моҳият. Ҷонибдори ин тарзи муносибат ҳокимиятро ҷавҳаре ё асле меҳисобад, ки дар асоси ҳодиса ва ё раванд қарор гирифтааст. Ин ҷавҳар дар қувваи инсон, ки одамони дигарро ба худ тобеъ менамояд, иродаи худро ба онҳо бор менамояд, зоҳир мегардад. Ҳокимият аз табиати инсон бармеояд. Рӯ овардан ба ҳокимият асоси рафтор ва фаъолияти одамонро ташкил менамояд. Дар ин ҳолат сиёсат ба сифати бархӯрди

кӯшишҳо ба ҳокимият дониста мешавад, ки дар онҳо одамони пурзӯр ғолиб мегарданд.

2. Муносибати ҷамъиятӣ ба ҳокимият. Дар ин ҳолат ҳокимият ҳамчун муносибати ду тараф дониста мешавад. Ҳокимият имконият ва қобилияти ба амал баровардани иродаи худ, таъсир расонидан ба фаъолият ва рафтори одамон бо ёрии воситаҳои гуногун мебошад. Асоси муносибатҳои ҳокимиятро муносибатҳои ҳукмронӣ ва тобеъ намудан ташкил менамояд.

Ҳамин тариқ тамоми муносибатҳоро ҷамъбаст намуда, ошкор менамоем, ки ду тарзи фаҳмиш ва маънидоднамоии ҳокимият афзалият доранд: Фаҳмиши табиӣ ба ҳокимият хосиятҳои табиию азалиро раво медонад ва фаҳмиши ҷамъиятӣ, ки асоси ҳокимиятро муносибатҳои тарафайни одамон, гурӯҳҳо ва умумиятҳо ташкил медиҳанд. Ин муносибатҳо, асосан дар рафти инкишоф ташаккул меёбанд.

**Таркиби ҳокимият**. Ҳокимият аз унсурҳои гуногун таркиб ёфтааст. Дар таркибот манбаи ҳокимият, ки эътибор, қувва, қонун, бойигарӣ, донишҳо, манфиатҳо, сирру асрор ва ғайраҳоро дар худ таҷассум менамояд, мақоми муайянро соҳиб аст.

Ҳокимият инчунин дорои объект ва субъекти хеш аст. Ба сифати объекти ҳокимият метавонад инфиродҳо, гурӯҳҳои иҷтимоии мардум ва ғайраҳо амал намоянд. Ҳамчун субъекти ҳокимият бошад, давлат ва институтҳои мухталифи он, сарварони сиёсӣ, элитаи сиёсӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, шаклҳои мухталифи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ амал менамоянд.

Ҳокимият як қатор вазифаҳоро ба ӯҳда дорад, ки моҳияту мазмуни онро бой мегардонад. Ҳокимият ҳукмронӣ, роҳбарӣ, ба низомдарорӣ, назорат намудан, ифодаи корҳои умум, мутобиқ гардонидани рафтор ва фаъолияти одамон, ташкил намудан ва сафарбарӣ намудан барин вазифаҳоро ба ӯҳда дорад.

Ҳокимият инчунин методҳо ва воситаҳои баамалбарории худро дорад. Маҷбурнамоӣ, истифодаи зӯрӣ, боваркунонӣ ҳуқуқ, анъана, тарс ва ғайраҳо аз ҷумлаи онҳо мебошанд.

Ҳокимият шаклҳои мухталиф дорад. Аз ҷумла, ҳокимияти давлатӣ, ҳокимияти динӣ, ҳокимияти иқтисодӣ, ҳокимияти сиёсӣ яке аз шаклҳои ҳокимият ба шумор меравад. Он нисбати ҳамаи шаклҳои ҳокимият васеътар мебошад. Ҳокимияти сиёсӣ дар

фаъолияти худ бештар ба методҳои таъсиррасонӣ, боваркунонӣ такя менамояд. Аммо дар шароити мураккаб ва ҳолати бӯҳронии инкишофи ҷомеа ҳокимияти сиёсӣ вазифаҳои худро мутаносиб иҷро карда наметавонад. Аз ин хотир, рӯ ба маҷбуркунӣ ва зӯрӣ меорад.

Дар олами муосир ҳокимияти намояндагӣ аҳамияти махсус пайдо намудааст. Он бештар дар ду ҳолат рух медиҳад. Идораю муассисаҳои ҳокимияти олӣ ба мақомоти поёнӣ иҷрои қисме аз вазифаҳоро вомегузоранд. Чунин ҳолатро бештар дар фаъолияти муассисаҳои давлатӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ мушоҳида намудан осонтар аст. Сабаби иҷроиши вазифаи муайянро ба зиммаи ташкилоти поёнӣ гузоштанро мавҷудияти имкониятҳои беҳтари амалӣ гардонидани онҳо ташкил медиҳад. Аммо мақомоти болоии ҳокимиятро зарур аст, ки ҳангоми иҷроиши вазифа аз рӯи фаъолияти ташкилоти поёнӣ назорат барад. Зеро ҳангоми иҷрои вазифа дар муносибатҳои байниҳамдигарии онҳо зиддиятҳо пайдо мегарданд ва онҳоро ба ҳам муқобил мегузорад. Дар натиҷа оқибатҳои иҷроиши вазифа самаранок намегарданд.

На ҳамаи одамон имконияти бевоситаи дар равандҳои идораи ҷомеа, баамалбарории ҳокимият иштирок карданро доранд. Чунин ҳолат аз имкон берун аст. Аз ин ҷост, ки баамалбарории ҳокимиятро одамон ба намояндагони худ бовар мекунанд. Ҳолатҳои зиёде мешаванд, ки намояндагони омма фаъолиятеро пеша менамоянд, ки бештар баҳри қонеъ гардонидани талабҳо ва ҳимояи манфиатҳои худ равона шудааст. Гӯё, ки талаботу манфиатҳои одамоне, ки онҳоро ба сифати намояндаи худ кафолати ҳокимӣ додаанд, фаромӯш мегарданд. Пайдоиш ва инкишофи чунин навъи зиддиятҳо ҷомеаро аз роҳи мутаносиби инкишоф бозмедоранд ва шахспарастӣ, диктатура, режимҳои авторитарию тоталитарӣ барин шаклҳои ҳукмрониро ба вуҷуд меоранд.

Ҳокимият дар ҳеҷ ҳолат набояд риштаҳои идораро аз даст диҳад. Вагарна, қувваҳое пайдо мешаванд, ки ба рафти инкишофи ҷомеа таъсир расонида миёни ҳокимиятро мешикананд. Қувваҳои гуногуни ҳокимиятхоҳ чӣ бо роҳи фишороварӣ ва чӣ бо роҳи демократияи митингӣ ва ё ҳокимияти «кӯча» кӯшиши ҳалли масъалаҳои муҳимтарини ҷомеаро менамоянд. Қувваҳои аз ҳокимият берунмонда мақомоти ғайриқонуниеро созмон меди-

ҳанд, ки аксар вақт вазифаҳои муассисаҳои ҳокимияти расмиро ичро мекунанд.

Масъалаи тақсими ҳокимият низ аҳамияти хоса дорад. Он фаъолияти шаклҳои ҳокимиятро ба тартиб меандозад. Вагарна, шаклҳои ҳокимият мавқеи якдигарро доимо халалдор менамоянд. Таҷриба нишон медиҳад, ки аксар вақт ҳокимияти сиёсӣ аз воситаҳои идеологии таъсиррасонии худ истифода намуда, қарорҳоеро амалӣ мегардонад, ки бевосита ба доираи фаъолияти шаклҳои дигари ҳокимият, пеш аз ҳама, ба ҳокимияти давлатӣ марбутанд.

Дар ҷомеаи мутамаддин принсипи «тақсими ҳокимият» аз ҷониби қувваҳои сиёсӣ бояд риоя гардад. Яъне ҳокимияти давлатӣ аз мақомоти қонунбарор, иҷроия ва адолати судӣ таркиб меёбад. Ҳар яки онҳо бояд мустақилияти комилро соҳиб бошанд. Яке дигареро маҳдуд нагардонад ё вазифаҳои мақомоти дигари ҳокимиятро иҷро накунад.

### САВОЛ ВА СУПОРИШҲО.

1. Ба андешаи Шумо кадоме аз тарзи муносибат ба ҳокимият хосияти воқеӣ дорад ва чаро? 2. Барои чӣ дар қисме аз кишварҳо ҳокимият бештар рӯ ба методҳои маҷбурнамоӣ ва истифодаи зӯрӣ меорад? 3. Таркиби ҳокимиятро номбар кунед. 4. Вазифаҳо ва методҳои ҳокимиятро номбар кунед. 5. Хосияти намояндагӣ ва шаклҳои зуҳури онро маънидод намоед.

## § 30. СИСТЕМАИ СИЁСИИ ҶОМЕА

Ҳодиса ва равандҳои ҳаёти сиёсӣ беш аз ҳама диққати одамонро ба худ мекашанд. Ҳаёти одамон низ бештар хосияти сиёсӣ пайдо намудааст. Ҳодисаю равандҳои ҳаёти сиёсӣ як навъ таҷассуми тамоюлҳои асосии инкишофи ҷомеа мебошанд.

Ҳокимияти сиёсӣ дар воҳидҳои моддӣ инъикос мeёбад. Чунин воҳидҳо хело гуногунанд, вале идораю муассисаҳое низ мавҷуданд, ки хоҳишу ирода ва ҳатто, ҳукмронию зӯровариро воқеӣ мегардонанд. Дар маҷмӯъ муассисаҳо ва ташкилотҳое, ки ҳамчун воситаи амалигардонии ҳокимият баромад менамоянд, сохти сиёсии ҷомеаро ташкил медиҳанд. Барои дониста гирифтани ҳаёти сиёсӣ ва муносибатҳои сиёсии одамон мафҳумҳо ва ибораҳои

гуногун истифода мешаванд. Ҳар яки онҳо маъниҳои гуногун ё раванду ҳодисаҳои муайянро таҷассум менамоянд. Аз ҷумла, ташкилоти сиёсии ҷомеа, системаи ҳокимияти сиёсӣ, системаи сиёсии ҷомеа ва ғайраҳо.

Аммо «системаи сиёсии ҷомеа» мафҳуми васеътарини ин силсила мебошад. Он ҳамаи ходисаҳо, муносибатҳо ва фаъолияти сиёсии одамонро дарбар мегирад. Системаи сиёсӣ хусусиятҳои гуногунро соҳиб аст. Он таркиби васеъ дорад. Муносибатҳои одамон, синфҳо, гурӯҳҳои иҷтимоӣ, гурӯҳҳои маргиналӣ, умумиятҳои этникӣ, умумиятҳои иҷтимоии демографӣ ва ғайраҳо бештар хосиятҳои сиёсӣ пайдо менамоянд. Системаи сиёсии ҷомеа танзимгар ва такмилдиҳандаи муносибатҳои байниҳамдигарии таркиботи иҷтимоии ҷомеа ба шумор меравад. Унсурҳои мухталифи таркиботи иҷтимоӣ метавонанд ҳамчун субъекти сиёсат амал намоянд. Онҳо низ қобилияти натиҷагирӣ ва қабули қарори сиёсиро доранд. Муносибатҳои сиёсии байни унсурҳои таркиботи иҷтимоии ҷомеа системаи сиёсии ҷомеаро ба сатҳи баландтари инкишоф мебароранд.

Дар навбати худ «системаи сиёсии ҷомеа» зерсистемаи «Системаи ҷамъиятӣ» мебошад. Системаи ҷамъиятӣ дар айни замон нисбат ба системаи сиёсӣ камтар буда, тамоми ҳодисаю падидаҳои дар ҷомеа баамалояндаро фаро мегирад. Системаи ҷамъиятӣ аз даврахои аввали оғози ҳаёти инсонӣ ташаккул ёфтааст. Системаи сиёсӣ бошад, фақат дар ҳолати хосияти сиёсӣ пайдо кардани муносибатҳои байни одамон, байни гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва дигар умумиятҳо инкишоф меёфт.

Системаи сиёсии ҷомеа аз идораю муассисаҳо ва ташкилотҳое таркиб ёфтааст, ки ҳокимият ва идораи корҳои давлатиро амалӣ менамоянд, муносибати байни синфҳо, гурӯҳҳои иҷтимоӣ, умумиятҳои этникию давлатро ба тартиб мееоранд, инчунин инкишофи пай дар паи ҷомеаро таъмин менамоянд. Системаи сиёсии ҷомеа манфиатҳои умумиятҳои гуногуни иҷтимоиеро ифода менамояд, ки ба ин ё он восита ва ё шакле ба ҳокимият таъсир расонида метавонанд. Аз ин ҷост, ки хосияти асосии системаи сиёсиро манфиатҳои умумиятҳои иҷтимоӣ ва гурӯҳҳои ҳоким муайян менамоянд.

Системаи ҷамъиятӣ ва системаи сиёсии ҷомеа робитаи мутақобила доранд. Тағйирот дар яке ҳатман ба моҳияту хусусиятҳои дигар таъсир мерасонад. Дар инкишофи системаи сиёсии ҷомеа монеъаҳои зиёд дучор меоянд, монеъаҳое вуҷуд доранд, ки инкишофи онро маҳдуд менамоянд.

Мустақилияти системаи сиёсии ҷомеа ва фаъолияти гуногунсоҳаи он фақат ба омилҳои дохилӣ пайваста нестанд. Омилҳои зиёде вуҷуд доранд, ки фаъолияти системаи сиёсии ҷомеаро ба тартиб меандозанд. Аз сабабе, ки мустақилияти бемаҳдуди системаи сиёсӣ барои ҷомеа хатарнок аст, нақши танзимии омилҳои берунӣ мусбат мегардад.

Яке аз монеъаҳои асосии мустақилияти номаҳдуди системаи сиёсии ҷомеа муносибатҳои истеҳсолӣ ба шумор меравад. Ҳолати умумии иқтисодӣ, вазъи захираҳои моддӣ, қувваҳои истеҳсолкунанда, сатҳи инкишофи муносибатҳои истеҳсолӣ ва дараҷаи тараққиёти иҷтимоию иқтисодии воҳидҳои алоҳида ба системаи сиёсии ҷомеа ва таркиби он таъсир мебахшанд. Такмили ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ муҳимтарин вазифаҳои системаи сиёсӣ мебошад. Фаъолияти системаи сиёсӣ барои аз нав барқарор намудани захираҳои моддӣ аҳамияти муҳимро касб менамояд. Махсусан, нақши унсури асосии системаи сиёсӣ — давлат хеле калон аст. Инчунин ҳизбҳои сиёсии хукмрон ва ё дар байни омма таъсири зиёд дошта нақши мусбатро иҷро карда метавонанд. Иҷрои вазифаи зерин дар ҳолатҳои бӯҳронии инкишофи ҷомеа мушкил мегардад. Иқтисодиёт ҳамчун заминаи моддии инкишофи ҷомеа амал карда наметавонад. Он заиф гашта, тобеъи сиёсат мегардад. Фақат сиёсати комил метавонад ҳолати вазнини ҳаёти иқтисодиро дигаргун намояд.

Идеология низ метавонад ба монеъаи инкишофи системаи сиёсии ҷомеа табдил ёбад. Идеологияи хукмрон моҳият, мақсад ва роҳҳои асосии инкишофи системаи сиёсиро муайян менамояд. Идеология ҳамчун меъёри асосии ҳодисаю падидаҳои ҳаёти сиёсии ҷомеа мегардад. Дар идеология талаботу манфиатҳои ба ҳам зид мавҷуданд, хоҳу ноҳоҳ мавҷудияти идеология низ тақозои замону макон аст.

Системаи сиёсии ҷомеа монеъаҳои дохилӣ низ дорад. Ба ҷумлаи чунин монеъаҳо зиддиятҳои дохилӣ ва байниҳамдигарии

унсурҳои системаи сиёсӣ дохиланд. Аз ин ҷост, ки системаи сиёсӣ майдони мубориэаи манфиатҳо мебошад.

Системаи сиёсии ҷомеа аз унсурҳои зерин таркиб ёфтааст:

1. Институтҳои сиёсӣ, ки тамоми идораю ташкилот ва муассисаҳои хосияти сиёсидоштаро фаро мегиранд. Ба қатори институтҳои сиёсӣ давлат, созмонҳои иҷтимоӣ, ҷунбишҳо ва ҳаракатҳои мардумӣ ва шаклҳои мухталифи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дохиланд. Дар байни институтҳои сиёсии ҷомеа нақши асосиро давлат мебозад. Давлат фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва одамонро ба тартиб меандозад. Ҳамаи навъҳои иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, аз ҷумла, ҳизбҳои сиёсӣ низ вазифаи ба ҳам пайваст намудани одамон ва давлатро иҷро менамоянд.

2. Муносибатҳои сиёсӣ, ки аз муносибатҳои тарафайни умумиятҳои гуногуни иҷтимоӣ, одамони алоҳида ва институтҳои системаи сиёсӣ, байни давлат ва шаҳрвандон оиди масъалаи ҳокимият ва умуман дар раванди ташаккул ва инкишоф ва амалигардии сиёсат таркиб меёбад.

3. Қоидаҳои умумии ҳуқуқӣ ва сиёсӣ. Он аз шуури сиёсии омма, робитаи он бо идеология ва маданияти ҳуқуқию сиёсии ҷомеа таркиб ёфтааст.

Дар олами муосир системаҳои сиёсии мухталиф вуҷуд доранд. Онҳо сатҳи муайяни инкишофро соҳиб гаштаанд. Системаи сиёсии собиқ мамлакатҳои сотсиалистӣ ба ҳолати бӯҳронӣ гирифтор ва заиф гаштанд. Дар қисми зиёди кишварҳо аз байн рафтанд. Дар мамлакатҳои гуногун сатҳи инкишофи ҷамъиятӣ, муносибатҳои байни ҳамдигарии одамон, институтҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ғайраҳо моҳияту хусусиятҳои сохтори сиёсиро созмон медиҳанд.

Системаи сиёсии ҷомеаро он сабабу омилҳое ба чунин ҳолат расонидаанд, ки барои тамоми системаи ҷамъиятӣ тааллуқ доранд. Институтҳои сиёсии ҷомеа вазифаҳои худро иҷро карда натавонистанд. Инҳисори ҳизбӣ имконият надод, ки ҳизбҳои сиёсии гуногун, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ амал намуда, манфиатҳои худ ва хайрхоҳонашонро ҳимоя намоянд. Манфиатҳои идеологӣ ва синфию табақавӣ боло гирифтанд. Давлат низ мақом ва нақши аслии худро аз даст дод. Ба воситаи пурзӯри амалигардонии самтҳои гуногуни сиёсати ҳизбӣ табдил ёфт. Қарори сиёсӣ ва давлатӣ

аз тарафи ҳизби коммунист қабул мегардид, унсурҳои дигари системаи сиёсӣ дар воқеигардии он кӯмак мерасониданд.

Ҳоло вазифаи асосии системаи сиёсии ҷомеа худтакмилдиҳӣ мебошад. Системаи сиёсии ҷомеаро ислоҳоти кулл зарур аст, ки бояд омилҳои зеринро ба инобат гирад:

— оммаи мардумро манбаи ҳама гуна тағйирот донистан ва ба равандҳои идораи ҷомеа васеъ ҷалб намудани онҳо;

— эътироф ва эҳтироми принсипи «тақсими ҳокимият», фароҳам овардани имконияти хуб барои амалӣ гаштани он, ба худидоракунӣ роҳи васеъ кушодан;

— ба ҳисоб гирифтани манфиату талаботи ҳамаи табақаҳо ва гурӯҳҳои аҳолӣ;

— ташаккул ва инкишофи давлати ҳуқуқӣ, пурра риоя намудани талабот ва хусусиятҳои он;

— ташаккули тартиботи сиёсие, ки дар ҳолатҳои мушаххас боиси тағйир ва такмили системаи сиёсӣ мегардад.

Ҳамин тариқ, системаи сиёсии ҷомеа аз чигунагии зоҳиршавӣ ва батартибандозии ҳодисаю падидаҳои мухталифи худи ҷомеа вобастааст.

### САВОЛ ВА СУПОРИШҲО

1. Системаи сиёсии ҷомеаро маънидод намоед. 2. Системаи сиёсӣ аз кадом унсурҳо таркиб ёфтааст? 3. Системаи сиёсӣ дар рафти инкишофаш ба кадом монеаҳо дучор мегардад? 4. Чаро системаи сиёсии сотсиалистӣ таназзул ёфт? 5. Самти зарурии ислоҳоти системаи сиёсиро маънидод намоед.

## § 31. ПАЙДОИШ ВА ИНКИШОФИ ДАВЛАТ

Давлат унсури асосии системаи сиёсии ҷомеа ба шумор меравад. Он дар ҷомеа мақом ва нақши махсус дорад. Давлат мураттиби ҳамаи муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошад. Он тамоми одамон, ташкилот ва умумиятҳоро фаро мегирад. Маҳз давлат ва иштирок дар фаъолияти давлат ҳаёти инсонро пурмазмун ва мақсаднок мегардонад. Тартиби амали ҷомеа ва роҳҳои асосии инкишофи онро муайян ва асоснок менамояд.

Мафҳуми давлат дар маънии гуногун истифода мешавад. Гоҳо дар маънии кишвар ё Ватан, гоҳо дар маънии халқ ё ҷомеа,

гоҳо дар маънии ҳокимият ва ғайраҳо. Мафҳуми «давлат» бештар дар маънии мақомоти идоравӣ ва иҷрокунанда истифода мегардад ва системаи муайяни қоидаҳои сиёсию ҳуқуқиро соҳиб аст.

Давлат давраи дуру дарози пайдоиш ва инкишофро соҳиб аст. Масъалаи мазкур аз замони қадим диққати аҳли илмро ба худ ҷалб намуда буд.

Аввалин таълимот пайдоиши давлатро ба дин вобаста мекард. Худои офаридгор онро аз хеҷ офаридааст. Дар баробари андешаҳои динӣ таълимоти дигар низ пайдоиши давлатро маънидод менамуд. Ҳанӯз дар давраи қадим пайдоиши давлатро ба инкишофи табиӣ ва ҷомеаи инсонӣ монанд менамуданд. Онро натиҷаи иттиҳоди одамон медонистанд. Назари Эпикур ва Арасту барин мутафаккирон аз ин қабиланд.

Назарияи патриархии пайдоиши давлат низ вуҷуд дорад, ки асосгузори он файласуфи англиси асри XVIII Роберт Филмер мебошад. Гӯё давлат дар натиҷаи ба ҳам муттаҳид гаштани авлодҳо ба қабилаҳо ва дар навбати худ ба умумиятҳои бузургтар табдил ёфтани онҳо пайдо шудааст. Давлат ба сифати ҳокимияти патриархалӣ аз номи ҳама ба амал бароварда мешуд. Назарияи «шартномаи ҷамъиятӣ» низ дар таълимоти пайдоиши давлат мақоми хоса дорад. Асоси пайдоиш ва инкишофи давлатро шартномае, ки байни ҳокимон ва зердастон баста мешавад, ташкил медиҳад. Т. Гоббс, ки яке аз асосгузорони назарияи мазкур аст, марҳалаи пеш аз давлатии инкишофи ҷомеаро ҳамчун ҷанги ҳама ба муқобили ҳама маънидод менамуд. Одамонро масъалаҳои мухталифи амнияти шахсӣ, моликият ва ташвишҳои дигари зиндагӣ маҷбур намуданд, ки ташкилоте бунёд созанд, ки масъалаҳои мазкурро ҳал карда тавонад.

Ж.Ж. Руссо бошад раванди ташаккули давлатро ба табиат мепайвандад. Яке аз сабабҳои дар дохили давлат муттаҳид гаштани одамонро ҳалли масъалаи муқовимат бо табиат ва инҷикиҳои вай ташкил медод. Инчунин дар байни одамон муносибатҳои сифатан нав аз қабили моликияти хусусӣ пайдо гаштанд. Ҳимояи манфиатҳои гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ заруратро ба ташаккули давлат афзун менамуд.

Дар асри XIX Л. Гумплович ба назарияи «тобеъ намудан»-и пайдоиши давлат асос гузошт. Асоси пайдоиши давлатро то-

беъи худ намудани як гурӯҳи одамон гурӯҳи дигари онро ташкил медиҳад. Дар ҳолатҳои гуногун гурӯҳҳои муташаккил ва пуркувват гурӯҳҳои заифу нотавонро маҷбуран тобеъи худ мегардонданд, ва ҳукмрон мегаштанд. Ҳамин тариқ, ҳокимияти ғолибон бар мағлубонро давлат меҳисобанд.

Дар бораи ташаккул ва инкишофи давлат таълимоти марксистию ленинӣ низ аҳамияти муҳим дорад. Ба вуҷуд омадани моликияти хусусӣ, тақсимшавии ҷомеа ба синфҳо ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ асосҳои пайдоиши давлатанд. Ташкилотҳое, ки аз шаклҳои авлодию қабилавӣ оғоз мегарданд, оҳиста-оҳиста ба давлат табдил меёбанд. Давлат ҳамчун аслиҳае ташаккул меёбад, ки манфиатҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва идеологии гурӯҳи иҷтимоие ки соҳиби воситаҳои истеҳсолот аст, ҳимоя менамояд. Яъне давлат олатест, ки ҳукмронии як синфро аз болои синфи дигар таъмин менамояд.

Давлат дорои як қатор аломатҳо мебошад:

1. **Маҷбурнамоӣ**: Одамон новобаста аз хоҳишашон давлатро эътироф ва эҳтиром менамоянд. Дар тамоми кишварҳои мутамаддин бедавлатиро рад менамоянд. Аммо амали бедавлатӣ ва ё рад намудани ҳуқуқу эътибори он баъзан дар муносибатҳои байнидавлатӣ дар шакли махсус рух медиҳад. Масалан, зан ё мард бо шахси хориҷӣ издивоҷ менамояд ва ба мамлакате, ки ҳамсафари ҳаёташ шаҳрванди он аст, муҳоҷир мешавад. Ӯ дар як муддати муайян шаҳрванди мамлакати нав нест. Аммо ин маънои онро надорад, ки тартиботу қоидаҳои мавҷударо риоя менамояд. Аз ин хотир, одамонро зарур аст, ки дар ин ҳолат бедавлатиро аз ҳаёти худ истисно намоянд. Ин амалест, ки хосияти маҷбурӣ дошта, аз хоҳиши одамони алоҳида вобаста аст.

2. **Ҳуқуқи истифодаи зӯрӣ**. Дар ҳолатҳои мушаххас давлат нисбати субъектҳои дохилӣ зӯриро истифода менамояд. Ин амалро мақомоти махсуси маъмурӣ ба ҷо меорад.

3. **Истиқлолият**. Истиқлолият мақоми муҳими давлатӣ мебошад. Истиқлолияти давлатӣ ду ҷиҳати асосӣ дорад. Аввало соҳиби ҳокимияти олӣ ва бемаҳдуд будани давлат нисбати ҳамаи мақомоти дохилӣ. Дуюмин эътироф ва риояи ҳокимияти олӣ ва номаҳдуди давлат аз тарафи давлатҳои дигар, бахусус давлатҳои ҳамсоя.

Истиклолияти давлатӣ аз мақомоти байналхалқӣ низ вобаста аст. Тобеъияти мамлакате ба мамлакати дигар хоҳ аз ҷиҳати иқтисодӣ бошад ё хоҳ аз ҷиҳати сиёсӣ мустақилияти давлатиро маҳдуд мегардонад.

4. Умумияти давлатӣ ҳамаи одамонро фаро мегирад. Умумияти давлатӣ ба шаҳрвандони хориҷӣ низ тааллуқ дорад. Онҳо низ вазифадоранд, ки ба тартиботи ҳуқуқӣ ва қоидаҳои рафтори давлати мазкур итоат намоянд. Ба гурӯҳе аз шаҳрвандҳои давлатҳои хориҷӣ имтиёзҳои муайяне дода мешавад, ки барои хубтару беҳтар иҷро намудани вазифаҳои масъул ёрӣ мерасонанд.

5. **Системаи муайяни тартиботи ҳуқуқӣ**. Ҳуқуқ таҷассумгари моҳият, мақсади асосӣ ва принсипҳои сохтори давлатӣ ба шумор меравад. Тартиботи ҳуқуқӣ аз Қонуни Асосӣ (Конститутсия) сар карда, тамоми қонунҳои ҷузъӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои хосияти қонунгузоридоштаро дар бар мегирад. Асоси фаъолияти мақомоти гуногуни давлатиро низ тартиботи ҳуқуқӣ ташкил медиҳад.

6. **Дастгоҳи давлатӣ, ки воситаи** воқеигардонии вазифаҳои давлатӣ мебошад.

7. **Ҳудуди муайян**. Ҳар як давлат ҳудуди муайянро дорад. Онро сарҳадҳо бо давлатҳои ҳамсоя муайян менамоянд. Сарҳадҳо дар натиҷаи муҷоҳидаҳо ва шартномаҳои байни давлатӣ пайдо мешавад.

8. **Аҳолӣ**. Давлат шумораи муайяни аҳолиро дар бар мегирад. Давлат дар назди тамоми аҳолӣ масъул аст ва талаботу манфиатҳои онҳоро ҳимоя менамояд.

Меъёрҳои ба навъҳо ҷудо намудани марҳалаҳои таърихии инкишофи давлат гуногунанд, ки яке аз онҳо муносибати синфию форматсионӣ ба давраҳои инкишофи давлат аст. Давлат дар таърихи худ марҳалаҳои гуногуни инкишофро сипарӣ намудааст. Навъҳои таърихии давлат: ғуломдорӣ, феодалӣ, буржуазӣ ва сотсиалистӣ мебошанд. Давлат шаклҳои гуногун дорад. Аммо ду шакли он асосӣ аст: шакли идоракунӣ ва режими сиёсӣ.

Шаклҳои гуногуни идораи давлатӣ вуҷуд доранд. Аммо бештар ду шакли идора-монархистӣ ва ҷумҳуриявӣ маълум аст. Монархия хокимияти як шахс буда, ба мерос гузошта мешавад. Он ба синфҳо ва табақаю гурӯҳҳои ҳукмрони ҷомеа такя менамояд. Дар акси ҳол онҳо метавонанд монархи дигарро ба тахт

шинонанд. Ҳеҷ набошад табақаҳои болоии ҷомеа чунин амалиётро раво мебинанд.

Ҷумҳурӣ шакли идораи давлат ва ҷомеа аст, дар натиҷаи интихобот ташаккул ва инкишоф меёбад.

Шаклҳои идораи давлат ташаккул ва тартиби фаъолияти ҳокимияти давлатӣ ва хусусиятҳои онҳоро фаро мегирад.

Режими сиёсӣ бошад, тарз ва методҳое мебошад, ки ба воситаи онҳо ҳокимияти давлатӣ амалӣ карда мешавад. Режими сиёсӣ усули идораро муайян менамояд.

Дар олам кам давлатҳое ёфт мешаванд, ки аз ҷиҳати миллию этникӣ якранг бошанд. Даҳҳо миллату халқиятҳо ва намояндагони умумиятҳои дигари этникӣ дар давлатҳои мухталиф маскун гаштаанд. Аз ин ҷост яке аз қисматҳои муҳими таркиботи давлат, шаклҳои давлатии иттифоқҳои миллию этникӣ мебошад. Он ба тариқи зайл аст:

1. **Давлати федеративӣ**. Мафҳуми федератсия аз забони лотинӣ гирифта шуда, маънои иттифоқ, иттиҳодро дорад. Федератсия яке аз шаклҳои сохтори давлатӣ буда, дар натиҷаи муттаҳид гаштани якчанд давлат пайдо мешавад. Ҳудуди муайян, ки аз ҳудудҳои давлатҳои мустақили собиқ ташкил шудааст, ба вуҷуд меояд. Ҳар як аъзои федератсия ҳуқуқи қабули конститутсияи худро доранд. Дар навбати худ конститутсияи федеративӣ низ вуҷуд дорад, ки ваколатҳои субъектҳои федератсияро ба тартиб меандозад.

2. **Давлати конфедеративӣ**. Мафҳуми конфедератсия аз забони лотинӣ гирифта шуда, маънои пайваст намуданро дорад. Конфедератсия иттифоқи давлатҳои мустақиле мебошад, ки бахри ҳамоҳангсозии баъзе соҳаҳои фаъолият муттаҳид мешаванд. Бисёр соҳаҳои корҳои хориҷӣ ва ҳарбӣ объекти муттаҳидшавӣ қарор мегиранд. Конфедератсия ҳудуд ва шаҳрвандияти ягона надорад. Қарорҳое, ки мақомоти конфедеративӣ қабул менамоянд, барои ҳамаи аъзоёни он ҳатмӣ нестанд. Чунки ҳар як аъзои конфедератсия ҳуқуқ дорад, ки дар ҳудудаш ҳокимияти олиро истифода барад. Асоси ҳуқуқии конфедератсияро шартномаи иттифоқӣ ташкил медиҳад.

Давлат вазифаҳои муайянро иҷро менамояд. Онҳо ба ду гурӯҳи асосӣ-вазифаҳои дохилӣ ва вазифаҳои хориҷӣ тақсим меша-

ванд. Дар навбати худ вазифаҳои дохилӣ ба вазифаҳои хоҷагию ташкилӣ, иҷтимоию маданӣ, таъмини тартиботи ҳуқуқӣ ҷудо мегарданд.

Ба вазифаҳои хориҷии давлат муҳофизати Ватан, муносибати нек бо ҳамсоягон ва мамлакатҳои дигар, дастгирӣ ва ёрӣ додан ба қувваҳои пешқадами олам, мубориза баҳри сулҳи пойдор дар олам ва умуман, бурдани сиёсати фаъоли хориҷӣ дохил мешаванд.

Солҳои охир дар низоми давлатдории мо тағйироти куллӣ ба миён омаданд. Иттиҳоди Шӯравӣ дар натиҷаи бӯҳрони ҳамаҷонибаи ҳаёти ҷамъиятӣ аз байн рафт. Ба ҷои он давлатҳои мустақили зиёде пайдо шуданд. Ҳамкорӣ ва робитаҳои дигари байниҳамдигарии собиқ ҷумҳуриҳои иттифоқӣ хеле заиф гаштанд. Аммо тадриҷан шакли дигари иттиҳод ба вуҷуд омадан гирифт, ки номи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақилро гирифтааст.

Дар инкишофи давлат ташаккули давлати ҳуқуқӣ яке аз марҳалаҳои муҳим ба шумор меравад. Давлати ҳуқуқӣ хоси ҳамаи давру замон нест. Вай зинаи навтарини инкишофи давлати муосир мебошад.

Давлати ҳуқуқӣ дар арафаи ташаккул қарор дорад. Тартиботи ҳуқуқие бунёд мегардад, ки қонун мақоми олӣ дорад. Талаботу манфиатҳои аҳли ҷомеа кафолати қонунгузорӣ пайдо менамоянд. Қоидаҳо ва тартиби ҳуқуқӣ шахсро на танҳо аз шахсони дигар, балки аз мақомоти давлатӣ ва умуман аз субъектҳои дигари ҳокимият низ ҳимоя менамоянд.

Давлати ҳуқуқӣ дар як лаҳза ташаккул намеёбад. Ҳама давлатҳо дар асоси ҳуқуқ ташаккул меёбад. Давлате вуҷуд надорад, ки системаи муайян, тартибот ва қоидаҳои ҳуқуқиро ба инобат нагирад. Аммо масъалаи ба кадом андоза тартибот ва қоидаҳои ҳуқуқӣ риоя мешаванд, ба миён меояд. Қонун барои тамоми одамон нашр мегардад ва он бояд мақоми олӣ дошта бошад. Масъалаҳои қонунвайронкунӣ, қонуншиканӣ, маҳдуд гардонидани хосиятҳои қонунҳо дар ҳама ҷо ҳатто дар демократитарин давлат низ вомехӯрад. Фақат дарк намудани сатҳи он муҳимтар аст.

Давлати ҳуқуқӣ аломатҳои асосии зеринро дорад: Давлати ҳуқуқӣ фаъолияти хешро дар асоси принсипҳои зерин ба роҳ мемонад: баробарии ҳама дар назди қонун, мақоми олӣ пайдо




кардани қонун ва тартиботи ҳуқуқӣ. Мақомоти сиёсӣ берун аз қонун ба фаъолият ва рафтору кирдори одамон дахл наменамоянд, гуманизми истифодаи қонунҳо, умумияти қонунҳо ва ғайраҳо.

Ҷиҳати муҳимро дар фаъолияти давлати ҳуқуқбунёд риояи принсипи «тақсимоти ҳокимият» ишғол менамояд. 3 гурӯҳи мақомоти давлатӣ–мақомоти қонунбарор, мақомоти иҷроия ва мақомоти адолати судӣ бояд нисбати якдигар мустақилияти комил дошта бошанд. Ҳар яке ба иҷрои вазифаҳои худ машғул гарданд. Инкишофи ҷомеаи ҳуқуқбунёд ба вазъияту пешрафти иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсию фарҳангӣ вобаста мебошад. Ба замми ин, таносуби мақом ва нақши умумиятҳои иҷтимоӣ, идораю ташкилотҳои мухталиф ва қувваҳои сиёсӣ барҷастаанд. Яъне инкишофи муттасили давлати ҳуқуқӣ барои ташаккул ва рушди ҷомеаи маданӣ (шаҳрвандӣ) заминаи асосӣ муҳайё месозад. Ҷомеаи маданӣ (шаҳрвандӣ) маҷмӯи муносибатҳои байни одамон, байни

умумиятҳои иҷтимоӣ, умумиятҳои оилавӣ, ҷамъиятию иқтисодӣ, динӣ, маданӣ ва ғайраҳо буда, бе даҳолати бевоситаи давлат инкишоф ёфта барои худамалишавии одамон, воқеигардии талаботу манфиатҳои одамон ҳам дар сатҳи шахсӣ ва ҳам дар сатҳи ҷамъиятӣ шароити мусоид фароҳам меорад.

Воситаи зарурии рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ ислоҳоти комили тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа мебошад.

Ҷиҳати муҳимро дар ташаккул ва инкишофи давлати ҳуқуқбунёд тарбияи ҳуқуқии аҳли ҷомеа ташкил медиҳад. Одамонро на танҳо маҷмӯи донишҳои ҳуқуқӣ зарур аст, балки имконияти истифодаи воқеии ҳуқуқ тақозои замон аст.

Давлати навини Тоҷикистон баҳри воқеӣ гаштани ҳуқуқҳои инсон, ҳимояи манфиатҳо ва талаботи одамон кӯшишҳо ба харҷ медиҳад. Моҳияту хусусиятҳои асосии Давлати Тоҷикистонро соҳибихтиёрӣ, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона будан ташкил менамоянд.

**Соҳибихтиёрии** Тоҷикистон дар ҳокимияти олӣ ва бемаҳдуди давлат нисбати ҳамаи субъектҳо ифода меёбад. Ҳокимияти олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро давлатҳои дигар эътироф ва эҳтиром менамоянд.

**Демократӣ** будани Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷассуми ҳокимияти халқист. Оммаи мардум, ки манбаи ҳокимият аст, дар идораи давлат ва ҷомеа бевосита ё тавассути намояндагони худ иштирок менамоянд. Ҷумҳурии Тоҷикистон кафолати риояи тақсими ҳокимият, ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандонро медиҳад. Плюрализми сиёсӣ, ҳамчун унсурҳои муҳими ҷомеаи мутамаддин амал менамояд.

**Давлати ҳуқуқии** Тоҷикистон худро тавассути қоидаҳо ва меъёрҳои ҳуқуқӣ маҳдуд мегардонад. Волоияти қонун ҳукми воқеъ аст. Ҳама дар назди қонун новобаста ба мақом ва мансубияти иҷтимоиашон баробаранд.

Тоҷикистон **давлати дунявӣ** аст. Дин аз давлат ҷудо аст. Давлат ҳеҷ кадоме аз динҳо ё мафкураи диниро ҷонибдорӣ намекунад. Давлат дар масъалаи дин, парастишоти динӣ ва озодии эътиқод бетараф аст.

Тоҷикистон **давлати унитарӣ (ягона) аст**. Дар таркиби он воҳидҳои дигари давлатӣ бо ҳуқуқи аъзо истисно мегардад. Ни-

зоми ягонаи тамоми мақомоти олӣ ва идоракунӣ мавҷуд буда, ҳамаи воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ ба мақомоти марказии ҳокимият итоат менамоянд.

Тоҷикистон шакли ҷумҳуриявии идораро соҳиб аст. Салоҳияти пурра ва васеи Президент онро ҳамчун ҷумҳурии президентӣ муаррифӣ менамояд. Президент сарвари давлат ва ҳокимияти иҷроия аст.

### САВОЛ ВА СУПОРИШҲО.

1. Мафҳуми «давлат»-ро шарҳ диҳед. 2. Кадом назарияи пайдоиши давлатро медонед? 3. Аломатҳои асосии давлатро номбар кунед. 4. Кадом навъҳо ва шаклҳои давлатро медонед? 5. Давлати федеративӣ ва конфедеративӣ чӣ маъно дорад? 6. Кадом вазифаҳои давлатро медонед? 7. Мафҳуми «давлати ҳуқуқӣ»-ро шарҳ диҳед. 8. Хусусиятҳои давлати ҳуқуқиро баён намоед. 9. Аломатҳои давлати ҳуқуқиро номбар намоед. 10. Принсипҳои фаъолияти давлати ҳуқуқӣ кадомҳоянд? 11. Ҷомеаи шаҳрвандиро тавсиф намоед. 12. Дар бораи хусусиятҳои махсуси Давлати Тоҷикистон маълумоти муфассал диҳед.

## § 32. ҲИЗБҲОИ СИЁСӢ ВА ИТТИҲОДИЯҲОИ ҶАМЪИЯТӢ

Дар ҳаёти ҷомеа ҳизбҳои сиёсӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ мақоми хоса пайдо намудаанд. Онҳо ба ҷумлаи муҳимтарин институтҳои сиёсии ҷомеа дохиланд ва нақши фаъол доранд.

Ҳизбҳои сиёсӣ марҳалаҳои гуногуни инкишофро сипарӣ намудаанд. Худи мафҳуми «партия» («ҳизб») аз забони лотинӣ гирифта шуда, маънои қисм ё гурӯҳро дорад.

Дар гузашта ҳизб гуфта, гурӯҳҳоеро дар назар доштанд, ки байни худ барои ҳокимият мубориза мебурданд.

Аввалин ҳизбҳои сиёсӣ дар нимаи дуюми асри XIX дар Аврупо ташаккул ёфтанд. Аз ин рӯ, ҳизби сиёсиро моли тамаддуни Аврупо муаррифӣ менамоянд, ки баъдтар ба тамоми кишварҳои олам паҳн гаштааст.

Таърихи ташаккул ва инкишофи ҳизбҳои сиёсӣ 3 марҳаларо фаро мегирад. Аввал кружокҳои аристократӣ пайдо шуданд, пас клубҳои сиёсӣ ташаккул ёфтанд, ва баъд онҳо ба ҳизбҳои оммавӣ табдил меёбанд.

Барои ташаккули ҳизб аз сар гузаронидани ҳамаи марҳалаҳо зарур нест. Ҳизбҳои сиёсие, ки тамоми марҳалаҳоро тай кардаанд, чандон зиёд нестанд. Дар шакли комил 3 давраи ташаккулро ҳизби либералҳо (вигҳо) ва ҳизби консерваторон (ториҳо) сипарӣ намудаанд. Аксарияти ҳизбҳо аз клубҳои сиёсӣ ба ҳизбҳои оммавӣ табдил меёбанд. Он аз шароити таърихии ташаккули ҳизб ва таносуби қувваҳою авзои умумӣ ва ҳаёти сиёсии ҷомеа вобаста мебошад.

Ташаккули кружокҳо ва клубҳои сиёсӣ оқибати плюрализми сиёсӣ, мухолифатҳои ҳаёти сиёсии ҷомеа ва таҷассуми он мебошанд. Сабаби бевоситаи пайдоиши клубҳои сиёсиро ташаккули буржуазия дар ҷодаи сиёсати давлат ташкил медиҳад. Клубҳои сиёсӣ бештар ба сифати марказҳои ташвиқу тарғиби идеологияи буржуазӣ пайдо мешуданд. Аксар вақт клубҳои сиёсӣ дар назди органҳои ҷопӣ, пеш аз ҳама газетаю журналҳо, ки воситаи муҳимтарини ташвиқу тарғибанд, ташаккул меёфтанд.

Клубҳои сиёсӣ аз кружокҳои аристократӣ аз рӯи хосиятҳои иҷтимоӣ ва алоқаҳои идеологӣ, ташкилоти мукаммал ва доираи фаъолият фарқ менамояд. Ба ин тариқа ҳизбҳои оммавӣ аз клубҳои сиёсӣ фарқ менамоянд. Асоси фаъолияти онҳоро таъсиррасонии оммавӣ ташкил медиҳад. Онҳо воситаҳои гуногуни ташвиқу тарғиби маорифи сиёсӣ, тарбия ва корҳои маданиро истифода менамоянд.

Аввалин ҳизби сиёсӣ соли 1861 бо номи ҳизби либералӣ дар Англия пайдо гардид. Соли 1863 бошад бори аввал ҳизби оммавии коргарӣ бо номи Иттифоқи Коргарии умумигерманӣ дар зери роҳбарии Ф. Лассал созмон ёфт. Дар чоряки охири асри XIX бошад, дар бисёр мамлакатҳои Европа ҳизбҳои оммавӣ, ки асосан хосияти социал-демократӣ доштанд, пайдо шуданд. Сабаби асосии пайдоиши ҳизбҳои сиёсиро васеъ гаштани ҳуқуқи умумии интихоботӣ ва аз ҷиҳати ташкилӣ комил гаштани ҳаракати коргарӣ ташкил медиҳад. Одамон ба хубӣ фаҳмиданд, ки воситаи муҳимтарини ҳимояи талаботу манфиатҳои онҳо ташкилоти пурзӯри сиёсӣ шуда метавонад.

Дар бораи моҳият ва хусусиятҳои ҳизби сиёсӣ андешаҳои мухталиф вуҷуд доранд. Аммо асоси онҳоро идеология ташкил менамояд. Он воситаи муттаҳид намудани одамон ва нерӯҳои сиёсӣ мегардад.

Назари марксизм-ленинизм ҳам ба ташаккул ва марҳалаҳои инкишофи ҳизбҳои сиёсӣ ҷолиб мебошад. Ҳизб ҳамчун воситаи муҳими инъикос ва ҳимояи манфиатҳои синфӣ ва ё гурӯҳӣ дониста мешавад. Яъне, асоси таълимоти марксистии ҳизбро муносибати синфӣ ба тамоми ҳодисаҳои ҷомеа ташкил медиҳад. Ҳизб қисми пешқадами пролетариат аст, ки барои ҳимояи манфиатҳои худ ва ҳаммаслакони худ омодааст. Таълимоти Маркс ва Энгелсро дар шароити нави таърихӣ В.И. Ленин инкишоф дод. В. И. Ленин ҳизбро қисми пешқадамтарини пролетариат ва авангарди он мешуморад. Ҳизби сиёсии пролетариат мақсади асосии худро дар инқилоби иҷтимоию сиёсӣ ва барқарор кардани диктатураи пролетариат дар якҷоягии оммаи заҳматкашон мебинад. Тамоми фаъолияти ҳизб ба принсипи сентрализми демократӣ такя менамояд. Аъзоёни ҳизбро зарур аст, ки ба барнома ва оинномаи ҳизб содиқ монда, онҳоро ба роҳбарӣ гиранд.

Дар бораи моҳият ва хусусиятҳои ҳизбҳои сиёсӣ назари дигар низ вуҷуд дорад. Ҳизбро қисми сохтори давлатӣ маънидод менамоянд. Дар ин ҳолат мақсади асосии ҳизб мубориза барои ҳокимият ва таъсир расонидан ба он эътироф карда мешавад.

Ҳамин тариқ, ҳизби сиёсӣ иттифоқи ихтиёриест, ки ба алоқаҳои идеологӣ асос ёфта, мақсади ба даст овардани ҳокимият ва ё дар идораи давлат иштирок карданро дорад. Ҳокимияти давлатӣ воситаи муҳимтарини воқеӣ гардонидани мақсадҳои барномавии ҳизби сиёсӣ мебошад.

Дар олам ҳизбҳои гуногун вуҷуд доранд. Ба ҳизбҳо ҳамроҳ гаштан, хайрхоҳӣ намудан ва ё мадад расонидан аз мавқеъи иҷтимоии шахс вобастааст. Ба таълимоте пайравӣ намудан ва ҷаҳонбинии муайянро эътироф намудан ба муҳимтарин ҳуқуқҳои гражданӣ дохил мешаванд. Аз ин хотир, қонунҳои асосии мамлакатҳои мутамаддин озодии дар ҳизбҳои сиёсӣ ва дигар иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ворид гаштанро дар қисмати ҳуқуқҳои асосии инсон ҷой додаанд.

Саволе ба миён меояд, ки оё ҷомеа ба мавҷудияти ҳизбҳои гуногуну зиёд эҳтиёҷ дорад? Ҷомеаи демократӣ мекӯшад, ки ҳуқуқу манфиатҳои оламон аз ҳар ҷиҳат ҳимоя карда шаванд. Мақомоти ҳокимияти давлатӣ барои ин масъала масъуланд. Аммо ҳизбҳои сиёсӣ ба нақши мазкури ҳокимияти давлатӣ шубҳа до-

ранд ва ҳимояи манфиатҳои пайравони худро меҷӯянд. Ҷомеаи мутамаддин набояд садди роҳи чунин ташаббус гардад.

Агар инкишофи демократии ҷомеа риоя гардад, новобаста аз зиддиятҳо ҳизбҳои сиёсӣ бо ҳокимияти давлатӣ муросо менамоянд. Дар сурати ғайр ҳизбҳои сиёсӣ муқовиматро ихтиёр намуда, бар зидди ҳокимияти давлатӣ ва барои тағйири он мубориза мебаранд.

Ҳизбҳои сиёсӣ барои демократияи намояндагӣ низ заруранд. Онҳо ба идораи давлат ёрӣ мерасонанд. Ҳизбҳои сиёсие, ки нисбати ҳокимияти давлатӣ мавқеи оппозитсиониро ишғол намудаанд, дар такмили муносибатҳои ҷомеа ҳиссаи калон мегузоранд. Камбудию норасогиҳои давлат ва умуман инкишофи ҷомеаро беҳтар ошкор месозанд. Ба ин мақоми ҷамъиятиашон ёрӣ мерасонад.

Ҳамин тариқ, мавҷудият ва фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ барои инкишофи ҷомеа зарур аст. Ҳизбҳои сиёсӣ новобаста аз мақсадҳои барномавӣ ва хусусиятҳои ҷаҳонбинию методологиашон ҳуқуқи амал намудан доранд. Зеро онҳо ифодагари манфиатҳои одамонанд. Одамон бошанд, ба ҳимояи талаботу манфиатҳои худ ҳуқуқи комил доранд.

Ҳизбҳои сиёсӣ вобаста ба шароити мушаххаси мамлакат ва хусусиятҳои ҳаёти сиёсии он ташаккул ёфта, фаъолият менамоянд. Фаъолияти онҳо тавассути тартиботи ҳуқуқӣ ба низом андохта мешаванд. Тартиботи ҳуқуқӣ таҷрибаи мамлакатҳои мутамаддинро, ки фаъолияти ҳизбҳо гуногунранг ва пурсамаранд, ба инобат гирифта, санадҳои ҳуқуқӣ қабул мекунонад, ки он асоси ҳуқуқии фаъолияти ҳизбҳои сиёсиро ташкил медиҳад. Дар Тоҷикистон фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ аз 13 ноябри соли 1998 ба низом андохта мешаванд. Қонуни мазкур ҳуқуқи ҳамаи шаҳрвандонро дар бораи ба ҳизбҳои сиёсӣ муттаҳид гаштан, эътироф менамояд. Ба шаҳрвандон кафолати таъсиси ҳизбҳои сиёсӣ ва фаъолияти онҳо дода мешавад. Ҳизбҳои сиёсӣ бо ташаббуси на камтар аз 10 нафар шаҳрванди Тоҷикистон созмон дода мешавад. Барои таъсис ёфтани ҳизбҳои сиёсӣ розигии на камтар аз 1000 нафар аъзоён зарур аст. Барнома ва оинномаи ҳизб дар маҷлиси олии ҳизбӣ қабул мегардад ва ба мақомоти адлия пешниҳод ме-

намоянд. Агар ҳуҷҷатҳои расмии ҳизбӣ бо қонунҳои мавҷуда ва тартиботи ҳуқуқӣ мухолифат надошта бошанд, мақомоти адлия онро ба расмият мешиносанд.

Қонуни мазкур ҳолати боздоштани фаъолияти ҳизбро низ пешбинӣ менамояд. Агар аъзои ҳизб, гурӯҳи роҳбарикунандаи он аз доираи барнома ва оиннома берун баромада ба фаъолияти зиддиқонунӣ машғул бошанд, он гоҳ мақомоти ваколатдор баҳри пешгирӣ намудани чунин ҳодисаҳои манфӣ амалиёт мегузаронанд. Прокурор ва ё мақомоте, ки ҳизбҳоро ба расмият шинохтааст, огоҳинома (айбнома) навишта онро ба суд месупорад. Фақат суд дар бораи фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ ҳукм мебарорад.

Аз байн рафтани ҳукмронии ҳизби коммунист, ташаккули равандҳо ва муносибатҳои нав таркиботи ҳизбии ҷомеаро ба куллӣ тағйир дод. Одамон дар ҳизбҳои гуногуни сиёсӣ гирд омаданд. Ҳоло мақомоти адлияи кишвар Ҳизби коммунисти Тоҷикистон, Ҳизби демократии Тоҷикистон, Ҳизби халқӣ-демократии Тоҷикистон, Ҳизби сотсиалистии Тоҷикистон, Ҳизби адолатхоҳ, Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон, Ҳизби сотсиал-демократии Тоҷикистонро ба расмият шинохтаанд.

Ҳизби сиёсӣ ба даст овардани ҳокимиятро вазифаи худ мешуморад. Ҳокимияти давлатӣ воситаи зарурии амалигардонии мақсадҳои ниҳоӣ мебошад. Ҳизбҳои сиёсӣ инчунин вазифадоранд, ки ба ҳокимияти мавҷуда ва дигар унсурҳои системаи сиёсии ҷомеа таъсир расонанд. Ба умумияти иҷтимоии хеш мақом ва нақши зарурро муҳайё созанд. Ҳизби сиёсӣ мекӯшад, ки ба мафкураи сиёсии пайравонаш, сатҳи маданияти сиёсии онҳо ва шахсони дигар таъсир расонад.

Ҳизбҳои сиёсӣ дар фаъолияти худ метавонанд ба қувваҳои дигар низ такя намоянд. Таъсис додани гурӯҳҳои фишоровар самаранок аст. Онҳо аз ном ва бо супориши ҳизби сиёсӣ амал менамоянд.

Дар иштироки бисёрҳизбӣ ҳизбҳои сиёсӣ ба ҳам алоқамананд ва якҷоя фаъолият мебаранд. Ҳамин тавр, системаҳои ҳизбӣ ташаккул меёбанд. Системаи ҳизбӣ ин тартиби мубориза ё ҳамкории ҳизбҳо мебошад, ки қоидаҳои умумиро ба роҳбарӣ мегиранд ва барои амалишавии мақсадҳо кӯшишҳо ба харҷ медиҳанд.

Системаи ҳизбӣ дар ҳолате ташаккул меёбад, ки як ҳизб аз ӯҳдаи иҷрои вазифаҳо баромада наметавонад. Ба вай иттифоқчӣ зарур аст. Барои фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ дар системаи сиёсии ҷомеа шароит фароҳам оварда мешавад. Имконият дода мешавад, ки дар системаи интихоботи озодона иштирок карда тавонанд ва манфиатҳои хешро дифоъ намоянд. Ба таври амиқ тарзи намояндагии ҳизби сиёсӣ дар ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти гуногуни он муайян карда мешавад. Дар бисёр мамлакатҳои мутамаддин қисме аз хароҷоти ҳизб ҳангоми интихобот аз ҳисоби буҷети давлатӣ ба амал бароварда мешавад.

Ҳаёти сиёсии ҷомеаро равандҳо ва муносибатҳои гуногун ва зиддиятнок ташкил менамоянд. Вобаста ба зинаи инкишофи ҷомеа дар баробари унсурҳои дигари системаи сиёсии ҷомеа ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар мутташаккил гардидани ҳаёти сиёсии ҷомеа нақши назаррас доранд.

Ташаккул ва инкишофи шаклҳои гуногуни ташкилотҳои ҷамъиятӣ ба анъанаҳои демократӣ, сатҳи озодиҳои сиёсии одамон ва ҷомеа вобастаанд. Ташкилотҳои ҷамъиятӣ иттиҳодияҳои ихтиёрии одамон аст, ки иштироки бевоситаи онҳоро дар идораи равандҳои ҳаёти сиёсии ҷомеа таъмин менамояд.

Иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ҳаракатҳои иҷтимоӣ заминаҳои пайдоиши худро доранд. Онҳо шахсони алоҳида, коллективҳо ва умумиятҳои гуногуни иҷтимоиро муттаҳид месозанд. Умумияти манфиатҳои асосӣ ташаккули созмонҳои иҷтимоиро ташкил медиҳанд.

Иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ фаъолияти одамонро пурсамар мегардонанд. Боварӣ ба ташкилот ва қувваи бунёдгари ҷомеа ба одамон рӯҳи тоза мебахшад. Ба мисли ҳизбҳои сиёсӣ фаъолияти ташкилотҳо ва ҳаракатҳои иҷтимоиро тартиботи ҳуқуқӣ танзим менамояд. Дар Тоҷикистон Қонун дар бораи Иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амал менамояд. Иттиҳодияҳо ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ низ бо ташаббуси на камтар аз 10 нафар одамон созмон дода мешаванд. Ҳисси масъулият, мақсади барпо намудани робитаҳои қавӣ байни одамон, танзими мақсадҳои умумӣ, ҳалли масъалаҳо ва иҷрои вазифаҳо тақозо менамоянд, ки одамон ташкилоти худро барпо намоянд.

Ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар асоси принсипҳои муайян ташаккул ёфта, фаъолият мегузаронанд. Онҳо дар асосҳои ихтиёрӣ ҳуқуқу масъулияти баробар дошта, ҳамаи онҳо худидорӣ намуда, дар доираи қонун амал менамоянд. Ташкилотҳои ҷамъиятӣ принсипҳои ташаккулёбӣ ва фаъолияташонро дар ҳуҷҷатҳои расмӣ сабт менамоянд. Аммо на ҳамаи ташкилотҳои ҷамъиятӣ ба мақсадҳои барномавии худ содиқ мемонанд. Дар давраи аввал аксари иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар чорчӯбаи қонун ва тартиботи ҳуқуқӣ фаъолият гузаронидани худро таъкид менамоянд, вале дере нагузашта арзишҳои маънавии худро тағйир дода, мақсадҳо ва вазифаҳои нав ба навро пеш мегузоранд.

Иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ҳаракатҳои иҷтимоӣ хосиятҳои махсус доранд. Ташкилотҳои ҷамъиятӣ ба сифати махсуси робитаи байниҳамдигарии одамон, умумиятҳои иҷтимоӣ ва унсурҳои дигари системаи сиёсии ҷомеа амал менамоянд.

Ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ҳаракатҳои иҷтимоӣ ғайридавлатӣ буда, тобеи ҳукумат нестанд. Онҳо дар фаъолияти худ мустақиланд.

На танҳо аъзо ба ташкилот шарту талаботҳои худро пешниҳод менамоянд. Ташкилотҳои ҷамъиятӣ низ бар дӯши аъзои худ масъулияти зиёдеро бор намуда, аз онҳо эътироф ва эҳтироми қоидаҳои аз тарафи умум қабулшударо талаб менамоянд. Аъзои ташкилот ва созмонҳои иҷтимоӣ вазифадоранд, ки манфиатҳои шахсиашонро ба манфиатҳои ҷамъиятӣ тобеъ намоянд. Агар ҳангоми қабули қарор кас зидди он баромада бошад ҳам, пас аз қабул шуданаш ҳатман онро ба роҳбарӣ мегирад. Афкори аксарият нисбати ақалият бартарӣ дорад ва қобили қабул аст. Тамоми аъзоёни ба маросимҳо ҳамроҳ гашта, расмиятро ба ҷо меоранд. Аломатҳо ва рамзҳои ташкилот дар ҳолати муайян истифода мешавад ва муносибати аъзои ташкилот ба он чи гуна мебошад.

Ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ҳаракатҳои иҷтимоӣ навъҳо ва шаклҳои мухталиф доранд. Ҳаракати оммавӣ, иттифоқҳои касабаи гуногун, ташкилоти занон, ҷавонон ва наврасон, ташкилоти маъюбон, ветеранҳои ҷанг ва меҳнат, ҷанговарони интернатсионалист, ташкилотҳои илмию техникӣ, маданию маърифатӣ, варзишӣ, иттифоқҳои эҷодӣ, хазинаҳо, ассосиатсияҳо, созмонҳои гуногуни ихтиёрӣ ва дигарон рӯйхати нопурраи ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва созмонҳои иҷтимоиро ташкил медиҳанд.

Ташкилоти оммавӣ вобаста ба мақсад ва самтҳои асосии фаъолияташон ба навъҳо ҷудо мешаванд: ташкилоти кооперативӣ, ташкилоти динӣ, мақомоту ташкилоти худидораи ҳудудӣ ва мақомоти худфаъолиятӣ.

Ба навъҳо ва шаклҳои гуногун ҷудо гаштани ташкилотҳои ҷамъиятӣ аз рӯи меъёрҳои мухталиф воқеӣ мегарданд. Мақом ва нақши ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ҳаракатҳои иҷтимоӣ дар системаи муносибатҳои ҷамъиятӣ аҳамияти хосса доранд. Гурӯҳҳои роҳбарикунанда бахри тағйири мавқеи ташкилоти худ кӯшишҳои зиёде менамоянд. Аммо ин ба салоҳияти мақомоти қонунбарор мансуб аст.

Одамон ба ташкилоту созмонҳои гуногун барои ҳимояи манфиатҳои худ ворид мегарданд. Ташкилот низ вобаста ба манфиатҳо ба навъҳои гуногун тақсим мешаванд:

— ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ҳаракатҳои иҷтимоӣ аз рӯи манфиатҳои иқтисодӣ. Ин навъ ташкилотҳои ҷамъиятӣ шаклҳои зиёде дорад. Шакли маъмултарини он иттифоқҳои касабавии соҳавӣ мебошад. Вобаста ба манфиатҳои иқтисодии худ одамон иттифоқҳои гуногунро бунёд менамоянд. Иттифоқҳои касабавии алтернативӣ низ таъсис ёфтаанд. Манфиатҳои иқтисодӣ, ҳатто шахсонеро, ки дар истеҳсоли неъматҳои моддӣ бевосита ширкат надоранд, маҷбур месозад, ки вориди чунин иттифоқҳо гарданд. Чунин иттифоқҳо ба сифати воситаи муҳофизати умум эътироф шудаанд. Шаклҳои гуногуни моликият ва равандҳои ғайридавлатикунонии истеҳсолот имконияти бештари пайдо гаштан ва мавҷудияти соҳаҳои нав ба нави истеҳсолоти моддиро муҳайё намуд. Он заминаи ташаккули созмонҳои иҷтимоӣ мегардад.

Ташкилотҳои ҷамъиятӣ-иқтисодӣ метавонанд, ки аз доираи як мамлакат ва соҳа берун бароянд. Манфиатҳои иқтисодии воситаҳои истеҳсолот ва умуман, қувваҳои истеҳсолкунанда (картелҳо, консернҳо, трестҳо, комбинатҳо, ширкатҳо)-ро маҷбур месозанд, ки аз хотири ҳимоя ба созиш ва иттиҳод биёянд:

— ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ҳаракатҳои иҷтимоӣ аз рӯи манфиатҳои иҷтимоию сиёсӣ. Ин шакли ташкилотҳои ҷамъиятӣ шахсонеро фаро мегиранд, ки аз ҳизбҳои сиёсӣ берун мондаанд ва дар зери таъсири ҳеҷ як қувваи сиёсӣ нестанд. Аммо онҳо низ мақсадҳои муайяни сиёсии худро доранд. Бо ташкили иттиҳоди худ ба муносибатҳои ҷамъиятӣ таъсир расониданӣ мешаванд.

Асоси фаъолияти онҳоро бештар амалиёти фишороварӣ ташкил медиҳад. Онҳо ба мақомоти ҳокимият ва мақомоти гуногуни ҷамъиятӣ барои ҳалли масъалаи муайян фишор меоранд. То андозае ба мақсадҳои худ ноил мегарданд;

— ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ҳаракатҳои иҷтимоӣ аз рӯи манфиатҳои фарҳангӣ. Ин шакли иттиҳоди одамон касонеро дар бар мегирад, ки баҳри ҳимоя ва қонеъ гардонидани манфиатҳои маънавии худ муттаҳид гаштаанд. Истифодаи одилонаи сарватҳои мадании ҷомеа ва пайдо намудани имконият барои шуғлварзӣ ба меҳнати эҷодӣ асоси фаъолияти ин гурӯҳи ташкилотҳои ҷамъиятиро ташкил медиҳанд.

Созмонҳои иҷтимоӣ аз рӯи методҳои фаъолияти худ низ аз якдигар фарқ менамоянд. Ташкилотҳои ҷамъиятии легалӣ дар фаъолияти худ методҳои ташвиқу тарғиби идеалҳо, роҳбаринамоӣ, боваркунонӣ, иштирок намудан дар фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва ғайраҳоро истифода мебаранд. Ташкилотҳои ҷамъиятӣ ташаббуси қонунгузорӣ низ доранд.

Ташкилотҳо ва дигар созмонҳои иҷтимоии хосияти ғайрирасмӣ ва ғайрилегалӣ дошта, ки аксар вакт нисбати ҳокимияти давлатӣ дар оппозитсия ё рақобат мебошанд, дар фаъолияти худ методҳои махсусро истифода менамоянд. Яке аз методҳои асосии фаъолияти онҳоро фишороварӣ ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ ташкил менамоянд. Чунин ташкилотҳо ба гирдиҳамоиҳо, роҳпаймоиҳо, корпартоиҳо ва ҳатто, ба суиқасдҳо низ рӯ меоранд.

Ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ҳаракатҳои иҷтимоӣ инчунин аз рӯи макони фаъолияташон ба навъҳои гуногун ҷудо мегарданд. Онҳо метавонанд дар дохили идораю муассисаҳо амал намоянд ва мухторияти хешро пос доранд.

Чунинанд моҳият ва хусусиятҳои ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва хелҳои дигари созмонҳои иҷтимоӣ.

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО

1. Мафхуми «хизб»-ро маънидод намоед. 2. Кадом марҳалаҳои ташаккул ва инкишофи хизбҳои сиёсиро медонед? 3. Аввалин хизбҳои сиёсӣ кай ва дар кучо пайдо шудаанд? 4. Назари мухталифро дар бораи моҳият ва мазмуни хизбҳои сиёсӣ маънидод намоед. 5. Оё мавчудияти хизбҳои сиёсӣ заруранд? 6. Оиди тартиботи хукукии фаъолияти хизби сиёсӣ

андеша намоед. 7. Кадом ҳизбҳои сиёсӣ дар Тоҷикистони муосир фаъолият доранд? 8.Чӣ тавр иттиходияҳои ҷамъиятӣ пайдо мегарданд? 9. Хосиятҳои асосии иттиходияҳои ҷамъиятиро номбар намоед. 10. Кадом навъ ё шаклҳои иттиходияҳои ҷамъиятии Тоҷикистонро медонед? 11. Вазифаҳои иттиходияҳои ҷамъиятиро маънидод намоед.

## § 33. РЕЖИМИ СИЁСӢ

Дар ҳаёти ҷомеа режими сиёсӣ аҳамияти муҳим дорад. Режими сиёсӣ ба сифати шакли идора моҳият ва хосияти давлатро таҷассум менамояд. Мақсад аз дарки ҳамаҷонибаи режими сиёсӣ ҳамчун шакли зуҳуроти давлат, ифодаи ҳаматарафаи ҳокимияти давлатӣ ва умуман ҳаёти сиёсии ҷомеа мебошад.

Мафҳуми «режим» ба забонҳои франсузӣ ва лотинӣ асос ёфта, маънои идора намуданро дорад. Аммо «режими сиёсӣ» доираи васеътари ҳодисаю падидаҳоро фаро мегирад. Режими сиёсиро фақат ба давлат ва ё худи системаи сиёсии ҷомеа мансуб донистан фаҳмиши маҳдуд ва хатост. Зеро ки режими сиёсӣ ба масъалаҳо ва равандҳои дигари ҷомеа низ марбут аст, ки аз доираи ваколатҳои системаи сиёсии ҷомеа берунанд. Режими сиёсӣ ҳамаи масъалаҳо ва равандҳои муносибатҳои сиёсӣ, ташкилоти сиёсӣ, шуури сиёсӣ, ва умуман шароити ҳаёти сиёсии одамонро фаро мегирад.

Режими сиёсӣ таркиби гуногун дорад. Дар идораи ҷомеа, танзими ҳаёти сиёсӣ мақоми асосиро ҳокимияти давлатӣ дар зери роҳбарии сардори давлат ишғол менамояд. Барои ҳолати мамлакат сардори давлат ва атрофиёнаш пеш аз ҳама масъуланд. Инчунин унсурҳои ҳокимияти давлатӣ аз қабили мақомоти ҳифзи тартиботи ҳуқуқӣ ва доираҳои сардории сиёсии ҷомеа низ нақши махсус доранд. Дар якҷоягӣ онҳо метавонанд дар ҳолатҳои мураккаби инкишофи ҷомеа нақши мусбат бозанд, мамлакатро аз вартаи ҳалокат боздоранд ва берун кашанд. Агар ин унсурҳо заиф гашта, раванди идораи ҷомеаро аз даст дода бошанд,ба пурихтилоф гаштани муносибатҳо сабаб мешаванд.

Тартиби системаи интихоботӣ низ дар таркиби режими сиёсӣ мақоми махсус дорад. Мақомоти намояндагии ҳокимияти давлатӣ ва дигар унсурҳои системаи сиёсии ҷомеа бо роҳҳои гуногун ташаккул меёбанд. Ин аз бисёр ҷиҳат ба анъанаҳо ва сох-

тори демократии мамлакатҳо вобаста аст. Иштироки омма дар интихобот ҳар хел мебошад. Ҷиҳати муҳимро тарзи гузаронидани интихобот ташкил менамояд. Ташкилотҳо ва мақомоти масъул натиҷаҳои интихоботро ба кадом андоза самаранок истифода менамоянд? Аз ин ҳолат низ дар режими сиёсӣ тағйироти назаррас ба амал меояд.

Таркиби режими сиёсӣ, инчунин фаъолият ва муносибатҳои байниҳамдигарии идораҳои ҳокимияти давлатӣ, мақоми марказӣ ва маҳаллии муассисаҳои намояндагии ҳокимиятро низ фаро мегирад. Байни онҳо муносибатҳои байниҳамдигарии махсус вуҷуд дорад. Ин имконият медиҳад, ки ҳар яки онҳо мустақилияти худро нигоҳ доранд ва ба фаъолияти идораҳои дигар халал нарасонанд.

Муассисаҳои ғайридавлатии умумиятҳои иҷтимоӣ ва гурӯҳҳои ҳукмрон низ мақоми худро доранд. Гурӯҳҳои ҳукмрон дар амалияи ҷамъиятӣ нақши асосӣ мебозанд. Онҳо масъалаҳои муҳимтарини ҷомеаро дар доираи худ ҳал менамоянд, ба ҷомеа бор мекунанд. Ба ин гурӯҳҳо метавонанд роҳбарияти ташкилотҳои гуногуни ҷамъиятӣ, созмонҳои иҷтимоӣ ва ҳизбҳои сиёсӣ дохил шаванд. Элитаи сиёсӣ бо салоҳдиди худ масъаларо ҳал менамояд ва ба мақомоти расмию давлатӣ «тавсия» менамояд, ки онро дар фаъолияташон истифода баранд. Ин гуна дахолатҳо ба фаъолияти идораҳои ҳокимияти давлатӣ боиси фалаҷ ва корношоям гаштани онҳо мегардад.

Муносибати байниҳамдигарии режими сиёсӣ ва иттиходияҳои ҷамъиятӣ аҳамияти хосса пайдо менамоянд. Агар ҳизбҳои сиёсӣ ва ҳаракатҳои иҷтимоӣ нисбати режими сиёсӣ мавқеи оппозитсионӣ дошта бошанд, пас мақомоти ҳифзи тартиботи ҳуқуқӣ фаъолияти онҳоро ба низом меорад. Агар онҳо муросоро қабул надошта бошанд, он гоҳ фаъолияташон манъ карда мешавад.

Режими сиёсӣ ҳуқуқ ва озодии шаҳрвандонро низ дар бар мегирад. Воқеӣ гаштани ҳуқуқ, озодии одамон аз бисёр ҷиҳат ба режими сиёсӣ вобаста аст. Режими сиёсии демократӣ ба одамон имконият медиҳад, ки аз ҳуқуқу озодии қонунии худ васеъ истифода баранд.

Режими сиёсӣ ба навъҳои гуногун тақсим мешавад. Ду навъи асосии онро баррасӣ менамоем: режими сиёсии демократӣ

ва режими сиёсии ғайридемократӣ. Чунин ном гирифтани навъҳои асосии режими сиёсӣ аз хосияти асосии олами муосир, зиддияти раванду ҳодисаҳои демократӣ ва иртиҷоӣ бармеояд. Режими сиёсии демократӣ оммаи мардумро ба сифати манбаъҳои ҳокимият эътироф менамояд. Одамон дар ҳалли ҳамаи масъалаҳои ҳаёти ҷомеа иштирок менамоянд. Зарур аст, ки одамон на танҳо ба мазмуну моҳияти ҳуқуқу озодиҳо сарфаҳм раванд, балки масъулиятро низ ҳис намоянд. Мавҷудият ва амали фаъолияти системаи комили интихоботӣ низ, хосияти муҳими режими сиёсии демократӣ мебошад. Ҳуқуқи интихоботии умумӣ шарти зарурии он мебошад. Интихобот бояд хосияти доимӣ дошта бошад ва барои ҳалли масъалаҳои муҳими ҷомеа гузаронида шавад.

Дар тартиботи интихоботӣ ҳамаи қувваҳо баробаранд. Нагузоранд, ки бозиҳои сиёсиро ба кор бурда, натиҷаҳои интихоботро ба фоидаи худ истифода намоянд.

Дар воқеияти ҷамъиятӣ ҳолатҳое мешаванд, ки қувваҳои сиёсии муайян пеш аз ҳама ҳизбҳои сиёсии ҳукмрон аз мавқеи худ истифода намуда, натиҷаҳои интихоботро ба фоидаи худ истифода бурданӣ мешаванд. Воситаҳои ахбори умум, ки бештар ба ҳокимияти давлатӣ тобеанд, ҳамчун воситаи ташвиқот истифода мешаванд. Аз ин хотир, қабули қонуни интихоботие пеш меояд, ки ба чунин амалҳои ношоям роҳ надиҳад. Пеш аз ҳама дахолати ҳукумат ва дигар муассисаҳои давлатиро номумкин гардонад.

Системаи интихоботӣ бояд ҳамаи унсурҳои системаи сиёсии ҷомеаро фаро гирад. Режими сиёсию демкратӣ низ ба чунин мақомоти ҳаёти сиёсии ҷомеа такя менамояд.

Фақат бо интихобот вазифа иҷро намегардад ва ин ҳоло маънои демократияро надорад. Ҳокимияти демократиро зарур аст, ки манфиатҳои ақаллиятро аз манфиатҳои умумидавлатӣ ҷудо накунад, ақаллиятро таъкид намояд.

Режими сиёсии демократӣ ба ҳамаи қувваҳои сиёсӣ имконияти фаъолиятнамоиро медиҳад. Ин ҷиҳат ба қувваҳое, ки нисбати ҳокимият мавқеи оппозитсиониро ишғол намудааст, ҳам дахл дорад.

Аммо ҳукумат ба онҳо фақат дар доираи тартиботи ҳуқуқӣ имконияти амал медиҳад.

Режими сиёсии демократӣ шаклҳои зеринро дорад:

— идораи президентӣ. Идораи президентӣ дар мамлакатҳои гуногуни олам паҳн гаштааст. Аммо шакли мукаммалро бештар ИМА соҳиб шудааст. Идораи президентӣ мавҷудияти парламентро рад намекунад. Ҳокимияти иҷроия бевосита тобеъи президент аст ва ҳамаи сардорони ҳокимияти иҷроияро вай таъин менамояд.

Дар баробари президент мақомоти қонунбарор вуҷуд дорад. Он метавонад дар ҳолатҳои муайян ҳокимияти президентро бекор намояд. Мақомоти қонунбарор дар ҳолати махсус ҳуқуқи импичментро дорад. Президентро дар ҳолате аз кор озод менамояд, ки агар ӯ Конститутсияро вайрон намояд ва ё хиёнати давлатӣ содир кунад. Аз сиёсати пешгирифтаи президент норозӣ будани мақомоти қонунбарор ба он ҳуқуқи истифодаи импичментро намедиҳад.

Президент дар идораи ҳокимият мустақил буда, метавонад хоҳиши мақомоти дигари ҳокимияти давлатиро ба инобат нагирад.

Идораи парламентӣ. Ин шакли режими сиёсӣ бештар дар мамлакатҳои Аврупо вомехӯрад. Парламент мақомоти олии ҳокимияти давлатӣ буда, дар асоси муборизаи ошкоро ва баробари қувваҳои гуногуни сиёсӣ таъсис меёбад. Сарвари давлат ба он итоат менамояд. Ҳокимият аз номи он ба амал бароварда мешавад.

Ҳукуматро парламент ташкил медиҳад ва дар мавриди зарурӣ истеъфои онро талаб мекунад. Асоси ин амалро изҳори боварӣ ва ё нобоварӣ ба ҳукумат ташкил медиҳад.

Идораи парламентӣ ба ду навъи овоздиҳии тартиботи интихоботӣ бештар рӯ меорад. Яке аз онҳо системаи мажоритарии интихоботӣ мебошад. Мафҳуми «мажоритарӣ» аз забони фаронсузӣ гирифта шуда, маънои аксариятро дорад. Ин тартиботи муайян намудани натиҷаҳои овоздиҳист. Номзаде ғолиб дониста мешавад, ки дар ҳавзаи интихоботӣ аксарияти овозҳоро соҳиб шудааст. Барои ғолиб омадан ҳеҷ набошад 50 фоизи овозҳоро гирифтан зарур аст. Ё нисбат ба дигар номзадҳо овози зиёдтарро соҳибӣ кардан лозим меояд.

Навъи дигарро тартиботи интихоботии мутаносиб ташкил медиҳад. Натиҷаҳои овоздиҳӣ тақсими ҷойҳоро дар мақомоти намояндагӣ байни қувваҳои сиёсӣ муайян менамояд. Сатҳи ақал-

лии овозҳо муқаррар карда мешавад ва номзаде, ки онро соҳиб мегардад, мандати депутатӣ мегирад.

Режими сиёсии ғайридемократӣ низ дар ду шакли асосӣ: авторитарӣ ва тоталитарӣ зоҳир мегардад. Мафҳуми «авторитарӣ» аз забони лотинӣ гирифта шуда, маънои ҳокимият, таъсирро дорад. Дар зериибораи «режими авторитарӣ» ҳокимияти номаҳдуди як шахс фаҳмида мешавад. Ӯ қонунҳоро вайрон намуда, мардумро маҷбур менамояд, ки итоаткор бошанд.

Режими авторитарӣ тамоми ҳокимиятро дар дасти ҳукумат ва сардори он ҷамъ меорад. Принсипи «тақсимоти ҳокимият»-ро ба инобат намегирад. Мақомоти судӣ низ тобеъи ҳукумат мешавад.

Режими авторитарӣ ҳуқуқу озодии одамонро маҳдуд мегардонад. Мекӯшад, ки озодии демократии на танҳо шаҳрвандон, балки субъектҳои дигари сиёсат низ маҳдуд гарданд. Режими авторитарӣ фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ ва ташкилотҳои оппозитсиониро дар аввал маҳдуд ва баъд манъ менамояд. Ҳама гуна иттиҳодияҳои зиддиҳукуматиро пахш менамояд. Дар вақти амали режими авторитарӣ фаъолияти иттифоқҳои касабаи озод ва воситаҳои ахбори умум мушкил мегардад. Мақомоти намояндагӣ бошанд, аз ӯҳдаи иҷрои вазифаҳои хеш намебароянд.

Ҳокимияти авторитарӣ ба одамон баъзе озодии рафтор, аз ҷумла фаъолияти аклониро имконият медиҳад. Ҳизбҳои сиёсӣ ва шаклҳои дигари иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ки ҳокимияти авторитариро эътироф менамоянд, бо ҳукумат ҳамкорӣ менамоянд, амал карда метавонанд ва ҳатто ба дастгоҳи давлатӣ наздик мешаванд.

Режими авторитарӣ идеологияи ягонаро намепазирад ва ба таълимоти манфиатҳои миллӣ такя менамояд.

Тоталитаризм низ яке аз навъҳои асосии режими сиёсӣ ба шумор меравад. Мафҳуми «тоталитаризм» аз забони лотинӣ гирифта шуда, маънои ҳамагон, пурраро дорад. Режими тоталитаризм ҳамчун сохти давлатию сиёсии ҷомеа тамоми масъалаҳои ҳаётро тахти назорати худ қарор медиҳад. Режими мазкур на танҳо масъалаҳои умумии инкишоф, балки ҳаёти шахсони алоҳида, ҳуқуқу озодии онҳоро низ ба тасарруфи худ медорорад.

Ҳамаи равандҳо ва муносибатҳои сиёсӣ назорат карда мешаванд. Ҳизби сиёсӣ, ки соҳиби ҳокимият аст, он дар асосҳои ғайридемократӣ дар атрофи сарвар ташаккул меёбад. Ҳамаи ҳизбҳои сиёсӣ ва созмонҳои иҷтимоии дигар ба ёрдамчии ҳизби ҳукмрон табдил меёбанд. Идеологияи сиёсӣ аз тарафи сарварони ҳизбӣ муайян мегардад.

### САВОЛ ВА СУПОРИШҲО.

1. Мафҳуми «режими сиёсӣ»-ро шарҳ диҳед. 2. Кадом хосиятҳои режими сиёсиро медонед? 3. Навъҳои асосии режими сиёсиро номбар кунед. 4. Идораи президентиро шарҳ диҳед. 5. Кадом навъҳои тартиботи интихоботиро медонед? 6. Кадом навъҳои режими сиёсии ғайридемократиро медонед? 7. Дар бораи режими сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон ибрози андеша намоед.

## § 34. ШУУРИ СИЁСӢ ВА УНСУРҲОИ АСОСИИ ОН

Гардиши куллии муносибатҳои ҷамъиятӣ нисбати масъалаҳои сиёсӣ, аз ҷумла шуури сиёсӣ муносибати навро тақозо менамоянд. Солҳои пешин оммаи мардум, аслан дар равандҳои идораи сиёсии ҷомеа фаъолона иштирок надоштанд. Фаъолияти сиёсӣ доираи маҳдуди одамонро фаро мегирифт. Сатҳи худшиносии сиёсии одамон низ дар сатҳи лозимӣ қарор надошт. Чунин ҳолатро институтҳои ҳокимияти сиёсию давлатӣ ҷонибдорӣ менамуданд. Оммаи аз сиёсат дур ва сатҳи пасти маданияти сиёсӣ ба манфиати табақаҳои болоӣ ва элитаи сиёсӣ буд. Ҳоло, ки масъала ранги дигар гирифтааст, дарки амиқи масъалаҳои шуури сиёсӣ талаби замон аст.

Фаъолияти сиёсии одамон дар шаклҳои гуногун, муносибати одамон ба ҳодисаю равандҳо, муносибатҳои ҷамъиятӣ ва муносибатҳои гуногуни системаи сиёсии ҷомеа дар зери таъсири унсурони мухталифи шуури сиёсӣ ба амал меоянд.

Шуури ҷамъиятӣ нисбати шуури сиёсӣ хосияти муайянкунандагиро дорад. Ҳар чи қадаре, ки шуури ҷамъиятӣ комил бошад, ҳамон қадар он ба мақом ва нақши инсон таъсир мерасонад. Шуури ҷамъиятӣ ва хосияти муайянкунандагии он нисбати шуури сиёсӣ аҳамияти кулл дорад. Он ҳангоми муносибат ба тамоми

ходисахои олам ва тарафхои гуногуни ҳаёти ҷомеа зоҳир мегардад.

Шуури ҷамъиятӣ дар фаъолияти фард, гурӯҳ ва умумиятҳои гуногун таҷассум мегардад. Аммо на ҳамаи субъектҳо имконияти баробар доранд ва аз ин рӯ шуури ҷамъиятӣ барои тамоми аъзои ҷомеа аҳамияти якхела надорад. Аммо ба инобат гирифтани сатҳи шуури ҷамъиятӣ барои ҳамаи субъектҳои сиёсат ҳатмӣ мебошад. Зеро беэътиноӣ ба он боиси пайдоиши моҷарои сиёсӣ мегардад.

Шуури сиёсӣ ҳамчун шакли махсуси шуури ҷамъиятӣ ҳангоми инъикоси воқеияти сиёсӣ ташаккул ёфта, манфиатҳои муайяни сиёсии одамон, муносибати онҳо ба сохтори ҷамъиятию сиёсии ҷомеа, шаклҳои ҳокимият, институтҳои сиёсӣ ва сиёсати онҳоро дар бар мегирад.

Шуури сиёсии одамон дар сатҳи назариявӣ ва амалию муқаррарӣ пайдо гашта инкишоф мeёбад. Шуури сиёсии назариявӣ ба донишҳои илмӣ дар бораи равандҳо ва ҳодисаҳои табиат, ҷомеа, муносибатҳои сиёсии байни одамон ва ҳодисаҳои дигари ҷомеа такя менамояд. Донишҳои илмӣ натиҷаи тадқиқотҳои мукаммал ва таҳлили ҳамаҷонибаи ҳодиса мебошад. Системаи донишҳо дар бораи шуури сиёсии ҷомеа, ба ташаккулу инкишофи рафтору фаъолияти сиёсӣ мадад мерасонанд. Шуури сиёсии назариявӣ фақат аз маҷмӯи донишҳои ҳаёти сиёсӣ иборат нест. Ба он инчунин хусусиятҳои психологӣ, генетикӣ ва қобилияти фикрии одамон таъсир мебахшад.

Шуури сиёсии амалию муқаррарӣ нисбатан сатҳи пасттари шуури сиёсӣ ва умуман, шуури ҷамъиятӣ буда, ҳаёти ҳаррӯзаи одамон ва муносибати онҳо ба ҳодисаҳои ҷомеаро дар бар мегиранд.

Ба шуури сиёсӣ омилҳои дигар низ таъсир мерасонад. Одамон нисбати ҳодисаҳои ҷомеа ва муносибатҳои сиёсӣ мавқеи хосса пайдо менамоянд. Мақсади асосиро ҳимояи манфиатҳо ташкил медиҳад. Фаъолияти сиёсии одамон на ҳама вақт натиҷаи дилхоҳ меорад. Фаъолияти стихиявӣ ва ё муташаккиле, ки аз раванди идора берун мебароянд, оқибатҳои манфӣ низ дорад. Баъзан одамон мақсаду моҳияти амали пешбинишуда ва ё анҷомидаро нафаҳмида мемонанд.

Маркази қабули қарори сиёсӣ ба таври мушаххас миқдори муайяни одамонро ба раванди тайёр намудан ва қабулу амалӣ гардонидани қарорҳои сиёсӣ ҷалб менамояд. Дар кадом ҳолат ба амал омадани он ба шуури сиёсӣ ва рафтори интирокчиёнаш таъсир мерасонад.

Манфиатҳои сиёсии шахс низ аҳамияти муҳим дорад. Манфиатҳои одамон ба сифати баранда ва як навъ воситаи танзими фаъолияти одамон ба шумор меравад. Манфиатҳо метавонанд мукаммал набошанд. Ин аз бисёр ҷиҳат ба тарзи эҳсосотии дарки ҳодисаҳо вобаста мебошанд. Одамон дар ҳаёти ҳаррӯзаашон ба таври худ ба ҳодисаю предметҳо баҳо медиҳанд. Агар онҳо таҳлилу хулосабарориҳои амиқро наёфта бошанд, дар ҳолатҳои муайян номукаммалии худро ошкор месозанд. Масалан, дар натиҷаи аз рӯи эҳсосот, аз рӯи муносибати рӯякӣ баҳо додан ба манфиатҳои худ ё манфиатҳои махсус метавонад онро ба манфиатҳои умумимиллӣ ва умумиинсонӣ муқобил гузорад. Шуури сиёсие, ки ба ҳиссиёт асос ёфтааст, тез тағйир меёбад.

Масъулияти сиёсии шахс низ ба шуури сиёсии он таъсир мерасонад. Одамон дар фаъолияти сиёсиашон бояд масъулияти худро дар назди атрофиён ва ҷомеа ҳис намоянд. Шахсро зарур аст, ки манфиатҳои одамони дигар ва умуман ҷомеаро ба ҳисоб гирад.

Мазмуну моҳияти инсон низ ба шуури сиёсии одамон таъсир мебахшанд. Агар дар фаъолияти меҳнатӣ, сифатҳои касбӣ ва моҳирӣ ба инобат гирифта шаванд ва ҷобаҷогузории қувваҳои корӣ шакли комилро пайдо намоянд ва меҳнати одамон аз тарафи ҷомеа баҳои сазовор бигиранд, таъсир ба рафтору кирдор, гуфтор ва шуури одамон бештар мегардад ва хосияти мусбат пайдо менамояд. Дар сурати ғайр, дар шуури сиёсии одамон тамоюлҳои манфӣ пайдо мегарданд ва муносибатҳои ҷамъиятӣ тағйир меёбанд. Натиҷаи бевоситаи онро тағйири мақоми иҷтимоии шахс ташкил медиҳад.

Афкори умум низ ба шуури сиёсӣ таъсири бевосита дорад. Он ба сифати заминаи ташаккули шуури сиёсӣ амал менамояд. Он дар шакли муҳокимарониҳо ва амалиёти омма зоҳир мегардад.

Ба ташаккул ва инкишофи шуури сиёсӣ омилҳои дигар, аз қабили: сатҳи инкишофи маънавии ҷомеа, гуногуншаклии моли-

кият дар ҷомеа, сатҳи шуурнокии коллективҳои меҳнатӣ, системаи маълумотгирии аҳолӣ, ошкорбаёнӣ дар фаъолияти ҳамаи унсурони сиёсии ҷомеа ва ғайраҳо таъсир мебахшанд.

Ба шуури сиёсӣ идеология таъсири хоса дорад. Давраҳое буданд, ки таъсири идеология ба шуури сиёсӣ хосияти муайянкунандагӣ дошт. Агар дар ҷомеа фетишизатсияи идеологӣ ҷой дошта бошад ва асоси фаъолияти одамонро принсипҳои назариявии идеологияи махсус ташкил намоянд, он гоҳ ин боиси пайдоиш ва инкишофи шуури сиёсии «бардурӯғ» мегардад. Дар давраи диктатураи идеологӣ таълимоти сиёсии расмӣ бо ҳаёти воқеӣ дар мухолифат мебошад. Ин шуури сиёсии аксариятро парешон менамояд. Шумораи одамоне, ки ба идеологияи расмӣ боварӣ ва эътиқод доранд, хеле кам мегарданд.

Шуури сиёсӣ аз ду қисм таркиб ёфтааст: идеология ва психологияи сиёсӣ.

Идеология ва психологияи сиёсӣ ҳамчун объекти донишҳои сиёсӣ аҳамияти махсус пайдо менамоянд.

Идеологияи сиёсӣ яке аз шаклҳои инъикоси воқеият дар шуури сиёсӣ мебошад. Мафҳуми «идеология» аз забони юнонӣ гирифта шуда, маънои мафҳум, ғоя ё таълимотро дорад. Идеология системаи томи ақидаҳо, ғояҳо ва назарияи сиёсӣ нисбати табиат, ҷомеа ва шахсият мебошанд, ки онро аҳзоби сиёсӣ ба сифати роҳнамо барои мустаҳкам намудани муносибатҳои мавҷудаи ҷамъиятӣ ё барои аз байн бурдани ин муносибатҳо ва таъсису инкишофи муносибатҳои нави ҷомеа истифода менамоянд. Идеология инчунин муносибатро ба арзишҳои умумиятҳои иҷтимой, мақсад ва роҳҳои ба даст овардани онҳо фаро мегирад. Идеология аз ғояҳои фалсафӣ, сиёсӣ, ахлоқӣ, динӣ, иқтисодӣ ва ғайраҳо таркиб меёбад.

Тамоми рафти инкишофи таърихӣ дар худ хусусиятҳои идеологияи муайянро таҷассум намудааст. Идеология низ вобаста ба марҳалаҳои инкишофи таърихӣ ва муносибатҳои ҷамъиятӣ хосияти мушаххас пайдо менамояд. Идеология инъикоси мақсад ва арзишҳои асосии ҷомеа мебошад. Идеология барои ҳимояи режими сиёсӣ ташаккул ва инкишоф намеёбад. Он мақсадҳои мушаххасро низ асоснок карданӣ нест. Аз ин ҷиҳат низ он аз таълимоти динӣ фарқи куллӣ дорад.

Идеология дорои зиддиятҳои дохилӣ мебошад. Масалан, дар байни мақсади охирини аҳзоби сиёсӣ ва барномаи амалигардии он тафовутҳо пайдо ва инкишоф меёбанд.

Ҳоло дар бораи сатҳи идеологии муносибатҳои ҷомеа, меъёрҳои идеологӣ фикру андешаҳои гуногун пеш меоянд. Амалияи ҳаёти ҷамъиятӣ нишон медиҳад, ки дар муносибатҳои байниҳамдигарии идеология ва ҳодисаҳои ҷомеа муносибатҳои умумиинсонӣ нисбати арзишҳои махсус (синфӣ, миллӣ, гурӯҳӣ) аҳамияти бештарро соҳиб гарданд. Таҷрибаи таърихӣ нишон медиҳад, ки мутлақ гардонидан ва бартарӣ пайдо кардани арзишҳои махсуси одамон боиси ба инобат нагирифтани талаботу манфиатҳои гурӯҳи дигари одамон ва аз ин рӯ, манбаи нави зиддиятҳо мегардад.

Таърих гувоҳ аст, ки бештар дар муносибатҳои идеологӣ принсипи синфият ба сатҳи мутлақ бароварда мешавад. Муносибати синфӣ ба ҳодисаҳои ҷомеа маънои эътирофи ҳукмронии ақаллият бар аксариятро дорад. Нобаробарии иҷтимоӣ ва беадолатӣ на танҳо кам намегарданд, балки чунин муносибат боиси пайдоиши мухолифатҳои нави ҷомеа мегардад. Талаботу манфиатҳои одамон фақат хосияти синфӣ надоранд. Тафовутҳои миллию давлатӣ, ноҳиявӣ, касбӣ ва ғайраҳо масъалаҳои нав ба навро ба миён меоранд.

Тафовутҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа аз доираи шуури сиёсӣ берун мебароянд.

Муносибати синфӣ ба падидаҳои ҳаёти сиёсии ҷомеа як навъ зуҳури тафаккури тоталитарӣ ба ҳисоб меравад. Манфиатҳои як синф ё гурӯҳи иҷтимоӣ ҳимоя нашуда, манфиатҳо ва умумиятҳои дигар мадди назар мешаванд. Мутлақ гардонидани зиддиятҳои синфӣ боиси пайдоиш ва афзудани нақш ва мақоми бардурӯғи синф ва гурӯҳи мазкур дар системаи муносибатҳои ҷамъиятӣ мегардад.

Вақте, ки манфиатҳои умумибашарӣ ба инобат гирифта намешаванд, хоҳу ноҳоҳ муносибатҳои махсус ба ҳодисаҳо нақши асосиро иҷро менамоянд. Дар сурати истисноӣ муносибати синфӣ ба ҳодисаҳо ва ба инобат нагирифтани арзишҳои умумибашарӣ, аксар вақт арзишҳои миллатчигӣ, маҳалгароӣ, динӣ ва ғайраҳо нақши бештар меофаранд. Дар ҷомеаи кунунӣ инҳисори иде-

ологӣ ҳар чи бештар номумкин мегардад. Тамоюлҳои мухталифи назариявию идеологӣ ташаккул меёбанд. Догмаҳои идеологӣ аз байн бардошта шуда, дар шуури сиёсии одамон тағйироти куллӣ ба амал меояд. Манфиатҳои одамон талаб менамоянд, ки ҳар он чи ки барои умумиятҳои дигар пурарзишанд, эҳтиром карда шаванд.

Идеологияи сиёсӣ шаклҳои гуногун: — консервативӣ, пешқадам ва иртиҷоӣ дорад.

Асоси ба навъҳо ва шаклҳои гуногун ҷудо гаштани идеологияро ғояҳои зарурӣ ва ҳадафҳои сиёсии одамон ташкил медиҳанд. Талаботу манфиатҳо ва мақсадҳои онҳо идеологияи махсуси сиёсиро бунёд месозанд.

Идеология ва сиёсат робитаи мутақобила доранд. Идеология як навъ заминаи ақлӣ ва маънавии фаъолияти сиёсии одамон аст. Сиёсат бошад, идеологияро комил мегардонад.

Идеология ба қувваҳои сиёсӣ воқеиятро шарҳ медиҳад. Барои муваффақ гаштан роҳу воситаҳоро ошкор месозад. Чӣ тавр аз он истифода кардани аҳзоби сиёсӣ аз сатҳи камолоти онҳо вобаста мебошад. Аз ин хотир, идеологияро заминаи ақлӣ ва маънавии сиёсат медонанд.

Идеология қувваҳои сиёсиро муттаҳид мегардонад. Дарёфти мақсади умумӣ барои ҳамкории қувваҳои сиёсӣ шарти зарурии фаъолияти якҷоя мебошад.

Идеология ҳаёти сиёсии ҷомеаро ба таври умумӣ инъикос менамояд. Сиёсат муносибати фарохтар дошта, воқеиятро ба назар гирифта, ҷузъитарин масъалаҳоро ба ҳисоб мегирад.

Психологияи сиёсӣ зинаи аввали шуури сиёсӣ мебошад. Он таҷрибаи одамон, муносибати байниҳамдигарӣ ва муносибат ба ҳодисаю падидаҳои дигари ҳаёти сиёсии ҷомеаро таҷассум менамояд. Психологияи сиёсӣ рафтори одамонро дар муносибат бо равандҳои мухталифи ҳаёти сиёсии ҷомеа ифода намуда, онҳоро ба самти муайян медарорад.

Психологияи сиёсӣ навъи инъикоси эҳсосотӣ аст ва мантиқан дар муқобили инъикоси муқоисавӣ қарор дорад. Он сатҳи поёнӣ ё амалии шуур ба ҳисоб меравад. Идеологияи сиёсӣ бошад, баръакс, сатҳи илмию назариявии шуури сиёсист.

Таваҷҷӯҳ ба фаъолияту рафтори сиёсии одамон назари мухталифро дар психологияи сиёсӣ ба амал овард.

Сатхи камолоти психологияи сиёсӣ низ аз қобилияти фитрию фикрӣ ва иҷтимоӣ ё ба таври дигар, аз фаъолии сиёсии одамон вобаста аст.

Вақтҳои охир олимон дар хусуси шуури оммавӣ ибрози ақида менамоянд. Он аз маҷмӯи ғояҳо, назария ва таълимот дар бораи ҳокимият ва муносибатҳои сиёсии ҷомеа иборат аст. Афзудани фаъолияти сиёсии оммаи мардум заминаи пайдоишу инкишофи шуури сиёсии оммавӣ мегардад. Он ягонагии назариявӣ ва идеологиро рад менамояд. Мақсад ва мавқеи умумӣ вуҷуд надорад. Дар ҷомеаи кунунӣ фаъолияти шаклҳои мухталифи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, аз ҷумла ҳизбҳои сиёсӣ исботи фикри мазкуранд.

### САВОЛ ВА СУПОРИШҲО.

1. Шуури сиёсӣ чист? 2. Шуури сиёсӣ чӣ тавр ташаккул меёбад? 3. Шуури сиёсӣ дар кадом шаклҳо зоҳир мегардад? 4. Ба шуури сиёсӣ кадом омилҳо таъсир мерасонанд? 5. Таркиби шуури сиёсиро номбар ва маънидод намоед. 6. Кадом хусусиятҳои идеологияи сиёсиро медонед? 7. Робитаҳои сиёсат ва идеологияро шарҳ диҳед. 8. Психологияи сиёсӣ чист? 9. Шуури сиёсии оммавиро маънидод намоед.

## § 35. ҶОМЕАИ ДЕМОКРАТӢ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ОН

Демократия яке аз падидаҳои ҷолибтаринест, ки ақлу ҳуши оламиёнро ба худ кашидааст. Вобаста ба ҳолатҳои муайян аксарияти одамон муносибати худро ба равандҳои демократӣ ошкор менамоянд. Баъзан одамони касбу кори гуногун на танҳо худро ҷонибдори демократия ва демократ мешуморанд, балки онҳо хешро ҳомии он низ муаррифӣ менамоянд. Сиёсатмадорон ва сарварони нерӯҳои сиёсӣ бошанд, на танҳо худро демократ меҳонанд, балки рақибони худро аксар вақт ба вайрон кардани принсипҳо ва қоидаҳои демократӣ гунаҳкор менамоянд. Ҳатто, мубориза барои демократия ба ҷиҳати муҳими фаъолияти онҳо номнавис мешавад. Онро мубориза барои ҳаёт меҳонанд.

Аммо ҳамаи касоне, ки дар бораи демократия сухан меронанд ва ё худро ҳомии он мешуморанд, на ҳама вақт ба маънои аслии он сарфаҳм меравaнд ва дар фаъолияти худ ҳамчун демократи асил амал менамоянд. Бисёриҳо дар бораи демократия дониши сатҳӣ доранд, ба мазмуну моҳияти он сарфаҳм намераванд. Мафҳуми «демократия» решаи юнонӣ дошта, маънои ҳокимияти халқро дорад. Демократия ба сифати шакли сохтори давлатию сиёсӣ амал менамояд. Он халқро манбаи ҳокимият дониста, ба принсипҳои баробарӣ ва озодӣ асос меёбад. Мафҳуми «демократия»-ро инчунин нисбати фаъолияти институтҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва қувваҳои сиёсии ҷомеа истифода менамоянд.

Истифодаи мафҳуми «демократия» ҳоло маънии инъикоси воқеиятро надорад. Баъзан сарварони қувваҳои гуногуни сиёсӣ ибораҳои «ҳокимияти халқ», «идораи халқ», ба воситаи халқ, идораи миллат, ба воситаи намояндагони он ва амсоли онҳоро истифода менамоянд. Аммо истифодаи ибораҳои зерин хосияти мафҳумӣ доранд, воқеиятро шарҳ дода наметавонанд. Халқ ё миллате то ҳоло вуҷуд надошт ва надорад, ки худро бевосита идора намояд. Ҳама гуна ҳукмронӣ ва раванди идора хосияти олигархӣ доранд. Бояд ҳукмронии ақаллиятро бар аксарият эътироф кард. Аз ин хотир, мазмуни асосӣ ва ба ҳамбастагӣ бо истифодаи ибораи «идораи ҷомеа ва давлат ва иштироки омма дар он» фаҳмидан ба воқеият наздик аст. Худи идораи ҷомеа ва давлатро на халқ ё омма, балки одамони алоҳида ба амал мебароранд. Дар ин ҷо дар фаҳмиши демократия душворӣ ба амал меояд. Чунки новобаста ба оне, ки оммаи мардум дар идораи ҷомеа ва давлат иштирок менамояд ё не, раванди идораи тамоми ҷомеа ва унсурони онро фаро мегирад. Ҳамон вақте идораи ҷомеа мазмуни демократия пайдо менамояд, ки ба манфиати оммаи мардум ба амал бароварда шавад.

Дар олами муосир, дар системаи сохторҳои давлатӣ унсурони гуногуне вуҷуд доранд, ки ба сифати ифодагари манфиатҳои мардум фаъолият менамоянд. Махсусан, ин нақшро мақомоти давлатӣ беҳтар иҷро карда метавонанд. Дар ҷомеаи демократӣ беҳтарин ифодагари ҳокимияти мардум мақомоти қонунбарор мебошад.

Ба ин мақомоти олии демократия бояд шахсоне ворид гарданд, ки дар ҳақиқат манфиату талаботи мардумро инъикос ва ҳимоя намоянд ва ҳатто, ба мардум хизмат намуданро маънои фаъолияти меҳнатии худ донанд. Хусусияти дигари ҷомеаи демократиро мавҷудияти нерӯҳои оппозитсионӣ нисбати ҳокимияти давлатӣ ташкил менамоянд. Оппозитсия бояд босубот бошад ва асоси фаъолияти онро на танқид барои танқид, балки фаъолият бахри инкишофи муттасили ҷомеа ташкил диҳад. Таҷрибаи таърихии мамлакатҳои демократӣ нишон медиҳад, ки оппозитсияи комил, асосан аз ҳисоби хизбҳои сиёсӣ ба вуҷуд меояд. Ҳамаи ҳизбҳои сиёсӣ мақсади ба даст овардани ҳокимиятро доранд. Аммо роҳҳои ҳалли масъалаи мазкурро хар як ҳизби сиёсӣ мустақилона меҷӯяд. Агар ҳизби сиёсӣ моҳиятан демократӣ бошад, он гох муборизаи парламентӣ пеш гирифта мешавад. Ҳизби сиёсӣ муборизаро барои ба тарафи худ ҷалб намудани мардум ва зиёд намудани тарафдорони худ оғоз менамояд. Агар ҳизби сиёсӣ манфиатҳои умумиятҳои иҷтимоӣ, гурӯҳҳои аҳолӣ ва шахсони алоҳидаро ҳимоя карда тавонад ва ба боварии одамон сазовор гардад халқ онро дастгирӣ мекунад. Ғолиб гаштан ва ё мағлуб шудани ҳизбҳои сиёсӣ дар муборизаи пардаментӣ аз системаи арзишҳо ва сатҳи ҷонибдории интихобкунандагон бармеояд. Вақте ки ҳизби сиёсӣ дар интихобот ғолиб дониста шуд, имконияти ташкили хукуматро пайдо менамояд.

Агар ҳизбҳои сиёсии демократӣ дар алоҳидагӣ дар интихобот ҷои муносибро ишғол нанамоянд, он гоҳ бо хизбҳои дигари оппозитсионӣ, ки онҳоро дастгирӣ менамоянд, ҳамкорӣ мекунанд.

Муносибатҳои ҳокимияти давлатӣ ва оппозитсиони сиёсӣ дар сатҳи 3 самт ба амал меояд: Аввало, ки имконияти ҳамкорӣ байни ҳокимияти давлатӣ ва оппозитсияи сиёсӣ доимо вуҷуд дорад. Онҳо метавонанд байни худ муколама барқарор намоянд. Ҳокимияти давлатӣ ба оппозитсияи сиёсӣ имконият медиҳад, ки дар идораи ҷомеа иштирок намояд. Оиди ҳалли масъалаҳои муҳими ҷомеа андешаҳо иброз ва пешниҳод намояд. Дар ҳолати зарурӣ ҳокимияти давлатӣ аз фаъолияти босуботи оппозитсияи сиёсӣ истифода менамояд.

Дуюм, ин ки байни ҳокимияти давлатӣ ва оппозитсияи сиёсӣ оиди ҳалли масъалаҳои мушаххас консенсус (ризоият) пайдо мегардад. Вақтҳое низ мешавад, ки дар ҳалли масъалаи муайян ҳокимияти давлатӣ ва оппозитсияи сиёсӣ ба як қарори ҳар ду тарафро қаноаткунанда оянд. Ё ҳолатҳое низ вуҷуд доранд, ки оиди масъалаи муайян онҳо андешаҳои яккхела доранд.

Сеюм, ин ки қувваҳои сиёсӣ хоҳ ҳокимияти давлатӣ бошад ва ё хоҳ оппозитсияи сиёсӣ имконияти ба якдигар гузашт карданро доранд. Агар оппозитсия пурқувват набошад ва ба масъалаҳо баҳои объективӣ дода натавонад, он гоҳ ба роҳи муайяннамудаи ҳокимияти давлатӣ розӣ мешавад. Ё дар сурати дигар, агар ҳокимияти давлатӣ ба оппозитсияи сиёсии муқтадир гузашт кардан нахоҳад, он гоҳ ҳизбҳои оппозитсионӣ ба тарафдорони худ муроҷиат менамоянд. Дар натиҷаи фишороварӣ ҳокимияти давлатӣ маҷбур мешавад, ки ба гузашт намудан розӣ шавад.

Яке аз шаклҳои муҳимтарини зуҳуроти демократия вусъати раванди худидораи ҷомеа ба шумор меравад. Раванди мазкур ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа: — иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангиро дар бар мегирад. Моҳият он аст, ки ҳарчи бештар одамон ба идораи ҷомеа шарик гарданд. Дар шароити муосир худидораи муносибатҳои истеҳсолӣ ва умуман ҳаёти моддии ҷомеа аҳамияти калонро соҳиб гаштааст. Барои амалӣ гардонидани раванди худидора мақомоти махсусе, ки ҳокимияти давлатӣ онҳоро эътироф ва ҳимоя менамояд, заруранд.

Яке аз зуҳуроти ҷомеаи демократӣ инкишофи ҷомеаи гражданӣ ва давлати ҳуқуқӣ мебошад. Ҷомеаи гражданӣ ба қатори идеалҳои асосии оламиён дохил мегардад. Одамон дар гӯшаю канорҳои гуногун орзу менамоянд, ки соҳиби ҳар гуна ҳуқуқу озодиҳо бошанд. Агар равандҳо ва муносибатҳои демократӣ самти дурусти инкишофро пеш гиранд ва комил гарданд, ҳеҷ зарурат ба тобеъ гаштани одамон ба сиёсат ва идеологияи муайян намемонад. Ба амалҳое роҳ дода намешаванд, ки он ба вазифаҳои ҳизбию идеологӣ ва давлатӣ омехта гарданд. Мақомоти давлатӣ бояд аз таъсири ҳама гуна қувваҳои сиёсӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ озод бошанд.

Давлати ҳуқуқӣ, ки аз омилҳои демократия васеъ баҳра мегирад, риояи бечунучарои принсипи «тақсимоти ҳокимият»-ро талаб мекунад. Ин барои таҳкими демкратия хеле зарур аст.

Ҷомеаи демократӣ ба плюрализми сиёсӣ ва ошкорбаёнӣ ниёз дорад. Воситаҳои ахбори умум омили воқеигардии равандҳои мазкуранд. Озодӣ ва баробарӣ, пеш аз ҳама, озодии сиёсӣ рукни асосии ҷомеаи демократӣ мебошад. Аммо озодии сиёсӣ низ хосияти мутлақ надорад. Инчунин дар бисёр кишварҳои демократӣ низ озодии сиёсиро ба озодии феълӣ ва озодии воқеӣ ҷудо менамоянд. Озодиҳои сиёсии феълиро аксаран хоси мардум меҳисобанд. Решаи масъалаи мазкур дар нобаробарии сатҳи зиндагии одамон ниҳон аст. Яке аз манбаъҳои васеъшавии озодии воқеӣ инкишофи режими бисёрҳизбӣ мебошад. Фақат ташаккулу инкишофи гуногунҳизбӣ ҳамкории фаъоли мардумро бо институтҳои сиёсии ҷомеа барқарор намуда, ривоҷ медиҳад. Ҳатто, ҳизбҳои авторитарию тоталитарӣ дар рушди равандҳои демократӣ ҳиссагузор мегарданд. Садди роҳи фаъолияти онҳо гаштан фақат ба фоидаи ривоҷи қувваҳои консерваторӣ мебошад. Дар воқеъ бошад, мувозинати иҷтимоии ҷомеа халалдор мегардад. Амали ҳизбҳои сиёсии гуногун ва шаклҳои дигари иттиҳодияҳои ҷамъиятию сиёсӣ мувозинати иҷтимоиро нигоҳ медоранд. Зеро ҳар яки онҳо ифодагари манфиату талаботи «қисми халқанд».

Агар равандҳои демократӣ такмил наёбанд, идораи ҷомеа заиф мегардад ва институтҳои сиёсӣ аз ӯҳдаи вазифаҳои хеш намебароянд, он гоҳ ба ҷомеа бӯҳрони ҳамаҷониба таҳдид менамояд. Майлонҳои анархистӣ ва худоиандозӣ меафзоянд.

Дар натиҷа ҷомеаи демократӣ метавонад рӯ ба режими сиёсии иртиҷоӣ орад.

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО

1. Мафҳуми «демократия»-ро шарҳ диҳед. 2. Ибораи «ҳокимияти халқ»-ро маънидод намоед. 3. Хосиятҳои асосии ҷомеаи демократиро номбар кунед. 4. Муносибати ҳокимияти давлатӣ ва нерӯҳои оппозитсионӣ бояд чӣ тавр сурат бигирад? 5. Раванди худидораи ҷомеаро шарҳ диҳед. 6. Боз кадом хусусиятҳои ҷомеаи демократиро медонед? 7. Дар бораи ташаккулу инкишофи демократия дар Тоҷикистон нақл намоед.

## § 36. ФАЪОЛИЯТИ СИЁСИИ ОДАМОН.

Фаъолияти сиёсии одамон раванди муҳимтарин дар ҳаёти ҷомеа мебошад. Одамон хоҳу ноҳоҳ ба сиёсати фаъол даст мезананд. Фаъолияти сиёсии одамон аз талаботу манфиатҳои худи иштирокчиёни он бармеояд.

Фаъолияти сиёсии одамон амали ҷамъиятист, ки мақсаду вазифаҳои амиқ дошта ба тамоми ҷомеа таъсир мерасонад. Фаъолияти сиёсии одамон муносибатҳои гурӯҳҳои иҷтимоиро фаро мегирад, ки бештар ба масъалаи тартиботӣ ва равандҳои ҷамъиятӣ вобастаанд. Фаъолияти сиёсии одамон ба воситаи тартиботи ҳуқуқӣ ва қоидаҳои низомномавӣ ба низом андохта мешаванд.

Фаъолияти сиёсии одамон на ҳама вақт натиҷаи дилхоҳ медиҳад. Ҳатто, баъзан вазифаи гузошташуда на фақат иҷро намегардад, балки боз ҳам мураккабтар мешавад, зиддиятҳои нав пайдо мекунонад.

Масъалаи баҳогузорӣ ба фаъолияти сиёсии одамон аз аҳамият холӣ нест. Одамон вобаста ба сатҳи донишу маҳорат ва мавқеи иҷтимоиашон ба ҳодисаи сиёсӣ баҳо медиҳанд, ки хосияти субъективӣ дорад ва қимати ҳодисаҳоро паст зада наметавонад. Фақат бо гузашти айём ба ҳодисаю равандҳои ҷомеа баҳои ҳаққонӣ додан муяссар мегардад.

Яке аз муҳимтарин ҷузъиётҳои фаъолияти сиёсии одамон амалиёти сиёсӣ ба шумор меравад. Амалиёти сиёсӣ ба 3 гурӯҳ ҷудо мегардад. Гурӯҳи аввалинро шаклҳои зерини амалиёти сиёсии одамон ташкил медиҳанд.

Инқилоб. Он табаддулоти сифатиест, ки ҷомеаро аз форматсияи ҷамъиятию иқтисодии фарсуда ба форматсияи ҷамъитию иқтисодии пешқадам мебарад. Асосҳои иқтисодии инқилобро зиддиятҳои байни қувваҳои истеҳсолкунанда ва муносибатҳои истеҳсолӣ ташкил медиҳад. Аксар вақт муносибатҳои истеҳсолӣ садди роҳи инкишофи қувваҳои истеҳсолкунанда мегардад. Қувваҳои гуногун, ки соҳиби сарвати зиёди моддӣ гаштаанд, бо ҳам муросо намекунанд. Онҳо кӯшиш менамоянд, ки боигарии моддии худро бо ҳокимияти сиёсӣ пурқувват гардонанд. Дар мавриди дигар ин ҳолат бештар вомехӯрад, оммаи заҳматкаш рӯ ба

инкилоб меорад. Инқилоб воситаи охирин ва ягонаи дигар намудани аҳволи онҳост...

Инкилоб мазмуну моҳияти ҳокимиятро дигар менамояд. Муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангии сифатан нав ташаккул ва инкишоф мeёбад.

Инқилоб як қатор хусусиятҳо дорад. Вазъияти инқилобӣ ташаккул меёбад. Он маҷмӯи тағйиротҳои объективие мебошад, ки бӯҳрони амиқи иҷтимоию сиёсиро ба вуҷуд меорад. Вазъияти инқилобӣ аз шароитҳои объективӣ ва омилҳои субъективӣ таркиб меёбад.

Қувваҳои хоким дар натиҷаи бӯҳрони ҳамаҷонибаи ҳаёти ҷомеа қудрати идораро аз даст медиҳанд. Ҳолате ба амал меояд, ки ҳеҷ гоҳ намегузорад оммаи заҳматкашон ба тартиби пешинаи ҳукмронию итоатнамоӣ розӣ бошанд.

Аҳволи оммаи мардум хеле бад мешавад. Махсусан аз ҷиҳати моддӣ одамон мӯҳтоҷӣ мекашанд. Аз ин хотир, рӯ ба фаъолияти муташаккили сиёсӣ меоранд. Ташаббускор, муттаҳид ва фаъол мегарданд. Тайёранд, ки ҳама амали бар зидди ҳукуматро дастгирӣ намоянд.

Омилҳои субъективӣ низ нақши муҳим доранд. Аҳамияти махсусро-мавҷудияти ҳизбҳои сиёсӣ, созмонҳои иҷтимоие доро мешаванд, ки қодиранд, оммаи мардумро сарварӣ намоянд.

Инқилоб ҳамчун санъат муносибатҳои махсусро талаб менамояд. Муносибати ғайр, нафаҳмидани самти инкишофи ҳодисаҳо, ба масъалаҳои тактикӣ ва стратегӣ сарфаҳм нарафтан, инқилобро ба ҳалокат меорад.

Инқилоб дар шаклҳои осоишта ва ғайриосоишта ба миён меояд. Роҳи осоишта бо роҳи интихоботӣ ба ташаккул ва инкишофи парламентаризм сахт алоқаманд аст. Роҳи ғайриосоишта бештар дар шакли шӯриши ярокнок ба амал меояд.

Аксулинқилоб, ки шакли васеъгаштаи мубориза фаъоли гурӯҳҳои ҳукмрони сарнагуншуда зидди инқилоб аст. Мақсади асосии онро нест намудани тартиботи нав ва барқарор гардонидани тартиботи кӯҳна ташкил медиҳад. Аксар вақт баъди ғалабаи аксулинқилоб тартиботи пешина айнан барқарор карда намешавад. Тартиботе ба миён меояд, ки ба манфиати табақаҳо ва гурӯҳҳои иҷтимоии собиқи ҳукмрон мувофиқ бошад.

Аксулинқилоб низ шаклҳои гуногун дорад. Аммо бештар дар шакли мӯқобилати мусаллаҳонаи синфҳои ҳоким, ҷанги гражданӣ, ошӯб, ва суиқасд ба амал меояд. Истифодаи воситаҳо барои ба мақсад расидан маҳдуд намешавад.

Гурӯҳи дуюми амалиёти сиёсиро ислоҳоти сиёсӣ ташкил менамояд. Мафҳуми «реформа» «ислоҳот» аз забони французӣ гирифта шуда, маънои азнавташкилкунӣ, тағйиротро дорад. Ислоҳот мақсади азнавсозии тамоми соҳаҳои ҳаёт, ба куллӣ тағйир додани мазмуни муносибатҳои ҷамъиятиро надорад. Мақсади асосиро азнавташкилкунӣ ва азнавсозии соҳаи алоҳидаи ҳаёти ҷомеа ташкил медиҳад. Ислоҳот амали бошуурона, мақсаднок ва муташаккилест, ки муносибатҳоро таҳким мебахшанд. Он дар ҳолатҳое амалӣ мегардад, ки соҳаҳои алоҳидаи ҳаётро бӯҳрони шадид фаро гирифтааст. Дар сурати дигар ислоҳот баҳри аз роҳи инкишоф дур сохтани монеъаҳо ба амал бароварда мешавад.

Ислоҳоти сиёсиро муносибатҳои байниҳамдигарии одамон, умумиятҳои иҷтимоӣ ташкил медиҳанд ва баҳри такмили тартиботи ҷамъиятӣ равона шудаанд.

Ислоҳоти сиёсӣ бештар бо ду роҳ амалӣ мегардад. Аксар вақт роҳи озоду осоишта пеш гирифта мешавад. Он доираи васеи одамонро фаро мегирад. Таҷрибаи таърихӣ нишон медиҳад, ки ин роҳи ислоҳот бештар соҳаҳои иқтисодӣ ва фарҳангии ҷомеаро дарбар мегирад.

Ислоҳоти сиёсӣ метавонад бо роҳи зӯрӣ низ ба амал бароварда шавад. Аксар вақт ҳангоми ба таври маҷбурӣ амалӣ намудани ислоҳот манфиатҳои гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ мадди назар карда мешавад. Ин роҳи баамалбарории ислоҳот бештар ба ҳаёти сиёсии ҷомеа хос аст.

Гурӯҳи сеюми амалиёти сиёсиро табаддулоти сиёсӣ ташкил медиҳад. Дар навбати худ табаддулотҳои сиёсӣ дар шакли гуногун ба амал меоянд.

а) Табаддулоти давлатӣ, ки бештар аз тарафи намояндагони дастгоҳи ҳокимияти давлатӣ ё худи гурӯҳҳо ва табақаҳои ҳукмрон ба амал бароварда мешавад.

б) Балво низ яке аз шаклҳои табаддулоти давлатӣ мебошад. Балворо гурӯҳи начандон калони суиқасдчиён ба амал мебароранд. Балво кӯшиши авантюристии табаддулоти давлатӣ ме-

бошад. Одатан балвогарон сиёсатмадорони ақибмондаанд, ки мехоҳанд ҳокимиятро ба хоҳиши худ тобиш бидиҳанд.

в) Табаддулоти дарборӣ.

г) Суиқасди ҳарбӣ.

Мақсади асосии табаддулоти сиёсӣ ҳокимият аст. Аммо сохти иҷтимоии ҷомеаро тағйир намедиҳад.

Дар олами муосир навъи дигари амалиёти сиёсиро ҷараёнҳои ифротӣ ташкил менамоянд. Экстремизми сиёсӣ аз қабили онҳост. Он ба таври гуногун ба амал омада, хусусиятҳои мухталифро ба худ мегирад. Экстремизм дар шаклҳои динӣ, миллӣ, фашизм ва ғайраҳо зоҳир мегардад. Шакли манфуртарини он терроризм мебошад. Терроризм шакли фаъолият ва амалияи иттиҳодияҳои сиёсӣ буда, воситаи даҳшатангези зӯроварии сиёсӣ мебошад. Терроризм хосияти зиддиинсонӣ дошта, беш аз пеш занҳо, кӯдакон, одамони дигари ғайринизомӣ ва осоиштаро ҳадафи кирдорҳои разилона қарор медиҳад.

Мубориза ба муқобили ҳаракатҳои экстремистӣ ва махсусан терроризм вазифаи қувваҳои солими ҷомеаи мутамаддин мебошад, ки фаъолияти онҳоро Созмони Милали Муттаҳид ҳамоҳанг мегардонад.

Фаъолияти сиёсӣ аз чунин ҷиҳатҳо таркиб ёфтааст:

— дарки вазъияте, ки дар он субъект мақсадҳои худро амалӣ мегардонад;

— системаи арзишҳои маънавӣ ва қоидаҳои рафтор;

— ҷобаҷогузориҳои шахсӣ ва эҳсосот, яъне омили психологӣ.

Ба фаъолияти сиёсии одамон омилҳои гуногун таъсир мерасонанд. Ҳатто, омилҳое низ ҳастанд, ки ба сифати сабаби фаъолияти сиёсии одамон баромад менамоянд. Идеология нисбати фаъолияти сиёсӣ чунин хосиятро соҳиб аст. Идеология фаъолияти сиёсӣ, мақсади фаъолият ва инкишофи минбаъдаи онро асоснок менамояд. Фаъолияти сиёсии одамон мақсадҳо ва воситаҳои амалишавиро дар таълимоти сиёсӣ инъикос менамоянд. Барномаҳои сиёсӣ бошанд, нисбатан маҳдуданд ва вазъияти муайянро таҷассум менамоянд. Мисоли равшани таъсиррасонии идеологӣ ба фаъолияти сиёсӣ коллективонии хоҷагии қишлоқ, нест намудани моликияти хусусӣ ва дар шароити ҳозира бошад,

равандҳои ғайридавлатӣ гардонидани воситаҳои истеҳсолот ва ғайраҳо мебошад. Ба фаъолияти сиёсии одамон гурӯҳҳои муташаккил низ фишор меоранд.

Вазъиятеро ба миён овардан лозим аст, ки тақсиму истеъмоли неъматҳои моддию маънавии ҷомеа ба фоидаи гурӯҳи мазкур бошад. Гурӯҳи муташаккил баръало ҳис менамояд, ки воситаи асосии воқеигардии мақсад ҳокимият аст. Аз ин хотир, гурӯҳи муташаккил, ки метавонад дар дохили мақомоти гуногуни ҷамъиятӣ ба мақомоти давлатӣ фишор меорад, то ки садди роҳи онҳо монеъаҳо нагузоранд. Гурӯҳи мазкур аз рӯи боигарие, ки дар ихтиёри хеш дорад, мақоми ҷамъиятиашро муайян менамояд.

Фаъолияти гурӯҳи фишоровар аз омилҳои гуногун вобаста аст. Аммо омилҳои ичтимоию психологӣ дар маънои зерин аҳамияти калон доранд:

— аъзои гурӯҳ ба қонунӣ будани тартиботи сиёсию ҳуқуқӣ шубҳа меорад. Тартиботи сиёсию ҳуқуқӣ дар натиҷаи инкишоф комил мегарданд. Аммо гурӯҳи мазкур қаноат намекунад ва дарҳол норасогиҳо ва камбудиҳоро меҷӯяд. Онҳоро аввал таҳриф ва баъд инкор менамоянд.

— хосиятҳое, ки гӯё талаботи гурӯҳи муташаккил ба эътибор гирифта намешавад ва ҳокимияти расмӣ барои қонеъ гардонидани онҳо амалеро ба ҷо намеорад;

— дарки амиқу фаъоли сарватҳои асосии ҷамъиятӣ;

— пайдоиши ҳиссиёте, ки эҳтимолияти ба воқеияти ҷамъиятӣ таъсир расониданро дорад. Гурӯҳи муташаккил ба нерӯҳои хеш боварӣ дорад ва кӯшиши тағйири вазъиятро менамояд.

Фаъолияти сиёсии одамон ба оқибатҳои гуногун меорад. Муносибат ба ҳокимияти расмӣ хосияти муайянкунандаро мегирад. Фаъолияти сиёсии одамон боиси пурқувват ва ё заиф гаштани ҳокимият мегардад. Ҳолатҳое рух медиҳанд, ки мақомоти ҳокимияти давлатӣ заиф мегардад. Фармоишҳои ҳокимият барои нерӯҳои берун аз ҳокимияти расмӣ ҳеч мегарданд. Қонунҳо риоя намешаванд. Дар ҷомеа нигилизми ҳуқуқӣ ба вуҷуд меояд. Ё баръакс, дар натиҷаи фаъолияти одамон мақомоти ҳокимияти давлатӣ пурқувват мешаванд ва ҳамаи субъектҳоро зери назорати қатъӣ мегирад. Баъзан ин ба радикализми ҳуқуқӣ оварда мерасонад. Фаъолияти сиёсӣ метавонад боиси пайдоиш ва

инкишофи равандҳои олигархигардонии марказгурезӣ ва ё демократиконӣ гардад.

Фаъолияти сиёсӣ хоҳ мусбат бошад хоҳ манфӣ, хоҳ максаднок бошад ва ё хоҳ ногаҳонию эҳтимолӣ ба тағйироти ҷамъиятӣ оварда мерасонанд.

Оқибатҳо ва натиҷаҳои фаъолияти сиёсӣ муносибатҳои мухталифи ҷамъиятиро аз қабили муносибатҳои истеҳсолӣ, тақсимоти моликият, ҳокимият ва ғайраҳо тағйир бахшиданд. Муносибатҳои байни умумиятҳои гуногуни аҳолӣ, байни гурӯҳҳои асосӣ ва ғайриасосӣ низ аз фаъолияти сиёсии одамон интизоранд.

Яке аз шаклҳои муҳими фаъолияти сиёсӣ раванди қабули қарори сиёсӣ ва амалӣ гаштани он мебошад. Қарори сиёсӣ дар навбати худ ба фаъолияти сиёсии одамон такони пурзӯр медиҳад. Аксар вақт ба сифати яке аз сабабҳои бевоситаи он баромад менамояд. Раванди қабули қарори сиёсӣ хеле мураккаб буда, амалиётҳои гуногунро фаро мегирад. Он аз ахбороте, ки дар бораи нокифоя ва ғайриқаноатбахш қонеъ гардонидани талаботҳо ва ба инобат нагирифтани манфиатҳои одамон, номукаммалии ҳодисаҳою падидаҳо гирд оварда мешавад, оғоз меёбад. Воситаҳои зиёди ҷамъ овардани ахборот мавҷуд аст. Вобаста ба чигунагии ахборот он метавонад ба воситаи идораю муассисаҳои гуногун ғун гардад.

Мақомоти ҳокимияти давлатӣ метавонанд, ба воситаи муассисаҳои ҳокимияти қонунбарор, иҷроия ва идораҳои маҳаллии худ дар бораи арзу ниёзи мардум ахборот ҷамъ намоянд. Вохӯриҳои депутатҳо бо интихобкунандагон низ яке аз манбаъҳои мӯътамад мебошад. Мақомоти иҷроия аз муассисаҳои поёнии худ ҳисобот талаб намоянд, ки хосияти ахборотиро доранд.

Нақши муассисаи омори давлатӣ хеле калон аст. Он сарчашмаи боэътимод дар бораи авзои иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсию фарҳангии ҷомеа ба шумор меравад. Маълумоти омори давлатӣ ба сифати ҳуҷҷати расмӣ шинохта мешавад.

Ҳизбҳои сиёсӣ, шаклҳои гуногуни иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ низ метавонанд дар бораи авзои ҷомеа ба воситаи намояндагони худ ахборот пайдо намоянд. Муассисаҳои илмию тадқиқотӣ низ дар бораи равандҳои ҷомеа маълумоти кофӣ ҷамъ менамоянд. Махсусан, фаъолияти муассисаҳои тадқиқоти сотсиологӣ аҳа-

мияти муҳим доранд. Дархосту талаботҳои одамон бо роҳҳои ғайрирасмӣ низ ба маркази қабули қарори сиёсӣ ворид мегарданд. Ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ маълумоти зиёд ва дар бисёр мавридҳо дурустеро арзу шикоятҳои оммаи заҳматкашон оид ба носозгориҳои ҳаёти ҷомеа, шароити ҳаёт ва меҳнати одамон пешниҳод менамоянд. Воситаҳои ахбори умум низ ба сифати сарчашмаи боэътимоди ахборот шинохта шудааст. Албатта, ҳам арзу шикоятҳо ва ҳам ахбори умум санҷиши ҷиддиро талаб менамоянд. Нобобаста ба чигунагии онҳо истифодаи онҳо ба нафъи кор аст. Ҳокимият метавонад, аз ахбороту қувваҳои оппозитсионӣ низ истифода намояд. Аксар вакт онҳо дар қатори маълумот роҳҳои ҳалли масъалаҳоро ҳам нишон медиҳанд.

Қабули қарор ба зиммаи тамоми иштирокчиён намеафтад. Онро Маркази қабули қарор ба амал мебарорад. Маркази қабули қарор дар фаъолияти худ як қатор хусусиятҳоро ба инобат мегирад. Мақсади гузошташуда аниқ карда мешавад. Бояд иерархияи арзишҳои идеологӣ ва қонуниятҳои умумии инкишофи ҷомеа ба ҳисоб гирифта шаванд. Вазъияте, ки имконияти муваффақшавӣ ба мақсади охиринро доранд, ба инобат гирифта шаванд. Афкор, мақоми системаи арзишҳо ва шахсоне ки қарори мазкурро ба иҷро мерасонанд, дар назар бояд бошанд.

Ҳалли масъалаҳо талаб менамоянд, ки дар раванди қабули қарори сиёсӣ методҳои зерин ба инобат гирифта шаванд:

1. Батартибандозии баҳо, ки ҷобаҷогузории фикру ақидаҳо ва ахборот, ҷудо намудани хосиятҳои асосӣ, ба инобат гирифтани қонунҳои тақсимоти боадолат, ба ҳисоб гирифтани раванди батартибандозии тақсимоти арзишҳо ва ғайраҳоро дар бар мегирад.

2. Қоидаҳои интихоботие, ки барои пайвастани бартариҳои инфиродӣ бо дастҷамъӣ имконият медиҳад.

3. Принсипи «розигии ҳама», ки бештар оиди таъмини сулҳ, бехатарии кишварҳо ва истиқлолияти давлатҳо, таъмини пешрафти иҷтимоӣ ва ягонагию муттаҳидии одамону олам истифода мегардад. Тамоми оламиён ва махсусан, сарварони давлатҳоро зарур аст, ки бештар ба консенсус рӯ оваранд. Масъалаҳоро аз рӯи принсипи мазкур муҳокима ва ҳал намоянд.

4. Созиш, ки фақат дар ҳолати дар байни аъзоёни гурӯҳ набудани муносибатҳои мутлақи манфӣ имконпазир аст. Ба созиш

(компромисс) омадани қувваҳои оштинопазири сиёсӣ шаҳодати он аст, ки одамият ва сатҳи баланди тамаддун боло гирифтааст.

Дар ҷараёни қабули қарори сиёсӣ баҳс ва муҳокимаи масъалаҳо аҳамияти хосса доранд.

Ҳангоми баҳс муҳокимаи масъалаҳо зарур аст. Масъалаи асосӣ диққати зарурӣ металабад. Фақат дар ҳолате ба муҳокимаи масъалаҳои дигар гузаштан мумкин аст, ки масъалаи асосӣ ҳалли худро ёфта бошад.

Шахс бояд худро ҳангоми муҳокима идора карда тавонад. Махсусан, ҳангоми норозӣ будан аз гузориш ва ҳалли масъала. Дар вақти муҳокимаи масъалаҳо донистани усулҳои танқид ва риояи онҳо аҳамияти муҳим доранд. Шахсони зиёд вомехӯранд, ки ҳангоми муҳокимаронӣ мафҳумҳои нофаҳмои зиёдро истифода менамоянд. Аммо ин бар зарари кор аст. Вай ҳалли масъаларо мушкил мегардонад ва ин худситоӣ амали носазоест. Маданияти муколама талаб менамояд, ки аз мураккаб ва норавшан гардонидани масъала даст кашанд. Забони сиёсат тозагӣ, фаҳмо ва равониро талаб дорад.

Иштирокчиёни баҳс аз шарҳ додани бароманди номувофиқи оппонент худдорӣ намоянд.

Қабули қарори сиёсӣ бо роҳҳои гуногун ба амал меояд. Муҳимтаринаш овоздиҳӣ мебошад. Ошкор мегардад, ки кадоме аз мавқеъҳоро аксарият дастгирӣ менамоянд. Дар амалияи ҷамъиятӣ шакли овоздиҳии кушода ва пинҳонӣ мавҷуд аст.

Қарорҳои сиёсии нодуруст низ қабул карда мешаванд. Сабабҳои қабули қарорҳои ғаразнок ва нодурустро саҳву хатоҳои шахсони масъул ва маркази қабули қарор ташкил медиҳад.

Набудани донишҳои казоӣ дар бораи ҳодиса, маҳдудияти муҳокимаронӣ ва баҳс ба чунин сурат гирифтани раванди қабули қарор шароит муҳайё месозад. Ҳатто, баъзан ба моҳияти қарор дуруст сарфаҳм нарафта, онро ба қарорҳои дигар ҳамроҳ мегардонад.

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО.

1. Фаъолияти сиёсӣ чист? 2. Амалиёти сиёсӣ чист? Шаклҳои амалиёти сиёсиро номбар намоед. 3. Ислоҳоти сиёсӣ бо кадом хусусиятҳояш аз револютсия фарқ менамояд? 4. Дар бораи табаддулоти давлатӣ маълумот диҳед.

5. Кадом омилҳо ба фаъолияти сиёсии одамон таъсир мерасонанд? 6. Дар бораи оқибатҳои фаъолияти сиёсии одамон нақл намоед. 7. Кадом идораю муассисаҳо барои қабули қарори сиёсӣ ахборот ҷамъ менамоянд? 8. Марказі қабули қарори сиёсӣ кадом вазифаҳоро иҷро менамояд? 9. Методҳои қабули қарори сиёсиро номбар намоед. 10. Ҳангоми қабули қарор одамон бояд чӣ тавр муносибат намоянд? 11. Оё Шумо ба фаъолияти сиёсӣ машғулед?

## § 37. МУБОРИЗАИ СИЁСӢ

Муборизаи сиёсӣ яке аз навъҳои фаъолияти сиёсии одамон мебошад. Муборизаи сиёсӣ хоси тамоми марҳалаҳои инкишофи ҷомеа аст. Мафҳуми «муборизаи сиёсӣ» раванди баҳамалоқамандӣ ва баҳамтаъсиррасонии қувваҳои гуногуни сиёсиро оиди муваффақ гаштан ба мақсадҳои муайян ифода менамояд. Асоси муборизаи сиёсиро манфиатҳои одамон ташкил медиҳанд. Ҳамаи одамон ва умумиятҳое, ки дар муборизаи сиёсӣ ширкат доранд, ҳамчун субъекти муносибатҳои сиёсӣ шинохта мешаванд.

Мақсадҳои қувваҳои сиёсӣ аз асосҳои назария ва идеологияи онҳо бармеоянд. Асоси вазифаҳои қувваҳои гуногуни сиёсиро рӯоварӣ ба ҳокимият ташкил медиҳад. Чунки ҳама гуна қувваҳои сиёсӣ кӯшиши дар сохтори сиёсӣ ва таркиботи сиёсии ҷомеа мақоми хосса пайдо намуданро доранд. Ҳокимият фақат воситаи муҳими воқеигардонии хоҳишу иродаи қувваҳои сиёсӣ ба шумор меравад. Вазъияти сиёсӣ ва муборизаи сиёсӣ дар робитаи мутақобила қарор доранд. Вазъияти сиёсӣ сатҳи зуҳуроти муборизаи сиёсиро муайян менамояд. Дар навбати худ ҷойгиршавии қувваҳои сиёсӣ ва фаъолияти сохторҳои ҳокимияти давлатӣ, сохторҳои дигари системаи сиёсии ҷомеа вазъияти сиёсиро ба куллӣ тағйир медиҳанд. Аз ҷумла, ҳокимияти давлатӣ барои дар доираи системаи муайяни тартиботи ҳуқуқӣ амал намудани қувваҳои сиёсӣ шароит муҳайё менамояд. Агар ҳокимияти давлатӣ вазифаҳои худро ба ҷо оварда натавонад фалаҷ мегардад. Дар ин ҳолат қувваҳои сиёсии аз ҳокимият берунмонда ва ё оппозитсионӣ ба муборизаи фаъол мегузаранд.

Дар муборизаи сиёсӣ мақом ва нақши стратегия ва тактикаи сиёсӣ аҳамияти махсус дорад. Стратегия ва тактика назария ва амалияи иштироки фаъоли қувваҳои сиёсӣ дар ҳаёти сиёсӣ мебо-

шад. Стартегия ва тактика ба ҳамдигар зич алоқаманданд. Асоси онҳоро рӯовариҳои сиёсӣ, мақсадҳо ва самти фаъолияти қувваҳои сиёсӣ ташкил менамоянд. Вобаста ба мақсадҳо ва роҳу тарзи амалигардонии онҳо стратегия ва тактика пайваста ба макон ва замон ҳар хел мешаванд. Қувваҳои гуногуне, ки ҳангоми ҳамкорӣ ё рақобат тарз ва методҳои монандро истифода менамоянд, аз рӯи мақсадҳои ниҳоиашон аз якдигар фарқ менамоянд.

Стратегия самтҳои асосии фаъолияти қувваҳои сиёсиро дар марҳалаи калони таърихӣ муайян менамоянд. Стратегия мақсади асосӣ ва роҳҳои муваффақ шудан ба онҳоро нишон медиҳад. Инчунин дар он ҷигиршавии ҳарду қувваҳои муқобил, иттифоқчиёни асосӣ, вазифаҳои иҷрошаванда ва ғайраҳо инъикоси худро меёбанд.

Тактикаи мубориза сиёсӣ аз стратегия бармеояд. Тактика рафтори сиесӣ, тарзҳо ва шаклҳои фаъолияти субъектро дар шароити муайяни таърихӣ ошкор менамояд. Тактикаи муборизаи сиёсӣ метавонад дар марҳалаи стратегӣ вобаста ба вазифаҳо тағйир ёфтан гирад.

Стратегия ва тактикаи сиёсӣ дар амалия қоидаҳои умумӣ ва принсипи мушаххасро ба роҳбарӣ мегирад. Пеш аз ҳама таҳлилу тадқиқи ҳамаҷонибаи вазъияти ба амал омадани ҳодиса зарур аст. Хусусиятҳои замони муосир ба инобат гирифта мешаванд. Маркази роҳбарии сиёсиро зарур аст, ки бо оммаи васеъи одамон робитаи доимӣ баркарор намояд. Рақиби сиёсӣ дар зери назорати доимӣ қарор дошта бошад. Тамоми фаъолият, тарз ва усулҳои муборизаи он ҳамаҷониба таҳлилу таркиб ёбанд. Хулосаҳои амиқ бароварда шаванд ва дар муносибатҳои байниҳамдигарӣ истифода гарданд.

Қувваҳои сиёсиро зарур аст, ки тарзҳои гуногуни муборизаро дар алоқамандӣ бо ҳам истифода намоянд. Мубориза барои вазифаҳои ҷориро ба мубориза барои мақсадҳои асосию ниҳоӣ пайваст карда тавонанд. Қувваи сиёсӣ масъалаҳои дуюминдараҷаро ба масъалаи асосӣ тобеъ менамоянд. Зеро фақат ҳалли масъалаи асосӣ имконият медиҳад, ки масъалаи дигар омӯхта шаванд ва хулосагирию натиҷагирӣ аз онҳо ба амал ояд.

Пеш аз ҳама қувваҳои сиёсиро зарур аст, ки аз силсилаи вазифаҳо масъалаи асосиро ҷудо карда тавонанд ва диққати асосиро

ба ҳалли он равона созанд. Лаҳзаҳои ҳалкунандаро ҳангоми ҳалли масъалаҳо дарёфт карда, аз он истифода намоянд.

Қувваҳои сиёсӣ бояд назарияи мукаммалеро соҳиб бошанд, ки ҳамаи тарзҳо ва шаклҳои муборизаи сиёсиро инъикос карда тавонад ва ба субъектҳо имконияти дар амалия истифода намудани онҳо дода шавад. Қувваҳои сиёсиро зарурат ба иттифоқчиён мебошад. Дар ҳолатҳои гуногуни рақобат бо рақиби пурзӯр иттифоқчиён нақши зарурииро иҷро менамоянд.

Қувваҳои сиёсӣ аз зиддиятҳои дохилии рақиб истифода менамоянд. Дар мавриди зарурӣ, махсусан ҳолатҳое, ки ба фоидаи онҳо нест, ба гузашт намудан тайёр бошанд. Таҷрибаи андӯхташуда таҳлил карда шавад ва аз нокомиҳои мубориза сабақҳо бардошта шаванд. Инчунин тавонанд, ки рафти муборизаи сиёсиро пешбинӣ намоянд.

Дар муборизаи сиёсӣ субъектҳо нақши асосӣ доранд. Субъекти муборизаи сиёсӣ шахс, ташкилот ва ё гурӯҳи ҷамъиятиест, ки қудрати бевоситаи дар муборизаи сиёсӣ пайваст ба манфиатҳои хеш иштирок карданро дорад. Ҳолати мазкур ба рафтор ва вазъияти дигарон таъсир мерасонад ва дар муборизаи сиёсӣ тағйиротҳои муҳим ба амал меорад.

Ба таркиби субъектҳои муборизаи сиёсӣ пеш аз ҳама ҳокимияти давлатӣ дохил мешавад ва кӯшиш менамояд, ки аз мавқеи ҷамъиятии худ истифода бурда, рақибони сиёсии худро заиф гардонад ва ҳатто, аз мубориза дур созад. Ҳизбҳои сиёсӣ шаклҳои гуногуни ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва созмонҳои иҷтимоию мардумӣ ва ғайраҳо дар таркиби муборизаи сиёсӣ мақоми муҳим доранд.

Субъектҳои муборизаи сиёсӣ асосан, аз се гурӯҳ иборатанд.

1. Субъектҳое, ки соҳиби ҳокимияти давлатианд;

2. Субъектҳое, ки аз ҳокимияти давлатӣ берунанд ва доимо ба он мекӯшанд, ки ҳокимияти сиёсиро соҳиб шаванд. Яъне, ин гурӯҳи субъектҳо дар нисбати ҳокимияти сиёсӣ мавқеи оппозитсиониро ишғол менамоянд;

3. Субъектҳои ноустувор, ки вобаста ба вазъияти мушаххас ба ҷониби нерӯҳои сиёсии муқтадир майл доранд.

Субъектҳои муборизаи сиёсӣ вобаста ба манфиатҳояшон мавқеи муайянро ишғол менамоянд. Муносибати байниҳамдигарии онҳо асосан дар се сатҳ ба амал меояд.

1. Субъектҳои муборизаи сиёсии иттифоқчӣ. Байни субъектҳо дар ҳолате иттифоқ ба вуҷуд меояд, ки аз ҷиҳати мақсадҳо ва вазифаҳои умумӣ наздикӣ дошта бошанд. Ҳалли вазифаҳои умумӣ фаъолияти якҷояро талаб менамоянд. Субъектҳои иттифоқчиро шароит маҷбур менамояд, ки якҷоя фаъолият гузаронанд. Вагарна онҳо дар танҳоӣ аз иҷрои вазифаи мазкур намебароянд.

2. Субъектҳои муборизаи сиёсии бо ҳам рақиб. Соҳиби ҳокимият будани яке аз қувваҳои сиёсӣ ва ё гурӯҳи онҳо, қувваҳои дигари сиёсӣ имкониятҳои хубтар амалӣ гардонидани мақсадҳо ва вазифаҳоро доранд. Аз ин хотир, байни субъектҳои гуногуни муборизаи сиёсӣ рақобат пайдо мешавад. Рақобати онҳо дар масъалаҳои гуногуни ҳаёти сиёсии ҷомеа инъикос мешавад. Рақибони сиёсӣ кӯшиш менамоянд, ки якдигарро суст гардонанд, мавқеи якдигарро маҳдуд намоянд. Имкониятҳои зиёдро қувваҳое доранд, ки соҳиби ҳокимиятанд. Қувваҳое, ки нисбати онҳо оппозитсияро ишғол намуда, роҳу воситаҳои гуногунро истифода мебаранд, то ки таносуби мавқеи қувваҳои сиёсиро ба фоидаи худ ҳал намоянд.

3. Субъектҳои муборизаи сиёсии ҳамсафар. Ҳамсафариро дар муборизаи сиёсӣ қувваҳои гуногун ба ҷо оварда метавонанд. Барои ин шарт нест, ки қувваҳои сиёсӣ мақсадҳо ва вазифаҳо, методу воситаҳои фаъолияти умумӣ дошта бошанд. Ягона ҷиҳате, ки қувваҳои сиёсиро ҳамсафар мегардонад, мавҷудияти рақиби умумӣ мебошад. Қувваҳои сиёсӣ тамоми имконияту воситаҳоро барои заиф гардонидан, нест намудан ва ё аз сиёсати фаъол дур кардани рақиб истифода менамоянд.

Яке аз ҷиҳатҳои муҳими фаъолияти сиёсии ҳамсафар маҳдудияти фаъолияти онҳо дар макон ва дар замон ба шумор меравад. Вақте ки масъалаи мушаххасе, ки қувваҳои гуногуни сиёсиро ба ҳам мепайвандад, ҳалли худро ёбад байни ҳамсафарон ҷудоӣ ба амал меояд. Аксар вақт ҳамсафарони сиёсӣ ба рақиби ҳамдигар табдил меёбанд.

Муборизаи сиёсӣ дар шаклҳои гуногун ба амал меояд, ки бештар аз ҳолату вазъияти сиёсии ҷомеа ва таносуби қувваҳои сиёсӣ вобаста аст.

Муборизаи сиёсӣ ду шакли асосӣ: осоишта ва ғайриосоишта дорад. Дар олами муосир муборизаи сиёсии осоишта бештар дар

фаъолияти парламентии нерӯҳои сиёсӣ ба амал меояд. Муборизаи сиёсии осоиштаро овоздиҳӣ ҳал менамояд. Вобаста ба натиҷаҳои он қувваҳои сиёсӣ дар системаи ҳокимияти давлатӣ ва умуман, системаи сиёсии ҷомеа ҷой мегиранд.

Муборизаи сиёсии ғайриосоишта низ хеле васеъ паҳн гаштааст ва ҳатто, дар олами муосир ба таври тезутунд ба амал меояд. Сатҳи баландтарини муборизаи сиёсии ғайриосоиштаро ҷанги мулкӣ ташкил медиҳад.

Ҷанги шаҳрвандӣ ва умуман, муборизаи ярокноки нерӯҳои сиёсӣ натиҷаи рақобат, муқовимат ва моҷарои байни онҳо ва муросо ё гузашт карда натавонистани яке ба дигаре мебошад.

Бо баланд гаштани сатҳи маданияти сиёсии одамон тадриҷан муборизаи сиёсии осоишта бештар мегардад. Муборизаи ғоявӣ, мубориза барои қалби одамон, мубориза барои интихоби роҳи сиёсии ихтиёрии бошуурона мақоми асосӣ пайдо менамояд.

Дар муборизаи сиёсӣ нақши пешбининамоии ҳодисаҳо низ аҳамияти махсус доранд. Он имконият медиҳад, ки қувваҳо мутаносиб ва дар ҳолати зарурӣ истифода гарданд. Аз усулу воситаҳои лозимӣ истифода бурда шавад. Амалиёти рақибро низ дар чунин ҳолат пешбинӣ намудан мумкин мегардад.

### САВОЛ ВА СУПОРИШҲО.

1. Мафҳуми муборизаи сиёсиро маънидод намоед. 2. Чаро одамон ба муборизаи сиёсӣ рӯй меоранд? 3. Мақом ва нақши стратегия ва тактикаро дар муборизаи сиёсӣ шарҳ диҳед. 4. Кадом субъектҳои муборизаи сиёсиро медонед? 5. Шаклҳои муборизаи сиёсиро номбар кунед ва шарҳ диҳед. 6. Солҳои охир дар Тоҷикистон кадом шаклҳои муборизаи сиёсӣ бартарӣ дорад?

## § 38. МОҶАРОҲОИ СИЁСӢ

Низои байни одамон, идораю муассисаҳои сиёсӣ ва тамоми субъектҳои сиёсат дар муносибатҳои сиёсии байни одамон нақши худро мегузоранд. Онҳо ба муносибатҳо ва раванду ҳодисаҳо таъсир расонида, маҷрои онҳоро дигар менамоянд ва ҳатто ҳодисаро ба ҳолати сифатан нав меоранд. Донисташавандагии онҳо, ки ҳеҷ ҷои шубҳае надорад, имконияти ҳалли масъалаҳои гуногуни муносибатҳои байниҳамдигарии субъектҳоро фароҳам меорад.

Барои фаҳмиши дурусти масъала дарки аниқи мафҳуми «мочаро» ё низоъ аҳамияти муҳим дорад. Мафҳуми «мочаро» муқовимат (ҷанг)-и қувваҳоеро таҷассум менамояд, ки дар натиҷаи мухолифатҳо ва номутаносибии манфиатҳо, ақидаҳо ва рӯйовариҳои арзишии байни онҳо сар задааст. Тафовути сиҳоро ҳангоми баррасии масъалаҳои гуногуни дохилидавлатӣ ва байналхалқӣ дидан мумкин аст. Барои мисол ду давлати бузурги олам ИМА ва Федератсияи Русияро мегирем. Дар шароити ҳозира дар муносибатҳои байниҳамдигарии онҳо оид ба масъалаҳои гуногун зиддият ё мухолифатҳо мавҷуданд. Аммо онҳо то сатҳи муқовимат нестанд. Масъалаҳои муқовимат ва мухолифат дар мисоли ИДМ низ баръало мушоҳида мешаванд. Ҳамин тариқ, дар зери мафҳуми «мочаро», яъне вазъиятеро фаҳмидан зарур аст, ки дар натиҷаи фаъолияти нерӯҳои муқобил пайдо гаштааст.

Аз он замоне, ки дар бораи мочароҳои сиёсӣ таълимот ва андешаҳои илмию назариявӣ баён ёфтаанд, фаҳми илмҳои сиёсии мочаро бештар дар ду самти асосӣ инкишоф ёфтааст:

а) Мочароҳо дар ҷомеаи инсонӣ ба сифати муқовимати байни гурӯҳҳои иҷтимоӣ, синфҳо шинохта мешаванд. Намояндагони ин ҷараён андешаҳо ва хулосаҳои илмии Маркс ва пайравони содики ӯро ба роҳбарӣ мегиранд. Онҳо диққати асосиро ба тағйироти бузург ва зиддиятҳои бунёдӣ, ба ҳам мувофиқ омадан ва ё наомадани манфиатҳои ин ё он умумияти иҷтимоӣ медиҳанд. Моҳияти таълимоти мазкурро навсозии кулли муносибатҳои ҷомеа ва системаи ҷамъиятӣ ташкил медиҳад.

б) Мочароҳо хосияти инфиродӣ ва тақсимшавиро соҳибанд. Ин як навъ хусусигардонии мочароҳо аст. Мӯътадилияти иҷтимоӣ ва дахлнопазирии системаи ҷамъиятӣ моҳияти онро ташкил медиҳад. Агар дар асри XIX асоси мочароҳои сиёсиро бештар мубризаи синфӣ ташкил менамуд ва ҳар замон ба сохти иҷтимоӣ таҳдид менамуд. Дар асри XX бошад, махсусан дар нимаи дуюми он, мочароҳои сиёсӣ бештар ба батартибандозиҳои институтсионалӣ ва методӣ такя менамоянд. Дар ин ҳолат ба як масъалаи муҳим рӯшанӣ андохтан зарур аст. Ҳоло низ соҳибкорон ва коргарон дар байни худ муқовимат доранд, ки он асоси мочарои

байни онҳост. Аммо мочарои байни онҳо хосияти пешинаи ху... гум кардааст. Зеро ки на соҳибкорон ва на коргарон муқовима... бо роҳи тағйиротҳои инқилобӣ бартараф карданӣ нестанд.

Моҷароҳои сиёсӣ тақозои замон ва натиҷаи инкишофи... ти сиёсии ҷомеа мебошанд. Ҷомеа, ки аз умумиятҳои гуногуни иҷтимоӣ таркиб ёфтааст, вобаста ба манфиатҳо, талабот ва муносибатҳои байниҳамдигарии одамон ҳодисаҳои наву мураккабро ба миён меорад. Дар огози моҷароҳои сиёсӣ маҳз талаботу манфиатҳо ва зиддиятҳои байни умумиятҳои одамон ва институтҳои сиёсие, ки онҳоро муаррифӣ менамоянд, ё аз номи онҳо баромад мекунанд, меистанд. Вақте ки дархости як гурӯҳ ё шахсони алоҳида аз тарафи гурӯҳи дигар ва институтҳои ҷамъиятӣ ба инобат гирифта намешаванд ё ба сатҳи зарурӣ онҳо ҳалли худро намеёбанд, зиддиятҳо ва мухолифатҳо байни қувваҳои сиёсӣ пайдо мегарданд. Аз зиддият ва мухолифатҳо ба муқовимату моҷарои ошкоро як лаҳза вақт мемонад.

Дар ҳаёти сиёсии ҷомеа асоси объективии моҷароҳоро бегонагии мардум аз ҳокимият ташкил менамояд. Дастгоҳи давлатӣ ва ҳокимияти иҷроия тамоми раванди идораи ҷомеаро ба даст мегиранд. Идораю муассисаҳои намояндагӣ фаъолияти самаранок бурда наметавонанд. Гарчанде, ки дар сатҳи ҳам олӣ ва ҳам маҳаллӣ мақомоти намояндагӣ интихоб карда шаванд, ҳам онҳо аз бисёр ҷиҳатҳо хосиятҳои демократии худро гум менамоянд. Таърихи начандон дури кишвари мо аз чунин амалҳо шаҳодат медиҳад. Интихобот мақсаду вазифаҳои худро иҷро карда наметавонист. Аз пешбарии номзадҳо сар карда, то интихоб кардану фаъолият гузаронидани онҳо хосияти намоишкорона доштанду халос. Номзадҳоро дар асл на мардум, балки идоранишинон пешбарӣ менамуданд ва мардумро ба ҷузъ аз «интихоб» чораи дигаре набуд. «Интихобшудагон», ки манфиатҳои дигар доштанд, аз номи мардум барои худ ва барои гурӯҳи худ фаъолият мегузарониданд. Аксар вақт фаъолияти онҳо бар зарари давлат ва интихобкунандагон аст.

Агар аз як тараф мардум ба идораи корҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ роҳ дода нашаванд, ё ба таври зарурӣ ҷалб нагарданд, аз тарафи дигар, худи онҳо аз ҳар гуна ҳокимият ноумед мегарданд ва дар мухолифат бо ҳокимият қарор мегиранд.

Ҳокимияти давлатӣ ҳам дар сатҳи боло ва ҳам дар поён раванд-ҳои демократиро пахш намуда, фаъолияти идораю муассисаҳои намояндагиро маҳдуд менамояд. Ба аксари вазифаҳои маъмурӣ кадрҳо на бо роҳи интихобот, балки бо роҳи таъин намудан ба кор меоянд.

Ба ин амалҳо метавонад мақоми иҷтимоии сарварони давлатӣ, сарварони сиёсӣ ва соҳибмансабони дигар таъсири ҳалкунанда расонанд. Масалан, дар мавқеи маҳалгарой ё ёру ҷӯрабозӣ қарор доштани ҳокимон низ суръати бегонашавии оммаи мардумро аз ҳокимият метезонад. Ин манбаи асосии моҷароҳои сиёсӣ дар ҷомеа мегардад.

Мухолифатҳо ва зиддиятҳои ичтимоӣ низ манбаи моҷароҳои сиёсӣ мегарданд. Таркиби иҷтимоии ҷомеа гуногун аст. Умумиятҳои зиёде вуҷуд доранд ва минбаъд ҳам ташаккул меёбанд. Ҳоло дар қатори коргарон, деҳқонон ва зиёиён гурӯҳҳо ва синфҳои нави ҷамъиятӣ, аз ҷумла соҳибкорон, корчаллонҳо, савдогарон ва ғайраҳо ташаккул ёфтааст. Агар муносибатҳои байниҳамдигарии онҳо ба тартиб андохта нашаванд, талаботу манфиатҳои онҳо ба инобат гирифта намешаванд, он гоҳ мухолифатҳо пайдо мегарданд ва умумияти муайяни иҷтимоӣ дар носозгориҳои ҳаёти худ умумияти дигари иҷтимоиро айбдор менамоянд. Чунин амал метавонад, ҳатто ба шаклҳои ифротии моҷароҳои сиёсӣ орад.

Вазъияти сиёсӣ ва таносуби қувваҳои сиёсӣ ба масъалаи моҷароҳои сиёсӣ робитаи зич доранд. Вазъияти сиёсӣ метавонад ба сифати батартибандозанда ва ҳалкунандаи мухолифатҳои ҳаёти сиёсӣ баромад намояд. Зиддиятҳоро дар марҳалаи оғозашон ҳал намояд ва сабаби пайдоиши моҷароҳоро аз байн барад. Аммо дар ҳолати дигар маҳз вазъияти сиёсии ҷомеа мухолифатҳо ва зиддиятҳои мавҷударо ҷоннок намуда, то ба сатҳи муқовимати байни қувваҳои сиёсӣ оварда мерасонад. Агар қувваҳои сиёсӣ, ки мақсади ба даст овардани ҳокимиятро доранд, дар чорчӯбаи қонунҳо ва тартиботи сиёсию ҳуқуқӣ фаъолият гузаронанд, моҳияти иттиҳодияҳои бунёдгар ва пешқадам бошанд дар мавриди зарурӣ ба консенсус ва компромисс тайёр бошанд, он гоҳ муқовимати онҳо аз байн бурда мешавад. Дар ҳолати ғайр байни ин қувваҳои сиёсӣ моҷаро авҷ мегирад.

Моҷароҳои сиёсӣ бештар дар байни ҳизбҳои сиёсӣ ва шаклҳои дигари иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ба амал меоянд. Махсусан, ҳизби сиёсӣ ба ҳизби дигари рақиб дар масъалаи роҳу воситаҳои ба даст овардани ҳокимият ё ғасб намудани он дар равобити муқовиматӣ қарор мегирад. Ҳолати моҷарои байни онҳо аз мавқеи сарвари сиёсӣ низ вобастааст. Баъзан сарварони сиёсии моҷароҷӯ тамоми фаъолияти худ ва дастгоҳи ҳизбро барои ангезиши моҷароҳо ва ба ин тариқа амалиёт гузаронидан сарф менамоянд. Онҳо на манфиатҳои ҷомеа ва на манфиатҳои ҳизбӣ, балки манфиатҳои шахсиро дар мадди аввал мегузоранд. Асоси фаъолияти сарвари сиёсии моҷароҷӯро на ақли солим, балки аз рӯи эҳсосот баҳо додан ба ҳодисаҳо ва хусуматҳо ташкил медиҳанд. Мутаассифона, аксар вақт на барномаҳои фаъолият, мақсадҳо, таълимоти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва фаъолияти амалии онҳо, балки муносибатҳои шахсии сарварон мавриди тадқиқу таҳлил қарор мегиранд.

Ҳамин тариқ, барои пайдоиш ва инкишофи моҷароҳои сиёсӣ як қатор омилҳо заруранд:

**Мавҷудияти вазъияте, ки боиси сар задани моҷаро мегардад.** Он вазъияте мебошад, ки ҳолатҳои гуногунро ба ҳам пайваст мегардонад ва дар замон аз худи моҷаро пеш аст. Чунин вазъият аз маҷмӯи тағйиротҳои субъективие, ки бӯҳрони амиқи сиёсии ҷомеаро ба вуҷуд меорад, таркиб меёбад;

**Мавҷудияти субъектҳои моҷарои сиёсӣ**. Субъектҳо аз рӯи хосияти инфиродӣ ё дастҷамъӣ доштанашон фарқ менамоянд. Ба сифати субъекти моҷароҳои сиёсӣ метавонанд ташкилотҳои гуногуни сиёсӣ, аз ҷумла шохаҳои мухталифи идораю муассисаҳои давлатӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, шаклҳои гуногуни иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, шахсони алоҳида ва ғайраҳо баромад намоянд.

**Баҳонае, ки боиси сар задани моҷарои сиёсӣ мегардад**. Ҳолате зарур аст, ки оғози инкишофи ҳодисаро таъмин намояд. Баҳонаро аз сабаби ҳодиса фарқ бояд кард: Сабаби ҳодисаро маҷмӯи шароитҳои объективӣ ва онро ба таври субъективӣ дарк намудани одамон ташкил медиҳанд.

Барои пайдоиши моҷароҳои сиёсӣ амали ҳар се омили номбаршуда зарур аст. Набудани яке имконият намедиҳад, ки моҷароҳо зоҳир гарданд. Масалан, мавҷудияти фақат вазъияти моҷа-

роҷӯӣ ба моҷаро оварда намерасонад. Зеро мумкин аст, ки тарафҳои муқовиматкунанда сулҳҷӯӣ бошанд. Одамони пуртоқате, ки ба ҳама сахтиҳо тоб меоранд ва вазъияти моҷароҷӯиро паси сар карда метавонанд, кам нестанд. Вазъияти моҷароҷӯӣ метавонад муддати зиёд вуҷуд дошта бошад ва агар субъектҳои моҷароҷӯ набошанд, он ба моҷаро табдил ёфта наметавонад. Чунин ҳолат дар муносибатҳои байналхалқӣ бештар вомехӯрад.

Давлатҳое ҳастанд, ки солиёни зиёде байни якдигар зиддият доранд, дар муқовиматанд. Аммо онҳо ба ҳолати ҳодисаҳо қаноат кардаанд ва инкишофи онҳоро мунтазиранд.

### САВОЛ ВА СУПОРИШҲО.

1. Мафҳуми моҷарои сиёсиро маънидод намоед. 2. Асосҳо ё заминаҳои моҷароҳои сиёсиро шарҳ диҳед. 3. Чаро бегонагии мардум аз ҳокимият заминаи моҷароҳои сиёсӣ мегардад? 4. Оё вазъияти сиёсӣ ба моҷарои сиёсӣ таъсир расонида метавонад ё не? 5. Боз кадом омилҳо ба моҷароҳои сиёсӣ таъсир мерасонанд? 6. Ба фикри Шумо барои ҳалли моҷароҳои сиёсӣ чи корҳоро иҷро кардан зарур аст?

## § 39. САРВАРИИ СИЁСӢ

Дар ҳаёти ҷомеа ҳодиса ва муносибатҳои гуногуне вуҷуд доранд, ки фаъолияти одамон аз онҳо вобаста мебошад. Ҷомеа шароити ҳаёти одамонро дар шакли тайёр муҳайё менамояд. Таъсири муҳити атроф ба одамон бештар аст. Дар ин миён нақши зарурати иқтисодӣ махсус мебошад. Одамон низ қодиранд ба ҷомеа, ба шароити ҳаёти худ таъсир расонанд, онро дигаргун намоянд.

Дар ҷомеа шахсони зиёде ҳастанд, ки ба ҳаёти ҷамъиятӣ тағйироти куллӣ дохил намудаанд. Онҳо манфиатҳои умумии аҳли ҷомеаро ифода менамоянд ва баҳри ҳимояи онҳо мекӯшанд. Мардум низ ба чунин шахсон эҳтиёҷ доранд. Онҳоро эҳтиром намуда, пешвои худ мехонанд.

Сарварӣ яке аз воситаҳои муҳими батартибандозии муносибатҳои байниҳамдигарии одамон, умумиятҳои иҷтимоӣ, қувваҳои сиёсӣ ва умуман ҳаёти ҷамъиятӣ мебошад. Сарварӣ аз сатҳи инкишофи ҷомеа, анъанаҳо ва муносибатҳои сиёсӣ, мавҷудияти ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон вобаста аст. Фаъолияти сиёсии

одамон ҳар-чӣ қадаре, ки комил гардад, ҳамон қадар ба сарварӣ таъсир мерасонад. Мафҳуми «сарвари сиёсӣ» хосиятҳои гуногунро дорад. Сарвари сиёсӣ фаъолияти ҳамаи унсурони системаи сиёсии ҷомеа, давлат ва мақомоти гуногуни он, ҳизбҳои сиёсӣ, созмонҳои иҷтимоӣ, умумиятҳои этникию миллӣ, демографӣ ва ғайраҳоро, ки дар фаъолияти худ хосияти сиёсӣ пайдо менамоянд, муттаҳид мегардонад, ба тартиб меандозад ва самти асосии инкишофи онҳоро муайян менамояд.

Моҳияти сарвариро ҷалб намудани одамон ба ҳокимият ва дигар воситаҳои идораи ҷомеа ташкил медиҳад.

Сарварӣ ҳамчун масъалаи фардӣ гардонидани ҳокимият (дар кадом шакле, ки бошад) ва воситаҳои дигари идораи ҳаёти ҷомеа ба ҳисоб меравад. Он ҳукмронӣ ва идоракуниро бо сифатҳои инфиродӣ ва фаъолияти сарвар ва атрофиёни вай мепайвандад. Сарварӣ аз шароитҳои объективию омилҳои гуногун вобастааст. Ҳодисаҳо, ки дар ҳолати мушаххас ба амал меоянд, шахсонро маҷбур менамоянд, ки ба фаъолияте ҳамроҳ гарданд. Шахс ба ҷузъ аз ҳамроҳ гаштан чорае надорад. Дар ин ҳолат сарвар вазифаи муттаҳиднамоии фаъолияти гурӯҳи одамонро иҷро менамояд.

Муносибатҳои ҷамъиятӣ мавҷудияти қувваҳои гуногуни сиёсӣ, ки ифодагари манфиатҳо ва умумиятҳои гуногуни одамонанд ва ҳодисаҳо вазъияти муайяни сарварии сиёсиро дар навъҳои гуногун зоҳир менамоянд.

Ду навъи сарварии сиёсӣ маълум аст:

1. **Сарварии сиёсии демократӣ**, ки мазмуни онро ҳар чи бештар ба идораи ҳокимият ва умуман, ҷомеа ҷалб намудани одамон ташкил медиҳад. Бартариро дар раванди ҷалб намудан ба идораи ҷомеа аъзоёни умумияте ташкил медиҳанд, ки сарвар аз номи онҳо амал менамояд.

Моҳият ва вазифаҳои асосии сарварро доираи васеъи манфиатҳои одамон ва воқеӣ гардонидани талаботу дархостҳои онҳо ташкил медиҳанд. Дар асл сарварӣ зарурати ҷамъиятист. Аммо ҳолатҳои зиёде вомехӯранд, ки манфиатҳои шахсии сарвар аз манфиатҳои умумиятҳои иҷтимоӣ ва умуман аз манфиатҳои ҷомеа болотар гузошта мешаванд.

Сарвари сиёсӣ дар раванди қабули қарор ва воқеӣ гаштани он нақши асосӣ дорад. Қарорҳои сиёсӣ метавонанд дар ҳаёти

одамон тағйироти муҳимро ба амал оранд. Таърих сарварони сиёсии зиёдеро медонад, ки дар инкишофи ҷомеа нақши пурзӯр офаридаанд.

2. **Сарварии сиёсии авторитарӣ**. Сарварии авторитарӣ аз рӯи хусусиятҳои худ ба навъи харизматикии доҳигарии ҳокимият ҳаммаъно мебошад. Ҳокимияти харизматикӣ ба ҳокимияти шахс асос меёбад. Оммаи мардум қадр карда намешаванд. Омма ҳатто имконияти интихоби озоди сарварӣ надорад. Сарвар оммаи мардумро дар хизмати худ қарор медиҳад. Оммаи мардум, ки мақсадҳои содда ва ғайримукаррарӣ дорад, мӯҳтоҷи дасти пурзӯр мебошад.

Ба сарвари сиёсӣ сифатҳои ғайримуқаррарӣ ва фавқулодда мансуб дониста мешавад. Онро аз аҳли ҷомеа ҷудо намуда ҳамчун доҳӣ ва шахси бузург маънидод менамоянд. Гӯё фақат сарварии авторитарӣ масъалаҳои мураккабтарин ва фавқулоддаро ҳал карда метавониста бошад. Сарварии авторитарӣ самти инкишофи ҷомеаро муайян менамояд ва тамоми тартиботи ҳуқуқии ҷомеа, ҳизбҳои сиёсӣ, созмонҳои иҷтимоӣ ва дигар унсурони системаи сиёсии ҷомеа дар зери итоати вай қарор мегирад. Қувваи сиёсие, ки ҳокимияти пурзӯри ҳамаро фарогирандаи сарвари авторитариро эътироф ва эҳтиром накунанд ҳам, ба шакли дигари фаъолият мепардозанд. Чунки сарвари авторитарии ҷомеа ба онҳо имконияти ба таври озод амал карданро медиҳад.

Сарварии сиёсӣ ду шакли асосӣ низ дорад:

**Сарварии сиёсии феълӣ**. Ин шакли сарварии сиёсӣ мувофиқи анъанаҳои системаи тартиботи ҷамъиятӣ, сохторҳои давлатӣ, сиёсӣ ва режими сиёсӣ воқеӣ мегардад. Сарварро интихоб ё таъин менамоянд. Вай тамоми фаъолияти худро аз рӯи қоидаҳои умумии аз тарафи ҷомеа эътирофгашта ба роҳ мемонад.

**Сарварии сиёсии ғайрифеълӣ**, ки дар асоси муносибатҳои байниҳамдигарии одамон ба амал меояд. Сарвар ҳимояи талаботу манфиатҳои одамон ё нерӯҳои сиёсиеро, ки ӯро ба ин мартаба расонидаанд, ба ҷои аввал мегузорад. Мазмуни сарварии сиёсии ғайрифеълиро фақат ин ҷиҳат ташкил намедиҳанд. Одамоне, ки ба амри виҷдон фаъолият менамоянд, кам нестанд.

Таҷриба нишон медиҳад, ки фаъолияти аксари сарварони ғайрирасмӣ самараноктар мебошад.

Дар ҷомеа на ҳамаи роҳбарон ба мартабаи сарвари сиёсӣ расида метавонанд. Роҳбари давлатӣ, ҳизбӣ ва дигар сохторҳои системаи сиёсии ҷомеа гаштан ҳоло маънои сарвари сиёсиро надорад. Сарвари сиёсӣ барномаи мукаммали фаъолият дорад ва барои воқеӣ гаштани он фаъолона мубориза мебарад. Бо оммаи мардум наздик шудан, онро дар тасарруфи худ даровардан ва ба онҳо роҳбарӣ намудан вазифаест хеле мушкил. Инчунин барои амалӣ гаштани вазифаҳои сарварӣ вақти зарурӣ ва ҳолати мувофиқ зарур аст. Барои сарвари сиёсӣ сифатҳои шахсӣ низ аҳамияти муҳим дорад.

Сарвари сиёсӣ махсусан ҳангоми қабули қарор нақши асосӣ мебозад. Қарорҳое бояд қабул ва амалӣ гарданд, ки ба манфиати аксарияти аъзоёни ҷомеа бошанд. Сарвари сиёсӣ мураттиби ташаббусҳои нави одамон мегардад ва онҳоро ба сиёсати фаъол ҷалб менамояд.

Барои сарвари сиёсӣ эътибори вай дар ҷомеа хеле муҳим аст. Афкори ҷамъиятӣ бисёр ҳодисаҳоро дар ҷои худ мегузорад. Афкори умум метавонад, ба сарвари сиёсӣ боварӣ ва ё шубҳаро афзун намояд. Аз ин хотир, воситаҳои ахбори умум дар ташаккули сарвари сиёсӣ нақши ҳалкунанда доранд.

Сарвари сиёсӣ дар фаъолияти худ ба усулҳои сиёсии таъсиррасонӣ такя менамояд. Яке аз чунин методҳо баҳисобгирии манфиатҳо мебошанд. Манфиатҳо ҳамчун сабаби фаъолияти иҷтимоӣ баромад менамоянд, талабот ва хусусиятҳои одамонро ташкил медиҳанд.

Сарварии сиёсӣ методҳои муколама намудан ба шахси эътиқодманд ва ғайраро истифода менамоянд. Ба сарварии сиёсӣ анъанаҳои системаи сиёсии ҷомеа ва сохти давлатӣ бештар таъсир дорад.

Дар марҳалаи нави инкишофи таърихӣ неруҳои нави сиёсиро ташаккул медиҳанд. Агар унсурони системаи тартиботи ҳуқуқӣ расман ба онҳо имконияти озоди фаъолият диҳанд, онҳо низ муносибати оромонаро пеша менамоянд. Дар холати дигар бошад, онҳо ба воситаи зӯрӣ ба ҳокимият ҳамроҳ мегарданд.

Дар баробари ташаккули иттиҳодияҳои нави ҷамъиятӣ сарварони сиёсии нав пайдо мешаванд. Аввалин амале, ки онҳо ба ҷо меоранд, асосноккунии идеологии мавҷудияти худ мебошад. Сарварони наве, ки аз муносибатҳои замони пешин маншаъ гирифтаанд, идеологияи пешинаро тараннум менамоянд. Новобаста аз хоҳишашон идеологияи наву холисро ташаккул дода наметавонанд. Идеологияи нави онҳо дар заминаи идеологияи пешина қарор мегирад.

Яке аз самтҳои фаъолияти сарварони ҳаракатҳои навташкилёфтаро танқиди системаи арзишҳои пешина ташкил медиҳад. Ин аз сустӣ ва корношоямии онҳо дарак медиҳад. Онҳо бо ишораҳои популистии худ диққати аҳли ҷомеаро ба масъалаҳои дуюминдараҷа мебаранд. Бо ин роҳ мехоҳанд, мавқеи худро пайдо кунанд. Сарвар бояд, пеш аз ҳама, бунёдкориро пеша намояд.

Ҳангоми дарки амиқи масъалаҳои сарварии сиёсии ҷомеа хоҳу нохоҳ диққати заруриро заминаҳо ва манбаъҳои раванди сарварӣ ба худ мекашад. Чунин вазифаро дар нисбати сарварии сиёсӣ ташаккулу инкишофи элитаи сиёсии ҷомеа иҷро менамояд. Мафҳуми «элита» аз забони франсавӣ гирифта шуда, маънои беҳтаринҳо, интихобшудагонро дорад. Мафҳуми мазкурро дар давраҳои гуногуни таърихӣ дар маънои мухталиф истифода намудаанд. Аммо дар ҳар ҳолат дар маънои «ҷамоаи олӣ» истифода намудани он бартарӣ дошт.

Элитаи сиёсӣ аз қисмҳои зерин таркиб ёфтааст:

— элитаи сиёсии олӣ, ки доираи на чандон калони сарварон ва ходимони давлатиро фаро мегирад. Онҳо шахсонеанд, ки дар ташхиси сиёсати давлатӣ ва идораи ҷомеа нақши калон доранд;

— элитаи сиёсии миёна, ки аз кормандони масъули мақомоти сиёсӣ ва давлатӣ бунёд шудааст;

— элитаи сиёсии маъмурӣ, ки аз хизматчиёни бонуфузи давлатӣ таркиб ёфтааст.

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО.

1. Мафҳуми сарвари сиёсиро шарҳ диҳед. 2. Моҳият ва хосиятҳои асосии сарварии сиёсиро маънидод намоед. 3. Кадом навъҳои сарварии сиёсиро медонед? 4. Кадом шаклҳои сарварии сиёсиро медонед? 5. Дар бораи

сарварии сиёсӣ дар Тоҷикистон изҳори андеша намоед. 6. Мафҳуми «элитаи сиёсӣ»-ро шарҳ дода, шаклҳои асосии онро номбар кунед.

## § 40. ШАХСИЯТ ВА СИЁСАТ

Муносибати инсон ва ҷомеа масъалаҳои мураккаб ва муҳим аст. Ҳамаи равандҳо ва муносибатҳои ҷамъиятӣ, дар кадом шакле ба вуҷуд оянд ва кадом соҳаеро дарбар гиранд, аз ин муносибатҳо вобастаанд. Аз ин хотир, масъалаҳои муносибати инсон ва ҷомеа, таъсири омма ба одамон, шуури оммавӣ, мақоми иҷтимоии шахсият, таъсири озодӣ ва истифодаи самараноки ҳуқуқҳои инсон, масъулиятдарккунии шахс дар назди ҷомеа аҳамияти муҳимро касб менамоянд.

Инсон мафҳуми биосотсиологӣ мебошад. Инро сабаб он аст, ки инсон дар як вақт ҳам унсури ҷомеа ва ҳам унсури табиат амал мекунад.

Ҷомеа низ яке аз қисмҳои табиати зинда ба шумор меравад. Аммо ҷомеа аз қисмҳои дигари табиат бо таркиби худ фарқ менамояд. Он фақат аз одамон таркиб ёфтааст. Инсон аз рӯи моҳият ва хосиятҳои худ ҳамчун маҷмӯи муносибатҳои ҷамъиятӣ баромад менамояд. Моҳияти инсон худ аз худ чизеро ошкор карда наметавонад. Моҳияти инсон тарзи зуҳуроти худро дорад, ки ба фаъолияти одам вобастааст. Инсон дар як ҳолат ба ду сифат, ҳамчун объект ва ҳамчун субъекти муносибатҳои ҷамъиятӣ амал менамояд.

Инсон ва муносибатҳои ҷамъиятӣ ба ҳамдигар таъсир мерасонанд. Дар ташаккули инсон, ки аз унсурони дигари табиат фарқ дорад, муносибатҳои ҷамъиятӣ ҳиссаи асосӣ мегузорад. Дар навбати худ инсон низ ба муносибатҳои ҷамъиятӣ таъсир мерасонад, самти инкишофи онҳоро муайян менамояд, хосиятҳои онҳоро ба куллӣ тағйир медиҳад. Равандҳо ва ҳодисаҳои навро пайдо менамояд ва ба муносибатҳои дигари ҷомеа ҳамроҳ мегардонад.

Муҳимтарин хосияти инсонро қобилияти тафаккури абстрактии вай ташкил менамояд. Инсон ба мазмуну моҳият, қонуниятҳо ва тамоюли инкишофи ҳодисаҳо, равандҳо ва муносибатҳои ҷомеа, аломатҳои онҳо ва дигар хусусиятҳои онҳо сарфаҳм меравад. Онҳоро ҳамаҷониба таҳлилу тадқиқ менамояд ва

хулосаҳои лозимӣ мебарорад. Доштани чунин қобилият имконияти пайдоиши шуурро ба миён меорад. Аммо ин гуна аломатҳо ва хосиятҳое, ки ба инсон аз табиатанд, худ аз худ боиси комил гаштан намегарданд. Онҳо дар алоқамандӣ бо падидаю равандҳо ва муносибатҳои ҷамъиятӣ арзи ҳастӣ менамоянд ва инкишоф меёбанд.

Моҳият ва хусусиятҳои шахсиро шароитҳои ҳаёти он муайян менамоянд. Сатҳи инкишофи қувваҳои истеҳсолкунанда ва ҳамбастагию муносибати он бо муносибатҳои истеҳсолӣ, сатҳи инкишофи ҳаёти маънавӣ ва маишӣ аз бисёр ҷиҳат ба шахс таъсир мерасонад. Инчунин таъсири омилҳои иҷтимоию сиёсӣ, аз қабили муносибатҳои иҷтимоию синфӣ, демократия, ҳуқуқ ва озодиҳо ва умуман, мукаммалии ҳамаи унсурони системаи сиёсии ҷомеа хеле аҳамиятнок мебошанд.

Ба инсон таъсири фаъолияти ҳаётии одамон низ бештар аст. Фаъолияти ҳаётии одамон метавонад садди роҳи фаъолияти сиёсии одамон гардад. Истифодаи чунин воситаҳо: суиқасд, зӯрӣ, тарсу воҳима ба фаъолияти сиёсии одамон таъсири манфӣ мерасонад. Ҳатто ин гуна амалҳо метавонанд, одамонро аз фаъолияти сиёсӣ бозdoranд. Ин боиси пайдо ва такмили муносибати бепарвоёна нисбати фаъолияти сиёсӣ ва умуман, ҳаёти сиёсӣ мегардад.

Фаъолияти меҳнатӣ, муносибат бо одамони дигар, коллектив, бо унсурони инкишофи маънавӣ ба инсон имконияти комил гаштанро пайдо мекунонанд. Ақидаҳое вуҷуд доранд, ки қобилияти эҷодии инсонро табиӣ мешуморанд. Аммо ин ба ҳақиқат наздик нест. Дар натиҷаи инкишофи дуру дароз чунин қобилият пайдо мешавад. Инсон дар муносибатҳои ҷамъиятии мавҷуда, тамаддун ва тарзи ҳаётро таҷассум менамояд. Вай ба муносибатҳои мухталифи ҳаёт кашида мешавад, ҳамчун барандаи ҳаёти иҷтимоӣ фаъолият мегузаронад. Умумиятҳои ҷамъиятию табиӣ намегузоранд, ки инсон яктарафа маънидод карда шавад.

Дар раванди баҳамалоқамандӣ ва баҳамтаъсиррасонии инсон ва ҷомеа мақоми иҷтимоии шахс аҳамияти муҳим дорад. Ибораи мақоми иҷтимоӣ мавқеи шахсро дар системаи муносибатҳои ҷамъиятӣ, маҷмӯи вазифаҳои он ва мақому нақши худро дарк намудани шахс дар назар дорад. Мақоми иҷтимоии инсон аз шароитҳои иҷтимоию иқтисодӣ, маданию сиёсӣ ва раванди аз

худ намудан, ба он мутобиқ шудани шахс бармеояд. Ба мақоми иҷтимоии инсон аз ҳар чӣ бештар қобилияти худи ӯ таъсир мерасонад. Аммо дар ин ҳолат вазъияту шароити мушаххаси ба амал омадани ҳодисаро бояд дар назар гирифт. Зеро ки ҳолатҳои зиёде мешаванд, ки вазъият ва шароит барои амалӣ гаштани ҳодиса мувофиқат намекунад. Дар ин айём ҳар гуна шахси қобилияти хубдошта низ аз ӯҳдаи иҷрои вазифа баромада наметавонад. Ё дар ҳолати дигар ҳам мавҷудияти вазъияти мусоид ҳоло роҳи ҳалли масъала нест, чунки набудани донишҳои зарурӣ дар бораи ҳодиса ва қобилияти лозимӣ имконият намедиҳад, ки амале ба хубӣ анҷом ёбад.

Инсон бояд дар бораи унсурҳои муҳими табиату ҷомеа дониши амиқ дошта бошад, маданияти баланди муносибат бо худ, бо дигарон ва бо аҳли ҷомеа дошта бошад. Дар таркиби умумиятҳои гуногуни одамон фаъолият гузаронида тавонад. Манфиату талабҳои худ ва ҷомеаро ба назар гирад.

Ҳолатҳое ҳам мешавад, ки инсон ҳодисаҳо ва равандҳои ҷомеа ва носозгориҳои онҳоро ба ҳаёт ва шароитҳои объективӣ вобаста менамояд. Ин аз мақоми худро дар ҷомеа наёфтани ӯ ва дорои малакаю дониши зарурӣ ва қобилияти лозимӣ набудани он дарак медиҳад.

Ҳолатҳое мешаванд, ки инсон ба мақоми иҷтимоии худ баҳои сазовор дода наметавонад. Хосиятҳои зоҳирии мақоми иҷтимоӣ: вазифаи баобрӯ, молу амволи зарурӣ, хуб гузаронидани маишат ва ғайраҳо ба мадди аввал гузошта мешаванд. Аз ин хотир, муносибати ҳамаҷонибаи амиқ ба арзишҳои иҷтимоӣ аҳамияти калон пайдо менамоянд.

Инсон дар фаъолияти худ дар зери таъсири умумиятҳои зиёд ва гуногуни иҷтимоӣ қарор мегирад. Аз ин хотир, ӯ дар зери таъсири шуури оммавӣ низ мемонад. Ба фаъолияти одамон, инчунин афкори умум ва иштироки сиёсии одамон ва равандҳои ҷамъиятӣ пеш меояд.

Шуури оммавӣ ин навъи муайяни шуури ҷамъиятӣ мебошад. Барандаи шуури оммавӣ на гурӯҳҳои иҷтимоӣ, балки омма мебошад. Масалан, иштирокчиёни ҳаракатҳои иҷтимоию сиёсӣ, намоишҳо, мухлисони навъи муайяни варзиш, санъат ва ғайраҳо. Шуури оммавӣ ҳамаи хусусиятҳои фардҳо ва умумиятҳоро дар-

бар мегирад. Шуури оммавӣ инчунин хосиятҳои ҳамаи гурӯҳҳо, синфҳо ва касбҳои гуногунеро, онҳо маълумот ва сатҳи инкишофи ҳархела доранд, дарбар мегирад.

Афкори умум бошад, ба сифати институти сиёсӣ амал менамояд ва ба амалишавии воқеият ёрӣ мерасонад. Афкори умум аз шаклҳои гуногуни таҷрибаи ҷамъиятӣ, донишҳои илмӣ, ахбороти расмӣ ва воситаҳои ахбори умум ғизо мегирад.

Афкори умум шаклҳои гуногуни зоҳиршавӣ ва ба воқеият табдил ёфтан дорад. Аз ҷумла, интихоби мақомоти ҳокимият, иштироки бевоситаи оммаи мардум дар равандҳои идораи ҷомеа, иштирок дар маҷлисҳо, намоишҳо ва истифодаи ҳуқуқу озодиҳои дигар раванди воқеигардии афкори умумро инъикос менамояд. Афкори умум, асосан ба эҳсосоти одамон таъсир мерасонад. Фақат баъди таҳлили ҳамаҷониба хосиятҳои афкори умум қабул карда мешавад.

Ба шахсият иштироки сиёсии он дар равандҳо ва муносибатҳои ҳаёти сиёсӣ нақши муҳим дорад. Ин омил, яъне иштироки сиёсии одамон дар равандҳои сиёсӣ ҳодисаҳо ва амалҳои гуногунро, аз ҷумлаи: иштироки одамон дар амалигардонии қарордодҳои ҳокимият, амиқ дарк намудани талаботу манфиатҳои худ дар системаи сиёсии ҷомеа ва ҳимояи онҳо ва ғайраҳоро фаро мегирад.

Дар мавриди махсус иштироки сиёсӣ ба сифати эътирози одамон бар зидди ҳодисаҳои номукаммал мебошад. Инчунин эътироз дар ду шакл ба амал омада метавонад: 1. Талаб намудани тағйиротҳо дар ҳолати мазкури ҳодисаю равандҳои сиёсӣ; 2. Ташаббуси шаҳрвандӣ. Одамон инчунин метавонанд дар муҳокимарониҳо ва қабулу амалигардонии қарордодҳои муҳим бевосита иштирок намоянд, ба амалиёти фаъоли сиёсӣ даст зананд. Ҳамаи ин ба хотири он аст, ки ҳолати предмету ҳодисаҳо ба фоидаи қувваҳои нав тағйир ёбанд.

Одамон бояд дарк намоянд, ки новобаста аз қобилиятҳояшон дар амалиётҳои сиёсӣ ширкат дошта бошанд. Ҳеҷ набошад, дар интихоботи сатҳи гуногун иштирок намоянд.

Муҳимтарин тарзи зуҳури иштироки сиёсии одамон дар равандҳо ва муносибатро ҳарчӣ бештар ҷамъиятигардонии сиёсии шахсият ташкил медиҳад. Он раванди ташаккулёбии шуури сиёсӣ ва фаъолияти воқеии мувофиқро дарбар мегирад.

Ҷамъиятигардонии шахсият ҳамчун «издиҳом» низ дар ҳаёти сиёсии ҷомеа нақши муҳим дорад. Аз ҳамин ҷост, ки сиёсатро ба кӯчаю хиёбонҳо вобаста медонанд. Мафҳуми «издиҳом» ҳамаи фаъолияту амалиёти якҷояи гурӯҳӣ ва рафтори коллективро фаро мегирад. Ба ҷумлаи онҳо, гирдиҳамоӣ, роҳпаймоӣ, маҷлисҳо, намоишҳо ва ғайраҳо дохил мешаванд.

Моҳияти инсон бештар дар ҳуқуқу озодии шахсият ва истифодаи онҳо таҷассуми худро меёбад. Ҳуқуқу озодиҳои инсон масъалаи муҳими ҳаёти сиёсии ҷомеа ба ҳисоб мераванд. Бо дарк ва воқеигардии онҳо барои ҳаёти сиёсии комил ва хосиятҳои дигари он ҳоҷати гап нест. Масъалаи ҳуқуқу озодии шахсият аз давраҳои ташаккули ҷомеа арзи ҳастӣ намудааст. Он хосияти мушаххасу таърихӣ дорад. Макон ва замон ба ҳуқуқу озодии одамон бевосита таъсир мерасонанд ва тағйироти куллӣ мебахшанд. Инсон аз рӯзи пайдоишаш соҳиби маҷмӯи ҳуқуқу озодиҳо мебошад. Ҷомеа инчунин ба инсон масъулиятҳои зиёдеро бор мекунад, ки ин равандҳоро дар мутаносибӣ нигоҳ медорад.

Ҳуқуқу озодии инсон табиати иҷтимоии ҷомеаро инъикос менамояд. Ҳуқуқу озодиҳо як навъ имкониятҳое мебошанд, ки ҷомеа ва давлат барои истифодаи беҳтари неъматҳо ва сарватҳои моддию маънавӣ ба одамон медиҳанд.

Дар олами муосир ҳуҷҷатҳои муҳими байналхалқӣ вуҷуд дорад, ки ҳуқуқу озодии одамон ва масъулияти онҳоро дар назди ҷомеа ба тартиб меандозанд. Ба ҷумлаи чунин ҳуҷҷатҳои байналхалқӣ Баённомаи ҳуқуқи аҳли башар, ки аз соли 1948 амал менамояд, Хартияи парижӣ ва Муоҳидаи Хелсинки дохил мешаванд. Дар шароити ҳозира қариб аксарияти мамлакатҳои олам ин ҳуҷҷатҳои батартибандозандаи ҳуқуқу озодии одамонро эътироф намудаанд ва расман ба роҳбарӣ гирифтаанд.

Ҳамаи одамон табиатан озоданд ва ҳуқуқҳои баробар доранд. Инкишофи таърихӣ озодию ҳуқуқҳои онҳоро маҳдуд гардонидааст. Инкишофи таърихӣ муборизаҳои зиёдеро низ шоҳид аст, ки барои васеъ гаштани ҳуқуқу озодиҳои одамон ба амал бароварда мешаванд.

Ҳама одамон новобаста ба мансубияти нажодӣ, ҷинсӣ, ақидаҳои сиёсӣ, миллат ва мансубияташ ба умумиятҳои дигари иҷтимоӣ, маълумот ва боигарӣ ҳуқуқ ва озодии баробар доранд.

Ҳуқуқу озодиҳои одамон ба гурӯҳҳои гуногун: ҳуқуқу озодиҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, маданӣ, шаҳрвандӣ ва ғайраҳо тақсим мегардад.

Ҳуқуқ ва озодиҳои сиёсӣ дар ҳаёти ҷомеа нақши муҳим дорад. Сатҳи ҳуқуқу озодиҳои сиёсии одамон ба тамоми равандҳо ва муносибатҳои ҷамъиятӣ таъсир мерасонанд. Ҳуқуқу озодиҳои сиёсӣ як навъ хосияти муайянкунанда доранд, зеро ки одамон ҳуқуқу озодиҳои сиёсӣ надошта, дар соҳаҳои дигари ҳаёти ҷомеа комёбии назаррасеро ба даст оварда наметавонанд.

Ҳар як шахс ҳуқуқи комил дорад, ки дар ҳаёти сиёсии ҷомеа, дар раванди идораи ҳамаи унсурони системаи сиёсӣ бевосита ё ба воситаи намояндагони худ иштирок намояд. Ба мақомоти намояндагӣ интихоб намояд, интихоб гардад ва имкониятҳои баробарро дар кори идораи мақомоти дигари давлатӣ ва дигар унсурони сиёсии ҷомеа дошта бошад.

Ҳар як шахс ҳуқуқи комил дорад, ки дар фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ, созмонҳои иҷтимоӣ ва шаклҳои дигари иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ба сифати аъзо ва ё машваратчӣ иштирок намоянд. Одамон ҳуқуқ доранд, ки дар кори аҳзоби сиёсӣ иштирок намоянд. Одамон соҳиби ҳуқуқи дар маҷлисҳо, гирдиҳамоиҳо, намоишҳо, роҳпаймоиҳо иштирок кардан ва озодиҳои изҳори ақида доранд. Таъқиби ин гуна фаъолият аз тарафи мақомоти ҳокимияти давлатӣ пешгирӣ карда мешавад. Ҳеҷ кас, мақомоти ҳокимияти давлатӣ ё мақомоти ҳизбӣ ҳуқуқи монеаи чун фаъолият карданро надоранд.

Ҳар шахс ба ҳаёт ва дахлнопазирӣ ҳуқуқ дошта, ҳамаи онҳоро қонун баробар дар зери ҳимояи худ мегирад.

Озодии афкор, виҷдон ва дин, озодии эътиқод ба ҷиҳатҳои муҳимтарини ҳуқуқу озодиҳои шахс дохил мешаванд. Ба одамон имконият дода мешавад, ки ҷои зист ва ё муҳоҷиратро озодона интихоб намоянд. Тамоми тартиботи қонунии мамлакатҳои мутамаддин дар байни аҳолии таҳҷоӣ ва омад ҳеҷ гуна тафовутҳоро расмӣ намегардонанд. Баръакс, ба одамон кафолати ҷои зисте, ки хости онҳост, дода мешавад.

Мақомоти ҳокимияти давлатӣ вазифадоранд, ки ҳуқуқи инсонро оиди ҳимоя аз адолати иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ, динӣ ва таҳқири шаъну шараф бечуну чаро таъмин намоянд.

Ҳамаи одамон ҳуқуқи паногоҳи сиёсиро доранд. Ин дар ҳолате ба амал меояд, ки шахс дар мамлакати хеш аз ҳуқуқу озодиҳои сиёсии худ истифода карда наметавонад. Қувваҳои сиёсии гуногун, аз ҷумла мақомоти ҳокимияти давлатӣ оиди таъмини ҳуқуқҳо ва озодиҳои онҳо кафолат дода наметавонанд. Аз ин хотир, одамон метавонанд ба давлатҳои дигар муроҷиат намоянд, паногоҳ пурсанд.

Барои воқеӣ гаштани ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон роҳу воситаҳои гуногун мавҷуд аст. Аммо нақши асосӣ ба ду омили дигар мансуб мебошад. Аввало, ташаккулёбӣ ва инкишофи ҷомеаи шаҳрвандӣ. Он ҷамъиятеро мемонад, ки аз таъсири идеологӣ озод гашта, одамон дар амалашон тобеи сиёсати калон намешаванд. Ҷомеа низ аз ҷиҳати иҷтимоию сиёсӣ ва иқтисодӣ тобеъи давлат намегардад. Дуюмин, ташаккулёбӣ ва инкишофи давлати ҳуқуқӣ, давлате, ки дар он қонун мақоми олӣ пайдо менамояд, баробарии ҳама аз ҳар ҷиҳат риоя карда мешавад. Масъулияти одамон дар назди давлат ва ҷомеа ва масъулияти давлат дар назди шахс ба эътибор гирифта мешавад.

Одамон дорои ҳуқуқу озодиҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва маданӣ мебошанд. Риояи ин гурӯҳи ҳуқуқҳои инсон аз сатҳи инкишофи ҷомеа ва муносибатҳои ҷамъиятӣ вобастаанд. Ҷиҳати заруриро дар маҷмӯи ҳуқуқҳои иқтисодӣ соҳиби моликият будани одамон ва ҳимояи он ташкил медиҳад. Гуногунии шаклҳои моликият ба одамон имконият медиҳад, ки аз ҳуқуқҳои худ истифода бурда тавонанд. Дар аксарияти мамлакатҳо ҳуқуқ ба меҳнат, ҳуқуқ ба интихоби касб, ба ҷои фаъолияти меҳнатӣ, таъмини шароити меҳнат дар қонунҳо таҷассум ёфтаанд. Тартиботи ҳуқуқӣ аз онҳо пуштибонӣ менамоянд. Одамон ҳуқуқи ҳимоя аз бекориро доранд. Давлат барои онҳо кафолат медиҳад ва манфиатҳои онҳоро ҳимоя менамояд.

Ҳуқуқҳо ва озодиҳои одамон дар соҳаи ҳаёти иҷтимоӣ низ муҳиманд. Таркиби онро чунин ҳуқуқҳои одамон ташкил менамоянд: ҳуқуқ ба манзил, ҳуқуқ ба истироҳат, ҳуқуқ ба ҳифзи саломатӣ, ҳуқуқ дар бораи озодии маълумотгирӣ ва ғайраҳо. Ҳуқуқҳои иҷтимоии одамон хосиятҳои махсусро соҳибанд. Албатта, ба онҳо тараққиёти иҷтимоию иқтисодии ҷомеа таъсири ҳалкунанда мерасонанд. Аммо таъсири омилҳои сиёсӣ, сохти иҷтимоию сиёсӣ

ва муносибатҳои мавҷудаи байни субъектҳои сиёсат низ кам нестанд. Вобаста ба ин одамони кишварҳои гуногун ҳуқуқҳои гуногуни иҷтимоиро соҳиб гаштаанд. Дар аксарияти мамлакатҳои мутамаддин ёрии бепули таъҷилии тиббӣ расонида мешавад. Одамон дар пиронсолӣ, мавридҳои корношоямӣ, бемории ва маҳрум гаштан аз сарпараст ҳуқуқи таъминотро доранд. Ин ҷиҳатҳо ба оилаҳои ҷавон низ тааллуқ доранд. Одамон аз шаклҳои гуногуни таълим ва ихтисосҳо баҳравар мешаванд. Вобаста ба шароитҳои кишварҳои алоҳида маълумотгирӣ дараҷаи гуногунро дорост ва пулакӣ ё бепул ба амал бароварда мешавад.

Ҳуқуқҳои худро дар соҳаи ҳаёти маънавӣ низ одамон васеъ истифода менамоянд. Он ҳангоми истифодаи дастовардҳои фарҳангӣ амалӣ гардонида мешавад. Сарватҳои маънавӣ моли тамоми ҷомеа мебошанд. Ҳамаи аъзоёни ҷомеа аз он ҳуқуқи баробари истифодаро доранд. Одамон ҳуқуқи комил доранд, ки дар офариниш ва истифодаи сарватҳои маънавӣ бевосита ва фаъолона иштирок намоянд.

Яке аз соҳаҳои муҳимтарини ҳуқуқи инсон ҳуқуқи шаҳрвандии он мебошад. Ҳар як кас, пеш аз ҳама, шаҳрванди мамлакате ба ҳисоб меравад. Давлат онро ҳамчун субъекти худ ба ҳимоя мегирад. Шаҳрванд ба корҳое машғул мегардад, ки ғайриқонунӣ набошанд ва ба унсурони дигар ҳокимияти давлатӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ дар мухолифат набошанд. Шаҳрвандҳо метавонанд аз ҳуқуқ маҳрум карда шаванд. Ин ҷиҳат дар қонунҳои ҳамаи мамлакатҳо пешбинӣ шудааст. Фақат мақомоти судӣ одамонро аз ҳуқуқи шаҳрвандӣ маҳрум менамоянд.

Одамон дар қатори ҳуқуқу озодиҳо масъулияти зиёдро ба дӯш доранд. Ин масъулият ҳангоми иҷрои вазифаҳои муайян ба амал бароварда мешавад. Иҷрои ин вазифа хосияти ҳатмӣ дорад. Одамон вазифадоранд ки тамоми системаи тартиботи ҳуқуқӣ, қоидаҳои умумӣ ва махсусан конститутсия (қонуни асосӣ)-ро риоя намоянд. Ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва тартибот ёрӣ расонанд. Ҳар як шахс вазифадор аст, ки Ватанро ҳифз намояд, баҳри сулҳ мубориза барад, табиат ва ёдгориҳои фарҳангиро ҳифз намояд, қоидаҳои умумии рафтор ва ҳуқуқу озодиҳои шахсони дигарро эҳтиром намояд.

Муносибати инсон ва ҷомеа хоҳу ноҳоҳ ба таҳлили муносибатҳо озодӣ ва масъулият меорад. Озодӣ аз чизҳо нест, балки озодӣ барои чизе ба амал меояд. Аксар вақт дар зери мафҳуми озодӣ на фақат зарурат фаҳмида мешавад. Аммо ин мазмуни озодиро ба пуррагӣ ифода карда наметавонад. Озодӣ аз гуфтану кору мехостагиро ба амал баровардан иборат нест. Он масъулияти касро низ талаб менамояд. Озодиро аз интизом набояд ҷудо намуд.

### САВОЛ ВА СУПОРИШҲО.

1. Моҳияти биосотсиологии инсонро шарҳ диҳед. 2. Ба ҳамалоқамандии шахс ва муҳити ҷамъиятиро маънидод намоед. 3. Мақоми иҷтимоии шахс чӣ маъниро ифода менамояд? 4. Афкори умум дар ташаккули шахсият чи нақш дорад? 5. Ҳуқуқҳои сиёсии одамонро маънидод намоед. 6. Озодӣ ва масъулияти шахсро шарҳ диҳед. 7. Дар бораи ҳуқуқу озодиҳои шахс дар Тоҷикистон нақл намоед. 8. Ба фикри Шумо ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандони Тоҷикистонро бо кадом роҳҳо такмил додан мумкин аст?

## § 41. ХУСУСИЯТҲОИ СИЁСАТИ МИЛЛӢ

Дар олами муосир миллату халқиятҳо ва умумиятҳои дигари этникӣ хеле зиёд вуҷуд доранд. Яке аз ҷиҳати шумора камтар ва дигаре зиёдтар. Яке ба сатҳи баландтари инкишоф соҳиб гаштааст, дигаре бошад, дар ҳолати бад ва миёна ҳаёт ба сар мебарад. Ҳар як умимияти этникию миллӣ ба худ хусусиятҳои хос дорад. Якеро аз дигар анъанаҳо, урфу одат, хосиятҳои ҳаёти миллӣ ва ғайраҳо фарқ мекунанд. Аксари кишварҳо гуногунмиллатанд. Қисме аз мамлакатҳо ҳатто, даҳҳо ва садҳо халқу миллатҳо ва умумиятҳои дигари этникиро дар бар мегирад. Аз ин рӯ, муносибатҳои байниҳамдигарии онҳо дар ҳама давру замонҳо диққатҷалбкунанда аст. Гуногунии чеҳраи миллии мамлакатҳо талаб менамояд, ки ҳангоми ҳалли масъалаҳо таркиби миллии аҳолӣ ва манфиатҳо ба инобат гирифта шаванд.

Умумиятҳои муосири этникӣ дар инкишофи таърихии худ марҳалаҳои гуногунро аз сар гузаронидаанд. Авлод, қабилаю қавм, халқият ва миллат барин умумиятҳои этникӣ амал менамуданд ва ҳоло низ вуҷуд доранд. Гарчанде, ки умумиятҳои аввали

этникӣ дар шакли яклухт вуҷуд надошта бошанд ҳам, дар баъзе кишварҳо боқимондаҳои онҳо ва пеш аз ҳама, муносибатҳое, ки хоси он умумиятҳо буданд, амал менамоянд.

Мукаммалтарин ин умумиятҳои этникиро миллатҳо ташкил медиҳанд. Миллат–шакли олии таърихан ташаккулёфтаи умумияти иҷтимоию этникии одамон буда, умумияти ҳаёти иқтисодӣ, забонӣ, ҳудудӣ, худшиносии миллӣ ва баъзе хосиятҳои муайяни маданият, урфу одат, маишат ва анъанаҳоро таҷассум менамояд.

Аммо дар шароити ҳозира муносибатҳои миллию этникӣ хосиятҳое низ пайдо намудааст, ки доираи васеътар ва воҳидтари муносибатҳои миллату халқиятҳо ва гурӯҳҳои этникиро фаро мегирад. Равандҳо ва муносибатҳои мазкур ҳодисаи нав нестанд. Дар ин ё он шакл онҳо солҳои пешин низ вуҷуд доштанд. Умумиятҳои субэтникӣ ва метаэтникӣ аз ҳамин қабиланд.

Умумияти субэтникӣ қисми таркибии халқ буда, соҳиби хосиятҳои махсус ва худшиносӣ мебошад. Онҳо гурӯҳҳои дохилимиллианд. Чунин гурӯҳҳои этникӣ дар таркиби ҳамаи миллату халқиятҳо вуҷуд доранд.

Умумиятҳои метаэтникӣ гурӯҳи миллатҳо ва халқиятҳоеро дарбар мегиранд, ки хосиятҳои таърихию маданӣ, ҳудудӣ ва худшиносии умумиро соҳибанд. Масалан, халқи шӯравӣ, халқи ҳинд ва ғайраҳо.

Равандҳо ва муносибатҳои миллию этникӣ дар ҳар сурат хосияти сиёсӣ пайдо менамоянд.

Дар фаҳмиши амиқи муносибатҳои байниҳамдигарии сиёсат ва равандҳою муносибатҳои иҷтимоию этникӣ аҳамияти хосаро дарки мафҳумҳои асосии соҳаи мазкур ташкил медиҳанд. Ба сифати чунин мафҳумҳо «муносибатҳои миллӣ» ва «масъалаи миллӣ» амал менамоянд. Дар назари аввал чунин менамояд, ки байни ин ду мафҳум ҳеҷ тафовуте вуҷуд надорад. Бисёр китобҳои дарсӣ ва илмӣ, энсиклопедияю дастурҳо низ онҳоро ҳаммаъно меҳисобанд. Дар амал онҳо новобаста ба наздик буданашон як маъниро ифода менамоянд. Мафҳуми «масъалаи миллӣ» нисбат ба «муносибатҳои миллӣ» маҳдудтар мебошад. Вай ҳамчун хосияти махсуси муносибатҳои миллӣ буда, ҳамчун муносибатҳои «ҳукмронӣ ва тобеъӣ» — як умумияти этникӣ нисбати умумияти дигари этникӣ мебошад. «Масъалаи миллӣ» аз замоне.

ки намояндагони як умумият аз тарафи намояндаҳои умумияти дигар зулм карда мешавад, вуҷуд дорад. Масъалаи миллӣ, махсусан баробари ташаккулёбӣ ва инкишофи миллатҳо ба таври барҷаста ба миён омад.

Дар марҳалаҳои гуногуни инкишофи ҷомеа одамон роҳҳои ҳалли онро ҷустаанд. Ҳанӯз дар асрҳои 16-19 асоси ҳалли масъалаи миллиро дар воқеъигардонии «принсипи миллият» медиданд. Ин идеяро идеологҳои ҳаракати озодихоҳӣ пешниҳод намуда буданд ва он ҳар як миллатро соҳиби давлати худ мегардонид. Ин принсип дар замони инқилобҳои буржуазӣ ва таъсиси давлатҳои нав нақши пешқадам бозид. Он ҳамчун қисми таркибии муборизаи зидди боқимондаҳои пароканда́гии феодалӣ ва муборизаи озодихоҳонаи халқҳои гуногун амал намуд. Аммо ин ҳолат дер давом карда наметавонист. Аксари мамлакатҳо чеҳраи миллии гуногун доштанд ва ҳар яки он давлати алоҳидаи миллиро таъсис дода наметавонист. Ба воқей гаштани «принсипи миллият» марҳалаи нави сиёсати мустамликадорӣ низ имконият намедод.

Марҳалаи сифатан нав дар назария ва амалияи «масъалаи миллӣ» ба таълимоти марксизм хос мебошад. Асосгузорони ин таълимот назарияи масъалаи миллиро бо инқилоби сотсиалистӣ мепайвастанд. «Миллате, ки миллати дигарро зулм мекунад, худ озод буда наметавонад». Чунин аст, моҳияти фаҳмиши масъалаи миллӣ.

Дар инкишофи назарияи «масъалаи миллӣ» саҳми В. И. Ленин бузург аст. Ӯ принсипи «ҳуқуқи худмуайянкунии миллатҳоро» пеш гузошт. В. И. Ленин нишон дод, ки асоси ҳалли масъалаи миллиро озодии пурраю комили миллату халқиятҳо, ҳамаи умумиятҳои этникӣ аз зулми иҷтимоию миллӣ ва инкишофи ҳамаҷонибаи онҳо ташкил медиҳад.

В. И. Ленин хоҳони бунёди давлати федералии сермиллату пурқудрат буд, ки имкониятҳои заруриро барои аз байн бурдани зиддиятҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсию фарҳангии байни миллату халқиятҳо ва инкишофи минбаъдаи онҳо муҳайё месохт. Ӯ талаби мухторияти ҳудудиро пеш гузошта, зидди инкори манфиатҳои хурдтарин умумиятҳои этникӣ баромад мекард, ҳалли масъалаи миллиро ба пояи таърихию иқтисодӣ гузошт.

Дар солҳои аввали Ҳокимияти Шӯравӣ хулосаҳои таълимоти марксистӣ то андозае оид ба масъалаи миллӣ ва умуман, муносибатҳои миллӣ ба роҳбарӣ гирифта мешуданд. Масъалаи миллӣ дар шакле, ки аз давраҳои собиқ боқӣ монда буд, ҳал гардид. Аммо муносибатҳои байни миллату халқиятҳо масъалаҳои нав ба навро пайдо кардан гирифтанд. Роҳбарияти мамлакат ба масъалаҳои мазкур на ҳама вақт диққати зарурӣ медод. Махсусан, ташаккулёбӣ ва инкишофи системаи маъмурию фармондиҳӣ талаботу манфиатҳои миллату халқиятҳоро ба инобат намегирифт ва муносибатҳои миллӣ низ хосияти аввалиндараҷаро надоштанд. Дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти халқҳо камбудиҳои ҷиддӣ ба чашм мерасиданд. Бо баҳонаи ҳимояи манфиатҳои умумидавлатӣ манфиатҳои ҷумҳуриҳои иттифоқӣ ва воҳидҳои дигари миллӣ сарфи назар мешуданд.

Дар давраи бунёди сотсиализм масъалаи баробарии ҳақиқии иқтисодӣ ва мадании миллату халқиятҳо то андозае ҳалли худро ёфта буданд. Аммо вазифаҳои стратегии инкишофи муносибатҳои соҳавӣ дар раванди идоракунӣ инкишофи мутаносиби воҳидҳои миллиро таъмин карда наметавонист. Қувваҳои истеҳсолкунанда бе ба инобатгирии анъанаҳои истеҳсолии миллӣ ҷойгир мешуданд ва ин сабаби ақибмонии иқтисодию иҷтимоии ноҳияҳои миллӣ гардид.

Он норасогиҳое, ки дар инкишофи муносибатҳои миллӣ даҳсолаҳои охир ҷой доштанд, аз ҳисоби масъалаҳои нави инкишофи ҷомеа афзуданд. Аз ин ҷост, ки зиддиятҳо на танҳо муносибатҳои байни умумиятҳои этникиро, балки муносибатҳои дохили миллиро низ дарбар мегиранд.

Ҳамин тариқ, «масъалаи миллӣ» аз маҷмӯи зиддиятҳои байнимиллӣ ва дохилимиллӣ иборат буда, асосан, аз ҳодиса ва равандҳои хосияти манфӣ дошта иборат мебошад.

Мафҳуми «муносибатҳои миллӣ» маънои васеъро дорад. Масъалаи миллӣ ба таркиби он дохил мешавад. «Муносибатҳои миллӣ» на танҳо ҳодисаю равандҳои хосияти манфӣ доштаро, балки ҳодисаҳои мусбат, аз ҷумлаи равандҳои дӯстӣ, ҳамкорӣ, ҳамраъйӣ, ёрии ҳамдигарии миллату халқиятҳо ва ғайраҳоро дар бар мегирад.

Ба муносибатҳои миллӣ ҳамаи омилҳои ҷомеа, махсусан, омилҳои иқтисодию сиёсӣ таъсир мерасонанд. Сиёсат ҳамаи ҷабҳа-

ҳои ҳаёти миллату халқиятҳо ва муносибатҳои байниҳамдигарии онҳоро фаро мегирад. Сиёсат диққати асосиро ба он масъалаҳое равона месозад, ки объекти сиёсати миллии давлатиро ташкил медиҳанд. Ба ин гурӯҳ масъалаҳои зерин дохил мешаванд: таъмини ҳуқуқи худмуайянкунии умумиятҳои этникӣ; таъмини ҳимояи мутаносиби талаботу манфиатҳои умумиинсонӣ ва миллӣ; таъмини баробарҳуқуқии феълӣ ва воқеии ҳамаи миллату халқиятҳо; инкишофи озоди забони миллӣ ва унсурони дигари маданияти миллӣ; тайёр намудани кадрҳои миллӣ барои ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқ ва ҷойгиронии онҳо, аз ҷумла, дар таркиби ҳокимияти давлатӣ, мақомоти гуногуни он ва масъалаҳои дигар.

Дар навбати худ муносибатҳои миллӣ низ ба сиёсат, ба равандҳои сиёсӣ таъсири худро мерасонанд. Анъанаҳои миллӣ, кайфияту хиссиёт, шароитҳои маданию маишӣ ва ҷуғрофии ҳамаи умумиятҳои этникӣ ба муносибатҳои сиёсӣ таъсир мерасонанд.

Муносибатҳои миллӣ дар се ҳолат дарк карда мешаванд: муносибатҳои дохилимиллӣ; муносибатҳои байни умумиятҳои миллию этникӣ; муносибатҳои миллӣ дар байни намояндагони миллату халқиятҳо, муносибатҳои байнишахсӣ. Аксар вақт мафҳуми «муносибатҳои байнимиллӣ» истифода мегардад, ки муносибатҳои миллиро дар сатҳи байнишахсӣ ва байни миллату халқиятҳо фаро мегирад. Яъне, ҷиҳати асосиро муносибати байни умумиятҳои миллию этникӣ ташкил медиҳанд, на хосиятҳои дигари муносибатҳои миллӣ.

Дар олами муосир яке аз воситаҳои муҳими инкишофи ҳамаҷонибаи муносибатҳои миллӣ сиёсати дурандешонаю оқилона ва илман асоснокшуда ба ҳисоб меравад. Дар назди сиёсати муосири миллӣ ҳалли як қатор масъалаҳо ва инкишофи бемайлони муносибатҳои миллӣ меистанд.

Пеш аз ҳама зарурати риояи пурраи принсипи ҳуқуқи худмуайянкунии миллатҳо пеш меояд. Принсипи мазкур стратегияи сиёсии муносибатҳои миллиро ташкил менамояд. Ҳуқуқи худмуайянкунии миллату халқиятҳо хосиятҳои зиёдеро дар худ таҷассум менамояд. Аммо бештар ба ҳаёти ҷомеа ду ҷиҳати он таъсир мерасонад. Аввало, ҳар як миллат, халқият ва ё умумияти дигари этникӣ ҳуқуқи комил дорад, ки ҳамаи муносибатҳоро бо халқҳо ва кишварҳои дигар мустақилона ва ба таври озод муайян намояд ва дар фаъолият аз воситаҳои дилхоҳи эътирофгашта истифода

намояд. Ин хосиятҳои зеринро фаро гирифта метавонад: муттаҳид гаштан дар давлати ягона бо умумиятҳои дигари миллию этникӣ; ҳамаи миллату халқиятҳо метавонанд ҳамчун давлати мустақил амал намоянд; давлатҳои мустақили миллӣ имконияти муайян намудани сохтори ҷамъиятӣ ва шакли инкишофи иҷтимоию сиёсии ҷомеаро доранд; дуюм, ин ки миллату халқиятҳо нисбати ҳамаи объект ва субъектҳои дохилӣ соҳибихтиёр буда, бо салоҳдиди худ масъалаҳоро ҳал менамоянд. Ҳар як умумияти миллию этникӣ ҳуқуқи озоди истифода намудани боигарию захираҳои табиӣ, истеҳсолот ва даромади миллии хешро дорад ва онро мустақилона воқеӣ мегардонад. Ин ҷиҳат имконият медиҳад, ки сатҳи инкишофи иҷтимоию иқтисодии халқҳо ва кишварҳо то андозае баробар гардонида шавад.

Масъалаи эътироф ва эҳтироми таъмини баробарҳуқуқии ҳамаи миллату халқиятҳо ва намояндагони онҳо низ дар инкишофи муносибатҳои миллӣ ва умуман, муносибатҳои ҷамъиятӣ аҳамияти муҳим дорад. Барои амалӣ гаштани ин принсип фақат кафолати ҳуқуқӣ кифоя нест. Он аз системаи муносибатҳои ҷамъиятӣ ва шакли идораи давлатӣ низ вобаста аст. Шароитҳои зарурии иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсию фарҳангӣ лозиманд.

Дар инкишофи муносибатҳои миллӣ сохти баҳисобгирии баҳамалоқамандии манфиатҳои миллӣ ва интернатсионалӣ кам нестанд. Дар кишвари мо солҳои зиёде дар бораи «дӯстии халқҳо», вазифаҳои интернатсионалистии одамон ва ғайраҳо суханҳо меронданд. Аммо хосияти асосии онҳоро мафҳумӣ будани онҳо ташкил медоданд. Он дар сатҳи умумӣ хеле паҳн гашта буд, аммо ба дилу дида ва қалби шахс, то олами маънавию ахлоқии одамони алоҳида омада нарасида буд. (Ба истиснои гурӯҳи ночизи одамон). Аз ин хотир, оқибатҳои назаррасро соҳиб нагаштааст.

Солиёни зиёде дар бораи тамоюлҳои инкишофи муносибатҳои миллии замони сотсиализм сухан мегуфтем. Аммо диққати асосиро ба тамоюли баҳамназдикшавии миллату халқиятҳо равона месохтем. Гӯё, ки худ аз худ ин раванд мукаммал мегашта бошад. Ба тамоюли асосӣ — нашъунамои миллату халқиятҳо, ки заминаи баҳамназдикшавии онҳост, диққати асосӣ дода намешуд. Асоси таълимоти интернатсионалиро сарватҳои миллӣ ва манфиатҳои тамоми миллату халқиятҳо ташкил медиҳад.

Дар шароити ҳозира, дар муносибатҳои миллӣ ду самти асосии инкишоф вуҷуд дорад, ки яке дигареро такмил медиҳанд: Мустақилияти миллӣ ва интернатсионаликунонии ҳамаи ҷабҳаҳои ҳаёти миллату халқиятҳо ва кишварҳо. Миллату халқиятҳо ва сохторҳои гуногуни давлати миллӣ аз мустақилият нисбати ҳамаи объект ва субъектҳо истифода намуда, бо назардошти манфиатҳо ва арзишҳои миллию умумибашарӣ муносибатҳои байниякдигариро ба пояи баландтар мебардоранд.

Яке аз масъалаҳои сиёсии инкишофи муносибатҳои миллиро таъсисёбӣ ва такмили сохторҳои гуногуни миллию давлатии халқияту миллатҳо ташкил менамоянд. Дар олам шаклҳои зерини иттиҳодияҳои давлатии миллату халқиятҳо вуҷуд доранд:

— давлати унитарӣ. Хосияти асосии онро роҳбарии мутамаркази воҳидҳои маъмурию давлатӣ ва аз ҷумла воҳидҳои миллии давлатӣ ташкил медиҳад. Ташкилотҳои давлатӣ ва давлатию миллии мустақил вуҷуд надоранд. Мавҷудияти автономияҳои миллӣ мумкин аст, аммо онҳо нақши заруриро ба ҷо оварда наметавонанд. Ҳоло Хитой, Испания, Ветнам, Лаос, РАҶ ва ғайраҳоро ҳамчун давлати унитарӣ маънидод менамоянд;

— давлати федеративӣ. Ин иттиҳоди давлатҳои миллӣ ва дигар сохторҳои давлатии миллӣ ба шумор меравад. Асоси федератсияи давлатиро конститутсияи иттифоқӣ ташкил медиҳад. Конститутсияи давлатҳои миллии ба ҳайати федератсия дохилшуда низ амал менамояд. Ҳар як субъекти федератсия шаҳрванди худро дорад, ки дар як вақт шаҳрванди давлати иттифоқӣ ба шумор меравад. Ҳудуди федератсияро ҳудудҳои субъектҳои он ташкил медиҳанд. Ҳамчун давлати федеративӣ ШМА, Мексика, Бразилия, Австралия, РФГ, Австрия, Канада, Аргентина, Ҳиндустон, Малайзия, Покистон, Нигерия амал менамоянд.

— давлати конфедеративӣ. Он сохтори давлатиест, ки аъзоёни вай мустақилияти худро нигоҳ медоранд. Асоси онро шартномаи байни субъектҳои конфедератсия ташкил менамояд. Аъзоёни конфедератсия ҳамаи аломатҳои давлати мустақилро соҳибанд. Давлати конфедеративӣ хосияти даргузар дорад. Вай бояд дар марҳалаи муайяни инкишофи худ ба давлати мустаҳкамтаре табдил ёбад. Ё метавонад ба давлатҳои мустақил, ки байни онҳо ҳеч гуна шартномаҳои иттифоқӣ вуҷуд надорад, тақсим гардад.

Масъалаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа талаб менамоянд, ки сиёсати миллӣ ҳамаҷониба такмил ёбад. Дуруст дарк намудан ва муайян намудани самтҳои зарурии инкишофи сиёсати миллӣ, воқеӣ гардонидани онҳо барои такмили ҳаёти ҷомеа аҳамияти муҳим доранд. Сиёсати миллӣ, ки бо масъалаҳои гуногуни ҷомеа ҳамбастагӣ дорад, бояд хусусиятҳои онҳоро низ ба инобат гирад. Ба инкишофи иқтисодӣ ва сиёсию фарҳангии ҷомеа кӯмак расонад.

Сиёсати миллию давлатӣ бояд таркиби миллии аҳолӣ, анъанаҳои давлатдории миллӣ, таносуби аҳолии таҳҷоӣ ва омад, таркиби иҷтимоию синфии миллату халқиятҳо, урфу одат, анъанаҳо ва психологияи ҳамаи миллату халкиятҳои маскуни кишварро ба назар бигирад. Масъалаҳои анъанаҳои истеҳсолию меҳнат, шуғлварзии соҳавии онҳо низ аҳамияти муҳим дорад.

Дар шароити ҳозира такмили давлатдории миллӣ ва истиқлолияти давлатӣ: ҳимояи манфиатҳои ҳамаи миллату халқиятҳои баробарҳукуқу озодиҳо ва масъулияти онҳо, шароити мусоид барои инкишофи озоди фарҳанг ва забонҳои миллӣ; риояи таносуби кадрҳои миллӣ вобаста бо назардошти сифатҳои корию касбӣ дар сатҳи гуногун, ҷустуҷӯ ва амалигардонии роҳҳои самараноки ҳалли зиддиятҳои миллию интернатсионалӣ ва ғайраҳо ба вазифаҳои муҳими сиёсати миллӣ дохил мешавад.

Ҳамин тариқ, сиёсати миллӣ воситаи асосии такмили ҳамаҷонибаи муносибати миллӣ ба шумор меравад.

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО.

1. Дар бораи гуногунчеҳрагии миллию этникии олами муосир нақл кунед. 2. Кадом аломатҳои миллиро медонед? Миллатро таъриф диҳед. 3. Ибораи «масъалаи миллӣ»-ро шарҳ диҳед. 4. Принсипҳои ҳалли масъалаи миллиро номбар кунед ва шарҳ диҳед. 5. Ибораи «муносибатҳои миллӣ»-ро маънидод намоед. 6. Принсипи ҳуқуқи худмуайянкунии миллатҳоро шарҳ диҳед. 7. Кадом шаклҳои тамоюлҳои инкишофи муносибатҳои миллии замони муосирро медонед? 8. Кадом шаклҳои иттиҳодияҳои давлатии миллату халқиятҳоро медонед? 9. Вазифаҳои сиёсати миллии муосирро номбар намоед ва шарҳ диҳед. 10. Муносибати Шумо бо намояндагони миллату халқиятҳои дигар чи хел аст? Дар ин бора нақл намоед.

## § 42. СИЁСАТИ ДЕМОГРАФӢ

Олами муосир дар қатори масъалаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа равандҳо ва муносибатҳои демографиро ба мақоми муҳим бардоштааст. Равандҳо ва муносибатҳои демографӣ масъалаҳои мухталифи ҷомеа, аз ҷумла афзоиши мутаносиби аҳолӣ, зоиш, мурвиш, издивоҷ, қатъ гаштани никоҳ, мунтазам таҷдид гаштани он; оила; масъалаи занон ва ҷавонон, гурӯҳҳои дигари иҷтимоии ҷомеа ва масъалаҳои онҳо; ихтилоти муҳоҷирон ва ғайраҳоро дарбар мегиранд. Ҳамаи равандҳо ва муносибатҳои демографӣ ба тартиб андохта мешаванд ва такмил меёбанд. Сиёсати демографӣ амалест, ки аз тарафи унсурони системаи сиёсии ҷомеа, пеш аз ҳама давлат воқеӣ гардонида мешавад. Он воситаи зарурӣ барои таъсир расонидан ба масъалаҳои гуногуни аҳолӣ, оила, иштироки иҷтимоию демографӣ дар раванди истеҳсолот, тарбияи насли наврас ва нигоҳубини волидону пиронсолон, афзоиши фаъолияти меҳнатӣ ва ҳифзи саломатӣ, маишати одамон ва ғайраҳо ба шумор мераванд. Барои сиёсати демографӣ ҳамчун манбаъи фаъолият маълумотҳои барӯйхатгирии аҳолӣ ва ба ҳисоб гирифтани хосиятҳои назариявии масъала, баҳамалоқамандии инкишофи аҳолӣ ва тараққиёти иҷтимоию иқтисодии ҷомеа, ташаккулёбӣ ва истифодаи захираҳои меҳнатӣ ва ғайраҳо аҳамиятнок мебошанд.

Муайян намудани самти инкишофи аҳолӣ ва ба инобат гирифтани он қисми зарурии сиёсати демографиро ташкил медиҳад. Сиёсати демографӣ фақат аз таҷдиди аҳолӣ иборат нагаштааст. Он ҷузъиёти дигари аҳолӣ, аз қабили ҳиҷрати одамонро низ фаро мегирад.

Сиёсати демографӣ бояд анъанаҳо, урфу одат ва рафтори таърихии аҳолиро ба инобат гирад. Хусусиятҳои маҳаллӣ, минтақаҳо ва гурӯҳҳои аҳолӣ аз назар дур наафтанд. Дар соҳаи афзоиши аҳолӣ манфиатҳои аҳолӣ дар навбати аввал гузошта мешаванд. Барои ба фаъолияти меҳнатӣ пардохтани одамон шароит муҳайё сохта мешавад. Имконияти мавҷудияти шумораи дилхоҳи кӯдакон ва тарбияи онҳо пайдо карда мешавад. Сиёсати демографӣ ҳиҷрати самаранок ва мақсаднокро таъмин мегардонад.

Сиёсати демографӣ дар ҳамон ҳолат мусбат ва самаранок шумурда мешавад, ки ба воситаи сарфи ками неъматҳо ва риояи

қоидаҳои умумӣ навъи дилхоҳи таҷдиди аҳолӣ ба амал бароварда мешавад.

Дар рафти воқеъигардонии сиёсати демографӣ чорабиниҳо ва усулҳои гуногун истифода мегарданд. Онҳоро ба гурӯҳҳои зерин ҷудо мегардонанд:

— усулҳои иҷтимоию иқтисодӣ шароити ташаккулёбӣ ва инкишофи оиларо фаро мегирад. Вазъияти оиларо беҳтар мегардонад. Барои иҷрои вазифаҳои оила имкониятҳо муҳайё менамояд. Усули мазкур як навъ банақшагирии ҳаёти оила ба шумор меравад. Ба оила имтиёзҳое дода мешавад, ки ҳаҷми миёнаи хароҷоти оиларо дар нигоҳубини кӯдак мувофиқ гардонад. Ба оила вобаста ба шароити ҳар як мамлакат имтиёзҳои гуногун дода мешавад. Масалан, ёрдампулӣ ҳангоми таваллуди кӯдак, додани қарз ба навхонадорон, андозсупории имтиёзноки оилаҳо, ёрдампулӣ дар давраи пеш аз таваллуд ва баъди таваллуд.

Усулҳо ва чорбиниҳои ҳуқуқӣ бошанд, хосиятҳои манъкунӣ ё иҷозатдиҳӣ доранд. Аҳамияти калонро аз ин ҷиҳат қонунҳо оид ба ҳифзи ҳуқуқи модар ва кӯдакон, гурӯҳҳои махсуси аҳолӣ ташкил менамоянд. Ин гуна чорабиниро дар мисоли мушаххас — амали исқоти ҳамл низ дидан мумкин аст. Агар он ба манфиатҳои иқтисодӣ мувофиқ бошад, онро қонунҳо иҷозат медиҳанд. Агар ба манфиатҳои ҷомеа дар мухолифат бошад, он манъ карда мешавад.

Чорабиниҳо ва усулҳои тарбиявию психологӣ бошанд, ташвиқу тарғиби навъи оилаи зарури ҷамъиятӣ, ҳимояи саломатӣ, тарбияи кӯдакон, пирон ва ғайраҳоро фаро мегиранд.

Олами муосир равандҳо ва муносибатҳои демографиро дар сатҳи гуногун ва хосиятҳои мухталиф муаррифӣ менамояд. Яке аз хосиятҳои асосии муносибатҳо ва равандҳои демографиро афзоиши бемайлони аҳолии шаҳрҳо ташкил медиҳанд. Дар аввали асри XX шаҳрҳо фақат 10 фоизи аҳолии оламро гирд оварда буданд. Дар соли 1940 ин шумора ба 25 фоиз, соли 1950 ба 29 фоиз ва соли 1983 ба 41 фоиз расида буд. Ҳар соле дар натиҷаи инкишофи равандҳои урбанизатсионӣ аҳолии шаҳрҳо ба миқдори 0,5 фоиз меафзояд. Нақши шаҳрҳои «миллионер» хеле бузург гаштаанд, ки шумораи онҳо ба 209 адад расидааст.

Ҳиҷрати аҳолӣ низ дар равандҳои демографӣ нақши асосӣ дорад. Сабаби аз як макон ба макони дигар кӯч бастани одамонро

маҷмӯи зиддиятҳо ва масъалаҳои мухталифи иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсию фарҳангӣ, ахлоқию психологӣ ва ғайраҳо ташкил медиҳанд. Вобаста ба шароити кишварҳо ва вазъияти ҳаёти онҳо яке аз омилҳо нақши асосӣ мебозанд. Ҳоло ҳиҷрати аҳолӣ тамоюлҳои гуногунро соҳиб аст. Дар тамоми мамлакатҳои олам ҳиҷрати аҳолӣ дар инкишоф аст. Ҳатто, тезҳаракатии аҳолиро ба сифати хосияти мутараққии ҷомеа пазируфтаанд. Сатҳи иштирок намудани шаҳрвандони давлатҳои гуногун, миллату халқиятҳо ва умумиятҳои дигари иҷтимоӣ дар раванди муҳоҷират торафт ба ҳам наздик мегарданд. Ба ҳиҷрат бештар мардҳо, мутахассисон, шахсони қобили кор рӯ меоваранд. Аксар вақт ҳиҷрати одамон аз минтақаи анъанавии маскуншуда ба ноҳияҳои навобод сурат мегирад. Гӯё ин ноҳияҳои навобод имкониятҳои беҳтари ҳаёти хуррамро доранд ва ё оянда соҳиб мешаванд. Аҳолии деҳот низ дар ҳолатҳои муайян рӯ ба шаҳрҳо меоранд, сабабро бошад,бештар имкониятҳои беҳтари шаҳрҳо оид ба қонеъ гардонидани талаботи иҷтимоии одамон ташкил медиҳанд. Шаҳр нисбат ба деҳот бартариҳои зиёди қонеъ гардонидани талаботи одамон оид ба муассисаҳои равшаннамоӣ, такомули маънавӣ ва ғайраҳоро дорад. Тарзи ҳаёти шаҳр ба одамон дар истеҳсолот ва муомилот бисёр сабукиҳо низ пеш мегузорад. Аммо одамон инчунин аз шаҳр ба деҳот низ кӯч мебанданд. Ин раванд нисбатан сусттар ба амал меояд.

Дар олами муосир ҳиҷрати байналхалқӣ низ хеле ривоҷ ёфтааст. Он мамлакатҳои гуногунро фаро мегирад. Бештар, ҳиҷрат рӯ ба мамлакатҳои Европаи Ғарбӣ ниҳодааст ва муҳоҷиронро асосан, шахсоне, ки кор ҷустуҷӯ менамоянд, ташкил медиҳанд.

Ба равандҳои муҳоҷират бештар шахсони дорои ихтисоси баланд, зиёиёни эҷодкор ва ҷавонон рӯ меоваранд.

Яке аз шаклҳои ҳиҷрати одамонро муҳоҷирати сиёсӣ ташкил менамояд. Он асосан, касонеро фаро мегирад, ки дар вазъияти сиёсии ин ё он кишвар фаъолият гузаронида наметавонанд, ба мамлакати дилхоҳ фирор намуда, паноҳгоҳи сиёсӣ мепурсанд.

Яке аз равандҳо ва муносибатҳои муҳими демографӣ ҳолат ва инкишофи таркиби ҷинсии аҳолӣ мебошад. Дар олам шумораи мардҳо зиёд аст. Дар мамлакатҳои алоҳида бошад, шумораи зиёдро занҳо соҳибанд. Дар мамлакатҳои тараққикарда мардҳо дар де-

ҳот хеле зиёданд. Чунки сатҳи баланди механиконидашудаи истеҳсолоти хоҷагии деҳот инро талаб менамояд. Дар мамлакатҳои ақибмонда бошад, баръакс, дар деҳот асосан занҳо машғули коранд.

Таркиби синну соли аҳолӣ низ аҳамиятнок мебошад. Он ба тамоми равандҳои демографӣ таъсир мерасонад. Таҷдиди аҳолӣ аз сатҳи инкишофи иҷтимоию иқтисодии ҳар як мамлакат вобаста аст.

Оила дар сиёсати демографӣ мақоми махсус дорад. Сиёсати демографӣ мустаҳкамнамоӣ ва умуман, инкишофи оиларо яке аз вазифаҳои муҳими худ мешуморад. Оила гурӯҳи хурди ҷамъиятист, ки ба никоҳ асос ёфта, аъзоёни онро хешутабории хунин, умумияти маишат ва масъулияти байниҳамдигарӣ пайвастааст. Заминаҳои ташаккулёбӣ ва инкишофи оиларо талаботи ҷамъиятӣ ва қоидаҳои ахлоқӣ ташкил медиҳанд.

Оила моҳияти худро ба воситаи иҷрои як қатор вазифаҳо зоҳир менамояд. Яке аз вазифаҳои муҳими онро таваллуд ва тарбияи фарзандон ташкил медиҳад. Аз ҷиҳати моддӣ таъмин намудан низ ба вазифаҳои оила дохил мешаванд. Инчунин оиларо зарур аст, ки нигоҳубин ва эхтироми калонсолонро низ ба ӯҳдаи худ бигирад.

Оилаи муосир ду навъи асосӣ дорад: оилаи демократӣ ва оилаи авторитарӣ. Асоси оилаҳои демократиро тақсими нақшҳо вобаста ба сифатҳои шахсӣ ва қобилияти зану шавҳар, тақсими ихтиёрии вазифаҳо, тарбияи фарзандон ва ғайраҳо ташкил медиҳанд.

Хосияти асосии оилаи авторитариро бошад, итоати пурраи зан ба мард, интизоми қатъӣ дар муносибатҳои байниҳамдигарии волидон ва кӯдакон ташкил медиҳанд.

Дар равандҳои инкишофи оилаи муосир хусусиятҳои нав ба нав барҷаста мегарданд. Аз ҳарвақта дида муносибатҳои ҳуқуқӣ ба такмили оила бештар таъсир мерасонанд. Ба хосиятҳои шахсӣ рӯ овардан аҳамияти калонро соҳиб гашта истодааст. Дар гузашта никоҳ асосан бо хоҳиши волидон ба вуқӯъ мепайваст. Ҳоло бошад, никоҳ дар байни ҷавонон бештар хосияти мустақилона пайдо намудааст. Дар аввал муносибатҳои оилавии ҷавонон хосиятҳои эҳсосотии муносибатҳои шахсӣ баъдтар аҳамияти омилҳои иқтисодӣ нақши муайянкунанда доранд. Ҳоло, инчунин, муноси-

батҳои байниҳамдигарии ҷавонон ва калонсолон мураккаб гаштааст ва ин раванди мукаммалтареро мемонад.

Дар равандҳо ва муносибатҳои демографӣ ду тамоюли асосӣ вуҷуд дорад: «таркиши демографӣ» ва депопулятсия. «Таркиши демографӣ» афзоиши барзиёди аҳолиро ифода менамояд. Паст гаштани мурииш аз камшавии афзоиш хеле зиёд аст. Ин боиси афзоиши босуръати аҳолӣ мегардад.

Депопулятсия равандест, ки камшавии мутлақи аҳолӣ ё маҳдуд гаштани таҷдиди он, ки шумораи наслҳои оянда аз шумораи наслҳои ҳозираю гузашта кам аст, дарбар мегирад. Раванди депопулятсия ба сифати бӯҳрони демографӣ ба амал меояд. Он аксар натиҷаи ҷангҳо, эпидемияҳо, шароит ва вазъияти ҳаёти ҷомеа ба шумор меравад.

Ҳангоми амиқ дарк намудани равандҳо ва муносибатҳои демографӣ, рафтори демографии шахсони алоҳида, оила, гурӯҳҳои хурди аҳолӣ, умумиятҳои дигари миллию иҷтимоӣ ва аҳолии минтақаҳои алоҳида аҳамияти муҳимро касб менамоянд.

Рафтори демографӣ на танҳо таҷдиди аҳолӣ, балки ҳиҷрати одамон ва қобилияти иҷтимоиро низ дар бар мегирад. Дар сароmади он хосиятҳои физиологӣ ва психологии фард ва баҳамтаъсиррасонии онҳо, шароити фаъолияти ҳаётии одамон, қоидаҳои ахлоқӣ ва сарватҳои муҳити иҷтимоӣ меистанд.

Пешбининамоии демографӣ низ аҳамиятнок аст. Он шумора, таркиби синнусолӣ ва ҷинсият, ҳолати оилавии аҳолӣ, афзоиш, мурииш, муҳоҷират ва дигар ҳодисаҳоро дарбар мегирад. Пешбининамоии демографӣ ба қонуниятҳои умумии инкишофи аҳолӣ, баҳисобгирии тамоюлҳои асосии таҷдиди аҳолӣ дар давраи наздиктарини таърихӣ, инкишофи равандҳои урбанизатсионӣ, афзоиши сатҳи маълумотнокӣ ва маънавии аҳолӣ; паст гаштани мурииш ва афзун гаштани дарозумрӣ, тадриҷан аз байн рафтани анъанаи бисёрфарзандӣ, тағйири вазифаҳои оила, афзудани тезҳаракатии иҷтимоӣ, ҳиҷрати аҳолӣ ва ғайраҳо такя менамояд.

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО.

1. Дар бораи муносибатҳои демографӣ мухтасар маълумот диҳед. 2. Сиёсати демографӣ чист? 3. Кадом чорабиниҳо ва усулҳои вокеигардии сиёсати демографиро медонед? 4. Дар бораи равандҳои урбанизатсионӣ чӣ

медонед? 5. Ҳиҷрати аҳолӣ дар олам ва Тоҷикистони муосир кадом хосиятҳои асосиро дорост? 6. Мақоми оиларо дар сиёсати демографӣ шарҳ диҳед? 7. Дар бораи ду тамоюли муносибатҳои демографӣ чӣ медонед? 8. Раванди пешбинии демографӣ чӣ аҳамият дорад?

## § 43. МУНОСИБАТИ СИЁСАТ БО ДИН

Муносибати байниҳамдигарии сиёсат ва дин ба ҷумлаи масъалаҳои рӯзмарраи муосир дохил мешавад. Равандҳо ва муносибатҳои нави ҷомеа ин гурӯҳи муносибатҳоро, ки ба таври махсус манфиатҳои одамонро инъикос менамоянд, низ тағйироти куллӣ бахшидаанд. Солиёни зиёде бо сабаби аз ҳам ҷудо будани давлат ва калисо, мактаб ва дин, инчунин диктатураи идеологӣ робитаҳои мутақобилаи сиёсат ва дин канда буданд. Дин ба фаъолияти ҳаёти ҷомеа таъсири зарурӣ расонида наметавонист. Дин дар таркиби муносибатҳои ҷомеаи сотсиалистӣ ҷои худро наёфт. Ташкилотҳои динӣ ба фаъолияти маҳдуди худ маҷбуран қаноат менамуданд. Фаъолияти идеологии онҳо хеле заиф буда, аз чорчӯбаи қонун баромада наметавонист. Аксар вақт ташкилотҳои динӣ дар зери таъсири муассисаҳои динӣ монда буданд ва дар фаъолияти худ дастурҳои онҳоро ба роҳбарӣ мегирифтанд. Иттиҳодияҳои динӣ ҳатто ба ташвиқу тарғиби тарзи ҳаёти сотсиалистӣ машғул мегаштанд.

Шароити ҳозира бисёр ҳодисаҳоро тобиши нав дод. Аз ҷумла, имконияти беҳтари муносибатҳои байни сиёсат ва дин пайдо гашт. Ба сиёсат унсурони алоҳидаи дин ворид гаштанд, таъсири сиёсат ба дин ва ташкилотҳои динӣ афзуд. Ҳолати ба куллӣ тағйир ёфтани авзои сиёсию иҷтимоии мавҷудияти дин имкониятҳои таъсиррасонии онро ба сиёсат афзун намуданд.

Олимони ҷомеашинос масъалаҳои робитаҳои мутақобилаи сиёсат ва динро мавриди тадқиқи ҳамаҷониба қарор доданд. Дин ҳамчун системаи муайяни тасаввуротҳо, кайфият ва фаъолият буда, аз қисмҳои асосии зерин таркиб ёфтааст:

I. Шуури динӣ, ки аз идеологияи динӣ ва психологияи динӣ таркиб ёфтааст.

Идеологияи динӣ аз таълимоти илоҳӣ, фалсафӣ, ахлоқӣ ва ғайраҳо таркиб ёфтааст. Яке аз унсурони муҳими идеологияи ди-

ниро таълимоти ичтимоӣ ташкил медиҳад. Он ба китобҳои динӣ такя менамояд. Таълимоти ичтимоии динӣ ба воситаи асарҳои динӣ, тафсирҳо, ташвику тарғиби ҳомиёни дин, фатвоҳои ташкилотҳои динӣ ва дигар ҳуччатҳои расмӣ такмил дода мешавад. Таълимоти ичтимоии динӣ низ ба сифати инъикоси назариявии ҳаракати мазлумон ва хосияти умумидошта зоҳир мегардад. Таълимоти ичтимоии динӣ, низ барои халосӣ аз қашшоқию бенавоӣ мубориза мебарад. Аз хотире, ки асоси онро догмаҳои динӣ ташкил медиҳанд, чунин хулосаро дар ҳаёти ондунёӣ мебинад.

Дин фақат аз эътиқод ба худо, ҳаёти ондунёӣ ва бачоории урфу одатҳо таркиб наёфтааст. Бисёр ҳолатҳое мешаванд, ки таълимоти ичтимоии дин ақлу ҳуши одамонро ба худ мекашад ва ба одамон ва муносибатҳои байниҳамдигарии онҳо таъсир мерасонад. Дин ба ҳодисаю равандҳои олам баҳо медиҳад, воситаи дарки онҳо мегардад ва муносибатҳои одамонро ба тартиб меандозад.

II. Фаъолияти динӣ, ки бачоовари ҳаргуна маросимҳо ва урфу одатҳои диниро дар бар мегирад.

III. Ташкилотҳои динӣ, ки мураттаб сохтан ва идораи равандҳои бачо овардани маросимҳо ва урфу одатҳои диниро вазифаи худ мешуморанд.

Дар муносибатҳои байниҳамдигарии давлат, унсурони дигари системаи сиёсии чомеа ва дину ташкилотҳои динӣ давраҳои пурихтилоф ва зиддиятнок хеле зиёд буд. Муносибатҳои байниҳамдигарии дин ва давлату мақомоти ҳизбӣ бояд дар асоси декрети моҳи январи соли 1918 “Дар бораи чудоии калисо аз давлат ва мактаб аз калисо” мураттаб мегардид. Қабули декрети мазкур бори аввал имконияти расмию ҳуқуқии интихоби озоди муносибат бо дин ва умуман, озодии вичдонро ба амал оварда буд. Аммо дар воқеъияти чамъиятӣ бошад, қоидаҳои декрети мазкур аксар вақт амали худро намеёфтанд. Вазифаи барҳам задани эътиқоди динӣ, таъқиби дин ва диндорон аз фаҳмиши марксистии дин, аз принсипи ленинии таъмини ваҳдати диндорон ва ғайридиндорон баҳри навсозии инқилобии чомеа хеле дур буд. Аммо бо мурури замон муносибат ба фаъолияти динӣ тағйир ёфтан мегирифт. Вобаста ба шароитҳои муайян ташкилотҳои динӣ фаъолият мегузарониданд. Озодии вичдон, ки яке аз чиҳатҳои асосии Конститутсияи ИЧШС

буд, асосан риоя мегашт. Махсусан, аз охири солҳои 1970-ум сар карда муносибати давлат ва мақомоти ҳизбӣ ба дин, ташкилотҳои динӣ ва фаъолияти динӣ хеле ҳамвор гардид.

Дар шароити ҳозираи муносибатҳои байниҳамдигарии сиёсат ва дин ду тамоюли асосӣ вуҷуд дорад.

1. Рӯоварии сиёсат ба дин. Ҳанӯз дар таҳрири нави Барномаи ҲКИШ муносибат бо дин тобиши нав пайдо намуда буд. Таъкид карда мешуд, ки хурофотҳои динӣ фақат ба воситаи таъсиррасонии ғоявӣ бартараф карда шаванд. Дар натиҷаи тағйири муносибат бо дин ва ташкилоҳои динӣ дар ҳуҷҷатҳои солҳои охири ҳизбию давлатӣ диққати асосӣ ба фароҳамоварии шароити мусоид барои фаъолияти диндорон дода мешавад.

1 октябри соли 1990 қонун "Дар бораи озодии виҷдон ва ташкилотҳои динӣ" қабул гардид, ки таҷассуми ҳуқуқии сиёсати нав нисбати дин ва ташкилотҳои динӣ буд. Гарчанде, ки аз принсипи асосӣ ҷудо будани калисо аз давлат ва мактаб аз калисо бетағйир монда бошад ҳам, дар масъалаҳои дигар тағйироти куллӣ ба амал омаданд. Ҳуқуқ ва манфиатҳои ташкилотҳои динӣ ва диндорон ҳамаҷониба ҳимоя карда мешаванд. Аммо дар бораи ҳуқуқи атеистон, ғайридиндорон ва тарғиботи атеистӣ чизе гуфта намешавад. Чуноне ки солҳои пешин манфиатҳои диндорон ва ҳуқуқҳои онҳо ба сатҳи зарурӣ қадр карда намешуданд, ҳоло бошад, атеизм ва атеистонро ҳимоя намудан номумкин гаштааст. Чунин муносибат – аз як канор ба канори дигар барои ҷомеа натиҷаҳои хуб намеорад. Дар Тоҷикистон соли 1994 Қонун "Дар бораи дин ва ташкилотҳои динӣ" ва иловаҳо аз таърихи 12 майи соли 2001 қабул гардидааст. Он ҳамаи талаботҳои ҳуҷҷатҳои муҳимтарини сиёсии байналхалқиро оид ба ҳуқуқи инсон, озодии афкор, виҷдон, дин ва эътиқод ба инобат гирифтааст. Қонуни мазкур муносибатҳои байни давлат ва иттиҳодияҳои динӣ, ҷамоаҳо ва мазҳабҳоро танзим менамояд.

Дар шароити ҳозира аксар вақт масъалаҳои динӣ ба манфиатҳои умумиятҳои алоҳидаи иҷтимоӣ ва шахсони муайян истифода мегарданд. Ташкилотҳои динӣ ва сарварони он кӯшиш менамоянд, ки масъалаҳоро ба фоидаи худ ҳал намоянд. Аз маком ва накши дин дар ҷомеа ва ҳаёти иҷтимоӣ истифода бурда, ба фаъолияти ғайридинӣ бештар шуғл меварзанд. Кӯшиш менамоянд, ки ҳар чӣ

бештар мақомоти ҳокимияти давлатӣ нисбати дин ва ташкилотҳои динӣ мавқеи дилхохро ишғол намоянд. Дар фаъолияти сиёсии омма, ҳалли масъалаҳои ҳаёти сиёсии ҷомеа, дин ва ташкилотҳои диниро бештар ҷалб намоянд.

2. Сиёсигардонии дин, ки дар шаклҳои иштироки ходимони дин ва ташкилотҳои динӣ дар фаъолияти сиёсӣ; ташаккулёбӣ ва инкишофи ҳаракатҳо ва ҳизбҳои сиёсӣ дар асосҳои динӣ воқеъ мегардад. Ҳодисаю равандҳои ҳаёти ҷомеа, махсусан ҳаёти сиёсиро ходимони дин ба фоидаи худ истифода менамоянд. Ба оммаи мардум бештар ҳангоми маъракаҳои сиёсӣ таъсир мерасонанд. Талабҳои гуногун пешниҳод менамоянд. Худро муҳофизони манфиатҳои оммаи заҳматкашон ба қалам дода, барои ақлу хуши одамон мубориза мебаранд. Дар мақомоти қонунбарор ҷо гирифта, манфиатҳои ташкилотҳои динӣ ва худро ҳимоя менамоянд. Кӯшиш мекунанд, ки масъалаҳои диниро бештар ва хубтар ҳал намуда таъсири динро дар ҷомеа афзун намоянд. Барои ин аз роҳу воситаҳои гуногун истифода менамоянд. Масалан, онҳо талаб доранд, ки дар мактабҳо омӯзиши ҳатмии дин ҷорӣ гардад. Қоидаҳои динии оилавӣ эҳё шаванд ва монанди инҳо.

Дар марҳалаи муосири инкишофи ҷомеа дар аксарияти мамлакатҳо, бахусус собиқ ҷумҳуриҳои шӯравӣ созмонҳо ва ҷараёнҳои гуногуни динӣ пурқувват гаштанд ва рӯ ба ҳокимият оварданд. Дар Тоҷикистон низ ташкилот ва ҷараёнҳои динӣ нумӯъ ёфтанд ва ба фаъолияти пуравҷи сиёсӣ машғул гаштанд. Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон аз ҳамин қабил аст.

Ҳамин тариқ, робитаи мутақобилаи байни сиёсат ва дин вуҷуд дорад. Инкишофи он аз мақом ва нақши равандҳо, ташкилот ва муассисаҳои гуногуни ҳаёти сиёсӣ вобаста аст. Раванди демократиконии ҳаёти ҷомеа метавонад ин робитаҳоро густариш диҳад.

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО.

1.Дар бораи мақоми дин дар ҷомеа нақл намоед. 2. Таркиби динро номбар кунед. 3. Дар бораи идеология ва психологияи динӣ чӣ медонед? 4. Фаъолияти динӣ чист? 5. Ташкилотҳои динӣ кадомҳоянд ва кадом вазифаҳоро иҷро менамоянд? 6. Принсипи озодии виҷдонро шарҳ диҳед. 7. Тамоюлҳои асосии муносибатҳои байниҳамдигарии сиёсат ва динро номбар ва маънидод намоед. 8. Дар ҳаёти шумо дин чӣ гуна нақш дорад?

## § 44. СИЁСАТИ ХОРИҶӢ ВА МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛХАЛҚӢ.

Дар ҳаёти сиёсии ҷомеа ва муносибатҳои одамон дар сатҳи гуногун мақом ва нақши сиёсати хориҷӣ барҷаста аст. Он воситаи танзими на танҳо муносибатҳои байналхалқӣ ва робитаҳои байни кишварҳо, балки омили муҳими пешрафти ҳаёти дохилии кишвар низ ба ҳисоб меравад. Сиёсати хориҷӣ ҳамаи унсурони ҷомеаро ба худ мекашад. Аммо объекти асосии сиёсати хориҷӣ муносибатҳои байналхалқӣ аст. Моҳият ва мазмуни муносибатҳои байналхалкиро сиёсат ва муносибатҳои сиёсӣ ташкил медиҳанд. Асоси муносибатҳои байналхалкиро муносибатҳои байнидавлатӣ мураттаб месозанд. Муносибатҳои байналхалқӣ чун падидаҳои дигари инкишофи ҷомеаи ҷаҳонӣ хосиятҳои махсус доранд, ки онро аз дигар шаклҳои муносибатҳои иҷтимоӣ ҷудо месозад. Хосиятҳои асосии муносибатҳои байналхалқӣ пеш аз ҳама, аз масъалаи ҷанг ва сулҳ, санъат, дипломатия, стратегия ва тактикае, ки муносибатҳои байни давлатҳоро муайян менамоянд, бармеоянд.

Муносибатҳои байналхалқӣ новобаста аз макону замони бавуқӯъоӣ омӯзиш ва хулосагирии махсусро талаб дорад. Ҳангоми омӯзиш ва дарки амиқи муносибатҳои байналхалқӣ тамоми ҳодисаю падидаҳои сиёсии бавуқӯъоянда таҳлили ҳамаҷониба мебинанд. Дар байни муносибатҳои байнидавлатӣ ва байнишахсӣ фарқе гузошта намешавад ва ҳама масъалаҳои хурду калон муносибати хоссаро тақозо доранд.

Объекти асосии муносибатҳои байналхалқӣ ба сиёсати хориҷии давлатҳо наздик аст. Аммо объекти муносибатҳои байналхалқӣ фақат аз масъалаҳои сиёсати хориҷӣ таркиб наёфтааст. Муносибатҳое низ ба доираи нуфузи он дохил мешаванд, ки бештар ба хосияти дохилидавлатӣ тааллуқ доранд ва дар воҳидҳои томи маъмурию сиёсӣ ташаккул ёфтаанд. Тамоми аҳли ҷомеаи башарӣ ба рушду нумӯъи муносибатҳои байналхалқӣ манфиатдор аст. Вақте ки ҷанг ва сулҳ ба сифати масъалаҳои асосии муносибатҳои байналхалқӣ амал менамоянд, он хоху нохоҳ ҳамаи одамонро ба вартаи хеш мекашад.

Асрҳои аср масъалаи ҷангу сулҳ ақлу ҳуши одамонро ба худ кашида буд. Одамон роҳу воситаи барҳам задани ҷанг ва истиқрори сулҳи доимиро меҷустанд. Аммо инсоният боз рӯ ба ҷанг меовард. Месӯхт, месӯзонид, нобуд месохт, ба куштори якдигар даст мезад. Инсоният ба ҳама бузургиаш роҳи ҷангро баста натавонист. Дар олами муосир гарчанде, ки муносибатҳои байналхалқӣ самти нави инкишофро соҳиб гашта бошанд ҳам, хатари ҷанг, аз байн нарафтааст. Аз ин хотир, масъалаи мубориза бар зидди ҷанг барои сулҳи доимӣ бояд мақсад ва мазмуни фаъолияти соҳаи дипломатияро ташкил диҳад. Чунки мубориза бар зидди ҷанг манфиати миллии ҳамаи субъектҳои муносибатҳои байналхалқӣ ба шумор меравад. Давлате вуҷуд надорад, ки ҷанг ба фоидаи он бошад. Аз дигар тараф, ҷанг ҳоло ба куллӣ хосияти нав пайдо кардааст. Истифодаи яроқи қатлиом ва махсусан, яроқи ядроию термоядроӣ боиси зарари беҳудуди ҷонию моддӣ мегардад. Ҷанг ҳатто давлати ҷангҷӯйро низ нобуд месозад.

Муносибатҳои байналхалқӣ дар сиёсати хориҷии давлатҳо ва дигар воҳидҳои маъмурию умумиятҳои миллию этникӣ таҷассуми худро меёбанд. Сиёсати хориҷӣ самти инкишоф ва роҳи муайяншудаи давлат дар фаъолияти байналхалқӣ мебошад, ки муносибатҳои давлати мазкурро бо давлатҳои дигар вобаста ба принсипҳо ва мақсадҳои он, ки ба воситаи шаклҳо ва усулҳои гуногун ба амал бароварда мешавад, ба тартиб меандозад.

Сиёсати хориҷӣ қисми таркибии сиёсати давлат ва ҷомеа мебошад. Дар ҳолатҳое шаклҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ ба якдигар омехта мегарданд ва ҳатто, дар мавридҳои муайян аз ҳам ҷудо намудани онҳо хеле мушкил аст. Аммо дар ҳолати рушду нумӯъи ҷомеа ва кишвардорӣ бартарии сиёсати дохилӣ намоён аст ва нисбати сиёсати берунӣ нақши муайянкунандаро мебозад. Сиёсати хориҷӣ як навъ ифодакунанда ва ҳимоягари манфиатҳои миллию давлатӣ ба ҳисоб меравад.

Сиёсати хориҷӣ хосиятҳои асосии зеринро дорад:

1. Амалӣ гаштани сиёсати хориҷии мамлакатҳо ба давраи муайяни инкишофи муносибатҳои байналхалқӣ ва ҳолати мушаххас вобаста аст.

2. Давлат дар сиёсати хориҷӣ бояд манфиатҳои давлатҳои дигарро низ ба инобат гирад. Муваффақиятҳои хориҷии давлат ба

мувофиқоихо ба манфиатҳои давлатҳои дигар пайвастааст. Ҳар як давлат, ки хешро дар қатори давлатҳои мутамаддин медонаду тартиботи муқарраршудаи байналхалқиро эътироф намудааст, бояд ӯҳдадориҳои байналхалқиро иҷро намояд.

3. Дар фаъолияти хориҷии давлат бояд эътироф ва риояи принсипи бартарии арзишҳои умумибашарӣ нисбати арзишҳои махсус мақоми хосса дошта бошад. Сиёсати хориҷии давлатҳо мақсади амиқи мушаххас дорад. Он, пеш аз ҳама, ба таъмини амнияти миллӣ (давлат) нигаронида шудааст. Афзун намудани иқтидори ҳарбӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ ба мақсадҳои асосии сиёсати хориҷии давлат дохиланд. Сиёсати хориҷӣ ба он равона карда мешавад ки дар арсаи байналхалқӣ таъсиру нуфузи давлат афзун гардад.

Сиёсати хориҷӣ фаъолияти мақсадноки берунии давлат аст, ки он ба ҳимояи манфиатҳои миллӣ он асос ёфта бештар вазифаҳои ҳимояи кишвар аз таҳдиди нерӯҳои аҷнабӣ, намояндагӣ намудан дар кишварҳои хориҷӣ ва муносибатҳои тиҷоратию иқтисодӣ ва фарҳангию ҳамкориҳои дигари байналхалқиро ташаккулу танзим намуда, ба субут мерасонад.

Давлат сиёсати хориҷиро ба воситаҳои мухталиф амалӣ мегардонад. Пеш аз ҳама ба воситаҳои байналхалқӣ ва зерсистемаи асосии он – сиёсати хориҷӣ субъектҳои гуногунро аз шахсони алоҳида сар карда то ба ҳокимияти давлатӣ дар бар мегирад.

Тамоми субъектҳои муносибатҳои байналхалқиро шартан ба ду гурӯҳ тақсим менамоянд.

1. Субъектҳои миллӣ ва ё дохилидавлатӣ. Ба ин гурӯҳ ҳамаи умумиятҳое дохил мешаванд, ки ташкилотҳои дохилидавлатию дохилимиллӣ ё коллективҳои бисёрэтникиро ташкил менамоянд.

2. Субъектҳои интернационалӣ. Ба ин гурӯҳ иттифоқҳои гуногуни байни давлатҳо дохил мешаванд. Мамлакатҳои Ҳафтгонаи бузург, Хазинаи байналхалқии асъор, Созмони ҳамкорӣ ва амният дар Аврупо, ҳаракати ҳамроҳнашавӣ ба блокҳо ва ғайраҳо аз ҳамин қабиланд.

Муносибатҳои байналхалқӣ дар макон ва замон ва сатҳи гуногун ба амал меоянд. Таснифи онҳо барои дарки амиқашон ёрӣ мерасонад. Ҳоло бештар муносибатҳои байналхалқиро ба 4 навъ тақсим менамоянд.

1. Навъи классикӣ. Навъи мазкур ба принсипи баробарии қувваҳо такя менамояд. Он дар таърихи садсолаи охири Аврупо бартарӣ дошт. Шумораи зиёди давлатҳои мустақил мавҷуд буданд. Дар байни онҳо робитаҳои муттасил мавҷуд буданд. Дар соҳаҳои мухталифи ҳаёт ҳамкорӣ надоштанд ва дар байни онҳо ҳеҷгуна мақомоти расмии байналхалқӣ мавҷуд набуд. Тамоми давлатҳо барои ҳимояи манфиатҳо ба нерӯҳои худ такя менамуданд. Асоси муносибатҳои байни давлатҳоро эътирофи тарафайн ва риояи соҳибихтиёрии давлатҳо ташкил медод.

Навъи мазкури муносибатҳои байналхалқӣ хосияти доимӣ ва муттасилро соҳиб шуд. Зеро давлате, ки қувваи зиёдтар пайдо менамуд, метавонист ҷангро оғоз намуда, ҳолати мувозанатро барҳам диҳад ва таносуби қувваҳоро ба фоидаи худ анҷом диҳад.

2. Навъи сиёсат аз "мавқеи зӯрӣ" ё "ҷанги сард". Ин навъи муносибатҳои байналхалқӣ зодаи асри XX аст. Он низ як қатор хосиятҳоро дорост, ки аз навъҳои дигар тафовут дорад:

а) Муносибатҳои хосияти умумидошта сохторҳои сиёсию ҷамъиятии ду гурӯҳи мамлакатҳоро фаро мегиранд, ки дар байни онҳо аз ҷиҳати иқтисодӣ дар сохти давлатӣ тафовут мавҷуд аст.

б) Муттаҳид гаштани қувваҳои ҳарбии давлатҳои сохти сиёсиашон наздик дар атрофи ду давлати бузург ва ё дар атрофи давлатҳое, ки дар сатҳи минтақавӣ хосиятҳои бузургдавлатиро соҳибанд.

в) Назорат аз рӯи муносибатҳои байнидавлатӣ аз тарафи давлатҳои бузурги ҷаҳонӣ ва минтақавӣ.

г) Паст гардидани сатҳи иштироки давлатҳои бетараф ва миёна дар ҳалли муносибатҳои байналхалқӣ, пеш аз ҳама, дар масъалаҳои ҷанг ва сулҳ.

3. Навъи "Фаъоли "ҳамзистии осоишта" ки муносибати баробару озоди байни давлатҳои гуногунро талаб дорад. Истиснои ҳаргуна идеология. Муносибатҳои байниҳамдигарии давлатҳо.

4.Навъи сиёсати ҳамроҳнашавӣ ба блокҳо, ки дорои хосиятҳои зерин мебошад.

а) Дар истиснои рӯовариҳои идеологӣ ҳангоми ҳалли масъалаҳои байни давлатҳо ва масъалаҳои хосияти умумибашарӣ дошта, махсусан ҳангоми ҳалли масъалаҳои сиёсӣ.

б) Дар асоси манфиатҳои миллии кишвар интихоби роҳи инкишоф ва муносибат бо давлатҳои дигар.

в) Дар муносибатҳои байналхалқӣ ба ҳеҷ як қуввае ё гурӯҳе ҳамроҳ нагашта, сиёсати озоду мустақил бурдан ва арзишҳои демократию тамаддуни пешқадамро ба роҳбарӣ гирифтан.

Муносибатҳои байналхалқӣ дар шаклҳои гуногун зоҳир мегарданд. Ба ин ҷумла шаклҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, маданӣ, иҷтимоӣ, илмию техникӣ, идеологӣ, ҳарбию стратегӣ ва ғайраҳо дохил мешаванд. Дар навбати худ ҳар яке аз шаклҳои мазкур дорои хусусиятҳои худ мебошанд. Аз ҷумла шакли сиёсӣ, хелҳои ҳуқуқи дипломатӣ, протоколи ташкилотӣ, шакли иқтисодӣ, хелҳои савдою молиявӣ, қарзи шакли идеологӣ, хелҳои диверсия, ҷанги психологӣ, шакли ҳарбию стратегӣ, хелҳои гуногуни ҳамкории қувваҳо ва блокҳои ҳарбӣ ва ғайраҳоро соҳибанд. Шакли иҷтимоии муносибатҳои байналхалқӣ хелҳои зиёд ва гуногунро соҳиб аст. Алоқаҳои байналхалқӣ, конференсияҳои илмӣ, симпозиумҳо, сафари санъаткорон, ҳунармандон ва эҷодкорони дигар, фаъолияти байналхалқӣ, гирдиҳамоиҳо дар сафоратхонаҳо, дар инқилобҳо дар муносибатҳо бо давлатҳои хориҷӣ баҳамалоқамандӣ ва баҳамтаъсиррасонии байналхалқӣ, мусаллаҳшавии бошитоби давлатҳо, ярокпартоӣ ва ғайраҳо.

Муносибатҳои байналхалқӣ дар сатҳи гуногун ба амал меоянд. Аммо аҳамияти умумиро бештар муносибатҳои умумиҷаҳонӣ, байниминтақавӣ, минтақавӣ ва маҳдуду дутарафа пайдо намудаанд. Ҳар яке аз ин сатҳи муносибатҳои байналхалқӣ дорои объект ва субъектҳои худ мебошанд.

Дар замони муосир дар сатҳи арзишӣ дар муносибатҳои байналхалқӣ падидаҳои нав ташаккул ёфтаанд, ки самти инкишофи муносибатҳо ва сатҳи онҳоро дигаргун намудаанд. Махсусан тафаккури нави сиёсӣ ва воқеъӣ гаштани он падидаи ҷолибтарини ҷомеаи ҷаҳонӣ ба шумор меравад. Моҳият он аст, ки арзишҳои миллӣ ва махсус бартарӣ пайдо менамоянд. Дар муносибати байналхалқӣ арзишҳои идеологӣ аҳамияташонро аз даст доданд. Кишварҳо аз рақобати носолим даст кашида, рӯ ба ҳамкорӣ ва дифои ҷомеаи ҷаҳонӣ овардаанд. Кӯшиши ҳалли масъалаҳои умумиҷаҳоние, ки ба мавҷудияти одаму олам хатар доранд, менамоянд. Аммо, мутаассифона, ин ҳақиқати

бебаҳо на ҳама вақт ба инобат гирифта мешавад. Мамлакатҳо ва қувваҳои сиёсӣ ба ҳодисаю падидаҳои олам, пеш аз ҳама, аз рӯи баҳисобгирии манфиатҳои худ муносибат менамоянд.

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО.

1. Мафҳумҳои "муносибатҳои байналхалқӣ" ва "сиёсати хориҷӣ"-ро маънидод намоед. 2. Хосиятҳои асосии сиёсати хориҷиро номбар кунед. 3. Кадом вазифаҳои сиёсати хориҷии давлатиро медонед? 4. Субъектҳои муносибатҳои байналхалқӣ кадомҳоянд? Онҳоро шарҳ диҳед. 5. Навъҳои муносибатҳои байналхалқиро номбар кунед ва шарҳ диҳед. 6. Дар бораи шаклҳои муносибатҳои байналхалқӣ маълумот диҳед. 7. Дар бораи бурду бохти сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон нақл кунед.

# ФАСЛИ 5
# МАДАНИЯТИ ҶОМЕА

## 45. МАДАНИЯТШИНОСӢ

Ба омӯзиши масъалаҳои мухталифи маданият илми маданиятшиносӣ машғул аст. Тавассути тадқиқотҳои сершумор предмет, объекти омӯзиш, мақсад, вазифаҳо, методология, таркиб ва мазмуну мундариҷаи маданиятшиносӣ муайян гардида, баҳри ҳалли масъалаҳои фарҳангии рушди ҷомеа дастурҳои муфид пешниҳод гардидаанд.

**Аҳамияти илми маданиятшиносӣ**. Маданияти ҷомеа ба сифати предмети омӯзиш қарор гирифтааст, зеро он падидаи махсусест, ки аз тарафи инсон ошкор, идрок ва омӯхта шуда, тартиб ва қонуниятҳои он диниста мешаванд. Зимнан ин хосиятҳои маданиятшиносӣ дар амали дониста гирифтани асрори ҷомеа ва гули сари сабади он – инсон мақом ва муносибати ӯ ба падидаҳои дигари ҷомеа, аз қабили санъат, илм, дин ва ғайраҳо кӯмак менамоянд.

Маданиятшиносӣ олами маънавии инсонро тадқиқ менамояд, таҳкурсии мадании фарҳангу ҷаҳонбинии инсонро меомӯзад. Маданиятшиносӣ фақат илм барои маданият набуда, балки он илмест, ки барои фаҳмонидани тартиби рушду камоли маданияти инсон ва ҷомеа муайян гардидааст. Он қобилияти фардро фаъол мегардонад ва ба ӯ имконият фароҳам меоварад, ки бунёдкори муҳити мутамаддини ҷомеа бошад. Он муҳите, ки пеш аз ҳама, ба инсон хизмат менамояд.

Маданиятшиносӣ инсонро ҳамчун як таркиби мадании зинда меомӯзад. Он ташаккули олами ботинии инсонро омӯхта, мусаввада ё худ нақшаи ақлии шахсиятро месозад. Дар маданият-

шиносӣ инсон дар образи пурра ташаккулёфта инъикос наёфта, балки дар образҳои ҳамдигарро ивазкунандаю муттасил тағйирёбандаи шахсиятҳои бо сифатҳо ва хосиятҳои нав ғанигардида таҷассум меёбад.

Маданиятшиносӣ ба робитаи тафаккур ва эҳсос бо фарҳанг аҳамияти калон медиҳад. Одам аз ҳайвон бо тафаккури худ фарқ мекунад. Тафаккури инсон қобилияти аҷиб дорад. Вай завқҳои табиӣ (инстинкт)-ро нексиришт карда, онҳоро ба ҳиссиёти инсонӣ табдил медиҳад. Дар навбати худ ҳиссиёт одамро аз ҳайвон фарқ мекунонад. Аз ин рӯ, бо ҳамин шарҳи мухтасари маданиятшиносӣ мо метавонем бигӯем, ки ҳаёти маънавии инсон танҳо аз ду ҷузъи таркибӣ иборат аст. Онҳо эҳсос ва тафаккур ном доранд. Ҳайвонот бошанд, аз эҳсосот маҳруманд. Онҳо танҳо завқи табиӣ доранду халос.

Агар тафаккур одамро аз ҳайвон фарқ кунонад, пас ҳиссиёт як одамро аз одами дигар фарқ мекунонад. Ҳиссиёт хосияти инфиродии инсон аст. Яъне ҳар як шахс ҳиссиёти хосаи худро дорост. Маданият ва маълумоти гуногун дар бораи онро тавассути забон, мактуб, ахборот ва ғайра ба одамони зиёд додану расонидан мумкин аст, вале ҳиссиёти ҳар як фард аз они худи ӯ аст. Он такрорнашаванда, фавқулодда ва инфиродӣ мебошад ва биноан ба касе дода намешавад.

Кадом ҳодиса заминаи ташаккули тафаккур мегардад? Ҷавоб ба ин савол яктост: маданият воситаи ташаккули тафаккур мебошад. Танҳо одаме, ки дорои фарҳанги баланд аст, метавонад бошуурона амал кунад ва хулқу атворашро дар тарозуи ақл баркашад, ба кору бор, фаъолият ва ахлоқи худ аз назари танқид баҳо бидиҳад, дар назди хеш мақсадҳои муайян гузошта, роҳу воситаҳои ба онҳо ноилшавиро ҷустуҷӯ карда ёбад ва дар ҳаёташ воқеъӣ гардонад.

Дар рафти бунёди ашёҳо, иншоотҳо ва дигар воситаҳои дигари маданият, такомули дониш, ҷаҳонбинӣ, ақида ва ғайра одам худро ҳамчун фарди бомаданият меофарад. Ӯ арзишҳои маданиро бунёд намуда, тавассути онҳо дониш ва маданияти умумии хешро ташаккул медиҳад ва ғанӣ мегардонад.

Одам дар муҳити гуногуни маданӣ сукунат дорад. Ӯро тамоми умр муассисаҳои гуногуни маданӣ–мактабҳо, қасрҳои фа-

рҳанг, кинотеатрҳо, театрҳо, филармонияҳо, ҷорабиниҳои маданӣ, намоишгоҳҳо, осорхонаҳо, бойгониҳо, китобхонаҳо, радио, телевизион, ёдгориҳои маданияти моддӣ, илму фарҳанг ва ғайра иҳота кардаанд. Ин муҳит дар тарбия ва ташаккули шахсияти инсон саҳми босазо мегузорад.

Пешрафти ҷомеа ба инкишофи соҳаҳои мухталифи илм вобаста аст. Аз ҷумла маданиятшиносӣ ҳамчун олоти боз кардан ва фаҳмонидани тараққиёти маънавии ҷомеа, воситаи самараноки худогоҳии шахс, ҳама гуна умумияти иҷтимоӣ шуда хизмат мекунад. Аз ин лиҳоз, аҳамияти маданиятшиносӣ дар рушду камоли ҷомеа хеле бузург аст.




Хусусиятҳои таърихии инкишофи ҷомеаи ҷаҳонӣ ва аз ҷумла ҷомеаи Тоҷикистон аҳамияти маданиятшиносиро барҷаста нишон медиҳад. Адабиёти классикӣ, музаффариятҳои олимону мутафаккирон ва санъати пурбаҳои ниёгон хазинаи азими маънавист.




Онҳо барои пешрафти фарҳанги муосир ва ояндаи кишвар арзиши бебаҳоянд. Маданиятшиносӣ дар кори ба мардум, аз он ҷумла, насли ҷавон шиносонидани маданият, ташаккули маънавию мадании шахс ва ҷомеаи мо саҳми босазое мегузорад. Илмҳои гуногуни муосир дар давраҳои гуногуни таърихӣ ба миён омада, ҳар кадом ҷузъҳои таркибии фарҳанги имрӯзаро ташкил намуда, ба инсон ва ҷомеа хизмат карда истодаанд. Маданиятшиносӣ, ки дар нимаи дуюми асри XX ташаккул ёфтааст, аз ҷумлаи илмҳои ҷавонтарин аст. Сарфи назар аз ин он тамоми қисмҳои таркибии маданиятро дар худ муттаҳид сохта, онҳоро барои такомули мадании шахс ва рушди ҷомеа омода месозад ва дар ин роҳ саҳм мегирад.

Дар байни одамон маданият ба сифати унсуре баромад менамояд, ки васлгари мақсади онҳо аст. Маданият халқҳоро бо ҳам мепайвандад. Аз тарафи дигар, тафаккури одамон, кирдору

фаъолияти онҳо беназири (феномен)-и маданият хусусияти хоси инсон ва ниҳоят, ифодаи маданият мебошад.

**Вазифаҳои фарҳанг**. Маданиятшиносӣ фарҳангро ҳамроҳи ягона ва нодири пешрафти инсон ва тамаддуни он мешуморад. Ин ҳақиқатро одамони бофарҳанг ва мардуми ҷомеаи мутамаддин хуб медонанд. Маҳз бо ҳамин сабаб дар мамолики пешқадам сатҳи илму фарҳанги инсон ва ҷомеа баланд аст. Дар мамлакате, ки ба масъалаҳои маданият аҳамияти зарурӣ дода намешавад, он ногузир таназзул ёфта, аз олами мутамаддин ҷудо мешавад ва ба мамлакати ақибмонда мубаддал мегардад. Шарти муҳимтарини воридшавии шахс ва ҷомеа ба тамаддун рушду камоли фарҳангии онҳо мебошад.

Вазифаҳои фарҳанг дар ташаккули шахс ва ҷомеа мақоми пайвасткунандаро иҷро намуда, инсонро узви фаъоли ҷомеа мегардонад. Дар баробари ин маҳз бо шарофати фарҳанг шахс ҳамчун фарди дорои хислатҳои наҷиб ба ҳаёти ҷамъиятӣ ворид мегардад. Шарти мухимтарини воридшавии шахс ва ҷомеа ба тамаддун рушду камоли фарҳангии онҳо мебошад.

Вазифаҳои фарҳанг дар ташаккули шахс ниҳоят бузург аст. Вай дар байни шахс ва ҷомеа мақоми пайвасткунандаро иҷро намуда, инсонро узви фаъоли ҷомеа мегардонад. Дар баробари ин маҳз бо шарофати фарҳанг шахс ҳамчун фарди дорои хислатҳои наҷиб ба ҳаёти ҷамъиятӣ ворид мегардад. Ба нақшае, ки вазифаҳои фарҳангро инъикос менамояд, назар андозед:

Яке аз вазифаҳои мухимтарини фарҳанг амалӣ гардонидани мақсади ҳаётии одам мебошад. Дар робита ба ин масъала дар кадом ҷабҳаи ҳаёт ва фаъолияте ки бошад, ба чунин саволҳои маълум ҷавоб додан лозим меояд. Мақсади зиндагӣ чист? Барои расидан ба мақсади хеш чӣ бояд кард? Тавассути фарҳанг ба ин саволҳо ҷавобҳои амиқ ёфтан мумкин аст. Аз тариқи фарҳанг одам худро мешиносад, заминаҳои дурнамои арзишҳои маданиро сохта, дар асоси онҳо ба олам аз нав назар карда, онро дурусттар фаҳмида мегирад. Дар ин сурат болоравӣ ба зинаҳои такомул ва озодшавии маънавию иҷтимоии ӯ сурат мегирад. Хуллас, рафти ниҳоят мураккаби ташаккули зиндагии хешро бе тахкурсии устувор ва ҳаматарафаи фарҳанг тасаввур кардан амри муҳол аст.

**САВОЛ ВА СУПОРИШҲО.**

1. Маданиятшиносӣ чист? 2. Маданиятшиносӣ ба инсон ва ҷомеа чи робита дорад? 3. Кадом сифатҳо инсонро аз ҳайвонот фарқ мекунонанд? 4. Инсон дар кадом муҳит зиндагонӣ мекунад? 5. Ҷадвалро шарҳу эзоҳ диҳед. 6. Маданиятшиносӣ кай ба вуҷуд омадааст? 7. Беэътиноӣ ба маданият чӣ оқибатҳо дорад? 8. Дар бораи вазифаҳои фарҳанг чиҳо гуфта метавонед? 9. Аз нақша вазифаҳои фарҳангро маънидод кунед. 10. Оё оиди мавзӯъ хулосаҳои худро доред? Онҳоро баён кунед.

## § 46. МАЗМУН ВА МАҚОМИ МАДАНИЯТ

**Мафҳуми «маданият».** Дар раванди муносибатҳои фардию ҷамъиятии одамон истилоҳи «маданият» васеъ истифода мегардад. Он истилоҳест, ки дар муайян намудани меъёрҳои ахлоқӣ, сифатҳои гуногуни шахс, пешрафти ҷомеа, давраҳои таърихӣ, соҳаҳои гуногуни фаъолияти меҳнатии инсон хизмат мекунад. Ибораҳои «шахси бомаданият», «маданияти сухангӯӣ», «маданияти муошират», «маданияти меҳмондорӣ», «маданияти экологӣ», «маданияти миллӣ», «маданияти шарқӣ», «маданияти ғарбӣ», «маданияти ҳуқуқӣ», «маданияти зироатпарварӣ», «маданияти пахтапарварӣ», «маданияти соҳибкорӣ» аз ҷумлаи инҳоянд. Ҳар яке аз ин ибораҳо дорои маънои муайяне мебошанд. Шахси бомаданият саводи баланд дорад ва бомаърифат аст. Ӯ аз илму фарҳанг хуб бохабар мебошад. Одоби муоширатро медонад ва онро риоя мекунад. Хушгуфтор буда, бо аҳли байт, хешу табор, ҳамсояю ҳамкорон ва ҳамаи одамони дигар хушмуомила аст. Барои такмили ҷаҳонбинии худ муттасил ҷидду ҷаҳд мекунад. Ё ки мегирем «маданияти экологӣ»-ро. Шахс ва ё ҷомеае, ки маданияти баланди экологӣ дорад, шаҳру деҳот, муҳити зист, дарёю кӯлҳо ва обанборҳоро тоза нигоҳ медорад, кабудизорҳоро нест накарда, онҳоро афзун мегардонад, ба ҳайвонот ва наботот ғамхорона муносибат мекунад. Тамоми чораҳоро меандешад, то ки табиат ва муҳити зист ҳифз карда шаванд.

Тавассути ин ду мисол ҳам ахлоқу ҳам сифати шахсу ҷомеаро дарк менамоем. Ибораҳои «маданияти миллӣ», «маданияти халқи тоҷик», «маданияти шарқӣ», «маданияти ғарбӣ», «маданияти соҳибкорӣ» ва ғайраҳо бошанд, ба ҳолату пешрафти фарҳангҳои номбурда ва тафовути байни онҳо марбутанд.

Дар радифи ибораи «маданият» дар баъзе мамлакатҳои Шарқ ибораи «культура» низ истифода бурда мешавад. Ин истилоҳ то давраи нав дар Аврупо дар мавриди фаъолияти меҳнатии одамон, масалан, ба кишту кор шуғл варзидани онҳо истифода бурда мешуд. Вале бо мурури замон, аниқтараш дар асри XVIII истилоҳи «культура»-ро мардуми ин қитъа ва баъдтар мардуми қитъаҳои дигари ҷаҳон низ дар маънои имрӯзааш, яъне дар маънои «маданият» истифода мебурдагӣ шуданд ва он бо ҳамин маънӣ то замони мо омада расидааст.

Истилоҳи «маданият» дар Шарк таърихи хоса дорад. Он калимаи арабӣ буда, дар давраи аввали асрҳои миёна дар Арабистон ба вуҷуд омадааст. Маънои онвақтааш шаҳрдорию шаҳри ободу зебо буда, бо номи шаҳри Мадина алоқаманд аст. Яъне истилоҳи илмии «маданият» аз номи шаҳри Мадина пайдо шудааст. Арабҳо шаҳрҳои калону ободу зебои дорои биноҳои мӯҳташам ва иншоотҳои дигари бузургу дилкаш ва мафтункунандаро дар пайравии Мадина «Мадоин» меномиданд. Ба мо маълум аст, ки онҳо пойтахти қадими эрониён шаҳри Тайсафунро ҳам ҳамин тавр меномиданд.

Дар мамолики Шарқи қадим ҳаёти шаҳрӣ ва шаҳриён бо ибораҳои «маданият», «фарҳанг» ва «тамаддун» ҳаммаъно буданд. Он аз нақши барҷастаи шаҳрҳо дар ҳаёти сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангии ҷомеаи шарқӣ шаҳодат медиҳад.

Дар фаҳмиши муосираш «маданият» гуфта дар якҷоягӣ ифода намудани арзишҳои моддӣ ва маънавиро меноманд, ки инсоният онҳоро дар рафти фаъолияти амалию ҷамъиятии худ офаридааст. Маданият дастовардҳои моддӣ ва маънавиест, ки аҳли башар ба онҳо дар ин ва ё он зинаи рушди ҷомеа муваффақ шудааст. Ҳар як марҳалаи таърихӣ дараҷаи сифатии маданияти худро дорост. Табиист, ки маданияти қадим оғози маданияти умумиинсонӣ буда, маданияти марҳалаҳои минбаъдаи таърихӣ дар ҳолати пайдарҳамӣ яке аз дигараш зинаи баландтари маданияти башарро ифода мекунад. Истилоҳи «маданият» ченаки пешрафти инсоният мебошад. Он меъёри муайян намудан ва баҳо додан ба марҳалаи инкишофи таърихии умумиятҳои иҷтимоӣ мебошад. Сатҳи инкишофи маданӣ як навъ таҷассуми инкишофи субъект

ё объектҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ ва умумиятҳои таърихан ташаккулёфта мебошад.

Мафҳуми «маданият» нисбати ҳам шахс ва ҳам ҷомеа истифода мегардад. Мо фард ва ҷомеаи мушаххасро «маданиятнок» ва ё дорои «маданияти баланд» гуфта метавонем. Ба шарте, ки онҳо ба чунин баҳо сазовор бошанд. Агар ба талаботи маданиятнокӣ ҷавоб дода натавонанд, онҳоро «бемаданият» ва ё дорои «маданияти паст» меномем.

**Истифодаи мафҳуми «маданият».** Мафҳуми «маданият»-ро дар маънохои гуногун истифода мебаранд. Мафҳуми мазкур барои ба кулли соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятию сиёсӣ, иқтисодию иҷтимоӣ баҳо додан истифода мегардад. Тавассути он мо метавонем ба нерӯҳои истеҳсолкунанда ё муносибатҳои истеҳсолӣ, ҷузъҳои таркибии онҳо, вазъи иҷтимоию фарҳангӣ ва ахлоқию ҳуқуқии ҷомеа баҳо диҳем ва сатҳи маданиятнокию фарҳангии онро муайян намоем.

Ҳар як соҳаи ҳаёти ҷомеа, он хоҳ истеҳсолӣ бошад ва хоҳ ғайриистеҳсолӣ дорои маданияти хос аст. Масалан, маданияти зироаткорӣ гуфта дараҷаи пешрафти илмию техникии зироатпарварӣ, маданияти ҳуқуқӣ гуфта ҳолати ҳуқуқии ҷомеа, сатҳи ҳуқуқдонию ҳуқуқриоякунии шаҳрвандон ва аз тарафи давлат ҳифз карда шудани ҳуқуқҳои онҳоро дар назар дорад.

Маданияти сиёсӣ системаи сиёсии ҷомеа, сатҳи сиёсатфаҳмию сиёсатофаринии шахс ва шаҳрвандон, роҳбарони гуногунмақоми ҷомеа дар назар дошта мешавад. Оид ба соҳаҳои дигари фаъолияти шахс ва ҳаёти ҷомеа низ, ҳамин тариқ, аз назари маданият баҳо додан мумкин аст.

Чӣ тавре ки мебинед, дар маънии васеъ мафҳуми «маданият» ҳолати ҷамъиятию сиёсӣ, иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеаро ифода мекунад ва истифодаи он мувофиқи мақсад аст.



Субъекти асосӣ ва бунёдгари маданият фард ва инсоният мебошанд. Бе фаъолияти онҳо маданият ташаккул ва инкишоф намеёбад. Аз ин хотир, мафҳуми «маданият» бо мафҳуми «ҳаёт ва эҷодиёти шахс» ҳаммаъно гардидааст.

Дар зери мафхуми «маданият» фаъолияти бунёдгарию дигаргунсозии табиат ва ҷомеа дар назар дошта мешавад, зеро маҳз инсон тавассути фаъолияти босуботи хеш арзишҳои моддию маънавии ҷомеаро бунёд месозад ва инкишоф медиҳад.

Мафхуми «маданият» дар ҳар мавриди фаъолият ва зиндагии мардум истифода мешавад. Ба чанд мисол муроҷиат мекунем.

Мо ба консерти ягон хунарпеша рафта, дар бораи сифати санъати ӯ тасаввурот пайдо мекунем. Ҳунари ӯ ба мо хоҳ маъқул шавад ва хоҳ не, дар ҳар ҳолат ба он баҳо медиҳем. Агар ҳунарманд санъати баланд нишон диҳад, мегӯем, ки маданияти ҳунарпеша баланд аст. Агар ӯ камҳунарӣ зоҳир намояд ва моро қонеъ карда натавонад, мегӯем, ки маданияти ҳунарпеша на он қадар баланд будааст. Ҳамин тариқ, ба маҳорати хунарпеша тавассути ин сатҳи истифодаи мафҳуми «маданият» баҳо медиҳем.

Мисоли дигар. Шахсе дар нақлиёти мусофиркаши ҷамъиятӣ аз дигарон пештар ба собиқадори ҷанг ва меҳнат ҷой медиҳад ва бо як илтифоти хосае дар нишастан ба ӯ ёрӣ мерасонад. Аз ин кирдори нек ҳам собиқадор хурсанд шуда, миннатдорӣ изҳор менамояд ва ҳам худи ҷавон аз кардаи хеш қаноатманд мегардад. Ҳозирин бошанд, ба ҷавон назари нек намуда, тахминан аз тариқи ибораҳои «ҷавонмарди хуб ва дорои ахлоқу маданияти баланди инсонӣ будааст» ба некӯкории ӯ баҳо медиҳанд. Дар ин маврид, ки он ифодаи ахлоқист, низ тавассути мафҳуми «маданият» баҳо дода шуд.

Мисоли сеюм. Шахсе дар яке аз кӯчаҳои шаҳри Душанбе дарахти сояафканеро азми буридан кард, ки тифоқо роҳгузаре аз кирдори ношоями ӯ бохабар шуд. Вай бозистод ва дарҳол аз он кас пурсон шуд, ки оё вай дар бораи буридани дарахт аз идораи дахлдор ягон ҳуҷҷат дорад. Маълум шуд, ки он шахс дарахтро худсарона бурида истодааст. Аз ин сабаб роҳгузар талаб кард, ки дарахтро набурад, вагарна ӯ дар ин бора ба нозирини умури дохила хабар хоҳад дод. Дарахтбур аз ҷазо тарсида, аз баҳри буридани дарахт гузашта, ба сӯи хонааш равон шуд.

Мардум манзараи бахси дарахтбур ва роҳгузарро мушоҳида карда, иброз доштанд, ки дарахтбур шахси бераҳму бадахлоқ ва бемаданият будааст. Ин ҷо тавассути истилоҳи «бемаданият» ба кирдори зишти дарахтбур баҳои зарурӣ дода шуд.

**Мақоми маданият.** Маданиятро ҳамчун лабораторияи мӯҳташаме тасаввур кардан мумкин аст, ки арзишҳои бузурги маънавии инсоният — мактабу маориф, урфу одат, тарзи зиндагӣ, фалсафа, ахлоқ, ҳуқуқ, дин ва ғайраҳоро гирд овардааст. Ба мақом ва нақши маданият олимони зиёде баҳо додаанд. Таваҷҷӯх намоед ба чандтои онҳо. Яке маданиятро системаи доимо-инкишофёбандаи арзишҳои маданӣ ва рафти фаъолияти эҷодии инсон меномад. Олими дигаре мегӯяд, ки маданият дар худ ҷисми иҷтимоии ташаккулёбандаро таҷассум менамояд, ки он нафас мекашад, инкишоф ва тағйир меёбад. Сеюмин маданиятро ҳамчун дастоварди муҳимтарини моддӣ ва маънавии инсоният дар даврахои гуногун ва муайяни таърихӣ медонад. Чорумин маданиятро воситаи муҳимтарини тарбияи шахс мешуморад ва ғайраҳо.

Тавассути шарҳу эзоҳи олимони маданиятшинос ба сурати иҷтимоӣ, симои маънавӣ ва нерӯҳои мутаҳаррики дохилии маданият баҳо додан мумкин аст. Ҳамаи ин баҳодиҳиҳоро ба маданият ҷамъбаст намуда, гуфтан лозим аст, ки маданият аз ҷиҳати мақоми худ дар ҷомеа бо сиёсат, иқтисодиёт ва иҷтимоиёт дар як сатҳ меистад. (Ба нақша нигаред).

Ҳамон вақте ҷомеа мутамаддин шуда метавонад, ки он аз ҷумла маданиятро дар пояи баланди ба он сазовори тараққиёт мегузорад ва ба шаҳрвандон ба таври воқеӣ ҳуқуқи аз худ намудани маданиятро медиҳад, ҷомеа имконият фароҳам меоварад, ки фард маданиятро дар ихтиёри худ дошта бошад, то ки вай худро бунёдкор ва соҳиби маданият эҳсос кунад, тавассути он такомул ёбад, қобилияти хешро ошкор намояд ва шахси фаъоли ҷомеа шавад.

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО.

1. Мафҳуми «маданият»-ро шарҳ диҳед. Он кай ва чӣ тавр пайдо шудааст? 2. Мафҳуми «маданият» бо чӣ алоқаманд аст? 3. Мафҳуми «маданият»-ро тавассути нақшаи дар мавзӯъ овардашуда шарҳ диҳед. 4. Истилоҳи «мада-

ният» дар кадом ҳолатҳо истифода бурда мешавад? 5. Истилоҳи «культура» чӣ маънӣ дорад? 6. Мақоми фардро дар бунёди маданият ва рушду камоли он муайян кунед. 7. Олимон ба маданият чӣ тавр баҳо додаанд? 8. Аз мисолҳои дар матн додашуда хулосаҳо бароред. 9. Дар бораи мақоми маданият дар ҷомеа чиҳо гуфта метавонед? 10. Фикри худро дар бораи маданият баён намоед.

## § 47. МАДАНИЯТ ВА ТАМАДДУН

**Тафовут ва айнияти маданият ва тамаддун**. Пеш аз он ки мо дар бораи тафовут ва айнияти маданият ва тамаддун сухан ронем, бояд муайян созем, ки онҳо чи маънӣ доранд ва чиҳоро дарбар мегиранд. Маданият аз маданияти моддӣ ва маънавӣ иборат аст. Ба маданияти моддӣ олоти корӣ, манзил, биноҳо, иншоотҳо, корхонаҳо, техника, воситаҳои нақлиёт, алоқа, силоҳ, ашёҳои рӯзгор ва амсоли инҳо дохиланд. Ба маданияти маънавӣ бошад, забон, адабиёт, ахлоқ, афкор, илм, санъат, дин, урфу одатҳо, анъанаҳо ва ғайраҳо марбутанд. Лекин дар байни ду қисмати маданият на ҳама вақт сарҳади қатъӣ вуҷуд дорад. Маданияти моддӣ дар худ маданияти маънавиро ҳам таҷассум менамояд ва маданияти маънавӣ низ тавассути маданияти моддӣ ифода меёбад.

Маданият моҳияти иҷтимоӣ дорад. Маданият як қисми тамаддунро инъикос намуда, дар он предмети «худ»-ро ифода менамояд. Ба таври дигар гӯем, тамаддун бе маданият ва маданият бе тамаддун вуҷуд дошта наметавонад. Аммо ҳар кадоми онҳо предмети омӯзиши худро доранд.

Тамаддун сатҳи умумии пешрафт ва ҳолати мушаххаси ҷомеаро ифода менамояд. Вай қисмҳои таркибии худро дошта, ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ва ҳатто унсурҳои гуногуни он давлат, сохти давлатӣ, тарзи идоракунии ҷомеа, тарзи истеҳсолот, таркиби иҷтимоии ҷомеа, тарзи ҳаёти одамон ва ғайраҳоро дарбар мегирад.

Агар маданият ҳолати маданиии ҷомеаро ифода кунад, пас тамаддун пешрафти умумии кишварро ифода менамояд. Тамаддун маънои онро дорад, ки мамлакат ба авҷи инкишофи худ муваффақ шудааст ва мардум аз музаффариятҳои он баҳравар аст, давлат ва аъзоёни ҷомеа сазовори якдигаранд. Чунин кишвардорӣ ибрати ҳамзамонон ва наслҳои оянда мегардад.

Мо аз тамаддунҳои гузашта асосан тавассути маданияти онҳо маълумот гирифтаем, яъне дар айни замон, ёдгориҳои маданият ҳамчун инъикоси тамаддуни онҳо хизмат мекунанд. Масалан, манораи Бобул, хати мехӣ ва ибодатхонаҳои Моҳтоб аз сатҳи тамаддуни Байнаннаҳрайн дарак медиҳанд. Аҳроми Хеопс, Абулҳавл ва Минои Искандария аз сатҳи баланди тамаддуни Мисри давраи фиръавнҳо маълумот медиҳанд. Тавассути онҳо имрӯз одамон мефаҳманд, ки илму фарҳанги Байнаннаҳрайн ва Мисри қадим чӣ тавр тараққӣ карда будааст. Агар Миср сатҳи нокифояи тамаддунро соҳиб мебуд, дар он ҷо чунин иншоотҳои ғайриоддӣ ва бузург сохта намешуданд. Тамаддун маданияти ба худ хосро ба вуҷуд меоварад ва маданият, дар навбати худ, ташаккулдиҳандаи тамаддун мебошад. Онҳо ба пешрафти ҳамдигар таъсири мусбат мерасонанд.

Вақте, ки мо давлате ё ҷомеаеро мешунавем, ки он мутамаддин нест, пас давлате дар назар дошта мешавад, ки баръакси арзишҳои мутамаддин вуҷуд дорад. Яъне он адолатпеша, инсондӯст, ҳуқуқбунёд ва демократӣ нест. Дар он ҷо ҳуқуқҳои инсон поймол карда мешаванд. Давлат мардумро муҳофизат намекунад. Давлатҳои тоталитарии муосир аз рӯи ҳамин меъёр давлатҳои мутамаддин набуданд ва нестанд. Дар олами муосир ҳам давлатҳои ғайримутамаддин ҳастанд. Вале рафти ҷараёни таърихӣ, пешрафту пешомади оламро тамаддун муайян месозад. Давлатҳои ғайримутамаддини ҷаҳон паи ҳам ба роҳи мутамаддини тараққиёт ворид мешаванд. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ аз қабили онҳост.

**Пайдоиши тамаддун**. Пайдошавии тамаддун аз пайдошавии давлат оғоз мeёбад. Лекин на ҳамаи давлатҳо хосияти мутамаддинро доранд. Ҷомеаи мутамаддин дар мамлакате ташаккул меёбад, ки марказиятнок ва низоми пурзӯри сиёсӣ дошта бошад.

Таърих гувоҳ аст, ки дар давлатҳо ва ё минтақаҳое, ки дар замони қадим ва асрҳои миёна тамаддунҳо ташаккул ёфта буданд, сохти сиёсиашон мутлақ ё худ истибдодӣ буд. Сарвари чунин мамлакат ҳокимияти мутамарказро бо дастгоҳи пурзӯри давлат ва лашкари пуриқтидор ташкил мекард. Давлат тиҷорат, ҳунармандӣ, маориф, истеҳсоли силоҳ, маъдан ва ғайраи барои давлат муҳимро ба дасти худ мегирифт. Муомилоти пулию молӣ,

гумрук, боҷу хироҷ ва андозситониро ба тартиб медаровард. Барои муҳофизати кишвар давлат нерӯи зарурии ҳарбӣ дошт.

Вале ин омилҳо яку якбора ба пайдоиши тамаддун оварда намерасонанд. Барои ин шароити табиию ҷуғрофӣ, ҷамъиятию сиёсӣ, динию фарҳангӣ ва халқи бунёдкори тамаддун ва мӯҳлати дуру дарози таърихӣ лозим аст.

Ғайр аз ин дар ҳамон ҷое ва дар ҳамон вақте тамаддун ба вуҷуд омада, тараққӣ кардааст, ки дар ҷомеа муддати дуру дароз ваҳдати миллӣ ҳукмрон будааст, ҷангҳои дохилӣ набуданд, ки мардумро хору зор ва мамлакатро хароб кунанд. Хазинаи давлатӣ барои таҳкими дастгоҳи давлатӣ, қувваҳои мусаллаҳ, ободонии мамлакат ва рушду камоли илму фарҳанг харҷ карда мешуд. Дар ин ҳолат давлат чунон пурзӯр мешуд, ки он аз хавфи ҳуҷуми истилогарони хориҷӣ эмин мемонд. Дар ин гуна шароит тамаддун бемайлон ташаккул ёфтан мегирифт.

Вақте ки сухан аз боби таназзули тамаддун меравад, мо бояд саволи бо кадом сабабҳо тамаддунҳо барҳам мехӯранд, ҷавоб гардонем. Тамаддунҳо худ аз худ барҳам намехӯранд. Онҳо бо сабабҳои дохилӣ ва хориҷӣ аз байн мераванд. Сабаби асосии барҳамхӯрии онҳо сустшавии системаи сиёсӣ ва пеш аз ҳама, идораи мутамаркази давлат мебошад. Сустшавии идораи мутамаркази давлат ба сарбардории ҳокимони ҷудоиталаби маҳалу музофотҳо оварда, боиси пурқувввату пойдоршавии ҳокимияти маҳаллӣ, пайдошавии сарҳадҳои дохилӣ ва дастаҳои мусаллаҳи ба ҳокимияти марказӣ итоатнакунанда, бурдани сиёсати ғайри фаъоли маҳаллӣ, ба инобат нагирифтану риоя накардани тартиботи давлатии марказӣ ва унсурҳои дигари номатлуб сабаб мешавад. Ҳамаи ин ҳокимияти марказиро ноустувор ва заиф мегардонад, яъне раванди барҳамхӯрии тамаддун дар дохили давлат сурат мегирад.

Мумкин дар худи ҳамин замон тамаддунҳои дигар ташаккул ёфтаанд. Яке бо дигаре дар ҳолати рақобат ва ҳатто моҷаро қарор мегирад. Яке дигареро мағлуб менамояд.

Вале на ҳама вақт барҳамхӯрии тамаддун дар зери фишори тамаддуни дигар сурат мегирад. Муносибатҳои байни ҳамдигарии одамон, робита бо ҳодисаҳои дигари олам низ метавонанд ба сифати омили таназзули тамаддун баромад намоянд.

**Мақоми дин дар ташаккули тамаддун**. Тамаддун ба дин алоқаи бовосита дорад. Дар он дин ҳамчун идеологияи расмӣ баромад карда, ваҳдати ҷомеаро таъмин менамояд. Дин на танҳо ин корро иҷро менамояд, балки он ба пешрафти маданият ва касбу ҳунар ҳам ёрӣ мерасонад.

Дар мавриди муайян дин асоси ташаккули тамаддунро ташкил медиҳад. Дар ҷараёни таърихӣ дар рақобати байниҳамдигарӣ ду тамаддун ба вуҷуд омад, ки онҳоро имрӯз мо тамаддуни ислом ва тамаддуни насронӣ меномем. Ҳар яке аз ин тамаддунҳо дар таърих нақши бузурги худро гузоштаанд.

Тамаддуни ислом дар асри VII рӯ ба рушду камол ниҳода, дар асрҳои VIII-X ба авҷи тараққиёти худ расидааст. Тамаддуни насронӣ аз асрҳои XII-XIII сар карда аз нав рӯ ба инкишоф ниҳода, дар асрҳои XV-XVII гул- гул мешукуфад. Ин тамаддунро дар Ғарб Ренесанс (Эҳё) меномиданд. Дар давраи тамаддуни он Ғарб ба илму фарҳанги атиқа рӯ меоварад. Ибодатхонаҳо, қасрҳо, коххои илму фарҳанг, шаҳрҳои ободу зебо ва давлатҳои пуриқтидор бунёд карда мешаванд. Мануфактураҳо, бонкҳо, муносибатҳои сармоядорӣ ба миён меоянд. Маданияти бузурги Эҳё тавлид меёбад ва кашфиётҳои бузурги ҷуғрофӣ ба амал меоянд. Олимон маданияти атиқаро ҳаматарафа омӯхта, дар бораи онҳо асарҳои ҷолиб офарида, онҳоро дар байни мардум ташвиқу тарғиб мекарданд.

Дар замони Эҳё аз тарафи дини насронӣ таблиғ намудани илму фарҳанг, меҳнати бунёдкорона, эҳёи анъанаҳои беҳтарини маданияти атиқа ва баргардонидани мулкҳое, ки мусулмонон забт карда буданд, мақоми хоса пайдо намуданд. Мартабаи Папаи Рим ниҳоят баланд шуд.

Пеш аз асрҳои XII-XIII калисои насронӣ давлат, ҷомеа ва мардумро аз маданияти атиқа, аз иштироки фаъолонаи мардум дар эҳёи маданият ва рушди истеҳсолот боздошта буд. Тамоми тартиботи ҷомеа, аз ҷумла масъалаҳои соф дунёвиро ба ихтиёри худ гирифта, мардумро маҷбур менамуд, ки кӯр-кӯрона ба он эътиқод намоянд. Аз охирҳои давраи Эҳё сар карда тамаддуни насронӣ дар Ғарб ба ҳамқадами замон табдил ёфта, дар ташаккули тамаддуни умумиғарбӣ ва баъд ҷомеаи ҷаҳонӣ саҳми калон мегузорад. Аз замони оғози тамаддуни Эҳё сар карда тамаддуни насронӣ ба

муваффакиятҳои бузург ноил гардидааст. Сабабаш он буд, ки калисои насронӣ тавонист, ки динро ба талаботи ҷомеа мувофиқ кунонад.

Дини ислом дар давраҳои аввали пайдоиши худ барои илму фарҳанг роҳи васеъ кушод. Баъди таназзули Хилофати Араб ва пурра барҳам хӯрдани он ба ин дин хурофоти зиёд дохил шуд, ки ба пешравии фарҳанг ва иқтисоду тиҷорат монеа ба вуҷуд овард.

Дар асри XIX ва хусусан дар асри XX ислом ҳам аз нав рӯ ба рушди ҷомеа овард. Дини ислом ҳам зарурати омӯхтани илмҳои ғайриилоҳӣ, азбар кардани комёбиҳои илму техника ва фарҳанги ҷаҳонро таъкид мекунад. Вале он чи ки дар зарфи 1000 сол аз даст дода шудааст, дар як муддати кӯтоҳ аз нав барқарор кардан ва ба муваффақиятҳои бузург ноил шудан кори мушкил аст.

Асри XX асри тамаддуни насронӣ ва асри тамаддуни ғарбӣ аст. Музаффариятҳои ин тамаддун ба мамлакатҳои Осиё, Африқо, Австралия ва Америкаи Лотинӣ ҳам роҳ ёфтаанд. Яъне ҳоло тамоми ҷаҳон аз дастовардҳои маданияти ғарбӣ баҳравар гардидааст.

Дар соҳаҳои гуногуни илму техника (аз асри XVI сар карда) қариб ҳамаи кашфиётҳои асосӣ, ихтироот дар Европа ва ё Америка тавлид ёфтаанд. Мануфактура, бонк, фабрика, завод, комбинат, поезд, роҳҳои оҳан, нерӯи барқӣ, нерӯи ҳаставӣ (атом), наклиёти ҳавоӣ, телефон, радио, синамо, телевизион ва ғайра шаҳодати ин гуфтаҳоянд.

Олимон тахмин мекунанд, ки дар асри XXI рақобат асосан байни дини ислом ва насрония сурат мегирад. Онҳо таъкид мекунанд, ки дар баробари дар мамлакатҳои мусулмони Шарқ паҳн гардидани дастовардҳои илму техникаи Ғарб мардуми ин минтақа ба решаҳои таърихию маънавии худ баргашта истодаанд. Яъне эҳёи динию миллии онҳо аз нав оғоз ёфтааст. Дар як қатор мамлакатҳои Шарқ ҳаракатҳои исломӣ комёбиҳои илмию техникии асри XX-ро дар ҳаёт татбиқ менамоянд. Онҳо инчунин дар бунёди тамаддуни умумиҷаҳонии муосир саҳм мегузоранд.

**Тамаддунҳо чӣ доданд?** Ҳар як тамаддун барои башарият ягон музаффарият ва ё нишонаи чашмрасе боқӣ мегузорад. Тамаддуни Чини қадим ба наслҳои оянда Конфусий, коғаз, Садди Бузурги Чин, канали Бузурги ҳавзаи дарёҳои Янтси ва Хуанхэ

ва Роҳи Абрешимро, тамаддуни Ҳиндустони қадим рақамҳо, сифр, Буддо, тиб ва динҳои буддоияю ҳиндуияро, тамаддуни Байнаннаҳрайн қонунҳои Ҳамураппи, Боғи Муаллақ, Манораи Бобул, тақвими бобулӣ, ситорашиносӣ, Дарвозаи Иштар, Ибодатхонаи Худои Моҳтоб ва деворҳои тавассути нақши муқарнас ороишдодашудаи Бобулро, тамаддуни Мисри қадим мақбараҳои фиръавнҳо, аҳромҳо, Аҳроми Хеопс, Абулҳавл, Минои Искандария, иншоотҳои обёрикунӣ, тиб, мӯмиёи ҷасад, илмҳои ситорашиносӣ ва риёзиёт, тамаддуни Ҳахоманишиҳо Куруш, Дорои 1, аввалин империяи ҷаҳонӣ, қӯшуни пурзӯри типи нав ва санъати пешқадами форсро, тамаддуни Юнони қадим сохти ғуломдорӣ, тарзи демократии идораи давлат, акропол, тиҷорат, театр, Бозиҳои Олимпӣ, маданияти эллинӣ, аз он ҷумла илм ва олимони бузургро, тамаддуни Рим шаҳри Рим, Форум, Палатин, сохти ғуломдории Рим, сохти подшоҳии Рим, сохти ҷумҳуриявии Рим, истилоҳҳои илмӣ, сенат, дини насронӣ ва ҳуқуқи Римро. Яъне ҳар як тамаддун ба аҳли башар дар тарзи идораи давлат, илму фарҳанг, санъат, адабиёт, қӯшун, касбу ҳунар, иншоотҳо, иқтисод, тиҷорат, муомилоти пулию молӣ ва ғайра ягон чизи нав медиҳад, ё ки дар ин соҳаҳо аз пештара дида ба муваффақияти бештару калонтар ноил мешавад.

Тамаддуни муосири умумиҷаҳонӣ дар болои таҳкурсии ниҳоят бой ва устувори кулли тамаддунҳои гузашта қарор дорад. Бе тамаддунҳои гузашта тамаддуни муосир ба вуҷуд омада наметавонист. Дар аввал тамаддуни Мисри қадим ба тамаддуни Байнаннаҳрайн такя кардааст. амаддуни Юнони қадим бошад, аз се тамаддун ғизо гирифтааст: тамаддуни Крит, тамаддуни Мисри қадим ва тамаддуни Ҳахоманишиён. Тамаддуни Ҳахоманишиён бошад, дар навбати худ ба тамаддуни Бобулу Чин ва Ҳиндустону Миср такя кардааст. Лекин дар байни ин тамаддунҳо тамаддуни Юнони қадим бо бузургии худ фарқ мекунад. Ин тамаддун тамаддуни боз ҳам комилтарро ба вуҷуд овардааст.

Тамоми тамаддунҳои баъдина донишҳо ва дастовардҳои дигари башарро маҳз тавассути тамаддуни Юнони қадим аз бар кардаанд. Ин донишҳо пурра шакл гирифта, дар китобҳо сабт шудаанд. Ҳоло ҳам аҳли башар аз тамаддуни эллинӣ ғизо мегирад. Моҳиятан тамаддуни эллиниро тамаддуни Рим идома додааст.

Агар музаффариятҳои тамаддуни эллинӣ ва Рим намебуданд, пас тамаддунҳои Хилофати Араб ва Эҳё ба вуҷуд намеомаданд. Тамаддуни ислом низ то андозае аз тамаддуни эллинӣ ғизо гирифтааст. Тамаддуни эллинӣ ва римӣ ба пайдоиши тамаддуни насронӣ ҳамчун замина хизмат намудааст.

**Тамаддун ва мутамаддин**. Гарчанде, ки ибораҳои «тамаддун» ва «мутамаддин» ба ҳам монанд менамоянд, дар асл маъноҳои гуногун доранд. Шумо аллакай, дар бораи паҳлӯҳои гуногуни «тамаддун» маълумот доред, вале ибораи «мутамаддин» шарҳу эзоҳро тақозо дорад. Дуруст аст, ки тамаддун зинаи баландтарини тараққиёти ҷомеаро нишон медиҳад ва он аз ҷомеаҳои дар худи ҳамон як давраи таърихӣ вуҷуддошта болотар меистад. Тамаддунҳои нисбатан нокомил аз мамлакати дорои тамаддуни баланд ибрат мегиранд, тарзу усули давлатдорӣ, системаи сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии онро барои густариши ҷомеаи худ истифода мебаранд. Аз «баландӣ»-и замони муосир истода, тамаддунҳои гузаштаро «пешқадам», «мутараққӣ» ва ё «дорои маданияти баланд» мегӯем. Вале ин ибораҳо ба маънии ибораҳои «давлати мутамаддин» мувофиқат намекунанд.

Гап дар сари он аст, ки аз назари имрӯза давлатҳое, ки тамаддунҳои пешқадами гузаштаро ташкил намудаанд, аксаран мутамаддин набуданд. Шоҳу қиролҳо ва императорҳои онҳо ба халқ зулму зӯроварӣ мекарданд, ҳуқуқҳои табиии мардумро поймол менамуданд. Яъне дар чунин давлатҳо усулҳои демократии идораи давлатӣ вуҷуд надоштанд. Сардорони давлатҳо халқро ба идораи корҳои давлатӣ роҳ намедоданд. Дар замони қадим мақомоти намояндагии ҳокимият танҳо дар якчанд давлатҳо, ба монанди Афина, Спарта, Рим ва чанд давлати дигар мавҷуд буданду халос. Барои ҳамин имрӯз мо давлатҳои дорои тамаддуни марҳалаҳои мухталифи таърихиро мутамаддин гуфта наметавонем. Яъне онҳо тамаддунро ба таври худ мувофиқи меъёрҳои ахлоқию ҳуқуқии хеш сохтаанд, ки меъёру принсипҳои онҳо ба фаҳмиши муосир мувофиқат намекунанд.

Дар он замон маҳз усули ибтидоии идораи давлат ба сохтани тамаддуни баланд кӯмак мерасонид. Он вақт ҷомеа ҳанӯз барои идораи мутамаддини давлат тайёр набуд. Аз ин ҷост, ки имрӯз аз таърих талаб карда наметавонем, ки давлатҳои мутараққӣ бояд ба

тамаддун аз тарики роху воситахои мутамаддин ворид мешуданд. Феълан истилохи «мутамаддин» маънои чомеаи замонавӣ, яъне адолатпарвар, инсондӯст, борахму шафкат, хукукбунёд, демократӣ, дорои ахлок ва маданияти баландро дорад.

### САВОЛ ВА СУПОРИШХО.

1. Фарки байни маданият ва тамаддун дар чист? 2. Оё маданият ва тамаддун бо хамдигар монандӣ доранд? 3. Предмети омӯзиши маданият ва тамаддунро номбар кунед? 4. Тамаддунхо чи тавр ташаккул ёфтаанд? 5. Тамаддунхо бо кадом сабабхо бархам мехӯранд? 6. Дин дар ташаккули тамаддунхои гузашта чӣ хел сахм гузоштааст? 7. Мохияти тамаддунхои Ислом ва Эхёро маънидод кунед? 8. Чаро дар асрхои XV-XX тамаддуни Ғарб тараккӣ кард? 9. Маънии истилоххои «тамаддун» ва «мутамаддин»-ро муайян кунед. 10. Оё имрӯз ягон тамаддун вучуд дорад?

## § 48. МАДАНИЯТИ МУОШИРАТ

**Бурду бохти асри XX**. Асри XX ба инсоният арзишхои зиёди маданӣ тӯхфа кард. Вай мартабаи шахс, илм ва маданиятро ба зинахои баландтар гузошта, дар шуури мардум инкилоб ба вучуд овард, инсонро боз хам боаклу заковаттар карда, аз чихати ичтимоӣ ташаккул дод. Дар баробари ин асри XX одамонро то дарачае аз хамдигар чудо сохта, онхоро аз баъзе арзишхои маданӣ махрум кард, дар маданияти чахонӣ то дарачае тухми адоват кошт. Ин чудоӣ натанхо дар сиёсати байналхалкӣ ва муносибати байни халкхо, балки дар дохили маданияти миллӣ, дар андешахо ва кирдори зиёиёни эчодкору олимон, одамони касбу кор ва акидахои гуногун таъсири худро расонид. Бемаърифатӣ ба хусусияти тарзи хаёти як зумра одамон табдил ёфт. Муносибатхои байниинсониро торафт хусусиятхои манфиатпарастӣ ва иртичоӣ фаро гирифтанд.

Асри XX дар тафаккури одамон инкилоб ба миён овард. Дар хаёти халкхо ва кишвархо раванду ходисахое рух доданд, ки тарзи хаёти онхоро ба куллӣ дигар намуданд. Ду чанги чахонӣ, пешрафту инкилоби илмию техникӣ, амсоли онхоянд. Дар хаёти кишвари мо дар охири солхои 80-ум ва аввали солхои 90 тағйироти куллӣ ба амал омад. Тафаккури нав, ки дар плюрализми акидахо

ва ошкорбаёнӣ ифода меёфт, аклу хуши одамонро ба худ кашид. Дар аввал ин равандҳои инкилобӣ аз ҷониби аҳли ҷомеа хуш кабул гардиданд. Аммо баъди чанде дар инкишофи ин равандҳо монеъаҳои зиёде ба вуҷуд омаданд. Одамони зиштсирату нопок ба муқобили плюрализми акоид ва ошкорбаёнӣ, ки воқеан барои ҷомеа ифодаи озодандешӣ ва маданияти муоширaт мебошад, рӯйрост мубориза мебурданд ва намегузоштанд, ки ин арзиши умумибашарӣ дар ҷомеаи мо низ амри воқеӣ гардад ва ба нафъи одамон ва ҷомеа хизмат кунад.

Дар сатҳи ҷаҳонӣ ба яке аз арзишҳои муҳимтарини инсонӣ - якдигарфаҳмӣ хавфи калон таҳдид мекунад. Дар ҳақиқат якдигарфаҳмӣ арзиши аслии тараккиёти инсоният аст. Имрӯз инсоният ба якдигарфаҳмӣ ниёз дорад. Вале он на ҳама вақт ба унсури муносибатҳои байни одамон табдил меёбад.

Ба ҳамагон маълум аст, ки ба Замин хавфи силоҳи ҳастаӣ таҳдид мекунад. Хавфи на камтар аз ин ҳам вуҷуд дорад. Эҳтимолияти ба сайёраи «кару гунгҳо» табдил ёфтани Замин ҳам вуҷуд дорад. Гум кардани қобилияти шунидани якдигар ва кохиш ёфтани хоҳишу талаботи маънавии қисме аз одамони ҷомеаи инсонӣ ба амал омадааст.

**Маданият — забони муошират мардуми ҷаҳон**. Асосҳои тамаддуни инсонӣ дар наздикшавии байниҳамдигарии одамон карор гирифтааст, ки дар баробари зиёдшавии донишҳо ва васеъшавии теъдоди тахассуси онҳо аз ҳамдигар дуршавии одамон ва ба нафаҳмидани забони муошират оварда мерасонад. Агар мо рӯ ба ҷониби арзишҳои умумибашарӣ орем, пас бояд комилан эътироф кунем, ки унсури асосӣ ва зарурии он — маданият забони ягонаю беҳамтои сайёраамон аст. Ҳазорҳо намояндагони аҳли фарҳанги миллию ҷаҳонӣ ба арзишҳои умумибашарии маданият таалluқ дошта, натанҳо ба ҳамагон наздику фаҳмоанд, балки аз ҳама муҳимаш, қобилияти муттаҳид кардани одамонро доранд. Асарҳои онҳоро миллионҳо нафар одамон мехонанд, гӯш медиҳанд ва тамошо карда, ғизои маънавӣ мебардоранд. Маҳсули меҳнати намояндагони фарҳанги миллию умумибашарӣ мавзӯи баҳсу мунозира ва ба ҳам наздикшавии одамони гуногун мебошад.

Маданияти муносибат ва муошмрати инсонӣ масъалаҳоеанд, ки ғамхории доимиро талаб доранд. Вале ҳоло коҳиш ёфтани муошрати байни одамон ба назар мерасад. Чунин ҳолат сабабҳои бисёре дорад. Қашшоқии маданияти муошират аз муносибатҳои байниҳамдигарии фардии одамон сар карда, то ҳаёти ҷомеаро фаро гирифтааст.

Дар замони пеш мардум барои мулоқот, сӯҳбат ва дигар намудҳои муошрати байниҳамдигарӣ вақти зиёд сарф мекарданд. Ғайр аз ин муносибати байни одамон нисбатан самимонатар буд.

Муошрати байниҳамдигарӣ хосиятҳои умумӣ дорад. Лекин он хусусиятҳои мушаххасу мақоми махсус ҳам дорад. Дар бисёр ҳолатҳо махсусият моҳияти муошрати одамонро ташкил медиҳад. Аз ин хотир, муошрати одамон дар замон ва макон хусусиятҳои махсусро ифода мекунанд.

Масалан, дар ҷомеаи мо шароити муошрати байни одамон дигар хел аст. Мардум одатан дар ҳамсоягии самимона зиндагӣ карда, мувофиқи урфу одатҳо ва ахлоқи миллӣ аз аҳволи ҳамдигар доимо бохабар мешаванд. Агар касе аз ҳамсоягон бемор шавад, дигарон ҳатман ба аёдати ӯ мераванд. Ҳангоми касалӣ аҳли байти беморро дилбардорӣ мекунанд, агар лозим шавад, ба оилаи вай аз ҷиҳати моддӣ дасти ёрӣ дароз мекунанд. Мардум дар маъракаҳо ва ҳаргуна маросимҳои миллию динӣ тез-тез бо ҳам вомехӯранд. Қариб ҳар бегоҳ дар масҷиди маҳалла ҷамъ омада, натанҳо тоату ибодат мекунанд, инчунин дар бораи навигариҳои маҳалли зист, кору бору зиндагӣ, тарбияи фарзандон, вазъи феълии кишвар ва ҷаҳон, илму фарҳанг ва ғайраҳо сӯҳбатҳои гарму ҷӯшон мерояnd. Вале, бо вуҷуди ин, ба мардуми мо низ барои муошрати байниҳамдигарӣ вақти холӣ торафт камтар мемонад. Хусусан, камии вақти муошрат дар оила ва бо хешу таборон мушоҳида карда мешавад.

Хусусиятҳои миллию фарҳангӣ ва маънавии халқи мо имконият медиҳанд, ки дар шароити имрӯза ҳам хешу табор, ҳаққу ҳамсояҳо, ёру дӯстон бо ҳамдигар наздику меҳрубон ва самимона бошанд. Сарфи назар аз ин тамоюли аз ҳамдигар дуршавии мардуми мо низ камтар ҳам бошад, ба назар мерасад.

Умуман фазои муносибатҳои инсони имрӯз идеалӣ нест. Он баъзан аз некбинӣ, хайрхоҳӣ, самимият, лутфу муҳаббат то андозае орӣ гардидааст. Рӯоварӣ ба зӯрӣ, ҷангҷӯӣ, бадтинатию бадахлоқӣ тадриҷан реша медавонанд. Ба беҳдошти маънавии ҷомеа бетафовутӣ зарари калон меоварад. Чӣ тавр ба одамон нерӯи бузурги ҳаётӣ некӯкориро бояд фаҳмонид? Охир, пояи асосии олами ахлоқии инсон ба маданияти муошират такя мекунад.

Бетафовутӣ имрӯз ба қазияи пуризтироби иҷтимоӣ табдил ёфтааст, ки дар бораи беш аз пеш аз байн рафтани ҳамдигарфаҳмӣ, камёфт шудани муошират байни одамон ва то дараҷае заиф гардидани сиҳатии иҷтимоии ҷомеа шаҳодат медиҳад.

**Мартабаи муошират.** Мартабаи одоби муошират дар ҷомеа хеле баланд буда, ба аҳамияти калон молик аст. Албатта мартабаи одоби муошират ба самтҳои умумии пешрафти маданият вобастагӣ дорад. Дар давраи бозсозӣ ва ошкорбаёнӣ ва баъдтар вақте, ки Тоҷикистон истиқлолият ба даст овард, шаҳрвандони Ҷумҳурии мо ҳам имконият пайдо намуданд, ки ба хориҷи кишвар сафар карда, ба мардуми кишварҳои мутамаддини шарқу ғарб муносибатҳои гуногуни барои худ заруриро доир кунанд. Баъди ба ватан баргаштан онҳо дар бораи одоби баланди муошират мардуми он мамолик бо завқи том ба аҳли оила, хешу таборон, ёру дӯстон ва ҳамкорони худ нақл мекарданд ва дар омади гап афсӯс мехӯрданд, ки мардуми мо аз чунин маданияти баланди муошират то андозае маҳрум аст. Вале бояд тазаккур дод, ки ба ин ҳолати маданияти муошират мардуми мо чандон гуноҳ надорад. Он мероси ҷомеаи тоталитарӣ аст.

Маданияти баланди муошират байни одамон ба як қатор омилҳо вобаста аст. Агар: 1. Волоияти қонунҳо таъмин гардад. 2. Мардум озод ва озодандеш шаванд. 3. Дар сатҳи сиёсати давлатӣ волоияти маданият бар дигар соҳаҳои ҳаёти ҷомеа эътироф гардад. 4. Аҳволи иқтисодӣ ва иҷтимоии мардум хуб шавад. 5. Барои пешрафти маданият шароити зарурӣ фароҳамояд. 6. Одоби муошират ба зарурати маънавии аъзоёни ҷомеа табдил ёбад. 7. Қадру қимати инсон баланд бошад. Омилҳои дигар низ вуҷуд доранд, ки мардумро бо одоби баланди муошират мусаллаҳ

мегардонанд ва касро ба муошírати байни ҳамдигарии мутамаддин ҳидоят мекунанд.

Оё давлат дар баланд гардидани одоби муошират мақоме дорад? Маҳз давлат чунин фазои муошírати бамаърифатро ба вуҷуд меоварад. Барои иҷрои ин мақсад давлат ҳам дастгоҳи давлатӣ, ҳам қонунҳо, ҳам илму фарҳанг ва омилҳои дигари сершуморро истифода мебарад. Аз ҳамин сабаб дар мамолики мутамаддин ҳар як шахс дар муошират ва муносибатҳои байниҳамдигарӣ ба ақидаи ҳамсӯҳбати худ тоқатпазиранд. Инро аз тариқи воситаҳои электронии ахбор, рӯзномаҳо, дигар васоити ахбори омма ва дар мавриди ҷамъомадҳои гуногун мушоҳида кардан мумкин аст. Давлат бо роҳу воситаҳои гуногуни мутамаддин кирдорҳои ношоями дар ҷомеа ҷойдоштаро аз рӯи меъёрҳои баланди ахлоқӣ ва қонунҳо танзим менамояд. Корҳои зиёдеро, ки давлат дар ҷомеа дар соҳаи илму маданият ба ҷо меорад, ба одоби муошírати ҳар як фарди алоҳида таъсир мерасонад. Ин корҳои давлат, дар навбати худ, мартабаи муошíратро боз ҳам баландтар мебардорад.

**Одоби муошíратро эҳё кунед**. Одоби муошират яке аз аломатҳои муҳими солимии ҷомеа аст. Инро бояд ҳам сарварони давлату ҳам сиёсатмадорон, ҳам олимон, ҳам шоирону нависандагон, ҳам санъаткорону муҳандисон, ҳам косибону коргарон, хуллас, ҳама хурду калони ҷомеа донанд ва онро дар ҳаёт ва фаъолияти худ татбиқ намоянд.

Агар мо бо касе вохӯрем, ки ӯ бо мо бо ҳурмату эҳтиром, оромона, ботамкин, босаводона, бурро, бо алфози ширин, навозишкорона ва ахлоқи баланд гап занад, табиист, ки аз вай миннатдор мешавем ва дергоҳ ӯро фаромӯш намекунем. Аз муошират бо ин қабил одамон сабақи мусбат бардошта, кӯшиш мекунем, ки бо ҳамсӯҳбатони худ бо ҳамин гуна маданияти баланди муошират сӯҳбат кунем. Вале сабақ бардоштан аз одамони фозилу нексиришт кам аст. Мо худ бояд маданиятнок бошем. Барои маданиятнок шудан бояд маданиятро хуб омӯзем. Ин кор гарави одоби баланди муошират хоҳад буд.

Роҳ ба сӯи муошírати мутамаддин аз кӯчаи илму фарҳанг, ахлоқи ҳамида ва ба воситаи онҳо оғоз меёбад. Мардуми мо низ ба ин кӯча ворид шудааст.

## САВОЛ ВАСУПОРИШҲО.

1. Асри XX ба инсоният чӣ дод? 2. Оё ошкорбаёнӣ одоби муоширати аст? 3. Чаро дар ҷумҳурии мо ошкорбаёнӣ бо мушкилӣ роҳ меёбад? 4. Исбот кунед, ки маданият забони муошират мардум аст. 5. Бетафовутӣ ба ҷомеа чӣ зарар мерасонад? 6. Оид ба одоби муошират фикрҳои худро баён кунед.

# § 49. МАДАНИЯТИ МЕҲНАТ

**Танқиди меҳнати бемаданият**. Дар ҷомеаи кунунӣ бӯҳрони иқтисодӣ ва маънавии ҷомеа, дур гаштан аз мақсади асосии меҳнат ба паст шудани обрӯ ва эътибори он оварда расонид.

Бадахлоқӣ ва бефарҳангӣ дар фаъолияти меҳнатии одамони алоҳида мақоми асосӣ пайдо намуд. Меъёри инкишофи маънавии шахс будани меҳнат аз байн рафт. Бо ҳамин меҳнат бефарҳанг гардид. Охир, маҳз фарҳанги меҳнат ҳамчунин арзиши маънавӣ, виҷдон, ҳисси масъулият дар назди ҳамкорон, дар назди худ, эҳтиром ба ҷои кор ва касби хешро исбот мекунад. Мафҳумҳои «виҷдон» ва «шарафи меҳнат» бо ҷидду ҷаҳди ботинии шахс алоқа доранд. Ӯ мехоҳад, ки ҳама корҳоро хуб бо сифати баланд ва ҳалол иҷро карда, дар назди коллективи меҳнатӣ ва виҷдони худ масъулият дошта бошад. Чунин фаъолият одамро ба ифодаи пуртари иҷтимоию касбӣ ҳидоят менамояд.

Афзудани нобоварӣ ба меҳнат изтиробангез аст. Меҳнате ки бесамар аст, безавқ мешавад, шахсиятро зинат намедиҳад ва он оҳиста-оҳиста арзиши худро гум мекунад. Аз ҳамин сабаб обрӯй ва шаъну шарафи деринаи устоҳои пурҳунар кам шудан гирифтанд. Барои он ки одамон хуб меҳнат кунанд, зарур аст, ки онҳо хешро соҳиби моликият эҳсос намоянд. Олоти меҳнат, замин ва ғайра ба истеҳсолкунандагон тааллуқ дошта, дар байни истеҳсоли маҳсулот ва тақсими он алоқаи бевосита мавҷуд бошад. Қаблан воситаҳои истеҳсолот дар ҷумҳурии мо чун дар тамоми ИҶШС асосан моли давлат буданд. Барои ҳамин маҳсулоти истеҳсолкардаи мардум ба давлат тааллуқ дошт. Истеҳсолкунандагон дар амал коргари кирояи давлатро ташкил менамуданд. Аз ҳамин сабаб мардум аз меҳнати бунёдкорона бо пургӣ истифода бурда наметавонистанд.

Бекорӣ, танбалӣ ва ҳасадбарии душманона нисбат ба меҳнати софдилона одамони зиёдеро ба дуршавӣ аз маънавиёт ва арзишҳои умумиинсонӣ оварда расонид. Ба ин сифатҳои манфӣ бечазомонии тайёрхӯрӣ ва бекорхӯҷагӣ зам шуд. Дар кулл ҳамаи ин ба талафот ва фоҷиаи миллӣ табдил ёфт. Тағйири сифати арзишҳои меҳнат, муносибати риёкоронаи корманд ба он, нисбат ба ташаббус ва ғояҳои ҳавасмандии ҳаннотона бегуфтугӯ ба беҳдошти ахлоқии миллат, ҳолати равонӣ ва самтҳои рӯйоварии иҷтимоии наслҳои оянда таъсири манфӣ расонид. Камбудии асосии ҷомеаи имрӯзаи мо он аст, ки мутахассисони варзидаи соҳаҳои мухталифи ҳаёти моддӣ хеле каманд. Тарбияи онҳо ба ҷумлаи вазифаҳои муҳими рӯз дохиланд. Сатҳи нокифояи инкишофи маданияти касбӣ ба зуҳуроти хавфноки иҷтимоӣ табдил ёфтааст. Аксарияти талафоти ҷомеа дар натиҷаи бесаводии касбии одамон ба амал меояд. Ҷомеа ба он ки дониши соҳибони дипломҳои макотиби олӣ чӣ хел аст, тамоман аҳамият намедиҳад. Маълумоти оморӣ шаҳодат медиҳад, ки ба дараҷаи қобили қабул маҳорати касбии на зиёдтар аз 10 фоизи хатмкунандагони мактабҳои олӣ соҳибанду халос. Яъне на камтар аз 90 фоизи онҳо мувофиқи касби дипломии худ ба фаъолияти меҳнатӣ ба таври бояду шояд қодир нестанд. Дар соҳаи меҳнати фикрӣ набудани мутахассисони кордон ба оқибатҳои вазнин сабабгор шуд. Одамони бесалоҳият қарору фармонҳои бешумори кӯрсаводона мебароваранд, ки онҳо ба ҷомеа садҳо миллиён сӯм зарар оварданд ва сабабгори паст шудани самаранокии меҳнати ҳазорон нафар одамон гардиданд. Нокомиҳои сиёсатмадорон, иқтисоддонҳо ва ҳуқуқшиносони ба ном баландихтисос ба тақдири мамлакат ва мардуми он фоҷиаборанд ва бесалоҳият будани онҳо баръало собит мегардад.

Имрӯз ҳавасмандӣ баҳри такмили ихтисоси одамон аз байн рафтааст. Ақибмонӣ, иртиҷопарастӣ ва бехабарӣ бесалоҳиятии одамонро дар меҳнат ба вуҷуд овард. Фоҷиаҳои зиёди ҷомеа бо сабаби бесалоҳиятии роҳбарони зинаҳои гуногуни хоҷагию давлатӣ ба амал омадаанд.

Паст будани мартаба ва мақоми меҳнат натиҷаи аз зарурати инсон дур шудани фарҳанг мебошад. Дар ин ҳолат системаи сиёсии ҷомеа бояд муносибат ба моликият ва одамонро сарфи назар нанамояд. Маҳз системаи сиёсӣ меҳнатро бафарҳанг мегардонад.

**Ташаккули кормандони бофарҳанг**. Бо вуҷуди он ҳама бефарҳангии меҳнат дар шароити оғози воридшавии ҷумҳурӣ ба иқтисоди бозоргонӣ, демократиконии ҷомеа ва дар ҳолате, ки маданият футур рафтааст, дар Тоҷикистон одамони касбу кори гуногуни навъи нав ба воя расида истодаанд. Акнун, аз афти кор, одамон аз бекорӣ безор шудаанд. Сабабҳои дигар ҳам пеш омадаанд. 1. Барои танбалию бекорӣ ва фаъолияти дигари манфӣ имрӯз касе маош намедиҳад. 2. Одамон аз фаъолияти меҳнатӣ озод шудаанд. 3. Қисме аз одамон соҳиби моликият гардидаанд.4. Дар бозори меҳнат рақобат ба вуҷуд омадааст.

Албатта, дар ҳар вазъият одамоне ёфт мешаванд, ки шаъну шараф ва меҳнати худро эҳтиром мекунанд ва дар соҳаи интихобкардаашон шахси баландихтисос мебошанд. Дар шароити иқтисоди бозоргонӣ, яъне ба мол табдил ёфтани меҳнат истеъдод ва маҳорати кордонӣ мартабаи чунин одамонро дар ҷомеа афзун мегардонад. Одамоне, ки майли корманди баландихтисос шудан доранд, торафт зиёдтар хоҳанд шуд. Лекин ин қадамҳои нахустин мебошанд. Оиди ташаккули касбӣ ва маънавии мардум кори бисёре дар пеш аст. Ба бисёриҳо лозим аст, ки аз нав таълим гиранд, ё худ бозомӯзӣ кунанд, зеро дар шароити нав, шароите, ки барои худ кор мекунӣ, дониши чуқур ва ҳаматарафа доштан лозим аст. Технологияи компютерӣ имконият фароҳам меоварад, ки меҳнати инфиродии эҷодӣ бомуваффақият ба кор бурда шавад. Барои он ки хатҳои технологии хозиразамон омодаи кор бошанд, кормандони бофарҳанг заруранд. Дар акси ҳол технологияи пешқадам фоида оварда наметавонад. Лекин одамони бофарҳанг натанҳо дар мавриди истифодаи технологияи муосир лозим аст. Ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқ чунин одамонро тақозо доранд.

Ҷомеаи мутамаддини муосир чунин кормандеро ба миён овард, ки меҳнати ӯ дар мураккабӣ бо меҳнати муҳандис наздик аст. Вазифаи ингуна коргарон аз идора кардани дастгоҳҳо ва мошинҳои мураккаб, назорат ба рафти истеҳсолот иборат мебошад. Барои ин кор дониши баланд лозим аст. Бе баланд бардоштани сатҳи умумии фарҳанги шахс ӯ ба ӯҳда кардани чунин корҳо қодир нест. Рафти мураккабшавии системаҳои технологӣ нисбат ба тахассуси кормандон тезтар ба амал меояд. Барои ха-

мин зарур аст, ки маълумоти касбию техникии мардум бояд аз мактаби маълумоти ҳамагонӣ оғоз ёбад.

Таъсири самаранокии фарҳанг аз рӯи сифати фаъолияти меҳнатии одамон маълум мешавад, яъне корманде, ки аз арзишҳои маданӣ баҳра бурда бошад, муттасил сатҳи маданиии хешро баланд мебардорад. Натиҷаи он дар рафти фаъолияти меҳнатии ӯ ошкор мегардад. Чунин одамон дар ҷои кори худ сермаҳсул кор мекунанд, ташаббускоранд. Дар тафаккури онҳо нисбат ба меҳнат муносибати эҷодкорона, сифати баланди кор, оштинопазирӣ ба ҳамкорҳои ҳаромхӯру ҳаромкор ва сифатҳои дигари манфӣ ташаккул меёбанд.

Мутаассифона, ҳоло ҳам ба касоне, ки аз сидқи дил ва бовиҷдонона меҳнат кардан мехоҳанд, мисли пештара чораҳои манъкунии иҷтимоию маънавӣ ва маъмурию ҳуқуқӣ монеъ мешаванд.

Маданият ва меҳнат аз ҳам ҷудонашавандаанд. Аз ин хотир, бояд чораҳои таъсирбахш андешид, ки маданияти касбии мардум баланд шавад. Меҳнати бофарҳанг аз қабили он омилҳои муҳимтаринанд, ки тайёрии шахсро таъмин менамояд. Кормандони бофарҳанг натанҳо симои маданиии ҷомеаро муайян менамоянд, инчунин онҳо кишвари моро ба сатҳи баландтарини инкишофи иқтисодию иҷтимоӣ ва ахлоқию ҳуқуқӣ мебардоранд.

### САВОЛ ВА СУПОРИШҲО.

1. Маданият ба меҳнат чӣ муносибат дорад? 2. Чи тавр обрӯю эътибори меҳнат баланд мешавад? 3. Дар мавриди муносибат ба меҳнат камбудиҳои асосии ҷомеаи мо кадомҳоянд? 4. Кадом омилҳои ташаккули кормандони бофарҳангро медонед? 5. Дар шароити гузариш ба иқтисоди бозоргонӣ ва демократикунонии ҷомеа мартабаи фарҳанг чӣ тавр аст? 6. Оиди маданияти меҳнат фикри шахсии худро иброз доред.

## § 50. МАДАНИЯТИ ЭКОЛОГӢ

**Мафҳуми «Экология».** Мафҳуми «экология» аз калимаи «ойкос»-и юнонӣ гирифта шуда, тарҷумааш «хона» аст. Экология илмест, ки муносибатҳои байниҳамдигарии набототу ҳайвонот, муносибати онҳо бо муҳити зист ва муносибати инсонро бо муҳити биологӣ (биосфера) меомӯзад.

Ҳанӯз дар миёнаи асри XIX дар Европа вазъи экологӣ хеле мураккаб шуд. Дар натиҷаи тараққиёти саноат дар баъзе давлатҳои ин қитъа, ба монанди Англия, Олмон, Фаронса, Италия, Швейсария ва ғайра вазъи экологии барои зиндагӣ номусоид ба амал омад. Аз ин рӯ, аҳли ҷамоатчигӣ ва олимони ин давлатҳо бонги хатар заданд. Зарурат ба миён омад, ки барои гирифтани пеши роҳи фоҷиаи экологӣ чораҳои таъсирбахш андешида шаванд. Дар баъзе мамлакатҳо, ҷузъӣ ҳам бошад, чунин чораҳо андешида шуданд. Лекин он вақт на ҳамаи ҳукуматҳои аврупоӣ ба масъалаи мазкур диққати ҷиддӣ медоданд, чунки онҳо оқибатҳои зарарёбии муҳити зистро дуруст дарк намекарданд.

Ҳамин тариқ, соли 1866 олими немис Э. Геккель барои ифодаи ин самти фаъолияти илмӣ дифоъи муҳити зист истилоҳи «экология»-ро истифода мебарад. Аз ҳамон вақт ин ҷониб мафҳуми «экология» ҳамчун номи илме ки муҳити биологиро предмети тадқиқ қарор додааст, истифода бурда мешавад.

Дар асри XX нисбати асри XIX таъсири инсон ба табиат зиёдтар мегардад. Дар натиҷаи тараққиёти пуравҷи саноат, нақлиёт, намудҳои гуногуни энергетика ва дар хоҷагии халқ истифода гардидани комёбиҳои илми кимиё вазъи экологӣ ба ҷомеа хатари ҷиддиро ба бор овард. Аз ҳамин сабаб экология ҳамчун танзимгари асосҳои илмии истифодаи оқилонаи табиат ва аз ин рӯ, ҳифзи ҳайвоноту набот ва инсон аҳамияти хоса пайдо мекунад.

Агар дар аввали пайдоиши худ экология бештар ба ҳифзи муҳити зист, яъне биосфера машғул шуда бошад, пас дар миёнаҳои асри XX фаҳмида шуд, ки аз муҳити зарардидаи биологӣ худи одамон ҳам на камтар аз табиат зарар мебинанд. Аз ин ҷост, ки экология бояд барои ҳифзи худи инсон ҳам омода бошад. Бо ҳамон сабаб экологияи иҷтимоӣ ташаккул ёфт, ки таъсири мутақобилаи ҷомеа, муҳити зист ва ҳифзи табиат мавзӯи омӯзиши онро ташкил медиҳад.

**Экология ва маданияти ҷомеа**. Ҷомеаи мутамаддин натанҳо барои пешрафти саноат, нақлиёт, илму техника ва ғайра ҷидду ҷаҳд мекунад, балки дар бораи ҳифзи муҳити зист ва ба наслҳои оянда мерос гузоштани муҳити экологии солим ҳам андеша мекунад. Аз рӯи он ки давлат ва шаҳрвандони вай барои ҳифзи му-

ҳити зист чи чораҳо меандешанд ва онҳо чӣ натиҷа медиҳанд, ба сатҳи маданияти ҷомеа баҳо додан мумкин аст.

Инсон метавонад табиатро бо суръати баланд бемор кунад ва бо ҳамин муҳити биологиро ба куллӣ вайрон созад. Лекин табобат ва эҳёи он мӯҳлати тӯлониро тақозо мекунад ва мутаассифона, на ҳама вақт биосфераро бо пуррагӣ аз нав барқарор кардан муяссар мешавад.

Давлатҳои мутамаддини олам барои ҳифз ва эҳёи муҳити зист барномаҳои миллӣ доранд. Дар он мамлакатҳо кайҳо боз ҳаракатҳои пурзӯри ҷамъиятии экологӣ амал мекунанд. Иштирокчиёни ин ҳаракат ҳар як ҳодисаи вайрон карда шудани қонунҳои марбут ба ҳифзи муҳити зистро ба қайд гирифта, барои беҳдошти экологии ҷомеа ва табиат чораҳои таъсирбахш меандешанд. Лекин, мутаассифона, ин иқдомро ҳоло бештар дар мамлакатҳои Аврупо, Америкаи Шимолӣ ва Ҷопун дидан мумкин аст. Дар ин минтақаҳо маданияти экологӣ баланд буда, сазовори эътирофи умум гардидааст.

Дар Тоҷикистон қаблан ҳангоми сохтани иншоотҳои бузурги саноатӣ масъалаи ҳифзи муҳити зист қариб тамоман ба эътибор гирифта намешуд. Масалан, дар шаҳри Душанбе комбинати қир (семент) сохта шудааст, ки он ҳар рӯз ба сари мардуми пойтахт ва сокинони гирду атрофи он ба миқдори зиёд чанги қирро мерезад. Ин корхона ба муҳити биологӣ ва мардуми минтақа зарари калон меоварад. Лекин мисоли мусбат ҳам ҳаст. Кормандони комбинати Такоб, воқеъ дар километри 45-уми шимолтари ш. Душанбе оби партови истифодашударо тавассути системаи махсуси обтозакунӣ безарар гардонида, баъд онро ба дарёи Варзоб сар медиҳанд. Дар амал бо ин роҳ об ба ҳолати аввалаи тариқи табиии худ баргардонида мешавад.

Дар қисмати наздисарҳадии водии Вахш «Бешаи Палангон» ном мавзее ҳаст, ки дар он ҷо ҳайвоноти гуногун дар шароити табиӣ сукунат доштанд. Вале дар зарфи 40-50 соли охир биосфераи ин беша чунон вайрон карда шуд, ки аз «Бешаи Палангон» танҳо номаш боқӣ мондаасту халос.

Дар як қатор давлатҳои ҷаҳон, алалхусус дар давлатҳои Аврупо ҳаракати экологӣ ба нируи сиёсӣ табдил ёфтааст. Масалан, дар Олмон, Шветсия, Голландия, Дания ва баъзе давлатҳои

дигар ҳизбҳои экологӣ, — «сабзҳо» ташкил ёфтаанд. Ин ҳизбҳо дар интихоботи парлумонӣ ваколатҳои депутатиро ба даст дароварда, дар парлумони мамлакат фраксияи худро ташкил менамоянд. «Сабзҳо» бо ин роҳ сиёсати экологиро дар сатҳи мақомоти қонунбарор воқеӣ мегардонанд.

Феълан ҳаракати пурзӯри экологии умумиҷаҳонии «Гринпис» фаъолият мекунад. Ин ҳаракат акваторияи баҳру укёнусҳо ва қисмати континенталии Заминро зери назорати худ гирифтааст. Чанд сол пеш Русия дар Укёнуси Ором партовҳои ҳаставиро партофт ва Фаронса дар галаҷазираҳои Мороруа бомбаҳои ҳастaвиро тарконид. Ба шарофати фаъолияти «Гринпис» оламиён аз ин ҳодисаҳо хабардор шуданд. Ба «Гринпис» муяссар шуд, ки пеши роҳи ин заҳролудкунии акваторияи укёнуси Ором ва давом додани санҷиши бомбаҳои ҳастaвиро дар галаҷазираҳои Мороруа бигирад. Ҳаракати «Гринпис» дар ҷаҳон тарафдорон ва хайрхоҳони зиёд дорад.

**Масъалаҳои муосири экологӣ**. Экологияи имрӯза, пеш аз ҳама, масъалаи иҷтимоӣ, саломатии инсонро фаро мегирад. Он ба кулли фаъолияти инсон ва давлат, ки ба муҳити зист ва табиату саломатии ҷомеа сару кор дорад, дахл карда, ба фаъолияти онҳо аз назари меъёрҳои илмӣ баҳо медиҳад.

Экология хелҳои саноат, нақлиёт ва соҳаҳои дигари истеҳсолию иҷтимоиро ҳам ба гурӯҳҳои аз ҷиҳати экологӣ ифлосу хавфнок ва тоза ҷудо менамояд.

Муҳити зист ва табиатро навъҳои гуногуни саноат, нақлиёт ва энергетика ифлос ва заҳролуд мекунанд. Дар даҳсолаҳои охир энергетикаи ҳастaвӣ (атомӣ) ба яке аз соҳаҳои хавфноктарин табдил ёфтааст. Фоҷиаи Чернобиль, санҷишгоҳҳои Семипалатинск, Замини Нав ва ғайраҳо далелҳои қотеъи чунин хулосаанд. Барои ҳамин мақомоти махсуси байналхалқӣ — МАГАТЭ ва миллии давлатӣ ва экологҳо ба кори ҳамин соҳа назорат мекунанд. МАГАТЭ истифодаи безарари нерӯи ҳастaвиро назорат мекунад.

Дар натиҷаи аз тарафи инсон вайрон кардани муҳити экологӣ баъзе навъҳои наботот ва ҳайвонот барҳам хӯрдаанд, ё ки шумораи онҳо ниҳоят кам мондааст. Барои ҳамин муҳаққиқон ҳолати табииро хуб омӯхта, хулосаҳою тавсияҳоро ба ҳукуматҳои

кишвари худ пешниҳод менамоянд. Дар баъзе давлатҳо барои аз нав барқароркунии муҳити биологӣ чораҳои зарурӣ андешида мешаванд. Масалан, аввал он ҳайвоноте, ки саршуморашон кам мондааст, ба ҳисоб гирифта мешаванд. Сипас, дар боғҳои миллӣ саршумори чунин ҳайвонот зиёд карда шуда, баъд онҳо ба муҳити табиӣ сар дода мешаванд.

Барои ба саршумори ҳайвоноти камшумор дар сатҳи байналхалқӣ ва миллӣ назорат кардан «Китоби Сурх» таъсис карда шудааст. Аз ин китоб фаҳмидан мумкин аст, ки дар кураи Замин ва ё дар кадом давлатҳои ҷаҳон кадом ҳайвонот тамоман нест шудаанд, ё ки дар арафаи нестшавӣ қарор доранд.

Оё барои гирифтани пеши роҳи нестшавии наботот ҳам ягон чораҷӯӣ карда мешавад? Охир, натанҳо баъзе ҳайвонот нест шуда истодаанд, балки дар баъзе минтақаҳои ҷаҳон растаниҳои нодир ҳам нест ва ё кам шуда истодаанд. Барои боздоштани ин тамоюли манфӣ ғайр аз бунёд кардани боғҳои ботаникӣ, чорабиниҳои профилактикӣ ва чораҳои дигари самаранок ҳам андешида мешаванд. Масалан, дар баъзе мамлакатҳои мутамаддин бонкҳои тухмии растаниҳо ташкил карда шудаанд. Онҳо имконият медиҳанд, ки растаниҳои нодир ва камшумор барои ояндаи дур нигоҳ дошта шаванд. Дар сурати зарурӣ дар оянда аз ин тухмиҳо истифода бурда, дар табиат, мувозинати набототро аз нав барқарор кардан мумкин аст.

Барои беҳдошти муҳити биологӣ дар аксарияти давлатҳои мутамаддини ҷаҳон одати хубе вуҷуд дорад, ки мувофиқи он чи қадар дарахте, ки бурида шавад, на камтар аз ҳамон миқдор ниҳол шинонида мешавад. Дар шаҳру деҳот боғҳо ва гулгаштҳо, мавзеъҳои кабудизор бунёд карда мешаванд. Дар ду тарафи роҳҳо, соҳилҳои дарё, ҷӯйборҳою обанборҳо дарахтони сояафкану мевадиҳанда ва гулҳои рангорангу гиёҳҳои гуногуни дигар шинонида мешаванд. Чунин чораҳо вазъи экологии муҳити зисти мардумро солим мегардонад, ба ҳусни шаҳру деҳот ҳусни тоза зам мекунанд. Ин чора кайфияти равони одамонро ҳам баланд мебардорад.

Аз миёнаи асри XX сар карда фаъолияти меҳнатии инсон гармии Заминро чанд дараҷа зиёд кардааст. Аз ҳамин сабаб ҳолати экологии сайёраи мо тағйир ёфтааст. Ин ҳолати энергетикӣ ба қабати озон, ки он воқеан либоси Замин аст, таъсири манфӣ

расонидааст. Дар якчанд ҷои қабати озонии Антарктида сӯрохӣ пайдо шудааст. Сӯрохшавии қабати озонии Замин ба инсоният хавфи калон дорад. Барои пешгирии афзоиши ин сӯрохиҳо олимон пешниҳодоти судбахш намудаанд.

Дар даҳсолаҳои охир барои серҳосил кардани зироатҳо ва мубориза бар зидди ҳашароти зараррасон моддаҳои зиёди кимиёвии заҳролуд тайёр карда шуда буданд. Истифодаи баъзеи онҳо ба муҳити экологӣ ва саломатии одамон зарари калон расониданд. Дар Тоҷикистон дар парвариши пахта истифода бурдани ингуна моддаҳои заҳрноки кимиёвӣ ҳамин гуна натиҷа дод. Ғайр аз ин дар натиҷаи мубориза бар зидди ҳашароти зараррасон тавассути моддаҳои заҳрнок дар қатори ҳашароти зараррасон ҳашароти фоидаовари зиёд низ нест карда шуданд. Вале дар ду даҳсолаи охир олимон ва аҳли ҷомеаи мо муносибати худро ба ин масъала тағйир додаанд. Натиҷаи ҳамин аст, ки феълан дар зироатпарварӣ моддаҳои кимиёвии ба инсон ва табиат зараровар торафт камтар истифода бурда мешаванд. Акнун бар зидди ҳашароти зараррасон бештар воситаҳои биологӣ истифода мегарданд. Ба шарофати ин иқдом истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии аз ҷиҳати экологӣ тоза сол то сол меафзояд. Ин бошад, ба беҳдошти саломатии одамон мусоидат мекунад.

Олимон рӯйхати моддаҳои ба муҳити биологӣ зарарнокро мураттаб сохтаанд. Конвенсияҳои дахлдори байналхалқӣ бошанд, дар хоҷагии халқ истифода бурдани ин моддаҳоро манъ кардаанд. Лекин бар хилофи қонунҳои байналхалқӣ ва давлатӣ ҳоло ҳам баъзан дар кишоварзӣ ва дигар соҳаҳои хоҷагии халқ моддаҳои заҳрнок истифода бурда мешаванд.

Шаҳрҳои калонтарини ҷаҳон, ба монанди Мехико, Токио, Теҳрон, Қоҳира, Рим, Деҳлӣ, Калката ва боз даҳҳо шаҳрҳои дигари ҷаҳон ҳавои ифлос доранд. Ба ин қатор шаҳрҳо пойтахти Тоҷикистон шаҳри Душанбе ҳам дохил аст.

Дар бисёр мамлакатҳо мақомоти нозирини роҳ ва санитарию эпидемиологӣ ҳолати экологии шаҳрҳо ва воситаҳои нақлиёту корхонаҳои саноатиро бо асбобҳои махсус месанҷанд. Дар ин бора аз тариқи воситаҳои ахбори омма мунтазам маълумот мешунавонанд ва чораҳои маъмурӣ ҳам меандешанд. Онҳо ба ашхоси сабабгори ифлосшавии ҳавои шаҳрҳо ва биосфера ҷазои

маъмурӣ медиҳанд. Ба ин кор ҳуқуқи ҷиноӣ низ фаъолона дахолат мекунад. Вале маданияти экологии на ҳамаи мамлакатҳои ҷаҳон ҳанӯз то ба ин дараҷа расидааст.

Маданияти экологӣ мисли дигар ҷузъҳои маданияти ҷомеа ба инсон хизмат мекунад. Он сатҳи ахлоқӣ ва масъулиятшиносии давлат ва ҳар як узви ҷомеаро нишон медиҳад. Бинобар ин ба ҷомеаи мутамаддин маданияти экологии мутамаддин мебояд.

**САВОЛ ВА СУПОРИШҲО.**

1. Мафҳуми «экология»-ро шарҳ диҳед. 2. Геккель кист ва ӯ ба мафҳуми «экология»чи робита дорад? 3. Экология чиро меомӯзад? 4. Экологияи иҷтимоӣ чист? 5. Робитаи маданият ба экологияро шарҳ диҳед. 6. Дар бораи вазъи экологии Тоҷикистон мисолҳо оред. 7. Дар давлатҳои мутамаддин ба муҳити биологӣ чи хел муносибат мекунанд? 8. «Сабзҳо» кистанд ва онҳо ба чи машғуланд? 9. Дар бораи фаъолияти «Гринпис» чиҳоро медонед? 10. Дар бораи масъалаҳои экологии ҷаҳон нақл кунед?

## § 51. МАДАНИЯТИ СИЁСӢ ВА ҲУҚУҚӢ

**Маданияти сиёсӣ**. Маданияти сиёсӣ яке аз навъҳои асосии маданияти маънавии ҷомеа ба шумор меравад. Дар бораи он ва хусусиятҳояшон андешаҳои мухталиф мавҷуданд. Маданияти сиёсӣ низ ба монанди мафҳум ё ибораҳои дигари марбут ба ҷомеа маънои махсус ва аҳамияти хоса дорад. Бештар ду тарзи фаҳмиши маданияти сиёсӣ мавҷуд аст. Аввало дар ҳаёти муқаррарӣ маданияти сиёсӣ ба сифати маҷмӯи рафтору кирдор ва одатҳои хуби ҳаёти сиёсӣ фаҳмида мешавад. Баъдан, маданияти сиёсии шахсони алоҳида аҳамияти бештар пайдо намуда, як навъ фаҳмиши маҷмӯи рӯовариҳои аксарияти одамонро инъикос менамояд.

Маданияти сиёсӣ аз фаъолияти одамон, гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, аз анъанаю одатҳои сиёсӣ, аз мавқеи иҷтимоии одамон ва манфиатҳои дастҷамъӣ, инчунин аз рӯи муносибат ба ҳодисаҳои сиёсӣ вобаста мебошад.

Маданияти сиёсӣ дар бораи сатҳи донишҳои сиёсии шаҳрвандон ва фаъолияти онҳо маълумот медиҳад. Маданияти сиёсӣ аз сохтори сиёсӣ ва муносибатҳои мутақобилаи унсурҳои системаи

сиёсии ҷомеа вобастааст. Вобаста ба хусусиятҳои макон ва замони зуҳуроташ маданияти сиёсӣ дар сатҳи гуногун дар навъҳо ва шаклҳои мухталиф зоҳир мегардад.

Маданияти сиёсии ҷомеаи демократӣ дар сохти давлатӣ, унсурҳои он, қонунҳо, муносибатҳои давлат бо шаҳрвандон ва дар плюрализми сиёсӣ, вазъи ҳуқуқии воситаҳои ахбори омма ва ғайра ифода меёбад.

Ифодакунанда ва иҷрокунандаи маданияти сиёсӣ мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва қисмҳои таркибии онҳо мебошад. Ин мақомот се вазифаи муҳимтарини иҷтимоиро иҷро менамояд: тарбиявӣ, танзимкунӣ ва дифоъ, яъне одамонро тарбия мекунанд, корҳои марбут ба маданияти сиёсиро танзим ва мардумро аз вайрон карда шудани ҳуқуқҳои сиёсӣ дифоъ менамояд.

Ҳар як навъи таърихии давлат маданияти сиёсии худро дорад. Масалан, дар давлатҳои дунёи қадим ҳизбҳои сиёсӣ набуданд, сардори давлат ва мансабдорони дигар аз тариқи раъйи умумихалқӣ интихоб намешуданд, дар мамлакат порлумон ҳам набуд. Бинобар, касе касеро вакили худ интихоб намекард. Сарварони мамлакат дар идораи давлат ё баровардани қонунҳо бо касе маслиҳат намекарданд. Унсурҳои мутамаддини маданияти сиёсӣ ё набуданд ва агар бошанд ҳам, дар зинаи ибтидоии худ қарор доштанд. Аз ин рӯ, маданияти сиёсии аъзоёни ҷомеа низ дар ҳамон сатҳ буд. Лекин баъди садсолаҳои зиёд, асрҳои миёна ва баъди он даврai нав фаро расид. Нирӯҳои истеҳсолкунанда тараққӣ карданд ва онҳо шуури сиёсии мардумро баланд бардоштанд. Халқ аз давлатдорон таъмини ҳуқуқҳои сиёсии худро талаб мекардагӣ шуд. Дар баъзе давлатҳо инқилобҳои иҷтимоӣ ба амал омаданд ва халқҳои он давлатҳо бо ҳамин роҳ соҳиби ҳуқуқҳои сиёсӣ гардиданд. Роҳбарони баъзе давлатҳо худашон системаи сиёсии нав — демократиро аз боло ҷорӣ намуданд. Ҳамин тариқ, маданияти сиёсии ҷомеаи демократӣ ва аъзоёни вай ташаккул ёфтан мегирад.

Оиди маданияти сиёсии ҷомеаи демократӣ чанд мисол меорем. Дар аксар давлатҳои ҷаҳони имрӯза президент аз тариқи раъйпурсии умумихалқӣ интихоб карда мешавад. Маданияти сиёсии мутамаддини ин интихобот дар он ифода меёбад, ки номзадҳои ба ин вазифа пешниҳодкардашуда одатан якчанд нафаранд

ва онҳо нерӯҳои гуногуни сиёсиро намояндагӣ мекунанд. Дар маъракаи интихоботӣ барои ҳамаи номзадҳо ба президентии мамлакат шароити якхела муҳайё карда мешавад: маблағ, ва ғайра ҷудо карда мешавад. Ин ҷо ҳуқуқи интихобкунандагон низ дар мадди назар аст. Онҳо тавассути воситаҳои ахбори омма, шахсони боэътимод ва комиссияи интихоботӣ дар бораи номзадҳо ҳамаи маълумоти заруриро мегиранд, то ки ҳангоми овоздиҳӣ хато содир накунанд. Интихобкунандагон инчунин имконият доранд аз тариқи телевизион баҳси номзадҳо ба президентиро тамошо кунанд. Дар рӯзи интихобот ҳар як интихобкунанда дар кабинаи махсуси барои овоздиҳӣ пешбинишуда аз бюллетен рӯйхати номзадҳоро дида баромада, ба ҷонибдории ҳамон номзаде, ки ба фикри интихобкунанда нисбат ба номзадҳои дигар арзандатар аст, овоз медиҳад.

Ҷараёни интихоботи президентиро қонуни интихоботии президенти мамлакат танзим мекунанд. Агар касе он қонунро вайрон кунад, ба ҷазо гирифтор карда мешавад.

Интихоботи парлумони мамлакат ва мақомоти намояндагии маҳаллӣ низ мувофиқи қонун сурат мегирад. Интихобкунандагони ҳар як ҳавзаи интихоботӣ аз байни чанд нафар шахсеро вакили худ интихоб мекунанд, ки ба фикри онҳо беҳтарин аст. Каси зиёда аз 50 фоизи овози интихобкунандагонро гирифтагӣ вакил интихоб мегардад. Агар баъди чанд вақт маълум гардад, ки шахси вакил интихобгардида талаботи интихобкунандагонро қонеъ карда наметавонад, аз рӯи қонуни интихоботӣ бозпас хонда мешавад. Интихобкунандагон ба ҷои он вакил ба парлумон ва ё маҷлиси маҳаллӣ вакили нави худро интихоб мекунанд. Маъракаи интихоботӣ ошкор буда, тамоми рафт ва натиҷаҳои он ба шаҳрвандон хабар дода мешавад.

Қонунҳои интихоби президент, сарвазир (дар баъзе мамлакатҳо сарвазир интихобшаванда аст), парлумон ва ғайра ба тафаккури аъзоёни ҷомеаи демократӣ чунон мустаҳкам ҷойгир шудаанд, ки онҳо инчунин ба арзишҳои ахлоқии мардуми давлатҳои демократӣ ҳам табдил ёфтаанд. (Ба нақша нигаред.)

Ҳар як аъзои ҷомеа мувофиқи тақозои арзишҳои сиёсӣ ва ахлоқии хеш ба ин ва ё он ҳизби сиёсӣ дохил мешавад ва барои пиёда кардани арзишҳои барномавии ҳизби худ ҷидду ҷаҳд

менамояд. Дар мамлакати мутамаддин барои узви ин ва ё он ҳизби сиёсӣ будан касе таъқиб намешавад. Ва дар чунин давлат касеро маҷбур ҳам карда наметавонанд, ки ба ин ва ё он ҳизб дохил шавад. Ин унсур ва унсурҳои дигари сиёсии манфӣ дар мамлакатҳои демократӣ вуҷуд надоранд ва вуҷуд ҳам дошта наметавонанд.

Дар мамлакате, ки маданияти сиёсиаш баланд аст, фаъолияти мақомоти давлатӣ дар назди халқ ошкоро буда, мардум аз фаъолияти ин мақомот доим бохабаранд. Аз сабаби ноўҳдабарой, ваъдахилофӣ ва ё ягон гуноҳ ба ихтиёри худ ба истеъфо рафтани ҳукумат ва ё мансабдорони алоҳидаи мақомоти гуногуни ҳокимияти давлатӣ низ аз маданияти баланди сиёсӣ дарак медиҳанд. Дар чунин мамлакат воситаҳои ахбор ба ҳокимият вобаста нестанд ва онҳо метавонанд шахсро сарфи назар аз мартабаи ҷамъиятию давлатиаш ба зери танқид бигиранд. Мардум аз озодиҳои демократӣ истифода бурда, дар сурати зарурӣ гирдиҳамоӣ, раҳпаймоӣ, гуруснанишинӣ ва чораҳои дигарро созмон медиҳанд. Яъне дар мамлакатҳое, ки маданияти сиёсиашон баланд аст, озодиҳои демократии шаҳрвандон риоя карда мешаванд. Қонунҳои дахлдор ин ҳуқуқҳои шаҳрвандонро ҳифз менамоянд.

Дар мамлакатҳои демократӣ моҷароҳои оммавии вобаста ба масъалаҳои сиёсӣ хеле кам ба амал меоянд, чунки дар ин мамлакатҳо роҳҳои ҳалли чунин мунокишаҳо кайҳост, ки аз тариқи роҳҳои сиёсӣ ва тавассути қонунҳои мутамаддин пешбинӣ шудаанд.

Маданияти мутамаддини сиёсӣ ваҳдати ҷомеа ва беҳдошти сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоию ҳуқуқии онро таъмин менамояд.

**Маданияти ҳуқуқӣ**. Қонунҳои давлатӣ дар ҳамон сурат фаъолият менамоянд, ки сатҳи маданияти ҳуқуқии аъзоёни ҷомеа баланд бошад. Гарчанде қонунҳо зоҳиран мутамаддин намоянд ҳам, агар онҳо иҷронашаванда бошанд, яъне он қонунҳоро на дастгоҳи давлатӣ риоя кунаду на шаҳрвандон, пас ин ҳолат дар бораи паст будани маданияти ҳуқуқии ҷомеа ва шаҳрвандон шаҳодат медиҳад. Барои баланд бардоштани сатҳи маданияти ҳуқуқии ҷомеа зарур аст: 1. Мавҷудияти қонунҳои мутамаддин. 2. Иҷрошаванда будани қонунҳо. 3. Мавҷудияти сатҳи зарурии

саводи ҳуқуқии аъзоёни ҷомеа. 4. Баланд будани маорифи ҳуқуқии ҷомеа. 5. Соҳибистиқлолии додгоҳ. 6. Ҳифзи қонунҳо аз тарафи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ. 7. Дар назди қонун баробар будани ҳамаи шаҳрвандон.

Маърифати ҳуқуқии аъзоёни ҷомеа яке аз ҷузъиёти муҳимтарини маданияти ҳуқуқии ҷомеа мебошад. Аз ин хотир, давлат муттасил барои баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон корҳои муайянро иҷро менамояд.

Баландии маданияти ҳуқуқии ҷомеа аз рӯи низоми ҳуқуқӣ ва қонунҳо амал кардани ҳамаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва муассисаҳои дигари мақомоти ҳокимияти давлатӣ вобаста аст. Дар мамлакатҳои демократӣ дар натиҷаи иҷрои бечуну чарои принсипҳои маданияти ҳуқуқӣ дар сатҳи баланд қарор дорад. Аз ҳамин сабаб тамоми ҳаёти ҷомеа дар асоси талаботи қонунҳо сурат мегирад, дар он ҷо волоияти қонунҳо таъмин карда мешавад.

Сатҳи маданияти ҳуқуқӣ ба режими сиёсӣ вобаста аст. Агар режими сиёсӣ тоталитарӣ бошад, сатҳи маданияти ҳуқуқии ҷомеа паст ва агар режими сиёсӣ мутамаддин, демократӣ бошад, сатҳи маданияти ҳуқуқии ҷомеа баланд аст.

Дар чунин мамлакат аз тарафи мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва шаҳрвандон вайрон карда шудани қонунҳо кам ба назар мерасад. Аз тарафи дигар, бо сабаби он, ки қонунҳо барои ҳифзи манфиатҳои шаҳрвандон нигаронида шудаанд, худи шаҳрвандон манфиатдори онанд, ки қонунҳоро вайрон накунанд ва аз мақомоти ҳокимияти давлатӣ ҳам риояи қонунҳоро талаб намоянд.

Сатҳи маданияти ҳуқуқиро пеш аз ҳама, дастгоҳи давлатӣ муайян месозад. Агар он қонуншиканӣ накунад, аъзоёни ҷомеа низ кам қонуншиканӣ мекунанд. Дар сурати қонуншикан набудани дастгоҳи давлатӣ вай метавонад ҳарчи бештар пеши роҳи қонуншиканиро бигирад ва ҳар як ҳодисаи қонуншиканиро бе оқибат нагузорад.

Маданияти баланди ҳуқуқӣ ба пешрафти системаи сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ҳифзи манфиатҳои давлатӣ ва ҳар як шаҳрванд таъсири мусбат мебахшад.

**САВОЛ ВА СУПОРИШҲО.**

1. Дар байни ҳуқуқ ва қонун чӣ робита вуҷуд дорад? 2. Моҳияти сиёсии сиёсат ва ҳуқуқ дар чи ифода ёфтааст? 3. Чиро маданияти сиёсӣ меноманд? 4. Таркиби маданияти сиёсиро шарҳ диҳед. 5. Кадом тарзи татбиқи чорабиниҳои сиёсӣ аз маданияти баланди сиёсӣ дарак медиҳанд? 6. Маданияти ҳуқуқӣ чист? Вай чи тавр ташаккул меёбад? 7. Маданияти ҳуқуқӣ барои шахс ва ҷомеа чи аҳамият дорад? 8. Мақоми давлатро дар баланд бардоштани маданияти ҳуқуқӣ муайян кунед.

## § 52. ЗАБОН, ХАТ ВА МАОРИФ

**Забон**. Забон асос ва яке аз навъҳои маданияти маънавии инсон аст. Он аз ҳамаи намудҳои маданияти маънавӣ калонтар аст. Забон ҳанӯз дар давраи модаршоҳӣ, дар он даврае, ки «Ҳомо Сапиенс» «Одами Боақл» пайдо шуда буд, вуҷуд дошт. Пайдоиши забон бо ташаккули шуур ва фаъолияти меҳнатии одамони ибтидоӣ вобаста буд.

«Одамони боақл» дар муҳити ҳайвонот ва наботот зиндагӣ мекарданд. Ба шикору чорводорӣ ва зироаткорӣ машғул буданд. Доираи фаъолияти меҳнатии онҳо торафт меафзуд. Тавассути имову ишора фаҳмонидани он ки кай, дар куҷо, барои зиндагии ҳаррӯза чӣ корҳоро ба иҷро расонидан лозим аст, вақти зиёдро талаб мекард. Биноан, одамони қадимтарин гапзаниро аз худ намуданд. Забон дар натиҷаи фаъолияти истеҳсолии одамони ҷомеаи ибтидоӣ ба вуҷуд омадааст.

Дар аввал захираи луғавии забони одамони ибтидоӣ маҳдуд буда, калимаҳои чандон зиёдро ташкил намекард. Вале оҳиста-оҳиста шумораи калимаҳо зиёдтар шудан гирифтанд. Бо гузашти айём забони инсон торафт ташаккул меёбад ва ғанитар мегардад. Имрӯз ҳар як забон дорои миқдори зарурии калимаҳою ибораҳо мебошад ва миллату қавмҳои гуногун дар изҳори фикри худ ҳеҷ як мушкилие надоранд.

Азбаски дар замонҳои қадим маҳали сукунати одамон хеле васеъ ва дар байни онҳо робитаи кам вуҷуд дошт, забонҳои гуногуни ниҳоят зиёд ба вуҷуд омаданд. Одамони як маҳал бо як забон ва маҳали дигар бо забони дигар ҳарф мезаданд. Ҳар як қабила забони худро дошт. Бо мурури замон бо сабабҳои гуногун







қавмҳои зиёде бо ҳам омезаш ёфтанд ва якчанд қабила ташаккул ёфта халқиятро ба вуҷуд оварданд. Оҳиста-оҳиста забони онҳо якто шуд. Бо вуҷуди ин ҳоло дар ҷаҳон забонҳои зиёде вуҷуд доранд. Онҳо ифодагари яке аз нишонаҳои муҳими умумиятҳои миллию этникӣ ва маданияти маънавии онҳо мебошанд.

Забон на танҳо аломати муҳими умумиятҳои миллию этникӣ, балки забони аксарияти бошандагони кишвар, ҳамчун унсури сохтори сиёсӣ ва унсури давлатдорӣ баромад менамояд. Масалан

забони тоҷикӣ дар қатори ифодагари яке аз нишонаҳои миллати тоҷик, инчунин ба сифати забони аксарияти сокинони кишвар, ҳамчун забони давлатии Тоҷикистон қабул гардидааст. Пешомади инкишофи Тоҷикистон аз он далолат мекунад, ки ин забон на танҳо ҳамчун забони давлатӣ, балки воситаи асосии муоширати байни миллату халқиятҳои Тоҷикистон мегардад.

Забони тоҷикӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон забони давлатӣ буда, дар асоси Қонуни Забонҳо ки он соли 1989 қабул шудааст, танзим мегардад. Бо ин забон мардуми кишвар ҳарф мезананд, коргузорӣ дар кулли муассисаю идораҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ ба амал меояд, адабиёти гуногун, рӯзномаю маҷаллаҳо чоп мешаванд. Аз тариқи радио ва телевизион барномаҳо пахш мегарданд ва ғайраҳо.

Забон дар ҷомеа мақоми хоса дорад. Тавассути он одамон фикри худро баён мекунанд, дар муошират, доду гирифт, фаъолияти меҳнатӣ ва ғайра истифода мебаранд. Дар баробари ин забон ифодагари тафаккури шахс ва миллат аст. Забон имконият медиҳад, ки насли имрӯза дастовардҳои маънавии худро ба наслҳои оянда мерос гузорад. Чунон ки ин корро барои насли имрӯза аҷдодони гузаштаамон ба сомон расонидаанд. Тавассути забони тоҷикӣ мардуми ҷумҳурӣ боигарии маънавии хеш ва кишварро афзун мегардонанд. Дар ин кор ба забон хат ёвар аст.

**Хат**. Агар хат пайдо намешуд, забон вазифаҳои иҷтимоии худро бо пуррагӣ иҷро карда наметавонист. Аз азал хат вуҷуд надошт. Баъди пайдоиши забон боз ҳазорҳо сол гузаштанд, то ки инсон хатро ихтироъ кунад.

Ба вуҷуд омадани хат муттасил боиси ғанӣ гардидани маданияти умумии одамони қадим низ гардид. Хат ҳоло ҳам ин вазифаи фарҳангию иҷтимоии худро иҷро карда истодааст.

Аввал одамони ибтидоӣ фикри худро дар болои ҳар чизе, ё предмете бо ягон аломат ишора мекарданд. Лекин ин усул талаботи одамонро қонеъ карда натавонист. 3-ин сабаб дар болои ихтироъи хат одамони қадим заҳмат ва вакти зиёд сарф карданд. Дар натиҷаи ин хатҳои аввалини калимаҳо ва овозҳоро ифодакунанда ихтироъ карда шуданд. Онҳо ба пайдоиши нутки хаттӣ ибтидо гузоштанд.

Дар мамолики Шарқ хат таърихи бисёрҳазорсола дорад. Дар Байнаннахрайн. Миср, Эрон, Чин, Ҳиндустон ва минтақаҳои

дигари он хат дар ҳазорсолаҳои IV-II п.а.м. пайдо шудааст ва дар ташаккули тамаддуни халқҳои ин мамлакатҳо ва мамлакатҳои дигар таъсири бузург расонидааст. Аввалин маротиба хат дар Байнаннаҳрайн ва Эрони қадим ба вуҷуд омадааст. Яке аз хатҳои қадимтарине, ки имрӯз ҳам вуҷуд дорад, хати чинои мебошад. Он ба шеваи иероглифӣ навишта мешавад ва теъдоди «ҳарфҳо»-и он хеле зиёд аст. Имрӯз алифбои аз ҳама паҳнгардидатарини дунё алифбои лотинӣ мебошад. Он аз ҳама бештар дар китъаҳои Аврупо, Америка ва Австралия истифода мешавад. Аз хати чиноӣ, ҳиндӣ ва арабӣ низ аҳолии зиёд истифода мебарад. Дар як қатор мамлакатҳои ҷаҳон хати кириллӣ паҳн гардидааст, аз он ҷумла дар Россия, Украина, Белоруссия, Молдова, Қазоқистон, Қиризистон, Тоҷикистон, Булғория ва ғайраҳо.

Аҷдоди тоҷикон пеш аз истилои арабҳо хати мехӣ доштанд, вале баъди истилои Мовароуннаҳр арабҳо ин ҷо хати худро паҳн намуданд. Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Саъдии Шерозӣ, Умари Хайём, Носири Хусрав, Ҷалолиддини Румӣ, Камоли Хуҷандӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Зебуннисо, Бедил, Муҳаммад Иқбол ва боз садҳо алломаҳои шӯҳрати ҷаҳонидоштаи илму фарҳанги тоҷику форс асарҳои безаволи худро бо ҳамин хат офаридаанд.

Имрӯз хат дар ҳаёти мардум вазифаи ниҳоят бузургро иҷро менамояд. Агар хат намебуд, мо аз таърих ва маданияти хеш ва оламиён бехабар мемондем, китобҳо, рӯзномаю маҷаллаҳоро хонда наметавонистем. Аз ин бадтараш — номбурдаҳо умуман вуҷуд дошта наметавонистанд. Ҳама дар зулмот ва бемаданиятию бефарҳангӣ мемондем. Агар хат набошад, ҷомеа инкишоф намеёбад. Агар хат намебуд, одамон дар ҳолати вахшигарӣ умр ба сар мебурданд.

**Маориф**. Маориф низ унсури муҳимтарини инкишофи ҷомеа аст. Маориф барои он арзи вуҷуд кардааст, ки насли ҷавон саводи шифоҳӣ ва хаттӣ баро ранд, асосҳои илмҳои замони худро аз бар кунанд. Аз замонҳои қадим боз маориф яке аз воситаҳои асоситарини тарбияи насли наврас мебошад.

Шумо аз таърихи дунёи қадим медонед, ки ҳанӯз дар замони қадим дар Байнаннаҳрайн, Бобул, Миср, Чин, Эрон, Ҳиндустон, Юнон, Рим ва давлатҳои дигари муқтадир мактабҳо кушода

шуда буданд. Дар он мамлакатхо маориф мавриди ғамхории махсуси давлат ва аъзоёни ҷомеа қарор гирифта буд. Давлатҳои мутараққии дунёи қадим ғами насли ҷавонро мехӯрданд, ки вай бомаърифат ва соҳибхунар бошад, ҷисман боқувват ба воя расад. Давлатхои он замон барои таълиму тарбияи ҷамъиятии ҷавонон чораҳои зарурӣ меандешиданд. Аз ҳамин сабаб иқтисод ва илму фарҳанги онҳо пеш мерафт ва давлат пурқувват мешуд.

Ҳанӯз дар замони қадим мардум хуб фаҳмида буд, ки барои пешрафти ҷомеа мактабу маорифро тараққӣ додан лозим аст. Маблаге, ки ба соҳаи маориф харҷ карда мешавад, ба воситаи меҳнати мутахассисоне, ки дар мактабхои гуногун маълумот гирифтаанд, чандин маротиба зиёдтар бозпас мегардад. Давлатҳои тараққикардаи муосир ба ин соҳа маблағи калон сарф мекунанд. Мақсади чунин давлатҳо он аст, ки дар ҷомеа ҳама саросар босавод бошад. Зеро маълум аст, ки одамони бесавод ва ё чаласавод аз ӯҳдаи коре ки дониши баландро талаб мекунад, баромада наметавонанд.

Ҳар як давлат системаи маорифи худро дорад, аз он ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам. Системаи маорифи кишвар аз мактабҳои маълумоти умумӣ, касбӣ, техникумҳо, коллеҷҳо, донишгоҳхо ва донишкадаҳои такмили ихтисоси кормандон таркиб ёфтааст. Дар ҳамаи шаҳру деҳоти ҷумҳурӣ мактабҳои маълумоти умумӣ мавҷуданд. Дар онҳо барои таълиму тарбияи самаранок шароити зарурӣ муҳайё карда шудааст. Барои ин мактабҳо ҳар сол садҳо ҳазор нусха китобҳои дарсӣ, дастурҳои методӣ ва ашёҳои дигари таълимӣ чоп карда мешаванд, донишгоҳҳои педагогии ҷумҳурӣ ва Донишгоҳи Давлатии Миллии Тоҷикистон ҳазорон нафар омӯзгорони маълумоти олидор тайёр мекунанд. Ҷомеаи мо бояд барои рушди маориф боз ҳам зиёдтар ғамхорӣ зоҳир намояд, зеро сатҳи баланди он яке аз нишондиҳандаҳои асосии ҷомеаи демократӣ ва мутамаддин мебошад.

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО.

1. Ба маданияти маънавии инсон чиҳо дохил мешаванд? Барои ҷавоб додан ба ин савол аз ҷадвали дар мавзӯъ овардашуда истифода баред. 2. Ба фикри Шумо кадом намуди маданияти маънавӣ аз ҳама муҳимтар аст? 3. Забон кай ва чи тавр ба вуҷуд омадааст? 4. Забон барои ҳаёти инсон чи

аҳамият дорад? 5. Вазъи забони тоҷикӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чи тавр аст? 6. Хат кай ва чи тавр пайдо шудааст? 7. Хатҳои қадимтарин ва маъмули замони моро номбар кунед. 8. Хат дар ҷомеа кадом вазифаҳоро иҷро мекунад? 9. Муносибат ба маориф бояд чи гуна бошад? 10. Дар бораи ҳолати маориф дар Тоҷикистон чиҳо гуфта метавонед?

## § 53. АХЛОҚ, ИЛМ ВА ДИН

**Ахлоқ**. Меъёрҳои ахлоқӣ дар рафти ҳаёт ва фаъолияти аъзоёни ҷомеа ташаккул меёбанд. Мардум ва ҷомеа меъёрҳои рафтори бад ва некро дар зарфи ҳазорҳо сол кор карда баромадаанд. Тавассути онҳо аъзоёни ҷомеа кирдори мусбат ва манфӣ, яъне ахлоқи ҳамида ва разиларо аз ҳамдигар фарқ карда, муносибати худро нисбат ба ифодагарони ҳарду ахлоқ муайян менамуданд. Нисбат ба ашхоси дорои ахлоқи ҳамида ҳамду сано ва қаноатмандӣ изҳор мекарданд ва нисбат ба ашхоси дорои ахлоқи разила бошад, таассуф хӯрда, норозигии хешро баён медоштанд ва ҳаракат мекарданд, ки онҳоро ба роҳи дурусти ахлоқӣ ҳидоят намоянд.

Ахлоқро қонун танзим карда наметавонад ва чунин вазифа ҳам надорад.

Онро афкори умум ба вуҷуд меорад, ташаккул медиҳад ва то дараҷае танзим ҳам мекунад. Қонунҳоро порлумони давлат мебарорад ва онҳоро ба воситаи мақомоти давлатии ҳифзи ҳуқуқ танзим намуда, аз мардум риояи қонунҳоро талаб мекунад. Бадахлоқӣ тавассути афкори ҷомеа маҳкум карда мешавад. Агар ахлоқи разила сабабгори вайрон карда шудани ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон гардад, пас қонунҳо ба кор медароянд. Дар байни ахлоқ ва ҳуқуқ робитаи зич вуҷуд дорад.

Чанд меъёри ахлоқиро номбар мекунем. Сифатҳои шахси ахлоқи ҳамидадор: ростгӯӣ, бо мардум хушмуомила, хайрхоҳ, ҳалиму хоксор, самимӣ ва сахӣ аст, бо меҳнати ҳалол рӯз мегузаронад, алфози бад надорад, бахил ва ҳасадбар нест, касеро намеранҷонад, бо раҳму шафқат, инсондӯст аст ва ғайра. Сифатҳои шахси ахлоқи разиладор: дурӯғгӯӣ, разил, фиребгар, бераҳм, мағрур, ҳавобаланд, дузд, фасодкор, ҳаромхӯр, роҳзан, бадмуомила, ҷангара, бахил, фитнагар, бадкина, дурӯя ва ғайра.

Ахлоқи ҳамида одамро зинат медиҳад ва боиси тозагию саломатии ахлоқии шахс, оила ва ҷомеа мешавад. Одами ахлоқи разиладошта ҷомеаро ифлос мекунад, одамро озор медиҳад, дилҳоро меранҷонад, мардумро дар ташвиш мемононад ва ҳатто ба ғаму кулфат гирифтор мекунад.

Нисбати ахлоқи разила аъзои ҷомеа бетафовут буда наметавонад. Онҳо бо ҳамроҳии мақомоти давлатӣ чораҳои тарбиявие меандешанд, ки теъдоди мардуми ахлоқи разиладошта рӯз то рӯз камтар шавад. Ингуна тадбирҳо фазои мӯътадили равонию ахлоқии ҷомеаро таъмин менамояд.

**Илм.** Илм баъди ташаккули давлат ба вуҷуд омадааст. Эҳтиёҷот барои омӯзиши замин, табиат ва ҷомеа ба пайдоиши донишҳои илмӣ сабабгор шудааст. Дар натиҷа табақаи зиёиён




ташаккул ёфт, ки як теъдоди он ба фаъолияти илмӣ машғул шуд.

Дар аввал илмҳои мушаххас набуданд. Илм дар шаклҳои умумӣ, муштарак вуҷуд дошт. Аз он давра сар карда то асрҳои XIX - XX аз илми муштарак илмҳои алоҳида ҷудо шуда, мустақилона амал карданд. Имрӯз теъдод ва номгӯи онҳо хеле зиёд аст: риёзӣ, ситорашиносӣ, забоншиносӣ, адабиётшиносӣ, таърих, ҷуғрофия, санъатшиносӣ, мантиқ, равоншиносӣ, ахлоқшиносӣ, фалсафа, педагогика ва ғайра. Имрӯз ҳам илмҳои нав ва ё ки шохаҳои илмҳои ба мо маълум пайдо шуда истодаанд. Дар байни онҳо сиёсатшиносӣ, маданиятшиносӣ, иҷтимоишиносӣ, (сотсиология), кибернетика, биологияи кайҳонӣ, кимиёи кайҳонӣ, экология аз ҳамин қабил мебошанд.

Феълан ҷомеа бе илм вуҷуд дошта наметавонад. Ҳар як илм мавзӯи омӯзиши худро дорад. Масалан, илми таърих таърихи

пайдоиши одам ва ташаккули ҷомеаи инсониро меомӯзад. Ҳама илмҳои дигар ҳам мавзӯҳои омӯзиши худро доранд.

Илмҳо дар ҳаёти инсон ва ҷомеа ба аҳамияти беназир моликанд. Масалан, комёбиҳои физика намешуданд, пас мо аз шуои рентген ва лазер, ултрабунафш, ултрасадо, ҳаракатдиҳандаҳои буғӣ ва дарунсӯз, радио, телевизион, автомобиль, самолёт, поезд, нерӯи барқ, компютерҳо ва ғайра маҳрум мебудем. Агар илми кимиё намебуд, мо аз куҷо медонистем, ки моддаҳои кимиёвӣ чи хосиятҳо доранд ва дар хоҷагии халқ чи тавр истифода бурда мешаванд. Агар илми риёзӣ намебуд, пас чи тавр биноҳо, фабрикаю заводҳо, асбобҳои ҳисоббарор, техника ва компютерҳо сохта мешуданд, ё ки чи тавр мо аз ҳисоби оморӣ пешравӣ ва ё ақибмонии ҷомеаро мефаҳмидем. Ё ки бе илмҳои ҷомеашиносӣ тамоюлҳо ва қонуниятҳои инкишофи ҷомеаро дарк карда метавонистем чӣ тавр ва ғайраҳо.

Дар ҷумҳурии мо Академияи илмҳо мавҷуд аст. Ба он пажӯҳишгоҳҳои зиёде дохиланд, пажӯҳишгоҳҳои таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносӣ, фалсафа ва ҳуқуқ, кимиё, забон ва адабиёт, физикаю техникӣ, чорводорӣ, астрофизика, зилзиласанҷӣ, хокшиносӣ ва ғайраҳо. Вазорату идораҳои алоҳидаи Тоҷикистон пажӯҳишгоҳҳои соҳавии худро доранд. Дар пажӯҳишгоҳҳои ҷумҳурӣ садҳо олимони соҳибистеъдод ба корҳои илмию тадқиқотӣ машғуланд. Инчунин дар донишгоҳҳои ҷумҳурӣ олимони зиёде машғули кори педагогӣ ва корҳои пажӯҳишӣ мебошанд. Онҳо низ дар пешрафти илми ҷумҳурӣ саҳми калон доранд.

Илм дар ҳаёти шахс ва ҷомеа вазифаҳои муҳимро иҷро мекунад. Ягон соҳаи хоҷагии халқ имрӯз бе хулосаҳои илм, кашфиёт ва ихтирооти илмию техникӣ вуҷуд дошта наметавонад. Ба илм одамони болаёқат — олимон машғуланд. Барои олим шудан кас бояд дониши зиёду ҳаматарафа ва қобилияти тадқиқотчигӣ дошта бошад.

Ба ӯҳдаи олимон вазифаи хеле масъулиятнок гузошта шудааст. Ин нукта аз он бармеояд, ки муваффақият дар соҳаи маданияти моддӣ ва маънавӣ аз он ҷумла ба фаъолияти илмии олимон вобаста аст. Барои ҳамин ҷомеа ба пешрафти илм диққати ҷиддӣ медиҳад.

**Дин**. Дин ва эътиқодҳои динӣ таърихи дуру дароз доранд. Онҳо аз ҷамоаи ибтидоӣ оғоз мeёбанд. Он вакт аз сабаби оҷизӣ ва ноогоҳӣ аз ҳодисаҳои табиат, аз он ҷумла, заминларза, раъду барқ, борон, жола, барф, вулқон, беморӣ, марг ва ғайра одамон маҷбур буданд, ки ин ё он нерӯи табиатро парастанд. Баъзе авлод ва қабилаҳо ҳатто ягон наботот ва ё ҳайвонотро мепарастиданд. Яъне дар он замон эътиқодҳои динӣ ниҳоят бисёр буданд. Баъди ҷамоаи ибтидоӣ оҳиста-оҳиста теъдоди динҳо кам мешаванд. Дар баъзе минтақаҳои ҷаҳон динҳои авлодӣ ва қабилавӣ тамоман барҳам мехӯранд. Ҳоло динҳои қабилавӣ танҳо дар байни баъзе қавмҳои ақибмондаи дунё боқӣ мондаанду халос. Ҳоло динҳои авлодӣ дигар вуҷуд надоранд, ба ҷои динҳои барҳамхӯрда динҳои нав пайдо мешуданд. Баъдтар баъзеи онҳо низ аз байн мерафтанд, вале баъзеашон дар байни мардум пайравони зиёд пайдо менамуданд. Бо вуҷуди ин на ҳамаи онҳо то замони мо боқӣ мондаанд.

Дар ҳазорсолаи II п.а.м. дар Фаластин дини яҳудия ба вуҷуд омадааст. Ин дин яке аз динҳои аввалинест, ки онро дар вақташ чандин қавм қабул намудаанд. Дини яҳудия дар байни мардуми яҳудӣ, краимҳо ва қабилаи фалаши Ҳабашистон паҳн мегардад. Баъдтар яҳудиён, ки яке аз қабилаҳои бидавӣ буданд, аз иттиҳод бо қабилаҳои дигар ҷудо шуда, ба самти Шом ва Фаластин ҳаракат карда, дар он ҷо сокин мешаванд ва дар охири ҳамин ҳазорсола ба яккахудоӣ, яъне ба эътиқоди дини яҳудия мегузаранд. Қоидаҳои дини яҳудия дар китоби муқаддаси он — «Таврот» инъикос гардидааст.

Дар нимаи дуюми ҳазорсолаи II п.а.м. дар байни мардуми форсизабон ва баъзе халқҳои дигар дини зардуштӣ пайдо мешавад, ки асосгузори он Зардушт буда, ин дин дар Эрон, Шарқи Наздик ва Осиёи Марказӣ васеъ паҳн гардид. Бостоншиносон дар маҳалҳои гуногуни Тоҷикистон ибодатгоҳҳои дини зардуштиро пайдо намудаанд. Одамони ба ин дин эътиқоддошта оташпараст буданд. Таълимоти зардуштия дар китоби муқаддаси ин дин — «Авасто» баён гардидааст. Хусусияти асосии маънавии зардуштия он аст, ки гӯё дар олам ду холиқ, яъне ду худо вуҷуд дорад. Худои хайру нур — Аҳурамаздо ва худои шарру зулм — Аҳриман. Аз назари ин дин ҷараёни оламро мубориза и ин ду нерӯ ташкил медиҳад.

Дар Ҳиндустони қадим аввал дини ведоия, баъд ҳиндусия ва буддоия ба вуҷуд омадаанд. Ҳоло шохаю равияҳои гуногуни ин динҳо дар чандин мамолики Шарқ вуҷуд доранд.

Дар оғози ҳазорсолаи I мелодӣ дар Шарқи Наздик дар ҳамон минтақае, ки дини яҳудия пайдо шуда буд, дини масеҳӣ паҳн мегардад. Ҳамон вақт дар он ҷо ривояте паҳн шуд, ки гӯё яҳудиён худои масеҳиён Исои Масеҳро тавассути чормеххунӣ қатл карда бошанд. Ба воситаи ҳамин ривоят дини масеҳӣ ба дини қадимаи ин маҳал муқобил гузошта шуд. Дини масеҳӣ дар олам пайравони зиёд дорад. Арзишҳои дини масеҳӣ дар китоби муқаддаси ин дин — Инҷил инъикос гардидаанд.

Дар асри VII милодӣ дар нимҷазираи Арабистон дини ислом ба вуҷуд меояд. Асосгузори он Ҳазрати Муҳаммад (с) мебошад. Дар байни динҳои номбурда ин дин дини ҷавонтарин аст. Арзишҳои дини ислом дар китоби муқаддаси он — «Қуръон» ва китобҳои дигари баъд таҳияшуда зикр ёфтаанд.

Дини ислом дар асрҳои VII-VIII ва баъдтар дар мамлакатҳои зиёди Осиё, Африқо ва Аврупо паҳн мегардад. Аксарияти кулли мардуми сокини Тоҷикистон пайравони дини ислом мебошанд.

Аз аввали пайдоиши худ динҳо бештар вазифаҳои ахлоқиро иҷро менамуданд. Онҳо ҳаёти одамонро аз назари покизагии ахлоқ ва одамгарӣ ба низом медароварданд. Вазифаи асосии динҳо имрӯз ҳам ҳамин аст. Вале дар баробари ин вазифаҳо динҳо баъзан вазифаҳои дигар, аз он ҷумла, вазифаҳои сиёсиро низ иҷро менамоянд. Ба иҷрои ин вазифаҳо динро давлат, нерӯҳои ҷамъиятию сиёсӣ ва сиёсатмадорон ҷалб менамоянд. Баъзе рӯҳониён низ барои ҳокимият талош доранд. Онҳо низ мехоҳанд дастгоҳи пуриқтидори давлатиро барои воқеигардии мақсадҳояшон истифода намоянд.

Чӣ тавре, ки дар боло зикр шуд, дар тараққиёти тамаддуни инсонӣ динҳо мавқеи бузург доранд. Онҳо маданияти ҳамноми худро ба вуҷуд овардаанд. Масалан, маданияти ведоӣ, маданияти буддоия, маданияти яҳудия, маданияти зардуштия, маданияти ислом, маданияти масеҳӣ. Дар бораи ахлоқ низ ҳаминро гуфтан мумкин аст: ахлоқи ведоӣ, ахлоқи буддоӣ, ахлоқи яҳудия, ахлоқи зардуштӣ, ахлоқи масеҳӣ ва ахлоқи исломӣ.

Бояд гуфт, ки меъёрҳои ахлокии як дин аз дини дигар бо пуррагӣ ҳам набошад, фарқ мекунанд. Дар олами муосир дин танҳо эътиқод ва парастиш нест. Зиёда аз ин, аз ҷумла, дини ислом ҳам ба сифати тарзи ҳаёти одамон амал мекунад ва воситаи муҳими танзими фаъолияти одамон аст. Дин яке аз қисматҳои муҳимтарини маданияти ҷомеаро ташкил медиҳад.

### САВОЛ ВА СУПОРИШҲО.

1. Меъёрҳои ахлоқӣ чӣ тавр ба вуҷуд омадаанд? 2. Ахлоқи ҳамида ва разила чист? 3. Оё ахлоқро қонун танзим мекунад? Аз ҷадвал истифода бурда, ба ин савол ҷавоб диҳед. 4. Ахлоқи ҳамида ба одам ва ҷомеа чи фоида меоварад? 5. Бо кадом сабабҳо илм тавлид ёфтааст? 6. Исбот кунед, ки ҷомеа бе илм пеш рафта наметавонад. 7. Кадом муассисаҳои илмии Ҷумҳурии Тоҷикистонро медонед? 8.Оё ҳамаи онҳо то замони мо омада расидаанд? 9. Дар бораи динҳои насронӣ ва ислом нақл кунед. 10. Дин дар ҷомеа кадом вазифаҳоро иҷро мекунад?

## § 54. АДАБИЁТ ВА САНЪАТ

Адабиёт ва санъат ифодагари масъалаҳое мебошанд, ки ҳаёт дар назди инсон мегузорад. Адабиёт ва санъат ҳамчун шакли шуури ҷамъиятӣ мартабаи баландро соҳиб мегардад.

Адабиёт ва санъат ба воситаи образҳои бадеӣ воқеияти ҷамъиятиро инъикос менамояд, характер ва ҷаҳонбинии инсонро ташаккулу инкишоф медиҳад.

Адабиёт ва санъат ба инсон ҳаётро мефаҳмонад ва ӯро тавассути ҳақиқати образҳои бадеӣ тарбия менамояд.

**Адабиёт**. «Адабиёт» маънои ҷамъи адабро дорад. Он дар маънои васеъ ва маҳдуд истифода мешавад. Дар маънои васеъ «адабиёт» кулли адабиёт сарфи назар аз илм жанрҳои адабиёт ва қисматҳои бадеӣ ва адабиёти методӣ дохил мешаванд. Инҳо гурӯҳҳои калони адабиётанд, ки дар навбати худ ба адабиёти алоҳида тақсим мешаванд. Адабиёти илмӣ аз адабиёти доир ба таърих, физика, кимиё, табиатшиносӣ, нуҷум, риёзиёт, тиб, мардумшиносӣ, бостоншиносӣ, педагогика, равоншиносӣ, маданиятшиносӣ, ҳуқуқшиносӣ, сиёсатшиносӣ, фалсафа, забоншиносӣ, адабиётшиносӣ ва ғайра таркиб ёфтааст. Адабиёти бадеӣ аз жанрҳои алоҳидаи адабӣ иборат аст. Адабиёти методӣ он

адабиётеро меноманд, ки ба усули таълими ҳар як илм ё худ фанни таълимӣ хизмат мекунад.

Дар маънои аслиаш «адабиёт» гуфта адабиёти бадеиро меноманд. Адабиёт як навъ санъат аст — санъати сухан. Адабиёти бадеӣ ҳаёти инсонро дар шакли бадеӣ, яъне тавассути образҳо инъикос менамояд. Вай аз жанрҳои зиёде иборат буда ба се гурӯҳи калон мутааллиқанд. Жанрҳои хамоса аз латифа, тамсил, баллада, ҳикоя, новелла, повест, достон, роман, достони мӯҳташам, эпопея, очерк, сафарнома ва ёддошт иборат аст. Жанри драма аз фоҷиа, мазҳака, дром,мелодрама, водевил, инсинировка, либретто ва киностсенария таркиб ёфтааст. Дубайтӣ, рубоӣ, сонет, китъа, маснавӣ, ғазал, қасида, хикояҳои лирикӣ, достонҳои лирикӣ ва боз қариб даҳ жанри дигар ба жанрҳои саноӣ (маънояш таронасаро) дохил мешавад. Ҳар як жанр ва гурӯҳи жанрҳо хусусияти худро дорад ва бо тарзу усули ифода намудани образҳо ва арзишҳои дигари бадеии худ мусаллаҳанд.

Адабиёти бадеӣ аз сухани бадеӣ ва сухани илмӣ иборат аст. Ба сухани бадеӣ адабиёти бадеӣ ва ба сухани илмӣ тадқики адабиёти бадеӣ дохил мегарданд. Ба адабиёти бадеӣ илми адабиётшиносӣ машғул аст. Ба он таърихи адабиёт, танқиди адабиёт ва назарияи адабиёт дохиланд. Ба илми адабиётшиносӣ илмҳои матншиносӣ, сарчашмашиносӣ ва китобшиносӣ ёрӣ мерасонанд. Адабиётшиносӣ ба илмҳои забоншиносӣ, санъатшиносӣ, ҷомеашиносӣ, мардумшиносӣ, равоншиносӣ, антропология, физиология, нуҷум, табиатшиносӣ ва ғайра робита дорад. Илми адабиётшиносӣ дар рушди адабиёти бадеӣ ва дар кори байни хонандагон ташвиқу тарғиб намудани он саҳми калон мегирад.

Адабиёти бадеӣ ду давраи калонро дарбар мегирад — адабиёти бадеии классикӣ ки он дар навбати худ ба давраҳои алоҳида тақсим мешавад ва адабиёти бадеии муосир. Аз рӯи мансубияташ адабиёти бадеӣ ба адабиёти классикию миллӣ ва адабиёти классикию муосири халқҳои ҷаҳон тақсим мешавад ва онҳоро ду ҳиссаи адабиёти бадеӣ таҷассум менамояд. Ҳарду ҳиссаи адабиёти бадеӣ ҳамдигарро пурра мекунанд.

Ҳар як шахс аз овони кӯдакӣ сар карда, то синни пирӣ аз адабиёти гуногуни бадеӣ истифода мебарад. Кӯдакон бештар

афсонаро нагз мебинанд. Афсонаҳои нахустинро хурдсолон аз забони ширин ва пур аз меҳру муҳаббати модар ва ё падари худ мешунаванд. Тавассути афсонаю қасидаҳо ва намудҳои дигари эҷодиёти шифоии халқ бачаҳо образҳои қаҳрамонҳои афсонавиро дар қалби худ ҷой медиҳанд. Корнамоии Шерак, «Эраҷи тилисмшикан», «Чароғи Аловуддин», афсонаҳои «Ҳазору як шаб», эпоси «Гӯрӯғлӣ» аз қабили ҳаминҳоянд.

Дар афсонаҳо дар муқобили қаҳрамонҳое, ки образҳои мусбат мебошанд, образҳои манфии аҳриманӣ истодаанд, ки дар мубориза алайҳи қаҳрамонони дӯстдоштаи бачаҳо ҳатман шикаст мехӯранд. Кас аз тавоноӣ ва адолатпарварии образҳои мусбати афсонаву қиссаҳо ба ваҷд меояд ва ғизои маънавӣ мегирад. Ин образҳо хонанда ва шунавандаро водор месозанд, ки мисли онҳо ҷасур, ватанпараст ва некӯкор бошад, аз мушкилиҳо ва душманон натарсад. Бо роҳи адолат пеш равад, ки он ҳатман касро ба сӯи ғалаба хоҳад бурд.

Дар синну соли наврасию ҷавонӣ ва баъд калонсолӣ одам жанрҳои дигари адабиёти бадеиро мутолиа мекунад ва олами маънавии хешро боз ҳам ғанитар мегардонад. Аз адабиёти гуногун барои худ ҳамон жанрҳоеро интихоб мекунад, ки ба ӯ бештар завқи бадеӣ мебахшанд.

Дар жанрҳои гуногуни адабиёти бадеӣ хислатҳои беҳтарини инсон зебоию бузургӣ, ахлоқи ҳамида, некӯкорӣ, одаму одамгарӣ, ишқу муҳаббати поки инсонӣ, раҳму шафқат нисбат ба дармондагону оҷизон ва хислатҳои дигари волои одамӣ дар образҳои бадеӣ инъикос меёбанд. Дар бораи ин сифатҳо дар адабиёти бадеӣ образҳои манфӣ, ва хислатҳои зиддиинсонии персонажҳо ошкор карда мешаванд. Образҳои бадеӣ имконият медиҳанд, ки кас ҷонибдори қаҳрамонони мусбат ва муқобили персонажҳои манфӣ шавад. Образҳои мусбат хислатҳои беҳтарини инсониро тарбия мекунанд.

Талаботи инсон ба адабиёти бадеӣ дар ҳамаи давраҳои ҳаёти ӯ боқӣ мемонад. Вале оиди ин ва ё он жанри адабиёт завқи шахс хусусиятҳои инфиродӣ дорад: як шахс мумкин як ва ё якчанд жанри алоҳидаро меписандад, шахси дигар бошад, як ва ё якчанд жанри дигарро.

Адабиёти бадеии форсу тоҷик бой буда, шӯҳрати ҷаҳонӣ дорад. Он дар асри IX аз Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ оғоз ёфта, роҳи дуру дарози пуршӯҳратро тай намуда, то замони мо омада расидааст. Дар тӯли асрҳо жанрҳои мухталифи адабиёти форсу тоҷик ривоҷ ёфта, ташаккулу такомул ёфтаанд. Қасидаҳои «Модари май» ва «Шикоят аз пирӣ»-и А. Рӯдакӣ, «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, ғазалиёти Ҳ. Шерозӣ, «Бӯстон» ва «Гулистон»-и С. Шерозӣ, «Баҳористон»-и С. Насафӣ, рубоиёти У. Хайём, «Хирадномаи Искандарӣ» ва «Лайлӣ ва Маҷнун»-и А. Ҷомӣ, «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ, «Садои Осиё» ва «Ҷони ширин»-и М. Турсунзода, романи «Фирдавсӣ»-и С. Улуғзода, «Забони модарӣ»-и Бозор Собир намунае чанд аз баъзеи ин жанрҳо мебошанд, ки на танҳо ба ганҷинаи адабиёти бадеии форсу тоҷик, балки ба қатори шоҳасарҳои халқҳои ҷаҳон дохил гардидаанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Иттифоқи нависандагон фаъолият дорад. Дар он адибони ҷумҳурӣ муттаҳид гардидаанд. Ба он муддати тӯлонӣ М. Турсунзода сарварӣ мекард. Адабиёти муосири тоҷик бо номҳои С. Айнӣ, А. Лоҳутӣ, М.Турсунзода, С. Улуғзода, Б. Собир, Лоиқ, М. Қаноат, Гулрухсор ва симоҳои дигари адабӣ ифтихор дорад.

Адабиёти бадеӣ дар ташаккули шахсият ширкат меварзад. Он сатҳи маданию фарҳангии ҷомеаро низ нишон медиҳад.

**Санъат**. Санъат яке аз шаклҳои шуури ҷамъиятӣ ва қисми таркибии маданияти маънавии инсон мебошад. Санъат намудҳои бисёре дорад ва ҳар яки он дар тарбияи зебоифаҳмии инсон саҳм мегузорад. Санъати мусиқӣ, санъати театрӣ, санъати тасвирӣ, санъати меъморӣ, санъати ҳайкалтарошӣ, санъати амалӣ, синамо ва ғайра қисмҳои таркибии санъатро ташкил менамоянд, ки ҳар кадоми онҳо дар навбати худ жанрҳои мухталиф ва хосаро доро мебошанд.

**Санъати мусиқӣ** аз жанрҳои мусиқии бачагона, мусиқии вокалӣ, камеравӣ, мусиқии нафасӣ, мусиқии симфонӣ, мусиқии рақсӣ, мусиқии озод, мусиқии театрӣ, мусиқии халқӣ, мусиқии ҳарбӣ ва ғайра иборат аст. Ҳар кадом намуди мусиқӣ таъиноти худро дорад. Масалан, мусиқии театрӣ махсус барои ин ва ё он асари ба саҳнагузошта навишта мешавад ва образҳои саҳнавиро бо мусиқӣ оро дода, хусусиятҳои равонию бадеии онҳоро ифода

менамояд ва таъсири асарро ба тамошобин бештар мегардонад. Мусиқии вокалӣ барои овозхонӣ офарида мешавад. Бастакор ба ин ва ё он шеър оҳанг мебандад ва овозхон дар асоси он ва бо иштироки мусиқӣ сурудро ичро мекунад. Мусиқии рақсӣ барои рақскунӣ хизмат мекунад, вале он дар бисёр мавридҳо бо ҳамовозии сароянда ичро карда мешавад. Сурудҳои рақсӣ хеле зиёданд. Мусиқии халқӣ аз тарафи халқ ва ё ҳунарманди халқӣ офарида мешавад ва маъмулан муаллифи мушаххас надорад. Масалан, аксарияти ҳофизони халқии Тоҷикистон қисман оҳанги сурудро худашон эҷод мекунанд. Оҳангу сурудҳое ҳастанд, ки халқи тоҷик садҳо сол аз як насл ба насли дигар ба тариқи шифоӣ месупорад. Эпоси «Гӯрӯғлӣ» ва «Шашмақом» аз ҷумлаи ин гуна асарҳо мебошанд. Дар санъати мусиқии тоҷик шашмақомхонӣ жанри махсусро ташкил мекунад. Бастакорони тоҷик баъзе сурудҳое, ки бо усули шашмақомхонӣ сароида мешаванд, ба забони нота даровардаанд.

**Санъати театрӣ** зиёда аз 2,5 ҳазор сол умр дорад. Ҳанӯз дар Юнони қадим дар театрҳо, ки онҳо одатан дар доманаи теппаҳо сохта мешуданд ва болояшон кушода буданд асарҳои муаллифони юнонии ҳамон давра ба саҳна гузошта мешуданд. Жанри нахустини театрии Юнони қадим фоҷиа буд. Онро мардуми Юнон ниҳоят нағз медиданд.

Санъати театрӣ унсурҳои зиёд дорад: биноп театр, саҳна, песа, актёр, сару либоси актёрҳо, декоратсия, мусиқӣ, зал барои тамошобинон, худи тамошобинон ва ғайра. Вале санъаткорони машҳур шӯхиомез мегӯянд, ки театр аз либосовезонкунак оғоз меёбад.

Симои асосӣ дар театр актёр мебошад. Актёрҳо мувофиқи матни песа нақшҳоро ичро менамоянд. Онҳо ҳаракат мекунанд, ки образҳоро бо санъати баланд ва табиӣ офаранд ва ба тамошобинон завқи бадеӣ бахшанд.

Мардуми тоҷик садҳо сол муқаддам театри масхарабозии худро ташкил кардааст. Он театри сайёр буд. Лекин театре, ки дар маънии имрӯза фаҳмида мешавад, дар кишвари мо вуҷуд надошт.

Театри аввалини касбӣ дар Тоҷикистон соли 1929 дар ш. Душанбе кушода шудааст, ки он номи А. Лоҳутиро дорад. Баъд-

тар дар ҷумҳурӣ театрҳои дигар ҳам кушода шудаанд. Инҳо театри русии ба номи В. Маяковский, театри опера ва балети ба номи С. Айнӣ, театри ҷавонон ба номи М. Воҳидов, театри лӯхтаки ш. Душанбе, театри мусиқию драмавии шаҳрҳои Хуҷанд, Чкаловск, Хоруғ, Кӯлоб, Қӯрғонтеппа ва ғайра мебошанд. Дар бисёр шаҳру навоҳии ҷумҳурӣ театрҳои халқӣ кушода шудаанд. Дар театрҳои Тоҷикистон асарҳои классикони драматургияи ҷаҳонӣ ва драматургияи тоҷик ба саҳна гузошта мешаванд.

Дар зарфи зиёда аз 60 сол дар ҷумҳурӣ актёрҳои машҳури театрӣ тарбия ёфтаанд. Дар байни онҳо Муҳаммадҷон Қосимов, Аслӣ Бурҳонов, Маҳмуд Воҳидов, Тӯҳфа Фозилова, Ҳоҷиқул Раҳматуллоев, Малика Собирова, Рафаэл Толмасов, Аҳмад Бобоқулов, Лутфӣ Зоҳидова, Ҳанифа Мавлонова, Гурминҷ Завқибеков, Ҳошим Гадоев, Ато Муҳаммадҷонов барин актёрҳои забардаст ҳастанд. Онҳо гулдастаи санъати театрии Тоҷикистонро ташкил намудаанд.

Дар кори ҳарбӣ мусиқии ҳарбӣ аҳамияти калон дорад. Умри он жанри мусиқӣ хеле дуру дароз аст. Дар замонҳои қадим бо навохтани мусиқӣ, ки он ҷанговаронро ба шуҷоату қаҳрамонӣ ва ҷасорат даъват менамуд, ҷангҳо оғоз меёфтанд. Дар он садои ҷозибадори нағора ва карнаю сурнай мақоми баланд дошт.

Мусиқии ҳарбӣ барои қадамзании низомии сарбозон, лаҳзаҳои ботантанаи ҳарбӣ ва лаҳзаҳои дигари ҳаёти ҳарбӣ истифода бурда мешавад. Бастакорону иҷрокунандагони суруду мусиқии ҳарбӣ одатан хизматчиёни ҳарбӣ мебошанд. Мусиқии ҳарбии тоҷик дар ташаккулёбӣ аст ва он дар ҳаёти артиши миллии тоҷик мақоми калон пайдо намудааст.

**Санъати тасвирӣ**. Санъати тасвирӣ чандин намуд дорад. Санъати рассомӣ аз намудҳои санъати тасвирист, ки он ҳамчун асари бадеӣ ба воситаи рангҳо дар рӯи коғаз, матоъ, девори биноҳо ва ё ҷойҳои дигар офарида мешаванд. Санъати рассомӣ воситаи муҳими инъикоси бадеии воқеият буда, он ба тафаккуру эҳсоси шахс таъсир мерасонад ва завқи зебоифаҳмии ӯро ба вуҷуд меорад. Дар асари рассомӣ рассом барои ифодаи ғояи муайян мавзӯъ ва сюжет интихоб мекунад, композитсия меофарад ва асл ё худ натура, этюд ва эскизҳо эҷод мекунад. Дар санъати рассомӣ

устокорона истифода намудани шакл, ҳаҷм, фазо, ранг, рӯшноию тирагӣ ва ҳоказо аҳамияти калон доранд.

Санъати рассомӣ низ гуногунжанр буда, аз жанрҳои монументалии ороишӣ, дастгоҳи минётура, диорама, панорама ва амсоли онҳо иборат аст. Санъати рассомӣ вобаста ба объекти тасвиршаванда ба жанрҳои таърихӣ, рамзӣ, портрет, анамалистика (тасвири ҳайвонот) ва натюрморт тақсим мешавад.

Ҳамин тариқ, дар бораи намудҳои дигари санъат, аз ҷумла наққошӣ, ҳайкалтарошӣ, меъморӣ, санъати амалӣ, синамо ҳам нақл кардан мумкин аст. Ин намудҳои санъат низ хусусиятҳои хоси худро доранд. Онҳо ҳамраҳи зиндагии мардуми Тоҷикистон мебошанд.

Санъат ва адабиёт ва дигар намудҳои фарҳанг, дар ташаккули шахс ва бойшавии маданияти маънавии фард ва ҷомеа мақоми арзанда доранд.

### САВОЛ ВА СУПОРИШҲО.

1. Мафҳуми «адабиёт»-ро шарх диҳед. 2. Ба адабиёти бадеӣ кадом жанрҳо дохил мешаванд? 2. Сухани бадеӣ аз сухани илмӣ дар адабиёти бадеӣ чи маъно дорад? 3. Адабиёти бадеӣ ба кадом илмҳо робита дорад? 4. Вазифаҳои адабиёти бадеиро муайян намоед. 5. Кадом шохасарҳои адабиёти бадеии классикию муосири форсу тоҷикро медонед? 6. Оё дар бораи вазъи адабиёти муосири тоҷик маълумот дода метавонед? 7. Кадом намудҳои санъатро медонед? 8. Вазифаҳои санъат аз чӣ иборат аст? 9. Чанд намуди санъатро шарх диҳед. 10. Кадом намудҳои санъат ба Шумо маъқул аст ва барои чӣ? 11. Вазъи адабиёт ва санъат дар Тоҷикистони кунунӣ дар кадом ҳолат аст?

## § 55. ВОСИТАҲОИ АХБОРИ УМУМ

**Аҳамияти васоити ахбори омма**. Одам ҳар рӯз хӯрок мехӯрад, об менӯшад ва нафас мекашад. Агар ӯ гурусна монад хӯрок мехӯрад, агар ташна шавад, об менӯшад, агар ба ӯ ҳаво камӣ кунад ва ё он ифлос шавад барои ҳавои тоза нафас кашидан ба ҳавои кушоду тоза мебарояд, ё ки ҳавотозакунак (кондисионер)-ро ба кор медарорад. Инҳо талаботи табиию муқаррарӣ ва физиологии инсон аст. Ғайр аз ин талабот инсон боз талаботи маънавӣ ҳам дорад.

Зарурат ва эҳтиёҷоти ҳар яки мо ба васоити ахбори омма аз ҳамин талабот бармеояд.

Дар ҳаёти ҷомеа, дар рушди инкишофи маданияти маънавии одамон воситаҳои ахбори умум нақши фаъол доранд. Аҳамияти воситаҳои ахбори омма барои одам аз хӯрок ва обу ҳаво камтар нест. Он ба вазъи умумии равонию кайфият ва саломатии одам таъсири бағоят калон мерасонад.

Тасаввур мекунем, ки як ҳафта рӯзномаю ҳафтавор ва маҷаллаҳо чоп намешаванд, китобхонаҳо кори худро қатъ мекунанд, телефону телеграф аз кор мебароянд, оҷонсиҳои хабарӣ аз пахн кардани ахборот даст мекашанд, дарҳои радиою телевизион баста мешаванд. Дар чунин шароит мо ба муҳосираи зулмоти даҳшатноки ноогоҳии вазъи ҷумҳурию ҷаҳон мемонем. Дар зарфи як ҳафта талаботи мо ба шунидани ахборот чунон меафзояд, ки ба инъикоси воқеии он қалам оҷизӣ мекунад. Танҳо он вақт мо хуб дарк мекунем, ки воситаи ахбори омма то чӣ андоза зарур будааст.

**Аз таърихи васоити ахбори омма.** Дар замонҳое, ки воситаҳои ахбори омма дар фаҳмиши имрӯзаи мо вуҷуд надошт, мардум барои шунидани хабарҳои нав ба ҷойҳои махсус, маъмулан ба бозорҳо мерафтанд. Онҳо дар он ҷой хабарҳои муҳимтарину навтарини кишвар ва баъзан хабарҳои ҷаҳонро мефаҳмиданд. Масалан, дар ш. Афина чунин ҷой Агора буд. Дар баъзе бозорҳо тахтасанге вазифаи рӯзномаро иҷро мекард. Дар он фармонҳои шоҳ ва ҳокимони дигари мамлакатро менавиштанд ва мардум аз ин тариқ аз ахбороти кишвар ва ё берун аз он огоҳ мешуд. Шоҳи Бобул Ҳамураппи ҳам қонунҳо ва санадҳои дигари муҳими давлатиро дар тахтасанг сабт менамуд ва иҷрои онҳоро зери назорат мегирифт. Маҳз аз рӯи ҳамин навиштаҷот қонунҳои Ҳамураппи то ба замони мо омада расидааст.

Дар дастгоҳи давлатӣ он вақт одамони махсусе кор мекарданд, ки дар шаҳру деҳот (одатан ин одамон савора буданд) хабарҳои нав ва ё фармонҳои шоҳу королҳо, султону хонҳо ва мансабдорони дигари баландмақоми давлатиро ба омма бо овози баланд мешунавониданд. Мардуми тоҷик ингуна одамонро «ҷорчӣ» меномиданд. Ҷорчиён ахбороти муҳими давлатиро дар бозорҳою корвонсаройҳо, кӯчаю хиёбонҳо, масҷиду маҷлисҳо

ва дар ҷойҳои дигар тахминан бо чунин суханҳо оғоз мекарданд. «Эй мардум! Нашунидаам нагӯед, надидаам нагӯед! Ба Ватани азизамон душманон ҳуҷум карданд! Шоҳи олампаноҳ фармудаанд, ки мардуми кишвар аз ҷумлаи мардони синну соли аз 20 то 50-сола барои ҳифзи кишвар бархезанд! Ҷои сафарбаркунӣ назди масоҷид аст!...». Ё ин ки: мардум! Гӯш диҳед, ки ман чӣ мегӯям! Вақти адо кардани хироҷи имсола баъд аз даҳ рӯз ба охир мерасад. Ҳокими вилоят фармудаанд, ки мардум то ҳамин рӯз ба пуррагӣ хироҷро пардозанд!...». Эй мардуми мӯъмину мусулмон! Нашунидаам нагӯед! Рӯзи душанбеи ҳафтаи оянда моҳи шарифи Рамазон медарояд. Ҳушёр шавед, ки боз хато карда рӯзаатонро нахӯред!»...

Ҳоло ба даст даровардани ахбори зарурӣ кори ниҳоят осон гардидааст. Он аз як гӯшаи ҷаҳон то ба гӯшаи дигари он тавассути воситаҳои ахбори электронӣ дар зарфи якчанд дақиқа расонида мешавад. Ба воситаи матбуот бошад, имрӯз хабарҳо дар тӯли аз ним шабонарӯз то як шабонарӯз ба мардум рафта мерасад, ба шарте, ки нашрия ҳар рӯз чоп шавад. Лекин дар замонҳои пеш моҳҳо лозим мешуданд, то ки мардум аз хабарҳои муҳими кишвар ва ҷаҳон воқиф шаванд.

Дар Аврупо матбуот дар асри XV дар шакли китоб ба вуҷуд омадааст. Баъд рӯзномаҳо дар шакли варақаҳо пайдо мешаванд. Дар асри XVII рӯзномаҳо дар он шакле, ки мо онро имрӯз медонему ба вай одат кардаем, нашр мешуданд. Каме дертар маҷаллаҳо ҳам тавлид меёбанд. Дар миёнаҳои асри XIX дар баъзе кишварҳои пешқадами ҷаҳон оҷонсии давлатии ахборотӣ низ таъсис ёфта, дар паҳн гардидани ахбороти кишвар ва ҷаҳон мақоми муҳимро иҷро кардаанд. Дар нимаи дуюми асри XIX ва асри XX ба воситаҳои ахбори омма радио ва телевизион, телефон, телеграф, ратсия, факс ва воситаҳои дигари ахбори оммаи қулай ҳамроҳ шуданд. Ҳоло дар ҷаҳон ҳазорон рӯзномаю маҷаллаҳо, шабакаҳои садо ва симо, оҷонсиҳои ахборотии давлатӣ ва ғайра ба мардуми олам хабарҳои гуногуни муҳимро бо тезӣ ва сари вақт мерасонанд. Воситаҳои ахбори омма масофаи байни одамон ва давлатҳоро ҳазорон маротиба наздиктар кардаанд ва имрӯз дар кори ғанӣ гардидани боигарии маънавии мардум хизмати ниҳоят калон мекунанд.

**Рӯзномаю маҷаллаҳои Тоҷикистон**. Васоити ахбори омма дар кишвари мо аз солҳои бистум арзи вуҷуд доранд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо номи «Шӯълаи инқилоб», «Шафақ», «Овози тоҷик» нашрияҳои тоҷикӣ берун аз ҳудудҳои Тоҷикистон чоп мешуданд.

Дар рӯзи эълон карда шудани ҶМШС Тоҷикистон бо номи «Иди тоҷик» рӯзномае чоп шуд, ки баъдтар он «Бедории тоҷик» ном гирифт. Моҳи сентябри соли 1928 ин рӯзнома номи «Тоҷикистони Сурх»-ро мегирад. Аз моҳи ноябри соли 1925 нашри рӯзномаи русии «Советский Таджикистан» оғоз ёфт. Соли 1926 маҷаллаи «Дониш ва омӯзгор» ва соли 1927 маҷаллаи ҷамъиятию сиёсӣ, илмию адабӣ ва педагогии «Роҳбари дониш» ба нашр шурӯъ кард.

Дар солҳои минбаъда номгӯи рӯзномаю маҷаллаҳо сол то сол меафзояд. Матбуоти даврӣ воситаи муҳими ахбори оммавии ҷумҳурӣ мегардад. Соли 1932 дар ҶШС Тоҷикистон аллакай 7 рӯзномаи ҷумҳуриявӣ, 27 рӯзномаи ноҳиявӣ ва 7 маҷалла чоп мешуд. 25 корхона рӯзномаҳои бо теъдоди зиёд чопмешудагии худро доштанд. Аз солҳои 30-юм то соли 80-ум дар ҷумҳурӣ зиёда аз сад рӯзномаю маҷаллаҳо нашр шуда, ба мардум хизмати маданӣ мерасониданд, ки дар байни онҳо рӯзномаҳои «Тоҷикистони Советӣ», «Ҷавонони Тоҷикистон», маҷаллаҳои «Тоҷикистон», «Садои Шарқ», «Агитатори Тоҷикистон», «Агитатор Таджикистана», «Машъал», «Занони Тоҷикистон» буданд.

Баъди ба даст даровардани истиқлолияти давлатӣ дар Тоҷикистон рӯзномаю маҷаллаҳои нав ба чоп шурӯъ карданд. Онҳо тамоюл ва ақидаҳои гуногунро ифода менамоянд. Дар саҳифаҳои худ дар бораи тарафҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятию сиёсӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва маданиии ҷумҳурӣ ва ҷаҳон нақл мекунанд. Мардуми кишвар аз хизмати рӯзномаю маҷаллаҳо баҳравар шуда, талаботи маънавии худро қонеъ мегардонанд.

**Радио ва телевизиони Тоҷикистон**. Дар шаҳри Душанбе соли 1933 аввалин радиостансия ба кор даромад, ки он дар солҳои пеш аз Ҷанги Бузурги Ватанӣ ба шумораи ниҳоят ками одамони кишвар дастрас буд. Дар баъзе клубу чойхонаҳои сурх барои шунавониданн оммавӣ радиоприёмникҳо гузошта шуда буданд. Радиои онвақтаи Тоҷикистон танҳо як барнома дошт. Ҳоло бо-

шад, он чандин барнома дорад, аз чумла точикию ӯзбекӣ, форсӣ, англисию арабӣ. Барномаҳои радиои чумҳуриро кулли мардуми Точикистон мешунаванд. Онҳо хабарҳои кишвар ва чаҳонро дар мӯҳлатҳои кӯтоҳтарин шунида, аз барномаҳои чолиби адабию мусиқӣ, сиёсию иқтисодӣ ва ғайраи он баҳравар мешаванд.

Ҳоло дар чаҳон садҳо стансияҳои радиошунавонӣ кор мекунанд, ки онҳо ба эфир барномаҳои гуногунранги худро пахш карда, ба мардуми олам хизмат мекунанд. Мардуми мо низ аз онҳо баҳраваранд. Тавассути ин воситаи муҳим ва қулайи ахборот бо халқу мамлакатҳои дигар робитаи фарҳангӣ доранд.

Телевизиони точик 7 ноябри соли 1959 ба кор даромадааст. Аз ҳамон сол сар карда барномаҳои онро мардуми чумҳурӣ аз манораи 192-метраи студияи телевизиони ш. Душанбе ба тамошо шурӯъ кардаанд. Телевизиони имрӯз ҳамқадами ҳар як хонадони тоҷикистонӣ гардида, ба қисми таркибии ҳаёти фарҳангии мардуми чумҳурӣ, яке аз воситаҳои муҳимтарини қонеъ гардонидани талаботи маънавии онҳо табдил ёфтааст. Ҳоло телевизиони точик барномаҳои худро дар ду канал пахш мекунад. Дар вилоятҳои Хатлон, Суғд ва Мухтори Бадахшони Кӯҳӣ студияҳои телевизионии маҳаллӣ барои мардум барномаҳои худро пахш мекунанд. Феълан ба мардуми Точикистон 3 шабакаи телевизионии Русия хизмат мерасонад.

Телевизиони Точикистон ва тамоми воситаҳои ахбори умум дар баланд гардидани маърифатнокии шаҳрвандони чумҳурӣ саҳми калон мегузоранд.

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО.

1. Ба воситаҳои ахбори омма чиҳо дохиланд? 2. Дар замонҳои пеш ахборотро чӣ тавр пахн мекарданд? 3. Дар бораи таърихи пайдоиш ва воситаҳои ахбори омма маълумот диҳед. 4. Чорчиҳо кӣ буданд? 5. Дар бораи нашри рӯзномаю мачаллаҳо дар Точикистон нақл кунед. 6. Дар бораи фаъолияти радио дар Точикистон маълумот диҳед. 7. Дар бораи телевизиони точик чиҳо медонед?

## § 56. УРФУ ОДАТҲОИ МИЛЛӢ

**Мақоми урфу одатҳои миллӣ.** Урфу одатҳои миллӣ яке аз унсурҳои маданияти маънавии шахс ва миллат мебошанд. Анъана, урфу одат ва маросимҳо тарзи зиндагии ҳар як миллатро ташкил мекунанд. Онҳо дар тӯли даҳҳо ва садҳо сол ба вуҷуд омада, ташаккул ёфтаанд. Шахс ҳамчун миллат дар овони ҷавонӣ аз волидон, хешу таборон, мардуми маҳалли сукунат ва тавассути роҳҳои дигар урфу одатҳои миллиро мерос мегирад ва яке аз ифодакунандагони хусусиятҳои миллии хеш мешавад.

Баъзе урфу одатҳои як миллат бо урфу одатҳои миллати дигар то дараҷае монанд аст. Масалан, дар байни миллатҳои Осиёи Марказӣ ва баъзе давлатҳои дигари Шарқи мусулмон маросими никоҳи арӯсу домод мувофиқи арзишҳои дини ислом умуман қариб як хел аст. Лекин ба ҷузъиёту тарзи иҷрои онҳо аз ҷониби миллатҳои гуногуни ин минтақа назар андозед, пас мебинед, ки ҳар як миллат ба он хусусиятҳои миллии хешро ворид кардааст.

Урфу одатҳои миллиро паст задан нашояд. Миллати дигарро барои фарқияти урфу одатҳояш бад дидан норавост. Агар чунин одам ёфт шавад, пас ӯ шахси бемаърифату бадахлоқ аст. Ҳар як миллатро бояд бо урфу одатҳояш эътироф кард. Бояд дар хотир дошт, ки урфу одатҳои миллӣ шаъну шараф ва ифтихори ҳар як миллат аст.

Арзишҳои зиёди маънавии ҳар як миллат дар урфу одатҳои он ниҳон аст. Урфу одатҳои миллӣ ба кадом миллат мансуб будани шахсро ифода мекунанд ва бе онҳо зиндагонӣ карда наметавонад, бинобар ҳамин сабаб чизи муқаддасанд. Урфу одатҳои миллӣ арзишҳои маънавии ҳар як миллат аст, чунки тарзи зиндагии онҳоро таҷассум менамоянд.

**Анъанаҳои миллӣ**. Яке аз унсурҳои муҳими урфу одатҳои миллӣ анъана мебошад. Барои мисол тарбияи фарзандонро мисол меорем. Дар ин ҷода аз ҳама вазифаи муқаддастарин ба ӯҳдаи модар гузошта шудааст. Ин вазифа аз таваллуд кардани кӯдак, бо шири пур аз меҳру муҳаббати модарӣ хӯронида калон кардани кӯдаки навзод, ба ӯ роҳ рафтан ва гапзаниро ёд додан, сару либос ва тани кӯдакро тоза нигоҳ доштан ва ғайра иборат

аст. Модар ҷонфидо аст. Барои сиҳату боқувват тарбия намудану соҳиби бахту саодати комил шудани ҷигарбандаш ҳеҷ чизро дареғ намедорад. Модар умуман новобаста ба мансубияти миллаташ ҳамин хел хислати наҷиб дорад.

Урфу одатҳои миллии халқи тоҷик (ва ҳар халқи дигар ҳам) ба модар мартабаи баландтаринро сазовор дониста, дар бораи арзиши хизмати ӯ ба фарзанд чунин мегӯянд: «Агар фарзанд ба Модар умри дароз хизмат кунад ҳам, хизмати якшабаи ӯро адо карда наметавонад. Фарзанд аз модар як умр қарздор аст!».

Вазифаҳои падар дар назди фарзанд якчандтоанд. Номи хуб гузоштан, тарбия карда, ба воя расонидан, агар фарзанд писар бошад, тӯи хатна кардан, дар мактаб хонондан ва хонадор кардани фарзанд вазифаҳои асосии ӯст. Дини ислом вазифаи саводи исломӣ баровардани фарзандро низ ба зиммаи падар вогузор намудааст. Ин вазифаҳо мақсади ҳаётии ҳар як падарро ташкил медиҳад. Ӯ ин вазифаҳоро сидқан иҷро мекунад ва аз ин кор ғизои маънавӣ ҳам мегирад. Агар падар аз ӯҳдаи вазифаҳои худ баромада тавонад, дар назди аҳли байт, хешу табор, ёру дӯстон ва ҳаққу ҳамсоягон сарбаланд мешавад ва ифтихор мекунад. Падар вазифаҳои худро бе иштироки фаъолонаи модари фарзандон — ҳамсараш хуб иҷро карда наметавонад.

Падар бояд ба фарзанд номи зебою муносиб гузорад. Кӯдак оҳиста-оҳиста калон шуда, ба воя мерасад ва баъд ба номи худ диққат медиҳад. Агар он ба ӯ маъқул шавад, боиси хурсандии ҳам падару модар ва ҳам фарзанд мегардад. Барои ҳамин ба фарзанд бояд чунин номе гузошт, ки ӯ аз он розӣ шавад. Баъзе фикр мекунанд: «кадом номеро ба фарзанд гузоред, мешавад». Ин қабил одамон аз рӯи мақоли халқии «ном гадо аст» рафтор мекунанд, ки ин хатои маҳз аст.

Дар гузаронидани тӯи хатна маблағи калон сарф мешавад. Вале сарфи назар аз ин волидон ба иҷрои вазифаҳои худ то ба дараҷае омодаанд, ки аз чунин хароҷот ҳеҷ ягон ҳаросе надоранд. Онҳо муддате чанд барои ин кор маблағи зарурири ҷамъ мекунанд ва маводи тӯйро омода сохта, онро бо тантана мегузаронанд.

Хонадор кардани фарзанд яке аз вазифаҳои муҳими волидон ва, пеш аз ҳама, вазифаи падар ба шумор меравад. Ҳамин ки фарзанд ба воя расид, агар ӯ писар бошад, волидон дар тараддуди

хонадор карданаш мешаванд. Онҳо дар ин кор мувофиқи хоҳиши писарашон амал мекунанд.

Дар мавриди духтар будани фарзанд низ волидон розигии ӯро мепурсанд. Вақте ки ба хона хостгорон қадам ранҷа кунанд, онҳо аз духтарашон мепурсанд, ки ба хостгорҳо чи ҷавоб диҳанд. Дар ин кор розигии волидон ҳам зарур аст, лекин онҳо бар зидди хоҳиши духтарашон намебароянд.

Ҳамин тариқ, хонадор кардани фарзанд бо ризояти волидон ва ӯ сурат мегирад. Дар иҷрои ин анъанаи миллӣ хурофот ҳам роҳ меёбад. Баъзе волидон аз фарзанди худ намепурсанд, ки оё ӯ ба номзадаш розӣ аст, ё не. Чунин ашхос писар ва ё духтари худро бидуни розигии онҳо хонадор мекунанд.

**Одатҳои миллӣ**. Мардум одатҳои хуби зиёде доранд. Яке аз онҳо одоби салому алейк мебошад. Ин одат тарафҳо ва унсурҳои хеле зиёд дорад. Оиди салому алейк чанд шарҳи мухтасарро меорем. Ба кас шахси меомадагӣ салом медиҳад. Ҳангоми салом кардан аввал шахси калонсол дастони худро дароз мекунад. Бо овози аз ҳад зиёд баланд салом намедиҳанд. Ба сӯи кас нигоҳ карда салом медиҳанд. Самимона ва бо чеҳраи кушод салом медиҳанд. Дасти ростро ба қалб гузошта салом медиҳанд. Сарро каме хам ҳам карда салом медиҳанд. Саломро бо овоз ва беовоз иҷро кардан мумкин аст. Агар шахс дуҳтур бошад, ба воситаи имову ишораи дастону сар салом додан мумкин аст. Шахси савора аввал пиёда гардида, баъд ба шахси пиёда салом медиҳад.

Агар шумо бо ягон шахси наздикатон вохӯред, дар мавриди аз аҳволи саломатии ишон пурсупос кардан аз аҳволи аҳли байти ӯ низ пурсон мешавед. Агар он шахс дер боз ба хонаи шумо наомада бошад, бо малолият ва самимона мегӯед, ки чаро шумо дер боз ба хонаи мо намеоед, мо пазмони шумо шудаем. Дар охир ӯро ба хонаи хеш мехонед. Дар мавриди аввал ҳам ин таклифро истифода бурдан мумкин аст. Чунин таклифҳоро аз сидқи дил баён мекунанд. Мувофиқи анъанаю одатҳои миллии тоҷикӣ ба касе об ва нону намак додан одати муқаррарӣ ва савоб аст.

Одати дигари тоҷикон ва мардуми дигари Тоҷикистон. Агар касе хонаи нав сохта ва ё ягон хонаро харида бошад, ҳатман ба ин муносибат «бӯрёкӯбон» мекунад. Соҳиби хонаи навсохта одамони наздику ҳамсоягонро ба ҳамон даргоҳ ба зиёфат даъват

намуда, аз онҳо дуо мегирад, то ки зиндагӣ дар ин манзил ба аҳли байти ӯ хушбахтӣ биёварад.

Ё ки одати сафаркуниро мисол мегирем. Ҳангоми ба ягон ҷои дур ба муддати тӯлонӣ азми сафар кардан шахс наздиконашро ба хонааш хонда, барои онҳо зиёфат меорояд. Дар хотимаи зиёфат ҳозирон барои нек анҷом ёфтани сафари шахси зиёфатдода дуои нек мекунанд. Аз байн вақти муайян мегузараду он шахс сиҳату саломат ба хонааш бармегардад. Барои шукронаи бо некӣ анҷом ёфтани ин сафар ӯ боз зиёфат ташкил мекунад. Зиёфати мазкур бо мақсади баъди муддати тӯлонӣ дидани дидори наздикону ҳамсояҳо доир мегардад ва нишонаи шукронаи бехатар анҷом ёфтани сафар мебошад.

Яке аз одатҳои қадимаи мардуми Тоҷикистон ҳашар аст. Онҳо аз қадимулайём тавассути он киштукор мекунанд, алафу ғалладона медараванд, хона месозанд ва ғайра. Чунин одат ба мардум имконият медиҳад, ки дар ҷои сукунат бо ҳаққу ҳамсояҳо дӯстона ҳаёт ба сар баранд, ба дарди ҳамдигар даво шаванд, ғами ҳамдигарро бихӯранд ва ҳаргиз танҳогии хешро ҳис накунанд.

Ингуна одатҳои волоро аз ҳаёти мардуми мо бисьёр мисол овардан мумкин аст. Ҳамаи онҳо моҳияти ахлоқию маънавӣ дошта, хусусиятҳои маданияти миллии халқи кишварро ифода мекунанд.

**Маросимҳои миллию динӣ**. Маросимҳои миллию динии мардуми Тоҷикистон бисёранд. Идҳои Рамазон, Қурбон, Наврӯз, тӯи хатна, тӯи арӯсӣ, маросимҳои номгузорӣ, гаҳворабандон, мушкилкушо, намози ҷумъа, дафни марҳум аз қабили онҳоянд. Ҳар як маросими миллии тоҷикӣ дар таркиби худ ҷузъиёти бисёре дорад. Мегирем иди Наврӯзро. Тахминан 10 рӯз қабл аз фарорасии он мардум барои суманакпазӣ дар табақҳо гандум месабзонанд.

Ин бесабаб нест. Гандуми сабз рамзи ҳаёт, оғози соли нав ва бедоршавии табиат аст.

Ҳар сол саҳарии барвақти 21 моҳи март, яъне рӯзи аввали иди Наврӯз ё як рӯз пеш аз он як гурӯҳ бачагон ки онҳоро «Гулгардон» меноманд, бо ходаи дарози дар нӯгаш гули Сияҳгӯши бо навори сабзи дароз басташуда сурудхонон ба ҳавлиҳои сокинони маҳалла меравaнд ва ба соҳибони онҳо аз фарорасии ин иди фархунда мужда мерасонанд. Дар ин маросим гули сияҳгӯш ва бачаҳои

«Гулгардон» қосидони фарорасии соли нави форсӣ- тоҷикии Наврӯз мебошанд.

Дар ҳар як ҳавлӣ мизбонон бачагони «Гулгардон»-ро бо хушнудии том пешвоз мегиранд. Онҳо гули сияҳгӯшро ба дидаҳояшон мемоланд ва аз он меболанд, ки баъди як сол боз ба дидори гули сияҳгӯш мушарраф гардидаанд. Соҳибони хонаҳо ин бачаҳоро бо ҳурмату эҳтиром ва навозиши махсус фаро мегиранд.

Дар даромадгоҳи ҳар як ҳавлӣ бачаҳо сурудҳоеро мехонанд, ки онҳо ба гули Сияҳгӯш, иди Наврӯз ва бахту саодати мизбонону тамоми мардум бахшида шудаанд.

Дар ҷавоб соҳибони хона ба халтаи қосидони иди Наврӯз ба хотири орзуҳои наҷиб ва бахту саодат дар соли Нав як қадар ғаллагӣ меандозанд. Баъд аз ғалладонаи ҷамъкардаи бачаҳои «Гулгардон» мардуми маҳал далда, ё худ оши сарисолӣ, аз гандуми сабзида бошад, суманак мепазанд ва мардумро бо онҳо меҳмондорӣ мекунанд.

Маросими доир гардидани иди Наврӯз бо рақсу суруд ва мусиқии идона танинандоз мегардад. Дар хотимаи иди Наврӯз (рӯзи аввали он) Бобои Деҳқон дар вазъияти ботантана ба сари замин рафта, дар шоҳидии анбӯҳи одамон бо нияти фарорасии соли пурфайзу баракат ба коштани ғаллаи баҳорӣ шурӯъ мекунад. Бо ҳамин корҳои баҳории саҳроӣ оғоз меёбанд. Мардум низ ба Бобои Деҳқон пайравӣ мекунанд.

### САВОЛ ВА СУПОРИШҲО.

1. Ба урфу одатҳои миллӣ чиҳо дохил мешаванд? 2. Оё одатҳои миллӣ заруранд? 3. Дар бораи анъанаҳои миллӣ нақл кунед. 4. Дар бораи вазифаҳои волидон чиҳо гуфта метавонед? 5. Вазифаҳои Шумо ҳамчун фарзанд аз чи иборат аст? 6. Кадом одатҳои миллиро медонед? 8. Дар бораи маросими «Гулгардон» ва чашнгирии иди Наврӯз нақл кунед. 9. Боз кадом урфу одатҳои миллию динии халқамонро медонед?.

## §57.ФАРҲАНГИ САРУЛИБОС

**Робитаи фарҳанг бо сарулибос**. Фарҳанг моҳияти кулл ва оламшумул дорад. Он ҳамаи арзишҳои марбут ба фард ва ҷомеаро дарбар мегирад, аз он ҷумла сару либосро ҳам. Либос ҳо-

сияти моддӣ дорад. Пас чаро онро ба қатори ҷузъиёти фарҳанг дохил менамоянд? Чунин муносибат шарҳу эзоҳ мехоҳад. Либос маҳсул ва самараи ҷаҳонбинии шахс ва ҷомеа мебошад. Бинобар, метавонем ҷаҳонбиниро бо маънии фарҳанг ва дар муродифи он истифода барем.

Ҷаҳонбинии ҳар як қавм, халқ ва миллат ё умумияти бузурги иҷтимоӣ ба тарзи зиндагии ӯ таъсир мерасонад. Тарзи ҳаёти инсон ба ҷаҳонбинии вай низ асар мебахшад. Оламе, ки инсон бунёд месозад ва дар он умр ба сар мебарад, комилан дар зери таъсири ҷаҳонбинии ӯ мебошад. Қавму ҷамоаҳои гуногун вобаста ба он ки ба олами ҳастӣ чӣ назаре доранд ва зиндагиро чӣ тавр мефаҳманд, бо сабку услуби хоса корхонаҳои гуногун, иншоотҳои фарҳангӣ, шаҳр, деҳа ва манзил месозанд, маҳсулоти гуногун истеҳсол мекунанд ва либос мепӯшанд. Яъне, фарҳанги ҳар умумияти иҷтимоӣ дар ҳаёт ва фаъолияти гуногунсоҳаи ӯ, аз қабили маориф, иқтисод, санъат, шаҳрсозӣ, меъморӣ, касбу ҳунар ифода меёбад. Ҳар яке аз ин соҳаҳо оинае ҳастанд, ки агар ба онҳо дурусттар назар андозем, чеҳраи фарҳангӣ ва рӯҳонии хосаи узви он қавм ва ё ҷомеаро мушоҳида хоҳем кард.

Робитаи либос бо фарҳанг қавӣ аст. Онро бо ду мисол исбот мекунем. Мисоли аввал. Вақте, ки шахси хориҷӣ ба кишвар ворид мешавад, нахустин аломате, ки ӯро аз дигарон фарқ мекунонад, тарзи либоспӯшии ӯ аст. Мардуми кишвар дар шахси меҳмон фарҳанги кишваре ё халкеро мебинад, ки вай ба он мансуб аст. Мисоли дуввум. Шахсе, ки дар фестивали кино ширкат меварзад, мебинад, ки дар он ҷо аз гӯшаву канори олами дорои фарҳангҳои мухталиф намояндагони миллату халқиятҳо ва умумиятҳои гуногун гирд омада, санъати синои миллии худро намоиш медиҳанд. Онҳо дар ин ҷамъомад дар мавриди муошират натанҳо бо забонҳои гуногун, инчунин тавассути либосҳои гуногуни миллии худ низ ҳарф мезананд. Либоси ҳар яке аз онҳо аз ҳамдигар бо зебу зинат ва манзалати миллӣ, бо мазмуни фарҳангии худ фарқ мекунад. Ба таври дигар гӯем, дар он ҷо одамони гуногун бо ҳамдигар тавассути либос ҳам «ҳарф» мезананд. Ҳар як нафари он худро ба ҳозирин бо тарзи либоси худ муаррифӣ мекунад ва мегӯяд: «Ман кистам ва ба кадом қавму фарҳанг мутааллиқ мебошам!»

Чаро одамон тарзи гуногуни либоспӯширо ихтиёр менамоянд? Тарзи либоси одамон дар зери таъсири омилҳои гуногун

аз ҳам фарқ менамоянд. Ба он омилҳои ахлоқи, миллӣ, ҷуғрофӣ, динӣ, иқлим, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ таъсир бахшида, баёнгари фарҳангу ҷаҳонбинии ҷомеаи мушаххас буданашонро собит менамоянд. Либоси инсон таҷассуми фарҳанги ҷомеаест, ки ӯро намояндагӣ мекунад. Мардуми ҳар як ҷомеа, аз ҷумла ҷомеаи Ғарби муосир бо либосе,ки дар тан доранд, бо мо сухан мегӯянд. Агар ба ҳарфи онҳо хуб гӯш бидиҳем, фалсафаи фарҳанги Ғарбро мешунавем. Агар мо ҳам бо либоси миллии худ дар мамолики Ғарб меҳмон шавем, бо мардуми он натанҳо аз тариқи забони миллӣ, балки тавассути сарулибоси Шарқӣ хосатан сарулибоси миллии тоҷикӣ ҳам ҳарф мезанем.

**Тарзи либоси ғарбӣ ва шарқӣ — ифодаи ду фарҳанг.** Дар либос ҳам ба монанди соҳаҳои дигари ҳаёт ва фаъолияти ҷомеа дар байни Шарқ ва Ғарб рақобат вуҷуд дорад. Имрӯз маълум аст, ки ин рақобат ба фоидаи Ғарб сурат гирифта истодааст. Дар замони мо дар мамлакатҳои Ғарб як тарз шеваи умумии либоспӯшии хосаи фарҳангию равонӣ ва ахлоқию тарзи зиндагии Ғарбӣ ҳукмрон гардидааст. Аз рӯи шеваи дӯхти либос, хусусан дар шаҳрҳои он намояндагони як миллатро аз миллати дигар фарқ кардан хеле душвор аст.Дар Ғарб кайҳост,ки ба пӯшидани сарулибоси тангдӯхту кӯтоҳ гузаштаанд. Мӯди сарулибос, кадом хеле, ки бошад, асосан ба ҳамин хусусият тобеъ аст, гарчанде, ки сари ҳар чанд вақт чевар (моделер)- ҳои Ғарбӣ дар намоишгоҳҳо дар қатори либосҳои тангу кӯтоҳдӯхт ба мардум либосҳои дарозу кушодро низ намоиш медиҳанд, бо вуҷуди он ин мӯд ҳоло дар Ғарб васеъ паҳн нагардидааст ва аслан он баҳри истифодаи васеи одамон пешбинӣ нашудааст. Дар Ғарб мӯди либос тез- тез дигар мешавад. Он аввал дар яке аз мамлакатҳо ва хусусан дар Фаронса, ки маркази мӯди Ғарб аст, пайдо шуда, баъд оҳиста- оҳиста дар мамлакатҳои дигари ҷаҳон паҳн мегардад, аз ҷумла либосҳои дарозу кушоддӯхт ҳам. Гарчанде, ки либосҳои дарозу кушоддӯхт ба ҳусни одам ҳусну тароватти нав зам мекунанд, дар Ғарб дар асри XX аз мӯд баромадаанд, гарчанде, ки то оғози ин аср мардуми он ҷо маҳз ҳамин хел либос мепӯшиданд ва алалхусус занҳо.

Феълан дар Ғарб фарҳанги либоспӯшӣ на ба ҷониби фарҳангҳои миллӣ, балки ба сӯи фарҳанги умумиғарбӣ ҳаракат намуда, оҳиста- оҳиста, либоси миллиро ба фаромӯшӣ месупорад. Онро моли намоишгоҳҳо ва музейҳо мегардонад. Олами Ғарб, ки

он бо илму техника, технология ва саноату фарҳанги пешкадами ҳозиразамон мусаллаҳ аст, ба фарҳанги либоспӯшӣ таъсири худро расонидааст. Кайҳост, ки таъсири ин фарҳанг ба мардуми Шарқ асар кардааст. Олами Шарқ ворисифарҳангҳо ва тамаддунҳои бои қадим ва асримиёнагии башар мебошад. Имрӯз он дар мавриди либоспӯшӣ ба хуҷуми густурдаи фарҳанги Ғарб тоб оварда наметавонад. Тамоюли тавонои Ғарбикунонии тарзи либоспӯшӣ либоси шарқидӯхтро маҳв, онро бо либоси аврупоидӯхт иваз мекунад. Қисме аз мардуми Ҳиндустон, Чин, Ҷопон, мамолики Араб, Туркия, Африқо, Осиёи Ҷанубу Шарқӣ,Осиёи Марказӣ, халкҳои тахҷоии Амрико аз ҷумлаи ҳамон халқҳоеанд, ки торафт тарки либоси миллӣ карда, либоси аврупоидӯхт announced мепичанданд.

Сарфи назар аз ин ҳама чӣ дар Аврупою Амрико, чӣ дар Осиёю Африқо ва Австралия мардум либоси якхела намепӯшанд. Мегирем либоси арабҳоро ва онро бо либоси қисмате аз давлатҳои Осиёю Африқо муқоиса мекунем. Сарулибоси мардонаи халқҳои Ҳиндустон, Покистон ва Афғонистон ва либоси мардонаю занонаи халқҳои Африқо аз ҳамдигар аз рӯи дӯхт, сарфи матоъ ва мӯди миллӣ фарқ мекунад. Аз тарафи дигар, дар байни ин сарулибос монандӣ ҳам вуҷуд дорад. Қариб ҳамаи онҳо дарозу васеъ мебошад. Чӣ тавре ки сарулибоси арабҳо ҳамин хел аст.

Монандии сарулибоси минтақаҳо ва кишварҳои олам дар дарозӣ ва васеъгии сарулибос ва ҳатман дар сар кулоҳ, салла ё намуди дигари каллапӯш доштан ифода меёбад. Ғайр аз ин тарзи либоспӯшиҳо тафовут ҳам доранд: навъи матоъ,ранг, шеваи дӯхт, мӯд ва хусусиятҳои дигаре ҳастанд, ки онҳоро аз якдигар фарқ мекунонанд. Ин сирро метавон аз таърих, ҷуғрофия ва илми мардумшиносӣ ҷустуҷӯ намуд. Агар ба либоспӯшии мардуми минтақаҳои гуногуни Аврупо назар андозем, хоҳем дид, ки сарулибосҳои онҳо дар асрҳои миёна ва ҳатто баъди он ҳам (чӣ занона ва чӣ мардона) ба либоси имрӯзаи то ба ҳол аврупоӣ нашуда монандӣ дорад. Яъне, онҳо васеъу дароз мебошанд. Кӯтоҳ ва тангу ба бадан часпида будани сарулибоси аврупоидӯхт таърихи дуру дарозе надорад. Асосан он моли охири асри XIX ва асри XX аст.

Ба сарулибоси мардуми форсу тоҷик қабл аз ислом назар андохта, мебинем, ки қоидаҳои либоспӯшии мазкур, яъне либосҳои дарозу васеъ, дар он вақт низ ҳукмрон буданд. Муҷассамаҳо, тасвироти гуногуни одамони давраҳои гуногуни давлатҳои қадим ва

тоисломии форсизабон шаҳодат медиҳанд,ки чӣ либоси мардона ва чӣ либоси занонаи он замон дарозу васеъ будааст. Барои ҳамин пӯшидани чунин либосҳоро ба ислом ва мусулмон будани ин мардум нисбат додан комилан хатост.

**Гулдастаи гуногунранг**. Пӯшидани сарулибоси миллӣ кори хуб аст ва ё бад? Он чӣ тавре ки дар болотар ишора рафт, ҷаҳонбинӣ, тафаккур, хусусиятҳои равонӣ, ахлоқӣ ва дар ниҳояти кор, нишонаи муҳимми фарҳанги миллиро ифода мекунад. Барои ҳамин ҳам пӯшидани либоси миллиро бояд дастгирӣ кард. Он дар баробари забон, адабиёт, санъат, урфу одат ва унсурҳои дигар яке аз нишонаҳои муҳимми миллатро таҷассум менамояд. Мавҷудият ва дарозии умри сарулибоси миллӣ барои аксар халқияту миллатҳои Шарқу Ғарб аз он ҷумла халқи тоҷик боиси ифтихор аст.Сару либоси миллӣ пӯшида, аз он фахр мекунанд ва бо ин роҳ мегӯянд, ки: «Ана бубинед! — ман ба кадом миллати бофарҳанг тааллуқ дорам! Либоси миллати ман ин тавр зебо ва шинам аст!»

Умумиятҳои гуногуни миллию этникӣ сарвати олии тамаддуни таърихӣ ва муосиранд. Онҳо гулдастаи гуногунранги ҷаҳонро ташкил медиҳанд. Фарҳанги либос ҳам ба хамин гулдаста шабоҳат дорад.

Аз байн рафтани либосҳои миллӣ тамоюли манфист. Дар инкишофи таърихӣ бо сабабҳои гуногун умумиятҳои зиёди миллию этникӣ аз байн рафтаанд. Ин талафоти бузургест барои инсоният. Аз байн рафтани сарулибоси миллӣ низ хосияти пешқадам набуда ҳолати таназзули ҳодисаҳост. Мо хоҳони онем, ки ҷомеаи мутамаддин, кулли одамон, миллату халқиятҳо, гурӯҳҳои этникию миллиро ҳифз намуда, онҳоро бо кулли хусусиятҳояшон, аз ҷумла бо сарулибоси миллӣ ба наслҳои оянда бирасонад.

Он гарави боэътимоди таъмини дарозумрӣ ва гуногунрангии гулдастаи миллату халқиятҳо ва ҷузъи таркибии ҷомеаи ҷаҳонист.

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО.

1. Фарҳанг бо сарулибос чӣ робита дорад? 2. Либоси миллӣ ба кадом омилҳо вобаста аст? 3. Фарқи либоси ғарбӣ ва шарқӣ дар чист? 4. Дар бораи либоси миллии тоҷикӣ маълумот диҳед. 5.Либоси миллӣ чӣ аҳамият дорад? 6. Либоси ғарбӣ ва шарқӣ ҳоло дар кадом ҳолат қарор доранд? 7. Оё либоси миллӣ ба ҳифз кардан ниёз дорад? 8. Ибораи «гулдастаи сарулибос»-ро маънидод намоед.

## ОХИРСУХАН

Фанни Инсон ва ҷомеа дар қатори илмҳои дигари гуманитарӣ дар аз худ намудани донишҳои саҳеҳу васеъ дар бораи оламу одам мақомӣ махсус ва нақши назаррасе дорад. Омӯзиши амиқ ва ҳамаҷонибаи фанни Инсон ва ҷомеа имконият медиҳад, ки кас бисёр масъалаҳоро фаҳмад, дар ҳаёти худ истифода намояд ва онҳоро дар рушди ҷомеа ба кор барад. Хонандагони мӯҳтарам аллакай дарк намудаанд, ки то чӣ андоза омӯзиши фанни Инсон ва ҷомеа, ки масъалаҳои мухталифи назариявию амалии ҳаёти ҷомеа, фаъолияту рафтори одамон ва ҳама мақомоти давлатию ғайриҳукуматиро дарбар мегирад, дар воқеъ пурарзиш ва зарурӣ аст.Хонандагон дар як муддати кӯтоҳ ба моҳияту хусусиятҳои масъалаҳои мухталифи таърихи афкори ҷомеашиносӣ, муносибату фаҳми файласуфон дар бораи асрори оламу одам, масъалаҳои мураккаби иҷтимоию иқтисодӣ ошно гашта, дар бораи онҳо донишҳои хешро комил гардониданд. Дар раванди омӯзиши фанни Инсон ва ҷомеа масъалаҳои мураккабу муқовиматомезу пурзиддияти ҳаёти сиёсии ҷомеа бештар диққатро ба худ мекашиданд. Зеро мо ки дар ҷомеаи сиёсӣ умр ба сар мебарем, доимо ба амалҳо ва шаклҳои гуногуни фаъолияти сиёсӣ машғул мегардем, ҳама муносибатҳо хоҳу нохоҳ тобиши сиёсӣ пайдо менамоянд. Махсусан, дар давраҳои инкишофи номӯътадили ҷомеа нақши омилҳои сиёсӣ дар рушди ҷомеа беш мегарданд.

Инчунин дар рафти омӯзиш масъалаҳои фарҳанг таваҷҷӯҳро ба худ ҷалб намуданд. Аз бар кардани арзишҳои ахлоқӣ, маданӣ, рӯҳонӣ ба қоидаҳо, меъёрҳо ва принсипҳои муносибат дар ҳаёти фард ва ҷомеа мақоми махсус пайдо менамояд. Боварӣ дорем, ки омӯзиши масъалаҳои фарҳангии инкишофи ҷомеа дар таҳкиму такмили рӯҳонии арзишии хонандагон, сатҳи масъаладарккунӣ ва комилияти интихоби тарзи муносибатҳояшон ба раванду ҳодисаҳои мухталиф кӯмак намудааст.

Мақсади асосии таълими фанни Инсон ва ҷомеаро азбар кардани фақат маҷмӯи донишҳо ташкил намедиҳад. Муҳим он аст, ки хонандагон тарзи муносибат ба ҳодисаҳоро дониста гиранд. Ба моҳияту хусусиятҳои равандҳои ҷомеа сарфаҳм рафта тавонанд ва ҳимоя намоянд. Ба ҳодиса холисона ва объективона баҳо дода, донишҳои андӯхтаро ба нафъи ҷомеа ва қонеъ гардонидани талаботу дархостҳои хеш истифода намоянд.

Аминем,ки аз омӯзиши фанни Инсон ва ҷомеа хонандагон баҳравар гаштаанд ва донишҳои хешро баҳри инкишофи ҷомеа истифода менамоянд.

## АДАБИЁТИ АСОСӢ БАРОИ ОМӮЗИШИ ФАННИ "ИНСОН ВА ҶОМЕА".

### ФАСЛИ 1. ТАЪРИХИ АФКОРИ ҶОМЕАШИНОСӢ


I. Арабзода Н. Фахриддини Розӣ. — Душанбе, 1993.
II. Бобоев К. Назарияи сиёсии Низомулмулк. — Душанбе, 1999.
III. Борисов П. Очерки истории политических учений. — М., 1997.
Қодиров К. Таърихи фалсафаи точик. – Душанбе, 1998.
IV. Девонақулов А. Аркони сиёсатмадорӣ аз диди Унсурулмаолӣ // Ҷумҳурият, 1991, 12 дек.
V. Диноршоев М. Аз таърихи фалсафаи тоҷик. – Душанбе, 1988.
VI. Дониш А. Наводир-ул-вақоеъ. Китоби 2. – Душанбе, 1989.
VII. Низомулмулк. Сиёсатнома. – Душанбе, 1989.
VIII. Политические учения: история и современность. – М., 1979.
IX. Ҳусайн Воизи Кошифӣ. Футувватномаи султонӣ. Ахлоқи Мӯҳсинӣ. "Рисолаи "Ҳотамия". – Душанбе, 1991.
X. Ғазолӣ М. Насиҳат-ул-мулук. – Душанбе, 1993.


### ФАСЛИ 2. ДОНИШҲОИ ФАЛСАФӢ ДАР БОРАИ ОЛАМУ ОДАМ


I. Арефьев Г. Общество. Познание. Практика. – М, 1988.
II. Введение в философию. (в двух томах) – М, 1989.
III. Диалектика отрицания. – М, 1983.
IV. Диалектика общественного развития. – М, 1988.
V. Диалектика процесса познания. – М, 1985.
VI. Диалектическое противоречие. – М, 1979.
VII. Пространство и время. – Киев, 1984.
VIII. Становление биологического и социального в человеке. – М, 1975.
IX. Фалсафа. Иборат аз 2 чилд. – Душанбе, 1997.
X. Энгельс Ф. Людвиг Фейербах ва анҷоми фалсафаи классикии немис // Маркс К., Энгельс Ф. соч. 2-е издание, Т.21.1.

## ФАСЛИ 3. МАСЪАЛАҲОИ ИҚТИСОДӢ ВА ИҶТИМОИИ РУШДИ ҶОМЕА.

I. Абдусамадов Г. Закономерности становления и развития рыночных отношений в Республике Таджикистан – Душанбе, 1995.
II. Бункина М. К., Семёнов В. А. Макроэкономика. – М., 1995.
III. Бусыгин А. В. Предпринимательство. – М., 1994.
IV. Исоматов Б. Асосҳои назарияи иктисодӣ. – Душанбе, 1993. қ.1.
V. Киреев А. Международная экономика. – М., 1997.
VI. Маршал А. Принципы политэкономии. – М., 1988.
VII. Общая теория денег и кредита. Под. ред. Е. Жукова. – М., 1995.
VIII. Робинсон Дж. Экономическая теория несовершенной конкуренции. – М., 1986.
IX. Теоретическая экономика. Политэкономия под. ред. Журавлёвой Г. П., Мильчаковой Н. Н. – М., 1997.

## ФАСЛИ 4. ҲАЁТИ СИЁСИИ ҶОМЕА.

I. Созишномаи умумӣ дар бораи барқарор кардани сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон. – Душанбе, 1997.
II. Аристотель. Политика. Соч. в 4 т. – М., 1983. т. 4.
III. Абдуллоев Ш., Зокиров Г. Н. Ҳунари роҳбарӣ ва суннатҳои давлатдорӣ. – Душанбе, 1994.
IV. Зарубежная политология – М., 1998.
V. Зокиров Г. Н. Сиёсатшиносӣ. – Душанбе, 2003.
VI. Зокиров Г. Н. Илм дар бораи сиёсат. – Душанбе, 1993.
VII. Зокиров Г. Н. Моҷарошиносӣ. – Душанбе, 2002.
VIII. Капустин Б. Г. Современность как предмет политической теории. – М., 1998.
IX. Метюз Д. Сиёсат барои мардум. – Душанбе, 1998.
X. Основы политологии (под. ред. А. Боднеро). – Киев, 1991.
XI. Сиёсатшиносӣ (луғат) муҳ. масъул Зокиров Г. Н. – Душанбе, 2000. Эъломияи умумии ҳуқуқи башар. – Душанбе: СММ. Шӯъбаи иттилооти ҷамъиятӣ, 1999.

## ФАСЛИ 5. МАДАНИЯТИ ҶОМЕА.


I. Артановский С. Н. Историческое единство человечества и взаимное влияние культур. – М., 1967.
II. Глобальные проблемы и общечеловеческие ценности – М., 1990.
III. Гуревич П. С. Философия культуры. – М., 1995.
IV. Гуревич П. С. Культурология. – М., 1998.
V. Железнов В. Д. Природа человека и общества. – М., 1996.
VI. Макарян Э. С. Теория культуры и современная наука. – М., 1983. Сулаймонӣ С. Фарҳангшиносӣ. – Душанбе, 2002.
VII. Сильвестров В. В. Философское обоснование теории и истории культуры. – М.. 1990.
VIII. Сорокин П. А. Социологические теории современности. – М., 1992.
IX. Философия, религия, культура. – М., 1982.
X. Формм Э. Дума человека. — М., 1992.
XI. Шакурӣ М. Истиқлол ва худшиносии иҷтимоиву маънавӣ. — Душанбе, 1999.

## МУНДАРИЧА

Пешгуфтор .......... 3

**ФАСЛИ 1. АЗ ТАЪРИХИ АФКОРИ ҶАМЪИЯТШИНОСӢ**

1. Мутафаккирони Дунёи кадим дар бораи ҷомеа .......... 7
2. Ҷомеашиносӣ дар Асрҳои миёна ва давраи Эҳё .......... 12
3. Ҷомеашиносӣ дар Давраи нав .......... 18
4. Таълимоти муосири ҷомеашиносӣ .......... 32

**ФАСЛИ 2. ДОНИШҲОИ ФАЛСАФӢ ДАР БОРАИ ОЛАМУ ОДАМ**

5. Масъалаи асосии фалсафа ва ду ҷиҳати он .......... 37
6. Ҳастӣ ва шаклҳои он .......... 41
7. Материя ва тарзи мавҷудияти он .......... 45
8. Таълимоти диалектикии инкишоф .......... 50
9. Фаҳмиши фалсафии инсон .......... 63
10. Амалия ва хосиятҳои он .......... 67
11. Шуур ва хосиятҳои он .......... 71
12. Назарияи маърифат .......... 78
13. Табиат ва ҷомеа .......... 84
14. Ҷомеа ҳамчун низоми инкишофёбанда .......... 88
15. Шаклҳои асосии инкишофи ҷомеа .......... 94
16. Умумияти таърихии одамон .......... 98
17. Зарурати таърихӣ ва фаъолияти одамон .......... 104
18. Масъалаҳои умумиҷаҳонии муосир .......... 108

**ФАСЛИ 3. МАСЪАЛАҲОИ ИҚТИСОДӢ ВА ИҶТИМОИИ РУШДИ ҶОМЕА**

19. Иқтисодиёт ва масъалаҳои муҳими он .......... 114
20. Муносибатҳои бозоргонӣ ва танзими иқтисодиёт .......... 117
21. Нақши низоми молиявию қарзӣ ва муомилоти пулӣ дар инкишофи ҷомеа .......... 121
22. Ташаккул ва тақсимоти даромадҳо .......... 123
23. Масъалаҳои экологии иқтисодиёти муосир .......... 125
24. Рушди иқтисодӣ: намудҳо, омилҳо ва сарчашмаҳои он .......... 127
25. Асоси иҷтимоии истеҳсолот ва таркиби иҷтимоии ҷомеа .......... 130
26. Муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ .......... 133
27. Равандҳои асосии ислоҳоти иқтисодӣ дар Тоҷикистон .......... 136

**ФАСЛИ 4. ҲАЁТИ СИЁСИИ ҶОМЕА**

28. Сиёсат ҳамчун ҳодисаи ҷамъиятӣ ........ 139
29. Ҳокимияти сиёсӣ ........ 146
30. Системаи сиёсии ҷомеа ........ 149
31. Пайдоиш ва инкишофи давлат ........ 153
32. Ҳизбҳои сиёсӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ........ 161
33. Режими сиёсӣ ........ 170
34. Шуури сиёсӣ ва унсурҳои асосии он ........ 175
35. Ҷомеаи демократӣ ва хусусиятҳои он ........ 181
36. Фаъолияти сиёсии одамон ........ 186
37. Мубориза сиёсӣ ........ 194
38. Моҷароҳои сиёсӣ ........ 198
39. Сарварии сиёсӣ ........ 203
40. Шахсият ва сиёсат ........ 208
41. Хусусиятҳои сиёсати миллӣ ........ 216
42. Сиёсати демографӣ ........ 224
43. Муносибати сиёсат бо дин ........ 229
44. Сиёсати хориҷӣ ва муносибатҳои байналхалқӣ ........ 233

**ФАСЛИ 5. МАДАНИЯТИ ҶОМЕА**

45. Маданиятшиносӣ ........ 239
46. Мазмун ва мақоми маданият ........ 244
47. Маданият ва тамаддун ........ 249
48. Маданияти муошират ........ 256
49. Маданияти меҳнат ........ 261
50. Маданияти экологӣ ........ 264
51. Маданияти сиёсӣ ва ҳуқуқӣ ........ 270
52. Забон, хат ва маориф ........ 275
53. Ахлоқ, илм ва дин ........ 280
54. Адабиёт ва санъат ........ 285
55. Воситаҳои ахбори умум ........ 291
56. Урфу одатҳои миллӣ ........ 296
57. Фарҳанги сарулибос ........ 300

Охирсухан ........ 305
Адабиёти асосӣ барои омӯзиши фанни инсон ва ҷомеа ........ 307

*Зокиров Гулмаҳмад, Саидов Нуриддин,*
*Зиёев Таваралӣ, Мирзоев Иброҳим*

# ИНСОН ВА ҶОМЕА

*(Ҷомеашиносӣ)*

**Китоби дарсӣ барои синфҳои 10 ва 11**


| | |
|---|---|
| Мудири редаксия | ***Д. Ҷалолов*** |
| Муҳаррир | ***Д. Ҷалолов*** |
| Муҳаррири техникӣ | ***Б. Юсупов*** |
| Тарроҳ | ***Шепелев А.*** |
| Ҳуруфчин | ***З. Ҷӯраева*** |

ВА № 2112

Ба матбаа 20.01.04 супорида шуд. Ба чопаш 14.04.2004 имзо шуд. Андозаи 60х84¹/₁₆. Коғази офсети №1. Чопи офсетӣ. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 19,5. Адади нашр 15000 нусха. Супориши №16.

Муассисаи нашриявии «Маориф ва фарҳанг»-и Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734018, ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қарабоев, 17.
Тел.: 33-95-63, тел./факс: 33-93-97. E-mail: najmidin@netrt.org

МАОРИФ ВА ФАРҲАНГ

Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, ш.Душанбе, к. Н.Карабоев, 17
Тел./факс: (992 372) 33-93-97
E-mail: najmidin@netrt.org